ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 891.550 (83.3) (Ҳ-22)

ҲАЙДАРОВ ФАХРИДДИН НАБОТОВИЧ

АМИР МУИЗЗӢ ВА МАҚОМИ Ӯ ДАР АДАБИЁТИ АҲДИ САЛҶУҚИЁН (НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XI ВА АВВАЛИ АСРИ XII)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ

аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Мушовири илмӣ:

доктори илмҳои филологӣ, профессор

Мисбоҳиддини Нарзиқул

ДУШАНБЕ – 2025

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 4-26

БОБИ I. ВАЗЪИ СИЁСӢ, ИҶТИМОӢ ВА ИЛМИЮ АДАБӢ ДАР ЗАМОНИ ЗИНДАГИИ АМИР МУИЗЗӢ.....27-72

1.1. Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросон дар замони Амир Муиззӣ.....27-43

1.2. Авзои илмию адабии замон.....43-56

1.3. Муҳити адабӣ дар замони Салҷуқиён 57-72

БОБИ II. РӮЗГОР ВА ОСОРИ АМИР МУИЗЗӢ.....73-249

2.1. Дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ.....73-140

2.1.1. Баррасии ахбори сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ.....73-90

2.1.2. Баррасии маълумоти адабиёти илмии мавҷуд.....90-140

2.2. Шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ.....140-207

2.2.1. Валодат, зодгоҳ, наврасӣ ва ҷавонии шоир.....141-145

2.2.2. Ҳузури шоир дар дарбор.....145-163

2.2.3. Фарҷоми рӯзгори шоир.....164-171

2.2.4. Ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Муиззӣ.....171-197

2.2.5. Робитаи ҳамзамонон бо Муиззӣ.....197-207

2.3. Осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ.....208-249

2.3.1. Таркиби жанрии нусхаҳои чопии девони шоир.....208-212

2.3.2. Мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир.....213-217

2.3.3. Анвои адабии таркиби девони шоир ва мухтассоти онҳо.....218-249

2.3.3.1. Қасидаҳои Амир Муиззӣ ва масъалаи ворисият.....218-229

2.3.3.2. Рубоиёт.....229-232

2.3.3.3. Ғазалиёт.....232-235

2.3.3.4. Муқаттаот.....235-237

2.3.3.5. Анвои дигари адабӣ.....237-249

БОБИ III. ТАҲҚИҚ ВА НАШРИ ДЕВОНИ АМИР МУИЗЗӢ.....250-281

3.1. Девони ашъори Муиззӣ ва нусхаҳои дастнависи он дар китобхонаҳои ҷаҳон.....250-271

3.2. Чоп ва нашри девони Муиззӣ.....271-281

БОБИ IV. ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ АШЪОРИ МУИЗЗӢ….....282-338

4.1. Вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён…….....282-295

4.2. Васфи аносири давлат ва давлатдорӣ дар қасоиди Муиззӣ.....295-338

4.2.1. Муболиға, иғроқ ва ғулув.....303-314

4.2.2. Ташбеҳ ва анвои он.....314-330

4.2.3. Истиора.....330-338

ХУЛОСА.....339-346

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....347-349

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.....350-385

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Асрҳои XI-XII дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик аз назари таҳаввулу тараққии ҷанбаҳои назарию амалии шеъру шоирӣ ва зуҳури чеҳраҳои машҳури адабӣ яке аз даврaҳои муҳимми инкишоф ба шумор меравад. Дар ин давра адабиёт ба марҳалаи ҷадиди такомул ворид шуда, шеъри форсӣ бо ҳузури шоирони маъруф ва эҷодиёти онҳо аз назари шакл ва муҳтаво ғанӣ гардид. Ба сари қудрат омадани сулолаи Салҷуқиён ва оқибатҳои ҷангу ҷидоли хонаводагӣ миёни аҳли ин хонавода ба рушди илму фарҳанг ва адаб монеаҳо эҷод намуда бошад ҳам, бунёди онро заиф гардонида натавонист. Дар асри XI ва авоили асри XII адабиёти форсӣ дар қаламрави паҳновари Салҷуқиён, аз ҷумла ҳавзаҳои адабии Хуросон, Ироқу Моварои Қафқоз, Мовароуннаҳр, Ғазнин ва ғарби Ҳиндустон ривоҷу равнақ ёфт. Маҳз дар ҳамин даврон, ки дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ радду бадалҳо ва коҳишу афзоишоти бештаре роиҷ будааст, шахсиятҳои барҷастаи адабӣ зуҳур карда, барои рушди адабиёт саҳми созгоре гузоштанд.

Дар баробари чеҳраҳои адабии маълум дар адабиёти нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII шахсиятҳои то кунун ба таври лозима ношинохтае низ арзи ҳастӣ кардаанд, ки саҳми эшон дар тарвиҷу таҳаввули адабиёти классикӣ кам нест. Яке аз чунин адибон шоири соҳибдевон, қасидасарои машҳури давраи мавриди назар, маликушшуарои дарбори Султон Маликшоҳ ва султон Санҷари Салҷуқӣ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ мебошад.

Омӯзиши авзои сиёсӣ ва иҷтимоии замони зиндагии Амир Муиззӣ бо таваҷҷуҳ ба таъсири онҳо ба вазъи илму адаб, вижагиҳои фарҳангӣ ва муҳити адабии аҳди Салҷуқиён, аҳволу осор, нусхаҳои давовини ашъор ва махсусиятҳои ҷудогонаи осори шоирони то кунун ба ҳадди лозима шинохтанашуда, умуман, рӯзгор, осор ва қаламрави шоирии Амир Муиззии Нишопурӣ, хусусан, аз вазифаҳои аввалиндараҷаи илми адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб мешавад. Ҳалли дурусту илмии масъалаҳои баршумурда боиси шинохти комил

ва маърифати нисбатан саҳеҳе дар бораи адабиёти давраи мазкур ва равшан гаштани қонунмандии тараққиёту таҳаввули ботинии адабиёт дар даврaҳои минбаъда мегардад. Омӯзиши мавзуи мавриди назар боз аз он ҷиҳат ҳам ҷолиб аст, ки Амир Муиззии Нишопурӣ дар баробари соҳибдевон будану сабки хос доштан ва эътирофи мақоми хоссааш аз ҷониби бузургони илму адаб, давомдиҳандаи беназири қасидаи классикӣ бо услуби хос мебошад. Илова бар ин, мазмун ва мундариҷаи осори Амир Муиззӣ фарогир, махсусан, қасоиди ӯ пурмуҳтаво, баландмаънӣ ва аз ҷиҳати забон фасеҳу равон ва аз назари сабки баён дорои равише мунҳасир ба фард ҳастанд.

Амир Муиззии Нишопурӣ дар таърихи адабиёти тоҷик ба сифати яке аз шоирони хушзавқу соҳибтабъ шинохта мешавад. Ӯ аз ҷумлаи намояндагони номдори ҳавзаи адабии Марв дар замони Салҷуқиён ба шумор меравад. Анвои гуногуни шеърии қасида, рубоӣ, ғазал, қитъа, таркиббанд, тарҷеъбанд ва мусаммат жанри асосӣ аст.

Аҳаммият ва мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсияи мазкур аз андешаҳои зикршуда бармеояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ. Мақоми суханварӣ ва ҳунари шоирии Муиззӣ ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш таваҷҷуҳи муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва муаллифони таълифоти адабиётшиносиро ба худ ҷалб намудааст. Масалан, Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» Муиззиро бо авсофи «султони ҷаҳони баён ва лашкаркаши умарои калом ва шаҳсавори майдони фасоҳат ва хуршеди осмони самоҳат ва фалаки фазл, моҳе тобон ва бар самои сано хуршеде рахшон» [2, с. 69] муаррифӣ карда, ишора менамояд, ки «он чи ӯро дар давлати султон Саид Муиззиддин ва-д-дунё Маликшоҳ муяссар шуд, аз улувви шон ва рафъати дараҷат ҳеҷ шоиреро муяссар нашудааст. Ва гӯянд, се кас аз шуаро дар се давлат иқболҳо диданд ва қабулҳо ёфтанд, чунонки касро он мартаба муяссар набуд. Яке Рӯдакӣ дар аҳди Сомониён ва Унсурӣ дар давлати маҳмудиён ва Муиззӣ дар давлати султон Маликшоҳ» [2, с. 69].

Ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт будани Муиззӣ муаллифони китобҳои илмии адабиётшиносӣ дар асарҳои илмии худ вобаста ба таҳлили санъатҳои бадеӣ ва соҳибони китобҳои таърихию осори бадеӣ дар иртибот ба мазмуни воқеоту ҳодисот ва муҳтавои ҳикояҳо, барои зинати осори насрӣ ашъори шоирро мавриди истифодаи васеъ қарор додаанд. Аз ҷумла, яке аз муосирони шоир аз зумраи пешвоёни калом ва аз адибони бузургу воломақом Рашидаддини Ватвот (1081-1178) ҳудуди сӣ сол пас аз марги шоир дар китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» дар мавриди шарҳу тафсири санъатҳои бадеӣ дар қатори ашъори худ ва шоирони дигар аз Амир Муиззӣ [14, с. 259, 295] низ мисолҳои хеле зиёд меорад.

Сухансанҷони дигари асримиёнагӣ низ, аз қабили Шамси Қайси Розӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон дар рисолаҳои ба илми бадеъ бахшидаи худ аз ашъори Амир Муиззӣ байтҳо оварда, кӯшидаанд, дар асоси меъёрҳои ҳунарии замони худ ҳусну қубҳи онҳоро муайян намоянд.

Аз муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ ягона шахсе, ки бо шоир вохӯрда ва дар китобаш «Чаҳор мақола» оид ба рӯзгори ӯ аз қавли худаш хабари нисбатан ҷолиб медиҳад, шоир ва олими асри XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ мебошад. «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар шинохти Амир Муиззӣ сарчашмаи нисбатан муътамадтар буда, ахбори бештари тазкираҳои баъдина аксар аз такрори гуфтаҳои Низомии Арӯзӣ иборатанд. Масъалаи мазкур ва дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори шоир дар боби дуюми ин диссертатсия ба таври муфассал баррасӣ хоҳад гардид.

Мусташриқону адабшиносон шуруъ аз оғози асри XX дар асоси маъхазҳои хаттии мавҷуд ва қабл аз ҳама, девони шоир ва «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ дар мавриди таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ мақолаҳо ва асарҳои илмӣ (дар бахши кӯчаке аз ин гуна осор) таълиф намуда, ҷараёни рӯзгори ӯро нисбатан ба танзим дароварда ва баъзе хусусиятҳои ашъорашро муайян карда бошанд ҳам, ағлаб оид ба рӯзгори шоир ва ашъори ӯ бештар бо овардани иқтибос ва баёни мулоҳизаи пешиниён аз худ назари тозае кам илова кардаанд. Дар бештари сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва, ҳамчунин, дар таҳқиқоти имрӯза низ ҳамоно

такрори баъзе унсурҳое, ки дар гуфтаву навиштаҳои пешиниён будаанд, ба назар мерасад. Ба чунин маворид ҳангоми баҳси масъалаҳои марбута дар диссертатсия дахл карда ва марҷаъҳо нишон дода шудаанд.

Дар натиҷаи омӯзишу таҳлили осори Амир Муиззӣ ва таҳқиқоти ба он марбут се омили ҷолибу назаррас муҳим ва зарур будани таҳқиқу баррасии аҳволу осори шоирро тақозо менамояд:

а) то ҳол ба таври комил таҳқиқ нагардидани мавзуи мавриди назар;

б) мақоми баргузидаву барҷастаи осору аҳволи Амир Муиззӣ, умуман, дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ва, хусусан, дар таърихи адабиёти асрҳои XI-XII;

в) дар тамоми сарчашмаву таҳқиқоти мавриди назар зикри масоили таҳқиқ ва таҳлили аҳволу осори пурраи Амир Муиззӣ.

Таълифоти муҳаққиқони мазкур ва чанде дигарро, ки дар фаслҳои ҷудогонаи диссертатсия аз онҳо ёд мешаванд, аз нигоҳи вусъати назар ба масъалаи мавриди таҳқиқ ба таври зайл метавон дастабандӣ кард:

1. Муаррифӣ ва баёни мухтасари рӯзгори Амир Муиззӣ ва осори ӯ, ки дар тазкираҳои асримиёнагӣ ва муқаддимаҳои нусхаҳои чопии онҳо, ҳамзамон, сарчашмаҳои адабӣ, аз қабили «Чаҳор мақола» [60, с. 64-67; 80-81], «Лубоб-ул-албоб» [2, с. 69-87], «Ал-Муъҷам фӣ маъойири-л-ашъори-л-Аҷам» [52, с. 103; 120; 243; 253; 314; 315; 333-334; 336; 339; 346; 353...], «Тазкират-уш-шуаро» [57, с. 57-60], «Ҳафт иқлим» [51, с. 770-775], «Тазкираи Майхона» [27, с. 89], «Оташкада» [13, с. 376-410], «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» [77, с. 1992-2073], «Риёз-уш-шуаро» [18, с. 63-69], «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур дар таърихи Оли Салҷуқ» [48, с. 135; 182], «Ҷомеъ-ут-таворих» [76, с. 68], «Таърихи гузида» [28, с. 748-749] ва ғайра дарҷ шудаанд.

2. Маълумоти муаллифони асарҳои фарогири мабоҳисе аз таърихи адабиёт ва китобҳои мукаммили таърихи адабиёти форсу тоҷик, ба монанди таълифоти ҷудогонаи Ҳермон Эте, Ҷалолуддини Ҳумоӣ, Евгений Эдуардович Бертелс, Саъид Нафисӣ, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Ян Рипка, Эдуард Браун, Ризозода Шафақ, Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Холиқ Мирзозода ва дигарон. Дар ин миён Забеҳуллоҳи Сафо бо таваҷҷуҳи бештар ба рӯзгору осори

шоир ӯро яке аз чанд шоирони бузурги эронӣ ҳисобида, ҳамвора дар сафи муқаддами шоирони порсигӯй қарор медиҳад ва вобаста ба муҳтавои ашъори ӯ ишора менамояд, ки дар шеъри ӯ фақат ба мадҳу ғазал бознамехурем, балки гоҳ аз вазъу андарзу тавҳид ва ҳикмат ҳам асаре меёбем [212, с. 514].

3. Нашри девони Амир Муиззӣ. Девони шоир дар Теҳрон бори аввал соли 1318 ҳ.ш./1939м. бо саъй ва кӯшиши донишманди маъруф Аббос Иқбол [34] ва сипас аз ҷониби муҳаққиқони дигари Эрон чаҳор бори дигар дар асоси ин нашр, аз ҷумла бо муқаддима ва тасҳеҳи Носири Ҳирӣ соли 1362 ҳ.ш./1983 м. [31], бар асоси нусхаи тасҳеҳкардаи Аббос Иқболи Оштиёнӣ, муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммад Ризо Қанбарӣ дар соли 1385ҳ.ш./2006 м. [35], бо тасҳеҳ ва таҳшияи Аббос Иқболи Оштиёнӣ, бо эҳтимоми Абдулкарим Ҷарбазадор соли 1389 ҳ.ш./2010 м. [33] ва бори дигар ҳамон нашри Аббос Иқбол бидуни тағйиру иловаҳо дар соли 1393 ҳ.ш./2014 м. [36] ба табъ расидааст. Ҳар мураттиб муқаддимае ба девони шоир мураттаб сохтаанд. Дар ин миён ёддошти Аббос Иқболи Оштиёнӣ, ки зимни таълифи муқаддимаи девони шоир анҷом додааст, бо вуҷуди ғалатҳое, ки ҳангоми таҳияи ашъори шоир дар мавриди аз матн афтодани баъзе калимаву ибора ва ҳатто мисраъҳо роҳ додааст, арзишманд буда, заҳматҳои ӯ дар таҳияи девони шоир қобили ситоиш ва дархури тавақҷуҳ мебошад.

Кори анҷомдодаи мураттибони девони Амир Муиззӣ дар омода кардани девони ӯ, дарвоқеъ, арзишманд маҳсуб мешавад, вале бо назардошти он ки маҷмуаи мазкур на ҳамаи нусхаҳои хаттии девони шоирро фаро гирифтаанд, нашрҳои мавҷудро ҳоло наметавон кори анҷомёфта шуморид ва барои анҷоми нусхаи комили бо равиши матни илмӣ-интиқодӣ омодашуда корҳои зиёди алоҳидае мебояд.

Мо дар диссертатсия нусхаҳои девони нашркардаи донишмандони мазкурро ҳамчун сарчашмаи асосии дастрасӣ ба ашъори Амир Муиззӣ мавриди истифода қарор додаем. Суханони ин донишмандон, бешубҳа, аз нигоҳи арзиши илмӣ қобили мулоҳиза мебошанд ва дар раванди баррасии масоили мавриди рабти диссертатсия аз онҳо истифода хоҳем кард.

4. Мақолаҳои ҷудогонаи гуногунарзиш. Дар миёни муҳаққиқоне, ки дар атрофи рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ мақолаҳои илмӣ таҳия намудаанд, матншиноси эронӣ Аҳмад Ризо Ялмаҳо аз ҷумлаи нафаронест, ки ба омӯзиши ашъори Амир Муиззӣ ба таври густарда машғул шудааст. Нақши ин муҳаққиқ дар барқарор намудани калима, ибора ва баъзан мисраъҳое, ки бо айби носихон ва дар навбати худ, мураттибон аз матни девони шоир афтодаанд, назаррас арзёбӣ мегардад. Вай дар мақолаҳои «Девони Амир Муиззӣ ва лузуми таҷдиди тасҳеҳ» [285], «Баррасӣ ва таҳлили навъе аз тасарруфоти котибон дар нусхаҳои хаттӣ» [282], «Тааммуле бар девони нофарҷоми Амир Муиззӣ» [286], «Ҷойгоҳи Рӯдакӣ дар шеъри Амир Муиззӣ ва дигар шоирон» [290] ва амсоли он роҷеъ ба рӯзгор ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир андешаи қобили таваҷҷуҳ баён кардааст.

Доир ба дараҷаи омӯзиши масъалаҳои умумии алоқаманд ба аҳвол ва ашъори Амир Муиззӣ, ки берун аз доираи баҳси мавриди назари мо дар ин диссертатсия мебошад, аз ҷониби муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва муҳаққиқони муосир гузоришҳо сурат гирифтааст. Муҳаққиқони мазкур ҳангоми баррасии масоили мавриди назарашон роҷеъ ба баъзе паҳлуҳои вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда дар диссертатсияи мо ибрози назар намудаанд, ки андешаҳои эшонро дар бахшҳои дахлдори кор ҷой дода, фикру мулоҳизаҳои худро низ баён намудаем.

Вобаста ба ҳунари шоирӣ ва маҳорати суханварии Амир Муиззӣ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ сухан ба миён омадааст. Аз ин миён, пеш аз ҳама, Низомии Арӯзӣ ишора менамояд, ки «қасидае бигуфтам ва ба наздики амирушшуаро Муиззӣ рафтам ва ифтитоҳ аз ӯ кардам ва шеъри ман бидид... Ба муроди ӯ омадам, бузургиҳо фармуд ва меҳтариҳо воҷиб дошт. Рӯзе пеши ӯ аз рӯзгор истизодате ҳаменамудам ва гила ҳамекардам» [60, с. 90]. Яъне, шеърашро барои муайян кардани ҳусну қубҳи он ба амирушшуаро Муиззӣ нишон медиҳад.

Аз миёни муҳаққиқони муосир Ризозода Шафақ ба ашъори шоир дар иртибот ба сабки шеъри ӯ бо назари интиқодӣ ишора менамояд, ки қасоиди ӯ хоҳ аз ҳайси мавзуъ ва хоҳ аз ҳайси алфоз қасоиди Фаррухӣ ва Унсуриро ба хотир

меоварад [203, с. 168]. Ба қавли Фурӯзонфар Муиззӣ шоире зарифтабъ ва мутавасситулбаён аст, вале табъу фикраш пухта нест, маънии тоза ва фикри нав кам дорад. Мехоҳад аз шоири бузурги асри Ғазнавӣ Унсурӣ ва Фаррухӣ тақлид кунад, лекин ба тағаззулоти он нарасида ва ба мадоеҳи он наздик ҳам намешавад [251, с. 232].

Аз ҷониби адабиётшиносони тоҷики замони шӯравии собиқ доир ба Амир Муиззӣ таълифоти камтар, вале шоистае анҷом дода шудааст. Дар ин росто, пеш аз ҳама, симои шоирии Муиззӣ тавассути нигориши мақолаҳои энсиклопедӣ муаррифӣ гардидааст. Аз ҷумла, мақолаҳои энсиклопедии ба Амир Муиззӣ бахшидаи Т. Неъматзода [188] ва А. Абдуллоевро [89] метавон ба ҳамин гурӯҳ шомил кард. Бо ба даст омадани Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба таҳқиқ ва омӯзиши рӯзгори шоир ва паҳлуҳои ашъори ӯ бештар гаштааст, ки дар мавридҳои зарурӣ ба онҳо такя хоҳем кард.

Рӯзгор ва ашъори Амир Муиззии Нишопурӣ таваҷҷуҳи адабиётшиносони туркро низ ба худ ҷалб намудааст. Як гурӯҳ олимони турк роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори ӯ мақолаҳои алоҳида ва рисолаҳо таълиф намудаанд. Аз миёни адабиётшиносони турк профессор Гёкҳан Гёкман новобаста аз баъзе иштибоҳот дар мавриди омӯзиши ашъори шоир ба омӯзиши рӯзгор ва ашъори ӯ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст. Вай соли 2018 таҳти унвони «Дунёи шеъри Муиззӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя мекунад [305]. Дар рисолаи мазкур, ки аз таҳқиқоти нисбатан муфассал роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори шоир дар адабиётшиносии турк ба шумор меравад, дар хусуси рӯзгори шоир, хусусиятҳои бадеӣ ва моҳияти адабии ашъори ӯ, корбурди санъатҳои бадеӣ маълумоти хеле кам омада, муаллиф таваҷҷуҳи худро бештар ба истилоҳоти туркӣ дар девон, инъикоси шахсиятҳои таърихӣ, аз қабили салотини Салҷуқӣ, унвонҳо ва лақабҳои султонҳои Салҷуқӣ, истилоҳоти тахт, тоҷ, сикка, парчам, одат, анъана ва маросимҳо, сипоҳ ва олоти ҷангии лашкари Салҷуқиён, интиқоди Муиззӣ аз Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ва эътиқод ва афзалиятҳои динии туркҳо ва султонҳои турк равона кардааст [305].

Бо вуҷуди ин ҳама корҳои анҷомдодашуда, ки бешубҳа, барои таҳқиқи масоили мавриди назари мо заминаи лозимаро фароҳам овардаанд, бисёр

лаҳзаҳои ҷараёни зиндагии Муиззӣ, таъсир ва нақши вазъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва адабии замони шоир ба рӯҳияи эҷодӣ ва сабки нигориш, миқдори абёт ва мазмуну мундариҷаи девони ашъор, махсусиятҳои бадеӣ ва ҳунари шоирии ӯ то ҳол норавшан боқӣ мондааст. Аз ҳамин сабаб таҳқиқи аҳволу осори Амир Муиззӣ дорои аҳаммияти назарраси илмӣ буда, барои муайян намудани ҳаёти адабии он давр нақши муҳим дорад. Дар чорчӯбаи таҳқиқи осори Амир Муиззӣ хусусиятҳои нисбатан куллӣ ва умумии адабиёти он даврро метавон бозгӯ намуд.

Дар умум, то кунун рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ ва мушаххасоти бадеии қасоиди ӯ дар робита ба вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва раванди адабии замони шоир ба таври густарда мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Омӯзиш ва таҳқиқи монографии зиндагӣ ва хусусиятҳои эҷодиёти ин шоир, тасаввури моро, аз як тараф, роҷеъ ба ҳавзаи адабии Хуросони асрҳои XI-XII дақиқтар намояд, аз ҷониби дигар, ҷаҳонбинии моро дар бораи таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик ва хусусан, назми дарборӣ он васеътар мегардонад.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи кори диссертатсионӣ яке аз фаслҳои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ташкил дода, дар асоси нақшаи мазкур марҳала ба марҳала иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Мақсади асосии таҳқиқ дар ин диссертатсия баррасии рӯзгор ва осори Муиззӣ дар робита ба муҳити адабии замони Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII) мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Бо дар назардошти доманаи таҳқиқ дар ин диссертатсия, ки бори нахуст рӯзгори Амир Муиззӣ ва мероси адабии ӯ дар доираи меъёрҳои адабпажӯҳии даврони охир ба домани таҳқиқи илмӣ кашида мешавад, барои расидан ба ҳадафҳои меҳварии таҳқиқ мо дар назди худ вазифа гузоштем, ки масъалаҳои зеринро ҳаллу фасл намоем:

– дар заминаи иттилооти маъхазҳои муътамади таърихию адабӣ ва таҳқиқоти бунёдии муосир муайян намудани манзараи умумии вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросони замони Амир Муиззӣ, ки бо мақсади таъйини падидаҳои таъсиррасон ба муҳити адабӣ сурат мегирад;
– таҳлилу баррасии вазъи илму фарҳанг ва муҳити адабии Хуросон дар замони шоир;
– таҳқиқи вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии замони шоир ҳамчун омили муҳимтарини таъсиррасон ба мазмуну мундариҷаи осори бадеӣ;
– таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба рӯзгори Муиззӣ: валодат, зодгоҳ, наврасӣ ва ҷавонӣ, ҳузур дар дарбор, доираи муносибатҳо, фарҷоми рӯзгор ва барқарор намудани зиндагиномаи илмии шоир;
– муайян намудани ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори шоир ва муносибати ӯ бо ҳамзамонон;
– таҳқиқи осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва муҳтаво, табақабандии ашъори шоир аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ, таъйини анвои адабии таркиби девони шоир;
– таҳқиқи қасидаҳои Муиззӣ аз назари идомаи суннати қасидасароӣ ва ибтикороти шоир;
– баррасии мухтассоти жанрӣ ва муҳтавоии рубоиёт, ғазалиёт, муқаттаот ва анвои дигари адабӣ;
– дар асоси феҳристҳои нисбатан комилу муътабар муайян намудани нусхаҳои хаттии девони ашъори шоир, ки дар китобхонаҳои бузурги дунё маҳфузанд ва таҳқиқи вазъи нашри девони ашъори Муиззӣ;
– таҳқиқи хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ бо такя ба вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён, шеваҳои намоиши қудрат, истеъдоди шоири мадеҳасаро ва корбурди ороятҳои бадеӣ дар ашъори шоир.

Объекти таҳқиқ дар диссертатсия таърихи адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII дар мисоли рӯзгору осори Амир Муиззӣ ва муҳити адабии замони Салҷуқиён мебошад.

Предмети таҳқиқро дар ин диссертатсия муҳити адабии замони Салҷуқиён, рӯзгору осор, таҳқиқу нашр ва хусусиятҳои бадеии ашъори Амир Муиззӣ ташкил медиҳад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Дар ҷараёни таълифи диссертатсия таҷрибаи таҳқиқии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ба монанди Е.Э. Бертелс [107; 109; 112], М. Рейснер [199; 201], Э. Браун [117; 118], Ҳерман Эте [280; 307], Ян Рипка [205; 206], Аббос Иқболи Оштиёнӣ [22], Саъид Нафисӣ [187], Маликушшуаро Баҳор [105], Муҳаммад Қазвинӣ [161], Бадеуззамони Фурӯзонфар [251; 252], Ҷалолуддини Ҳумоӣ [262; 264; 265], Забеҳуллоҳи Сафо [211; 212], Абдулҳусайни Зарринкӯб [144; 146; 147], Шафеии Кадканӣ [153], Ризозода Шафақ [203], Сируси Шамисо [266; 268], Аҳмад Ризо Ялмаҳо [282; 286; 287], Гёкҳан Гётман [305; 306], Холиқ Мирзозода [173], Расул Ҳодизода [260], Аҳмад Абдуллоев [88; 90], Худоӣ Шарифов [272; 275], Урватулло Тоиров [225], Мисбоҳиддини Нарзиқул [272] ва дигарон истифода ва аз андешаҳои назарии онҳо истиқбол шуд.

Асосҳои методологии таҳқиқ. Дисертатсия дар асоси равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ-тавсифӣ, оморӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори асари бадеӣ таълиф шудааст.

Сарчашмаҳои таҳқиқ. Ба сифати маводи муҳимтарин ва асосӣ дар ин таҳқиқ, аввалан, аз девони ашъори Амир Муиззӣ ва баъдан, аз сарчашмаҳои адабию таърихии ба даврони шоир наздиктару нисбатан комил ва бевосита ба масъалаҳои алоқаманд ба таҳқиқу таҳлили аҳволу осори шоир дахлдор, инчунин, аз таълифоти муҳаққиқони муосир истифода шуд.

Навгонии илмии таҳқиқ. Дар диссертатсия бо диди тоза ва дар асоси сарчашмаҳои дақиқ ва нисбатан комил рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ ҳадафи омӯзиш қарор дода шудааст. Бо истифода аз ахбори маъхазҳои илмию назарӣ, адабию таърихӣ ҷараёни зиндагӣ ва эҷодиёти шоир, теъдоди қасоид, қитъаот, ғазалиёт, тағаззулот, рубоиёт ва миқдори умумии абёти девон, сабки нигориш ва муҳтавои ашъори шоир ба таври муфассал таҳқиқ шудаанд. Баррасии мантиқӣ ва ҳалли дурусти масъалаҳои мавриди назар барои

шинохти махсусиятҳои ташаккул ва таҳаввули адабиёти нимаи дуюми асри XI ва ибтидои асри XII аз аҳаммияти назарӣ ва амалии вофире бархурдор аст. Ҳамчунин, таҳқиқи комили ин мавзуъ ба мо имкон фароҳам меорад, ки вижагиҳои муҳити адабии замони Салҷуқиён дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII-ро таъйин намоем.

Дар диссертатсия ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва адабии замони зиндагии Амир Муиззӣ батафсил таҳқиқ гардидааст, ки ин равиш барои муайян кардани вазъи муҳити адабии замони Салҷуқиён дорои аҳаммият аст. Вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии замон аз омилҳои муҳимтарине ба шумор мераванд, ки бо таъсири онҳо адабиёт ва сабки суханварӣ ташаккул меёбад. Ҳақиқати дигар ин аст, ки асари бадеӣ, бе ҳеҷ шакку гумон, аз батни ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии замон сарчашма мегирад. Масоили мазкур дар ин диссертатсия бори аввал дар адабиётшиносиии тоҷик таҳқиқ гардида, дар замина хулосаҳои мушаххаси таҳқиқӣ ба даст омадаанд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Дар таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик яке аз даврaҳои бисёр дурахшони рушди назму наср замони Салҷуқиён аст. Авҷи қудрат ва нумуи фарҳангу адаб, махсусан, ба замони ҳукумати Маликшоҳи Салҷуқӣ рост меояд. Дар ин давра қаламрави забон ва адабиёти форсӣ густариш ёфта, ҳам дар ҳудуди минтақаҳои бумӣ ва ҳам ғайрибумии забони порсӣ шоирону нависандагони бузург тарбият ёфтанд. Дар Ироқу Озарбойҷон ва баъзе минтақаҳои Рум ҳавзаҳои адабӣ бо гӯяндагони шеъри порсӣ зуҳур карданд. Теъдоди гӯяндагону сарояндагон ба маротиб афзуд, осори манзуму мансури мондагори зиёде эҷод шуданд, фарҳангу адаби форсии тоҷикӣ ба авҷи тараққӣ ва пешрафти худ расид.

2. Амир Муиззии Нишопурӣ аз зумраи суханварони машҳури адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик мебошад, ки ҳаёт ва эҷодиёташ асосан дар давраи подшоҳии Султон Маликшоҳи Салҷуқӣ ва Султон Санҷар иттифоқ афтодааст. Муиззӣ тавассути осори гаронбаҳои хеш дар таърихи адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик ҳамчун шоири соҳибсабку соҳибҳунар эътироф гардида, ба сифати сарвари шоирони дарбор мақом ва обрӯву иззат ёфтааст.

3. Вазъи сиёсию таърихии мушаххас, воқеияти иҷтимоӣ ба шаклу муҳтавои адабиёт, умуман, адабиёти расмии дарбор, хусусан, ҳамзамон, ба рӯзгори шахсӣ ва мазмуну мундариҷаи эҷоди суханварон таъсири бевосита дорад. Амир Муиззӣ, ки ба ҳайси шоири дарбор ва маликушшуаро дар чунин фазои сиёсию иҷтимоӣ зиндагӣ ва эҷод мекард, барои омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти ӯ таваҷҷуҳ ба вазъи таърихӣ муҳим аст. Дигар ин, ки ҳар як адиб ва эҷодкор, пеш аз ҳама, фарзанди замон ва намояндаи ҷомеаи худ аст, ки дар он тарбия меёбад ва ба камол мерасад. Дар навбати худ, эҷодкор оинаи замони хеш аст ва бардошти ӯ аз дидаву шунидаи ҳамон замонаш мебошад, ки дар шаклҳои гуногуни назму наср ба ояндагон интиқол дода мешавад. Ҳаводиси зиёди сиёсию иҷтимоӣ, ки дар замони рӯзгори Амир Муиззӣ дар қаламрави Салҷуқиён ба вуқуъ пайвастаанд, ба зиндагонии шахсӣ ва мазмуну мундариҷаи эҷодиёташ таъсири амиқ гузоштаанд.

4. Илму фарҳанг дар замони Салҷуқиён хеле тараққӣ кард, ки сабабҳои худро дошт. Салҷуқиён бар хилофи Сомониёну Ғазнавиён, ки як пойтахт доштанд, дар марҳалаҳои гуногун шаҳрҳои мухталифи босуннати дерини тоҷикнишинро пойтахт қарор доданд. Дар оғоз Нишопур (1038-1043), сипас Рай (1043-1051), баъдан Исфаҳон (1051-1118), Ҳамадон (1118-1157) ва Марв (1118-1153)-ро ба ҳайси дорулҳукумати худ интихоб карданд. Ин шаҳрҳо хеле тараққӣ карда, ба марказҳои меъморӣ, тиҷоратӣ, ҳунару мусиқӣ ва макони суханварию шоирӣ мубаддал гардиданд. Дар масҷиду мадрасаву хонақоҳ ва биноҳои маъмурию дигар таъйинот ҳунар ҷилваи хос кард ва дастовардҳои зиёде ба ин давра хос мебошад.

5. Дар замони Муиззӣ дар баробари ташаккулу инкишофи тамаддуни исломӣ илмҳои кимиё, чуғрофия, тиб, нуҷум, таърихшиносӣ, фалсафа, улуми адабӣ ва дигар донишҳо низ инкишоф меёбанд. Агарчи тадриси улуми ақлӣ, аз қабили ҳисобу тиб ва нуҷум, ки дар мадрасаҳо мамнуъ буд, ин қабил илмҳо бештар дар ҳавзаҳои хусусӣ ва бемористону расадхонаҳо таълим дода мешуданд. Риёзидонҳо ва мунаҷҷимони ин аҳд дар дастгоҳи амирон ва риҷол дорои мартаба ва мақоми шоистае буданд, чунки дар дарбору девонҳои салотин ба онҳо эҳтиёҷ

доштанд. Таърихнигорӣ бо таҳрик ва дастгирии Салҷуқиён инкишоф ёфт. Асарҳои зиёди таърихӣ, ба мисли «Салҷуқнома» ва «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас» доир ба футуҳоти Салҷуқиён навишта шуданд. Дар ин давра анвои гуногуни илмҳои адабӣ низ инкишоф ёфтанд. Асарҳои машҳури Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ (ваф. 1081) – «Асрор-ул-балоға» ва «Далоил-ул-эъҷоз», Абулқосим Маҳмуд Ҷоруллоҳи Замахшарӣ «Ал-Кашшоф» (дар тафсири Қуръон), «Муқаддимат-ул-адаб» (луғати арабӣ-форсӣ), «Муфассал-ан-муваззаҷ» (наҳви забони арабӣ) ва «Асос-ул-балоғат» дар ҳамин давра таълиф шудаанд.

6. Дар замони Салҷуқиён адабиёт дар Хуросон бештар рушду нумӯ кард ва ин боис гардид, ки дар шаҳрҳои азим, ба монанди Нишопур, Ҳирот, Марв, Балх ва амсоли он марказҳои бузурги адабӣ ба миён оянд. Дар ин марказҳо, пеш аз ҳама, пешрафти бемайлони адабиёти дарборӣ, ки ҳамаи намояндагони давлати Салҷуқиён нисбат ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуданд, ба назар мерасад. Махсусан, рушди адабиёти дарборӣ дар яке аз марказҳои адабии давлати Салҷуқиён – шаҳри Марв бештар назаррас буд. Аз як омори мавҷуд: дар тазкираи «Лубоб-ул-албоб» роҷеъ ба як саду шаш шоири аҳди Салҷуқиён маълумот дарҷ намудани Авфӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки дар замони Салҷуқиён аксарияти шуаро дар ҳавзаи адабии Хуросон ҷамъ омадаанд ва аз марказҳои адабии мавҷуда ҳавзаи адабии Хуросон муқтадиртар будааст.

7. Яке аз вижагиҳои асосии адабиёти форсии асрҳои XI-XII вусъати тоза пайдо кардани ҳудуди ҷуғрофиёии интишори он мебошад. Шуруъ аз оғози асри XI бо тасарруфи Ҳинд аз ҷониби Ғазнавиён қисмати шимоли ғарбии нимҷазираи Ҳиндустон ба қаламрави забону адабиёти форсӣ ворид шуд. Дар давраи дувуми Ғазнавиён Лоҳур пойтахти ин давлат баргузида шуд ва боиси ҷамъ омадани неруҳои илмию адабӣ гардид. Доираи адабии Лоҳур дар замони Салҷуқиён низ аз ҷумлаи марказҳои бонуфузи забон ва адаби форсӣ маҳсуб меёбад. Адабиёти форсӣ дар минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Эрон то Баҳри Миёназамин ва соҳилҳои рӯди Даҷла густариш ёфт. Яке аз ҳавзаҳои муҳими густариши забону адаби форсӣ дар ин давра Озарбойҷон ва манотиқи Қафқоз мебошад, ки баъдан заминаи интишори ин адабиёти ҷаҳониро ба Осиёи Сағир (Туркия) ва Аврупои

Шарқӣ фароҳам сохт. Дар вилоятҳои шимоли шарқии Осиёи Марказӣ низ доман паҳн кардани забону адаби форсӣ аз вижагиҳои адабиёти ин давр мебошад.

8. Ба вуҷуд омадани марказҳои ҷадиди адабӣ дар Озарбойҷон ва Аррон василаи зуҳури шоирону нависандагони порсигӯй гардид. Дар баробари ҳавзаи илмию адабии Хуросон намояндагони ҳавзаи адабии Озарбойҷон низ дар пешрафти илму адаб ва шеъру шоирӣ саҳмгузор буданд. Аввалин суханвари номии адабиёти форсӣ дар Озарбойҷон Қатрони Табрезист, ки дар дарбори амири Шаддодӣ – Абулҳасан Алии Лашкарӣ хидмат мекард ва аз шоирони тавоно ва дорои шеъри қавию мустаҳсан буд. Аз нимаи дувуми асри XI бештар шаҳрҳои Табрез, Шарвон, Ганҷа ба марокизи бонуфузи забон ва адаби форсӣ табдил ёфтанд. Ба шоирони номвари ҳавзаи адабии Озарбойҷон Фалакии Шарвонӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Низомии Ганҷавӣ дохил мешаванд.

9. Даврони ҳукумати Салҷуқиён замони рушди адабиёти дарборӣ, бавижа шеъри форсӣ, дар мисоли жанри маъмули он – қасида мебошад. Аз анвои қасида дар ин давра, махсусан, қасидаи мадҳия рӯ ба тараққӣ ниҳода буд. Шоироне, ки дар дарборҳои Салҷуқӣ фаъолият намудаанд, тамоми кӯшишҳои худро дар эҷоди қасида сарф мекарданд, то тавассути эҷоди қасоиди мадҳӣ битавонанд мавриди иноят ва бахшиши умаро ва вузарои Салҷуқӣ, ки дар додани силаву ҳадя ба шоирон маъруфият пайдо карда буданд, қарор бигиранд. Чунин кӯшишҳои шоирони мадеҳасаро дар доираҳои адабии Салҷуқӣ ба як сабқат мубаддал гашта буд, ки нишони он дар дарборҳои Нишопур, Марв, Балх ва Ҳирот ба хубӣ мушоҳида мешуд. Баъд аз он ки дарборҳои Ғазнавию Салҷуқӣ ҳар як ба наҳве ҳимояти шоирони форсигӯйро бар уҳда гирифтанд, шеър ба сурати комилан расмӣ дар дарборҳо роҳ ёфт ва шоирон аз аъзои лозими дарборҳо шумурда шуданд. Дар ин давра на танҳо шоҳон, балки шоҳзодагон, вазирон, умарои сипоҳ ва ҳатто бештари ҳуккому бисёре аз хонадонҳи бонуфуз ҳар як иддае аз шоиронро дар дастгоҳҳои хеш нигаҳдорӣ мекарданд.

10. Раванди адабии дигар ин давра тавассути баъзе шоирон аз доираи дарборҳо берун баромадани шеър мебошад. Дар шароите, ки шеърро воситаи дилхушӣ қарор дода буданд, Носири Хусрав ва Саноӣ бо овардани панду ҳикмат

ва дуюмӣ тавассути тасаввуфу ирфон дар шеър роҳи тозае дар адабиёт кушуданд ва дар шоирони ҳамзамон ва баъд аз хеш таъсиргузор буданд. Носири Хусрав нахустин шоирест, ки даст аз мадҳу ситоиш боздошту қасидаро ба ташреҳу тавзеҳи матолиби ахлоқию ҳикамӣ ва фалсафию динӣ ихтисос дод. Саноӣ низ пас аз марҳалае аз зиндагии худ ба роҳи дигар рафт. Қалам аз мадҳи салотин ва умаро бидошту ба ҳалқаи дарвешон даромад, истеъдоди худро дар баёни мавзуоти ахлоқӣ ва ирфонӣ истифода кард.

11. Рӯ ба тараққӣ ниҳодани тариқаи тасаввуф яке аз махсусиятҳои муҳимми адабӣ дар замони Салҷуқиён аст. Ҷамъе аз шуаро ва сухангӯён аз он силсила зуҳур карда, шеърро аз назари муҳтаво ғанӣ гардониданд. Дар ин давра теъдоде аз шоирон ва насрнависони номвар, аз қабили Бобо Тоҳири Урёни Ҳамадонӣ, Абусаъиди Абулхайр, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ва дигарон зиндагӣ ба сар бурдаанд, ки моҳияти осори адабии онҳо бо тасаввуфу ирфон иртиботи қавӣ дорад. Шоирони мутасаввифи ин давра фикру андешаҳои суфиёна ва ирфониро ба беҳтарин ва зеботарин тарзе дар либоси шеър ҷилва дода, эҳсосоти рақиқу олиро ба силки иборат кашидаанд. Дар ин давра назму насри форсу тоҷик аз нигоҳи шӯру ҷозиба, мавзую муҳтаво ғановати бештар касб кард. Хидмати шоирони мазкур, аз як ҷиҳат, аз он иборат аст, ки онҳо ҳам дар тағйири мавзуи қасида саҳм гузоштанд ва ҳам муҳтавои тасаввуфию ирфониро вориди жанри ғазал карданд.

12. Дар эҷодиёти Амир Муиззӣ бо шеърҳое дучор мешавем, ки дар онҳо аз шоирони пешин аксар бо эҳтиром ва гоҳе аз тариқи муфохара ба назари камнигарӣ муносибат мешавад. Дар раъси чунин шоирон устод Рӯдакӣ қарор дорад, ки ғайр аз як мавриди муфохара Муиззӣ ба шахсият ва шеъри ӯ назари нек дорад ва аз дараҷаи нубуғаш бо эҳтироми махсус ёд мекунад. Ғайр аз Рӯдакӣ, инчунин, Муиззӣ аз шоирони дигари пеш аз худ, ба монанди Дақиқӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ дар ашъораш ишораҳо намуда ва ё байтҳои ҷудогонаи онҳоро тазмин кардааст. Муиззӣ дар пайравии шоирони пешин шеър ҳам суруда ва ё аз назари мазмун миёни ашъори онҳо ҳамоҳангие низ мушоҳида мешавад. Ягона маврид, ки Муиззӣ бо ғараз муносибат мекунад, ҳангоми мадҳи мамдуҳ бо дидаи

камбинӣ нигаристан ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебошад. Сабаби ин вазъ бартар шуморидани корнамоиҳои мамдуҳ аз шахсиятҳои офаридаи Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безавол аст, ки ба рӯҳияи мамдуҳи Муиззӣ мувофиқ набуд.

13. Дар ташаккули маҳорати эҷодӣ ва қареҳаи шоирии Амир Муиззӣ ашъори шоирони сабки хуросонӣ, аз ҷумла, Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ ва Унсурӣ хеле бузург аст. Дар рӯзгори Муиззӣ, ки замони рушди жанри қасида аст, татаббуоту тазмин ба ашъори гузаштагон бештар дар қолаби ҳамин навъи адабӣ мушоҳида мешавад. Девони шоирони ин аср шаҳодат медиҳанд, ки таъсири адабиёти гузашта, махсусан, мактаби Рӯдакӣ қариб дар тамоми жанрҳои шеърӣ нуфузи калонро соҳиб будааст. Муиззӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки дар робита ба эҳтироми хосса нисбат ба шоирони бузурги пешин бо муносибате аз эшон ёд, ашъори онҳоро тазмин карда ва ё аз нигоҳи мазмун ба ашъори онҳо монанд шеър сурудааст. Дар ин замина услуби ашъори Муиззӣ давоми сабку услуби шоирони пешин буда, дар он анъанаҳои беҳтарини гузаштагон идома ва такомул ёфтаанд. Дар ташаккули завқу табъ ва услуби ӯ шеъри асри X, аз ҷумла, сабки устод Рӯдакӣ, шеъри нимаи аввали асри XI ва суханварони ин давра таъсири калоне расонидаанд.

14. Муносибати Муиззӣ бо ҳамзамононаш ду ҷиҳат дорад: а) арҷ гузоштан ба шахсияту ашъори ҳамзамонон аз ҷониби Муиззӣ ва б) ёдоварии ҳамзамонон аз шеъру шахсияти Муиззӣ. Муиззӣ аз шоирони ҳамрӯзгори худ Масъуди Саъди Салмон ва Анварии Абевардиро ситуда, ба шеър ва шахсияташон арҷ мегузорад. Ҳамасрони шоир Усмон Мухтории Ғазнавӣ, Азрақии Ҳиравӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Адиб Собир ба Муиззӣ иродате некӯ доранд. Аз шоирони ҳамзамони Муиззӣ Саноии Ғазнавӣ ба ӯ бисёр муътақид буда, дар ғазалҳояш татаббуи сабки вайро карда ва дар ғазале як байтро аз Муиззӣ тазмин кардааст. Саноӣ дар марги Муиззӣ се марсия ҳам сурудааст. Хоқонии Шарвонӣ ягона шоирест, ки дар як маврид шеъри хешро бар шеъри Муиззӣ бартар ниҳода, дар мавриде дигар се шоири бузурги аср: Унсурӣ, Саноӣ ва Муиззиро дар ҷанби шеъри хеш ба озмун ва имтиҳон фаро хонда, шеъри худро бар сухани онон тарҷеҳ додааст. Хоқонӣ дар як рубоӣ марги Муиззиро сабаби андуҳу мотами хеш

зикр мекунад. Миёни Муиззӣ ва шоирони ҳамзамони ӯ ҳам робитаи дӯстӣ ва ҳам робитаи эҷодӣ барқарор будааст. Аз ин ҷост, ки ҳамзамонон бо нишони эҳтиром дар ашъорашон Муиззиро ситуда, бо таваҷҷуҳ ба муносибати эҷодӣ ва мақоми Муиззӣ, ки шоири маъруф ва маликушшуарои дарбор буд, ба истиқбол аз ӯ шеър суруда, дар иртибот ба маргаш марсияҳо бахшидаанд.

15. Аз баррасии татбиқии мундариҷаи нусхаҳои чопии девони шоир ва мақолаҳои дигаре, ки дар онҳо абёти навёфтаи Амир Муиззӣ баррасӣ шудаанд, маълум мешавад, ки дар ҳолати кунунӣ мероси адабии Муиззӣ ва теъдоди умумии абёти ашъори бозмонда аз ӯро чунин муайян кардан мумкин аст: 466 қасида, 87 ғазал, 192 рубоӣ, 43 қитъа, 3 таркиббанд, 3 тарҷеъбанд, як мусаммат, 5 байти алоҳида. Бо назардошти абёти пайдонамудаи Муҳсин Шарифӣ ва Хотамипур Ҳомид (як ғазал иборат аз 6 байт) ва Ғуломризо Солимиён ва Суҳайлёрӣ Гулдара (45 байт), дар маҷмуъ, теъдоди абёти ашъори шоир ба 18 654 байт баробар аст.

16. Мавзуъҳои асосии эҷодиёти Амир Муиззӣ, ба мисли мадҳ, марсия аз муҳити дарбор ва мавзуъҳои дигар, амсоли ишқ, тасвири табиат, рӯйдодҳои таърихӣ, тавҳид ва ғайра аз ҳиссиёти руҳии шоир маншаъ мегиранд. Ҳамаи мавзуъҳои мазкур дар қолабҳои жанрии қасида, ғазал, қитъа, таркиббанду тарҷеъбанд, мусаммат ва рубоӣ ифода шудаанд. Аз шеъри Муиззӣ метавон ба порае аз ахбори марбут ба ҳавошии ҳукумати Салоҷиқа, аз қабили умарои маҳаллӣ, дарбориён, хешовандони султон ва монанди онҳо огоҳӣ ёфт. Дар девони Муиззӣ ашъоре низ ба назар мерасад, ки шоир дар онҳо роҷеъ ба рӯзгори худ: тир хӯрданаш, дарди ҷонкоҳи он, бо мурури замон шифо ёфтанаш ёдовар мешавад. Мавзуи марсия ва ё сӯгворӣ низ дар ашъори шоир мавқеи бориз дорад. Мавзуи ишқ маҳаки асосии тағаззулоти Муиззӣ қарор дорад ва дар тағаззулоте, ки шоир онҳоро дар васфи баҳору хазон ё дигар ҳодисаҳо сурудааст, низ рангу бори ошиқона ба назар мерасад. Муиззӣ дар таълифи ин гуна шеър хеле моҳир буда, аксари тағаззули девони ӯ дар ҳамин мавзуъ аст. Тағаззулоти Муиззӣ дар мавзуи ишқ саршор аз мазмуну муҳтавои латиф ва каломи хушоҳанг аст, ки табиию самимӣ, тараннумгари ишқи моддию табиии инсонӣ ва васфи ҳусну

ҷамоли дилбарони заминӣ мебошанд. Шоир дар тағаззулоти худ табиати сарзамини хешро низ хеле густарда васф намудааст. Тағаззулоти ба васфи табиату баҳору хазон, гулу лола ва дигаргуниҳои ин олами зинда бахшидаи Муиззӣ дар девони ӯ хеле фаровон буда, баъди тағаззулоти ишқия дар ҷойи дуюм қарор мегиранд. Васфи табиат аз беҳтарин паҳлуҳои ҳаяҷонангези эҷодиёти Муиззӣ ба шумор меравад ва метавон гуфт, ки тағаззулҳои дар ин мавзуъ сурудаи ӯ намунаҳои беҳтарини эҷодиёти ин шоир мебошанд.

Дар ашъори Муиззӣ дар қатори мавзуъҳои дигар марсия низ мақоми хосса дорад. Шоир тавонистааст, ки дар баробари мадҳи аҳли дарбор, вазирон ва дигар соҳибмансабон дар иртибот ба фавти Маликшоҳ, Низомулмулк ва дигарон бо таассуфи махсус марсия эҷод намояд. Дар ин робита Муиззиро метавон аз ҷумлаи пешравони ашъори сӯгворӣ дар замони худ ба шумор оварда.

17. Қасида дар эҷодиёти Муиззӣ жанри асосӣ ва аз ҷиҳати фарогирии муҳтаво мадҳ ваҷҳи ғолиб дониста мешавад. Аз теъдоди умумии абёти девони шоир, ки то ин замон зиёда аз 18 654 байти он маълум аст, ҳудуди 17 000 байт, ё худ зиёда аз 91 фисади онро қасида ташкил мекунад. Аз 466 қасидаи девони Муиззӣ 268 адади онро қасидаҳои комил ва 198 ададро қасидаҳои муқтазаб ё маҳдуд ташкил мекунанд**.** Аз назари муҳтаво бештари қасоиди шоир дар таҳнияти ҳокимони Салҷуқӣ, арбобони бузурги салтанат, ақрабои эшон, ғалабаҳо дар набардҳои ҳарбӣ, қаҳрамониҳои сарлашкарони ин сулола ва амсоли ин суруда шудаанд. Теъдоди мамдуҳони ӯ зиёда аз 110 нафарро ташкил медиҳад, ки дар саргаҳи онҳо султон Маликшоҳ қарор дорад.

Қасидаҳои ба воқеаҳои таърихӣ бахшидаи Муиззӣ барои омӯзиши воқеаҳои таърихии замони Салҷуқиён дорои аҳаммияти махсус ҳастанд. Амир Муиззӣ, ки беш аз ним аср дар дарбори султон Маликшоҳ ва султон Санҷар рӯзгор ба сар бурдааст, дар баробари мадҳу ситоиши мустақими салотину амирони Салҷуқӣ ҷангу набардҳои онҳоро низ дар қолаби мадҳ тараннум кардааст. Аз ин лиҳоз андешаи девони шоирро таърихи манзуми даврони Салҷуқиён ва муосирони эшон донистан аз нигоҳи таърихӣ ҳодисаи нодири адабӣ ба ҳисоб меояд.

Рубоӣ дар девони Муиззӣ баъд аз қасида жанри ғолиб аст. Шоир маҳз тавассути бадоҳатан сурудани рубоӣ аз имтиҳони султон Маликшоҳ гузашта, ба дарбори ӯ ворид гардидааст. Қисмати зиёди рубоиёти шоир фарогири мавзуи мадҳу ситоиш мебошанд. Теъдоди рубоиёти шоир, дар маҷмуъ, ба 192 адад баробар аст. Аз ин шумора 153 адад рубоии тарона мебошад, ки бо қофиябандии а,а,а,а ва 38 адад рубоии хасӣ мебошад, ки бо қофиябандии а,а,б,а суруда шудаанд. Дар дарунмоясозии жанри рубоӣ Муиззӣ шоири мухтареъ ва навовар аст. Вай аз аввалин шоироне мебошад, ки жанри рубоиро ба ҳайати шеъри тавсифии дарбор ворид намуд.

Замони Муиззӣ даврони оғозини рушду шукуфоии жанри ғазал аст. Муиззиро дар сурудани ғазал аз пешоҳангон бояд донист. Чунки вай яке аз тарвиҷкунандагони ғазал дар адаби форсӣ буда, тарзи сухани вай дар сухани Саъдӣ ва Ҳофиз ба дараҷаи камолу ҷамол мерасад. Дар маҷмуъ, теъдоди ғазалиёти шоир ба 87 адад баробар мешавад. Ғазалҳои шоир аз 4 то 11 байтро дар бар гирифта, қариб ҳамагӣ дар ниҳояти содагию латофат мебошанд ва мазмуни фаҳмову равонӣ аз хусусиятҳои боризи онҳост. Ишқ, сидқу вафои ошиқ, ҳаҷр, ҷабру ҷафои маъшуқа, май ва майгусорӣ ва ҳамзамон, ишқ дар омезиш бо мадҳи мамдуҳу ситоиши маъшуқа ва амсоли он аз мавзуъҳое мебошанд, ки Муиззӣ дар сурудани ғазал ба онҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст.

Муиззӣ шоири қитъасаро низ ҳаст. Теъдоди қитъаҳои сурудаи шоир ба 43 адад баробар буда, хурдатарини он аз 2 байт ва бузургтаринаш аз 24 байт иборат аст. Дар маҷмуъ, қитъаоти Муиззӣ дорои 154 байт мебошанд. Қитъаоти шоир бо забони содаву фаҳмо эҷод гардида, мадҳу тавсиф, баъзе лаҳзаҳои рӯзгори шоир, инъикоси воқеаҳои давр, баъзе рӯйдодҳои таърихӣ ва дигар мавзуъҳои фарогири ин жанри шеъриро дар бар гирифтаанд.

18. Теъдоди нусхаҳои комили девон ва мунтахаби ашъори Амир Муиззӣ хеле зиёд буда, дар китобхонаҳои Эрон, Туркия, Аврупо, ИМА, дигар кишварҳои Осиё ва Иттиҳоди давлатҳои мустақил мавҷуд ва маҳфуз мебошанд. Ҷиҳати муаррифии нусхаҳои хаттии девон ва мунтахаби ашъори Амир Муиззӣ мураттибони феҳристҳои дастнависҳои шарқии китобхонаҳои ҷаҳон саҳми

шоиста гузоштаанд. Дар беш аз дусад нусхаи хаттӣ дастнависи девон, мунтахаби ашъор ва дар баёзу ҷунгҳо намунаҳои ашъори шоир муаррифӣ шудаанд. Нусхаҳои дар диссертатсия муаррифишуда теъдоди охири нусхахои девони шоир нестанд, балки то имрӯз на ҳамаи нусхаҳои девон ва маҷмуаи ашъори Амир Муиззӣ аз ҷониби муҳаққиқон пайдо ва муаррифӣ гардидаанд.

19. То кунун агарчи панҷ маротиба «Девон»-и Амир Муиззӣ ба табъ расидааст, ҳанӯз чопи илмӣ-интиқодии комилан саҳеҳ ба миён наомадааст. Нашрҳои панҷгона дар муаррифии ашъори Муиззӣ саҳми лозима гузошта бошанд ҳам, аз ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва матншиносӣ орӣ нестанд. Чопҳои мавҷуд заминаи мусоидеро барои анҷоми чопи илмӣ-интиқодӣ фароҳам овардаанд, ки анҷоми ин амри муҳим аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи илми матншиносӣ маҳсуб мешавад.

20. Ба миён омадани марказҳои адабии дарборӣ дар замони Салҷуқиён, дар шаҳрҳое, амсоли Нишопур, Ҳирот, Марв, Балх ва ғ. ба яке аз унсурҳои асосии давлатдорӣ табдил ёфта буд. Амирони Салҷуқӣ нақши шоиронро дар рӯзгори сиёсию иҷтимоии дарбори Ғазнавиён дар ёд доштанд, аз ин хотир, ба ривоҷи анъанаи мазкур мусоидат мекарданд, зеро ниёз ба таърифу тавсиф ва мадҳи шоирон доштанд. Аз як тараф, мехостанд бо ин роҳ номашон дар таърих боқӣ бимонад, аз ҷониби дигар, бо мавҷудияти мадҳияҳо қаноатмандии равонӣ ҳосил мекарданд. Салотину умарои Салҷуқӣ низ ҳамчун Ғазнавиён шуарои дарбориро барои мадҳу ситоиши худ ва мондагории номашон ба хидмат мегирифтаанд. Бинобар ин, замони Салҷуқиён давраи ривоҷи бемисли шеъри ситоишӣ аст. Шеъри ситоишӣ на танҳо дар қолаби қасида, балки дар дигар жанрҳои адабӣ низ суруда мешуд. Дар коргоҳи эҷодии шоирони маддоҳи ин давра анвои дигари шеърӣ, аз қабили ғазал, қитъа, рубоӣ, маснавӣ ва ғ. низ мавқеъ доранд.

21. Барои таъйини хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ ва дараҷаи ҳунари шоирии ӯ дар корбурди санъатҳои бадеӣ таваҷҷуҳ ба масъалаи шеваҳои намоиши қудрат ва истеъдоди шоири мадеҳасаро амре муҳимму зарурист. Дар девони Муиззӣ ороями гуногуни адабӣ, аз қабили ташбеҳ, талмеҳ, истиора, тавсиф, муболиға, ирсоли масал, саволу ҷавоб, шумор, тақсим, лаффу нашр, таҷоҳули

ориф, луғз ва гунаҳои лафзӣ, аз ҷумлаи илтизом, иштиқоқ, таҷнис, акс, зуқофиятайн, ҳоҷиб, такрор, тарсеъ ва муламмаъ истифода шуда бошанд ҳам, дар ин миён муболиға (иғроқ, ғулув), ташбеҳ ва истиора басомади зиёд дошта, шоир бо истифодаи ҳунарӣ аз онҳо навоварӣ ва шеваи эҷоди ҳунарии худро ба маърази тамошо гузоштааст. Нақши ин санъатҳои бадеӣ дар баррасии вижагиҳои сабкии ашъори шоир дорои аҳаммият ҳастанд.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Аҳаммияти назарии таҳқиқ аз он иборат аст, ки масъалаҳои назарии дар диссертатсия матраҳгардида, баҳсу мунозараи густардаи қисматҳои таркибии бобу фаслҳо, натиҷагирӣ аз мабоҳиси аслию фаръӣ равишҳои назарии илми адабиётшиносии муосири тоҷикро дар таҳқиқи минбаъдаи дигар масоили таҳқиқталаби эҷодиёти Амир Муиззӣ дар иртибот ба муҳити адабии замони Салҷуқиён, хусусиятҳои жанрию муҳтавоӣ, вижагиҳои ҳунарии осори манзуму мансури он замон, масъалаҳои сабк ва назари бадеию ҳунарӣ тавсеа дода, дар такомули таҳқиқ роҷеъ ба осори бадеӣ дар коргоҳи адабию маърифатии шоирони ҳамзамони Муиззӣ саҳми муносиб хоҳад гузошт. Равишҳои пажӯҳишии мавриди назари муаллифро дар таҳқиқи дигар масъалаҳои ҳамгун метавон мавриди истифода қарор дод. Арзиши назарии диссертатсия, инчунин, дар он муқаррар мегардад, ки муаллиф дар баробари таҳқиқи хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ ба вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён, шеваҳои намоиши қудрат дар он замон ва истифодаи ороятҳои адабӣ аз ҷониби Амир Муиззӣ бо риояи асосҳои назарии таҳқиқоти ҷадид муносибат кардааст, ки дорои аҳаммияти махсуси назарӣ мебошад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ бо он мушаххас мешавад, ки хулосаҳои илмии муаллифи диссертатсияро метавон дар таълими асосҳои назарию амалии илмҳои адабиётшиносӣ, поэтика, сабкшиносӣ, ахлоқ, ҷомеашиносӣ, таърих ва ғ. мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин, маводи диссертатсияро барои таълифи китобҳои дарсии донишгоҳии таърихи адабиёти тоҷику форс, махсусан, дар бахшҳои шеъри мадҳия, марсия, афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ, таркиб ва таъбирҳои шоирона ва ғ. истифода бурдан мумкин аст. Ҳамзамон, аз маводи

диссертатсия зимни хондани дарсҳои назарӣ ва амалӣ, таълифи диссертатсияҳои илмии доктории дараҷаи PhD, магистрӣ, поённомаҳо, корҳои курсӣ дар факултетҳои филологӣ ва забонҳои Шарқ, дар раванди таҳияи дарсномаҳо аз таърихи адабиёт ва адабиётшиносӣ, сабкшиносӣ, назмшиносӣ, каломи бадеъ ва монанди онҳо метавон истифода бурд.

Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар аадбиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Диссертант бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ба таври комплексӣ масъалаҳои марбут ба рӯзгору осори Муиззиро дар робита ба муҳити адабии замони Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII) дар қолаби монографӣ таҳқиқ ва ҷамъбаст кардааст. Дар баробари ин, мақоми Муиззӣ дар таҳаввули қасида бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Илова ба ин, муаллифи диссертатсия нақши Муиззиро дар эҷоди анвои гуногуни шеърӣ, махсусан, рубоӣ ва ғазал низ мушаххас карда, корбасти як қатор санъатҳои бадеиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ. Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои байналмилалию ҷумҳуриявии илмию амалӣ аз қабили конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик» бахшида ба бузургдошти ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Икромов Искандар, конференсияи илмӣ-амалӣ: «Ҷойгоҳи профессор Абдушукур Абдусатторов дар таҳқиқу нақди адабиёти тоҷик», конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филологияи шарқ ва равобити адабӣ» бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Нақши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар таҳкиму густариши забону адабиёт ва илму фарҳанги тоҷик»,

конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Нақши «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳуввияти миллӣ» бахшида ба ҷашнвораи 1090-солагии Ҳаким Абулқосим Фирдавсии Тӯсӣ дар шакли маърузаҳо баён шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратмаҷлиси №10 аз 28 январи соли 2025) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», «Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», «Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», «Паёми Донишкадаи забонҳо», «Суханшиносӣ» ва дигар маҷмуаву нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд, ки теъдодашон ба 21 адад баробар аст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, чор боб ва хулосаю рӯйхатти адабиёт иборат аст. Бобҳои диссертатсия ба фаслҳо ва баъзе фаслҳо ба зерфаслҳо тақсим шудаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 385 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

БОБИ I

ВАЗЪИ СИЁСӢ, ИҶТИМОӢ ВА ИЛМИЮ АДАБӢ ДАР ЗАМОНИ ЗИНДАГИИ АМИР МУИЗЗӢ

1.1. Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросон дар замони Амир Муиззӣ

Давраи ҳукмронии Салҷуқиён аз шикасти султон Масъуди Ғазнавӣ то кушта шудани Туғрали сеюм (соли 590 ҳ. / 1999 м.) идома меёбад. Дар ин миён замони зиндагии Амир Муиззӣ бо шикасти Масъуди Ғазнавӣ ва таъсиси сулолаи Салҷуқиён шуруъ шуда, то нимаи салтанати Султон Санҷар, яъне то солҳои 25-30 асри XII идома меёбад. Ин давра дар муқоиса ба марҳалаҳои дигари таърихи минтақа вобаста ба дастрасии зиёди сарчашмаҳои таърихӣ нисбатан густардатар мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаррихони машҳури асрҳои XI-XIV Гардезӣ, Абулфазли Байҳақӣ, Хоҷа Низомулмулк, Рованди, Қазвинӣ, Ҳусайнӣ, Самъонӣ, Заҳируддини Нишопурӣ, Ибни Асир, Мирхонд, Хондамир ва дигарон дар бораи аслу баромад ва рӯзгори Салҷуқиён маълумот додаанд. Ашъори шоироне, чун Носири Хусрав, Амир Муиззӣ, Анварӣ, Хоқонӣ, Саноӣ, Рашиди Ватвот низ саршор аз ахбору ривояту хулосаҳои илмӣ роҷеъ ба ин давра мебошад. Дар баробари ин, донишмандони машҳури Шарқу Ғарб, аз қабили В.В. Бартолд, Б. Ғафуров, Б.Н. Заходер, Е.Э. Бертелс, А.Ю. Якубовский, В.А. Гордлевский, К. Босворт, А. Лэмбтон, К. Каэн, С.Г. Агаджанов, И. Кафесоғлу, А. Фурӯзонӣ, Т. Хоҷаниёзов ва дигарон дар таҳқиқоти ҷудогонаву умумӣ фарозу нишеби давлати Салҷуқиёнро мавриди нақду баррасӣ қарор додаанд.

Ғарази аслӣ дар ин фасл бо такя бар сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва маводи таҳқиқотии муаррихони муосир ба таври мухтасар баррасӣ кардани авзои сиёсию иҷтимоии замони мавриди назар мебошад. Воқеият бар он далолат мекунад, ки ҳаводиси зиёди сиёсию иҷтимоӣ, ки дар замони рӯзгори Амир Муиззӣ дар қаламрави Салҷуқиён ба вуқуъ пайвастаанд, ба зиндагонии шахсӣ ва мазмуну мундариҷаи эҷодиёташ таъсири амиқ гузоштаанд.

Муҳимтарин ҳодисаҳое, ки дар раванди ташаккули халқҳои Осиёи Марказӣ ва Эрон таъсиргузор буд, дар асрҳои IX-X милодӣ иттифоқ афтодааст. Маҳз дар ҳамин давраи сарнавиштсоз ташаккули халқияти тоҷик ба анҷом расид, ки ин масъала дар пажӯҳишҳои ҷудогона баррасӣ гардидааст [166, 58]. Тавре устод Бобоҷон Ғафуров таъкид карда буданд, дар қатори мардумони бумии минтақа, яъне аҷдоди тоҷикон, инчунин, аз асрҳои VI-VIII сар карда туркҳо дар таърихи этникии Осиёи Миёна мақоми муайяне пайдо кардан гирифтанд. Дар раванди тӯлонии халқшавӣ ё аз як халқият ба халқияти дигар гузаштан унсурҳои гуногун ҳузур дошта, на фақат халқиятҳои ба ҳам наздик, балки халқиятҳои аз якдигар дур – масалан, байни халқиятҳои муқимӣ ва кӯчманчӣ ҳам табодул ба амал омадааст [128, с. 415]. Халқи туркман, ки дар равандҳои муҳими давлатдории ҳудудҳои Осиёи Марказиву Эрон нақши муассир гузошт, аз миёнаи асри X хеле фаъол гардид. Ашрофи ин қавм, ки дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ бо номи оғуз зикр мешавад, воқеияти бебаҳси мусулмоншавии мардуми муқимиро мушоҳида карда, ба хулосае расиданд, ки бояд ин динро бипазиранд. Ҷуғрофиянависи машҳури араб Мақдисӣ дар охири асри X минтақаҳои Хуросону Мовароуннаҳрро давр зада, аз вуҷуди туркманҳо ва нақши таъсиргузори гурӯҳе аз онҳо дар миёни халқ сухан ба миён овардааст [164, с. 174-188]. Муаррихи дигар Ҳусайнӣ дар китоби «Ахбор уд-давлати Салҷуқия» навиштааст, ки Салҷуқ фарзанди Тоқақ, ки пешвои туркманҳо буд, ба ҳамқавмони худ гуфт, ки агар мо «дину ойини халқҳое ки мехоҳем миёнашон зиндагӣ кунем, напазирем, моро касе эҳтиром намекунад ва мо дар ақалияту танҳоӣ монда кор ба ҷое намебарем» [74, с. 172]. Наздиктарин вилояте, ки туркманҳои биёбон бо он дар робитаву доду ситад буданд, вилояти Хоразм ба шумор мерафт. Дар мусулмоншавии туркманҳо низ нақши вилояти Хоразм муҳим мебошад. Ҳамин тавр, дар миёнаи асри X бештари туркманҳо ойини мусулмониро пазируфта, ба раванди тӯлонии ҳамзистӣ бо мардуми бумӣ, ки асосан тоҷикон буданд, шуруъ карданд. Муҳаққиқи аврупоӣ Р. Грусе навиштааст, ки туркманҳо нисбат ба туркҳои дигар аз лиҳози донишу савод ақибмонда буда, дертар аз ҳама исломро пазируфтаанд [124, с. 258]. Муаррихи Шӯравӣ С. Г. Агаджанов бар ин бовар аст, ки пазириши

ойини монотеистӣ аз ҷониби туркманҳо ҳодисаи муҳим буда, дар ҳаёти онҳо нақши мусбат бозидааст [91, с. 20].

Робитаи туркманҳо бо хонадони Сомониён, ки дар асри X бар Хуросону Мовароуннаҳр ҳукумат мекарданд, неку ҳасана буд. Дар охирин марҳалаи мавҷудияти давлати Сомониён Абуиброҳими Мунтасир маҳз ба ҳамин туркманҳо муроҷиат карда, муддате аз онҳо пуштибонӣ мебинад. Дар давраи муборизаи шадиди сулолаҳои туркӣ барои мероси Сомониён туркманҳо мавқеи бетарафӣ ишғол карда, дар фикри ба даст овардани чарогоҳу амнияти худ қарор доштанд. Соли 1025 вақте ки амири Хуросон султон Маҳмуди Ғазнавӣ (999-1030) мехост барои дидору гуфтугӯ бо ҳокимони Мовароуннаҳр ба Самарқанд ояд, дар даштҳои беканори Осиёи Миёна бо қабилаҳои сершумору аз лиҳози ҷангӣ хеле озмудаи туркман дучор омад. Сарвари ин мардумро фарзандони Исроил бар дӯш доштанд. Исроил фарзанди Салҷуқ аз ҷониби Маҳмуд дастгир ва зиндонӣ шуд. Аз ин таърих муборизаи пинҳону ошкори туркманҳое, ки раҳбарашон фарзандони Салҷуқ буданд, оғоз мешавад.

Аммо ҳодисаҳои муҳимтари таърихи ин халқ дар замони вориси Маҳмуд Масъуди Ғазнавӣ (1030-1041) ба вуқуъ пайвастааст. Масъуд бар хилофи падараш, ки бештари вақти худро дар ҷанг бо ҳокимони ҳудудҳои Эрону Ҳинд сарф карда буд, аз рӯзҳои нахустини ба тахт нишастан гирифтори зиддиятҳои дохилии дарбор гашта, бо бародараш Муҳаммад ва тарафдорони ӯ дасту панҷа нарм карда, чанд сарҳанги баландрутба ва шахсиятҳои бонуфузро аз байн бурд [179, с. 74-76]. Аз вазъи дохилӣ ва парешонии дарбори Масъуд тамоми минтақа, аз ҷумла, туркманҳо низ огоҳӣ доштанд. Байҳақӣ чанд марҳалаи муборизаи туркманҳои Салҷуқӣ бо дарбори Ғазнавиёнро қайд кардааст. Ӯ нахустин кӯшиши туркманҳо ва ҷунбиши онҳоро ёдовар шуда менависад, ки «дигар саҳв он буд, ки туркманонро ... бихонданд, то зиёдати лашкар бошад. Ва эшон биёмаданд, Қизилу Буқаву Кӯктошу дигар муқаддамон ва хидмате чанд сара бикарданд ва охир биёзурданд ва ба сари одати хеш, ки ғорат буд, боз шуданд» [5, с. 113]. Қизил, Буқа, Кӯктош – номи се нафар аз пешвоёни туркмонҳост, ки Султон Масъуд соли 1030 онҳоро ба сафи артиш ва ҷанг бо бародараш Муҳаммад

даъват мекунад. Аммо каме баъд робита бо онҳо тира шуда, ба ҷанги тӯлонии Салҷуқиёну Ғазнавиён меоварад. Ин ҷангҳо аз соли 1035 авҷ гирифта, соли 1040 дар муҳорибаи назди Дандонақон бо пирӯзии Салҷуқиён ва истиқрори давлати онҳо дар Хуросон анҷом пазируфт.

Сарнавишти аморати Хуросон миёни Ғазнавиёну Салҷуқиён танҳо дар майдони ҷанг ҳал нашуд. Зиддиятҳои дохилӣ дар ҷомеа ва давлати Ғазнавиён кори Салҷуқиёнро хеле осон кард ва Салҷуқиёне, ки дар оғоз ба киштзору чарогоҳ меандешиданд, соҳиби тамоми Хуросон шуданд. Яъне нахустин талаби Салҷуқиён он буд, ки баъзе чарогоҳҳои Хуросон дар Нисову Деҳистону Фарова ба онҳо вогузор гардад. Аммо Салҷуқиён аз авзои дохилии дарбори Ғазнин огоҳ мешаванд, ки ин ҷо чанд даста тафриқаи ҷиддӣ амал мекард. Фарзандони Маҳмуд – Муҳаммад ва Масъуд барои тахти падар бо ҳам низоъ карда, дигар зиддиятҳои дохилиро бедор карданд. Ин ихтилофи сода набуд, зеро дарбор пас аз марги Маҳмуд ба ду даста ҷудо шуда, гурӯҳе ҷонибдори амир гаштани Муҳаммад ва гурӯҳи дувум ба тарафдории Масъуд бархостанд. Ин мухолифат то ҳадде ҷиддӣ ва доманадор буд, ки тарафдорони ду бародар ба ҷони якдигар уфтода, низоми давлатдориро заиф карданд. Тарафҳо ҳатто ба рақибони худ – Қарохониёну туркманҳои Салҷуқӣ муроҷиат карда, дар сурати зарурат аз онҳо дархости фиристодани лашкар карданд. Дар ин мубориза ҷонибдорони Масъуд пирӯз омада, озурдани рақибони худро шуруъ карданд [5, с. 275-276].

Зиддияти аввал дар дарбори Ғазнавиён миёни амалдорон иттифоқ меафтод. Ҳар даста талош мекарданд, ки рақибони хешро аз саҳнаи сиёсат барканор кунанд. Чанде аз аҳли дарбор ё барканор ё зиндонӣ шуданд, ки қатли Ҳасанаки вазир ва ҷазо додани Ҳасирии надим дар замони вазорати Ҳасани Маймандӣ аз ин қабиланд. Дар саргаҳи ин кор вазиру дигар наздикони амир қарор доштанд. Зиддияти дигар миёни низомиёни баландрутба иттифоқ афтод ва чанде аз туркҳои баландрутба (аз ҷумла, Алии хешованд, Арёруқ, Ғозӣ Асағтагин ва Юсуфи Сабуктагин) ба ҳабс гирифта шуданд, ки ҷузъиёти онро Абулфазли Байҳақӣ дар таърихаш овардааст [5, с. 275-294]. Ихтилофи дигар миёни руҳониён ва табақаҳои аҳли тариқат иттифоқ меафтод. Чунончи, руҳонии маъруф

Абулҳасани Қушайрӣ аз мухолифони равиши сӯфӣ Абусаиди Абулхайр буда, муқобили ӯ таблиғот мебурд. Ин зиддиятҳо аз ангезаҳои иҷтимоӣ низ холӣ набуд. Муҳаққиқи аврупоӣ Р. Буллиет навиштааст, ки зиддияте ки дар муҳимтарин шаҳри Хуросон – Нишопур дар асри XI миёни пайравони фирқаҳои карромия ва шиа рух медод, як навъ муборизаи фақирону табақаи сарватманд буд. Зеро карромиён ғолибан фақирон буданду шиаҳои Нишопур аз сарватмандон таркиб ёфта буд [119, с. 89-110].

Салҷуқиён бо тасхири Хуросон қонеъ нагашта, дигар минтақаҳои Эронро низ яке паси дигар ба тасарруф оварданд. Соли 1043 нахустин султони Салҷуқӣ Туғрал (1040-1063) шаҳри муҳими Хуросон - Марврро ба ҳайси пойтахти давлат интихоб кард. Сипас шаҳру вилоятҳои Рай, Ҳамадон, Шероз ва ғайра ба дасти Салҷуқиён афтоданд. Соли 1045 Арманистон ва минтақаҳои ҳамҷавори Қавқоз аз ҷониби Салҷуқиён тасарруф шуд. Ин заминае барои ҳаракат ба самти Рум буд. Яке аз ҳадафҳои Салҷуқиён шаҳри Бағдод буд, ки раҳбари маънавии хилофат ва тамоми мусулмонон ба шумор мерафт. Бо ин мақсад соли 1055 пас аз тасарруфи минтақаҳои Ироқ вориди пойтахти хилофат – Бағдод гардида, амалан халифаро таҳти нуфузи худ оварданд. Ин ҳодисаи муҳим ва таъсиргузор дар адабиёти илмӣ муфассал инъикос ёфтааст [114, с. 85-96].

Соли 1071 Салҷуқиён дар набарди Малозгирд артиши Румро шикасти сахт дода, тамоми Осиёи Сағирро аз дасти онҳо пок сохтанд. Ин ҳодиса дар муносибатҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ таъсири зиёд гузошт. Ин ки муддате пас дар равобити байналмилалӣ ҷангҳои салибӣ оғоз шуд, бевосита ба ҳамин набард алоқамандӣ дорад. Зеро императори Рум ба саронии кишварҳои масеҳии Аврупо мурочиат карда, аз онҳо дар мубориза алайҳи мусулмонон дархости ёрӣ кард. Тавре медонем, яке аз сабабҳои асосии оғози ҷангҳои салибӣ дар соли 1095 ва иштироки фаъолонаи дарбори Попи Рум, маҳз пешравии Салҷуқиёни мусулмон ба самти Аврупо буд, ки дар осори пажӯҳишии алоҳида ин масъала матраҳ гардидааст.

Воридшавии туркманҳо ба Хуросон дар шаклгирии ҷомеа ва давлати Салҷуқиён таъсири зиёд гузошт. Бояд ёдовар шавем, ки туркманҳо ҳанӯз қабл аз

пирӯзӣ бар Ғазнавиён бо ашрофи тоҷик ва намояндагони руҳонияту аҳли тасаввуф вориди гуфтугӯ гашта, дар муборизаҳои низомии худ аз қудрати маънавии ашрофу зиёиёни тоҷик васеъ истифода карданд. Ин руҳониёну ашрофи тоҷик, ки ба Салҷуқиён пайвастанд, касоне буданд, ки аз ҳукумати Ғазнавиён норозӣ буда, аз коргузорони ғазнавӣ ранҷида буданд. Зеро волии Хуросон дар замони Масъуд Абулфазли Сурӣ нисбат ба мардуми шаҳру деҳоти ин минтақа зулму ситами беҳад раво дида, сабаби бехонумон шудани гурӯҳе ва ҳичрат кардани қисми дигаре аз мардум гардид. Яке аз шоирони Хуросон Булфазли Ҷумаҳӣ ин ҳолатро дида, ба Султон Масъуд чунин муроҷиат мекунад:

Амиро, ба сӯйи Хуросон нигар,
Ки Сурӣ ҳаме банду соз оварад!
Агар дасти шумаш бимонад дароз,
Ба пеши ту коре дароз оварад!
Ҳар он кор к-онро ба Сурӣ диҳӣ,
Чу чӯпони бад, доғ боз оварад! [5, с. 453].

Аммо рафти ҳодисаҳо нишон доданд, ки ин гуна муроҷиатҳо ба султон Масъуд ҳеч асаре накарданд ва вазъи Хуросон рӯ ба беҳбудӣ наовард. Байҳақӣ натиҷаи ситаму ҷафоҳои волии Хуросон ба мардумро бо мисолҳои дигар низ баён карда, аз ҷумла, аз ҳисоби ғорати аҳолӣ ҳадяҳои зиёд тартиб додану ба дарбор пешкаш карданро навиштааст. Дар идомаи гузориши Байҳақӣ омадааст, ки ҳарчанд мардум аз болои Сурӣ ба дарбор шикоят мекарданд, вале Султон Масъуд «сухани кас бар вай намешунуд ва бад-он ҳадяҳои ба ифроти вай менигарист, то Хуросон ба ҳақиқат дар сари зулму дароздастии вай бишуд», зеро ситаму дастдарозии ин волӣ зиёд шуда ва «мухолифон биёмаданду Хуросон бигирифтанд» [5, с. 453-454].

Абулфазли Байҳақӣ вақте аз нахустин иқдоми Туғрал дар Хуросон сухан мегӯяд, менависад, ки гурӯҳе аз руҳониён дар рикоби Туғрал буданд. Яке аз ин рӯҳониён Имом Муваффақ будааст. Байҳақӣ дар ин бора чунин менависад: «Ва Боғи Хуррамакро ҷома афганданду нузл сохтанд ва истиқболро бисеҷиданд ва солори Бузгон Булқосим – марде аз куффоту духоту-р-риҷол зада ва куфтаи Сурӣ

кори туркмононро ҷон бар миён баст. Ва Муваффақ – имоми соҳибҳадисон ва дигар аъён ҷамъ шуданду ба истиқболи Иброҳими Янол омаданд» [5, с. 583].

Тавре дар ин ҷумлаи овардаи Байҳақӣ мушоҳида мешавад, замони Ғазнавиён ва саркашию ситами коргузорони он сабаб шуд, ки гурӯҳе аз маъмурони тоҷик ва руҳониён аз сиёсати Ғазнавиён ранҷида ба Салҷуқиён, ки дар ҳамин вақт бо дарбори Ғазна дар ҳолати ҷангу исён қарор доштанд, пайваст шуданд. Ин Абулқосим ал-Кубонӣ аз Нишопур буда, дар даъват кардани Салҷуқиён ба Ғазна нақши асосӣ дошт. Ӯро волии Ғазнавиён – Сурӣ борҳо озор дода, аз Нишопур берун карда буд. Абулқосими Кубонӣ чораро дар он дид, ки аз коргузори Ғазнавиён интиқом гирад. Аз ин рӯ, ба рақиби Ғазнавиён, яъне Салҷуқиён паноҳ овард. Дар ин амал ӯ танҳо набуд ва чеҳраҳои дигари мазҳабӣ низ чунин амалро такрор карданд.

Бино бар ахбори сарчашмаҳо, сӯфии машҳур ва яке аз шоирони тавонои Хуросон Абусаиди Абулхайр низ дар ин кашокашҳои сиёсиву иҷтимоӣ ба ҷонибдории Салҷуқиён гузашт. Ӯ сарони ҳаракати туркманҳои Салҷуқӣ Туғрал, Ябғу ва Довудро дар мубориза алайҳи Ғазнавиён дастгирӣ карда, ваъдаи фатҳу пирӯзӣ медиҳад [126, с. 464]. Чунки вай низ аз амалкарди Ғазнавиён норозӣ буда, дар мухолифат бо онҳо қарор доштааст [167, с. 35-36]. Туркманҳои навмусулмон ба каромату пешгӯии намояндагони тариқати тасаввуф сахт бовар доштанд. Байҳақӣ низ дар таърихи худ аз пешгӯии як мавлозода дар хусуси пирӯзии туркманҳои Салҷуқӣ бар лашкари Масъуд ва таҳаққуқ ёфтани ин ваъда дар набарди Дандонақон хабар додааст. Вақте пешгӯии вай рост баромад, «ҳар се муқаддам (Туғрал, Ябғу ва Довуд – Ф.Ҳ.) аз асб ба зер омаданду саҷда карданд ва ин мавлозодаро дарвақт чанд ҳазор динор бидоданд ва умедҳои бузург карданд» [5, с. 662].

Аммо туркманҳои Салҷуқӣ, ки ҳатто роҳбарони онҳо саводи кофӣ барои идораи кишвар надоштанд, маҷбур буданд, дар идораи мулк ба тоҷикон рӯй оваранд. Инро онҳо дар нахустин соатҳои расидан ба қудрати сиёсӣ дарк карда буданд. Байҳақӣ, ки шоҳиди бевоситаи ба қудрат расидани Салҷуқиён буд, гузоришеро аз бенизомии рӯзҳои нахустини дарбори Туғрали Салҷуқӣ (1040-

1063) овардааст, ки мувофиқи он хабари пинҳонӣ тавассути муширифи Ғазнавиён ба Султон Масъуд мерасад. Гузоришгар навиштааст, ки боргоҳи султони навхоста на интизом дошту на нуру тартиб. Бар хилофи дарбори Ғазнавиён, ки вуруди ҳамаи коргузорони давлатӣ ба назди амир муназзаму мураттаб буд, ҳар туркмане мехост бе иҷозат ба назди Туғрал меомад ва шаҳри Нишопур аз ин беназмӣ харобазор гашта буд, чунонки баъзе пирону солхӯрдагон бо дидани ин вазъ мегиристанд. Туғрал дар вақти суҳбат бо қозии шаҳр Соъид ин воқеиятро эътироф карда, ба Қозӣ Соъид қавл медиҳад, ки «пазируфтам, ки бад-он чӣ гуфтӣ, кор кунам. Ва мо мардумони нав ва ғарибем, расмҳои тозикон надонем» [5, с. 586].

Шахсияти дигари таъсиргузор дар ҳукумати Салҷуқиён Имом Муваффақ аст, ки ӯ қишри зиёди ҷомеаи Хуросонро ба ҷониби Салҷуқиён кашонд. Ҳамин тавр, интиқоли қудрат пас аз майдони ҷанг дар корҳои идорӣ ва маъмурӣ низ ба суди Салҷуқиён поён ёфт. Ҳатто Масъуди Ғазнавӣ, ки аз Салҷуқиён шикаст хӯрдаву Хуросонро ба қасди Ғазнин ва минбаъд Ҳинд тарк карда буд, ба коргузорони худ иҷозат дод, ки метавонанд дар дастгоҳи амирони нави Хуросон – Салҷуқиён кору фаъолият намоянд. Ҳамон гуна, ки 40 сол пештар коргузорони Сомонӣ ба хидмати Ғазнавиён гузаштанд, акнун ҳамин суннати аз Сомониён ба Ғазнавиён интиқолёфта ба Салҷуқиён гузашт.

Агар ба сабабҳои истиқрори ҳукумати Салҷуқиён дар Хуросон ва густариши ин ҳукумат минбаъд дар Эрону Ироқ бингарем, метавонем ба ин натиҷа расем, ки Салҷуқиён аз норозигии мардум аз ҳукумати Ғазнавиён огоҳ буда, саъй мекарданд, ки бо мардуми маҳаллӣ муносибати хуб барқарор кунанд. Носири Хусрав дар «Сафарнома» навиштааст, ки вақте Туғрал шаҳри Исфаҳонро ишғол кард, як ҷавони нишопурӣ «дабире нек бо хатти неку» бо номи Хоҷа Амидро раиси ин шаҳр таъйин карда, ба ӯ дастур дод, ки се сол аз мардум молиёт дарёфт накунад [30, с. 123].

Ҳукумати Салҷуқиён дар Хуросону Эрону Ироқу Осиёи Хурд бо ному фаъолияти адибу сиёсатмадори барҷастаи тоҷик Хоҷа Низомулмулки Тусӣ (1018-1092) иртиботи мустақим дорад. Бобоҷон Ғафуров фасли ба Салҷуқиён

бахшидаи китоби худро ба ҳамин маънӣ «Салҷуқиҳо ва Низомулмулк» номгузорӣ кардааст [128, с. 447-449]. Дар давоми сӣ соли фаъолияти ин вазири қудратманд, ки ба даврони салтанати Алп Арслон ва писари ӯ – Маликшоҳи Салҷуқӣ рост меояд, пояҳои давлати Салҷуқиён истеҳком ёфта, он аз як давлати қабилавӣ то сулолаи бузургтарини минтақа густариш ёфта, аз Баҳри Миёназамин то сарҳади Чин тӯл мекашид. Сабаби асосии комёбиҳои Салҷуқиёнро дар самти кишваркушоиҳо Висто Сархуш, муаллифи китоби «Бар омадани ислом» ҷонибдории аҳолии муқимӣ мешуморад ва ишора менамояд, ки «дар замони Салҷуқиён мардум оромиш ва инзиботи худро ҳифз карданд ва ба Оли Салҷуқ ёрӣ доданд, то ҳукумате муттаҳид ва нисбатан ором ташкил диҳанд, ки аз Онотулӣ то Чин вусъат дошт» [121, с. 67]. Барои идораи ин кишвари густарда вазир Низомулмулк, ки дар замони Алп Арслон (1063-1072) ва Маликшоҳ (1072-1092) қудрати мутлақ дошт, силсилаи тадбирҳоро дар кишвар амалӣ кард. Дар умури давлатдорӣ Низомулмулк рақибони сарсахте аз миёни тоҷикон дошт, ки яке аз онҳо Абулғаноим Марзбон ибни Хусрави Фирӯз буд, ки бо лақаби Тоҷулмулк машҳур гардидааст. Маликшоҳ ӯро ба худ наздик карда, алайҳи Низомулмулк истифода мебурд. Ҳарчанд на ҳамаи тадбирҳои Низомулмулк писанди ҳокимони Салҷуқӣ буд, вале вусъати сулола ва гуногунии таркиби нажодӣ ва қавмии он тақозо мекард, ки низоми идории кишварро аз марказ идора карда, онро нигоҳ дорад. Яке аз масъалаҳои хеле ҳассосу сарнавиштсоз масъалаи дин буд, ки аз ҳаллу фасли он ояндаи қудрати Салҷуқиён низ вобаста буд.

Асри XI милодӣ давраи ҷон гирифтани дубораи мазҳаби суннат дар ҷаҳони ислом дониста мешавад [164, с. 174 -188]. Зеро дар асри X бо ба қудрат расидани силсилаи Фотимиён (909-1171) дар Мисру Африқои Шимолӣ ва ҳамовозӣ пайдо кардани даъватҳои он дар ҳудудҳои Эрону Осиёи Миёна Аббосиёни суннимазҳабро дар ҳолати ногувор гузошта буд. Ба дунболи он қудратёбии сулолаи шиамазҳаби Бувайҳиён (945-1055) дар Эрону Ироқ ва итоати халифаи аббосӣ аз онҳо робитаи Бағдодро бо Хуросону Мовароуннаҳр низ тира кард. Пас аз тасхири Бағдод ба дасти Салҷуқиён (с. 1055) ҳукумати онҳо бар ҷаҳони ислом хеле устувор гашта, ниёз ба кормандони идеологие дошт, ки бо дониши динӣ

мусаллаҳ бошанд. Ҳукумати Бувайҳиёни шиа ба поён расида, ниёз ба як ислоҳоти динӣ вуҷуд дошт. Ба ҳамин манзур Низомулмулк дар қаламрави Хуросон, Эрон ва Ироқ силсилаи мактабҳои олии динӣ (мадрасаҳо)-ро асос гузошт, ки ба шарафи муассиси он «Низомия» ном гирифтанд. Занҷираи сегонаи султон, вазир ва олими суннатгаро дар симои Туғрал, Низомулмулк ва Ғаззолӣ таҷассум ёфта, ҳамчун ҳомиёни суннат дар ҷаҳони ислом матраҳ гаштанд [164, с. 175]. Низомулмулк ва ҳамфикри ӯ аз миёни уламо Ғаззолӣ дар мадрасаҳои бешумори Низомия равиши тадрисро бар пояи усули суннат, бештар мазҳаби шофеӣ ва мактаби каломии ашъарӣ ба роҳ монданд. Азбаски тасаввуф низ то омадани Низомулмулк дар масҷиду мадрасаҳои Хуросон нуфуз ёфта буд, мо шоҳиди таъсири ин мактаб низ дар низоми сиёсӣ ва динии ин давра мегардем. Натиҷаи баҳсҳои илмӣ ва навиштани осори динии Ғаззолӣ он шуд, ки мазҳаби тасаннун дар сарзаминҳои Хуросону Эрону Ироқ аз ҳимояти комили Салҷуқиён бархурдор шуда, неруи фикрии зинда ва пешраванда пайдо карда, ҷараёнҳои мухталифи фикриро ба ҳам оварда [114, с. 121]. Аммо ҷаҳони тасаннун танҳо дар муқобили шиа қарор надошт. Он аз дохил ягонагии воқеӣ ва иттиҳоди лозимро надошт. Зеро равиши Салҷуқиён дар пуштибонӣ аз мазҳаби суннат яксону якмаром набуд. Баъзе аз султонҳои Салҷуқӣ (аз ҷумла, Туғрал ва Алп Арслон) ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки минбарҳои масҷиду қазоватро бештар ба ҳанафиён вогузоранд ва шофеиёнро фишор оваранд. Аммо Низомулмулк баръакси султонҳои Салҷуқӣ минбари масҷиду мадрасаҳоро дар ихтиёри пайравони мактаби шофеӣ ва мактаби каломии ашъарӣ қарор дод [119, с. 101-105].

Илму фарҳанг дар замони Салҷуқиён хеле тараққӣ кард, ки сабабҳои худро дошт. Салҷуқиён бар хилофи Сомониёну Ғазнавиён, ки як пойтахт доштанд, дар марҳалаҳои гуногун шаҳрҳои мухталифи тоҷикнишинро пойтахт қарор доданд: Нишопур (1038-1043), Рай (1043-1051), Исфаҳон (1051-1118), Ҳамадон (1118-1157) ва Марв (118-1153). Ин шаҳрҳо дар он замон хеле тараққӣ карда, ба марказҳои муҳимми меъморӣ, тиҷорат, ҳунару мусиқӣ ва маҷмаи суханварию шоирӣ мубаддал гардиданд. Фарҳангшиноси машҳури Аврупо Роберт Ҳеленбранд дар таҳқиқоти вижаи худ роҷеъ ба фарҳанги ҳунару меъмории

замони Салҷуқӣ навиштааст, ки «асолати ҳунари Салҷуқӣ ба қадре зиёд аст, ки метавон дар бораи он муболиға кард» [114, с. 159]. Дар масҷиду мадрасаву хонақоҳ ва биноҳои маъмурию дигар таъйинот ҳунар ҷилваи хос кард ва дастовардҳои зиёде ба ин давра хос мебошад.

Талошҳои Салҷуқиён дар роҳи ба вуҷуд овардани фазои ягонаи динию мазҳабӣ дар Хуросон натиҷаи баръакс дод. Падид омадани мадрасаҳои Низомия, ки бо саъю талоши вазири қудратманд Хоҷа Низомулмулк бо мақсади тарбияи кадрҳои ба низоми сиёсию динии Салҷуқиён мутобиқ роҳандозӣ гашта буд, мухолифони сиёсии пурзӯрро ба майдон овард. Тавре Низомулмулк дар «Сиёсатнома» навиштааст, барои ҳукумати Аббосиён ва Салҷуқиён беш аз ҳама ҷараёни динию сиёсии исмоилия дарди сар эҷод мекард [42, с. 237]. Ӯ охири китоби хешро ба собиқаи густариши ҳамин мазҳаб дар Хуросону Мовароуннаҳр ихтисос дода, бо ин роҳ ҳокимони ҳамзамонашро аз эҳтимоли хуруҷи дубораи онҳо бохабар мекунад. Бо ҳар василаву ҳар роҳе мубориза алайҳи исмоилия ё ба таъбири Низомулмулк, ботинияро воҷиб дониста, хатари онҳоро бо ҷараёни маздакия дар Эрони замони Сосониён якранг медонад.

Муборизаи беамон алайҳи исмоилия дар замони Ғазнавиён хеле шиддат ёфта, бо қатлу куштори бераҳмонаи онҳо мунҷар мегашт. Ҳатто ба шаҳодати Байҳақӣ, Маҳмуди Ғазнавӣ гуфта буд, ки дар саросари ҷаҳон мегардаду қарматӣ меҷӯяд ва агар касеро пайдо кунаду қарматӣ будани ӯ собит шавад, вайро бар дор мекашад [5, с. 235]. Фазои тарсу ваҳшате, ки Маҳмуду дигар амиру вазирони Ғазнавиён эҷод карда буданд, чунон сахт буд, ки шоирони дарборӣ ба даъватҳои ҳокимон ҳамовоз гашта, афроди гумонбар ба ҷараёнҳои мухолиф, хусусан, исмоилияро ошкоро маҳкум мекарданд. Аз ҷумла, вазири машҳури Маҳмуд Ҳасанакро дар замони Масъуд ба туҳмати «қарматӣ будан» бар дор мекашанд. Яке аз шоирони Нишопур ин воқеаи дардоварро чунин тасвир мекунад:

Бибрид сарашро, ки саронро сар буд,
Ороиши даҳру мулкро афсар буд.
Гар қарматию ҷуҳуду гар кофар буд,
Аз тахт ба дор бар шудан мункар буд [5, с. 242].

Чунин вазъ ба раванди ташаккулёбии тоҷикон ҳамчун халқи ягона бо мафкураи воҳид ва идеологияи миллӣ зарбаи ҷонкоҳ зада, сабаби мусибатҳои зиёд дар оянда гардид. Зеро тоҷикон дар ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни динӣ-идеологӣ ва иттиҳодияҳои давлатии мухталиф ҳамроҳ гардида, дар симои якдигар рақибу душманро медиданд, ки монеи ҳамоиши онҳо дар дохили фазои ягонаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ гардид. Мо дар ашъори шоирони ин давра ин ҳолатро ошкоро мушоҳида мекунем, ки яке аз намунаҳои он рӯзгору осори Носири Хусрави Қубодиёнист.

А.Е. Бертелс дар пажӯҳиши ҷудогона заминаву ангеза ва таъсири ҷараёни исмоилия ба афкори сиёсию ҷамъиятии тоҷикон, аз ҷумла, шоири тавонои асри XI Носири Хусравро баррасӣ кардааст. Ӯ навиштааст, ки соли 1045 вақте Чағрибек амири Хуросон буд, корҳои девониро канор гузошта, аз Марв қасди сафар кардааст. Бертелс бар ин бовар буд, ки шояд Носири Хусрав ҳам дар қатори касоне қарор дошт, ки ҷонибдори Муҳаммад буда, пас аз рӯйи кор омадани Масъуд ба туркманҳо паноҳ бурда бошад [108, с. 176]. Аммо сафаре, ки Носири Хусрав ихтиёр кард, ӯро нахуст ба Маккаву Мадина ва сипас ба қароргоҳи Фотимиён – Миср овард. Ин сафар ба ақидаҳои сиёсӣ ва ҷаҳонбинию эътиқоди Носир таъсири муҳим гузошт. Зеро Носир аз Миср ҳамчун доӣ (даъваткунанда)-и исмоилии Фотимиён ба Хуросон баргашт. Фотимиён рақиби Аббосиён дар амри хилофат ба шумор омада, дар гузашта кӯшиш карда буданд, ки дар ҳукуматҳои Сомониёну Ғазнавиён, ки дар итоати Аббосиён қарор доштанд, нуфуз кунанд. Низомулмулк навиштааст, ки исмоилиён дар замони Насри II (914-943) ба пешравиҳои назаррас ноил омада, ҳатто амирро низ ба кеши худ оварданд [42, с. 238]. Ӯ бо ин афкори худ наметавонист дар Хуросоне, ки суннатгароӣ ва таъқиби пайравони равияҳои оппозитсионӣ, аз ҷумла, исмоилия дар авҷи худ буд, истиқрор ёбад. Аз ин рӯ, дар Юмгони Бадахшон паноҳ ёфта, ба душмании ошкоро бо Салҷуқиёну Аббосиён пардохт ва дар ашъори худ онҳоро сарзаниш кард. Аммо вазъи худро дар ин абёти машҳураш ба хубӣ баён дошт:

Озурда кард каждуми ғурбат ҷигар маро,
Гӯӣ забун наёфт зи гетӣ магар маро.

Дар ҳоли хештан чу ҳаме жарф бингарам,

Сафро ҳамебарояд аз андӯҳ ба сар маро [29, с. 11].

Салҷуқиён ба чанд далел натавонистанд, ки муҳити шеъру адаби замони Сомониён ва Ғазнавиёнро дубора эҳё кунанд. Нахустин омил он буд, ки тавре дар боло зикр шуд, бар хилофи Сомониёну Ғазнавиён Салҷуқиён дар сад соли авҷи қудрати худ (1053-1153) на як, балки чанд пойтахт доштанд, ки монеи рушди илму адаб мегардид. Иллати дувуми ба андозаи замони қабл рушд накардани шеъру адаб он буд, ки ғайр аз пойтахтҳои Салҷуқиён, ки асосан дар ҳудуди Хуросону Эрон қарор доштанд, марказҳои адабию фарҳангие, чун Ғазна, Самарқанд, Бухоро, Фирӯзкӯҳ низ ҳамзамон бо ҳукумати Салҷуқиён фаъолият мекарданд ва шоирони қудратманде, чун Саноӣ, Сӯзанӣ, Амъақ, Масъуди Саъд берун аз муҳити адабии Салҷуқиён кору фаъолият мекарданд. Савумин далел он аст, ки дар шеъри замони Салҷуқиён шикоят аз рӯзгор хеле зиёд аст, ки онро дар замонҳои қабл камтар мушоҳида мекунем.

Бо марги Маликшоҳу Низомулмулк, ки ба ҳам хеле наздик буд, шерозаи давлатдории Салҷуқиён гусаста шуд ва мулки васею паҳновари онҳо дар муддати начандон зиёд муталошӣ шуд. Зеро дар аҳди ҳукумати фарзандони Маликшоҳ – Маҳмуд (1092-1094), Барқиёруқ (1094-1104), Маликшоҳи II (1104-1105) ва Муҳаммад (1105-1118) давлати муқтадиру тавоно тиккаву пора гашта, соли 1118 он расман тақсим гардид. Ҳарчанд Санҷар (1118-1153) нисбат ба дигар бародарони нокоромаду заиф ҳукумати беҳтаре дошт, вале шикасти ӯ дар муҳорибаи Қатвон (1141) боиси коҳиш ёфтани нуфузи давлат гардид. Аммо муҳимтарин ҳодисаи рӯзгори Санҷар ошӯби ҳамқавмони ӯ бо номи ғузҳо буд, ки ба ривояти сарчашмаҳо ва эътирофи шоирони ин давра, димор аз мардуми Хуросон баровардand. Дар маҷмуъ, як воқеияти бебаҳси рӯзгори Салҷуқиён он буд, ки барои ҳукумати Салҷуқиён муҳимтарин чолиши дохилӣ рафтори ҳамқавмони онҳо, яъне қабилаҳои туркман буд. Ин воқеиятро Низомулмулк низ дар асараш таъкид кардааст. Туркманҳо, ки мардуми саркашу туғёнгар буданд, ҳарчанд вақт вазъи мамлакатро ноором мекарданд. Аз ин рӯ, дастгоҳи марказии Салҷуқиён барои умури девонии туркманҳо тартиби хоссе тадбир дида буд [114,

с. 335]. Аз ҷумла, коргузорони минтақаи зисти туркманҳо ҳамеша бояд бо пирмардону афроди таҷрибадори туркман вохӯрда, онҳоро насиҳат мекарданд. Барои пешгирӣ аз ҳар гуна эътирозу норозигӣ масъулони давлатӣ вазифадор буданд, ки умури тақсимоти об ва дигар масъалаҳои мушкилзоро назорат кунанд. Аммо ин ҳама наметавонист садди роҳи саркашию исёни қабилаҳои туркманро гирад, ки фитнаи ғуз намунаи боризи он аст.

Ғузҳо, ки қавме аз туркманҳо буданд, аз ҷониби дарбори Салҷуқиён дар умури низомӣ ба кор гирифта мешуданд. Хусусан, ҳукуматҳои маҳаллии Салҷуқӣ аз неруи низомии ғузҳо, ки дар ҷангу ғорат хеле машҳур буданд, бар муқобили якдигар истифода мекарданд. Ғузҳо тартибу низоми давлатдории Салҷуқиёнро, ки ба дасти тоҷиконе чун Низомулмулк падид омада буд, намеписандиданд. Зеро умури девонӣ ва мансабдороне, чун шаҳна ҳамеша аъмоли саркашонро назорат карда, намегузоштанд, ки онҳо ба ҷону номуси мардуми бесилоҳ таарруз кунанд. Дар пайи яке аз чунин моҷароҳо Султон Санҷар тасмим гирифт, ки бо ғузҳои саркаш мубориза барад. Муаррихон, аз ҷумла Садриддин Ҳусайнӣ, ин воқеаро ба соли 548-и ҳиҷрӣ (1153-и милодӣ) нисбат додааст [74, с. 123].

Дар ин ҷанг ташаббус аз тарафи Санҷар буд. Аммо рафти ҷанг ба суди ғузҳо анҷом ёфта, лашкари Санҷар торумор гардид. Ғузҳо ҳатто ба Санҷар, ки султони қудратманд буд, раҳм накарда, вайро ба асорат бурданд. Онҳо бо ҳамин қаноат накарда, ба шаҳрҳои Хуросон тохтанд ва оламеро вайрон карданд. Нишопур, Тус, Ҷувайн, Исфароийн ба таври ваҳшиёна ғорат шуданд. Муаррихон навиштаанд, ки қатлу ғорати ғуз чунон мудҳиш буд, ки гумон мерафт, касе зинда намондааст. Мадрасаву масҷид, коху кушк ва ҳар ободие, ки дар шаҳрҳо буд, аз дасти ғузҳо ба вайрона табдил ёфт. Санҷар бо ҳазор ҳила аз дасти ғузҳои ҳамтабораш раҳо гашта, дигар натавонист ба қудрати пешин расад ва муддате пас ҷон ба ҷонофарин супурд.

Зимнан, дар бораи фитнаи ғуз муҳимтарин сарчашма на осори таърихию солномаҳои шоҳон, балки ашъори шоирони порсигӯйи ин давра мебошад. Рашидаддини Ватвот, Хоқонии Шарвонӣ ва дигарон ҳамлаи ғуз ба Хуросонро

дар қасоиду ашъори худ тасвир кардаанд. Аз ҷумла, Анварӣ дар қасидаи маъруфи хеш зери унвони «Аз забони аҳли Хуросон ба Хоқони Самарқанд Рукниддин Қилиҷ Тумғоҷхон писархонди Султон Санҷар» вазъи риқатангези мардум аз фитнаи ғузро тасвир кардааст. Матлаи ин қасидаи маъруфи Анвари чунин аст:

Ба Самарқанд агар бигзарӣ, эй боди саҳар,
Номаи аҳли Хуросон ба бари Хоқон бар [1, с. 196].

Мазмуни қасида он аст, ки хоқон (ҳокими қарохонии Мовароунаҳр) аз вазъияте ки дар Хуросон мегузарад, ғофил аст. Сипас ин ҳокимро бо тавсифҳое чун «Каюмарсбақо, Кисроадл» ва ғайра ситоиш карда, вайро даъват мекунад, ки ба Хуросон лашкар кашад ва мардумро аз ҷафои ғузҳо наҷот диҳад. Дар байте аз ин қасида ҳолати хеле душвору андуҳбори мардуми Хуросонро Анварӣ ин тавр тасвир кардааст:

Шодӣ илло ба дами марг набинӣ ин сон,
Бикр ҷуз дар шиками мом наёбӣ духтар [1, с. 197].

Агар вазъи шоирону адибонро дар нимаи дуюми асри XI – аввали асри XII баррасӣ кунем, ба назар мерасад, ки шоирон, асосан, табақаи муҳтоҷу дастнигар будаанд. Намунаи аввали ин вобастагию муҳтоҷиро мо дар сарнавишти шоири тавонои дарбори Ғазнин Фаррухии Систонӣ мебинем. Низомии Арӯзӣ дар бораи ин шоир менависад, ки яке аз аҳли дарбор «Фаррухиро сагзие дид беандом, ҷуббае пешу пас чок пӯшида, дасторе бузурги сагзивор дар сар ва пою кафш бас нохуш ва шеъре дар осмони ҳафтум… ҳеч бовар накард, ки ин шеър он сагзиро шояд буд» [60, с. 58].

Дар маҷмуъ, шоирони аҳди Салҷуқӣ, ба истиснои касоне, ки дар хидмати дарбор ё ҳокимони маҳаллии зери нуфузи Салҷуқиён қарор доштанд, аксар дар ҳолати фақр ба сар мебурданд. Аммо Амир Муиззӣ, ки фарзанди шоири дарбори Алп Арслон Абдулмалики Бурҳонӣ буд, дар замони Маликшоҳ ва фарзандаш Санҷар ба болотарин рутбаи шоирӣ – амирушшуарои дарбор расидааст. Лақаби Муиззӣ низ баргирифта аз лақаби Маликшоҳ – Муизуддунё ва-д-дин мебошад, ки нишон аз мартабаву ҷойгоҳи ӯ назди ҳокимони Салҷуқӣ дорад.

Ҳамин тавр, воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросони асрҳои XI-XII нишон медиҳад, ки ҷомеаи онрӯзаи ин вилояти таърихӣ аз лиҳози ақидатӣ яксону муташаккил набуда, чандин гурӯҳу ҷиноҳи ба ҳам муқобил дар мубориза барои қудрат қарор доштанд, ки муҳимтарини ин гурӯҳҳо аз ин қабил буданд:

Маъмурони сиёсӣ ва коргузорони давлатӣ, ки ҳамчун аҳли қалам шинохта мешуданд, асосан аз ҳисоби тоҷикон ташкил шуда, миёни онҳо барои расидан ба вазифаҳои баланд муборизаҳои сахту беамон мерафт. Дар рӯзгори Салҷуқиён ин зиддиятро мо дар шахси вазири қудратманди он Низомулмулк бо баъзе аз тоҷикони дигар, ки дар раъси онҳо Тоҷулмулк қарор дошт, мушоҳида мекунем.

Руҳониёни баландмартаба ва намояндагони тариқатҳои суфия, ки бештар аз ҳаёту муборизаҳои сиёсӣ худро канор кашида, аммо огоҳонаву ноогоҳона ба бозиҳои сиёсӣ ва мансабталошӣ ҷалб мешуданд. Ин табақа дар назди салотини Ғазнавӣ ва сипас Салҷуқӣ ҷойгоҳи рафеъ дошта, миёни якдгар барои қудрат ва ҷойгоҳ дар ҷомеа муборизаҳои шадид бурда, бо ҳамин рафтори худ дар таърих мондагор шуданд.

Тоҷирони қудратманд ва заминдорони калон ё табақаи деҳқон дар ҷараёни муборизаҳои сиёсӣ ва қудратӣ бештарин зарарро медиданд. Зеро муборизаҳои сиёсӣ ба кадом натиҷае расанд, амволу дороиҳои ин табақа дар хатари мусодира шудан қарор мегирифт. Барои ҳамин, онҳо дар муборизаҳои қудратталабӣ чандон фаъол набуданд, аммо дар бештари ҳаводиси рӯзгор пояшон ба майдони муборизаҳо кашида мешуд.

Табақаи низомӣ ё аҳли лашкар аз асри X сар карда, бештар аз ҳисоби туркҳо созмон дода мешуд. Сарони лашкар дар ҷараёни ҳодисаҳо фаъолияти бештар зоҳир карда, табақаҳои поёнии лашкар ҳамеша дар орзуи ғорату чаповули аҳолӣ буданд, ки ин ҳолат дар адабиёти форсӣ тасвир шудааст.

Табақаи авом ва ё бештари мардум, ки, мутаассифона, бо вуҷуди он ки молиётпардози асосии ҳар ҳукумат намояндагони ҳамин қабилаанд, қишри аз ҳама маҳрум ва ситамдидаи ҷомеаи Салҷуқӣ ба шумор мерафтанд. Ин қишр дар

осори таърихӣ ва адабӣ низ камтар зикр шуда, аслу асоси ҳамаи давлатҳо ба шумор меомаданд.

Ҳамин тавр, замоне ки шоири тавонои порсигӯй Амир Абуабдуллоҳ Муҳаммад писари Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ зиста ба солҳои 1048-1125 рост меояд, ки давраи қудрати хонадони Салҷуқиён аст. Салҷуқиён дар таъриху тамаддуни мардумони Эрону Осиёи Марказӣ ва Осиёи Хурд нақши муассир гузоштаанд. Муҳимтарин корномаи онҳо, аз барҳам задани ҳукумати Ғазнавиён бар Хуросон оғоз мегардад, ки зулму ситами бешуморе ба мардуми ин хитта ворид намуданд. Иқдоми дигари Салҷуқиён лашкаркашӣ ба Бағдод буда, Салҷуқиён ба нияте ки Саффориён ва Ғазнавиён доштанд, ноил омада, халифаи аббосиро таҳти нуфузи худ даровардаанд. Пирӯзии қотеи Салҷуқиён бар Рум дар соли 1071 нуфузи ин ҳукуматро тавсеа бахшида, ба равобити байналмилалӣ низ таъсири мустақим гузошт. Салҷуқиён, ки аз донишу таҷрибаи давлатдорӣ бебаҳра буданд, дар умури давлатдорӣ ба намояндагони мардуми бумӣ – тоҷикон такя карда, сулолаи густардаеро таъсис доданд, ки марзҳои он аз Баҳри Миёназамин то марзи Чин идома дошт.

1.2. Авзои илмию адабии замон

Замоне, ки Амир Муиззӣ умр ба сар бурдааст, нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII-ро дар бар мегирад. Ин давра, агарчи аз нигоҳи авзои сиёсию иҷтимоӣ яке аз давраҳои ноорому вазнин ва пур аз задухӯрду кашмакашҳо миёни сулолаи Ғазнавиёну Салҷуқиён, ҳокимони марказгурези Салҷуқӣ ва ихтилофоти динии руҳониён маҳсуб меёбад, аз назари теъдоди адибон, ташкили доира ва мактабҳои бонуфузи адабӣ, рушди адабиёт ва густариши қаламрави он, инкишофи жанрҳои адабӣ ва таҳаввули муҳтавои осори адабӣ ҳамчун марҳалаи томи таърихию адабӣ шинохта мешавад.

Паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур ба таври умумӣ ё вобастаи ин ё он ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ аз ҷониби бархе аз муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ, аз қабили Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Муҳаммад Авфии Бухороӣ,

Давлатшоҳи Самарқандӣ, Лутфалибеки Озар, Ризоқулихони Ҳидоят, Волаи Доғистонӣ, Ғуломалихони Озод, Амин Аҳмади Розӣ ва муҳаққиқони муосир, ба монанди Ҳерман Эте, Эдуард Браун, Артур Арберри, Ян Рипка, Ризозода Шафақ, Саъид Нафисӣ, Шиблии Нуъмонӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Шафеии Кадканӣ, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Маликушшуаро Баҳор, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб, Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Е.Э. Бертелс, А. Абдуллоев, Х. Мирзозода, Х. Шарифзода, М. Нарзиқул, Ш. Ғафоров ва дигарон мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст, ки дар ҷойгоҳи худ аз онҳо ёд хоҳем кард.

Дар давраи мавриди назари мо бо вуҷуди вазъи нооромии сиёсӣ ва ҷангу ҷидолҳои дохилисулолавӣ ва берунии Салҷуқиён илму фарҳанг дар Хуросон то ҳадде рушд кардааст. Новобаста аз он ки ба ақидаи Низомии Арӯзӣ, «… чун Салҷуқиён омаданд ва эшон мардумони биёбоннишин буданд ва аз маҷории аҳвол ва маолии осори мулук бехабар…» [60, с. 40], вале дар корҳои ободонию сохтмони масҷиду мадрасаҳо ва ба ин васила дар рушди илму фарҳанги замони худ саҳм мегузоштанд. Тавре Ровандӣ дар «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур» (Дар таърихи Оли Салҷуқ) ишора менамояд, «чандон хайрот, ки дар давлати салотини Оли Салҷуқ ва айёми ҳумоюни эшон зоҳир шуд, аз эҳёи маолими дину ташйиди қавоиди мусулмонӣ ва биноҳои масоҷиду иншои мадорис ва работоту қанотиру идрор ва инзору авқоф бар уламо ва содоту зуҳоду аброр дар ҳеҷ рӯзгор набуд ва осори он дар мамолики ислом зоҳир аст» [48, с. 66].

Роҳбарияти олии сулолаи Салҷуқиён шуруъ аз Довуди Ҷағрибек то Султон Санҷар масҷиду хонақоҳҳо ва мадрасаҳо бино мекарданд ва ё ба сохтани онҳо мувофиқат мекарданд. Чунин амалҳо, пеш аз ҳама, барои хидмат ба дин ва билохира, ба хотири таҳкими мақоми иҷтимоии онҳо анҷом дода мешуд. Ба иттифоқи назари ҳамаи муаррихон, дар кушодани мадрасаҳо Низомулмулк бештар ташаббускору пешсаф буд. Ба ишораи Ҳиндушоҳ Нахҷувонӣ дар «Таҷориб-ус-салаф» «…то ҷаҳон буд дар дини ислом мисли ӯ (Низомулмулк – Ҳ.Ф.) вазире наомада» [41, с. 266] .

Дар ин робита Аббос Иқбол низ ишора менамояд, ки «ашҳари вузарои Салоҷиқа, балки яке аз бузургтарин судури таърихи машриқ Хоҷа Абулҳасан

ибни Алӣ бини Исҳоқи Тусӣ, яъне Низомулмулки бузург аст, ки аз авохири умри Чағрибек то як моҳ қабл аз марги султон Маликшоҳ, яъне қариб сӣ сол ва андаке зимоми ҷамеи маҳоми мулкии давлати Салҷуқӣ дар дасти ӯ буда ва дар ҳақиқат ҳар чӣ аз пешрафту зафар насиби Алп Арслон ва Маликшоҳ шуда, Хоҷаи бузургро дар он дахолате бузург будааст ва таҳаввуле, ки бояд решаи онро, аз як сӯй, дар донишдӯстии зимомдор ва ҳимояти вай аз олимону донишмандон ва аз сӯйи дигар, дар тадбири вазир бо кифояташ ҷустуҷӯ намуд. Ва ба қавли Муиззӣ амирушшуарои давлат:

Ту он хуҷаста вазире, ки аз кифояти ту
Кашид давлати Салҷуқ сар ба иллиййин.
Ту он ситуда машире, ки дар футуҳу зафар
Шуда-ст килки ту бо теғи шаҳрёр қарин [193, с. 46].

Яке аз аввалин мадрасаҳое, ки дар ин айём дар мувофиқа бо саркардагони сулолаи Салҷуқиён бино шуд, мадрасаи Нишопур аст. Таърихи бинои онро чунин нақл менамоянд: «Низомулмулк гӯяд, ки султон (манзур Алп Арслон аст – Ҳ.Ф.) ба Нишопур дохил шуда, ҷамъеро дид, ки либоси куҳна пӯшида, дар дари масҷид нишастаанд. Султон аз аҳволи эшон пурсид. Гуфтанд, ки мардумони фақиру толиби илманд. Хоҷа Низомулмулк ба арз расонид, ки агар султон амр фармояд, барои эшон дар ҳар шаҳре мадрасае бино кунем ва вазифаи мустамаре қарор диҳем, то ба фароғат машғули таҳсили улум шуда, ба давоми давлати султонӣ қиём ва иқдом намоянд. Султон қабули ин маъниро фармуда, хоҷа Низомулмулк ушри моли девониро барои махоричи сохтани мадорис ва вазоифи уламову содот муқаррар дошт» [26, с. 481].

Ҳамин тавр, Низомулмулк нахустин мадрасаро дар Нишопур сохт ва Имомулҳарамайн (Абдулмалик ибни Абдулло)-ро (ваф. 1085) мударриси он таъин кард. Албатта, то ин замон дар Нишопур мадрасаҳо буданд ва фаъолият мекарданд. Ба қавли Забеҳуллоҳи Сафо, «дар Нишопур пеш аз тавлиди Низомулмулк мадрасаи «Байҳақия» вуҷуд дошт ва мадрасаи дигаре ба номи «Саъдия» дар Нишопур буд, ки амир Наср ибни Сабуктегин, бародари Султон Маҳмуд он гоҳ, ки волии Нишопур буд, онро бино ниҳод ва боз мадрасаи дигаре

дар Нишопур аз биноҳои Абусаъид Исмоил ибни Алии Астарободии воиз ва сӯфӣ вуҷуд дошт ва мадрасаи чаҳорумӣ ҳам дар Нишопур буд, ки устод Абуисҳоқи Исфароийнӣ бино кард. Ва дар шарҳи аҳволи устод Абуисҳоқ гуфтаанд, ки пеш аз бинои мадрасаи ӯ мадрасае монанди он насохта буданд ва ин гуфтори сареҳест дар ин ки Низомулмулк нахустин касест, ки барои тулоб ротибае муқаррар ва муқаддар доштааст, зеро бар ман собит нест, ки пеш аз Низомулмулк ротибае барои толибони илм муқаррар шуда бошад ва ба эҳтимоли қавӣ, чунин коре то рӯзгори Низомулмулк ҳеҷ гоҳ сурат нагирифт» [212, с. 234-235].

Аз ин маълумот бармеояд, ки пеш аз Низомулмулк ба толибилмони мадрасаҳо маош ё идрори моҳона намедодаанд ва чунин тартиби корро ӯ ҷорӣ намуда, барои толибилмон шароити хуби таҳсил фароҳам овардааст.

Доктор Аҳмад Шиблӣ дар китоби «Таърихи омӯзиш дар ислом» бо такя ба қавли Имодиддини Исфаҳонӣ ишора менамояд, ки «дар ҳар шаҳре, ки Низомулмулк марде донишманд меёфт, бедиранг мадрасае барои ӯ месохт, то дар он ҷо ба тадрис пардозад ва даромаде аз вақф бад-он вижагӣ медод ва онро ба китобхонае меорост» [278, с. 101]. Ба ҳамин васила Низомулмулк дар шаҳрҳои Бағдод, Омул, Басра, Исфаҳон, Балх, Марв, Ҳирот ва дигар шаҳрҳо мадрасаҳо таъсис дод, ки дар асрҳои баъд ҳам фаъол буданд. Дар маҷмуъ, 12 мадраса ба Низомулмулк мансуб аст, ки иборатанд аз Низомияҳо дар Бағдод, Балх, Нишопур, Ҳирот, Исфаҳон, Басра, Марв, Омули Табаристон, Мавсул, Рай, Зохир ва Ҷазираи Ибни Умар.

Дар мадрасаҳои мазкур улуми шаръия, аз ҷумла, фиқҳ, тафсиру ҳадис, наҳву сарфи забони арабӣ ва луғату адаб таълим дода мешуд ва донишмандони замону бузургони илму адаб Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ (ваф.1111) ва машҳуртарин шоири он рӯзгор Авҳадуддин Анварӣ аз мадрасаи «Низомия»-и Нишопур бархостаанд. Адиб ва донишманди машҳури он замон Рашиди Ватвот «Низомия»-и Балхро хатм кардааст. Самъонӣ (ваф.1091), фақеҳи бузурги шофеӣ Абулқосим Исмоил ибни Абуалии Байҳақӣ (ваф.1118) ва бисёр олимон аз мадрасаи «Низомия»-и Марв бархостаанд [212, с.242]. Дар мадориси мазкур

донишмандони машҳури давр, аз қабили Хатиби Табрезӣ, Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва Аҳмади Ғаззолӣ ба таълиму тадриси улуми шаръӣ машғул буданд.

Дар пайравӣ ба Низомулмулк Қовурдиён дар Кирмон мадрасаҳои бисёр бино карданд. Чунончи, Тӯроншоҳ ибни Қовурд – чорумин подшоҳи сулолаи Салҷуқиён дар Кирмон (солҳои ҳукмрониаш 1084-1096) дар он шаҳр чанд мадраса, масҷиди ҷомеъ ва бемористон бино кард ва бар онҳо вақф таъйин намуд. Бародари ӯ – Кирмоншоҳи Қовурд (1101-1142) низ чунин корҳо анҷом дод. Тавре ишора шуд, дар ин мадрасаҳо илмҳои фиқҳу ҳадис, тафсир, калом, улуми адабӣ, илми ҳисобу тиб таълим дода мешуданд.

Яке аз вижагиҳои муҳимми ҷомеаи асри Салҷуқӣ бартарӣ ёфтани ҷойгоҳи уламои дин ва улуми динӣ, аз ҷумла, дар ҳавзаи фарҳангӣ ва ҷуғрофии Хуросон буд. Улуми шаръӣ бо сабабҳое, ки пеш аз ин баён гардид, дар ин аҳд дар камоли тавсеа ва ривоҷ қарор дошт. Муҳаммади Ровандӣ дар «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур» дар бораи рушди улуми шаръӣ чунин мегӯяд: «... ва баракати парвариши уламо ва илмдӯстӣ ва ҳурматдошти салотини Оли Салҷуқ буд, ки дар рӯйи замин, хосса мамолики Ироқайн ва билоди Хуросон уламо хостанд ва кутуби фиқҳ тасниф карданд ва ахбору аҳодис ҷамъ карданд ва чандон кутуб дар муҳкаму муташобиҳоти Қуръон ва тафосир ва саҳеҳи ахбор бо ҳам оварданд, ки бехи дин дар дилҳо росиху собит гашт, чунонки тамаъҳои баддинон мунқатиъ шуд» [48, с.29].

Ба ақидаи Носир Сиддиқӣ ва Ноҳид Боқирии Тавфиқӣ дар мақолаи «Баррасии омории вазъият ва заминаҳои фаъолияти уламои улуми динӣ дар Эрони асри Салҷуқӣ» [218, с. 49-65] Абдулғафори Форсӣ (451-529 ҳ.қ.), ки аз уламои динии Хуросони асри Салҷуқӣ буда, дар китоби худ «Сиёқи таърихи Нишопур» аз 545 нафар аз уламои динии давраи Салҷуқӣ бо меҳварияти шаҳри Нишопур ёд менамояд, ки рақами бисёр қобили таваҷҷуҳ аст. Абдулғафор дар китоби худ ба зикри номи донишмандоне пардохтааст, ки ба лиҳози хостгоҳи ҷуғрофӣ ё мутааллиқ ба Нишопур будаанд ва ё ин ки ҷиҳати касби улум аз манотиқи дигари ҷаҳони ислом ба ин шаҳр омада ва ё ба муносибате аз Нишопур дидор карда ва ё аз он ҷо убур карда будаанд [218, с. 59].

Яке аз илмҳои шаръӣ, ки дар домони маорифи исломӣ ба вучуд омадааст, илми қироат аст. Илми қироат (аз решаи *«қараъа» –хондан*), пеш аз ҳама, донишест оид ба наҳваи хониши қироати дурусти Қуръон. Дар саросари мамолики исломӣ, аз ҷумла қаламрави сулолаи Салҷуқиён, уламои бузурге ба таҳқиқи илми қироат машғул буда ва осори қобили таваҷҷуҳе дар ин самт таълиф кардаанд. Яке аз бузургтарин уламои илми қироати Қуръон ба номи Абулфазл Муҳаммад ибни Тайфур Сиҷовандии Ғазнавӣ (ваф. 1164м.) дар ҳамин аҳд зуҳур кард ва таълифоти ӯ, аз ҷумла, «Дар шарҳи мавориди вақф дар Қуръон», «Ал Вақф ва-л-ибтидо дар шарҳи анвои вақф», «Ал-Муъҷаз», ки он ҳам дар шарҳи порае аз анвои вақф аст, «Айн-ул-маолӣ дар тафсири «Сабъ-ул-масонӣ» дар бораи илми қироат ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи уламои динии мамолики исломӣ қарор дошт.

Илми тафсир яке аз дастовардҳои тамаддуни исломист, ки ҳамчун манбаи мазҳабию динӣ, илоҳиётию фалсафӣ, таърихӣ ва забонию адабӣ хеле аҳаммияту арзиши зиёд дорад. Илми тафсири Қуръон дар аҳди мавриди назар, чи дар миёни уламои суннат ва чи байни донишмандони шиамазҳаб, ба камоли тараққӣ расид ва дар ин раванд тафсирҳое ҳам ба забони форсӣ бо таваҷҷуҳ ба мақсадҳои каломию фалсафию ирфонӣ, аз ҷумла дар масоили мухталиф аз қабили баҳс дар мавриди эъҷози Қуръон, тафсири аҳкоми Қуръон, баҳс дар мавриди фасоҳат, қасаси Қуръон ва амсоли он таълиф шуд ва тафсирҳои форсии аҳди мазкур аз тафсирҳои асрҳои пеш муфассалтар ва аз нигоҳи анвоъ мухталиф буданд. Дар давраи мавриди мутолиаи мо метавон аз Абубакр Аҳмад ибни Ҳусайни Байҳақӣ (ваф. 1065), Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммади Табарӣ (ваф. 1120), мутакаллим ва муфассири бузург шогирди Абулмаолӣ Имомулҳарамайн (вафот. 1109) Муҳаммад ибни Абдулло ибни Арабии Ҳофиз (ваф. 1148) ва Қутбиддин Ровандӣ (1178) ном бурд, ки дар ин мавзуъ таълифоти зиёде анҷом додаанд.

Аз ҷумлаи тафсирҳое, ки ҷанбаи каломӣ ва ҳикамии бештар доранд, яке китоби «Мафотеҳ-ул-асрор ва масобеҳ-ул-аброр»-и Абулфатҳ Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ (ваф. 1153) аст [185, с. 327]. Имом Фахри Розӣ (ваф. 1209м.) китобе дорад ба номи «Тафсири кабир», ки дар он ба масоили мухталиф

аз назари каломию фалсафӣ назар карда ва аз ин роҳ тафсире бисёр тӯлонӣ падид овардааст, ки худ, мутаассифона, натавонист онро ба анҷом расонад ва баъд аз ӯ уламои дигар онро ба поён бурданд.

Аз миёни тафосири фирқаи муътазилаи ин аҳд тафсири «Кашшоф»-и Абулқосим Муҳаммад ибни Умари Замахшарӣ (ваф. 1143) машҳур мебошад, ки дар он ба зикри хусусиятҳои сарфию наҳвӣ, маонию баёнӣ ва қироати оёт таваҷҷуҳи бештар шудааст. «Кашшоф» аз ҷумлаи муҳимтарин китобҳои тафсири Қуръон шумурда мешавад.

Чандин тафсири бисёр муътабари дигар дар ин давра ба забони форсӣ навишта шудааст, ки ҳамаи онҳо дар таърихи адаби форсӣ аҳаммият доранд ва аз ҷумлаи қадимтарини онҳо дар ин аҳд китоби «Тафсири Сурободӣ»-и Абубакр Атиқ ибни Муҳаммади Ҳиравии Сурободӣ аст [185, с. 328]. Ин тафсир аз намунаҳои олии насри форсӣ ба шумор меравад. Сурободӣ дар миёни асри XI мезист ва китобаш мутазаммини намунаҳои хубе аз насри форсӣ аст.

Дигар аз тафсирҳои машҳури ба забони форсӣ таълифшуда «Кашф-ул-асрор ва иддат-ул-аброр»-и Абулфазл Рашидаддини Майбудӣ аст, ки оғози таълифи он ба соли 1126 м. рост меояд. Майбудӣ аз пайравону шогирдони Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (ваф. 1088 м.) буд ва тафсиреро, ки устоди ӯ тартиб дода буд, дар таълифи «Кашф-ул-асрор» асоси кори худ қарор дод. Ӯ ҳар оя аз оёти Қуръон-ро дар як «маҷлис» ва ҳар «маҷлис» - ро дар се «навбат» тафсир кард.

Аз ҷумлаи тафсирҳои дигаре, ки дар ҳамин давра таълиф шудаанд, тафсири Абулфутӯҳи Розӣ аст, ки таърихи таълифи он дар нимаи аввали қарни шашуми ҳиҷрист. Ин тафсир дар бист ҷузъу панҷ муҷаллад ба табъ расида ва аз ҳайси иштимол бар фавоиди луғавию дастурӣ ва насри содае, ки дорад, ҳоизи аҳаммият аст.

Илми калом ҳам дар давраи Амир Муиззӣ тараққӣ карда буд. Калом илмест, ки дар бораи ақоиди исломӣ, яъне ҳар он чи мусулмонон бо он эътиқоду имон доранд, бо истифода аз ақлу мантиқ баҳс мекунад. Дар рушди ин илм дар ин давра донишмандони аҳли суннату ҷамоат ва ҳам шиа саҳми зиёд гузошта, таълифоти судманде анҷом додаанд. Бузургтарин мутакаллими мазҳаби исмоилӣ

дар ин аҳд Носири Хусрави Қубодиёнӣ мебошад, ки осори ӯ, амсоли «Зод-ул-мусофирин», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Ваҷҳи дин» дар калом ва масоили мазҳабии исмоилия машҳуранд. Аз миёни уламои шиамазҳаби давр касоне, ки дар илми калом сухан гуфта бошанд, метавон Шайхуттоифа Абуҷаъфари Тӯсӣ (ваф. 1067м.), соҳиби «Исбот-ул-воҷиб» ва китоби «Талхис-уш-шофӣ», Роғиби Исфаҳонӣ, Абулқосим Ҳусайн ибни Муҳаммад (ваф.1108м) соҳиби «Ал-зариъа Ила макорим-уш-шариъа»-ро ном бурд. «Китоб-ун-нақз»-и Абдулҷалили Розӣ низ дар ҳамин давра навишта шудааст.

Аз миёни мутакаллимони бузурги аҳли суннат ва ҷамоат дар ин давра нахуст бояд Имомулҳарамайн Абулмаолӣ Зиёуддин Абдумалик ибни Абдуллои Ҷувайнӣ (ваф. 1085), устоди Ҳуҷҷатулислом Ғаззолиро ном бурд, ки таълифоти ҷолиби таваҷҷуҳе дар ин илм дорад, аз қабили китобҳои «Иршод», «Шомил» ва ғайра.

Шогирди ӯ Ҳуҷҷатулислом Муҳаммад ибни Муҳаммад Ғаззолии Тӯсӣ (ваф. 1111м.) бузургтарин мутакаллим дар аҳди мавриди назари мост. Вай, ки, зимнан, яке аз нависандагони муътабари форсист, таълифоти муҳимме дар баҳси мухталифи илми калом дорад, аз ҷумла, «Калом», «Ал-Иқтисод-фӣ-л-эътиқод», «Ал-Ҷом-ул-авом мин илм-ил-калом», «Асрори илму-д-дин», «Ал-Арбаъайн фӣ усул-ад-дин» ва ғайра.

Мутакаллими бузурги дигари ин аҳд Абдукарими Шаҳристонӣ (ваф. 1153м.), соҳиби китоби машҳури «Ал-милал-ан-наҳл» ва «Китоб-ул-масориъатӣ» ва китоби «Ниҳоят-ул-иқдом» аст.

Дар замони Амир Муиззӣ донишҳои марбут ба улуми ақлӣ ҳам ривоҷ ёфта буданд. Фаршод Маҳдӣ дар китоби «Таърихи илм дар Эрон» вобаста ба вазъи илм дар ин замон ишора менамояд, ки «дар садаи шашуми ҳичрӣ гироишҳои улуми ақлӣ ба тадриҷ мавриди таъну тақбеҳ қарор гирифт, фалсафа маҳкум гардид ва бисёре аз китобҳои фалсафӣ сӯзонда шуд, садаи шашум дарвоқеъ асри пирӯзии калом ва улуми нақлӣ бар фалсафа ва улуми ақлӣ буд» [168, с. 92] ва он озодӣ, ки то авохири қарни чаҳорум ва то ҳадде дар нимаи аввали қарни панҷум барои уламои улуми ақлӣ ва ҳукамо дар изҳори ақоиди худ вуҷуд дошт, батадриҷ

аз миён рафт ва соҳибони орои фалсафӣ ночор шуданд, ақоиди хешро бештар аз собиқ бо орои аҳли мазоҳиб биёмезанд ва фалсафаро дар ҳамон тариқ ба кор баранд, ки илми каломро ба кор мебурданд [213, с. 32].

Аз ҳакимони машҳури оғози ин аҳд яке Абулаббоси Лӯкарӣ аст, ки шогирди Абӯалӣ ибни Сино ва таҳти таъсири таълимоти ӯ будааст. Абулаббоси Лӯкарӣ муаллифи китоби машҳури «Баён-ул-ҳақ» дар ҳикмат аст, ки аз ҷумлаи китобҳои дарсӣ дар ин ришта будааст. Дигар, Абулфатҳ Умар ибни Иброҳими Хайёмии Нишопурӣ – файласуфу риёзидон ва шоири маъруф аст, ки дар масоили фалсафӣ чанд китоб ва рисола аз ӯ боқӣ мондааст ва ӯ «Хутбат-ул-ғарроъ»-и Абуалӣ Синоро ба форсӣ тарҷума кард, ки ба андешаи соҳибназарон, аз осори хуби фалсафӣ ба забони форсӣ ба шумор меравад.

Файласуфи бисёр маъруфи дигари ин аҳд Шаҳобиддини Суҳравардӣ аст, ки соли 1154м. дар Суҳравард таваллуд шуда, дар соли 1191м. дар Ҳалаб ба фармони Салоҳиддини Аюбӣ кушта шудааст. Вай дар қатори бузургтарин файласуфон таълифоти судманде дар баёни шеваи худ ба арабӣ ва форсӣ дорад. Муҳимтарин асари ин файласуф китоби «Ҳикмат-ул-ишроқ» дар фалсафаи ишроқӣ буда, чанд китоби дигар ба забони арабӣ дар бобҳои мухталифи ҳикмат таълиф кардааст. Дар баробари ин, чандин рисола ба забони форсӣ ва ба насри шево фарогири баёноти фалсафӣ ба тариқи рамзу ишора навиштааст, монанди «Рисолат-ул-ишқ», «Луғати Мӯрон», «Овози пари Ҷабраил», «Сафири Симурғ», «Фӣ-ҳолат-ут-туфулияти», «Рӯзе бо ҷамоати сӯфиён», «Рисолаи ақли сурх». Шеваи нигориши Шаҳобиддин дар ҳамаи ин рисолаҳо бисёр содаву равон аст. Аз миёни таълифоти Шайхи Ишроқ муҳаққиқон таълифоти маъруфашро дар ҳикмат «Ҳикмат-ул-ишроқ», «Китоби талвеҳот», «Китоби муқовимот» ва «Китоб-ул-машореъ ва-л-муториҳот» мешуморанд [213, с. 35].

Файласуфи дигар, ки дар охири ин аҳд мезистааст, Имом Фахриддини Розӣ (ваф. 1209м.) мебошад, ки ба «Ибни Хатиб» низ шуҳрат дорад. Китобҳояш дар илми калом ва дар ҳикмат мухталиф буда, аз муҳимтарин осораш дар фалсафа «Шарҳ-ул-ишорот», «Ал-Мулаххас» (дар мантиқу фалсафа), «Мабоҳис-ул-машриқия», «Ал-ниҳоя», «Рисолаи руҳия» аст. Шеваи Имом Фахр дар мантиқу

фалсафа он гуна будааст, ки ақоиду назарияҳои ҳакимони пешинро ба маҳаки таҳқиқ озмуда, нахуст дар сиҳати онҳо шак мекунад ва агар бо далоили мантиқӣ тавонист шакро бартараф намояд, онҳоро мепазирад, вагарна шубҳаи худро барои таҳқиқи ояндагон боқӣ бигузорад. Аз миёни осори Имом Фахр китоби «Ҷомеъ-ул-улум» ё «Ситтинӣ», ки дар шаст илм ба забони порсӣ нигориш ёфта, аз ҷумлаи таълифоти машҳур мебошад [213, с. 37-38].

Дар давраи мавриди назар баробари ташаккулу инкишофи тамаддуни исломӣ илмҳои кимиё, чуғрофия, тиб, нуҷум, таърихшиносӣ, фалсафа, улуми адабӣ ва дигар донишҳо инкишоф меёбанд. Аслан тадриси улуми ақлӣ, аз қабили ҳисобу тиб ва нуҷум, ки дар мадрасаҳо мамнуъ буд, ин қабил илмҳо бештар дар ҳавзаҳои хусусӣ ва бемористону расадхонаҳо таълим дода мешуданд. Риёзидонҳо ва мунаҷҷимони ин аҳд дар дастгоҳи амирон ва риҷол дорои мартаба ва мақоми шоистае буданд, чунки дар дарбору девонҳои салотин ба онҳо эҳтиёҷ доштанд. Риёзидонон ва мунаҷҷимони машҳури ин давр Умари Хайёми Нишопурӣ ва Абдурраҳмони Хозинӣ дар дарбори Маликшоҳи Салҷуқӣ ба корҳои бузурги илмӣ-таҳқиқотӣ машғул буданд ва ба бузургтарин кашфиёти асримиёнагӣ ноил шудаанд. Маликшоҳи Салҷуқӣ соли (467 ҳ.) 1074 расадхонае дар Исфаҳон таъсис кард, ки Умари Хайём ва гурӯҳе аз ситорашиносон он ҷо муддати 8 сол ҳаракоти ҷисмҳои осмониро ба диққат зери назар доштанд. Барои муҳосиби тӯли сол Умари Хайём ва гурӯҳаш ҳар шаб ҳаракати сайёраҳо ва моҳияти ситораҳоро баррасӣ мекарданд. Дар тӯли солҳо ситорашиносон масири ҳаракати Офтобро мушоҳида карданд ва замони ҳаракати онро аз як сурати фалакӣ ба сурати дигар муҳосила карданд. Ба ин тартиб, дувоздаҳ моҳи сол шакл гирифт. Бо ин мушоҳидаҳои дақиқ ва таҳлили риёзии онҳо Хайём тавонист, замони дақиқи такмили ҳаракати Офтоб бар мадори куравиро муҳосила кунад. Ба ин тартиб, Наврӯз байни ду бурҷ – ҳут ва ҳамал 29 қарор мегирад. «Тақвими Ҷалолӣ», ки ба номи Ҷалолиддин Маликшоҳи Салҷуқӣ номгузорӣ шудааст, яке аз дақиқтарин тақвимҳо дар ҷаҳон мебошад, ки кашфиёти Хайём ба шумор меравад. Умари Хайём дар илми риёзӣ рисолаи маъруфи «Ҷабру муқобала»-ро таълиф ва дар он масъалаҳои ҷабриро ҳал кардааст. Абдурраҳмони Хозинӣ,

соҳиби китоби «Зич-ус-санҷарӣ» дар пешрафти илми риёзӣ низ саҳми арзандае гузоштааст [214, с. 74].

Аз риёзидонони бузурги дигари ин аҳд Қаттони Марвазӣ (ваф. 548ҳ./1153м.) аст. Вай муаллифи китобе ба забони форсист дар илми ҳайат мавсум ба «Кайҳоншинохт», ки аз кутуби муътабар дар ин фан аст. Қаттон дар улуми дигар ва оз он ҷумла, дар тиб низ устод буд [214, с. 75].

Риёзидони бузурги дигаре, ки дар ин давра зиндагӣ ва эҷод кардааст, Масъудии Ғазнавӣ мебошад. Ӯ китобҳои «Кифоят-ут-таълим» (1147м.) ва «Ҷаҳони дониш»-ро ба забони форсӣ тадвин кардааст. Таълифоти дигар аз Абуҳотам Музаффар ибни Исмоил Исфихорӣ (ваф. 1120) риёзидон ва донишманди бузурги охири асри XI ва оғози асри XII ба номи «Рисолат-уш-шабакатун» ба забони форсӣ мебошад [213, с. 38].

Дар илми тиб аз миёни чандин пизишкони номбардори ин аҳд бузургтаринашон Саид Исмоили Ҷурҷонӣ мебошад, ки соли 1039 дар Ҷурҷон таваллуд шуда, соли 1136 дар Марв фавтидааст. Аҳаммияти таълифоти ӯро дар рушди илми тиб аз ду ҷиҳат донистаанд: якум ӯ баъд аз Ибни Сино нахустин касест, ки дар осори худ мабоҳиси илми тибро, чунонки қудамо меандешидаанд, бо таҳқиқоту мутолиоти ҷадид мавриди мутолиа қарор дод; дуюм, муҳимтарин осори тиббиро дар забони форсӣ таълиф намуд ва ҷамеи мабоҳиси марбут ба илми пизишкиро дар он китоб мавриди баҳсу таҳқиқ қарор дода, бисёре аз истилоҳоти форсиро дар ин илм, ки то он аҳд вуҷуд дошт, дар кутуби хеш ҷамъ кардааст. Китоби «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и ӯ муфассалтарин ва ҷомеътарин китоби тиб ба забони форсист. Аз китобҳои дигари Саид Исмоил «Хуфии алоӣ» дар ду муҷаллад, «Ал-Ағроз ут-табиятун», «Мухаллас аз захира» ва «Ёдгор» беҳтарин кутуби тиб ба забони форсӣ ҳастанд [213, с. 39].

Дар давраи мавриди назар таърихнигорӣ бо таҳрик ва дастгирии Салҷуқиён инкишоф ёфт. Асарҳои зиёди таърихӣ доир ба футуҳоти Салҷуқиён навишта шуданд. Ба таври намуна метавон аз «Салҷуқнома»-и Заҳириддини Нишопурӣ ёд кард, ки воқеаҳои замони Салҷуқиёнро дар асоси мушоҳидаи бевоситаи худаш ба қалам додааст. Хоҷа Имом Заҳириддини Нишопурӣ (ваф. 1187) китоби

«Салҷуқнома»-ро андаке пеш аз инқирози силсилаи Салҷуқиён навиштааст ва ин китоб аз маъхазҳои аслии таърихнигории форсӣ дар заминаи таърихи Салҷуқиён ва ба унвони қадимтарин манбаи форсии навишташуда дар бораи ҳукумати Салҷуқиён мебошад. Асари мазкур дар 14 фасл навишта шудааст. Пас аз оғоз ва баррасии Оли Салҷуқ ба шарҳи аҳволи шоҳони ин силсила аз султон Изаддуддавла Абӯшуҷоъ Алп Арслон то Абутолиби Туғрал пардохтааст. Маликшоҳ ибни Алп Арслон, Абулмузаффар Барқиёруқ ибни Маликшоҳ, Абушуҷоъ Муҳаммад ибни Маликшоҳ, Абуҳорис Санҷар ибни Маликшоҳ, Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ, Абулфатҳ Масъуд ибни Муҳаммад, Маликшоҳ ибни Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ, Абушуҷоъ Муҳаммад ибни Маҳмуд ва Абуҳорис Сулаймон ибни Муҳаммад ва Арслон ибни Туғрал ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ аз қабили шоҳони силсилаи Салҷуқиён мебошанд, ки Заҳириддин Нишопурӣ дар китоби худ шарҳи аҳволи онҳоро овардааст [43, 23-84]. Аз ин рӯ, ин асарро бояд аз муҳимтарин манобеи ривоии форсӣ барои ошноӣ бо таърихи Салҷуқиён донист.

Асари дигари таърихнигорӣ дар ин замон китоби «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас» мебошад. Ин асар воқеаҳои то соли 1126-ро дар бар мегирад ва муаллиф дар он илова ба таърих гоҳ ба ҷуғрофияи шаҳрҳо ҳам пардохтааст. Ҳамзамон, илова бар ин ду мавзуъ дар бахшҳои мухталифи китоб ҳикоёт ва афсонаҳои таърихӣ ва маҳаллӣ дар ин аср оварда шудааст ва маълум мешавад, ки муаллиф ба ҷамъоварии достонҳои омиёна ва афсонаҳое, ки марбут ба ашхосу маконҳо ва осори таърихист, шавқу ҳавас доштааст ва гӯё ба ҳамин ҷиҳат номи китобро «Муҷмал-ут-таворих вал қисас» ниҳодааст. Ин китоб бино ба тасреҳи мукаррари муаллиф дар соли 1126 аҳди Султон Санҷар, султон Маҳмуди Маликшоҳ ва Баҳроми Ғазнавӣ навишта шудааст [38].

Абулҳасани Алӣ ибни Абулқосим Зайд ибни Муҳаммад Байҳақӣ маъруф ба Ибни Фундуқ аз донишмандону ҳакимон ва нависандагони бузурги қарни XII буд. Китоби машҳуртарини Байҳақӣ ба номи «Таърихи Байҳақ» китобест дар зикри авзои ҷуғрофиёӣ ва таърихӣ ва ансобу риҷолу хонадонҳои маъруфи ноҳияи Байҳақи Хуросон, ки дар соли 1168 ба итмом расидааст. Ин китоб аз ҷумлаи

маъхазҳои бисёр муҳими таърихии қарни шашум ва дар ҳамон ҳол аз осори хуби насри форсӣ аст [6].

Дар қатори осори таърихӣ метавон аз «Ағроз-ус-сиёсат фӣ аъроз-ир-риёсат» -и Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан Заҳирии Самарқандӣ, дабир ва адиби асри XII форс-тоҷик ном бурд. Муаллиф ин китоби худро, ки асари таърихшиносӣ дар боби сиёсат ва усули давлатдорӣ мебошад, аз гуфтори шоҳони асотирӣ - Ҷамшед то шоҳони асри XII Санҷар ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ паҳлавонон, донишмандони эронию араб, юнонӣ ва ғайра фароҳам овардааст. Заҳирии Самарқандӣ дар ин китоб ҳангоми шарҳу тавзеҳи гуфтаҳои гузаштагон аз баъзе воқеаҳои замони худ ёдовар шудааст [58], ки аҳаммияти таърихӣ доранд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» аз «Таърихи оли Салҷуқ»-и Абутоҳири Хотунӣ ёд мекунад [57, с. 64], вале ин асар то ба замони мо нарасидааст.

Дар давраи омӯзиши мо анвои гуногуни илмҳои адабӣ ё забонӣ низ инкишоф ёфтанд ва сабаби асосии рушди онҳо дар он буд, ки он замон дар тамоми мадрасаҳо дар баробари илмҳои шаръӣ улуми адабӣ низ таълим дода мешуд. Дар таълими донишҳои адабӣ, аз ҷумла ду китоби Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ (ваф.1081) дар балоғат: «Асрор-ул-балоға» ва «Далоил-ул-эъҷоз» бештар мавриди истифода қарор мегирифтанд.

Абулқосим Маҳмуд Ҷоруллоҳи Замахшарӣ, шоир ва донишманди бузурги ин давра низ дар баробари асарҳои муътабари худ, аз қабили «Ал-Кашшоф» (дар тафсири Қуръон), «Муқаддимат-ул-адаб» (луғати арабӣ-форсӣ), «Муфассал-ан-муваззаҷ» (наҳви забони арабӣ) ва дигар осори илмӣ оид ба шохаҳои гуногуни илми забон, дар улуми адабӣ низ китобе бо унвони «Асос-ул-балоғат» таълиф намудааст.

Аз ҷумлаи сабабҳои асосии пешрафти улуми забонӣ он буд, ки дар ин давра анъанаи аз замони хулафои рошидин то ба вақти Султон Маҳмуди Ғазнавӣ роиҷ, ки тибқи он қонуну дафотиру амсила ва маноширро дар даргоҳи салотин ба арабӣ менавиштаанд, бартараф гардид ва ба форсӣ амсила навиштан дар он замон расм

шуд. Дар замони вазорати Умедулмулк ва Абунасри Кандарӣ ин қоидаро бартараф сохтанд ва аҳкому амсила аз давовини салотин ба форсӣ навиштанд [57, с. 30]. Ҳамин тавр, доираи истифодаву истеъмоли забону адабиёти тоҷикӣ густариш пайдо кард.

Дар ин аҳд, донишмандон ба таълифоти асарҳои илмӣ оид ба улуми адабӣ ба забони форсӣ шуруъ намуданд. Аз ин миён метавон аз адабиётшиноси машҳур Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ (охири асри XI) ном бурд, ки китоби ӯ «Тарҷумон-ул-балоға» бо фарогирии мавзуоти маонӣ, баён ва бадеъ яке аз китобҳои судманде мебошад, ки дар адабиётшиносии форс-тоҷик шуҳрати тамом дорад. Асари мазкур дар даврaҳои баъдӣ барои падид омадани асарҳои муҳим дар улуми адабии форсӣ мусоидат намудааст. Зуҳури «Тарҷумон-ул-балоға» худ нишони пешрафту инкишофи назму насри бадеӣ ба забони форсӣ дар аҳди мавриди мутолиа мебошад. Аз ҷумлаи пешвоёни калом ва адибони бузурги замон Рашидаддини Ватвот (1081-1178) асари машҳуре дорад бо унвони «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» дар мавриди шарҳу тафсири анвои адабӣ ва санъатҳои бадеӣ, ки дар пайравии асари Родуёнӣ таълиф шудааст.

«Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар баробари муаррифии намунаи каломи балеғи мансури ин қарн, оид ба шинохт ва дарки шеър ва зарурати донистани илмҳои гуногун аз аҳаммияти бузург бархурдор аст.

Ҳамин тавр, новобаста аз вазъи сиёсию иҷтимоии начандон мувофиқ илму адаб дар замони зиндагии Амир Муиззӣ дар ҳолати рушд қарор дошт ва таълифоти қобили мулоҳизае дар соҳаҳои мухталифи илму адаб рӯйи кор омаданд. Донишмандони тавоное, ба монанди Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, Абубакр Аҳмади Байҳақӣ, Абулфатҳ Муҳаммади Шаҳристонӣ, Имом Фахри Розӣ, Абулқосим Муҳаммади Замахшарӣ, Абулфатҳ Умар Хайёми Нишопурӣ, Шаҳобуддини Суҳравардӣ, Саид Исмоили Ҷурҷонӣ, Заҳириддини Нишопурӣ, Абулҳасани Байҳақӣ маъруф ба Ибни Фундуқ, Заҳирии Самарқандӣ, Абутоҳири Хотунӣ, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, Рашидаддини Ватвот ва дигарон ба камол расиданд.

1.3. Муҳити адабӣ дар замони Салҷуқиён

Замони ҳукмронии сулолаи Салҷуқиён яке аз марҳалаҳои муҳимми рушду нумӯи адабиёт ба забони тоҷикӣ (форсӣ-дарӣ) ба шумор меравад. Амирони Салҷуқӣ дар ҳудуди қаламрави зери итоати хеш ҷиҳати пешрафти ҳамаҷонибаи забон ва адабиёти тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам оварда буданд. Аксарияти онҳо аз забони форсӣ, ки он замон забони давлатии коргузорӣ буд, огоҳии комил доштанд. Сиёсати густардаи фарҳангӣ, ки ҳокимони давлати Салҷуқиён дар он замон роҳандозӣ мекарданд, ҷиҳати ба майдони илму адабиёт ворид гаштани як қатор олимон, нависандагон ва шоирони бузург шароити мусоид фароҳам овард. Дарвоқеъ, давраи Салоҷиқаро метавон аз даврони бисёр дурахшони рушди забон ва адаби форсӣ ба шумор овард. Дар ин давра фарҳангу адаби форсии тоҷикӣ ба авҷи тараққӣ ва пешрафти худ расид. Таваҷҷуҳ ва иноятe, ки хонадони Оли Салҷуқ дар ҳаққи шуарову нависандагон ва муаррихину фузало доштанд, сабаб гардид, ки осори мансуру манзуми фаровоне аз ин давра боқӣ бимонад. Дар асри Салоҷиқа забону адаб ва фарҳанги форсӣ пешрафту тавсеаи хоссе ёфт. Хонадони ин силсила ва ҳукуматҳои кӯчаки дигар дар дарборҳои худ шуаро ва нависандагони бузургро ба тарбият фаро гирифтанд ва ба ташвиқу тарғиби онон дар баробари Эрон дар Ироқ ва Озарбойҷон гӯяндагони бузурге ба зуҳур расиданд ва дар ривоҷу густариши қаламрави забону фарҳанги форсӣ афзуданд. Дар даврони салтанати Салҷуқиён забон ва адаби форсӣ ҳудуди ниҳоят бузургеро фаро мегирифт. Ба қавли муаллифи «Салоҷиқа ва густариши адаби форсӣ», дар асри мазкур забон ва адаби форсӣ пешрафт ва тавсеаи хоссе ёфтааст. Чунонки мегӯяд: «Хонадони ин силсила ва ҳукуматҳои кӯчаки дигар дар дарбори худ шуаро ва нависандагони бузург тарбият мекарданд ва ба ташвиқу тарғиби онон дар Ироқу Озарбойҷон гӯяндагони бузурге ба зуҳур расиданд ва дар ривоҷу густариши қаламрави забон ва фарҳанги форсӣ афзуданд» [130, с. 662].

Дар баробари ин, сулолаи Салоҷиқа дар таъсис ва эҷоди истиқлол ва шиносонидани фарҳанги асили ин марзу бум фаъолиятҳо ва густаришҳои мустамар ва фаровон карданд. Ба таври куллӣ давраи Салҷуқиён аз ҷиҳати

теъдоди гӯяндагон ва сарояндагон аз дурахшонтарин адвори таърихӣ ва адабии Эрон ба шумор меравад. Салоҷиқа забони форсиро забони расмии дарборӣ қарор доданд. Аксари муҳаққиқон яке аз омилҳои асосии рушди адабиёти форсиро дар ин давра завқу дилбохтагӣ ва алоқаи бисёре аз афроди ин хонадон ба шеъри форсӣ медонанд.

Ба ишораи Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола», «Оли Салҷуқ ҳама шеърдӯст буданд, аммо ҳеҷ кас шеърдӯсттар аз Туғоншоҳ ибни Алп Арслон набуд ва муҳоварату муошарати ӯ ҳама бо шуаро буд ва надимони ӯ ҳама шуаро буданд чун Амир Абуабдуллоҳи Қурашӣ ва Абубакри Азрақӣ ва Абумансури Боюсуф ва Шуҷоии Насавӣ ва Аҳмад Бадеҳиву Ҳақиқию Насимӣ ва инҳо мураттиби хидмат буданд ва ояндаву раванда бисёр буданд, ҳама аз ӯ марзуқ ва маҳзуз» [60, с. 69].

Ба қавли А. Насриддин яке аз қадимтарин достонҳои марбут ба достони Юсуф ва Зулайхо ба Туғоншоҳи Салҷуқӣ бахшида шудааст, ки баъзе донишмандон барғалат онро ба Фирдавсӣ нисбат додаанд [185, с. 312].

Хусусан, дар давраи ҳукумати Маликшоҳи Салҷуқӣ давлати Оли Салҷуқ ба авҷи қудрату тараққӣ ва таолии фарҳангию адабии худ расид [130, с. 659]. Маликшоҳи Салҷуқӣ ҳам ашъори форсӣ ҳифз дошт ва ҳам худ ба форсӣ шеър мегуфт. Дар ин бора Муҳаммад Авфӣ чунин ишора менамояд: «Ва аз шайхулислом Закиҳоллоҳ ва-д-дин Сафватуззуҳҳод Қудватулъибод ибни Аҳмад ал - Лавҳурӣ адомал-л-лоҳу баракоту айёмуҳу шунидам, ки он подшоҳи бузургворро (манзур Маликшоҳ аст – Ҳ.Ф.) табъи шеър будааст ва гоҳ-гоҳ абёти обдор мегуфтааст» [2, с. 34].

Дар хусуси шеършиносии Султон Санҷар низ муҳаққиқон ишораҳо кардаанд. Аз ҷумла, Давлатшоҳи Самарқандӣ бо такя ба қавли Абутоҳири Хотунӣ дар «Таърихи оли Салҷуқ» меорад, ки чун Моҳмалик-хотун духтари Султон Санҷар даргузашт, ки дар ҳиболаи султон Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ буд, Султон Санҷар бисёр аз вафоти ӯ тангдилу малул шуд ва Амъақро аз Бухоро талаб кард, то марсияи Хотун бигӯяд. Амъақ пиру оҷизу

нобино буд. Аз қасидаи мутаввал истеъфо хост ва ин абёт бигуфт ва ин воқеа дар фасли баҳор буд.

Ҳангоми он ки гул дамад аз саҳни бӯстон
Рафт он гули шукуфтаву дар хок шуд ниҳон.
Ҳангоми он ки шохи шаҷар нам кашад зи абр
Бе об монд наргиси он тоза бӯстон [57, с. 65].

Дар ҷойи дигар Давлатшоҳ ишора менамояд, ки Султон Санҷар шуароро фармуд, ки баъд аз марги ман ба чӣ навъ марсия хоҳед гуфт ва ҳоло дар зиндагии ман бигӯед, то маълуми ман шавад, ки кадом беҳтар гуфтаед ва силаи шумо дар замони ҳаёт бидиҳам. Шояд, ки баъд аз ман ба дилхоҳи худ сила наёбед. Ва шуаро бисёр гуфта оварданд, аммо яке ин қитъаро гуфту назди султон хонд ва мустаҳсан афтода ва он қитъа ин аст:

Ман нагӯям, ки шоҳ Санҷар мурд,
Шоҳи одил ба даҳр кай мирад?
Оламеро чу сар ба сар бигрифт,
Рафт то оламе дигар гирад [57, с. 352].

Аз қавли Абдулҳусайни Зарринкӯб низ ба хубӣ пайдост, ки Санҷар ба шеъру адаби форсӣ робитаи бештаре доштааст: «Гузашта аз силоту ҷавоизи бисёр, ки бад-онҳо ато мекард, ғолибан, онҳоро ба мунодимату маҷолисати хеш тахсис медод ва ё ба амалҳо ва маъмуриятҳо мефиристод» [143, с. 281].

Мувофиқи иттилои сарчашмаҳо дар давраи мавриди пажӯҳиш адабиёти форсии тоҷикӣ, махсусан, дар Хуросон бештар рушду нумӯ кард ва ин боис гардид, ки дар шаҳрҳои азим, ба монанди Нишопур, Ҳирот, Марв, Балх ва амсоли он марказҳои бузурги адабӣ ба миён оянд. Дар ин марказҳо, пеш аз ҳама, пешрафти бемайлони адабиёти дарборӣ, ки ҳамаи намояндагони давлати Салҷуқиён нисбат ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ҳамзамон, онро на танҳо ба ҳайси таблиғгари сиёсати ғосибона, балки ҳамчун такягоҳ барои қаноатмандии рӯҳию равонии хеш истифода мебурданд, бештар ба назар мерасад. Ба қавли Шиблии Нуъмонӣ «Салҷуқиён Нишопурро пойтахти худ қарор доданд ва бар асари ин шеъру адаб дар як муҳите интишор пайдо кард, ки забони

аслии онҳо форсӣ будааст. Ва, лизо, дида мешавад, ки забони шуарои он давра бағоят малеҳу ширину дилрабо ва мамлу аз мусталаҳот аст» [189, с. 162].

Рушди адабиёти дарборӣ дар яке аз марказҳои адабии давлати Салҷуқиён – шаҳри Марв бештар назаррас буд. Муаллифи тазкираи «Лубоб-ул-албоб» роҷеъ ба як саду шаш шоири аҳди Салҷуқиён маълумот дода, шуарои қаламрави паҳновари Салҷуқиёнро ба чор ҳавзаи адабӣ тақсим намудааст: а) Хуросон, б) Ироқу Моварои Қафқоз, в) Мовароуннаҳр, г) Ғазнин ва ғарби Ҳиндустон. Инчунин, Авфӣ то давраи ба фаъолияти адабӣ шуруъ намудани Амир Муиззӣ миқдори шоирони Хуросонро бисту ду адад муайян кардааст: ҳафт дар Мовароуннаҳр, даҳ дар Ироқ, сездаҳ дар Ғазна. Баъд аз марги Муиззӣ миқдори шоирон дар Хуросон бисту се, дар Мовароуннаҳр шонздаҳ, дар Ироқ шаш ва дар Ғазнин нуҳ нафар таъйин шудааст [3, с. 68-174].

Аз ин маълумоти оморӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки дар замони Салҷуқиён аксарияти шуаро дар ҳавзаи адабии Хуросон ҷамъ омадаанд ва аз марказҳои адабии мавҷуда ҳавзаи адабии Хуросон муқтадиртар будааст. Дар худи Хуросон якчанд доираҳои адабӣ фаъолият доштанд. Чунончи, марокизи адабии Нишопур, Ҳирот, Марв, Балх ва ғайра.

Ба ишораи Низомии Арӯзӣ аз нақли Амир Муиззӣ, «Хоҷаи бузург Низомиддин, раҳимаҳу-л-лоҳ, дар ҳаққи шеър эътиқоде надоштӣ, аз он ки дар маърифати ӯ даст надошт. Ва аз аимма ва мутасаввифа ба ҳеҷ кас намепардохт» [60, с. 65]. Дар ин хусус Ян Рипка низ ишора менамояд, ки «дар дарбори шоҳони бузурги Салҷуқӣ шоирони мадеҳасаро кам набуданд, аммо агар нафрат аз ин гуна шеърсароӣ ва хиссати вазири неруманди даврони Салҷуқӣ, яъне Низомулмулк (ваф. 1092) набуд, шумори ин даста аз шоирон фузунӣ меёфт. Ин шахсияти давлатии неруманд ҳавохоҳи пешрафти дониш буд. Ӯ шоирони маддоҳро муфтхӯр мешумурд. Бо ин ҳама аз афзоиши шумори мадеҳасароён дар садаи XII милодӣ метавон қазоват кард, ки дар он ҳангом гироиши шоирон ба ситоишгарӣ, заминаи мусоид доштааст. Авҷгирии ин гироиш дар замони Султон Санҷар комилан маҳсус аст» [207, с. 284].

Ба иттилои Шиблӣ, «асри Маликшоҳ ва Санҷар, ки салтанати Салҷуқӣ ба авҷи иртифоъ расида буд, дар ҳақиқат асри тиллоии шеъру адаби форсӣ шумурда мешавад. Феҳристи асомии шуарои Салҷуқӣ муфассалу тӯлонист ва мо ба муносибати мақом иддаеро зайлан менигорем: Амир Муиззӣ, Азрақӣ, Ломеӣ, Фахриддин Асад, Шаҳоби Хуросонӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Анварӣ, Ҳасани Ғазнавӣ, Разиюддини Нишопурӣ, Адиб Собир, Алии Бохарзӣ, Марвазӣ, Фарқадӣ, Қофии Ҳамадонӣ, Низомии Арӯзӣ, Низомии Ганҷавӣ, Шамсиддин Хуросонӣ, Сӯзанӣ, Абулмаолӣ ва асомии зиёди дигаре…» [189, с. 162]. Навозишу қадрдонӣ ва силоти гаронмояи Султон Санҷар дарбори маҳмудиро мемонд. Як идда шуарои номӣ ҷузви шуарои дарбор таъин ва Амир Муиззӣ ба рутбаи малик-уш-шуароӣ мансуб гардид [189, с. 163].

Яке аз махсусиятҳои асосии адабиёти форсии асрҳои XI-XII вусъати тоза пайдо кардани ҷуғрофиёи интишори он мебошад. Агар дар аҳди Сомониён марказҳои адабӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон қарор гирифта бошанд, шуруъ аз оғози асри XI ҳамвора бо тасарруфи Ҳинд аз ҷониби Ғазнавиён нимҷазираи Ҳинду Покистон ба қаламрави забону адабиёти форсӣ ворид шуд. Дар давраи дувуми Ғазнавиён Лоҳур пойтахти ин давлат баргузида шуд ва боиси ҷамъ омадани неруҳои илмию адабӣ гардид. Доираи адабии Лоҳур аз ҷумлаи марказҳои бонуфузи забон ва адаби форсӣ маҳсуб меёбад.

Адабиёти форсӣ дар минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Эрон то Баҳри Миёназамин ва соҳилҳои рӯди Даҷла густариш ёфт. Яке аз ҳавзаҳои муҳими густариши забону адаби форсӣ дар ин давра Озарбойҷон ва манотиқи Қафқоз мебошад, ки баъдан заминаи интишори ин адабиёти ҷаҳониро ба Осиёи Сағир (Туркия) ва Аврупои Шарқӣ фароҳам сохт. Дар вилоятҳои шарқии шимолии Осиёи Марказӣ низ доман паҳн кардани забону адаби форсӣ аз вижагиҳои адабиёти ин давр мебошад. Дар ин минтақа то вилояти Кошғари Чин вусъат ва интишор пайдо кардани ҷуғрофияи интишори забону адаби форсӣ мушоҳида мегардад. Ҳамин тавр, асрҳои XI-XII аз лиҳози интишори забону адаби форсӣ ва фарогирии манотиқи гуногун қобили мулоҳиза аст ва аз шукӯҳу ҷалолат ва истиқболу нуфузи адабиёту фарҳанг гувоҳӣ медиҳад. Ин ҳама шукуфоӣ дар он

фазои иҷтимоӣ рух дод, ки дар садри ҳамаи хонадонҳои ҳукмрон туркони Салҷуқӣ, Ғазнавӣ, Қарохонӣ, Хоразмшоҳӣ қарор доштанд. Агарчи бо фурӯпошии давлати Сомониён истиқлоли сиёсию давлатӣ ва давлатдории мардуми эронинажод аз саҳнаи таърих хориҷ шуд, аммо бартарияти комили забону адабиёт ва фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ боқӣ монда, дар асрҳои баъдина тақвияти бештар пайдо кард.

Баъди шикасти амирони Ғазнавӣ аз ҷониби Салҷуқиён Ғазнин тадриҷан эътибори худро аз даст дод ва пойтахти дигари ин давлат – Лоҳур ба сифати маркази сиёсӣ ва адабии фарҳангии Ғазнавиён истиқлоли бештар ба даст овард. Лоҳур ба мисли Ғазнин аз лиҳози теъдоди зиёди шоирону донишмандон шуҳрат надошта бошад ҳам, хидмати ин доираи адабӣ дар густариши забону адаби форсӣ дар Ҳиндустон хеле чашмрас аст. Осори арзишманди Масъуди Саъди Салмон, Абулфараҷи Рунӣ, Ато ибни Яъқуб аз ривоҷу интишори анвои шеъри форсӣ дар ин минтақа дарак медиҳанд. Ашъори Масъуди Саъди Салмон ва Абулфараҷи Рунӣ дар пояи беҳтарин шуарои ин аср қарор доранд. Ато ибни Яъқуб дар истиқболи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маснавиҳои «Барзунома» ва «Бежаннома»-ро ба риштаи назм кашид. Усмон Мухторӣ, ки дар Лоҳур аз ҷумлаи шоирони дарбор буд, маснавии «Шаҳрёрнома»- ро ба номи Алоуддавла Масъуд ибни Иброҳими Ғазнавӣ ба назм овард. Ин маснавӣ аз ҷумлаи асарҳои муҳимми ҳамосии аҳди Ғазнавиён ба шумор меравад. Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Абулмаолии Насруллоҳ, Ҳуҷвирии Ҷуллобӣ ва шоирону насрнависони дигар бо ин доираи адабӣ иртиботу ҳамкорӣ доштанд. Нуфузи забону адабиёти форсӣ дар доираи адабии Лоҳур ва ба таври умум дар Ҳиндустон боис гардид, ки як силсила луғоти ҳиндӣ ба забони форсӣ роҳ ёбанд.

Шаҳри Исфаҳон, ки дар давраи ҳукумати Оли Бӯя ва Оли Зиёр аз шукуфоӣ ва рушду тараққии чашмгир бархурдор гардида буд, дар солҳои 40-уми асри XI баъди муҳосираи дурудароз аз ҷониби султон Туғралбеки Салҷуқӣ зери тасарруфи эшон қарор гирифт. Салҷуқиён, ки бузургтарин сулолаи ин аҳдро созмон доданд, Исфаҳонро тахтгоҳи худ интихоб карданд ва дастгоҳи давлатии худро аз Марв ба Исфаҳон интиқол доданд. Дар давраи Маликшоҳи Салҷуқӣ

(1072-1092) ва вазири ӯ – Низомулмулки Тӯсӣ Исфаҳон ба баландтарин қуллаҳои шуҳрати худ расид. Дар дарбори султон Маликшоҳ шоирони бисёр ҷамъ омаданд, ки Амир Муиззӣ, амирушшуарои дарбори Салҷуқӣ аз ҷумлаи шуарои бузурги ин аҳд буд. Исфаҳон маркази ба ҳам омадани адибон ва донишмандон қарор гирифт, ки дар ин боб Низомулмулк хидмати шоиста ба анҷом расонид. Вай китоби «Сиёсатнома»-ро дар ҳамин давра таълиф намудааст [130, с. 660].

Дар ин давра аз худи Исфаҳон ва музофоти он чандин нафар шоирони соҳибном бархостанд, ки дар таърихи адабиёти форсӣ ҷойгоҳи хосса доранд. Ҷамолуддини Исфаҳонӣ, Камолуддини Исфаҳонӣ, Шарафуддини Шафарва, Рафеуддини Ланбонӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ҳамзамон, теъдоде аз шоирони номдор, чун Адиб Собири Тирмизӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Заҳирии Форёбӣ, Ҷавҳарии Заргар, Асируддини Уммонӣ, Муҷируддини Байлақонӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Имодии Шаҳрёрӣ, ки зода ва парвардаи марказҳои адабии дигар ҳастанд, муддате дар Исфаҳон зиста, бо шуарову умарои Исфаҳон робита ва ҳамкорӣ доштанд [185, с. 338].

Дар миёнаҳои асри XI аморатҳои хурди Озарбойҷон ва Аррон ба зери тасарруфи сулолаи Салҷуқӣ қарор гирифтанд. Дар натиҷа дар Ироқ ва Озарбойҷон низ марказҳои муҳимми адабӣ ташкил ёфт ва вуҷуди ҳамин марказҳои ҷадид худ василаи зуҳури шоирону нависандагони тозае шуд» [279, с. 64].

Дар баробари ҳавзаи илмию адабии Хуросон намояндагони ҳавзаи адабии Озарбойҷон низ дар пешрафти илму адаб ва шеъру шоирӣ саҳмгузор буданд. Шеваи баёни шоирони доираи адабии Озарбойҷон аз сабки шоирони дигар доираҳои адабӣ тафовут дошт, зеро то зуҳури онон шеъри форсӣ марҳалаҳоеро тай карда буду ба сабкҳои наве омезиш ёфта буд. Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон» овардааст, ки «зуҳури ин шоирон мақорин буд ба аҳди зуҳури шоироне дар Ироқ, ки сабки онон бо сабки шоирони Хуросон мутафовит буд ва аз ҳайси лафзу маънӣ дар тариқае дигар сайр мекард» [212, с. 342]. Бо ишораи Фурӯзонфар низ «бо вусъати мамлакати Салҷуқӣ адаб маркази

дигар пайдо кард ва билнатиҷа, сабкҳои тоза ба зуҳур пайваст ва удабои дигар аз онҳо тақлид мекарданд» [252, с. 290].

Аввалин суханвари номии адабиёти форсӣ дар Озарбойҷон Қатрони Табрезист, ки дар дарбори амири Шаддодӣ – Абулҳасан Алии Лашкарӣ хидмат мекард ва аз шоирони тавоно ва дорои шеъри қавию мустаҳсан буд.

Аз нимаи дувуми асри XI нуфузи бештари адабиёти форсӣ дар ин ҷо ба мушоҳида мерасад. Бештар шаҳрҳои Табрез, Шарвон, Ганҷа ба марокизи бонуфузи забон ва адаби форсӣ табдил ёфтанд. Ба шоирони номвари ҳавзаи адабии Озарбойҷон Фалакии Шарвонӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Низомии Ганҷавӣ дохил мешаванд. Махсусан, шоирони соҳибмактаб Хоқонӣ ва Низомӣ бо осори гаронмояи худ дар радифи суханварони аввали адабиёти форсӣ мақому манзалат пайдо карданд. Хоқонӣ дар фанни қасида ва Низомӣ дар назми достонҳои ишқию ахлоқӣ дар сафи аввал қарор доранд. Ғайр аз ин, шоирони номвари дигар ҳамчун Қавомии Ганҷавӣ, Муҷируддини Байлақонӣ, Иззуддини Шарвонӣ дар анвои гуногуни шеъри форсӣ ҳунари олӣ нишон додаанд. Нуфузи адаби форсӣ дар Озарбойҷон боис гардид, ки таъсири мавзуот ва шеваҳои суханварии форсӣ дар адабиёти мардуми дигари ин минтақа равшан эҳсос гардад.

Шаҳрҳои қадимаи Хуросон – Марв, Балх ва Нишопур, ки дар аҳди Саффориёну Сомониён суханварони бисёре аз он ҷойҳо бархостаанд ва аз конунҳои асосии адаби форсӣ маҳсуб мешуданд, дар асрҳои XI-XII низ ба ҳайси марказҳои муҳимми адабӣ ва илмӣ боқӣ монданд. Марв дар замони ҳукмронии Султон Санҷари Салҷуқӣ аҳаммияти бештар касб кард. Амирушшуарои ин дарбор Муиззии Самарқандӣ аз шоирони номвари асри XII буда, дар ривоҷу густариши шеъри форсӣ саҳми бисёр гузошт. Он замон бисёре аз шоирону адибон ба Марв рӯй оварданд. Аз ҷумла, Анварии Абевардӣ – қасидасарои бузурги ин аср ба ин доираи адабӣ пайваст. Анварӣ бо доираи адабии Балх низ иртиботи қавӣ дошт.

Даврони ҳукумати Салҷуқиён замони рушди адабиёти дарборӣ, бавижа шеъри форсӣ, дар мисоли жанри маъмули он – қасида мебошад. Аз анвои қасида дар ин давра, махсусан, қасидаи мадҳия рӯ ба тараққӣ ниҳода буд. Шоироне, ки

дар дарборҳои Салҷуқӣ фаъолият намудаанд, тамоми кӯшишҳои худро дар эҷоди қасида сарф мекарданд, то тавассути эҷоди қасоиди мадҳӣ битавонанд мавриди иноят ва бахшиши умаро ва вузарои Салҷуқӣ, ки дар додани силаву ҳадя ба шоирон маъруфият пайдо карда буданд, қарор бигиранд. Чунин кӯшишҳои шоирони мадеҳасаро дар доираҳои адабии Салҷуқӣ ба як сабқат мубаддал гашта буд, ки нишони он дар дарборҳои Нишопур, Марв, Балх ва Ҳирот ба хубӣ мушоҳида мешуд. Баъд аз он ки дарборҳои Ғазнавию Салҷуқӣ ҳар як ба наҳве ҳимояти шоирони форсигӯйро бар уҳда гирифтанд, шеър ба сурати комилан расмӣ дар дарборҳо роҳ ёфт ва шоирон аз аъзои лозими дарборҳо шумурда шуданд. Дар ин давра на танҳо шоҳон, балки шоҳзодагон, вазирон, умарои сипоҳ ва ҳатто бештари ҳуккому бисёре аз хонадонҳи бонуфуз ҳар як иддае аз шоиронро дар дастгоҳҳои хеш нигаҳдорӣ мекарданд. Барои шоирон подоши гаронбаҳо, «вазифа ва рутбаҳи хос мепардохтанд, инчунин, зиндагии эшонро таҳти ҳимоят мегирифтанд ва дар баробари ин, ҳама онон муваззаф буданд, то дар аъёд ва айёми расмию лашкаркашиҳо қасоиде дар таҳнияту мадҳ ва гоҳ рисо бисозанд» [197, с. 72].

Саъид Нафисӣ низ дар «Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ» дар бораи мароқи зиёди ҳокимон ва умарои Ғазнавию Салҷуқӣ ба шеъру адаби форсӣ чунин ишора менамояд: «Ҳамчунонки Ғазнавиён тарбиятшудагони дарбори Сомонӣ ва ба ҳамин ҷиҳат маънус ба адабиёти форсӣ буданд, Салҷуқиён низ бо одоби дарбори Ғазнавӣ унс гирифта буданд. Чун ба салтанат расиданд, тамаддун ва адабиёти Эронро ҷузви оини подшоҳии худ қарор доданд ва пас аз Ғазнавиён бузургтарин хидматро ба забони форсӣ кардаанд» [187, с. 49].

Рӯйдоди адабии дигар ин аст, ки шеър тавассути баъзе шоирон аз доираи дарборҳо берун баромад ва дар чунин шароите, ки шеърро воситаи дилхушӣ қарор дода буданд, Носири Хусрав ва Саноӣ бо овардани панду ҳикмат ва дуюмӣ тавассути тасаввуфу ирфон дар шеър роҳи тозае дар адабиёт кушуданд ва дар шоирони ҳамзамон ва баъд аз хеш таъсиргузор буданд. Носири Хусрав нахустин шоирест, ки «гирди мадҳу ситоиш нагашт ва қасидаро ба ташреҳу тавзеҳи матолиби ахлоқию ҳакамӣ ва фалсафию динӣ ихтисос дод» [183, с. 153]. Саноӣ

низ пас аз бозгашт аз сафари ҳаҷ ба роҳи дигар рафт. «Вай даст аз мадҳи салотин ва умаро бидошту ба ҳалқаи дарвешон даромад ва аз он пас қареҳаи саршори худро дар баёни мавзуоти ахлоқӣ ва ирфонӣ ба кор андохт ва қасоиди матини муассир бисохт ва заминаи қобиле аз ин ҳис барои гӯяндагони баъд фароҳам овард» [183, с. 153]. Дар ҳақиқат, «равише, ки Саноӣ дар ашъори зоҳидона ва орифона пеш гирифт, баъд аз ӯ мавриди тақлиди шоирони қарни шашум воқеъ шуд…» [212, с. 337].

Аз махсусиятҳои адабии давраи Салҷуқӣ яке дигар он аст, ки тариқаи тасаввуф дар он аср рӯ ба тараққӣ ниҳод ва ҷамеъе аз шуаро ва сухангӯён аз он силсила зуҳур карда, шеърро аз назари муҳтаво ғанӣ гардониданд. Адибоне, ки дар замони мавриди назар умр ба сар бурда, моҳияти осори адабии онҳо бо тасаввуфу ирфон иртиботи мустақим дорад, инҳоянд: Бобо Тоҳири Урёни Ҳамадонӣ, Абусаъиди Абулхайр, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ. Дар ин давра назму наср аз назари сабки баён ва муҳтаво ба тағйироти сифатӣ дучор шуд. Саҳми ин шоирон ва пайравони онҳо дар тағйири мавзуи қасида ва муҳтавои он назаррас буда, тавассути онҳо биниши тасаввуфию ирфонӣ дар жанри ғазал ҳам расм шуд.

Дар охири қарни XI ва аввалҳои қарни XII дар девонҳои шоироне, аз қабили Саноӣ ва Муиззӣ ба ғазалҳои фаровон бозмехӯрем ва ин нукта мерасонад, ки ғазал ба тадриҷ ба унвони навъи хоссе аз шеър пазируфта мешуд. Ба наҳве, ки шоирони устод шуруъ ба ихтисоси қисмати муҳимме аз девони худ ба он карданд. Бо вуҷуди ин, ғазалсароӣ дар асри XII танҳо бо тасаввуф маҳдуд намешавад. Дар баробари Саноӣ, Авҳадию Аттор, монанди Абулфараҷи Рунӣ, Муиззӣ, Имодӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Амъақи Бухороӣ, Рашиди Ватвот, Анварӣ, Хоқонӣ даҳҳо шоирони забардастро медонем, ки онҳо «бевосита ба силсилаи тасаввуф дохил набуда, дар эҷод кардани ғазалҳои истилоҳии он давра фаъолият аз худ нишон додаанд» [171, с.48].

Барои баёни афкори ғиноӣ дар ин аҳд аз авнои дигари шеър, монанди маснавӣ (маснавиҳои ошиқона) ва рубоию дубайтӣ низ истифода мешуд.

Рубоиҳои ошиқонаи дар ин аҳд сурудашуда зиёданд ва аксари онҳо дар ниҳояти лутфу дилангезӣ ва ҳар як дорои мазмуни дилфиребанд. Умари Хайём бо сароидани рубоиёти фалсафӣ дар шумори шоирон ворид шуд ва бештар дар ин роҳ машҳур гардид.

Дар ин давра ба рубоӣ ворид намудани мавзуи мадҳу ситоиш ба назар мерасад. Дар мисоли баъзе рубоиҳои мадҳия, аз қабили рубоии мадҳияи Амир Муиззӣ ба Маликшоҳ ба доираи дарбор дохил шудани шакли рубоӣ мушоҳида мешавад ва ба ин васила ҳатто рубоӣ ҳам, ки шакли шеърии майлҳои озодихоҳона буд, ба доираи адабии дарбор - ба хидмати мадҳ кашида шуд. Ду рубоии гуфтаи Амир Муиззӣ ба мадҳи Маликшоҳ, инъоми ӯ ва ҳамчунин рубоиҳои дигар ин маъниро тасдиқ менамояд [173, с. 53].

Равиши дигаре, ки дар шеъри ин давра мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад, достонсароӣ аст. Достонсароӣ дар давраи мавриди назар равнақи бештар ёфт. Яке аз достонҳои куҳан ба номи достони «Вис ва Ромин» ба василаи Фахриддин Асъади Гургонӣ, шоири машҳури асри Туғралбеки Салҷуқӣ ба риштаи назм кашида шуд. Ин достон, дар навбати худ, маншаи эҷоди равиши хоссе дар достонсароӣ гардид.

Дар поёни асри XII назми достонҳо дар забони форсӣ ба василаи Низомии Ганҷавӣ ба ҳадди аълои камол расид. Низомӣ чанд достони маъруфи замони худро ба назм даровард. Қудрати Низомӣ дар нақли достонҳо ва маҳорати ӯ дар авсофу диққате, ки дар каломи худ ба кор бурдааст, боис шуд, ки манзумаҳои вай ҳама мавриди таваҷҷуҳу тақлиди шоирони баъд аз ӯ қарор гирад. Чунонки шуруъ аз қарни XIII чандин манзума ба тақлиди маснавиҳои ӯ сохта шуда ва аз ин роҳ сабку мактаби хоссе дар адабиёти форсӣ ба вуҷуд омадааст.

Аз нимаи дуввуми қарни XI ва оғози асри XII бар асари нуфузи шадиди «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар адабиёти форсӣ, гурӯҳе аз шоирон ба назм кардани бозмондаи достонҳои миллӣ машғул шуданд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон аз «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ дар қарни XI ном бурд. Ин манзума аз рӯйи достони мансури «Гаршосп» аз осори Абулмуайяди Балхӣ, ки Фирдавсӣ аз он дар назми «Шоҳнома»-и худ истифода накарда буд, тартиб ёфт. Дар баробари ин,

метавон аз «Баҳманнома», «Барзунома», «Шаҳрёрнома», «Озарбарзиннома», «Кӯшнома», «Бежаннома», «Савсаннома» ё достони «Савсани Ромишгар», «Кӯк Кӯҳзод», «Шабранг» ва амсоли ин ёдовар шуд.

Дар давраи мавриди назар дар баробари мероси манзум таълифоти осори насрӣ низ ба таври назаррас ба мушоҳида мерасад. Ин давра яке аз муҳимтарин давраҳои камолу тавсеаи насри форсӣ маҳсуб меёбад. Насри форсӣ дар ин аҳд тадриҷан аз ҳолати қаблӣ берун мерафт ва форсии равону дилангезе, ки дар осори давраи Сомонӣ мебинем, андак-андак ба насри мутакаллифи маснуъ, ки омезиши бисёр бо арабӣ ёфта бошад, бадал мегардид. Мабдаъ ва маншаи аслии тағйири сабки форсиро дар ин аҳд бояд ривоҷи адабиёти арабӣ дар миёни табақаи дарсхонда донист ва ин амр илова бар он ки натиҷаи нуфузи рӯзафзуни дини ислом ва мутаалиқоти он буд.

Машҳуртарин осори насрии ин давра «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тӯсӣ, «Рисолаи қушайрия»-и Абдулқосими Қушайрӣ, «Кимиёи саодат»-и Имом Ғаззолӣ, «Марзбоннома»-и Марзбон ибни Рустам, «Форснома»-и Ибни Балхӣ, «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммад ибни Мунаввар, «Табақот-ус-сӯфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ, «Муноҷотнома»-ву «Канз-ус-соликин»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, аз таҳқиқи масъалаҳои марбут ба фаслҳои сегонаи боби якуми диссертатсия, ки фарогири вазъи сиёсию иҷтимоии Хуросон дар замони Амир Муиззӣ, авзои илмию адабии замони шоир, муҳити адабӣ ва доираҳои адабӣ бо таваҷҷуҳ ба ҳавзаҳои густариши забон ва адаби форсӣ дар давраи мавриди назар мебошад, метавон чунин натиҷагирии умумӣ кард:

1. Ҳаёти Амир Абуабдуллоҳ Муҳаммад писари Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ ба замони қудрати хонадони Салҷуқиён рост меояд, ки миёни солҳои 1048-1125 аст. Салҷуқиён дар таъриху тамаддуни мардумони Эрону Осиёи Марказӣ ва Осиёи Хурд нақши таъсиргузор доранд. Корномаи аввали онҳо

барҳам задани ҳукумати Ғазнавиён дар Хуросон ва аз пайи он ворид шудани зулму ситами бешуморе ба мардуми ин хитта мебошад. Корномаи дигари Салҷуқиён лашкаркашӣ ба Бағдод буда, Салҷуқиён ба нияте ки Саффориён ва Ғазнавиён доштанд, ноил омада, хилофати аббосиро таҳти нуфузи худ қарор доданд. Пирӯзии қотеи Салҷуқиён бар Рум дар соли 1071 нуфузи ин ҳукуматро тавсеа бахшида, ба равобити байналмиллалӣ низ таъсири мустақим гузошт. Салҷуқиён, ки аз донишу таҷрибаи давлатдорӣ бебаҳра буданд, дар умури давлатдорӣ ба намояндагони мардуми бумӣ – тоҷикон такя карда, сулолаи густардаеро таъсис доданд, ки марзҳои он аз Баҳри Миёназамин то марзи Чин идома дошт.

2. Аҳди Салҷуқиро дар таърихи адабиёти тоҷик бояд ба сифати яке аз давраҳои муҳимми рушди адабиёти дарборӣ, бавижа шеъри форсӣ, дар мисоли жанри маъмули он – қасида шинохт. Дар ин давра, махсусан, қасидаи мадҳия инкишоф ёфт ва шоироне, ки дар дарборҳои Салҷуқӣ фаъолият намудаанд, тамоми кӯшишҳои худро дар эҷоди қасида сарф карданд. Мехостанд, то тавассути эҷоди қасоиди мадҳӣ битавонанд, мавриди иноят ва бахшиши умарову вузарои Салҷуқӣ қарор бигиранд. Кӯшиши ба дарбор наздик шудан миёни шоирони доираҳои адабии қаламрави Салҷуқиён ба навъе сабқати адабӣ мубаддал гашта буд. Марказҳои адабии Нишопур, Марв, Балх ва Ҳирот маҷмаи адибон буд ва чунин талошҳо дар ин доираҳои адабӣ бештар ба назар мерасид.

3. Асрҳои XI-XII аз лиҳози вуҷуди доираҳои адабӣ дар бузургтарин минтақаҳо ва дар онҳо ҳузур пайдо кардани суханварони мумтоз аз дурахшонтарин давраҳои адабиёти форсӣ ба ҳисоб мераванд. Зуҳури шоирон ва носирони номвар, иртиботи доираҳои адабӣ ва суханварон бо якдигар, истиқболи ҷомеа аз шеъру адаб, ба майдон омадани анвои ҷадиди шеъри форсӣ аз қабили мусаммат, тарҷеъбанд, шаҳрошӯб, мунозира, таҳаввули нақду сухансанҷӣ, навишта шудани китобҳои судманд доир ба улуми балоғӣ, арӯз ва қофия, танзим ёфтани фарҳангҳои шеърӣ далели гармии бозори сухан ва қадру манзалати бисёр доштани аҳли ин ҳирфа мебошад.

4. Дар замони Салҷуқиён доираи истифодаву нуфузи забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ тавсеа ёфт ва дар Ироқу Озарбойҷон суханвароне, ба монанди Низомии Ганҷавӣ, Фалакии Шарвонӣ, Хоқонии Шарвонӣ ва бисёр дигарон ба зуҳур расиданд, ки забони порсиро ривоҷу равнақ доданд. Саҳми ин шоирон дар густариши ҳавзаи ҷуғрофиёии нуфузи забону адабиёт ва шеъри порсӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

5. Шеъри форсӣ дар нимаи дуввуми қарни XI ва аввалҳои қарни XII ҳам аз назари шакл ва ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа дар марҳалаи камол қарор дошт. Дар аввалҳои ин аҳд ҳанӯз шеъри форсӣ таҳти таъсири сабки давраи аввали Ғазнавӣ қарор дошт ва ҳатто гоҳ шоироне мекӯшиданд, ки сабки давраи Сомониро эҳё кунанд. Аз касоне, ки дар ин аҳд дунболаи сабки давраи Сомониро гирифта буданд, яке Носири Хусрави Қубодиёнӣ буд, ки қасоиду ашъори ӯ ба тамоми маънӣ сухани шоирони охири қарни X-ро ба ёд меорад. Дигар шоир Қатрони Табрезӣ аст, ки бо татаббуи девонҳои шоирони аҳди Сомонӣ дар тақлид ва таъқиби сабки онон маҳорат ҳосил карда буд. Бо вуҷуди ин, эшон дар гуфтори худ таҳти таъсири омилҳои ҷадиди адабию фикрӣ қарор доштанд, ки нишонаи намоёни таҳаввули сабк дар ашъори онон ба ҳисоб меравад. Масалан, Қатрон бо он ки забони аҳди Сомониро тақлид мекунад, бо ворид кардани саноеъ дар шеър мактаби хоссеро мекушояд ва Носири Хусрав низ бо омехтани афкори фалсафӣ дар сухани худ ва афкори тоза соҳиби сабки хос ва тариқаи ҷадиде дар шеър мегардад.

6. Дар аввалҳои қарни XII низ ҳанӯз татаббуи девони шоирони аввалҳои қарни XI роиҷ буд, лекин ин амр аз овардани сабку услуби тоза пешгирӣ намекард. Масалан, Саноӣ ва Муиззӣ, ки девонҳои Фаррухӣ ва Унсуриро татаббуъ мекарданд, ҳар як шеваи хоссе доранд, ки аз шеваи пешиниён тафовут дорад. Саноӣ, дар навбати худ, аз тақлиди гузаштагон канор рафт ва дар роҳи ҷадиде афтод, шеъри ӯ ба куллӣ бо тариқаи пешиниён тафовут дошт. Равише, ки Саноӣ дар ашъори зоҳидонаву орифона пеш гирифт, баъд аз ӯ мавриди тақлиди шоирони қарни XII воқеъ шуд. Масалан, Ҷамолиддин Муҳаммад ибни

Абдураззоқ ҳам дар вазъу андарз аз пайравони Саноӣ аст, ки мекӯшад ҳамон лаҳҷа, ҳамон афкор ва ҳатто ҳамон таъбироти ӯро тақлид кунад.

7. Муиззӣ, ки Анварӣ аз рӯйи ҳиқду кина хуни ду девонро бар гардани ӯ афкандааст, дар айни пайравӣ аз сабки Фаррухию Унсурӣ дар бархе аз қасоиди хеш устодест, ки ба суратҳои мухталиф дар майдони адаб даромада ва ҳама вақт пирӯз бозгаштааст. Сухани ӯ гоҳ ба содагии шеъри Фаррухӣ ва гоҳ ба диққату борикандешии Унсурӣ ва гоҳ наздик ба лаҳну лаҳҷаи замони ӯ ва махлут ба луғоти мухталифи арабӣ ва ё афкори ҷадиди ирфонию фалсафӣ аст ва гӯё ин шоир бо дар пеш гирифтани роҳҳои ҷадид бештар дунболаи кори ду шоири муқаддам бар худ, яъне падараш Абдумалик Бурҳонӣ ва шоири асри Туғралбек Ломеии Ҷурҷониро гирифта бошад. Аз чанд қасидаи Ломеӣ таъсири шадиди ӯ аз адаби арабӣ дар дунболаи кори Манучеҳрӣ машҳуд аст ва Бурҳонӣ ҳам чунонки аз чанд қитъа ва байти мавҷуди ӯ бармеояд, алоқаи вофир ба истифодаҳои ҷадид аз забону адаби арабию ба кор бурдани афкор ва гоҳ истилоҳоти ирфонӣ дар ашъор доштааст. Ҳамин корҳоро Муиззӣ низ дар бисёре аз қасоиди худ анҷом дода, ки дар натиҷа, шеъраш аз нуфузи ашъори дигарон эмин мондааст.

8. Азрақӣ, ки дар шеър ба сабки Унсурӣ пайравӣ мекард, онро ба марҳалаи ҷадиде аз камол расонид ва омодаи он сохт, ки мақбули шоирони қарни XII қарор гирад. Азрақӣ фақат ба сурудани қасоид иктифо намекард ва чунонки дар қасоиди худ чанд бор ишора кардааст, маснавиҳое дар масоили мухталиф ба назм кашидааст.

9. Амъақи Бухороӣ барои баёни мақосиди худ дар қасоиди хеш забони хосси худро василаи баёни мақсуд қарор дода ва ин боис гаштааст, ки ӯ дар адабиёти форсӣ шоири бузургу соҳибсабк ва устод маҳсуб гардад. Ба ҳамин сабаб аст, ки шоирони муосири ӯ вайро устоди сухан хондаанд. Яке аз сабаби асосии шуҳрати Амъақ он аст, ки вай дар қасоиди худ роҳи тозаеро, ки иборат аз васфи хаёлоти шоир ба навҳе, ки ба онҳо ҷанбаи ҳаёту ҳаракат ва такаллум дода шавад, пеш гирифта буд.

10. Дар маҷмуъ, аз нимаи дуюми асри XI, ки тақрибан оғози давраи Салҷуқиён аст, батадриҷ тағйирот ва таҳаввулоти зиёде вориди шеър гардид.

Сабку услуби қасидапардозӣ ва тарзи баёни мақсуд ба худ сурати дигар гирифт. Гӯяндагони ин аср аз содагӣ ва сароҳати аввалия, ки аз ихтисоси умдаи асри Сомонӣ ва Ғазнавист, удул карданд ва ба воситаи таъсири муҳит ва сайри такомули табиӣ ва нуфузи фикрию маънавии адабиёти Араб ва духули улуму маориф дар адабиёт ва омилҳои дигар дучори такаллуф ва лаффозӣ шуданд. Бинобар ин, наметавон тасаввур кард, ки шоирони ин давра дар андешаи тағйири сабку равиши гуфтори худ набуданд ва таҳаввули забони форсиро дар ин давра, ки табъан боиси тағйири сабки шеъру наср шуда буд, нодида гирифт. Бо таваҷҷуҳ ба ин баёни мухтасар метавон давраи мавриди назарро давраи оғози тағйири сабки гӯяндагон арзёбӣ кард.

БОБИ II

РЎЗГОР ВА ОСОРИ МУИЗЗӢ

2.1. Дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ

2.1.1. Баррасии ахбори сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ

Аввалин сарчашмаи адабие, ки тавассути он роҷеъ ба рӯзгору осори аҳли адаб метавон иттилои муътамад ба даст овард, девони маҳфузмондаи шоир ва ё осори насрии адиб аст, ки дар ин миён Амир Муиззии Нишопурӣ низ истисно нест. Хушбахтона, девони шоир чоп шуда ва дастрас мебошад, ки дар муқаддимаи диссертатсия дар ин бора сухан рафта буд.

Гузашта аз ин, дар бораи рӯзгор ва ашъори Муиззӣ мо дар аксар сарчашмаҳои адабию таърихии асри XII ва баъд аз он ба иттилооти судманде дучор мешавем. Аммо маълумоти ҳамаи сарчашмаҳо аз нигоҳи арзиш яксон набуда, аксар такрори якдигаранд. Бо вуҷуди ин, ахбори фаровони манбаъҳои адабию таърихӣ бори дигар шаҳодат медиҳанд, ки Муиззӣ ҳамчун шоири бузурги қасидасаро дар тӯли асрҳои миёна соҳиби шуҳрат будааст.

Тавре қаблан низ ишора шуда буд, аз муаллифони сарчашмаҳо ягона шахсе, ки бо шоир вохӯрда ва дар кит0обаш оид ба рӯзгори шоир аз қавли худи ӯ хабари нисбатан ҷолиб медиҳад, шоир ва олими асри XII Низомии Арӯзии Самарқандӣ мебошад. Ахбори Низомӣ аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки аз забони худи Муиззӣ нақл мешавад. Бинобар ин, аз тамоми тазкираҳо ва китобҳои тазкирагуна, ки зикри рӯзгори Муиззӣ дар онҳо рафтааст, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ сарчашмаи муътамадтар аст ва маълумоти бисёр тазкираҳои баъдина аксар аз такрори гуфтаҳои Низомии Арӯзӣ иборатанд.

Низомии Арӯзӣ ҳолати вохӯрданашро бо Муиззӣ дар «Чаҳор мақола» чунин тасвир мекунад: «…ба назди Амирушшуаро Муиззӣ рафтам ва ифтитоҳ аз ӯ кардам ва шеъри ман бидид…, ба муроди ӯ омадам. Бузургиҳо фармуд ва

меҳтариро воҷиб дошт. Рӯзе пеши ӯ аз рӯзгор истизодатӣ ва гилаҳо ҳамекардем. Маро диле дод ва гуфт...» [60, с. 70]**.**

Муиззӣ дар раванди суҳбат бо Низомии Арӯзӣ дар хусуси фавти падараш, ба дилтангӣ ба назди Алоуддавла Амир Алӣ Фаромурз рафтанаш, раванди ба дарбори султон Маликшоҳ ворид гардидан ва бо лақаби Амир Муиззӣ ноил гардиданаш нақлҳо мекунад.

Вохӯрии дигари Низомӣ бо Муиззӣ дар санаи 514ҳ.қ./1120-1121м. ба вуқуъ мепайвандад ва гӯё дар он ҷо аз Муиззӣ ҳикояте роҷеъ ба султон Маҳмуд ва Фирдавсӣ шунида бошад. Аз ҷумла, меорад: "Дар санаи арба ашара ва хамсамоиа (514ҳ.қ./1120-1121м.) ба Нишопур шунидам аз амир Муиззӣ, ки ӯ гуфт: «Аз Амир Абдурраззоқ шунидам ба Тус, ки ӯ гуфт: «Вақте Маҳмуд ба Ҳиндустон буд ва аз он ҷо бозгашта буд ва рӯй ба Ғазнин ниҳода, магар дар роҳи ӯ муттамарриде буду ҳисоре устувор дошт ва дигар рӯз Маҳмудро манзил бар дари ҳисори ӯ буд. Пеши ӯ расуле бифиристод, ки фардо бояд, ки пеш ойӣ ва хидмате биёрию боргоҳи моро хидмат кунӣ ва ташриф бипӯшию бозгардӣ. Дигар рӯз Маҳмуд барнишаст ва Хоҷаи бузург бар дасти рости ӯ ҳамеронд, ки фиристода бозгашта буд ва пеши Султон ҳамеомад. Султон бо Хоҷа гуфт: «Чӣ ҷавоб дода бошад?».

Хоҷа ин байти Фирдавсӣ бихонд:

Агар ҷуз ба коми ман ояд ҷавоб,

Ману гурзу майдони Афросиёб.

Маҳмуд гуфт: «Ин байт кирост, ки мардӣ аз ӯ ҳамезояд». Гуфт: «Бечора Абулқосим Фирдавсирост, ки бисту панҷ сол ранҷ бурд ва чунон китобе тамом карду ҳеч самара надид». Маҳмуд гуфт: «Сара кардӣ, ки маро аз он ёд овардӣ, ки ман аз он пушаймон шудаам. Он озодмард аз ман маҳрум монд. Ба Ғазнин маро ёд деҳ, то ӯро чизе фиристам» [60, с. 80].

Хоҷа чун ба Ғазнин омад, бар Маҳмуд ёд кард. Султон гуфт: «Шаст ҳазор динор Абулқосим Фирдавсиро бифармой, то ба Нил диҳанд ва бо шутури султонӣ ба Тус баранду аз ӯ узр хоҳанд» [60, с. 80].

Хоҷа солҳо буд то дар ин банд буд. Охир он корро чун зар бисохт ва уштур касил кард ва он Нил ба саломат ба шаҳри Табарон расид. Аз дарвозаи Рудбор

уштур дармешуд ва ҷанозаи Фирдавсӣ ба дарвозаи Разон берун ҳамебурданд. Дар он ҳол музаккире буд дар Табарон, таассуб кард ва гуфт: «Ман раҳо накунам, то ҷанозаи ӯ дар гӯристони мусулмонон баранд, ки ӯ рофизӣ буд». Ва ҳарчанд мардумон бигуфтанд, бо он донишманд дарнагирифт. Даруни дарвоза боғе буд мулки Фирдавсӣ, ӯро дар он боғ дафн карданд. Имрӯз ҳам дар он ҷост ва ман дар санаи ашара ва хамсамоиа он хокро зиёрат кардам. Гӯянд аз Фирдавсӣ духтаре монд сахт бузургвор, силати султон хостанд, ки бад-ӯ бисупоранд, қабул накард ва гуфт: «Бад-он муҳтоҷ нестам»… [60, с. 81].

Тавре ба назар мерасад, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар таҳқиқи рӯзгори амир Муиззӣ аз чанд ҷиҳат нақши босазое дорад. Пеш аз ҳама, тавре Низомии Арӯзӣ ишора менамояд, шеърашро барои муайян кардани ҳусну қубҳи он ба амирушшуаро Муиззӣ нишон медиҳад.

Ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт будани Муиззӣ муаллифони сарчашмаҳои илмии адабиётшиносӣ дар асарҳои худ вобаста ба таҳлили санъатҳои бадеӣ ва соҳибони китобҳои таърихию осори бадеӣ дар иртибот ба мазмуни воқеоту ҳодисот ва муҳтавои ҳикояҳо, барои зинати осори насрӣ ашъори шоирро мавриди истифода қарор додаанд. Аз ҷумла, яке аз муосирони шоир аз зумраи пешвоёни калом ва аз адибони бузургу воломақом Рашидаддини Ватвот (1081-1178) ҳудуди сӣ сол пас аз марги шоир дар китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» дар мавриди шарҳу тафсири санъатҳои бадеӣ дар қатори ашъори худ ва шоирони дигар аз ашъори Амир Муиззӣ низ мисолҳои хеле зиёд меорад. Барои мисол, дар таърифи ҳусни матлаъ овардааст: «Ин санъат чунон бошад, ки шоир ҷаҳд кунад, то аввали байт аз қасида матбуъу маснуъ ва лафзи латифу маънии ғарибу бадеъ оварад ва аз калимоте, ки ба фол нек набошад, эҳтироз кунад, чунонки самъро аз шунидани он роҳат ояд ва табъро аз дарёфтани он нишот афзояд. Муиззӣ гӯяд:

Эй тозатар аз барги гули тоза ба бар бар.

Парварда туро хозини фирдавс ба бар бар» [14, с. 259].

Инчунин, дар таърифи мусаммат чунин зикр кардааст: «Ин санъат чунон бувад, ки шоир байтеро ба чаҳор қисм кунад ва дар охир се қисми сабъ нигоҳ

дорад ва дар қисми чаҳорум қофият меорад ва инро шеъри мусаҷҷаъ низ хонанд. Амирушшуаро Муиззӣ гӯяд:

Эй сорбон, манзил макун ҷуз дар диёри ёри ман,
То як замон зорӣ кунам бар рабъу атлолу даман.
Рабъ аз дилам пурхун кунам, хоки даман гулгун кунам,
Итлолро Ҷайҳун кунам аз оби чашми хештан.
Аз рӯйи ёри хиргаҳӣ айвон ҳамебинам тиҳӣ
В-аз қадди он сарви саҳӣ холӣ ҳамебинам чаман.
Ҷое, ки буд он дилситон бо дӯстон дар бӯстон,
Шуд гургу рӯбаҳро макон, шуд гӯру каргасро ватан.
Бар ҷойи ратлу ҷоми май гӯрон ниҳодастанд пай,
Бар ҷойи чангу ною най овози зоғ асту заған» [14, с. 295].

Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан Заҳирии Самарқандӣ аз дабирон ва адибони асри XII форс-тоҷик дар «Ағроз-ус-сиёсат фӣ аъроз-ир-риёсат», ки асари таърихшиносӣ дар боби сиёсат ва усули давлатдорӣ буда, аз гуфтори шоҳони асотирӣ – Ҷамшед то шоҳони асри XII – Санҷар ибни Маликшоҳ, паҳлавонон, донишмандони эронию араб, юнонӣ ва ғайра фароҳам омадааст, аз Муиззӣ низ ёд мекунад. Ӯ, аз ҷумла, дар боби Абумуслими соҳибдевон меорад: «Ва ҳар кӣ шеър бо тамаъ гӯяд, аз вай молу манол ҷӯяд, замиму хасису маҳину залил шавад ва чун ба мадҳ ба матмуъ ва ба маъмулу мақсуд нарасад, ҳиҷо ва азиро дасти муваззаъ сафоҳат кунад, то махзулу матруд ва мубғазу мардуд гардад ва қудамои шуарову акобири фусаҳову булағои Аҷам ва ҳукамои Араб аз ин тариқ эҳтироз намудаанд ва изёли шарафу фахр аз ғубори тамаъ пок дошта, то иззу рафъат ва фахру манқабату сияту маҳмадат ёфтаанд. Чунонки амирушшуаро Муиззӣ, ҷуз ин ки ду байти ҳиҷо нест:

Ҳаргиз зи замири ман гули ҳаҷв наруст,
Бар ҳаҷви ту кардаам кунун азм дуруст.
Ту ҳамчу сагию ҳаҷви ман шамшер аст,
Шамшер ба саг барозмоянд нахуст [58, с. 307].

… Пас султони олам бар фатҳу зафар шароб хост ва амирушшуаро Муиззӣ ин байт бигуфт:

Базмат чу рухи бутон иёлоқӣ бод,

Умрат чу натиҷаи хирад боқӣ бод.

Ҳар сар, ки на бар хатти ризои ту бувад

Бе тан чу сари қароҷаи соқӣ бод.

Амир Муиззӣ байте дигар бигуфт:

Онҳо, ки ба хидматат нифоқ оварданд,

Сармояи умри хеш тоқ оварданд.

Дур аз сари ту Сом ба Сарсом бимурд

В-инак сари Сурӣ ба Ироқ оварданд» [58, с. 309].

Ин се рубоӣ дар нусхаҳои чопии девони шоир ба назар намерасанд.

Заҳирӣ дар асари дигари худ «Синдбоднома», ки дар насри мусаҷҷаъ таълиф ва бо порчаҳои шеърӣ зиннат дода шудааст, аз қасоиди Муиззӣ параҳо овардааст. Аз ин миён байти:

Ҳойилҳаюне тезрав, андакхӯри бисёррав,

Аз оҳувон бурда гарав, дар пӯяву дар тохтан [59, с. 137].

аз қасидаи «Дар мадҳи Шарафиддин Абутоҳир Саъд ибни Алии Муставфӣ» дар «Синдбоднома» дучор омад, ки дар нусхаҳои чопии девони Муиззӣ ба чашм нарасид.

Абулмаолии Насруллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абдулҳамиди Муншии Шерозӣ (асри XII) дар «Калила ва Димна», ки аз арабӣ тарҷума кардааст, аз ашъори Муиззӣ намунаҳои хеле зиёд меорад. Ӯ илова бар барқарор намудан ва нигаҳ доштани ҳикмату пандҳои матни арабӣ тарҷумаашро бо овардани «оёт, ахбору абёт ва амсол», ба истилоҳи худаш, пуркувват гардонида будааст. Ӯ менависад: «Ба хотири ӯ мегузарад, ки онро ба форсӣ тарҷума намояд, суханро баст диҳад, ишоротро равшан баён кунад, ба оёту ахбору абёту амсол биёрояд ва маъниро муаккад кунад. Хулоса ин, ки ин китобро, ки зубдаи чандҳазорсола аст, эҳё кунад то мардумон аз фавоиди он маҳрум намонанд» [36, с. И].

Дар ин асар низ дар қатори дигар абёт аз қасидаи «Дар мадҳи Шарафиддин Абутоҳир Саъд ибни Али Муставфӣ» байти:

Ҳойилҳаюне тезрав, андакхӯри бисёррав,

Аз оҳувон бурда гарав, дар пӯяву дар тохтан [36, с. 360].

омадааст.

Айнулқуззоти Ҳамадонӣ дар хилоли номаҳои худ аз ғазалиёт ва рубоиёти Муиззӣ мисолҳо овардааст [75, с. 60; 84; 321; 341].

Дигар аз сарчашмаҳои муътабар ва муътамаде, ки оид ба Муиззӣ маълумот медиҳад, «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ мебошад. Муаллифи «Лубоб-ул-албоб» дар бораи Муиззӣ маълумоти мухтасаре медиҳад. Вай асосан дар бораи шуҳрати шоирии Муиззӣ ва марги ӯ сухан ронда, мутаассифона, дар бораи макон ва соли таваллуду вафоти шоир маълумоте намедиҳад [2, с. 446-447]. Мувофиқи ахбори Муҳаммад Авфӣ, ному кунят ва лақабу нисбаи Муиззӣ Амирушшуаро Абуабдуллоҳ Муҳаммад инби Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ [2, с. 446] мебошад.

Соҳиби «Лубоб-ул-албоб» Муиззиро бо авсофи «султони ҷаҳони баён ва лашкаркаши умарои калом ва шаҳсавори майдони фасоҳат ва хуршеди осмони самоҳату фалаки фазл, моҳе тобон ва бар самои сано хуршеде рахшон» [2, с. 69] муаррифӣ карда, ишора менамояд, ки «он чи ӯро дар давлати султон Саид Муиззиддин ва-д-дунё Маликшоҳ муяссар шуд, аз улувви шон ва рафъати дараҷат ҳеҷ шоиреро муяссар нашудааст. Ва гӯянд, се кас аз шуаро дар се давлат иқболҳо диданд ва қабулҳо ёфтанд, чунонки касро он мартаба муяссар набуд. Яке Рӯдакӣ дар аҳди Сомониён ва Унсурӣ дар давлати маҳмудиён ва Муиззӣ дар давлати султон Маликшоҳ» [2, с. 69].

Сабаби вафоти ӯро тири султон Саид Санҷар меҳисобад: «…аз камони шоҳ ҷудо шуд ва аз ҷодаи ҳадаф хато шуд. Бекасд тир нишона аз ҷигари он дилбанди фузало сохт. Мурғи чаҳорпари тири ӯ аз саводи дили он саводи дидаи арбоби ҳунар дона сохт ва ҳам дарҳол бар замин афтоду ҷон ба осмон рафт…» [2, с. 70].

Шамсиддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ дар «Ал-Муъҷам фӣ маъойири-л-ашъори-л-Аҷам» (соли таълиф ба ҳудуди 1218-1233), ки ба омӯзиши илми арӯз,

санъатҳои бадеӣ, нақди адабӣ ва дигар масъалаҳои эҷоди бадеӣ бахшида шудааст, дар мавриди баррасӣ ва таҳлили санъатҳои бадеӣ ва қофияву навъҳои баҳрҳои арӯзӣ аз ашъори Амир Муиззӣ мисолҳои зиёд овардааст [52, с. 103; 120; 243; 253; 314; 315; 333-334; 336; 339; 346; 353...].

Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон ар-Ровандӣ дар «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур дар таърихи Оли Салҷуқ» (соли таълиф: 1202-1203), дар қисмати марбут ба сабаби таълифи ин китоб аз кайфияти ҳоле, ки ба Муиззӣ низ иртибот дорад, чунин меорад: «…Амирушшуаро ва сафир-ул-кубаро Шамсиддин Аҳмад ибни Манучеҳри Шасткулаҳ, ки қасидаи татмоҷ гуфтааст, ҳикоят кард, ки Саидашраф ба Ҳамадон расид, дар мактабҳо мегардид ва медид, то киро табъи шеър аст. Мисрае ба ман дод, то бар он вазн ду-се байт гуфтам, ба самъи Ризо Асғо фармуд ва маро бад-он бисутуд ва ҳассу таҳриф воҷиб дошту гуфт: Аз ашъори мутаохирин, чун Имодӣ ва Анварӣ ва Саидашраф ва Булфараҷи Рунӣ ва амсоли арабу ашъори тозӣ ва ҳиками «Шоҳнома» он чи табъи ту бад-он майл кунад, қадри дувист байт аз ҳар ҷо ихтиёр куну ёд гир ва бар хондани «Шоҳнома» мувозабат намой, то шеър ба ғоят расад ва аз шеъри Саноӣ, Унсурӣ ва Муиззию Рӯдакӣ иҷтиноб кун, ҳаргиз нашнавӣ ва нахонӣ, ки он табъҳои баланд аст, табъи ту бибандад ва аз мақсуд боздорад. Шамсиддини Шасткулаҳ гуфт: Ман ва чанд каси дигар ин васиятро ба ҷой овардем, ба мақсуд расидем ва ғояти матлуб бидидем…» [48, с. 57-58].

Ҷойи дигар дар шарҳи ғамангези ҳуҷуми туркони ғуз ба Эрон, ки дар соли 1153-1154, яъне пас аз марги Муиззӣ рӯй дода, бархе аз ин абётро барои васфи маҳалли шоҳиди худ оварда ва дар муқаддимаи он чунин гуфта: «Ва дар шаҳре чун Нишопур он ҷо, ки маҷомеи инсу мадориси илму маҳофили судур буд, мароеи ағном ва макомини вуҳушу ҳавом шуд. Ва пиндорӣ Амир Муиззӣ ин ҳолро мушоҳид буд, ки мегӯяд:

Он ҷо, ки буд он дилситон бо дӯстон дар бӯстон,
Шуд гӯру каргасро макон, шуд гургу рӯбаҳро ватан.
Бар ҷойи ратлу ҷоми май гӯрон ниҳодастанд пай,
Бар ҷойи чангу ною най овози зоғ асту заған.

З-ин сон ки чархи нилгун кард ин сароҳоро нигун,

Дайёр кай гардад кунун гирди диёри ёри ман [48, с. 182].

Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ дар «Ҷомеъ-ут-таворих» дар хусуси шаҳри Нишопури пас аз ҳамлаи ғузон сухан ронда, ишора менамояд, ки «Нишопуре бад-он оростагӣ ва маҷмуае чунон хароб ва ябоб шуд, ки касе маҳаллату саройи хешро боз намешинохт ва он ҷо, ки маҷомеи инсу маҳофили тарабу ишрати акобиру судур буд, марои ағному макомини вуҳушу туюр ва ҳавом шуда буд ва малъаб ба матъабу роҳат ба шиддату яср ба уср мубаддал гашта, гӯё Муиззӣ он ҳолро мушоҳида карда буд ва мегӯяд:

Он ҷо, ки буд он дилситон, бо дӯстон дар бӯстон,

Шуд гургу рубаҳро макон, шуд гӯру каргасро ватан.

Абр аст бар ҷойи қамар, заҳр аст бар ҷойи шакар,

Санг аст бар ҷойи гуҳар, хор аст бар ҷойи суман.

Оре, чу пеш ояд қазо, мурво шавад чун марғво,

Ҷойи шаҷар гирад гиёҳ, ҷойи тараб гирад шаҷан.

Кохе, ки дидам чун Ирам хуррамтар аз рӯйи санам,

Девори ӯ бинам ба ҳам монандаи пушти саман…» [76, с. 68].

Ҳамдулло Муставфии Қазвинӣ дар китоби «Таърихи гузида», ки аслан асари таърихист, илова ба баёни таърихи подшоҳони тоисломии Эрон то замони ҳукмронии муғулон роҷеъ ба рӯзгор ва осори олимону донишмандон ва шоирон низ маълумот додааст. Вай дар ин асар дар бораи рӯзгори Муиззӣ сухан ронда, аз ҷумла, ишора менамояд, ки «маддоҳи Султон Санҷари Салҷуқӣ буд ва бад-ӯ мансуб аст ва амирушшуарои он замон буд. Ашъори неку дорад. Султон Санҷар дар майдон гӯй бохтӣ. Асп хато кард, Муиззӣ гуфт:

Шоҳо, адабе кун фалаки бадхӯро,

К-осеб расонид рухи некуро.

Гар гӯй хато кард, ба чавгонаш зан,

Гар асп хато кард, ба ман бахш ӯро.

Султон асп ба Муиззӣ бахшид. Бар асп савор шуд ва гуфт:

Рафтам ба асп, то ба зораш бикашам,

Гуфто, ки нахуст бишнав ин узри хушам:

На гови заминам, ки ҷаҳон баргирам,

На чархи чаҳорум, ки хуршед кашам» [28, с. 748-749].

Дар асари Амин Аҳмади Розӣ «Ҳафт иқлим» низ ин ҳикоя айнан оварда шудааст ва Амин Аҳмад мегӯяд: «Дар «Таърихи гузида» мастур аст, ки Султон Санҷар ба гӯй бохтан машғул буд....» [51, с. 771].

Аҳмад Абдуллоев аз чӣ бошад, ки дар китоби «Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи якуми асри XI (доираи адабии Ғазнин)» дар бахши рӯзгор ва осори Унсурии Балхӣ айнан ба ҳамин мазмун ҳикояе аз забони Ризоқулихони Ҳидоят нақл мекунад, ки иртибот ба султон Маҳмуд ва Унсурӣ дорад. Ӯ меорад: Гӯянд, вақте султон Маҳмуд дар майдони саворӣ ва гӯйбозӣ аз асп афтода, чеҳрааш харошида шуд, ҳаким Унсурӣ ин рубоиро дар маъзарат гуфта, султон аспро ба вай бахшида буд... [88, с. 114].

Муҳаммад ибни Бадри Ҷоҷармӣ вобаста ба муҳтавои бобҳои китоби «Мунис-ул-аҳрор фӣ дақоиқ-ул-ашъор» (1340-1341) ба тариқи намуна аз қасоиди машҳури Муиззӣ шоҳиди маъноӣ овардааст. Аз ҷумла, дар боби «Дар зикри суолу ҷавоб» аз қасидаи «Дар мадҳи хоҷа Фахрулмулк» [84, с. 131-134], дар боби «Дар зикри ашъори мураббаот» аз қасидаи «Дар мадҳи Шарафиддин Абутоҳир Саъд ибни Алии Муставфӣ» [84, с. лф-лт] ва дар боби «Дар зикри ташбеҳот» аз қасидаи «Дар мадҳи амир Дод Абушуҷои Ҳабашӣ ибни Олтунтоқ» [84, с. 216-218] ва ғ.

Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ дар китоби «Сиҳоҳ-ул-фурс» (а. XIII) дар мавриди тафсири вожаҳо ба таври намуна аз ашъори Муиззӣ ба таври хеле фаровон истифода бурдааст [40, с. 19; 20; 21; 22; 24; 25; 27; 28; 29; 30; 31;33; 36; 37; 38; 64; 104; 114; 125; 149; 195...].

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи худ таҳти унвони «Дар зикри маликулкалом Амир Муиззӣ, раҳмату-л-лоҳи алайҳи» бахши алоҳидае дорад. Дар он ҷо, аз ҷумла, ишора менамояд, ки: «аз акобирони фузалост, муддате таҳсили илм карда ва мартабаи донишманд ҳосил намуда ва дар илми шеър саромади рӯзгори худ буда. Аслаш аз вилояти Нисост. Дар ибтидои ҳол сипоҳӣ

буда, дар хидмати султон Маликшоҳ аз Хуросон ба Исфаҳон афтод ва ӯро мартабаи аморат даст дод». Сипас суханони Низомии Арӯзии Самарқандӣ, муаллифи китоби «Чаҳор мақола»-ро дар мавриди ба дарбори Маликшоҳ роҳ ёфтани Муиззӣ мухтасар баён месозад. Дар хусуси девони шоир ишора карда мегӯяд, ки «девони Муиззӣ машҳур ва мутадовил аст ва Хоқонӣ муътақиди ӯсту мункири Рашиди Ватвот ва амир Муиззӣ ин қасидаи маснуъро неку гуфта, ки бештари шуаро он қасидаро татаббуъ кардаанд. Ин аст матлаи он:

Эй тозатар аз барги гули тоза ба бар бар
Парварда туро дояи фирдавс ба бар бар.

Ва Абутоҳири Хотунӣ мегӯяд дар китоби «Маноқиб-уш-шуаро», ки ин қасидаро тақрибан сад кас аз фузало ҷавоб гуфтаанд, аммо мисли Амир Муиззӣ ҳеҷ кадом нагуфтааст. Абутоҳир мегӯяд, ки занни ман он аст, ки ин қасидаро амир Муиззӣ маҳкамтар аз амир Унсурӣ мегӯяд ва ин хазониёт ҳам амир Муиззирост, ки матлааш ин аст:

То боди хазон ҳила бурун кард зи гулзор,
Абр омаду печид қасаб бар сари кӯҳсор» [57, с. 59].

Абутоҳири Хотунӣ қасидаи Унсуриро бо унвони «Дар мадҳи Абулмузаффар Наср ибни Носириддин» (150-154) дар назар дорад, ки бо матлаи:

Наврӯз фароз омаду идаш ба асар бар,
Наздикдигару ҳарду зада як ба дигар бар [12, с. 150]

шуруъ мешаваду аз 37 байт иборат аст. Зеро қасидаи Муиззӣ «Дар мадҳи амир Дод Абушуҷои Ҳабашӣ ибни Олтинтоқ» суруда шуда, аз 43 байт иборат аст ва бо танзими мисраи аввали қасидаи Унсурӣ анҷом меёбад.

Шеърет фиристод бад-он гуна ки гуфтанд:
«Наврӯз фароз омаду идаш ба асар бар» [31, с. 229].

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар равзаи ҳафтуми «Баҳористон» роҷеъ ба Амир Муиззӣ менависад: «Вай (Муиззӣ – Ҳ.Ф.) дар замони давлати Муиззиддунё ва-д-дин Санҷар ибни Маликшоҳ буд ва аз маддоҳони ӯст. Ва Муиззӣ нисбат ба ӯст ва он чӣ ӯро дар замони вай ба улувви рафъати дараҷа муяссар шуд, кам шоироеро муяссар шуда. Ва гӯянд, ки се кас аз шуаро дар се давлат иқболҳо

диданду қабулҳо ёфтанд, ки кас наёфт. Рӯдакӣ дар аҳди Сомониён ва Унсурӣ дар давлати Маҳмудиён ва Муиззӣ дар давлати Санҷариён.

Сабаби вафоти шоирро тири султон меҳисобад ва ишора менамояд, ки «султон аз даруни хиргоҳ тире андохт ва ӯ беруни хиргоҳ истода буд. Ногоҳ тире хато шуду бар вай омад. Бияфтоду дарҳол ҷон бидод» [83, с. 149]. Дар идомаи ин қавл аз ашъори шоир ҳафт байт намуна меорад.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар маснавии «Силсилат-уз-заҳаб», дар боби «Ишорат ба баъзе шуарои мутақаддим» дар қатори Рӯдакию Унсурӣ, Анварию Хоқонӣ, Саноию Низомию Саъдӣ ва дигарон аз Муиззӣ низ ёдовар мешавад:

В-он Муиззӣ, ки хоси Санҷар буд,
Дар фасоҳат забон чу ханҷар буд.
Ханҷари обдори пургавҳар,
Гавҳараш мадҳи шоҳи динпарвар [82, с. 157].

Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» (а. XV) [24] ва Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» (а. XV) [79] ҳангоми баррасӣ ва таҳлили санъатҳои бадеӣ аз ашъори Амир Муиззӣ параҳо ба ҳайси мисол овардаанд.

Алишери Навоӣ дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» роҷеъ ба рӯзгори Амир Муиззӣ сухан карда, аз ҷумла, таъкид менамояд, ки Муиззӣ маддоҳи султон Муиззидин Санҷар асту Муиззӣ тахаллуси ӯст ва интисоби вай бад-ӯст. Ва он чи Муиззиро дар замони Санҷар муяссар гашта, ҳаргиз ҳеҷ шоиреро муяссар нагашта ва аз Мавлоно Ҷомӣ, ки дар навбати худ, суханони Муҳаммад Авфиро такрор намудааст, иқтибос меорад [39, с. 409].

Хондамир Ғиёсиддин ибни Ҳимомиддин ал-Ҳусайнӣ дар «Ҳабиб-ус-сияр фӣ ахбори афкори башар» (таълиф: 1521-1524) дар хусуси рӯзгори шоир сухан ронда, таъкид менамояд, ки «ба он подшоҳи иззатпаноҳ (султон Маликшоҳи Салҷуқӣ дар назар аст – Ҳ.Ф.) нисбат намуда, Муиззӣ тахаллус мегирад» [73, с. 491]. Ҳамзамон, таъкид мешавад, ки аз ҷумлаи шуарои фазилатпарвар ва мулозими Султон Санҷар буд [73, с. 517]. Ин муаллиф дар китоби худ, ҳамчунин,

дар бораи муносибати Муиззӣ ва Анварӣ қиссае меорад, ки мавзуи баҳси алоҳида аст.

Амин Аҳмади Розӣ дар тазкираи «Ҳафт иқлим» (таълиф: 1594) ишора менамояд, ки «маликушшуаро ифтихоруссодот Амир Муиззӣ аз бузургони шеър аст ва дар хизмати Султон Санҷар бағоят муҳташаму муҳтарам буда» [51, с. 770]. Сипас маълумотеро, ки дар «Чаҳор мақола» ва «Лубоб-ул-албоб» омадааст, такроран иброз медорад. Ҳамзамон, дар бораи девони шоир ҳарф зада, онро иборат аз понздаҳ ҳазор байт медонад ва ба таври намуна 74 байт аз он сабт менамояд [51, с. 770]. Мутаассифона, соҳиби «Ҳафт иқлим» низ бе тавақҷуҳ ба девони шоир дар бораи теъдоди ашъори ӯ ҳукм мекунад, ҳол он ки теъдоди ашъори шоир зиёда аз 18 ҳазор байтро дар бар мегирад. Илова бар ин, таъкид менамояд, ки маликушшуаро Муиззии Нишопурӣ аз шуарои бузурги давраи Салҷуқиён аст, ки гарчи табъи худро дар ғазалу таркиббанду рубоӣ озмуда, аммо фанни хос ва шуҳрати ӯ дар қасидасароист. Аксар қасоиди Муиззӣ дар мадҳи подшоҳону умаро ва бузургони оли Салҷуқ, махсусан, Маликшоҳи Салҷуқӣ ва писараш Султон Санҷар аст, ки Муиззӣ аз онҳо навозишҳо дида ва шаҳди муҳаббатҳо чашида ва дар канори онҳо дар ниҳояти эҳтирому ҷалол мезиста, то он ҷо ки ба тасреҳи худи шоир Султон Санҷар вайро дар канораш нишонда ва бо ӯ падар хитоб мекарда [51, с. 775].

Мулло Абдуннабӣ Фахруззамонии Қазвинӣ дар «Тазкираи Майхона» (таълиф: 1619) танҳо дар хусуси мансубияти достон ба ривояти Ҳамдуллоҳи Муставфӣ марбут ба гӯй тохтани Султон Санҷар ва муаллифи рубоӣ будани Амир Муиззӣ сухан ронда, чунин ишора менамояд: «Гӯянд, Шоҳшуҷоъ шеърро бағоят хуб мегуфта ва ҳамеша шоҳро ба танг меоварда...

Фахриддин Алии Сафӣ ва Тақиуддин Авҳадӣ номи ин занро Ҷаҳонмулк навишта ва гуфтаанд, ки вай писаре дошта Манучеҳр ном, рӯзе дар ҳоли гӯйбозӣ пойи аспаш хато карда ва шоҳзодаро бар замин гирифта ва вай хоста аспро бикушад. Модараш аз таҷаллӣ гуфта:

Шоҳо, адабе кун фалаки бадхӯро,
К-осеб расонид рухи некуро.

Гар гӯй хато кард, ба чавгонаш зан,

Гар асп хато кард, ба ман бахш ӯро.

Шигифт аст, ки Шоҳшуҷоъро зану фарзанде бад-ин ном набуда ва ин достон ба ривояти Ҳамдуллоҳи Муставфӣ марбут ба гӯй тохтани Султон Санҷар аст ва гӯяндаи шеър Амир Муиззист. Ва аммо зани Шоҳшуҷоъ Малик-хотун ном дошта ва аз шеъру шоирии вай сухане дар миён нест» [27, с. 89].

Муаллифи тазкираи «Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин» Тақиуддин Муҳаммад Авҳадии Ҳусайнии Дақоқии Балиёнӣ, (таълиф: миёни солҳои 1613-1615), ки китоби худро бо фарогирии намунаи ашъори наздик ба 3500 шоир, аз оғози шеъри форсӣ то замони худ, таълиф намудааст, дар ду маврид ба Амир Муиззӣ ду тавр баҳогузорӣ менамояд. Дар ҷилди аввали китоб дар бахши рӯзгори Анварӣ бо каме тағйирот овардани қиссаи Хондамир дар мавриди муносибати Анварӣ ва Амир Муиззиро дар робита ба Анварӣ мавриди накуҳиш қарор медиҳад [7, с. 353]. Дар ҷилди шашуми китоби мазкур, дар бахши Амир Муиззӣ тамоми эҳтироми худро нисбат ба шоир ба ҷо меорад ва дар зикри ӯ чунин тавсифотро раво мебинад: «Маликушшуаро валфусаҳо, қадватулфузало валҳукамо, манбаъулвазъ валкамол, ҷомеулҷалол валҷамол, ҳуҷҷати қотеи ҷалолат ва олиниҳоде, бурҳони сотеулоёт ва устоде, мафхарулкалом, муқатидиюланом, ашрафулқудамо валҳукамо, аршадулуламо, амирушшуаро, амир Абдулло Муҳаммад ибни Абдулмалик ал-Муиззӣ ал-Нишопурӣ аз акобири фузало ва фуҳули шуарост. Гулҳои боғи фитраташ бағоят сероб, дурри баҳри хотираш бағоят хушоб аст. Ҳиддати табъ, сафои зеҳн, суръати закои ӯ аз ҳадди имкон мутаҷовиз бувад, чунончи ба як шунидан қасоиди мутаввала дар хотираш мондӣ. Ашъори Муиззӣ бағоят салису ҷазлу маснуъ аст. Дар навбати баёни ӯ тифли балоғат ба ҳадди булуғ расида ва қалами сиёҳпистон, ки бар сари фатоми фазл буд, атфоли маҳди аҳдро дигарбора сайри шир кард ва аз наводири ҳаводиси ҳамон гулбун гули мурод чидӣ» [10, с. 3833].

Нуриддин Муҳаммадшарифи Кошонӣ дар китоби «Таърихи кишикхонаи Ҳумоюн» (а. XVIII) қиссаи Хондамирро бо ворид намудани тағйирот чунин баён менамояд: “Ҳаким Анварӣ рӯзе дид, ки Амир Муиззӣ дар камоли ҷалолу

истиқлол бар аспи сохти зини тилло савор ва хилъати пӯшидаи султон аз дари кулбаи ӯ мегузарад. Пеш рафт ва гуфт, ки камтарин шеъре гуфта ва орзу дорад, ки ба хидмати султон арз намояд. Амир Муиззӣ фармуданд, ки бихон.

Кошонӣ дар ин ҷо он байте, ки дар китоби «Ҳабиб-ус-сияр» ба сурати

Зиҳӣ шоҳу зиҳӣ шоҳу зиҳӣ шоҳ,

Зиҳӣ моҳу зиҳӣ моҳу зиҳӣ моҳ.

омадааст, ин тавр менигорад:

Аё шоҳу аё шоҳу аё шоҳ,

Аё моҳу аё моҳу аё моҳ [25, с. 143].

Волаи Доғистонӣ дар «Риёз-уш-шуаро» (таълиф: 1747-1748) ишора менамояд, ки Амир Абуабдуллоҳ ал-Муиззӣ ибни Абдулмалик ан-Нишобурӣ аз фусаҳои замону булағои даврон аст. Дар аҳди Султон Санҷари Салҷуқӣ амирулумаро ва маликушшуаро буда. Гӯянд, қуввати ҳифзаш дар мартабае буд, ки қасидаро ба як шунидан ҳифз мекард. Ва баъзе ӯро Насавӣ гуфтаанд. Ба нисбати Муиззиддин Маликшоҳ «Муиззӣ» тахаллус карда. Тафсили аҳволаш дар кутуби таворих мастур аст. Вайро дар хидмати Султон Санҷар ҳамон иззату мартаба буд, ки Унсуриро дар хидмати султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва Рӯдакиро дар ҷаноби Насри Сомонӣ ва сивои ин се каси дигареро аз ин табақа дар хидмати ҳеч як аз салотин ин тақаррубу ҳашмату сарват муяссар нашуда. Боиси фавташ тири Султон Санҷар аст, ки ба ҳасби иттифоқу қазои фалакӣ дукамона шуда, бар мақталаш расид, кушт. Дар марсияи ӯ устодон ашъори баланд гуфтаанд [18, с. 63].

Сироҷиддин Алихони Орзу дар тазкираи «Маҷмаъ-ун-нафоис» (таълиф: 1753) Амир Муиззиро устоде мусалламуссубут мешуморад, ки мисли Анварӣ ва ғайра пайравии ӯ намудаанд. Дар ин сурат тавсифи ӯ намуданро маҳтоб ба газ паймудан медонад [46, с. 1397].

Муаллифи «Хизонаи омира» (таълиф: 1762) Ғуломалихони Озод оид ба рӯзгори Муиззӣ маълумоти тазкиранигорони пешин, ба мисли нақли Низомии Арӯзӣ дар мавриди роҳ ёфтани шоир ба дарбори Маликшоҳ, қиссаи гӯй бохтан ва тир андохтани Санҷарро такрор мекунад [45, с. 399].

Лутфалибек Озари Бегдилӣ дар «Оташкадаи Озар» (таълиф: 1779) Муиззиро аз асотиди фусаҳо ва санодиди булаѓо меҳисобад. Ӯ мегӯяд: «Зуҳураш дар давлати Иброҳим ибни Масъуди Ғазнавист ва дар аҳди Салҷуқиён, хусусан султон Ҷалолиддин Маликшоҳ, ба тақриби қитъае, ки падараш Амир Бурҳонии Самарқандӣ гуфта, ки шеъри охираш ин аст:

Ман рафтаму фарзанди ман омад халафуссидқ,

Ӯро ба Худову ба Худованд супурдам.

дар он даргоҳ роҳ ёфта, баъд аз он ба иллати қобилият тараққиёти азима карда» [13, с. 376]. Аммо иштибоҳан ба мансаби амирушшуароӣ расидан ва Муиззӣ тахаллус кардани ӯро дар замони Санҷар медонад: «Охируламр дар хидмати султон Муизиддин Санҷар амирушшуаро ва амирулумаро буда ва тахаллус ба тақриби исми худ Санҷар ба ӯ дода. Зумрае аз арбоби фасоҳат ва балоѓат ӯро ба устодӣ қабул ва суханони фасоҳатоини ӯро мақбул дониста ва аксар аз фуҳули шуаро нисбати шоирӣ ба ӯ мерасонанд. Ҷамъе аз акобири суханварони симо ҳаким Анварӣ ӯро васф карда ва каломашро мусаллам дошта ва баъзе аз абёти дилкаши ӯро тазмин карда.

Нақл аст, ки дар тамоми аҳди Салоҷиқа иззат дошта, хусусан Санҷар, ки дар остони ӯ чаҳорсад шоири сухангустар буда ва ӯ амирушшуаро буда ва аз роҳи некии зот тамоми умури ҷузъию куллӣ ҳар якро тамшият дода ва қасоиду абёти эшонро дар вақти муносиб ба наҳҷи хуб ба арз расонида, силла ва ҷоиза ба ҷиҳати ҳар як гирифта, бо ин ҷиҳат байнуланом эҳтироми тамом дошта. Ва боиси шуҳрати ӯ ин буд, ки баъд аз фавти падар ба Хуросон омада, то он ки Амир Алӣ Фаромурзи Яздӣ ӯро ба хидмати султонӣ бурда, васфи бисёре аз ӯ карда. Иттифоқан, шаби ид буд, султон бо вуҷуди... дар талаби дидани моҳи нав буданд, чун султон моҳро дид, ба Муиззӣ гуфт: Метавонӣ шеъре дар ин боб бигӯӣ? Амир Муиззӣ гуфт: Ба ҷон миннат. Бадеҳатан ин рубоиро ба арз расонид:

Эй моҳ, чу абрувони ёрӣ, гӯӣ

Ё не, чу камони шаҳрёрӣ, гӯӣ.

Наъле зада аз зари иёрӣ гӯӣ,

Дар гӯши сипеҳр гӯшворӣ гӯӣ.

Баъзе гӯянд ин рубоиро дар хидмати Маликшоҳ гуфта. Ба ҳар ҳол силаи бисёре ёфта» [13, с. 377]. Дар охир аз ашъори шоир 376 байт, аз ҷумла аз қасоид 362 байт ва аз рубоӣ 14 байт намуна меорад [13, с. 377-410].

Шамсиддин Фақири Деҳлавӣ дар «Ҳадоиқ-ул-балоғат дар улум ва фунуни балоғӣ ва арӯзу қофияву муаммо» (таълиф: 1754-1755) дар мавриди тафсири санъатҳои бадеӣ аз ашъори Муиззӣ ба таври хеле зиёд намуна меорад [17].

Дар тазкираи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят (таълиф: 1857) дар бораи Муиззӣ маълумоти нисбатан ботафсиле мавҷуд аст. Ба қавли ӯ Муҳаммад ибни Абдулмалик ал-Нишопурӣ падарашро тахаллус Бурҳонӣ буда, дар аҳди салотини Салоҷиқа Ҷалолиддин Маликшоҳ ва Муизиддин Санҷар амирулумаро ва амирушшуаро гашта, дар камоли ҷалолату иззату наболат мезиста ва дар он давлат бар шуарои замони худ, монанди Унсурӣ бар шуарои замони Маҳмуд ба аморат мутафаррид буда ва ҳамагӣ мидҳати ӯро месурудаанд ва хидмати ӯро менамудаанд ва ба мухофират абёти ӯро тазмин мекардаанд. Баъзе асли ӯро аз шаҳри Нисо ва баъзе аз Нишопур донистаанд. Таҳқиқ он аст, ки Самарқандӣ нест ва дар бадви ҳол дар силки сипоҳиён буда ва баъд аз вусул ба хидмати Маликшоҳ султон ӯро Муиззӣ лақаб дода, зеро ки Ҷалолиддин ва Муизиддин ҳарду лақаби Маликшоҳ буда ва пас аз Маликшоҳ Санҷарро низ ду лақаб буд: яке Носириддин ва дигаре Муизиддин. Ҳамзамон, ишора менамояд, ки тағаззулоти ширину абёти намакин дорад ва дар тариқаи тағаззул ғолибан шеваи Фаррухӣ ва дар мадеҳа маслаки Унсуриро месупорад. Лафзан ва маънан ашъори пухтаи рангин дар девонаш басе ҳаст ва тарзе писандидаву баёне санҷида дорад. Сипас аз ашъори шоир 944 байт намуна меорад [77, с. 1994-2035].

Тибқи иттилои Муҳаммад Алӣ Мударриси Табрезӣ дар «Райҳонат-ул-адаб», Муиззии Самарқандӣ аз машоҳири шуарои номии Фурс мебошад, ки дар аҳди султон Иброҳим ибни Масъуди Ғазнавӣ зуҳур кард, дар аҳди султон Ҷалолиддин Маликшоҳи Салҷуқӣ (1072-1073-1092-1093) симини мулуки Салоҷиқаи эронӣ тараққӣ ёфт, то дар аҳди шашумини эшон – Султон Санҷар (1118-1119-1157-1158) ба мақоме бас олӣ расида ва ба мансаби амирушшуароӣ ва маликушшуароӣ муфтахар шуд ва ба ҷиҳати интисоб ба Султон Санҷар, ки лақаби Носириддин ва

Муиззиддин дошта, ба Муиззӣ ва Амир Муиззӣ шуҳрат ёфт, балки ба навиштаи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» пеш аз Султон Санҷар аз аҳди Маликшоҳ (ки ӯ низ илова бар Ҷалолиддин мулақаб ба Муиззиддин ҳам буда) лақаби Муиззӣ доштааст. Ба ҳар ҳол, Муиззӣ бо камоли иззат ва ҷалолат мезиста ва тамоми шуарои муосири ӯ мидҳаташ гуфтаву хидматаш мекардаанд, ба фасоҳат ва устодии вай изъон доштанд ва маҳз аз роҳи муфохират абёти ӯро тазмин мекарданд [66, с. 343].

Муҳаммад Музаффар Ҳусайн бо тахаллуси Сабо дар тазкираи «Рӯзи равшан» (таълиф: 1878-1879), ки муштамил ба шарҳи ҳол ва мунтахаби ашъори 2410 нафар аз шуарои форсизабони эронӣ ва туркистонӣ ва тоҷикию афғонӣ ва ҳиндии мусулмон ва ҳинду мебошад, Муиззии Нишопуриро марде сипоҳӣ мешуморад, ки дар Самарқанду Хуросон иктисоби илму фазл намуд ва дар Исфаҳон манзури анзори Маликшоҳи Салҷуқӣ гардида, ба рутбаи аморату мансаби ваколати салтанат расид ва аз ҷумлаи чаҳор шоирон аст, ки ба сарвату давлати онон шоире дигар нарасида [56, с. 746].

Тавре ки ба назар мерасад, Сабо дар қатори се шоир, ки Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» дар хусуси сарватмандии онҳо ишора карда буд, шоири форсизабони Ҳинд Файзиро илова менамояд.

Зимнан, Шайх Абулфайзи Файзӣ, ки ҳамчун шоири забардаст дар замони Акбар бо унвони маликушшуаро сарфароз гашта буд, дар Акбаробод (Агра), дар соли 1547 таваллуд шудааст. Падари ӯ файласуфи маъруф – Шайх Муборак Нагорӣ аз шахсиятҳои муътабар ва яке аз нуҳ интихобшудаи дарбори Акбар ба ҳисоб мерафт. Шайх Муборак ба писари калонии худ Файзӣ ва ба хурдӣ Алламӣ тахаллус ниҳода буд. Файзӣ, ки донишҳои роиҷ дар замонаашро омӯхта, бисёре аз донишҳоро ба сурати ҷомеъ (энсиклопедӣ) аз бар карда буд, ба ӯ имкон дод, то вобаста ба илмҳои фалсафа, филология, дин, тиб, риёзиёт ва ситорашиносӣ асарҳо офарад.

Соли 1568 Файзии ҷавон ба император муаррифӣ ва аз ҷониби ӯ ба дарбор қабул шуд ва то охири умр бо кору бори дарбор пайваста буд. Аз ҷумла, мушовири император оид ба сиёсати беруна буд ва якчанд маротиба супоришҳои муҳимми дипломатӣ ичро кардааст. Баъди марги маликушшуаро Ғизолии

Машҳадӣ дар соли 1573 ин унвон байни шоирони муқтадир шонздаҳ сол дар баҳс қарор дошт ва билохира, соли 1589 Файзӣ соҳиби унвони маликушшуаро гардид.

Мероси адабии Файзӣ бо фарогирии тамоми анвои шеърии адабиёти классикӣ зиёда аз 15000 байтро ташкил мекунад. Илова бар ин, Файзӣ азм карда буд, ки дар ҷавоби Низомӣ ва Амир Хусрав дар қолаби хамса асар эҷод намояд. Мутаассифона, шоир ҳама достонҳояшро ба анҷом нарасонида, соли 1595 мефавтад [97, с. 106-110].

Ҳамин тавр, аввалин сарчашмаи арзишманд, ки тавассути он роҷеъ ба рӯзгору осори Амир Муиззии Нишопурӣ метавон иттилои муътамад ба даст овард, девони маҳфузмондаи шоир аст. Дувумин сарчашмаи асосӣ «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандиро бояд ҳисобид, ки дар асари мазкур баъзе рӯйдодҳои муҳимми ҳаёти шоир бевосита аз қавли худи ӯ баён гардидааст. Муаллифони аксари сарчашмаҳои хаттии таърихию адабӣ ва осори илмӣ такя бар ин манобеъ кардаанд. Дар зинаи баъдӣ ҳамчун манбаи аслӣ соири сарчашмаҳои адабию таърихӣ қарор мегиранд. Дар сарчашмаҳои хаттие, ки мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд, муаллифон кӯшидаанд, ки бар мабнои ахбори тоза чеҳраи шоирии Муиззиро ба хонанда намоёнанд.

2.1.2. Баррасии маълумоти адабиёти илмии мавҷуд

Таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ дар замони нав, пеш аз ҳама, дар адабиётшиносии ғарб, аз ҷониби А. Шпренгер шуруъ мешавад. Вай дар китоби «Феҳристи дастнависҳои арабӣ, форсӣ ва ҳиндуистонӣ, аз китобхонаҳои шоҳии Ауд» номи шоирро Абубакр Муҳаммад ибни Абдумалик мегӯяд ва пеш аз тавсифи девони ашъораш роҷеъ ба рӯзгори ӯ маълумоти мухтасар баён менамояд [320, с. 501].

Ҳермон Эте низ дар ҷилди якуми «Феҳристи дастнависҳои форсӣ дар Китобхонаи дафтари Ҳиндустон» пеш аз муаррифии ду нусхаи девони шоир дар бораи ӯ маълумоти мухтасар дода, номи ӯро Амир Абуабдуллоҳ Абубакр Муиззӣ мегӯяд [307, с. 570]. Эте дар китоби «Таърихи адабиёти форсӣ» номи аслии

Муиззиро Муҳаммад ибни Абдулмалик ва зодгоҳашро Нишопур мегӯяд ва дар хусуси то ба дарбор ворид шудани Муиззӣ бо такрори қавли Давлатшоҳ ишора менамояд, ки дар ибтидои ҳол ба шуғли аслиҳасозӣ мепардохт ва аз он шуғл тараққӣ кард, то саранҷом ба мақоми аморат расид [280, с. 105].

Дар ҷойи дигар байтеро аз номи Саид Ҳасани Ғазнавӣ дар бартарӣ ниҳодани хеш бар Муиззӣ нақл мекунад:

Дар шеър зиёдатӣ ҳамеҷӯяд
Бар табъи Муиззии Хуросонӣ.

Ин байтро Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар муқаддимаи девони Муиззӣ [32, с. Лом] аз Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, вале дар китоби «Вазорат дар аҳди салотини бузурги Салҷуқӣ. Аз таърихи ташкили ин силсила то марги Султон Санҷар (432-552)» [193, с. 79] аз Мухтории Ғазнавӣ мешуморад. Носири Ҳирӣ дар муқаддимаи девони Муиззӣ [31, с. 14] ва Саъид Нафисӣ [187, с. 513] аз Сайид Ҳасани Ғазнавӣ донистаанд. Ин байт, воқеан, аз қасидаи маъруфи Мухторист [37, с. сию ду; 280, с. 105].

Эдуард Браун дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон. Аз Фирдавсӣ то Саъдӣ», пеш аз ҳама, дар бахши рӯзгори Ҳаким Фирдавсӣ ҳикояеро аз Низомии Арӯзӣ нақл менамояд, ки бисёр муҳаққиқон аз он ёд накардаанд. Дар ин замина, вохӯрии Низомии Арӯзиро бо Муиззӣ дар санаи 514 ҳ.қ. ва аз Муиззӣ ҳикояте роҷеъ ба султон Маҳмуд ва Фирдавсӣ шунидаашро баён менамояд. Аз ҷумла, аз забони Низомии Арӯзӣ ривоятеро дар хусуси султон Маҳмуд ва Фирдавсӣ оид ба қадршиносии ӯ меорад, ки қаблан аз он ёд шуда буд [117, с. 199].

Э. Браун Муиззиро дар зумраи пешоҳангони ғазали форсӣ зикр кардааст: «…Мояи шигифтӣ нахоҳад шуд, агар дарёбам ҳар ташбеҳе, ки баъдан тавассути шуарои ғазалсарои Осиёи Бохтарӣ ба кор рафта, ба василаи Муиззӣ низ мавриди истифода қарор гирифтааст ва ин ки бисёре аз онҳо барои нахустин бор ба дасти ӯ абдоъ шуда ва ба кор рафтааст…» [118, с. 32]. Аз ҷониби Давлатшоҳи Самарқандӣ низ дар «Тазкират-уш-шуаро» ин ҳикоя оварда шудааст, аммо бидуни номи Низомии Арӯзӣ ва Амир Муиззӣ [57, с. 53-54].

Адабиётшиноси англис А.Ҷ. Арбери дар китоби «Адабиёти классикии форс» Муиззиро устоди кори худ меҳисобад. Дар хусуси пешравии ӯ ва воридшавиаш ба доираи адабии дарбори Султон Маликшоҳ ҳикояи Низомии Арӯзиро аз «Чаҳор мақола» нақл ва дар хусуси мартабаи ӯ қавли Муҳаммад Авфиро аз «Лубоб-ул-албоб» иқтибос меорад. Тасодуфан аз тири Султон Санҷар кушта шуданашро афсона мехонад ва мегӯяд, ки шоир дар пиронсолӣ вафот кард. Илова менамояд, ки баъзе қасоидаш аз ҷониби Л.А. Николсон тарҷума шудааст ва намунае аз онро дар китоби худ иқтибос меорад [291, с. 114].

Ричард Нелсон Фрай, эроншиноси амрикоӣ дар китоби «Таърихи Эрон – аз ислом то Салоҷиқа» аз Муиззӣ бо эҳтиром ва таҳсин ёд мекунад. Дар мавриди аз рӯи қофиябандӣ ба гурӯҳҳо ҷудо кардани рубоӣ аз теъдоди умумӣ саду чиҳилу нӯҳ рубоии Амир Муиззиро бо қолаби а,а,а,а ва бисту ҳашт рубоии ӯро бо қолаби а, а, б, а. мешуморад. Зуҳури Салҷуқиёнро бо пайдоии насли тозае аз шуарои мадеҳасаро ҳамроҳ медонад, ки барҷастатарини онҳо Қатрон, Азрақӣ, Рунӣ ва андаке дертар Масъуди Саъди Салмон ва Амир Муиззӣ мебошанд [249, с. 552].

Муаллифони «Таърихи адабиёти форсу тоҷик» (зери назари Ян Рипка) Муиззиро аз машҳуртарин устодони васфи қасидаи форсӣ меҳисобанд ва бар он ақидаанд, ки Муиззӣ амирушшуароиро на бо мерос аз падараш Бурҳонӣ, балки ба шарофати хизматхои худ ба даст овардааст. Муаллифони китоби мазкур, зоҳиран, бо таваҷҷуҳ ба ақидаи Шамси Қайси Розӣ менависанд: «…Ин мавзуъ, ки Анварӣ вайро (Муиззиро) ба сарқати адабӣ муттаҳам карда, бо қотеот собит нашуда, вале мусаллам он аст, ки Анварӣ худ аз ашъори Муиззӣ истифода кардааст» [206, с. 275]. Ҳамзамон, ишора менамоянд, ки «гуфтан душвор аст, ки оё ӯ, воқеан, дар асардуздӣ гунаҳкор аст ё на, чунонки Анварӣ ӯро муттаҳам кардааст, аммо мутмаинанд, ки худи Анварӣ аз ашъори Муиззӣ истифода кардааст» [206, с. 275]. Санаи вафоти шоирро бо такя ба қавли Аббос Иқбол, ки дар муқаддимаи девони Муиззӣ овардааст, миёни солҳои 1124-27 мешуморанд [206, с. 275-276].

Г.Е. Тетли дар рисолаи «Туркони Ғазнавӣ ва Салҷуқӣ: шеър ба сифати сарчашмаи таърихи Эрон» дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи сулолаҳои

Ғазнавиён ва Салҷуқиён, муносибати шоирони мадеҳагӯ аз ҷумлаи Фаррухӣ ва Муиззиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар баробари баёни рӯзгори Фаррухӣ ва Муиззӣ шеъри ин ду шоирро дар робита ба тасвири рӯйдодҳои таърихӣ баҳогузорӣ карда, сабаби асосии таваҷҷуҳ ба ҷанбаи таърихӣ, на адабии ашъори Фаррухӣ ва Муиззиро дар он мешуморад, ки ҳарду шоир шоҳиди воқеаҳои таърихии тасвирнамудаи худ мебошанд.

Дар ин росто дар бораи рӯзгор ва осори Муиззӣ маротибаи аввал бо забони англисӣ иттилои нисбатан муфассал оварда, бештари қасоиди Муиззиро, ки дар мавзуъҳои таърихӣ ва ҷангу лашкаркашиҳои салотини Салҷуқӣ бахшида шудаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар бораи як қатор мамдуҳони шоир, ки дар қасидаҳои мадҳии ӯ васф шудаанд, дар ин асар маълумот метавон пайдо кард. Тибқи иттилои Тетли, ин мавод як таҳқиқоти арзишманди муносибати байни туркҳову форсҳо ва омили хеле муҳимми ҳукмронии ин ду сулола ва аввалин омӯзиши васеи ашъори Муиззӣ бо забони англисӣ мебошад [323, с. 91-196].

Дар адабиётшиносии рус низ ба омӯзиши масъалаи мавриди назари мо таваҷҷуҳ шудааст. Аз назари таърихият дар адабиётшиносии рус омӯзиши рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ бо нигоштаҳои Е.Э. Бертелс оғоз меёбад. Ӯ, аз ҷумла, дар бораи шеъри дарборӣ дар замони Салҷуқиён сухан ронда, ишора менамояд, ки Амир Муиззӣ аз эҳтироми хосси Маликшоҳ ва Санҷар бархурдор буд [109, с. 485]. Е.Э. Бертелс дар «Навоӣ ва Ҷомӣ» бо иқтибос аз пораи шеърии Абдурраҳмони Ҷомӣ аз «Сисилат-уз-заҳаб» Муиззиро дар қатори беҳтарин устодони қасидаи классикӣ: асосгузори он – Рӯдакии бузург, шоҳи шоирони султон Маҳмуд – Унсурӣ ном мебарад [109, с. 30]. Дар хусуси маъруфияти қасидаи Хоқонӣ бо матлаи:

Дили ман пири таълим асту ман тифли забондонаш,
Дами таслим сари ушру сари зону дабистонаш. –

сухан ронда, ишора менамояд, ки ин қасидаи Хоқонӣ дар ҷавоб ба қасидаи шоири Ғазнавӣ Усмони Мухторӣ бо матлаи

Мусулмон куштан оин кард чашми номусулмонаш

Ба нуки новаки мижгон, ки пурзаҳр аст пайконаш.

эҷод шудааст. Ин қасидаи Хоқонӣ муваффақияти калон пайдо намуд. Ба ӯ Амир Хусрав, Сайфиддини Исфарангӣ, Урфии Шерозӣ, Низомии Муаммоии Мозандаронӣ, Сидқии Бухорӣ, Амир Муиззӣ, Саид Ҳасани Ғазнавӣ, Ҷомӣ, Навоӣ ва баъдтар Фузулӣ назира навиштаанд [109, с. 37-38].

Дар ин ҷо муҳаққиқ то як андоза ба иштибоҳ роҳ дода, Амир Муиззиро пайрави Хоқонӣ мешуморад. Тавре маълум аст, Амир Муиззӣ пеш аз Хоқонӣ умр ба сар бурда ва яке аз шоиронест, ки дар ҷавоб ба қасидаи мазкур назира навиштааст. М. Бақоев низ дар мавриди баҳогузорӣ ба қасидаи «Миръот-ус-сафо»-и Амир Хусрав ва овардани иқтибос аз Е. Бертелс ин иштибоҳро такрор мекунад [103, с. 194].

Дар атрофи қасидаи мазкур ва назиранависӣ ба он баҳс миёни муҳаққиқон хеле зиёд аст. Аз ҷумла, Зиёуддини Саҷҷодӣ дар мақолаи «Сайри як қасида дар нуҳ қарн» оғози таърихи назиранависӣ ба ин қасидаро аз қасидаи Носири Хусрав медонад. Матлаи қасидаи Носири Хусрав ин аст:

Чӣ буд ин чархи гардонро, ки дигар гашт сомонаш,

Ба бӯстон ҷомаи зарбафт бидриданд хубонаш [216, с. 563].

Пас аз Носири Хусрав то асри XII чанд тан аз шоирон ба ин қасида тавақҷуҳ карда ва аз он истиқбол намудаанд, ки ба тартиби нахуст Амир Муиззист, ки қасидае дар бисту як байт ба ин матлаъ, ки дар мадҳи Абулмаҳосин Муинулмулк аст:

Ҳамеҷӯям нигореро, ки дорам чун дилу ҷонаш,

Ҳамехоҳам, ки як соат тавонам дидан осонаш.

Пас аз Амир Муиззӣ Усмон Мухторист ва қасидае дорад бо ин матлаъ:

Мусулмон куштан оин кард чашми номусулмонаш

Ба нуки новаки мижгон, ки пурзаҳр аст пайконаш [216, с. 563-566].

Бертелс Е.Э. дар китоби дигари худ «Таърихи адабиёт ва фарҳанги Эрон» Амир Муиззиро дар саргаҳи шоирони дарбори Санҷар қарор дода, илова менамояд, ки эҷодиёти шоир то имрӯз хеле кам омӯхта шудааст. Аз ашъораш бармеояд, ки дар васф маҳорати фавқулодда дорад [112, с. 278-279].

Рейснер М.Л. дар китоби «Таҳаввули ғазали классикӣ дар забони форсӣ (асрҳои X-XIV)» бештар дар атрофи ғазал, таҳаввули ин навъи адабӣ дар асрҳои X-XII, аз ҷумла дар ашъори Муиззӣ, баҳс менамояд. Ишора менамояд, ки Муиззӣ муддати дароз сарвари эътирофшудаи мактаби шоирие буд, ки дар дарбори Салҷуқиён инкишоф ёфтааст ва ӯ унвони амирушшуароиро аз падар ба мерос гирифта бошад ҳам, ба шарофати истеъдоди барҷастааш соҳибэҳтиром гардидааст [199, с. 105].

Аҳмади Тамимдорӣ дар китоби «Таърихи адабиёти форс» дар бораи Амир Муиззӣ сухан ронда, ишора менамояд, ки ин шоир ба шеваи хуросонӣ майл дошт, аммо сабки хосси худро надошт. Ӯ чанд қасида ва рубоиеро бо услубе, ки аз шоирони дигар гирифта буд, навиштааст [224, с. 80].

Ардашникова Н. ва Рейснер М.Л. дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон дар асрҳои миёна (асрҳои IX-XVII)» ба рӯзгор ва осори Муиззӣ бахши алоҳидае бахшидаанд. Ба қавли онҳо, Муиззӣ фаъолияти худро дар аҳди Маликшоҳ оғоз намуда, дар замони Султон Санҷар аллакай дар авҷи шуҳрат буд. Фаъолияти Муиззӣ дар назди Султон Санҷар яке аз муддати муваффақтарин ва дарозтарин дар таърихи назми дарборӣ дар Эрони асримиёнагӣ гардид. Дар ашъори шоир дар баробари қасоиди комил қасидаҳои муқтазаби ба истилоҳ, сирф мадҳӣ бидуни муқаддимаҳои лирикӣ бисёр вомехӯранд [100, с. 159-166].

Ба қавли М.Л. Рейснер дар китоби «Ашъори мазҳабию ирфонии форсии асрҳои XI–XV» дар байни шоирони дарбор ҳам мухолифони ашаддии ашъори ирфонӣ буданд, вале онҳо низ қисман зери таъсири фазои адабӣ қарор мегирифтанд. Дар баробари баҳсу мунозираи ошкоро бо шоирони тасаввуф дар навиштаҳои онҳо намунаҳои корбурди образҳоро метавон пайдо кард, ки ба туфайли ривоҷу равнақи анъанаи бадеии тасаввуф ба назми лирикӣ дохил шуданд. Дар қатори эшон метавон Амир Муиззиро ёд кард.

Муиззӣ дар ғазалиёташ низ мисли қасоид, дар маҷмуъ, ба анъанаҳои дарборӣ содиқ монда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ба воридшавии идеяҳои тасаввуфӣ ба ашъораш монеъ шавад. Хусусияти хосси ғазалҳои Муиззӣ

набудани тахаллус дар мақтаи он аст. Тахаллуси шоир танҳо дар баъзе қасидаҳо дида мешавад [200, с. 22].

Е.О. Акимушкина дар мақолаи «Хусусиятҳои жанрии мадҳияҳои Амир Муиззӣ» осори Амир Муиззиро, асосан, дар заминаи таҳқиқи қасидаҳои мадҳӣ, ки шакли асосии жанри ашъори дарбори форсӣ мебошад, баррасӣ кардааст. Инчунин, дар доираи омӯзиши раванди ташаккули ғазал ба фаъолияти эҷодии шоир таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардидааст. Таъкид мешавад, ки Муиззӣ яке аз шоирони барҷастаи назми дарбори форсии давраи классикӣ (асрҳои X-XV) ба шумор равад ҳам, асарҳои монографие, ки ба эҷодиёти ӯ дар эроншиносӣ бахшида шуда бошад, вуҷуд надоранд. Инчунин, ашъори мадҳиявии ӯро сазовори омӯзиши муфассалтар дониста, дар ин замина дар мақолаи мазкур асосан ба ашъори мадҳии Муиззӣ, ки ба тавсифи занон – намояндагони ҳалқаи хонаводагии Султон Санҷар аз сулолаи Салҷуқиён – модараш Тоҷиддин-хотун ва хоҳараш Шоҳ-хотун Сафия бахшида шудаанд, таваҷҷуҳ кардааст. Ба ин тартиб, Муиззӣ, зоҳиран, нахустин шоири форсии давраи классикӣ дониста мешавад, ки дар қасидаҳояш зан мавриди ситоиш қарор гирифтааст [94, с. 88].

М.Л. Рейснер ва А.Н. Ардашникова дар китоби «Адабиёти форсӣ дар асрҳои IX-XVIII» дар маҷмуъ, бештар ба такрори маълумоти овардаашон дар осори илмиашон, ки ба рӯзгори Муиззӣ бахшида шудааст, пардохтаанд, аз қабили қиссаи Мирхондро дар «Ҳабиб-ус-сияр» дар хусуси Муиззӣ ва Анварӣ ва нақли гӯйбозии Султон Санҷар ва баъди афтидан аз асп ба Муиззӣ бахшидани он, сабаби марги шоирро тири Султон Санҷар донистан, навъҳои қасида, хусусиятҳои бадеии ғазалҳои Муиззӣ ва билохира, набудани тахаллус дар мақтаи ғазалҳои Муиззӣ ва танҳо дар як қатор қасидаҳо ба назар расидани он.

Ба ақидаи муҳаққиқон, Саъдӣ бар асоси намунаи ҷобаҷосозии нақшҳои пешниҳодкардаи Муиззӣ дар қасидаи «Эй сорбон» пас аз як аср ғазали машҳури худро, ки дар миёни мутахассисон бо номи «Корвон» маъруф аст, эҷод менамояд [201, с. 179-188].

Е.О. Акимушкина дар мақолаи «Образи «мамдуҳ» дар ашъори мадҳии форсизабони давраи классикӣ омӯзиш ва таҳлили осори шаш шоири ин даврaро,

ба монанди Амир Муиззӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Анварӣ, Саъдии Шерозӣ, Салмони Совақӣ, ки дар ашъори онҳо объекти ситоиш занҳо – модарон, занҳо, канизҳо, хоҳарон дар доираи 44 қасида ва 5 қитъа (дар давоми панҷ аср) қарор гирифтаанд, роҳандозӣ намудааст. Дар ин миён аз сулолаи Салҷуқиён модараш Тоҷиддин - хотун ва хоҳараш Шоҳ - хотун Сафия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд [95, с. 25-38].

Шинохти Амир Муиззӣ ҳамчун шоири тавоно ва ҷустуҷӯ дар аҳволу ашъори ӯ дар адабиётшиносии муосири тоҷик низ собиқаи беш аз якасра дорад. Ҷустуҷӯҳои муҳаққиқони тоҷик дар боби таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ бо нигоштаҳои устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» оғоз меёбад. Устод Садриддин Айнӣ шоирро Амир Муиззии Самарқандӣ ибни Амир Бурҳонии Самарқандӣ гуфта, таъкид менамояд, ки дар «Намунаи адабиёти Эрон» ва дар «Оташкада» Самарқандӣ навишта шудааст, аммо «Хизонаи омира» Нишопурӣ ва Давлатшоҳ Нисоӣ медонад. Вафоти шоирро соли 542 ҳичрӣ дар Марв меҳисобад [93, с. 26]**.** Ҳамзамон, аз ашъори шоир аз «Намунаи адабиёти Эрон» 15 байт, аз тазкираи «Оташкадаи Озар» 8 байт, аз «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ 4 байт намуна оварда, аз «Хизонаи омира» қиссаи бадеҳатан сурудани рубоӣ ва роҳ ёфтани шоирро ба дарбори Маликшоҳ баён карда, аз марсияи ҳаким Саноӣ, ки дар таъзияи Муиззӣ навишта, ёд мекунад [93, с. 27-29]**.**

Бобоҷон Ғафуров дар асари безаволи худ «Тоҷикон» дар мавриди Муиззӣ чунин мегӯяд: «Мир Муҳаммади Муиззӣ (ваф. қарибиҳои соли 1140) аслан аз Нишопур мебошад. Аксари асарҳои ӯро қасидаҳои мадҳия ташкил мекунанд, ки ба Маликшоҳ ва Султон Санҷари Салҷуқӣ бахшида шудаанд. Ӯ дар вақти ҳукмронии Султон Санҷар ба мартабаи баланди шоири дарбор расида, ба унвони «Маликушшуаро» сарфароз гардид» [128, с. 424]**.**

Расул Ҳодизода дар китоби «Адабиёти форс-тоҷик дар асрҳои XII-XIV» оид ба номгӯи осор, миқдори ашъор, навъҳои адабӣ, мавзуъҳои эҷодиёти шоир, бурду бохти шоир дар замони худ ва умуман дар таърихи адабиёти тоҷик маълумоти зарурӣ додаанд. Аз ҷумла, замони тахминии таваллуди ӯ, бино ба

иттилои Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола», ки аз забони шоир нақл шудааст, ба дарбор пайвастани ӯ, моҷарои тир хӯрдан ва амсоли он аз ҷониби муҳаққиқон бозгӯ шудааст. Дар баробари ин, хусусияти бадеии намунаҳои ашъори шоир мавриди таҳлил қарор гирифта, аз нигоҳи муаллифон, шоир аз шоирони пешқадам ва муътабари давраи Салчуқиёни бузург ва идомадиҳандаи сабку забони содаи адабиёти асри X ва нимаи аввали асри XI муаррифӣ гардидааст. Ин олимон ба таҳлили ашъори Муиззӣ пардохта, мазмуну мундариҷа, сохтори қасидаҳо ва сабку услуби шоирро то як андоза муайян намудаанд.

Илова бар ин, муаллифон дар робита ба муносибати Муиззӣ нисбат ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ишора менамоянд, ки «Муиззӣ ҳам монанди шоирони доираи дарбори Ғазнавӣ ба тараннум ва таҷассум намудани анъанаҳои қаҳрамононаи миллии форсу тоҷик назари манфӣ дорад. Ин назари манфӣ ҳам дар давраи ғазнавиён ва ҳам дар замони Салҷуқиён фақат фикри шахсии шоир набуд. Чунин муносибати манфӣ нисбат ба ин анъанаҳо ва аз ин ҷо нисбат ба достонҳои ҳамосавӣ ифодаи сиёсати ҳукмронҳои мутлақи он замон буд, ки назмро барои интишори нуфузи давлати худ истифода мебурданд». [92, с. 55-62]**.**

Оид ба Амир Муиззӣ баҳси муъҷазу пурмуҳтаворо Т. Неъматзода дар мақолаи хеш рӯи кор овардаанд. Тибқи ишораи ӯ чанде аз шеърҳои Муиззӣ ҳамоно равон буда, дар офаридани онҳо шоир аз унсурҳои адабиёти даҳонакӣ, аз баёни гуфтугӯӣ ва мақолу масалҳои халқӣ истифода намуда, ба ин васила забони шеърро ғанитар гардонида бошад ҳам, аз тарафи дигар, дар шеърҳои Муиззӣ ифодаҳои печдарпеч, ташбеҳу истиороти мураккаб, ибораву истилоҳоти илмию фалсафӣ, ки бештар дар шоирони ин давр – Абулфараҷи Рунӣ ва Масъуди Саъди Салмон дучор меоянд, низ мушоҳида мешавад [188, с. 536]**.**

Чунин маълумоти судманд ва арзиши илмидоштаро донишманди тоҷик Аҳмад Абдуллоев низ оид ба рӯзгор, номгӯи ашъор, хусусиятҳои эҷодию навъҳои адабӣ, бурду бохти шоиру ҳунари эҷодии Амир Муиззӣ дар мақолаҳои илмӣ пешниҳод намудааст. А. Абдуллоев ишора менамояд, ки «...фатҳномаҳои Муиззӣ қимати таърихӣ дошта, таърихнигориро дар шеър ривоҷ додаанд» [89, с. 304]. Яке аз хусусиятҳои дигари қасоиди Муиззиро муносибати манфии ӯ ба

осори қаҳрамонӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мешуморад. Ба андешаи ӯ, ин ғояи қасоиди Муиззӣ барои мадҳи ҳукуматдорон гузориш ёфта, бештар ба тазод(д)у пайравӣ асос гирифтааст. Бо вуҷуди ин, қасоиди Муиззиро чун асари пурбаҳои санъат дорои аҳаммият медонад ва илова менамояд, ки дар қасида ҳунари писандида дошт, рубоиро аксар бадеҳатан мегуфт. Ғазалҳои ӯ содаю равон буда, бо орзуҳои ширини қаҳрамони лирикӣ тавъаманд. Дар ин равия вай анъанаҳои Рӯдакиро ривоҷ дода, ӯро талқину тазмин кардааст. Дар ашъори ӯ тасвири ҳаёт, зиндагии хуш мавқеи хос дорад. Муиззӣ ҳамчун маликушшаро барои нуфузи доираи адабии Салҷуқиён ҳиммат гузоштааст. Ӯ равияи содаписандию халқии назмро қувват додааст. Муиззӣ дар офариниши образҳои нав, истифодаи луғатҳои тоза, тасвирҳои нозук устод буд [89, с. 304]**.**

Дар ҷилди якуми «Гулшани адаб», ки баргузидаи ашъори шоирони асрҳои IX-XIII аст, роҷеъ ба рӯзгору осори Амир Муиззӣ маълумоти мухтасаре сабт ва аз ашъори ӯ ба тариқи намуна 11 ғазал, 1 тарҷеъбанд, 2 қитъа ва 8 рубоӣ оварда шудааст [125, с. 210-218]**.**

Адабиётшиноси машҳури тоҷик Х. Мирзозода низ оид ба Амир Муиззӣ, аз ҷумла, дар мавриди рӯзгори шоир, анвои адабӣ ва муҳтавои ашъори ӯ маълумоти зарурӣ додааст. Аз ҷумла, ишора менамояд, ки Муиззӣ баъд аз хатми таҳсили мадраса дар хизмати сипоҳии Салҷуқиён буд. Чанде аз Хуросон ба Исфаҳон рафта, хизмати аскарӣ кардааст. Падараш пеш аз вафоти худ аз Маликшоҳ хоҳиш кардааст, ки фарзанди ӯро тарбия намояд. Ин муҳаққиқ низ дар мавриди ба дарбор пайвастани ӯ иттилои Низомии Арӯзиро дар «Чаҳор мақола», ки аз забони шоир нақл шудааст, такрор менамояд.

Танҳо як нуктаро ин ҷо бояд зикр намуд, ки аз ҷониби ин муҳаққиқон баъзе ҳолатҳо шахсияти шоир на фақат ба сифати шоири қасидасаро, балки ҳамчун шоири дарборӣ, ҳамчун ифодакунандаи манфиатҳои давлати мутамаркази феодалӣ баҳогузорӣ мешавад. Аммо, бо вуҷуди ин, санъати баланд ва хусусиятҳои беҳтарини назми Муиззиро инкор кардан аз рӯи инсоф нест. Баръакс ин ҷиҳати назм шоирро ба сафи шоирони беҳтарини он замон мегузорад. Аз тарафи дигар, назми Муиззӣ ҳам ба воситаи санъат ва ҷиҳатҳои беҳтарини

воситаҳои бадеӣ, ҳам ба ҳукми мавқеи амирушшуароии ӯ ба равияи умумии забон ва сабки назми он замон таъсири мусбате гузошт [173, с. 54-59].

Роҷеъ ба назари донишмандони шӯравии тоҷик нисбат ба ашъори шоирони дарборӣ ва қасоиди мадҳии эшон, аз ҷумла, вобаста ба қасоиди Амир Муиззӣ, ки низ шоири дарбор, қасидасаро ва ҳатто амирушшуаро буд, бояд иброз намоем, ки бо назардошти дар замони Шӯравӣ ҳамчун шеъри дарборӣ шумурда шудан муҳаққиқон ба омӯзиши қасидаҳои мадҳии дарборӣ чандон эътибор намедоданд. Аз аввалин муҳаққиқоне, ки дар замони Шӯравӣ оид ба ҷанбаҳои мусбати қасида ибрози андеша намудаанд, адабиётшиноси маъруфи тоҷик устоди зиндаёд Худоӣ Шарифзода мебошанд, ки дар баробари таҳқиқи функсияи маърифатии қасида, чунин ишора карда буданд: «То имрӯз мо як таҳқиқи муфассалу мукаммале дар хусуси қасида, ки аз мавқеъҳои ҳозираи илм гузаронида шуда, моҳияти шаклу мундариҷа, мақоми онро дар ҳаёти маънавии асрҳои миёна ба дурустӣ муайян карда бошад, дар даст надорем. Ҳалли ин масъалаи мураккаб, махсусан, ба омӯзиши поэтика ва принсипҳои инъикоси бадеии қасида, аз як тараф, ба таҳқиқи ҳамин ҷиҳатҳои тамоми адабиёти классикии форсу тоҷик, аз тарафи дигар, эҳтиёҷманд аст [274, с. 49].

Бо ба даст омадани Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба таҳқиқ ва омӯзиши рӯзгори Амир Муиззӣ ва паҳлуҳои ашъори ӯ бештар гаштааст. Ш. Ғаффоров дар рисолаи «Азрақии Ҳиравӣ ва хусусиятҳои бадеию эстетикии қасоиди ӯ» дар раванди баррасии рӯзгор ва осори Азрақӣ аз рӯзгор ва баъзе махсусиятҳои ашъори Амир Муиззӣ, ки аз ҳамзамонони Азрақӣ маҳсуб меёфт, ишора менамояд. Аз ҷумла, бо такя ба маъхазҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ дар он замон Муиззии Нишопуриро шоири муваффақтарини адабиёти дарборӣ мешуморад ва илова менамояд, ки ба иттилои маъхазҳо, вай маликушшуарои дарбори Маликшоҳ ва баъдтар Султон Санҷар буда ва бозори шеъраш ҳамеша гарм буда, ягон байти дар тӯли ҳаёти худ сурудааш нохарида намондааст [127, с. 42].

Донишманди дигари тоҷик, ки дар атрофи рӯзгор ва ашъори Амир Муиззӣ ибрози назар намудааст, Бадриддин Мақсудов мебошад. Ӯ дар мақолаи «Амир

Муъиззи и придворная литература Сельджукидов в Хорасане» дар бораи ҳавзаҳои адабии замони Салҷуқиён, рӯзгори шоир, мероси адабии ӯ ва хусусиятҳои бадеии ашъори ӯ бо такя ба манбаъҳои муътамад ибрози андеша менамояд [165, с. 118-123].

Исрофилниё Шарифмурод дар рисолаи «Мероси Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV», дар бахши «Таъсирпазирии Носири Бухороӣ аз шоирони гузашта» аз Амир Муиззӣ низ ёд мекунад ва таъкид менамояд, ки амирушшуаро Муиззии Нишопурӣ аз шоирони тавоно ва дараҷаи аввали адабиёти форсии тоҷикӣ аст, ки ҳам дар ғазал ва ҳам дар қасида дасти тамом дорад. Аксари ноқидони қадим шеъри ӯро ситоиш кардаанд. Хусусияти асосии шеъри ӯ дар содагӣ ва равонию пурмаъноии онҳост. Муиззӣ дар калимоти содаву кӯтоҳ маонии бузургро ҷой медиҳад ва шояд ҳамин вижагии шеъри ӯ диққати Носирро ба худ кашида бошад. Носир ӯро ба унвони шоири бузург ва номвар ёд карда, шуҳрати номи Санҷарро аз лутфи табъи ӯ ва шуҳрати ӯро аз силаи Санҷар медонад:

Нақси таҳсин асту тақсири сила,
К-инчунин шуд нангу номи шоирӣ.
Аз чӣ шуд номи Муиззӣ номдор?
Аз камоли лутфҳои Санҷарӣ [151, с. 262].

Ш. Исрофилниё илова менамояд, ки дар шеъри Носир ва Муиззӣ тасвироте дида мешавад, ки муштараканд, аммо ин маънои онро надорад, ки Носир ҳатман аз Муиззӣ гирифта бошад, зеро ин гуна тасвирсозӣ дар ашъори шуарои дигар низ вомехурад. Масалан, дар мавриди кӯр шудани чашми мори афъӣ баробари дидани зумуррад, Муиззӣ гӯяд:

Зумурраду алафи сабз ҳарду якранганд,
Аз ин ба дидаи афъӣ кашанд, аз он ба ҷувол.

Носир ҳамин мазмунро бо ташбеҳи зулфи ёр ба афъӣ ва хатти сабзи ӯ ба зумуррад хеле зебо баён намудааст:

Афъии зулфи ту ҳеҷ дида надорад,
К-аз хати сабзи ту дидаст зумуррад [151, с. 262].

Абдулманнони Насриддин бо такя ба сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ дар бораи шоир маводи муфассал рӯйи кор овардааст. Ӯ, аз ҷумла ишора менамояд, ки баъзе манобеи адабӣ ӯро «Насавӣ», яъне аз шаҳри Насо, ки дар байни Балх ва Марв ҷойгир шуда буд, донистаанд. Аммо қавли аввал саҳеҳтар аст, яъне Нишопур. Дар баробари ин, дар бораи доираҳои адабӣ, равобити шуаро ва амсоли ин сухан гуфта, ҳатман аз Муиззӣ ёд кардааст [185, с. 369].

Дар ҷилдҳои дигари куллиёти худ низ ин муҳаққиқ дар бисёр мавридҳо аз Амир Муиззӣ ном мебарад. Аз ҷумла, дар бораи суханварии падарону писарон сухан ронда, чунин ишора мекунад: «Суханварони шинохта будани ҳам падар, ҳам писар, умуман, дар таърихи адабии дунё ҳодисаи нодир аст, вале дар таърихи тамаддуни тоҷику форс бошад, зуҳуроти дерин ва анъанавист. Амир Муиззӣ ва падари ӯ – Амирушшуаро Абдулмалики Бурҳонӣ, Ҷамолиддин Абдураззоқи Исфаҳонӣ ва писари ӯ – Халлоқулмаонӣ Камолиддини Исфаҳонӣ, падари Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ – Баҳоуддин Валад ва писари ин адиби мумтоз – Султон Валад, падари Ибни Ямини Фарюмадӣ – Амир Яминуддин, писари Ҳусайн Воизи Кошифӣ - Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ, падари Виқори Шерозӣ – Висоли Шерозӣ шоир ва нависанда буданд» [186, с. 54-55].

Худоӣ Шарифзода ва Мисбоҳиддини Нарзиқул дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII)» ба рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ фасли алоҳида бахшида, бо такя ба сарчашмаҳои адабию илмӣ дар атрофи рӯзгори шоир, мероси адабӣ ва баъзе хусусиятҳои ашъори ӯ ибрози назар кардаанд. Аз ҷумла, ишора менамоянд, ки Муиззӣ дар хонаводаи шоир ба дунё омадааст. Падараш – Абдумалики Бурҳонӣ шоири дарбори Алп Арслон ва писари вай – Маликшоҳ будааст. Аз ин ҷост, ки Муиззӣ дар муҳити дарбор тарбият ёфта, пас аз таҳсили илм ва хатми мадраса дар хидмати сипоҳии Салҷуқиён буд. Дар шеъраш рӯҳияи дарборӣ дорад. Падараш қабл аз вафот аз Маликшоҳ хоҳиш кардааст, ки фарзанди ӯро тарбия намояд. Сипас аз лаҳзаҳои барои рӯзгори минбаъдаи шоир муҳим, яъне ворид гардидани ӯ ба дарбори султон Маликшоҳро, бино ба иттилои Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола», ки аз забони шоир нақл шудааст, такроран нақл мекунанд ва бо вуҷуди овардани

маълумоти муфассал иброз менамоянд, ки то ҳол дар бораи Муиззӣ таҳқиқоти мукаммале ба миён наомадааст [272, с. 354-358].

Адабиётшинос Ҳамза Собиров дар китоби «Мақоми Абдулвосеи Ҷабалӣ дар адабиёти асри XII форсу тоҷик», дар бахши «Шоирони ҳамзамони Ҷабалӣ ва муносибати адиб бо онҳо» дар хусуси муносибати Амир Муиззӣ ва Абулвосеи Ҷабалӣ изҳори назар кардааст. Ӯ Амир Муиззии Нишопуриро яке аз шоирони ширинзабон ва фусаҳои дараҷаи аввали назми форсӣ мешуморад, ки дар давраи ҳукмронии ду подшоҳи Салҷуқӣ (Маликшоҳ ва Султон Санҷар) кору фаъолият намуда, аз ҷумлаи саромадони шоирони ҳамасри худ дониста мешуд ва илова менамояд, ки бидуни шубҳа, Муиззӣ чӣ дар замони хеш ва чӣ баъд аз марг дар шумори устодони фанни суханварӣ, дар салосати баён ва ширинии калом, маҳсуб меёбад, ба дараҷае, ки ҳар касро ба ин мақом, ки аморати шуарост, наметавон таъйин кард. Инчунин, дар бораи истиқболи Амир Муиззӣ ва Абдулвосеи Ҷабалӣ аз ашъори якдигар бо овардани намунаҳои аз ашъори ин ду суханвар ишораҳо менамояд [220, с. 57-61].

Бо баъзе андешаҳои ин муаллиф наметавон розӣ шуд. Аз ҷумла, номбурда дар хусуси истиқболи Амир Муиззӣ аз баъзе сурудаҳои Абдулвосеи Ҷабалӣ бо овардани байти зерини Абдулвосеи Ҷабалӣ:

Мире, ки подшоҳи ҷаҳонро бародар аст,
Доим зи ҳайбаташ дили душман бар озар аст.

менависад, ки Амир Муиззӣ дар пайравӣ аз Ҷабалӣ як қасидае бо чунин матлаъ дорад:

Шоҳи ҷаҳон, ки хусрави фархундаахтар аст,
Бар Шарқу Ғарб подшоҳи адлгустар аст [31, с. 70]**.**

Байти мазкур матлаи қасидаест бо унвони «Дар мадҳи султон Маликшоҳ» ва аз абёти ин қасида, ки «Зи хидмати теғаш ба Руму Шом» ёд мешавад, метавон мулоҳиза кард, ки сафари Маликшоҳ ба Руму Шом аз соли 477 то 479 тӯл кашида ва соли вафоти Абдулвосеи Ҷабалиро соли 1160 тахмин намоем, дар замони сурудани ин қасида Абдулвосеъ эҳтимол ҳанӯз ба дунё наомада буд.

Боймурод Шарифзода дар рисолаи «Хоқонӣ ва таҳаввули қасида дар адабиёти форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XIII)» бо такя ба андешаҳои Нодири Вазинпур мадҳияҳои Муиззиро дар муқоиса бо мадҳияҳои Хоқонӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар хусуси қасоиди Муиззӣ ишора менамояд, ки девони ашъори ӯ шомили 461 қасида аст, ки аз он миён 234 қасида (50%) мадҳию чаҳоррукнист, яъне композитсияи қасидаи комил (тағаззул, тахаллус, мадҳ ва шарита) риоя шудааст. Муиззӣ панҷ қасидаи чаҳоррукнии дигар низ дорад, ки дорои муқаддимаи ҷадид, яъне муҳтавои динӣ ҳастанд. Дар 217 қасидаи дигар (47%) бо қасоиди мадҳии бидуни муқаддима рӯ ба рӯ мешавем, ки аз оғоз шуруъ ба мадҳи мамдуҳ карда, дар поён бо абёти дуо шеърро ба поён бурдааст. Се қасида аз қасидаҳои Муиззӣ тағаззулҳои ошиқона аст, ки шоир дар абёти поёнӣ ба мадҳи мамдуҳ ишора мекунад ва ду қасидаи бидуни мадҳ низ дорад, ки дар мавзуи динию ахлоқӣ сурудааст. Ба ҳамин минвол, 97% қасоиди Муиззӣ мадҳию ситоишиянд. Аз миёни ҳудуди 110 тан мамдуҳи Амир Муиззӣ даҳ тани онон подшоҳону амирону ҳокимони бузурги Салҷуқӣ, Ғазнавӣ ва Дайламӣ ва дигарон буданд, мамдуҳони дигари ӯ шоҳзодагон, амирони маҳаллӣ, вазирон ва афроди хонадони онон, ҳамчунин, раисони девони расоил, бузургони аъёни вазирони Туркистон, Балх, Рай, Кирмон, Форс, Исфаҳон, Табас ва ғайра будаанд. Муиззӣ танҳо дар мадҳи султон Маликшоҳи Салҷуқӣ дар 130 қасида 3433 байт мадеҳа дорад. На танҳо қасоид, балки таркиббандҳо, ҳатто бештари ғазалиёт ва рубоиҳои Муиззӣ ба мадҳи касон ихтисос дорад [271, с. 100]**.**

Аз ҷониби муаллифи ин сатрҳо низ якчанд мақола таълиф гардидааст, ки тавассути онҳо рӯзгор, ашъор, хусусиятҳои бадеӣ ва паҳлуҳои гуногуни мероси адабии шоир мавриди барасӣ қарор гирифтааст. Номгӯи ин таълифот дар бахши китобномаи диссертатсия оварда мешавад. Аз ҷумла, муаллифи ин сатрҳо дар ҳаммуаллифӣ бо устод Б. Мақсудов дар мақолаи «Амир Муиззӣ ва рушди адабиёти дарбории Салҷуқиён дар Хуросон» рушди адабиёти дарборӣ дар яке аз марказҳои адабии давлати Салҷуқиён, муносибати дӯстонаи Низомии Арӯзии Самарқандӣ бо Муиззӣ, сабки қасидаҳои Муиззӣ ва услуби гуфтори Муиззӣ ва амсоли онро мавриди баррасӣ қарор додааст [1-М, 234-239].

Дар мақолаҳои дигари нависандаи ин сатрҳо масъалаҳои ихтисоси рӯзгори Муиззӣ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва адабиёти илмӣ, осор ва махсусиятҳои ашъори шоир [6-М, 227-233], инъикоси рӯзгори шоир бевосита дар ашъори худи шоир, махсусан воқеаи тир хӯрдан ва беҳбудӣ ёфтани шоир ва амсоли он [7-М, 227-235], рӯзгори шоир пас аз фоҷиаи тир хӯрдан то замони марги ӯ [9-М, 9-13], рубоӣ ба сифати навъи шеърӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккули рубоӣ, муҳтаво ва мавқеи он дар ашъори Муиззӣ [4-М, 156-160], мероси адабии шоир аз нигоҳи анвои адабӣ ва муҳтаво [2-М, 15-21], баррасии рӯзгор ва ашъори шоир аз ҷониби адабиётшиносони Эрон ва нигоҳи онҳо ба хусусиятҳои бадеии ашъори шоир [8-М, 252-259], мақоми шоирони муқаддами Муиззӣ аз қабили Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Масъуди Саъди Салмон ва дигарон дар ашъори Муиззӣ [10-М, 194-204], шеваи Муиззӣ дар сурудани тағаззул ва муҳтавои тағаззулҳои шоир [16- М, 116-127] ва паҳлуҳои дигари рӯзгор ва ашъори шоир мавриди баҳс, баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Илова бар ин, рубоиёти Амир Муиззӣ бо пешгуфтор бо хатти сирилик ва алифбои арабиасоси форсӣ ба табъ расонида шудааст [21 - М].

Ҳамин тавр, сарфи назар аз корҳои анҷомёфта роҷеъ ба рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ дар адабиётшиносии тоҷик, ҳаёт ва мероси адабии то ба имрӯз ба мо расидаи Амир Муиззӣ алҳол ба таври пурра таҳқиқ нашудааст. Гарчанде ки олимон ва муҳаққиқони тоҷик ба таҳқиқи баъзе паҳлуҳои ҳаёт ва осори ин шоири забардасти аҳди Салҷуқиён даст задаанд, лекин он то ҳол комилан мавриди мутолиа ва муҳокимаи густарда қарор нагирифтааст.

Омӯзиши шарҳи ҳоли Муиззӣ дар Эрон ба таври дақиқ бо нашри мақолаи Алиризо Хусравонӣ таҳти унвони «Шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ» дар соли 1923 оғоз меёбад. Ин муҳаққиқ дар баробари баёни шарҳи мухтасари рӯзгори шоир оид ба тазмини баъзе аз ашъори Рӯдакию Унсурӣ ва маломати Фирдавсӣ аз ҷониби Муиззӣ сухан ронда, ҳамзамон, илова менамояд, ки «дар девони Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ шаритаи яке аз қасоиди Амир Муиззӣ бо ин тарз ҷузви қитъаот забт шудааст:

Солу фолу молу ҳолу аслу наслу тахту бахт
Бодат андар ҳарду гетӣ барқарору бардавом:
Сол хуррам, фол неку, мол вофир, ҳол хуш,
Асл собит, насл боқӣ, тахт олӣ, бахт ром.

Ба заъми банда, мақоми Хоҷа Ҳофиз аз ин болотар аст, ки шеъри дигареро бо ҷузъе таҳриф ва тасарруф ба худ нисбат диҳад ва бинобар ин, бояд гуфт, бо ин ду байт тавора шуда ё дар силки ашъорест, ки дар мавқеи ҷамъоварии осори хоҷа ба девони ӯ мулҳақ кардаанд» [253, с. 21].

Доктор Аҳмад Ризо Ялмаҳо низ дар мақолаи «Шеъре аз Амир Муиззӣ дар девони Ҳофиз» пораи шеърии мазкурро бо каме тағйирот оварда, нақл менамояд, ки ин ду байт дар як қатор девонҳои чопии Ҳофиз дар бахши муқаттаот машҳуд аст ва илова менамояд, ки ин ду байт ҷузъи қасидаи Амир Муиззист, ки бар асари тасоҳул ва адами таҳқиқи котибон дар интисохи нусхаҳои хаттӣ ва халту баҳамомезии нусхаҳо он ҷузви девони Ҳофиз дониста шудааст [289, с. 21].

Муҳаммади Қазвинӣ дар маҷмуи мақолоти худ дар атрофи ашъори Муиззӣ андешаҳои зиёд баён намудааст. Аз ҷумла дар мақолаи «Қасидаи Амир Муиззӣ» яке аз қасидаҳои маъруфи шоирро зери унвони «Дар мадҳи Шарафиддин Абутоҳир Саъд ибни Алии Муставфӣ», ки бо матлаи

Эй сорбон манзил макун ҷуз дар диёри ёри ман,
То як замон зорӣ кунам бар рабъу атлолу даман.

шуруъ мешавад, мавриди таҳлил қарор медиҳад ва ишора менамояд, ки қасидаи мазкур ба Шарафиддин Абутоҳир Саъд ибни Алӣ ибни Исӣ ал-Қумӣ бахшида шудааст, ки дар санаи 481 ҳ.қ. дар аҳди Маликшоҳ бо фармони Низомулмулк зобит ва омили Марв гардид ва дар авоили санаи 515 ҳ.қ. ба вазорати Султон Санҷар ноил гашт ва дар 25 муҳаррами санаи 516 ҳ.қ. вафот ёфт. Қазвинӣ қасидаи мазкурро қасидаи фаридае мешуморад, ки «аз шаҳду шакар гарав мебарад ва қанди табарзадро ба ҳеҷ менашмарад» [161, с. 175].

Ба таври густарда бо ба табъ расидани девони ашъори Амир Муиззӣ дар Теҳрон бори аввал соли 1940 милодӣ, бо саъй ва кӯшиши Аббос Иқболи Оштиёнӣ марҳалаи ҷадиди мутолиа ва таҳқиқи ашъори Муиззӣ оғоз меёбад.

Аббос Иқбол ба девони шоир муқаддимае низ иншо намудааст, ки дар он роҷеъ ба валодат, таърихи қаробати ӯ ба дарбор, фарҷоми рӯзгор ва хусусиятҳои бадеии ашъори ӯ маълумоти мухтасар иброз менамояд.

Мундариҷаи матни девони таҳиянамудаи Аббос Иқбол аз қасоид (466 адад), ғазал (60 адад), рубоӣ (175 адад), қитъа (34 адад), таркиббанд (3 адад), тарҷеъбанд (3 адад) ва мусаммат (1 адад) иборат мебошад. Мураттиб дар охири китоб боби алоҳидае ҷудо карда, ба он «Изофот» унвон гузоштааст. Дар ин боб 6 қасида, 1 ғазал, 1 қитъа ва як порчаи шеърӣ бо номи тағаззул оварда мешавад. Ин боб аз шеърҳое иборат аст, ки нусхаи онҳо дар девонҳои дардастдоштаи Аббос Иқбол набуда, мураттиб онҳоро аз нусхаҳои дигари хаттӣ ҷамъоварӣ ва дар ин бахш ҷо намудааст [33].

Дар таҳияи девон аз ҷониби мураттиб баъзе камбудиҳо, аз қабили аз матн афтодани калима, ибора ва дар баъзан ҳолат мисраъҳои алоҳида ба назар мерасад, ки дар натиҷаи мутолиаи девон мушоҳида мешавад.

Муҳаққиқ вобаста ба масъалаи мавриди назар дар хусуси кайфияти чопи девон чунин иброз менамояд: «Бадбахтона, бо камоли кӯшише, ки шуд, аз девони Муиззӣ ҳеҷ нусхае, ки таърихи китобати он нисбатан қадим бошад, ба даст наомад ва ба иллати ҷадид будани нусхаҳо аз додани ихтилофоти нусах сарфи назар шуд ва чун ҳамаи ин нусхаҳо ҷадид ва камубеш мағлут буд, бисёре мавозеъ ҳамчунон машкул ва мағлут монд ва нигоранда онҳоро ба ҳамон ҳол боқӣ гузошт ва иҷтиҳоду завқи худро дар тасҳеҳ маноти эътибор қарор надод, то дигарон онҳоро ба салиқаи худ ё мутобиқ нусахе, ки ба даст доранд, салоҳ намоянд ва ба иғвои нигоранда дар хабт ва иштибоҳ наафтанд» [33, с. Син].

Дар баробари ин, Аббос Иқбол илова менамояд, ки ба табъи китобе дар шарҳу тафсил дар боби Муиззию падари ӯ Бурҳонӣ ва мамдуҳину муосирини эшон аст, ба зудӣ иқдом хоҳад шуд ва дастраси хонандагони гиромӣ хоҳем гузошт [33, с. Син]. Аммо дар бораи таълиф ва нашри ин китоб маълумоте дастрас нашуд.

Саъид Нафисӣ дар «Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ» номи шоирро Абубакр Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ мегӯяд

ва зикр мекунад, ки муддати мадиде подшоҳони бузурги Салҷуқӣ Маликшоҳу Санҷар ва вузарои эшонро мадҳ гуфтааст [187, с. 136].

Қиссаи ба дарбори Маликшоҳ роҳ ёфтани шоирро ба такрор аз «Чаҳор мақола» нақл мекунад ва илова менамояд, ки вай ҳамеша дар дарбор бо мунтаҳои ҷалол мезист ва яке аз маъмултарин мардуми рӯзгор шуд, чунонки вайро дар ин замина толии Унсурӣ донистаанд ва аз амирони он дарбор ба шумор мерафт [187, с. 136].

Нафисӣ Муиззиро яке аз бузургтарин шоирони Эрон меҳисобад ва шеъри ӯро дар мунтаҳои дараҷаи равонию содагию ширинӣ медонад ва аз ин ҳайс бар ҳама шоирони қарни XII ҷуз Собири Тирмизӣ бартар мешуморад. Махсусан, дар авсофи табиат ва ғазалсароӣ маҳорати томе дошта ва дар мадҳу марсия баёни муяссар ва каломи фасеҳ дорад. Девони ашъораш тақрибан шомили нуздаҳ ҳазор байт ва яке аз муфидтарин китобҳост, ки дар бораи амирону вазирону бузургони дарбори Салҷуқӣ монда ва дарёест аз ҳар гуна иттилоот, ки, махсусан, дар таърих судманд аст [187, с. 137].

Маҳдии Ҳамидӣ дар асари худ «Биҳишти сухан» дар бораи рӯзгори Муиззии Нишопурӣ қавли Авфиро такрор мекунад ва аз ҳаводиси муҳимми зиндагонии ӯ дар шикоргоҳ ба соли 510 ҳадафи тири ғайриамдии Султон Санҷар қарор гирифтани ӯро ҳисобида, фанни хосси Муиззиро қасидасароӣ мешуморад. Ба қавли ӯ, «қасоиди вай, ки тақрибан билтамоми вақф бар мадҳи подшоҳону умаро ва бузургони замони ӯст, қасоидест расмона, якнавохт, на хуб ва на бад, дар ҳадди мутавассит ва ҳатто каме болотар аз ин ҳад аз суханварӣ, аз ҷиҳати таърих ҳовии нукоти қобили тавақҷуҳ ва аз ҷиҳати шеър орӣ аз ҳар навъ кайфият ва имтиёзе хос ва мушаххас» [258, с. 39].

Зайнулобуддини Муътаман дар «Таҳаввули шеъри форсӣ» аввал ҳикояи Низомии Арӯзиро дар мавриди ба дарбор роҳ ёфтани Муиззӣ ва сипас қиссаи чавгонбозии амир Санҷарро такроран нақл карда илова менамояд, ки «Амир Муиззӣ, ки шеъраш дар миёни шуарои давр ба сифати равонию содагӣ мумтоз аст, даст аз тафаннун набардошта ва ӯ низ ба таъсири шеваи умумии замон гоҳе

радифҳои мушкиле монанди абру офтоб ва оташу об илтизом кардааст» [183, с. 148].

Муаллиф Муиззиро дар сабку услуби сухан бештар пайрави Унсурию Фаррухӣ мешуморад ва андешаи худро дар хусуси муносибати Анварӣ ва Муиззӣ наздикӣ ва қаробати сабку ташобеҳи мавзуоти шоир ба Унсурӣ ва Фаррухӣ шуморида, ишора менамояд, ки «ҳамин мазомин Анвариро ба гумон андохта ва ба таъриз ӯро дузди девони Унсурӣ ва Фаррухӣ хондааст [183, с. 218].

Ризозода Шафақ дар «Таърихи адабиёти Эрон» ба Амир Муиззӣ бахши алоҳидае бахшида, ӯро мутаваллиди шаҳри Нишопур дониста, бо такрори қавли Низомии Арӯзӣ ва Муҳаммад Авфӣ роҷеъ ба рӯзгори ӯ девонашро то ҳаждаҳ ҳазору понсад байт ва шеваи шеъри ӯро пайравӣ аз он шоирони мутақаддими Хуросон шуморида, роҷеъ ба ашъори шоир чунин менигорад: «Муиззӣ шоири қасидасаро ва мадеҳагӯ будааст ва ҷуз дар ин тарз, ки дар он пайрави шоирони номии Хуросон аст, ҳунаре аз вай набояд интизор дошт ва алҳақ дар ин маврид ба устодони фан метавонад баробарӣ намояд. Қасидаҳои вай, маъмулан, муфассалу муҳкам ва санъати ташбеҳу маҷозу истиора дар он зиёд аст. Шоир дар тағаззул ҳам даст дошта ва ҳиммате низ ба ғазалу қитъаву мусаммату рубоӣ гумоштааст.

Шеъри Муиззӣ бо ин ки дар асос мутаваҷҷеҳ ба мадеҳасароист, аз баъзе мавзуъҳои дигар ба куллӣ орӣ нест. Масалан, қасидаи маъруф бо матлаи:

Шуғли давлат бе хатар шуд кори миллат бо хатар,
То тиҳӣ шуд давлату миллат зи шоҳи додгар.

дар марсияи Маликшоҳ ва вазири ӯ Хоҷа Низомулмулк аст, ки ҳарду дар як сол аз дунё рафтаанд [203, с. 172].

Дар баробари ин, тибқи андешаи доктор Шафақ, «гузашта аз мазиятҳое, ки шеъри Муиззӣ бад-он мумтоз аст, … аз хавосу ахлоқу ҷангҳо ва сулҳҳои Маликшоҳу Султон Санҷар ва ахбори бастагону надимону вазирони онон, монанди хоҷа Низомулмулк ва фарзандони ӯ ва дигарон иттилоъ ҳосил тавон кард» [203, с. 172].

Шафақ шеваи шеъри Муиззиро шабеҳи шоирони мутақаддими Хуросон мешуморад ва илова менамояд, ки шеъри Муиззӣ бо ин ки дар асос мутаваҷҷеҳ ба мадеҳасароист, аз баъзе мавзуъҳои дигар ба куллӣ орӣ нест. Масалан, қасидаи маъруфи «Дар марсияи Маликшоҳ ва вазири ӯ Хоҷа Низомулмулк»-ро метавон дар радифи аввали ашъори сӯгвории форсӣ шумурд [203, с. 172].

Маликушшуаро Баҳор дар китоби «Сабкшиносӣ» илова бар он ки бо такя ба «Чаҳор мақола» аз рӯзгори Муиззӣ ёд мекунад ва вобаста ба мавзуъ аз ӯ намунаҳои шеърӣ меорад, ишора менамояд, ки дар «Ҳабиб-ус-сияр» достон аст аз Анварию Муиззӣ ва шеърдуздии Амир Муиззӣ, ки ба қавли муаррихи мазкур, шеъри мардумро худ ва ғуломонаш ба як бору ду бор хондан аз бар мекарданд ва Анварӣ ин шеваро дарёфта, қасидае ракике сохт ва барои Санҷар хонд ва Муиззӣ онро аз бар карду ба худ нисбат дод. Ило охир, ки як калимаи сидқ ва ҳақиқат дар он мавҷуд нест [106, с. 190].

Баҳор дар баробари ин, дар қитъае, ки иттифоқан онро дар бораи поёни кори Муиззӣ ва ҳодисаи тир хӯрдани вай аз дасти Султон Санҷар эҷод кардааст, дар мақоми муқоисаи худ ва Муиззӣ зимни шикоят аз фарҷоми кори худ иллати аслии гардангузорӣ ва таслими худро истибдоди сиёсӣ ва фишори ҳокимони замон зикр мекунад:

Шунидаӣ, ту ки Санҷар ба амд ё ба хато,
Бизад ба синаи сархайли шоирон тире.
Бале, Муиззӣ к-аш бурд дар ҷигар пайкон,
Набаст лаб зи сано гарчи буд дилгире.
Намонд шоир аз он захм то ба соли дигар,
Вале бимонд ба Санҷар бузург ташвире.
Замона низ маро зад ба сина чандин тир,
Ки нест баҳри илоҷаш ба даст тадбире.
Замона гӯяму аҳли замонаро хоҳам,
Замонаро набувад қудратею таъсире.
Гузашт умри ҷавони-м зери панҷаи шоҳ,
Чу зери панҷаи шере заиф нахчире [104, с. 753].

Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб дар китоби «Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ» дар баробари такрори нақли Низомии Арӯзӣ дар хусуси ба дарбори Маликшоҳ роҳ ёфтани Муиззӣ дар мавриди таърифу шарҳи анвои шеърӣ ва махсусиятҳои онҳо, санъатҳои бадеӣ аз Муиззӣ намунаҳои хеле фаровон меорад [169, с. 563-564].

Носир Ҳирӣ, ки бо нигориши муқаддимае дар соли 1983 девони Муиззиро ба табъ расонидааст, ашъори ӯро бидуни тағйир ва изофаву илова, тавре ки Аббос Иқбол нашр намудааст, овардааст [31].

Ӯ дар муқаддимаи нигоштааш дар бораи Муиззӣ ва падари ӯ – Абдулмалик Бурҳонӣ, ки беш аз қарн дар беҳтарин давраи подшоҳии аҳди Маликшоҳ ва Султон Санҷар дар дастгоҳи эшон симати маликушшуароӣ дошта ва ба ҷалолату иззати тамом мезистааст, василаи роҳ ёфтани Муиззӣ ба дарбори султон Маликшоҳ, ба лақаби султон Муиззуддунё Муиззӣ хондани лақаби шоир, рӯзгори шоир дар дарбор дар замони Маликшоҳ ва Султон Санҷар, вафоти шоир, сабки эҷоди ӯ ва амсоли он бо такя ба сарчашмаҳои хаттӣ сухан гуфтааст. Носири Ҳирӣ ишора менамояд, ки ишороти зиёди таърихию ҷуғрофие низ дар қасоиди Муиззӣ омада ва бисёре аз вақоеъ қисмате аз умри Салҷуқиро, ки байни солҳои 465 ҳ.қ., яъне соли ҷулуси Маликшоҳ то ҳудуди 520 ҳ.қ. пеш омадааст, дар қасоиди ӯ метавон ёфт ва аз хавосу ихлос ва ҷангҳову сулҳҳои Маликшоҳу Султон Санҷар ва ахбори бастагону надимону вазирони онон, монанди хоҷа Низомулмулку фарзандони ӯ – хоҷа Мухбирулмулку Хоҷа Муайядулмулк ва соири риҷолу бузургону модари Султон Санҷар Тоҷиддин-хотуну хоҳараш – Шоҳ-хотун ва дигарон иттилоъ ҳосил метавон кард [31, с. 16].

Мударриси Разавӣ дар муқаддимаи девони ҳаким Саноӣ роҷеъ ба рӯзгори Муиззӣ маълумоти хеле мухтасар дода, Саноиро бисёр муътақид ба Муиззӣ медонад ва ишора менамояд, ки дар ғазалҳои худ татаббуи сабки вайро карда ва дар ғазале ин байтро аз ӯ тазмин овардааст:

Мар Саноиро фитод ин нодира,
Чун Муиззӣ гуфт аз ахбори ёр:
Он чи ман мебинам аз озори ёр,

Гар бигӯям, бишканам бозори ёр [64, с. Саду сию чор].

Муҳаммад Муин дар «Маҷмуаи мақолот» аввал дар бахши «Сурати асомӣ ва васфи иҷмолии нусахе, ки тавассути оқои Қазвинӣ аксбардорӣ шуда» дар бораи давовини шуарои ситта, яъне мунтахаботе бисёр муфассал ва мабсут аз давовини шаш шоир: Муиззӣ, Асириддин Асхикатӣ, Адиб Собир, Низомиддин Маҳмуд Қамари Исфаҳонӣ, Шамси Табасӣ, Носири Хусрав маълумот дода, дорои бисту панҷ ҳазор байт шеър будани маҷмуаро зикр карда, таърихи китобати нусхаро тақрибан дар 713-714 ҳиҷрӣ медонад [174, с. 9]. Дар бораи Бурҳонии Нишопурӣ – падари Муиззӣ ва худи Муиззӣ маълумоти мухтасар баён менамояд [174, с. 240].

Насруллоҳи Имомӣ дар китоби «Марсиясароӣ дар адабиёти форсӣ» бештар ба марсияҳои Муиззӣ, ки ба Низомулмулк ва Маликшоҳ, Тоҷиддин-хотун – модари Султон Санҷар, Фахрулмулк, писари Низомулмулк ва дигарон бахшида шудааст, таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар хусуси рӯзгори Муиззӣ бо такя ба сарчашмаҳои хаттӣ сухан ронда, ашъори ӯро дар муқоиса бо сурудаҳои бисёре аз муосиринаш содаву дур аз такаллуф ва дар ғазалсароӣ низ ҳамчун сурудани қасида қудратманд мешуморад [150, с. 135-138].

Абдулҳусайн Зарринкӯб дар китоби «Аз кӯчаи риндон: дар бораи зиндагӣ ва андешаи Ҳофиз» дар мавриди таъсирпазирии Ҳофиз аз шоирони салаф сухан ронда, бе овардани намунаи ашъори ӯ ба сифати далел чунин ишора менамояд: «Аз шеъри шоирони дигар ҳам дар каломи ӯ нишон ҳаст ва таъсир. Чунонки дар чанд ҷо аз як қасидаи Муиззӣ – он ҷо, ки шоири эронӣ мисли аъроби биёбонӣ сорбонро вомедорад то дар диёри ёри вай манзил кунад ва ӯ бар рубъу итлолу даман зорӣ ва аз гулчеҳру аврангу дигарон пурсиш кунад, таъсир пазируфтааст» [142, с. 69].

Дар ҳақиқат, Ҳофиз дар сурудаҳояш аз Амир Муиззӣ иқтибос оварда ва дар баъзан ҳолатҳо шабоҳати мазмунӣ дар ашъори ин ду шоир ба назар мерасад, ки баррасиии ин масъала маҷоли дигар мехоҳад.

Ҷамолиддини Ҳумоӣ дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон» Амир Муиззиро маъруфтарин шуарои номии асри Салоҷиқа ва дар дастгоҳи султон Маликшоҳи

Салҷуқӣ ва Султон Санҷар ибни Маликшоҳ ва бархе дигар аз салотини Салҷуқия медонад ва роҷеъ ба рӯзгори ӯ ҳикояи Низомии Арӯзӣ, соҳиби «Чаҳор мақола»-ро такроран иброз менамояд. Дар бораи вафоти шоир чунин ишора менамояд: «Вафоти вай илалмаъруф дар соли 542 воқеъ шудааст ва бархе монанди Авфӣ муътақиданд, ки ба тири хатои султон дар шикоргоҳ кушта шуд ва бархе мисли соҳиби «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ба далели гуфтаи худи Муиззӣ:

Миннат Худойро, ки ба фазли худойгон
Ман банда бегунаҳ нашудам кушта ройгон.

ин матлабро мункиранд. Ба ақидаи мо, ҷамъи миёни ин ду ақида ин аст, ки бигӯем, Муиззӣ ду сол ба муолиҷа пардохту беҳбудӣ ҳосил кард ва ба шукрона оқибат ашъоре сохт, вале чизе нагузашт, ки ба ҳамон иллат даргузашт. Бархе маросии назири ин ду байти Саноӣ сареҳ аст, ки оқибат Муиззӣ ба тири султон мурдааст [264, с. 129].

Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар китоби «Муфлиси кимиёфурӯш: нақд ва таҳлили шеъри Анварӣ» дар бахши «Чанд афсона аз рӯзгори Анварӣ» ривоятеро, ки Хондамир дар Ҳабиб-ус-сияр» овардааст, бо талхис нақл мекунад [152, с. 35-37].

Кадканӣ дар китоби «Сувари хаёл дар шеъри форсӣ» дар масъалаи сувари хаёл дар девони Муиззӣ мутолиаи девони Амир Муиззиро яке аз корҳои пурмашаққат медонад, зеро ки дар ин девони бузург аз маонии иҷтимоию ахлоқӣ ва фалсафӣ – монанди дигар шеърҳои дарборӣ – хабаре нест ва танҳо унсуре, ки шеъри дарбориро қобили хондан ва мутолиа мекунад. Яъне, тасвиру қудрати васф он ҳам дар ин девони бузург бисёр андак аст ва агар бо таваҷҷуҳ ба манобеи аслии тасвирҳои ӯ шеърашро баррасӣ кунем, хоҳем дид, ки ҳосили беш аз ним қарни шоирии ӯ ин девони пурҳаҷм ҷуз чанд тасвири талфиқӣ ва мукаррар чизи дигаре нест. Сипас, андешаи Иқбол Оштиёниро, ки дар муқаддимаи девони Муиззӣ устодии Муиззӣ мусаллам ва дар фасоҳат, ҷазолат бар амсоли Абулфараҷ ва Масъуд мартабаҳо бартарию бузургӣ доштани ӯро таъкид намудааст, зери накуҳиш қарор дода, ӯро намунаи комили як шоири муваззаф ба мадҳу ситоишгарӣ мешуморад ва гӯё тасаввуре, ки аз шеър дошта, танҳо ҳамин

кор буд ва аз ин рӯй, дар девони ӯ, бавижа дар мадоеҳ, иғроқ дар авҷ аст ва ӯ на танҳо Фирдавсиро, ки мазҳари асотири эронист, мавриди сарзаниш ва дашном қарор медиҳад, ки Рустаму Исфандёр ва ҳар як аз рамзҳои миллиятро дар пойи амирони туркнажоди мамдуҳи хеш хору забун мекунад… [153, с. 626].

Саъид Нафисӣ дар муқаддимае, ки ба девони Анварӣ навиштааст, ривояте, ки дар хусуси муносибати Анварӣ бо Муиззӣ дар «Ҳабиб-ус-сияр» омадааст, ба пуррагӣ нақл карда, мегӯяд: «Аммо он чи дар равобити Анварӣ бо Муиззӣ навиштаанд, пайдост, ки афсонаи бебунёд аст ва ин ки Муиззӣ як бор аз шунидани қасидае онро ба ёд месупурд ва писараш ду бору ғуломаш се бор ва бад-ин васила ашъори дигаронро ба худ мебаст, афсонаест, ки бештар ҷанбаи тафреҳу мазоҳ дорад. Зеро ки Муиззӣ шоири бисёр тавоное буда ва ба ҳеҷ ваҷҳ муҳтоҷ набудааст, ки шеъри дигаронро ба худ бандад ва мутолиа дар осори Муиззию Анварӣ нишон медиҳад, ки табъи Муиззӣ равонтар аз табъи Анварӣ будааст ва мақоми вай дар дарбори Салҷуқиён ба ҷое расида буд, ки ҳеҷ сарояндаи дигар наметавонист бо ӯ рақобат кунад. Ва он гаҳе бовар карданӣ нест, ки ҳар гоҳ шоире ба дарбори Санҷар мерафта ва ба шеър хондан оғоз мекарда, писари Муиззӣ ва ғуломи ӯ низ дар он ҷо ҳозир буда бошанд. Ошкор аст, ки ғуломонро ба дастгоҳи подшоҳ намепазируфтаанд.

Он чи аз шеъри Анварӣ бармеояд, ин аст, ки ба Муиззӣ эҳтироми бисёр мекарда, дар қитъае ду байти вайро тазмин кардааст. Дар қитъаи дигаре низ номи вайро ба эҳтиром бурдааст. Аз ҳама гузашта, Муиззӣ дар ҳудуди соли 521ҳ.қ даргузаштааст ва бо далоиле, ки пеш аз ин овардам, Анварӣ тақрибан дар ҳамин замонҳо ва шояд андаке пас аз он ба шоирӣ оғоз карда ва дар поёни зиндагии Муиззӣ ҷавони навхоста будааст» [1, с. 46].

Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар маҷмуаи мақолоти худ дар баробари андешаҳои дигар дар бораи Муиззӣ чунин ишора менамояд: «Агар мадоеҳи Саноию Муиззӣ ва мадҳу ҳаҷвҳои Анварӣ аз муосирини худ набуд, вузарову аъёну умарои аҳли Салоҷиқа номаълум мемонд ва то чи андоза таклифи як муаррих, ки бихоҳад таърихи он даврароро бинависад, аз ҳамин ҳадди ашколи ҳолия ҳам мушкилтар мешуд» [192, с. 317]. Ҳамзамон, илова менамояд, ки «Соҳиби «Таърихи

Табаристон» дар боби ҷанги Султон Санҷари Салҷуқӣ бо тоифаи ғуз мегӯяд: … Чун Султон Санҷарро ҳашами ғуз бишкастанду бигрифтанд, чунонки хоссу омро номаълум аст ва шакли он масоф ҳанӯз бар коғаз навиштаву доира кашида медоранд…» [192, с. 33]. Ва ин шаклҳо зоҳиран аз Санҷарномаҳое иборат будааст, ки дар шарҳи аъмоли ҷангии Санҷар сохта будаанд ва яке аз онҳоро амирушшуаро Муиззии Нишопурӣ манзум карда буд.

Достоне ба қалами Муиззӣ бо номи «Санҷарнома» то имрӯз дастрас нест ва муаллифони сарчашмаҳои хаттию осори илмии адабиётшиносӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур чизе нагуфтаанд.

Ҷалолиддини Ҳумоӣ дар маҷмуи мақолоти хеш зери унвони «Маҳрам-ул-асрор» дар ибтидо дар бораи мадеҳасароӣ сухан ронда, ишора менамояд, ки «шуарои мадеҳасарои дигар ҳам дорем, ки шӯхии табъ ва лутфи қареҳаро дар қасоид дигар гуфтаву рӯҳи худро нишон дода ва лоақал дар тағаззулоту ташбеҳоти дилкашу матбуъ доди суханварӣ додаанд. Саноӣ ҳам мадеҳасароӣ карда, аммо «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-ро низ аз худ ба ёдгор гузоридааст, Фаррухию Заҳири Форёбию Муиззӣ ҳам шуарои дарборӣ буданд, аммо лутфи табъро дар тағаззулҳои ширину дилкаш нишон медоданд [261, с. 210].

Дар ҷойи дигар дар бораи Масъуди Саъди Салмон сухан ронда, таъкид менамояд, ки Масъуд саликаи шеъру шоирӣ ҳам надошт. Аксар қасоидаш аз ибтидо дохили мадҳ мешавад ва маҷоле барои хонанда намегузорад. Бар хилофи Фаррухӣ ва Амир Муиззӣ, ки аксар қасоидашон дорои тағаззулоту ташбеҳоти нағз аст ва ҳамин ташбеҳоти ширин аст, ки талхиҳои дурӯғ ва ёвабофиҳои маддоҳиро дар мазоқи хонанда таъдил мекунад [261, с. 226].

Бадеуззамони Фурӯзонфар дар «Сухан ва суханварон» дар мавриди зодгоҳи шоир ҳамандешаи Ризозода Шафақ буда, ишора менамояд, ки дар нисбаташ ба Нишопур ҳеҷ ҷойи шубҳа нест ва Самарқандӣ буданаш иштибоҳ аст, зеро гузашта аз тасреҳи Авфӣ ва Амин Аҳмади Розӣ дар абёти худи Муиззӣ ба ин қазия ишорате ҳаст, ки кам аз тасреҳ нест. Ба андешаи Бадеуззамон, арбоби тазкира ва қисмате аз шуаро ӯро ситуда ва аз бузургони сухану умарои калом медонанд ва бар ҳасби даъвии хеш шеъри шоирони дигар қофила ва шеъри ӯ

пешоҳанг ва дар шеър оби лафзу оташи хотир аст ва гарчи шеъраш ба об монад, лекин оташвор ҳамеша сӯйи баландӣ ҳамекунад оҳанг ва чун дар дилҳо фузун бошад, ҳаловати лафзи осонро, маониро ба алфози осон манзум мекунад:

В-агар қиёс кунӣ шеъри шоирони дигар
Бувад чу қофилаву шеъри ман чу пешоҳанг.

Об аз оташ баркашад чун офарин гӯяд туро
З-он ки дар шеър оби лафз аст ӯву оташ хотир аст.

Ва:

Ба об монад шеърам агарчи оташвор
Ҳамеша сӯи баландӣ ҳамекунад оҳанг.

Ва ё:

Кунам манзум мадҳи ту ба лафзе, к-он бувад осон
Ки дар дилҳо фузун бошад ҳаловат лафзи осонро [251, с. 231].

Салотини муосири ӯро Муиззиддин Маликшоҳ ибни Алп Арслон (465- 485), Рукниддин Барқиёруқ ибни Маликшоҳ (485-495), Ғиёсуддунё в-аддин Муҳаммад ибни Маликшоҳ (495-511), Арслон Арғун ибни Алп Арслон, ки пас аз бародараш Маликшоҳ (485 то 490) малики Хуросон буд, Санҷар ибни Маликшоҳ (511-552) ва шуарои муосири ӯро Масъуди Саъд, Саноӣ, Сӯзанӣ, Муҳаммад ибни Носири Алавӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Анварӣ, Адиб Собир, Рашидаддин Ватвот, Амъақ, Рашидии Самарқандӣ ном бурда, вафоти ӯро санаи 542 меҳисобад [251, с. 232-233].

Муаллифони «Адабиёти Эрон. Аз оғоз то имрӯз» Муиззиро аз гӯяндагони дарбори Салҷуқиён ва вафоташро миёни солҳои 1125-1127 мешуморанд [170, с. 56].

Ҳодии Қазоӣ дар китоби «Зиндагиномаи нависандагон ва шоирон аз Рӯдакӣ то Давлатободӣ» дар бораи рӯзгори Амир Муиззӣ пардохта, аз ҷумла, мегӯяд, ки дар ибтидои зиндагӣ Муиззӣ ба шуғли аслиҳасозӣ мепардохт, то ин ки ба васотати Амир Алӣ ибни Фаромурз, ки бародари зани Алп Арслон ва аз тарафи Маликшоҳ ҳокими Язд буд, ба хидмати султони мазкур даромад ва ҷойи

падарро гирифту шоири дарбор гашт. Аммо тараққии умдаи ӯ дар замони Санҷар буд. Санҷар нисбат ба Муиззӣ эҳтироми зиёде қоил буд ва ӯро падари худ мехонд [162, с. 108]. Ӯро пайрави сабки шоирони пешини Хуросон, аз ҷумла Фаррухӣ ва Унсурӣ медонад ва дар мадеҳасароӣ устод мешуморад. Ба иттилои ин муҳаққиқ, ӯ дар ашъораш танҳо ба мадҳ басанда накарда, балки дар онҳо аз ҳикмату фалсафа ва панду андарз низ кӯтоҳӣ нанамудааст. Аз ашъораш пайдост, ки аз улуми асри хеш мутталеъ ва бохабар будааст [162, с. 109].

Як гурӯҳ олимони дигари эронӣ дар мақолаи «Тоҷ-ул-маосир» ва кашфи абёте фаромушшуда аз чанд девон» бар асоси якчанд микрофилми китоби «Тоҷ-ул-маосир», ки дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон ва Китобхонаи Маҷлис нигаҳдорӣ мешаванд, дар қатори дигар шоирон аз Муиззӣ низ якчанд байт пайдо кардаанд, ки дар девонҳои чопии шоир ба назар намерасанд [131, с. 75-93].

Абулҳусайн Зарринкӯб дар китоби «Нақди адабӣ – ҷустуҷӯ дар усул ва равишҳо ва мубоҳати наққодӣ бо баррасӣ дар таърихи нақд ва наққодон» вақте ки ҳикояи Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон Ал-Ровандиро аз «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур дар таърихи Оли Салҷуқ» дар қисмати «Сабаби таълифи ин китоб» нақл мекунад, шояд аз рӯйи беэҳтиромӣ ва ё камилтифотӣ ба шеъри Муиззӣ номи Муиззиро, ки ҳамроҳи Рӯдакию Унсурию Саноӣ ба баландии табъ ситоиш шудааст, аз рӯйихат хориҷ мекунад» [145, с. 196, 197, 198 ва 216]. Зарринкӯб дар китоби «Бо корвони ҳулла» Амир Муиззиро модеҳе куштаи мамдуҳ шуморида, шеъри ӯро якдаст намеҳисобад ва илова менамояд, ки бо он ки дар баъзе маворид содагии Фаррухӣ ё инсиҷоми Унсуриро ба хотир меоварад, дар порае маворид мисли Манучеҳрӣ ва Ломеӣ алфозу таъбироти номаънуси тозиро бидуни васвос ба кор мебарад. Ашъораш бештар қасида аст ва тамоми қудрату маҳорataш низ дар қасоидаш инъикос дорад. Дар ғазал ва рубоӣ ҳам порае намунаҳои хуб дар девонаш ҳаст. Ба иловае, ки мисли Манучеҳрӣ дар назми мусаммат ва мисли Фаррухӣ дар таркиббанд ҳам табъозмоӣ кардааст. Бо ин ҳама қудрату нубуғи ӯ агар дорад ва то ҳадде ки дорад, бештар дар қасоидаш ҷилва мекунад, ки ду вижагии умдаи он иборат аст аз мадҳ ва васф [146, с. 148].

Дар мадоеҳи ӯ, албатта, инҳирофҳои нописанди дархури сарзаниш ва тамаллуқҳое, ки мояи нафрати табъи мустақим аст, бисёр аст, аммо кадом шоири қасидасаро ҳаст, ки бидуни ин гуна иғроқот ва тамаллуқот тавонистааст аз ҳосили мадоеҳи худ баҳраи кофӣ оид кунад [146, с. 149]. Девони шоирро феҳристи тақрибан комиле аз тамоми касоне, ки дар давлати Маликшоҳ ва Санҷар муддате кам ё зиёд вазорат доштаанд, мешуморад (142, 155).

Абдулкарим Ҷарбазадор, мураттиби дигари девони Амир Муиззӣ дар қисмати муқаддимавии девони шоир дар иртибот ба нашри девон ишора менамояд, ки инак, беш аз ҳафтод сол таърихи интишори он мегузарад ва беш аз панҷоҳ сол аст, ки девони Амир Муиззӣ, тасҳеҳи Устод Аббос Иқболи Оштиёнӣ ноёб аст ва мавриди ниёзу дархости донишпажӯҳону дӯстдорони адаби форсӣ аст. Сипас, баъди овардани ҳолномаи Аббос Иқбол мақолаи профессори Донишгоҳи Деҳлӣ Саидамирҳусайни Обидиро зери унвони «Абёти ношинохтаи Амир Муиззӣ» овардааст. Дар ин мақола муаллиф дар баробари шарҳи мухтасари рӯзгори шоир, аз ҷумла, таъкид менамояд, ки «инҷониб чанде пеш Бутхонаи (нусхаҳои хаттии шумораи 31, 32, 59, 60 Сӯфии Мозандарониро (ваф. 1625) мавриди мутолиа қарор додам ва бо каломи аз бузургтарин шуарои форсӣ, ки то ба ҳол ба чоп нарасидааст, бархӯрдам. Дар ин мақола танҳо ашъоре аз Амир Муиззӣ арза мешавад, ки дар девони табъшуда ёфт намешавад. Ин ҷо бояд тазаккур дода шавад, ки бархе аз ин ашъор дар як баёзи захими дигаре, ки дар Китобхонаи анҷумани Осиёӣ (маҷмуаи ашъор (мунтахаботи ашъори форсӣ) нусхаи хаттии шумораи 927, Ишётак Сусоятӣ) нигоҳдорӣ мешавад, вуҷуд дорад ва ба исбот мерасад, ки ин калом мутааллиқ ба «Амир Муиззӣ» мебошад. Абёте, ки дар «Бутхона»-и Сӯфии Мозандаронӣ ва дар баёз ҳам вуҷуд дорад, дар поварақӣ нишон дода шудааст. Ва ин ҳам лозим ба ёдоварист, ки иштибоҳот дар баёзҳо рух дода ва ашъори як шоир ба дигаре мансуб гардидааст». Ҳамзамон, ашъоре, ки муаллиф ба Муиззӣ нисбат медиҳад, оварда шудааст, ки аз 25 ғазал, 10 қитъа, 7 рубоӣ ва 5 байти алоҳида иборат мебошад» [32, с. ҳафт-даҳ; бисту се-сию се].

Муҳаммад Ризо Қанбарӣ зери унвони «Куллиёти девони Амир Муиззии Нишопурӣ» бар асоси нусхаи мусаҳҳаҳи устод Иқболи Оштиёнӣ дар соли 2006 [35] ва маротибаи дуюм соли 2014 ашъори шоирро ба табъ мерасонад. Қанбарӣ ба девони шоир муқаддимае бо фарогирии рӯзгори шоир, зодгоҳи вай, воситаи ворид гаштани ӯ ба дарбори Маликшоҳ, дар бораи таъсирпазирии Муиззӣ аз устодони салаф, доварии шоирон дар бораи шеъри Муиззӣ, нигоҳи муҳаққиқон ба сабки шеъри ӯ, фавоиди луғавӣ ва таърихии девони Муиззӣ, шеъри ситоиш, Муиззӣ – Пешоҳанги ғазали форсӣ, фарҷоми кори Муиззӣ ва амсоли он навиштааст, ки дар он рӯзгори шоир нисбатан муфассалтар арзёбӣ мегардад. Зимни сайри девони таҳиянамудаи Қанбарӣ мушоҳида мешавад, ки камбудиҳои ҳангоми таҳияи ашъори шоир, аз қабили аз матн афтодани калима, ибора ва ҳатто мисраъҳои алоҳида аз ҷониби ноширони пешин роҳёфта аз ҷониби Қанбарӣ пурра ислоҳ карда шудааст.

Тавре ба назар мерасад, Қанбарӣ нисбат ба муҳаққиқони дигаре, ки девони ашъори Муиззиро ба табъ расонидаанд, заҳмати бештар кашидааст. Дар девони нашрнамудаи вай пас аз матни ашъор бахши «Таълиқот ва ҳавошӣ» бо шарҳу тавзеҳи истилоҳоти лоиқи тавзеҳ (саҳ. 813-1014), сипас «Феҳристи ашъор аз рӯи ҳуруфи қавофӣ» (саҳ.1019-1045), «Феҳристи ашъор аз рӯи ҳуруфи аввали мисроъ» (саҳ.1047-1075), «Таркибот ва ташбеҳоти адабӣ» (саҳ.1079-1115) ва китобшиносии тавзеҳии муқаддима ва таълиқот оварда шудааст [34; 35].

Забеҳуллоҳи Сафо низ дар атрофи рӯзгор ва осори Муиззӣ таҳқиқоти арзишманде анҷом додааст. Дар бораи кайфияти вафоти ӯ фарзияи Муҳаммад Авфиро дар «Лубоб-ул-албоб» иштибоҳ хонда, таъкид менамояд, ки Муиззӣ, бино бар ишороти худ, аз захми пайкони шоҳ чанде бемор буду умеди офият надоштааст ва баъдҳо ҳам, ки беҳбуд ёфт, ҳамвора пайкон дар синаи ӯ ҷой дошту вайро азоб медод. Дар хусуси замони фавти шоир ишора менамояд, ки «охирин касеро, ки Муиззӣ дар девони худ ситуда, Муиниддин Мухтасулмулк Аҳмад – вазири Санҷар аст, ки аз соли 518 / 1124 м. то соли 521 / 1127м. дар ин шуғл буд ва дар соли охир ба дасти ботиниён кушта шуд ва чун зикри ғолиби риҷоли давраи Маликшоҳу Санҷар дар ашъори ин шоир омада, бинобар ин, сукути ӯ дар

бораи риҷоли баъд аз Мухтасулмулк далели он аст, ки вай баъд аз 521 зинда набуд ва шояд пеш аз ин таърих ва пас аз соли 518 даргузашта бошад. Ва ки Саноӣ дар ду байти мазкур иллати фавти ӯро тир хӯрдан аз подшоҳ донистааст, пас то охири умр дучори ранҷи пайкон буда ва шояд аз осеби ҳамон пайкон, ки дар синаи ӯ пинҳон буд, даргузаштааст. Ва ба ин тақдир, қавли Ҳидоят, соҳиби «Маҷмаъ-ул-фусаҳо», ки фавти Муиззиро 542 / 1147м. дониста, иштибоҳ аст» [212, с. 512].

Сафо Муиззиро яке аз чанд шоири бузурги эронӣ ҳисобида, ҳамвора дар сафи муқаддами шоирони порсигӯй қарор дода, вобаста ба муҳтавои ашъори ӯ ишора менамояд, ки дар шеъри ӯ фақат ба мадҳу ғазал бознамехурем, балки гоҳ аз вазъу андарзу тавҳиду ҳикмат ҳам асаре меёбем. Мамдуҳони Муиззӣ тақрибан ҳамаи риҷоли давраи ӯ, аз оғози салтанати Маликшоҳ то авосити аҳди Санҷар, будаанд [212, с. 512].

Доктор Аҳмад Ризо Ялмаҳо аз ҷумлаи муҳаққиқонест, ки ба омӯзиши ашъори Амир Муиззӣ ба таври густарда машғул шудааст. Нақши ин муҳаққиқ дар барқарор намудани калима, ибора ва баъзан мисраъҳое, ки бо айби носихон аз матни девони шоир афтодаанд, назаррас арзёбӣ мегардад. Вай дар мақолаҳои «Шеъре аз Амир Муиззӣ дар девони Ҳофиз» [289], «Девони Амир Муиззӣ ва лузуми таҷдиди тасҳеҳ» [285], «Тааммуле бар девони нофарҷоми Амир Муиззӣ» [286], «Тасҳеҳи як қасидаи машҳур» [288], «Ҷойгоҳи Рӯдакӣ дар шеъри Амир Муиззӣ ва дигар шоирон» [290], «Баррасӣ ва таҳлили навъе аз тасарруфоти котибон дар нусхаҳои хаттӣ» [282] ва амсоли он роҷеъ ба рӯзгор ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир андешаи худро баён кардааст. Аз ҷумла, дар мақолаи «Шеъре аз Амир Муиззӣ дар девони Ҳофиз» пораи шеърии бо мисраи «Солу фолу молу ҳолу аслу наслу тахту бахт» оғоз мешударо оварда, нақл менамояд, ки «ин ду байт дар як қатор девонҳои чопии Ҳофиз дар бахши муқатаот машҳуд аст ва илова менамояд, ки ин ду байт ҷузъи қасидаи Амир Муиззист, ки бар асари тасоҳулу адами таҳқиқи котибон дар интисохи нусхаҳои хаттӣ ва халту баҳамомезии нусхаҳо он ҷузъи девони Ҳофиз дониста шудааст» [289, с. 32-43].

Дар иртибот ба ин масъала ишора менамояд, ки қадимтарин ва муътамадтарин нусхаи девони Амир Муиззӣ нусхаи мактуб ба соли 713-714 ҳичрӣ аст, ки дар Китобхонаи Индиё Офис (Девони Ҳинд) дар Ландан нигаҳдорӣ мешавад ва оқои Қазвинӣ дар санаи 1931 милодӣ се давра акс бардошта ва як акси он дар ихтиёри банда аст ва дар тасҳеҳи девони ин шоир бисёр коромад ва муфид мебошад. Дар нусхаи мазкур қасидае аз Амир Муиззӣ шомили бисту як байт бо ин матлаъ мазбут аст:

Эй зи шоҳию ҷавонӣ шоду аз давлат ба ком,
Эзид андар ҳар муроде доди ту дода тамом.

Дар байти нуздаҳуми ин қасида чунин мехонем:

Молу ҳолу солу фолу аслу наслу тахту бахт
Бодат андар подшоҳӣ бар муроду бардавом:
Мол вофир, ҳол неку, сол фаррух, фол саъд,
Асл розӣ, насл боқӣ, тахт олӣ, бахт ром.
Раҳнамоят бод Яздон ҳар куҷо сойӣ рикоб,
Ҳамнишинат бод давлат ҳар куҷо созӣ мақом.

Чунонки мушоҳида мешавад, се байти мақтаи қасидаи Амир Муиззӣ бо халфи байти охир бо иштибоҳи нусох ва котибон ба сурати қитъае муҷазо ба девони Ҳофиз ворид шудааст [289, с. 32-33].

Ин шеър порае аз қасидаи «Дар мадҳи султон Маликшоҳ» мебошад, ки дар девони шоир ин тавр омадааст:

Молу ҳолу солу фолу аслу наслу тахту бахт
Бодат андар подшоҳӣ бар муроду бардавом:
Мол вофир, ҳол неку, сол фаррух, фол саъд,
Асл розӣ, насл боқӣ, тахт олӣ, бахт ром [32, с. 484].

Ба ҳамин вазну муҳтаво дар ашъори Муиззӣ пораи дигар низ ба назар мерасад, ки аз қасидаи «Дар васфи боғ ва мадҳи султон» буда ба таври зер аст:

Ҳолу молу солу фолу аслу наслу тахту бахт
Бар муродат бод ҳар ҳашт, эй сарафрози табор:
Ҳол неку, мол афзун, сол фаррух, фол саъд,

Асл қоим, насл боқӣ, тахт олӣ, бахт ёр [32, с. 316].

Дар мақолаи «Девони Амир Муиззӣ ва лузуми таҷдиди тасҳеҳ» пас аз баёни мухтасари рӯзгори шоир илова менамояд, ки девони Амир Муиззӣ то кунун ду бор дар Эрон тавассути устод Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар соли 1318 шамсӣ ва дар соли 1362 тавассути Носири Ҳирӣ аз сӯйи нашри Марзбон сурат гирифтааст. Нашри девони шоирро аз ҷониби ин ду нафар бисёр мағлуту нобасомон ва ба гунае бозорӣ меҳисобад. Ишора менамояд, ки бархе аз ибҳомҳо ва таҳрифҳои матни девон ба гунаест, ки ба иллати мутааххир будани нусахи мусаҳҳеҳ бисёре аз абёт, ки дар асл чаҳор мисраъ буда, ба сурати як байт даромада ва ду мисраи дуюм ва сеюми байт аз матни девон соқит гардидааст. Бо овардани намунаҳо абёти мавриди назарро зикр кардааст [285, с. 237-258].

Дар мақолаи «Тааммуле бар девони нофарҷоми Амир Муиззӣ» дар бораи рӯзгори шоир маълумоти хеле мухтасар дода, бештар ба девони шоир тавақҷуҳ зоҳир менамояд. Дар ин радиф ӯ аз норасоиҳое, ки аз ҷониби мураттибони девон ба вуқуъ пайвастааст, сухан ба миён меорад. Аз ҷумла таъкид менамояд, ки матни девон бар асоси се нусхаи мутааххир ва мағлут сурат гирифта ва чунонки мусаҳҳеҳ дар муқаддимаи девон ишора карда, ҳар се нусха бидуни таърих ва бо ҳувияте номаълум аст. Шеваи тасҳеҳ дар ин чоп мушаххас нашудааст. Мусаҳҳеҳ чӣ нусхаеро бар чӣ асосе ба унвони нусхаи матн қарор дода ва нусхаи бадалро аз кадом забт баргузидааст? Бисёре аз абёти девон, чунонки мусаҳҳеҳ дар муқаддима низ бад-он ишорат карда, ҳамчунон машкуку мубҳам монда ва мусаҳҳеҳ дар канори он аломати савол (ва ё казо) марқум кардааст. Абёти фаровоне аз ин девон бо воафтодагӣ ва исқотот ба сурати нуқтачин забт шудааст. Теъдоди зиёде аз абёт дар аснои қасоид маҳзуф аст ва амсоли ин [286, с. 290-291].

Дар мақолаи «Тасҳеҳи як қасидаи машҳур» иброз менамояд, ки машҳуртарин қасидаи ӯ бо матлаи «Эй сорбон, манзил макун ҷуз дар диёри ёри ман», бо вуҷуди шуҳрат дар тамоми нусахи чопии девони ин шоир, аз ҷумла чопи устод Аббос Иқболи Оштиёнӣ ва нусхаи чопии Носири Ҳирӣ, ки зоҳиран, аз рӯйи ҳамон нусха истинсох шуда ва низ нусхаи дастраси алома Қазвинӣ, ҳамчунон ба

сурати мабҳуму машкук бо таҳрифоту тасҳифот мазбут гардидааст. Бо тавақҷуҳ ба ин ки қадимтарин нусхаи девони Амир Муиззӣ нусхаи мактуб ба соли 713-14, маҳфуз дар китобхонаи Индиё Офиси Ландан аст ва мусаҳҳеҳони девони Муиззӣ аз ин нусха истифода накардаанд, кӯшидааст, бо муқобила ва муқоисаи нусхаи ёдшуда бо нусахи чопӣ сурати саҳеҳи қасидаи мазбурро дар ихтиёри алоқамандон қарор диҳад. Аз ҷумла, байти зеринро

Ҳоил ҳиюни тезрав андакхӯри бисёрдав,

Аз оҳувон бурда гарав дар пӯяву дар тохтан,

ки дар нусхаҳои чопии девони шоир ба назар намерасад, ин ҷо барқарор намудааст [288, с. 72].

Аҳмад Ризо дар мақолаи «Ҷойгоҳи Рӯдакӣ дар шеъри Амир Муиззӣ ва дигар шоирон» Рӯдакиро нахустин шоири бузургу касирушшеъри форсии дарӣ хонда, қадимтарин ҷоеро, ки аз Рӯдакӣ ёд шудааст, девони ашъори Фаррухии Сиистонӣ ва Амир Муиззии Нишопурӣ меҳисобад. Тибқи ишораи муаллиф, шуҳрати Рӯдакӣ боис шуда, бисёре аз ашъори вай мавриди тавақҷуҳи сарояндагони пас аз вай, аз ҷумла Амир Муиззӣ қарор гирад. Амир Муиззӣ дар баробари ин, дар ашъори худ аз устод Рӯдакӣ бо ду равия ёд мекунад. Аввал, тавассути довариҳои шоирона дар бораи Рӯдакӣ дар шеър, сипас, тазмин аз ашъори Рӯдакӣ ва истифодаи мазмуни ашъори Рӯдакӣ дар шеър [290, с. 90].

Аҳмад Ризо дар мақолаи дигари худ «Баррасӣ ва таҳлили навъе аз тасарруфоти котибон дар нусхаҳои хаттӣ» бо баёни хатоҳои саҳвомези нусханависон ва котибон, ки гоҳ бар асари хастагӣ ва хатои чашм ба вуҷуд меомадааст, илова менамояд: «Дар девони Амир Муиззӣ чопи Аббос Иқбол омадааст:

Байти 8065:

Чун бишуд бемор наргис, гашт хокистарнишин,

Ҷома зад дар Нилу пеши марг шуд ӯ сӯгвор.

Бо тааммул дар байти ёдшуда ибҳому ишкол дар мафҳуми байт ва низ таносуб надоштану беиртибот будани мафҳуми мисрои аввал ва дуввум ошкор аст. Яке аз нусхаҳои мутақаддим ва нафис аз девони ин шоир, ки дар соли 713-

714 ҳ. қ. ба хатти котибе мавсум ба Абулмуъмини Алавии Кошӣ ба хатти хуши мутамоил ба сулс истинсох шуда ва асли он дар китобхонаи Индиё Офиси (девони Ҳинд) Инглистон нигаҳдорӣ мешавад, маҷмуаи давовини ситта аст. Дар ин маҷмуа байти мазбур бад-ин сурат мазбут аст:

Чун бишуд бемор наргис, гашт хокистарнишин
В-аз майи тимор бар чашмаш падид омад хумор,
Чун бунафша ёфт аз ошӯби умри ӯ нишон,
Ҷома зад дар Нилу пеши марги шуд ӯ сӯгвор [282, с. 142].

Ҳамин гуна дар чанд маврид дар муқоисаи девони нашрнамудаи Аббос Иқбол бо нусхаи болозикр абёти аз матн афтодаи девони шоирро барқарор менамояд [282, с. 142-144].

Аҳмад Ризо дар мақолаи «Тасҳеҳи ҷадид аз девони Амир Муиззӣ» девони Амир Муиззии Нишопуриро бо муқаддима ва тасҳеҳ ва таълиқот аз Муҳаммад Ризо Қанбарӣ, ки соли 2006 ба табъ расидааст, мавриди тасҳеҳ қарор додааст. Ӯ, аз ҷумла, меорад, ки тасҳеҳи Муҳаммад Ризо Қанбарӣ аз девони ин шоир (бо вуҷуди иқрор ба тамоми заҳамоте, ки мусаҳҳеҳ дар тадвини он муҳтамал шуда) ба далели зер наметавонад тасҳеҳи илмӣ ва мустанад аз девони ин шоир бошад.

1. Нусхаи асоси мусаҳҳеҳ дар тадвини девон нусхаи чопии Аббос Иқбол мебошад (чунонки мусаҳҳеҳ дар саҳифаи яксади муқаддима бад-он ишора карда) ва ин болотарин эроди ин матн ба ҳисоб меояд, чаро ки асос қарор додани як нусхаи чопӣ дар тасҳеҳ фоқиди арзиши илмӣ аст.

2. Дар бисёре аз маворид, ки нусхаи чопии Аббос Иқбол бо исқотот ва афтодагиҳо чоп гардида (масалан, мисраи дуюми шеър, ки маҳзуф аст), мусаҳҳеҳи ҷадид ба тасҳеҳи завқию қиёсии абёт ва масореъ пардохтааст.

3. Мусаҳҳеҳ ҳеҷ ишорае ба нусха ё нусахкумаке, ки дар даст дошта ва дар тасҳеҳ қиёс бад-он мутавассил шуда, накарда ва танҳо дар муқаддима (дар саҳифаи яксад) ишора кардааст, ки «ба баъзе аз тазкираҳову ҷунгҳо ва маҷмуаҳо, ки шеъри Муиззиро дар хеш дошт, муроҷиа кардам».

4. Унвони қасоид, ки дар тасҳеҳи устод Иқбол мастур аст, ба ҳамроҳи ҳошиянависиҳо тамомӣ дар нусхаи эшон маҳзуф аст.

5. Бисёре аз абёт аз матни девон соқит гардида ва ё абёт бо ҷобаҷоии фаровон забт гардидааст [287, с. 2].

Ва сипас бо такя ба нусхаҳои қаламие, ки дар ихтиёр доштааст, ба тасҳеҳ ва ислоҳи баъзе абёти девон пардохтааст.

Ҳамин тавр, дар масъалаи чопи девони Амир Муиззӣ ба чунин натиҷа мерасем, ки то кунун матни саҳеҳи илмӣ-интиқодии он сурат нагирифтааст.

Имомалӣ Шаъбонӣ ва Отино Ансорӣ дар мақолаи «Бостонгароӣ дар андеша ва шеъри Амир Муиззӣ» ба бостонгароӣ ҳамчун яке аз вижагиҳои таърихии Эрон баҳо дода, ишора менамоянд, ки Муиззӣ ҳар гоҳ мехоҳад инсофу адли шоҳони Салҷуқиро бо шоҳони Сосонии Эрон муқоиса кунаду ононро мутаваҷҷеҳи мулкдории салотини куҳан кунад, баён мекунад, ки он чиро аз адлу бузургии Анушервон оварда чизе будааст, ки аз қисас ва достонҳо шунидааст. Чунончи, дар зайли мадҳи султон Маликшоҳи Салҷуқӣ мекунад:

Дар ин маънӣ агар дастур бошад,
Ба дастурӣ бигӯям достоне.
Шунидастам, ки Нӯшервон намудаст
Зи адли хеш ҳар ҷое нишоне.

Ҳамзамон, илова менамоянд, ки Амир Муиззӣ дар девони ашъори худ ба таври мукаррар ба ҷашни Меҳргон ба унвони иде бузург ва Наврӯз иди бостонии дигари эрониён ба таври мукаррар ва бештар аз ҳар девони шеърӣ аз давраи салоҷиқа инъикос намудааст [277, с. 57-77].

Муҳсин Шарифӣ ва Ҳомид Хотамипур дар мақолаи «Ашъоре навёфта дар Ҷунги хаттии 900 Маҷлис» пас аз муаррифии ҷунги мазкур ва рӯйхатти шоирон тибқи тартиб овардаанд, ки абёти Муиззӣ дар сафинаи шуаро сафаҳоти 72 то 83-ро дар бар мегирад. Дар ин нусхаи хаттӣ як ғазал ба номи Муиззӣ сабт шудааст, ки дар чопҳои мухталифи девони вай ба чашм намехӯрад. Ғазали мавриди назар дар изофоте, ки Аббос Иқбол аз нусхаи китобхонаи Ҳинди Лондон ба тасҳеҳи худ афзуда, низ мавҷуд нест. Ин ғазал, ки дар саҳифаи 81 ин ҷунг омадааст, ғазале навёфта аз Муиззӣ маҳсуб мешавад, ки дар девони вай мавҷуд нест:

Чун ҳаво сардӣ пазирад, ҷойи мо кошона беҳ,

Мусҳафи мо соғару меҳроби мо майхона беҳ.

Булбулон аз боди дай моҳе ба хоб андар шуданд,

Ҷойгоҳи мо кунун беғулаи кошона беҳ.

Бо хирад бегонаем имрӯзу бо ишқ ошно,

Ҳар кӣ бо ишқ ошно шуд, бо хирад бегона беҳ.

Ратли пурдур деҳ, ки м-он дар сар хумори ошиқист,

Ратли мардон бар хумори ошиқӣ мардона беҳ.

Ошиқу мастам, аз он шӯридаву девонааам,

Ошиқу маст, эй писар, шӯридаву девона беҳ.

Гар наёбад давлати мо аз хирад парвонае,

Давлати мирӣ мушайяд дар миён парвона беҳ [215, с. 48].

Ба қавли муаллифони мазкур, “пас аз нақли ғазали боло дар ҷунги мазкур ҷомеъ ашъоре аз Мухторӣ овардааст. Нуктаи қобили тааммул ин аст, ки дар ин қисмат ду қасида ва як ғазал ба Мухторӣ нисбат дода шуда, ки дар девони Муиззӣ низ мавҷуд аст. Мумкин аст, соҳиби ин ҷунг дар интисоби онҳо ба Мухторӣ иштибоҳ карда бошад. Гӯё пушти сари ҳам қарор гирифтани ашъори ду шоир боиси тадохул дар ашъор ва интисоби саҳвӣ ва нохостаи ашъори Муиззӣ ба Мухторӣ мегардад” [215, с. 46-49].

Дар қиёс ба ҳолати мавҷуд вижагиҳои зерин ҳам таъйид шудааст, ки қобили таваҷҷуҳ аст:

1. Дар саҳифаи 84 қасидае 68 байтӣ бо матлаи зер ба номи Мухторӣ сабт шудааст, ҳол он ки комил дар девони Муиззӣ омадааст:

Тавонгарию ҷавонию ишқу бӯйи баҳор

Шаробу сабзаву оби равону рӯйи нигор.

2. Дар саҳифаи 88 қасидаи 17 байтӣ бо матлаи зер ба номи Мухторӣ омада. Аммо тақрибан тамоми ин қасида дар девони Муиззӣ сабт шудааст:

Чист он дарё, ки ҳаст аз бахшиши ӯ дар ҷаҳон

Нилу Сайҳуну Фуроту Даҷлаву Ҷайҳун равон.

Мумкин аст иштибоҳи котиб аз ин ҷо ношӣ шуда бошад, ки Мухторӣ низ чистоне дар сифати абр шабеҳ ба чистони Муиззӣ дорад ва гӯё котиб аз ҳофизаи худ онро нақл кардаасту ба матн муроҷиа надоштааст:

Чист он дарё, ки чун пур гашташ аз гавҳар даҳон,

Зардрӯе баргирифт ӯро зи куҳлӣ парниён?

3. Дар сафҳаи 91 сафинаи шуаро ғазале 10 байтӣ бо матлаи зер ба номи Мухторӣ омадааст ва тамоми 10 байти он дар тарҷеъбанде аз Муиззӣ мазбут аст:

Эй боди субҳдам, гузаре кун ба кӯи ман,

Пайғоми ман бибар ба бари моҳрӯи ман [215, с. 46-49].

Ғуломризо Солимиён ва Суҳайлёрӣ Гулдара дар пажӯҳиши худ таъкид намудаанд, ки Ялмаҳо дар пажӯҳишҳои худ тасҳеҳ дар бораи девони Муиззиро зарурӣ дониста ва мавориди мутааддиде аз иштибоҳоти чопҳои девон ва гунаҳои дурусти он иштибоҳотро гӯшзад кардааст. Барои парҳез аз такрор дар идома ба зикри мавориде мепардозем, ки Ялмаҳо ба он ишора накардааст. Сипас бо такя ба «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Тақиуддини Кошӣ, «Мунис-ул-аҳрор», Ҷунги Кембриҷ, «Тоҷ-ул-маосир», ҷунги шумораи 900, 23607, 753, 86642 маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлис ва ҷунги Китобхонаи Ганҷбахши Покистон, дар маҷмуъ, 45 байти Муиззиро, ки дар нусхаи чопии девони ӯ вонамехурад, барқарор намудаанд.

Ин муҳаққиқон низ ҷунги шумораи 900 китобхонаи Маҷлисро мавриди таҳқиқ қарор дода, абёте нав аз ашъори дигари Муиззӣ ба даст овардаанд, аз ҷумла аз қасидае бо матлаи:

Он худованде, ки ӯ бар подшоҳон подшост,

Мустаҳиққи иддату маҷду ҷалолу кибриёст.

шаш байт ва аз қасидаи бо матлаи

Эй тозатар аз барги гули тоза ба бар бар,

Парварда туро хозини фирдавс ба бар бар.

низ шаш байт пайдо кардаанд, ки дар нусхаҳои чопии девони шоир ба чашм намерасанд [223, с. 55-72]. Аммо дар хусуси ғазале, ки Муҳсин Шарифӣ ва

Ҳомид Хотамипур дар мақолаи «Ашъоре навёфта дар Ҷунги хаттии 900 Маҷлис» аз номи Муиззӣ овардаанд, маълумоте намедиҳанд.

Ризо Даҳмарда бо Нидо Даҳмарда дар мақолаи «Оёти қуръонӣ дар ашъори Амир Муиззии Нишопурӣ» ва дар китоби «Баррасии мабоҳиси Қуръонӣ дар девони Амир Муиззии Нишопурӣ» пас аз нақли рӯзгори мухтасари Амир Муиззӣ, бештар таъсири оёти Қуръонӣ ба ашъори шоир ва ишороту талмеҳоти қуръонӣ дар ашъори ӯро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд [132; 134].

Ба қавли Ризо Даҳмарда дар мақолаи «Ишороту талмеҳот дар девони Амир Муиззии Нишопурӣ» аз сухани Муиззӣ ба дурустӣ фаҳмида мешавад, ки вай ранҷи таълим дида ва ҷабри устод чашидааст. Баъзе аз қасоиди Муиззӣ афкори комилан тозае нисбат ба пешиниён дорад ва ин дараҷаи ибтикор ва алоқаи ӯро ба овардани мазомин ва матолиби бадеъ мерасонад [133, с. 7].

Муҳаммад Аҳмадӣ дар мақолаи «Фантазии шоҳи қаҳрамони миллӣ, қаҳрамони динӣ: Шеваҳое барои барқарории иртиботи дарбор дар шеъри мадеҳасароёни қарни панҷум ва шашум» дар қатори шоирони асрҳои XI-XII ашъори Муиззиро низ дар робита ба тавсифи мамдуҳон ва муқоисаи онҳо бо қаҳрамонони динию миллӣ мавриди баррасӣ қарор додааст [102, с. 17-21].

Машкуҳ Муқаддаси Дилором, Ҳуҷҷат Маҳмуд ва Ҳоҷизода Маҷид дар мақолаи «Вижагиҳои сабки ашъори Амир Муиззӣ» ишора менамоянд, ки қолаби аслии ашъори ӯ қасида аст, ки дар муқоиса бо қасоиди мадҳии шоирони дигар камобеш кутоҳтар аст. Аз назари фикрӣ унсури ғолиби шеъри ӯ мадҳ буда ва мамдуҳони аслии ӯ Маликшоҳ, Султон Санҷар, Низомулмулк, хоҷа Фахрулмулк (писари Низомулмулк) ҳастанд. Аз назари адабӣ санъати балоғии аслӣ дар шеъри ӯ ташбеҳ аст. Анвои ташбеҳ дар шеъри ӯ дар хидмати тавсифу ситоиши мамдуҳ қарор гирифтаанд, ки дар миён саҳми аслии мутааллиқ ба ташбеҳи изофӣ ё балеғ аст. Дар идома бо таснифи санъати ташбеҳ ва истиора аз ашъори шоир намунаҳо меоранд [176, с. 53-70].

Муртазо Ризоӣ дар мақолаи «Баррасии анвои иҳом, тазод(д) ва таносуб дар девони Амир Муиззии Нишопурӣ» ашъори шоирро ҳудуди 20 ҳазор байт ва шомили қасоиду ғазалиёту муқаттаоти гӯёи ҳаводиси ношинохта ва таърихии

панҷоҳу панҷ сол аз айёми ҳукумати Салоҷиқа ва ҳомили мазомини маъмулан мадҳ, ситоиш, таҳният, вазъу андарз, тавҳид, ҳикмату ишороти зиёди таърихию ҷуғрофӣ меҳисобад. Таъкид мекунад, ки дар қасоиди вай абёти пандомез ва ташвиқу тарғиби шоҳону бузургон ба додгустарӣ зиёд метавон дид. Инчунин, намунае аз ашъори шоирро дар иртибот бо корбурди санъаҳои бадеии иҳом ва тазод(д) мавриди баррасӣ қарор медиҳад [204, с. 1-20].

Аз ҷониби адабиётшиносони дигари Эрон низ рӯзгор ва осори Муиззӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо бештари онҳо такрори якдигаранд. Бинобар ин, бо овардани таълифоти арзишманди муҳаққиқон иктифо намудем.

Ҳамин тавр, аз баррасии осори муҳаққиқони эронӣ дар робита ба омӯзиши аҳволу ашъори Амир Муиззӣ маълум мешавад, ки бо вуҷуди корҳои анҷомёфта аз ҷониби онҳо дар самти пажӯҳиши масъалаҳои алоқаманд ба паҳлуҳои гуногуни норавшани зиндагиномаи шоир, пеш аз ҳама, дар асоси мероси адабии ӯ, ашъори шоир аз нигоҳи муҳтаво ва перояҳои бадеӣ, силсилабандии салотину вазирону кабирони сулолаи Салҷуқиён дар асоси қасоиди мадҳии шоир ва амсоли он боқӣ монда, ба таҳқиқи густарда ва фарогир ниёз дорад.

Рӯзгор ва ашъори Амир Муиззии Нишопурӣ таваҷҷуҳи адабиётшиносони туркро низ ба худ ҷалб намудааст ва як гурӯҳ олимони турк роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори ӯ мақолаҳои алоҳида ва рисолаҳо таълиф кардаанд. Аз ҷумлаи, адабиётшиносони машҳури турк профессор Аднан Қараисмоилоғлу роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори маҳфузмондаи Муиззӣ изҳори андеша менамояд. Вай дар мақолаи «Шеър ва шоир дар дарбори Салҷуқиён» дар қатори шоирони дигар роҷеъ ба рӯзгори Амир Муиззӣ низ бо овардани маълумоти мухтасар ишора менамояд, ки тахминан соли 440 (1048-49) дар Нишопур таваллуд шудааст. Падари ӯ амирушшуарои султон Алп Арслони Салҷуқӣ Абдумалик Бурҳонӣ буд. Вай ба сабаби тахаллуси Маликшоҳ «Муиззу-д-дунё ва-д-дин» тахаллуси Муиззӣ гирифт. Муиззиро дар қатори чанд шоири муҳимми давраи классикӣ дар адабиёти Эрон меҳисобад ва бо андаке тағйирот суханони Муҳаммад Авфиро дар хусуси мақоми Муиззӣ нақл карда, иброз медорад, ки бо файзу баракати ҳокимон

мисли Рӯдакӣ дар замони Сомониён, Фаррухии Систонӣ ва Унсурӣ дар замони Ғазнавӣ зиндагии осуда ба сар бурдааст [313, с. 133-139].

Номбурда дар мақолаи дигари худ зери унвони «Баррасии назми туркии давраи классикӣ» Муиззиро узви дарбори Салҷуқиён мешуморад, зеро падараш Бурҳонӣ шоири султон Алп Арслон буд. Давраи кӯдакии Муиззӣ низ дар доираи дарбори Салҷуқиён гузаштааст. Илова бар ин, шоир беш аз панҷоҳ соли умри худро бо Султон Маликшоҳ ва Султон Санҷар сипарӣ намудааст [309, с. 40-66].

Аднан дар китоби «Энсиклопедияи ислом» низ дар бораи Муиззӣ маълумоти мухтасар медиҳад, ки бештар такрори қавли муаллиф аз мақолаҳои болозикр мебошад, аз ҷумла дар хусуси зодгоҳи ӯ шаҳри Нишопур, марги падараш, хидмати ӯ дар дарбори Маликшоҳу Санҷар ва амсоли он. Изҳороти Авфиро, ки ӯ дарҳол бо хӯрдани тир фавтидааст, ба воқеият мувофиқат намешуморад, зеро шоир дар қисматҳои гуногуни девони худ ба ин воқеа ишора кардааст. Ба қавли ин муҳаққиқ Муиззӣ бо сабки самимӣ ва содаи худ аз Фаррухӣ ва Манучеҳрӣ фарқ мекунад. Вай дар ашъораш истифодаи калимаҳои осонфаҳмро афзалтар медонад. Истифодаи мавзуъ ва мафҳуми тозаи ӯ низ ба рушди ғазал мусоидат кардааст [310, с. 98].

Ҳамин муҳаққиқ дар мақолаи «Шеъри давраи Салҷуқиён ва шоир Муиззӣ» мегӯяд: Шоир Муиззӣ аз Нишопур аст, ҳарчанд дар баъзе маъхазҳо аз Нисо ё Самарқанд будани ӯ сабт шудааст. Номи пурраи ӯ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалики Нишопурӣ мебошад. Муиззӣ дар атрофи қаср ба воя расидааст, зеро падараш шоир Абдумалики Бурҳонӣ маликушшуарои султон Алп Арслон буд.

Давраи Салҷуқиёнро давраи рушду таҳаввули шеъри форсӣ мешуморад ва ишора менамояд, ки ин давраест, ки дар шеър хусусиятҳои нав пайдо мешавад ва ин ҳолат танҳо ба шеъри форсӣ дахл дорад. Ба қавли ӯ, Амир Муиззӣ, бо вуҷуди шоири дарбор будан, дар ашъораш гоҳ-гоҳ дар бораи арзишҳои мазҳабӣ, тавҳид қасидаҳо ба назар мерасанд. Дар бораи махсусиятҳои шеър Муиззӣ, махсусан, ғазалиёташ сухан ронда, дар охир аз чӣ бошад, ки ӯро турк номида,

мегӯяд, ки ӯ аслан турк буда, бар иловаи иртиботаш бо шеъри арабӣ, махсусан, ба форсӣ шеър гуфтааст [312, с. 71-78].

Аднан Қараисмоилоғлу дар мақолаи дигари худ зери унвони «Фарҳанг ва адабиёт дар давраи Низомулмулк» дар баробари нақли рӯзгори Низомулмулк ва авзои адабии ин замон дар робита ба рӯзгори Муиззӣ як байт аз Фаррухӣ ва байте чанд аз Муиззиро, ки бо ишора ба «Шоҳнома»-и ҳаким Фирдавсӣ суруда шудаанд, иқтибос меорад ва сипас суханони Шафеии Кадканиро, ки дар иртибот ба зери пойи амирони туркзабон хорузор кардани Рустам, Исфандёр ва дигар рамзҳои миллии эронӣ Муиззиро мавриди накуҳиш қарор додааст, қобили қабул намешуморад ва қаҳрамонони сутудаи Муиззиро аз ҳисоби салотину амирони Салҷуқӣ арзандаи он мақому ҷоҳ меҳисобад [311, с. 411-420].

Профессор Осман Юзгуденли дар мақолаи «Ашъори форсии ба султонҳои Салҷуқӣ бахшидашуда», дар маҷмуъ, дар бораи ашъори мадҳиявии шоирони дарбори Салҷуқиён маълумот дода, ишора менамояд, ки султонони Салҷуқӣ, ки, аслан, намояндагони анъанаҳои даштӣ буданд, дере нагузашта забони форсиро қабул карда, ба адабиёти он шинос шуданд. Салҷуқиён ба олимону нависандагон, фаъолияти илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ сарпарастӣ мекарданд ва ба рушди он ҳиссаи калон гузоштанд. Махсусан, Султон Санҷар, ки яке аз тавонотарин ҳокимони давлати бузурги Салҷуқиён буд, ба шеъру шоирӣ аҳаммияти хос медод. Тавоҷҷуҳ ва муносибати ӯ бо шоирон дар сарчашмаҳои зиёде зикр шудааст. Давраи Султон Санҷарро яке аз дурахшонтарин даврaҳои адабиёти Эрон метавон ҳисобид. Сипас дар бораи Амир Муиззӣ маълумот дода, аз ҷумла ҳикояи Низомии Арӯзиро аз «Чаҳор мақола» ба таври мухтасар нақл карда, ишора менамояд, ки ин воқеа дар як нусхаи девони Амир Муиззӣ дар Девони Ҳинд каме тафовут дорад ва ба навъе дигартар зикр шудааст. Мувофиқи он, дар охири моҳи рамазон, чун Султон Санҷар моҳро нахуст дид, Муиззӣ рубоӣ гуфт ва ин рубоӣ Санҷарро бисёр писанд омад ва яке аз аспҳои зебои худро ба Муиззӣ ҳадя кард... [314, с. 39-67].

Эфе Йешилдурак соли 2015 дар мавзуи «Ҳаёти илмӣ ва зеҳнии Салҷуқиён дар замони ҳукмронии Султон Санҷар» рисолаи магистрӣ таълиф менамояд ва

дар ин рисола чунин ишора менамояд: «Агар ба шоирони давра нигарем, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззӣ (ваф. 1124) яке аз шоиронест, ки дар ҷавонӣ амирушшуаро шуд ва пас аз марги Маликшоҳ ба хизмати Султон Санҷар даромад. Дар ашъораш сабки фикрӣ ва фалсафӣ вуҷуд надорад, балки бештар дар сабки васф аст. Ӯро бидуни далел аз барҷастатарин шоирони мадеҳасарое медонад, ки ба форсӣ ва туркӣ шеър эҷод кардаанд [316, с. 55]. Ҳол он ки дар миёни ашъори ӯ, ки зиёда аз 18 654 байти он то имрӯз маълум аст, байте ё худ мисрае бо забони туркӣ ба назар намерасад.

Ҳакан Яман дар мақолаи «Анвои вазн дар девони Муиззӣ» бо овардани маълумоти мухтасар Муиззиро аз шоирону файласуфони маъруфи Хуросон мешуморад, ки дар Нишопур, тахминан солҳои 1048-1049 таваллуд шудааст. Падараш Абдулмалики Бурҳонӣ, амирушшуарои султон Алп Арслон буд. Сипас, вобаста ба муайян намудани баҳр ва авзони шеъри шоир 454 қасида, 61 ғазал, 6 таркиббанд ва 1 мусамматро мавриди баррасӣ қарор дода, хулоса менамояд, ки аз ашъори мавриди назар 35,05% дар баҳри рамал, 19,73% дар баҳри ҳаҷаз, 18,97% дар баҳри муҷтасс, 18,39% дар баҳри музореъ, 2,68% дар баҳри мутақориб, 2,30% дар баҳри хафиф, 1,53% дар баҳри мунсареҳ, 0,58% дар баҳри раҷаз, 0,58% дар баҳри сареъ ва 0,19% дар баҳри басит суруда шудаанд [315, с. 43-48].

Ҳакан тарҷеъбандҳои шоирро низ таркиббанд шуморидааст (дар девони шоир 3 таркиббанд ва 3 тарҷеъбанд ба назар мерасад) ва ҳамзамон, бо назардошти он ки 12 қасида, 175 рубоӣ ва 34 қитъаи шоир аз назари муҳаққиқ дур мондааст, эҳтимол меравад, ки муҳаққиқ ашъори шоирро ба пуррагӣ мавриди пажӯҳиш қарор надодааст.

Муаллифони китоби дарсии «Адабиёти турк дар асрҳои VIII-XIII» дар бораи Муиззӣ чунин маълумот пешниҳод менамоянд: «Муиззӣ (соли вафоташ: 1126), шоири маъруфи турк, яке аз шоирони дарбори султон Маликшоҳ ва амирушшуарои даврони худ буд. Қариб ҳамаи қасидаҳои ӯ барои сулолаи Салҷуқиён навишта шудаанд ва дар бораи фарҳанг, таърих ва ҷуғрофияи турк маълумоти муҳим медиҳанд. Дар қасоиди ӯ, бахусус, дар бораи давраи

Маликшоҳ далелҳои зиёде мавҷуданд. Дар ситоишҳои худ қаҳрамонони мифологии эрониро бо ҳокимони Салҷуқӣ муқоиса ва онҳоро хор карда, Салҷуқиёнро боло мегузорад. Аз ҷониби муаррихони адабиётшиносии Эрон сахт интиқод шуда, ки «ӯ ҷуз поймол кардани қаҳрамонони миллии эронӣ дар зери пойи султонҳои Салҷуқӣ, ки онҳоро ситоиш мекард, коре накардааст» [324, с. 84].

Масъалаи турк муаррифӣ кардани Муиззӣ, чунонки арз шуд, дар сурате, ки ӯ ягон байте ба туркӣ насурудааст, аз ҳақиқати илмӣ фарсахҳо дур буда, ҳарзае беш нест.

Профессор Алӣ Темизел дар мақолаи «Шоир ва шеър дар замони Низомулмулк» услуби ин даврароб сабки хуросонӣ ва кӯшишҳо барои зинда нигоҳ доштани онро яке аз муҳимтарин вижагиҳои ин давра медонад. Дар даврони Салҷуқиён шоирон дар илму тамаддун аз паҳлуҳои мухталиф ва дар шинохту инъикоси вазъиятҳои иҷтимоӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Дар баробари баёни рӯзгори мухтасари як қатор шоирони замони Низомулмулк аз Амир Муиззӣ низ ёд мекунад. Аз ҷумла, дар хусуси Муиззӣ мегӯяд: «Абуабдуллоҳ амирушшуаро, ки аз намояндагони шеъри ситоиш ба шумор меравад, Муҳаммад ибни Абдулмалики Нишобурӣ шоири даврони Салҷуқиён аст. Тақрибан соли 1048-1049 дар Нишопур таваллуд шудааст. Муиззӣ аз чанд шоири барҷастаи давраи классикӣ дар адабиёти Эрон аст. Агарчи таъсири шоироне чун Фаррухии Систонӣ, Унсурӣ ва Менучеҳрӣ ба назар мерасад, бо услуби хос ва оддии худ аз онҳо фарқ мекунад. Масъуди Саъд, Саноӣ, Сӯзанӣ, Муҳаммад ибни Носири Алавӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Анварӣ, Адиб Собир, Рашидуддини Ватвот, Амъақ ва Рашидии Самарқандӣ барин адибон ҳамзамонони ӯ мебошанд» [322, с. 450-465].

Аз миёни адабиётшиносони турк профессор Гёкҳан Гёкмен новобаста аз баъзе иштибоҳот дар мавриди омӯзиши ашъори шоир ба омӯзиши рӯзгор ва ашъори ӯ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст. Вай дар мақолаи «Турконхотун дар девони амир Муиззӣ» ишора менамояд, ки дар дарбори сулолаи бузурги Салҷуқӣ Амир Муиззӣ (ваф. 1124-1127), ки бо унвони маликушшуароӣ зиёда аз ним аср

фаъолият намудааст, аз лиҳози таъриху фарҳанги Салҷуқиён ҷойгоҳи муҳиммеро доро мебошад. Девони Муиззӣ тақрибан 19000 байт буда, дар он шоир, бахусус, Маликшоҳ (ваф. 1092), Барқиёруқ (ваф. 1104), Санҷар (ваф. 1157) ва вазирону кабирону амалдорони дигари Салҷуқиро ситоиш кардааст. Илова бар ин, яке аз чеҳраҳои ситоишкардааш модари Султон Санҷар ва султон Муҳаммад – Туркон-хотун (ваф. 487/1094) мебошад [301, с. 17-44].

Чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқ иштибоҳан Туркон-хотун ва Тоҷиддин-хотунро ба ҳам омехтааст. Туркон-хотун (ваф. 1094) духтари хоқони Қарахониёни ғарбӣ Иброҳим ибни Насри Табғочхон (1040-1068) буд. Номи аслиаш маълум нест, Туркон тахаллуси ӯст. Аз ӯ ҳамчун Ҷалолия-хотун (тибқи лақаби Маликшоҳ «Ҷалолу-д-давла ва-д-дин») низ ном мебурданд. Вай ҳамсари аввали султон Маликшоҳи I (ҳукмронии 1072-92) буд. Туркон-хотун аз Маликшоҳ се писар таваллуд кард, вале ду писари калонӣ дар замони зиндагии падар фавтиданд. Писари калонӣ –Довуд соли 1082, Аҳмад соли 1088 вафот кард. Писари сеюмашон Маҳмуд соли 1087 таваллуд шудааст.

Маликшоҳ ва Туркон-хотун духтаре низ доштанд бо номи Маҳмалик, ки соли 1087 бо халифа Ал-Муқтадӣ ба шавҳар баромад. Маҳмалик аз халифа писаре таваллуд менамояд, ки Абулфазл Ҷаъфар ном дошт. Аммо аллакай дар соли 1088 хизматгорони туркзабон шоҳзодаро ба далели рафтори худ аз ҳарами халифа ронданд. Духтари Туркон аз беэътиноии шавҳараш ба падару модараш шикоят кард ва Туркону Маликшоҳ аз халифа талаб карданд, ки Маҳмалик-хотунро ба хонаи падару модараш фиристад. Дере нагузашта ба назди падару модараш баргашта, ҷавонзан фавтид.

Сайри девони ашъори Муиззӣ нишон медиҳад, ки шоир ба Туркон-хотун ва писарону духтари ягон шеъре набахшидааст ва он даҳ қасидае, ки тибқи андешаи муҳаққиқ ба Туркон-хотун равона гардидаанд, шоир онҳоро ба Тоҷиддин-хотун бахшидааст.

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигараш «Бонуи дарбори Салҷуқиён Маҳмалик-хотун дар девони амирушшуарои сулолаи Салҷуқӣ Амир Муиззӣ» менависад, ки яке аз шахсиятҳо, ки Муиззӣ дар девони худ ситоиш кардааст ва

дар бораи ӯ дар манобеи таърихӣ маълумоти кофӣ нест, Маҳмалик-хотун (Бону Маҳмалик), духтари Маликшоҳ бо Туркон-хотун мебошад [297, с. 1-14].

Дар ин ҷо низ муҳаққиқ ба иштибоҳ роҳ дода, Маҳмаликро бо Шоҳ-хотун омехтааст. Бояд қайд намоем, ки Шоҳ-хотун Сафия духтари Маликшоҳ аз завҷаи сеюми ӯ Тоҷиддин-хотун, ё худ Сафария-хотун мебошад, ки бо номи Бушалӣ низ маъруф аст ва яке аз канизони Маликшоҳ буд, ки баъдтар ҳамсари ӯ гардид ва ин ягона ҳолатест, ки салотини Салҷуқӣ ба канизак хонадор шудаанд. Сабаби Сафария-хотун лақаб гирифтани ӯро аз он медонанд, ки дар бисёр сафарҳо Маликшоҳро ҳамроҳӣ мекард. Вай модари султонҳо Муҳаммад Тапар ва Аҳмад Санҷар ва духтаре бо номи Шоҳ-хотун мебошад.

Муиззӣ ба Шоҳ-хотун – духтари Маликшоҳ ва Тоҷиддин-хотун як қасида бахшидааст ва исботи ин андеша он аст, ки дар қасида аз Шоҳ-хотуни Сафия ном мебарад. Қасидаи ба ӯ бахшидашуда на аз 25 байт, тавре муҳаққиқ ишора менамояд, балки аз 27 байт иборат аст.

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи «Мақоми шоирони форсигӯ дар девони амирушшуаро Муиззӣ» бо баёни мухтасари рӯзгори Амир Муиззӣ ӯро аз шоирони барҷаста мешуморад ва илова менамояд, ки Амир Муиззӣ дар девони худ як зумра шоиронро, аз қабили Шаҳиди Балхӣ (ваф. 927), Рӯдакӣ (ваф. 941), Дақиқӣ (ваф. 976-980), Фирдавсӣ (ваф. 1022-1026), Фаррухӣ (ваф. 1038), Унсурӣ (ваф. 1039-1040) ва чанде аз шоирони дигарро зикр ва ашъори бисёри онҳоро васф мекунад. Муиззӣ бештар ашъори Унсуриро зикр кардааст. Ӯ бештар Фирдавсӣ ва асари «Шоҳнома»-ро накуҳиш ва Асҷадии Марвазӣ (вафот 1040), Қатрони Тебрезӣ (пас аз марг 1089), Масъуд Саъди Салмон (ваф. 1121) ва инчунин, Зайнабиро (ваф. асри 12) ситоиш кардааст.

Бо хулосагирӣ аз мақолаи мазкур метавон иброз намуд, ки тавре дида мешавад, амир Муиззӣ шоире буд, ки дар хилоли ашъораш дар бораи бисёр шоирон ёдоварӣ ва ашъори онҳоро нақл мекунад. Ба ҷуз Фирдавсӣ тамоми шоиронро васф кардааст. Ба девони худ шомил кардани шоирон, ки аз чеҳраҳои боистеъдод буданд, бисёр муҳим буд. Муиззӣ бо вуҷуди тавсифи шоирон дар баъзе ҳолатҳо ашъор ва сабки худро аз ашъори онҳо болотар медонад.

Гётмен махсус қайд менамояд, ки Муиззӣ шоири боистеъдоди адабиёти хаттии форсист [302, с. 107-122].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигари худ бо номи «Мақоми шоири дарбор Амир Муиззӣ дар таърихи давлати Салҷуқиён» ишора менамояд, ки Салҷуқиёни бузург дар арсаи таърихи ҷаҳон мақоми муҳим доранд. Дар ашъоре, ки дар дарбори Салҷуқиён барои арбобони давлатӣ навишта шудааст, дар бораи Салҷуқиён маълумоти таърихӣ ва иҷтимоӣ ба назар мерасад. Яке аз онҳое, ки таърихи ин давлатро хеле хуб баён кардааст, Амир Муиззӣ (ваф. 1124-1127) мебошад.

Дар девони Муиззӣ, ки ҳам дар замони Маликшоҳ ва ҳам Санҷар шоири дарбор ва шоҳиди воқеаҳои зиёди таърихии он давра буд, дар хусуси воқеаҳои таърихии замон ба таври муфассал сухан меравад ва ашъори ӯ метавонад ҳамчун сарчашмаи таърихӣ мавриди истифода қарор гирад. Дар ашъори ӯ қасидаҳои марбут ба бисёр рӯйдодҳои муҳими таърихӣ, аз қабили ҷашнҳо низ вомехӯранд. Дар маҷмуъ, девони Муиззӣ ҳамчун шоири даврони Салҷуқиён сарчашмаи пур аз маълумоти таърихӣ ва ҳар як шеъри ӯ тақрибан дорои хусусияти сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он давра мебошад [299, с. 44-49].

Гёкҳан Гёкмен соли 2018 таҳтии унвони «Дунёи шеъри Муиззӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя мекунад. Вай дар қисмати якуми рисолаи мазкур дар хусуси рӯзгори Муиззӣ ва падараш Бурҳонӣ, шахсияти адабии ӯ, дар бораи эътиқоди динии ӯ, арзиши таърихии девони Муиззӣ, ҳамзамонони ӯ маълумот медиҳад. Дар қисмати дуюм дар баробари баъзе нусхаҳои қаламии девони шоир ва нашрҳои девони Муиззӣ, мундариҷаи девони Муиззӣ, арзиши таърихии девони Муиззӣ, истилоҳоти туркӣ дар девон, шоирони форсигӯ ва арабизабон, ки Муиззӣ дар девонаш онҳоро ёд кардааст, осори ба мавзуи динӣ бахшидаи шоир, инъикоси шахсони таърихӣ, аз қабили салотини Салҷуқӣ, вазирону амирон ва дигар мансабдорон ва ҳодисаҳои муҳимми мунъакис дар девони Муиззӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар қисмати сеюм унвонҳо ва лақабҳои султонҳои Салҷуқӣ, истилоҳоти тахт, тоҷ, сикка, парчам, одат, анъана ва маросимҳо, сипоҳ ва олоти ҷангии лашкари Салҷуқиён дар девони Муиззӣ мавриди баррасӣ қарор

гирифтааст. Дар қисмати чорум номҳои қабилаҳои туркӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар бахши алоҳида интиқоди Муиззӣ аз Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ ва эътиқоду афзалиятҳои динии туркҳо ва султонҳои турк баррасӣ мегардад.

Дар диссертатсияи мазкур, ки аз таҳқиқоти нисбатан муфассал роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори шоир дар адабиётшиносии турк ба шумор меравад, дар хусуси рӯзгори шоир, хусусиятҳои бадеӣ ва моҳияти адабии ашъори ӯ, корбурди санъатҳои бадеӣ, маълумоти хеле кам омада, муаллиф бештар ба масъалаҳои дар боло зикрёфта таваҷҷуҳ кардааст [305].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи «Марсияҳои ба султон Маликшоҳ, Низомулмулк, Фахрулмулк, Туркон-хотун ва Муҷируддавла навиштаи Амир Муиззӣ» ишора менамояд, ки девони Муиззӣ аз ашъоре иборат аст, ки барои султонҳо ва арбобони Салҷуқӣ навишта шудааст. Аз ҷумла, дар девони шоир ҳафт марсия мавҷуд аст, ки ба султон Маликшоҳ ва Низомулмулк, Фахрулмулк, Турконхотун ва писари Муҷируддавла суруда шудаанд. Марсияҳое, ки амир Муиззӣ сурудааст, аз бисёр ҷиҳат пурмазмунанд. Дар ин марсияҳо хусусиятҳои сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он давра низ инъикос ёфтааст. Дар миёни ин ашъор марсияҳои ба султон Маликшоҳ ва Низомулмулк бахшидашуда мақоми хосса доранд. Гумон меравад, ки ин шеърҳо хусусияти умумии давраро инъикос мекунанд. Шубҳае нест, ки Муиззӣ ҳамаи инҳоро на танҳо ҳамчун шоири дарборӣ, балки ба сифати шоири замони худ ҳам дарк мекард. Ба қавли муҳаққиқ, Амир Муиззӣ яке аз бонуфузтарин шоирони дарбори давлати Салҷуқиён ва марсияҳои ӯ дорои ҳам аҳаммияти таърихӣ ва ҳам аҳаммияти адабӣ мебошанд [298, с. 131-148].

Ҳамин муҳаққиқ дар мақолаи «Ситоиши Низомулмулк дар девони амирушшуаро Муиззӣ» менависад, ки дар девони Муиззӣ барои арбобони варзидаи даврони замонаш султон Маликшоҳ (ваф. 485/1092), султон Барқиёруқ (ваф. 1104), султон Муҳаммад Тапар (ваф. 1118) ва Султон Санҷар (ваф. 1157) ашъори зиёде гирд оварда шудааст. Онҳо султонҳои бузурги Салҷуқӣ ҳастанд, ки Муиззӣ ситоиш кардааст.

Дар девон қасидаҳои зиёд, бахусус ба вазири маъруф Низомулмулк, писаронаш Фахрулмулк, Иззулмулк, Муайядулмулк, Имодулмулк ва дигарон вомехуранд. Аз ҷумла, ба Низомулмулк 17 мадҳия навиштааст, ки аз ин шумора 15 қасида дар мадҳи Низомулмулк ва 2 қасида дар марсияи ӯ аст. Муиззӣ марсияе низ дорад зери унвони «Дар марсияи Маликшоҳ ва Хоҷа Низомулмулк», ки ба марги Маликшоҳ ва Низомулмулк бахшида шудааст. Дар қасоид адолат, дониш, саховатмандӣ ва дигар хислатҳои бузурги Низомулмулк ситоиш ёфтаанд. Дар маҷмуъ, Амир Муиззӣ дар бораи шинохту маҳорат, фазилат, хислатҳо ва шаҳодати Низомулмулк маълумоти муфассал медиҳад ва аз ин рӯ, ин қасидаҳо ҳам аз нигоҳӣ адабӣ ва ҳам аз нигоҳи таърихӣ аз аҳаммият холӣ нестанд [300, с. 421-442].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигари худ «Муиззӣ пешгоми ғазали форсии асри XI» Амир Муиззиро шоири бузурги дарбори Салҷуқиён мешуморад, ки ҳувияти аслии худро бо вижагияш дар навиштани ашъор дар мавзуи ситоиш касб кардааст. Илова бар ин, дар бисёр китобҳои таърихи адабиёт аз Муиззӣ дар қатори пешоҳангони ғазали форсӣ ном бурда шудааст. Адабиётшиносон ва муаррихони адаби форс низ бар ин назаранд, ки Муиззӣ аз шоироне буд, ки пояҳои ғазали форсиро гузошта, дар рушди он бештар саҳм гузоштааст. Вақте мо ба баъзе ғазалҳои Муиззӣ назар мекунем, дар муқоиса бо шоирони пешин метавон гуфт, ки ӯ аз аввалин шоироне буд, ки ашъори тоза ва ғазали пухта ба миён овардааст. Зеро Муиззӣ бо навоварию фаҳмиш ба шакли назми ғазал аз шоирони замони худ фарқ мекунад. Муиззӣ, ки бо истифода аз мазмунҳои нав кӯшиш мекунад, ки бо ифшои маҳорати худ забони наверо ба кор барад ва дар назм бештар ба маънӣ аҳаммият диҳад, бо саҳли мумтанеъ тахайюлот ва вожаҳои густардаи худро баён кардааст, махсусан, ба ишқ ва таърих [306, с. 117-138].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигар «Туркҳо ва дигарон» Муиззӣ ва Адиб Собирро шоирони туркзабон мешуморад, ки ба форсӣ шеър гуфтаанд. Сипас илова менамояд, ки яке аз шахсоне, ки ин давлати Салҷуқиёнро аз ҷиҳати ҷанбаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва этникӣ инъикос менамояд, шоир Амир Муаззӣ мебошад. Дар ашъори Муиззӣ осори урфу одати туркҳоро пайдо кардан

мумкин аст. Илова бар ин, дар бораи қабилаҳои турк ва инчунин, дар бораи қабилаҳои од, араб, форс, дайлам, арманӣ, ҳиндӣ, чинӣ ва юнонӣ бисёр маълумоти пурмазмун пайдо кардан мумкин аст. Дар ин мақола ва ибораҳо дар бораи ин қабилаҳо тавассути мисолҳо маълумот пешкаш мегардад. Ба тариқи хулоса муҳаққиқ дар ин ҷуғрофиё фарҳанги туркҳо ва унсурҳои туркиро фарҳанги бартаридошта ҳисоб менамояд [304, с. 83-89].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи дигар «Як бонуи Салҷуқӣ Тоҷиддин-хотун дар девони Муиззӣ» зикр менамояд, ки дар девони Муиззӣ метавон дар бораи бисьёр воқеаҳо ва шахсиятҳои таърихӣ маълумот ба даст овард. Ҳамзамон, як шахсияти дигаре, ки Муиззӣ дар девони худ ситоиш кардааст, Тоҷиддин-хотун (ваф. 1094) модари Султон Санҷар ва султон Муҳаммад мебошад. Дар девон барои Тоҷиддин-хотун 10 қасидаи алоҳида суруда шудааст. Аз гуфтаҳои Муиззӣ маълум мешавад, ки Тоҷиддин-хотун дар таърихи сулолаи Салҷуқиён шахсияти муҳим ва таъсирбахши таърихист ва дар самти сиёсию маъмурӣ ба писаронаш Султон Санҷар ва султон Муҳаммад таъсири калон расонидааст. Дар асоси сурудаҳои Муиззӣ ҷиҳати хусусиятҳои характерноки Тоҷиддин -хотун бисёр хулосаҳо ба даст овардан мумкин аст. Дар ин робита, мадҳияҳои Муиззиро дар бораи Тоҷиддинхотун метавон ҳамчун як сарчашмаи муфассал арзёбӣ кард [296, с. 25-46].

Гёкҳан Гёкмен дар мақолаи «Интиқод ва таҳқири Фирдавсӣ ва Шаҳнома дар девони амир Муиззӣ» асари «Шоҳнома»-и Фирдавсиро яке аз бузургтарин шеърҳои ҳамосавӣ дар таърихи форсизабонон мешуморад. Ишора мекунад, ки Муиззӣ дар девони худ аз Фирдавсӣ, «Шоҳнома» ва қаҳрамонони «Шоҳнома» ёдовар шудааст. Шоир ҳангоми тавсифи бузургӣ ва муваффақияти султонҳо ва давлатмардони Салҷуқӣ бо истифода аз санъати муболиға онҳоро бо шоҳони Эрон ва қаҳрамононе, ки дар «Шоҳнома» зикр шудаанд, муқоиса намуда, онҳоро бузург ва қаҳрамонони «Шоҳнома»-ро ҳақир мешуморад. Ӯ изҳор медорад, ки он чизе, ки Фирдавсӣ дар асараш гуфтааст, беасос ва афсона аст.

Муҳаққиқ бар он назар аст, ки таваҷҷуҳи Муиззӣ ба Фирдавсӣ, асари ӯ «Шоҳнома» ва махсусан, изҳороти интиқодии ӯ, баъзан андешаҳои

муболиғаомез дар бораи қаҳрамонони “Шоҳнома” аз он дарак медиҳад, ки шоири Салҷуқиёни бузург дар бораи туркҳо, султонҳои турк чи гуна ҳассосият дорад [303, с. 42-64].

Илова бар ин, олимони дигар низ роҷеъ ба рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ ибрози андеша кардаанд, аммо аксари андешаи эшон такрори гуфтаҳои боло мебошанд. Ҳамзамон, чунонки ишора рафт, устод Гёкҳан Гётмен дар ду маврид ба иштибоҳ роҳ дода, мавриди аввал Турконхотунро бо Тоҷидинхотун ва дар мавриди дуюм Маҳмалик-хотунро бо Шоҳ-хотун Сафия ба ҳам омезиш медиҳад ва ашъори ба Тоҷиддин-хотун ва Шоҳ-хотун бахшидаи Муиззиро ба Туркон-хотун ва Маҳмалик-хотун нисбат медиҳад.

Баъзе муҳаққиқони турк, аз ҷумла Аднан Қараисмоилоғлу аз чӣ бошад, ки Муиззиро турк номида, мегӯяд, ки ӯ аслан турк буда, бар иловаи иртиботаш бо шеъри арабӣ, махсусан ба форсӣ шеър гуфтааст. Муаллифони «VIII-XIII yüzyillar türk edebiyati» низ дар бораи ӯ маълумот дода, ишора менамоянд, ки шоири маъруфи турк, яке аз шоирони дарбори султон Маликшоҳ ва амирушшуарои даврони худ буд. Ҳол он ки дар девони ашъори Муиззӣ, ки зиёда аз 18 654 байти он то имрӯз маълум аст, байте, ҳатто мисрае бо забони туркӣ ба назар намерасад.

2.2. Шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ

Вобаста ба иттилои сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва адабиёти илмӣ рӯзгори Муиззиро метавон ба чор марҳала ҷудо намуд:

1. Аз таваллуд то ба замони ворид шудан ба дарбори султон Маликшоҳ
2. Рӯзгори Муиззӣ дар дарбори султон Маликшоҳ
3. Рӯзгори Муиззӣ пас аз марги Маликшоҳ то ба тахти подшоҳӣ нишастани Санҷар
4. Марҳалаи ниҳоии рӯзгори Муиззӣ дар дарбори Султон Санҷар то фавт

Бинобар он ки ду марҳалаи миёна ба ҳузури шоир дар дарбори салотини Салҷуқӣ алоқаманданд, мо дар идома масъалаҳои алоқаманд ба рӯзгори Амир Муиззиро дар се бахш, бо фарогирии валодати шоир, зодгоҳ, наврасӣ ва касби камоли ӯ, ҳузураш дар дарбор ва фарҷоми рӯзгор баррасӣ мекунем.

2.2.1. Валодат, зодгоҳ, наврасӣ ва ҷавонии шоир

Марҳалаи аввали рӯзгори Муиззиро метавон давраи рӯзгори шоир аз таваллуд то ба замони ворид шудан ба дарбори султон Маликшоҳ номид.

Дар масъалаи муқаррар намудани номи пурраи Муиззӣ дар миёни аҳли илм иттифоқи назар вуҷуд надорад. Қадимтарин китоби марҷаъ дар бораи Муиззӣ «Чаҳор мақола» аст. Муаллифи он вақте дар бораи ин шоир сухан мекунад, ӯро амирушшуаро Муиззӣ ва Давлатшоҳи Самарқандӣ Амир Муиззӣ ном мебаранд.

Мувофиқи ахбори Муҳаммад Авфӣ ва Муҳаммади Ровандӣ, ному кунят ва лақабу нисбаи Муиззӣ Амирушшуаро Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ аст [2, с. 446; 47, 57]. Лутфалибеки Озар номи шоирро Муҳаммад ибни Абдулмалик [13, с. 377], Волаи Доғистонӣ Амир Абуабдуллоҳ ал-Муиззӣ ибни Абдулмалик ан-Нишобурӣ [18, с. 630], Ризоқулихон Муҳаммад Абдулмалик ал-Нишопурӣ [77, с. 1994], Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ Муҳаммад ибни Абдулмалики Нишопурӣ [28, с. 749], Амин Аҳмади Розӣ Маликушшуаро Муиззии Нишопурӣ [51, с. 771], Мударриси Табрезӣ Муҳаммад ибни Абдулмалик [66, с. 343] медонанд. Муаллифони осори илмии муосир, аз қабили Садриддин Айнӣ [93, с. 26], Аббос Иқбол [33, с. алиф], Саъид Нафисӣ [187, с. 137], Е.Э. Бертелс [109, с. 506], Маҳдии Ҳамидӣ [258, с. 39], Ризозода Шафақ [203, с. 167], Бобоҷон Ғафуров [128, с. 424], Ҷамолиддини Ҳумоӣ [264, с. 128], Забеҳуллоҳи Сафо [212, с. 508], Бадеуззамони Фурӯзонфар [251, с. 230], Турсунбой Неъматзода [188, с. 536], Насрулло Имомӣ [150, с. 135], Аҳмад Ризо Ялмаҳо [287, с. 290], Абдуманони Насриддин [185, с. 369], Худоӣ Шарифзода, Мисбоҳиддини Нарзиқул [272, с. 354] ва дигарон бо такя ба сарчашмаҳои мазкур ному кунят ва лақабу нисбаи шоирро ба ҳамин гуна ё ба таври нисбатан мухтасар зикр кардаанд.

Дар ин миён донишманди англис А. Шпренгер номи шоирро Абубакр Муҳаммад ибни Абдулмалик [320, с. 501], муҳаққиқи олмонӣ Эте Амир Абуабдулло Абубакр Муиззӣ [307, с. 570] ва Саъид Нафисӣ Абубакр Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ [187, с. 137] гуфтаанд.

Дар ин ҷо «амирушшуаро» далолат ба вазифаи ӯ мекунад, Абуабдуллоҳ куняти шоир буда, Абдулмалик номи падари шоир ва Нишопурӣ нисбаи ӯст. Лақаби Муиззӣ ҳамон навъе, ки Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола» [60, с. 81] ишора менамояд, аз лақаби султон Маликшоҳи Салҷуқӣ, яъне «Муиззи-д-дин-ва-д-дунё» гирифта шудааст ва ба вай бо таклифи яке аз амирони дарбор вожаи «амир»-ро афзудаанд. Ба ин тариқ, лақаби шоир ҳамчун Амир Муиззӣ интишор ёфта, айни замон шоир дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бо ин ном машҳур аст.

Муиззӣ дар қасидае, ки дар ситоиши Садриддин Муҳаммад ибни Фахрулмулк суруда, дар бораи лақаби хеш чунин мегӯяд:

Агарчи Муиззӣ лақаб ёфтам,
Зи султон Маликшоҳи Алп Арслон.
Чу дар мадҳи ту шеъри ман муъҷиз аст,
Маро Муъҷизӣ хон, Муиззӣ мадон [31, с. 137].

Худи шоир низ Муҳаммад будани номашро ду бор дар ашъораш зикр мекунад. Якум, дар қасидаи ба мадҳи Абӯбакр Шамсушшараф ӯ чунин мегӯяд:

Ин ки Эзид ҳамчунон, к-ӯро ба сунъи лутфи хеш,
Кунят Сиддиқ доду номи пайғамбар маро [31, с. 53].

Дуюм, дар қасидаи ба мадҳи Фахрулмулк бахшидааш чунин ишора менамояд:

Бувад номам бад-ин хидмат ҳақиқат бандаи маҷлис
Агарчи хоҷа Бурҳонӣ Муҳаммад кард номи ман [31, с. 543].

Дар масъалаи ном, лақаб ва куняти шоир тақрибан ҷойи баҳсу шубҳаи дигар нест. Дар сарчашмаҳо доир ба нисбаи шоир баъзе ихтилофҳо дида мешавад. Ихтилофи мазкур ин аст, ки дар баъзе сарчашмаҳо ӯро Самарқандӣ ва дар китобҳои дигаре ӯро аз шаҳри Нисо донистаанд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ [57, с. 59], Абулқосими Козарунӣ [23, с. 302], Тақиуддин Муҳаммади Балиёнӣ [11, с. 3833] ва Волаи Доғистонӣ [18, с. 137] асли шоирро аз шаҳри Нисо медонанд. Мударриси Табрезӣ ишора менамояд, ки «Самарқандӣ будани Муиззӣ машҳур аст, валекин дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» гӯяд, ки баъзе ӯро аз мардуми Нишопур дониста ва бархе аз аҳли Нисоаш

пиндоштааст ва худаш изҳори назар накардаву фақат Самарқандӣ будани ӯро такзиб намудааст» [66, с. 342]. Ризоқулихони Ҳидоят низ ӯро Самарқандӣ дониста, ба ҳақиқат наздик набудани ин фикрро изҳор мекунад: «Баъзе асли ӯро аз шаҳри Нисо ва баъзе аз Нишопур донистаанд. Тахмин он аст, ки Самарқандӣ нест» [77, с. 1292]. Амин Аҳмади Розӣ [51, с. 775] ва Ғуломалӣ Озоди Балгиромӣ [45, с. 399] ӯро Нишопурӣ мегӯянд.

Устод Садриддин Айнӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур ишора менамояд, ки «Дар «Намунаи адабиёти Эрон» ва дар «Оташкада» Самарқандӣ навишта шудааст, аммо «Хизонаи омира» Нишопурӣ ва Давлатшоҳ Нисоӣ медонад» [93, с. 26].

Ян Рипка баромади оилаи Муиззиро аз шаҳри Нисо медонад [206, с. 191].

Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар муқаддимаи девони Муиззӣ чунин меорад: «Дар Хуросонӣ ва Нишопурӣ будани ӯ низ шакке нест ва ин ки ӯро баъзе аз арбоби тазкира Самарқандӣ навиштаанд, иштибоҳ аст. Худи ӯ мукаррар ба Нишопур изҳори алоқа мекунад...» [31, с. вов]. Ин нуктаро Ҷарбазадор низ дар муқаддимаи девони Муиззӣ, аз навиштаҳои устод Иқбол такрор кардааст [33, с. вов].

Ризозода Шафақ [203, с. 167] ва Муҳаммад Ризо Қанбарӣ низ бо таҳлили маълумоти сарчашмаҳо зодгоҳи шоирро Нишопур [35, с. 17], Маҳдии Ҳамидӣ [258, с. 39], Забеҳуллоҳи Сафо [212, с. 508], Аҳмад Ризо Ялмаҳо [287, с. 290], Арбери А.Ҷ. [99, с. 290], ва Ҷ. Тетли [323, с. 91] шоирро Нишопурӣ медонанд.

Бадеуззамони Фурӯзонфар вобаста ба масъалаи мавриди назар менависад, ки «дар нисбаташ ба Нишопур ҳеҷ ҷойи шубҳа нест ва Самарқандӣ буданаш иштибоҳ аст, зеро гузашта аз тасреҳи Авфӣ ва Амин Аҳмади Розӣ, дар абёти худи Муиззӣ бад-ин қазия ишорате ҳаст, ки кам аз тасреҳ нест» [251, с. 230].

Ҳерман Эте менависад: «…Се шаҳр ифтихори интисоби Муиззиро ба худ мегиранд: Нишопуру Нисову Самарқанд ва дар боби Нишопур байни тазкираҳои маъруф монанди «Ҳафт иқлим», «Бутхона», «Сафина», «Хизонаи омира» ва «Махзан-ул-ғароиб» иттифоқ аст..» [280, с. 107]. Холиқ Мирзозода низ гуфтааст, ки «ҷойи таваллудаш дар як маъхаз Самарқанд, дар дигаре Нишопур ва дар сеюме Нисо зикр шудааст» [173, с. 54].

Абдулманнони Насриддин [185, с. 369], Худоӣ Шарифзода ва Мисбоҳиддини Нарзиқул [272, с. 354] зодгоҳи шоирро шаҳри Нишопур медонанд.

Шоир дар баъзе сурудаҳояш ба Нишопурӣ будани худ ишора менамояд. Аз ҷумла, дар ин шеър:

Ҳар он касе ки набошад ба шаҳру хонаи хеш,
Бувад ғарибу кунад навҳаи ғариб ғуроб.
Видоъ кун, ки ҳам акнун, ки ман бихоҳам рафт
Гусаста дил зи Нишопуру суҳбати аҳбоб [31, с. 59].

Дар қасидаи дигар, ки дар мадҳи Фахрулмулк фарзанди Хоҷа Низомулмулк вазири Салҷуқиён суруда, худро яке аз мардуми Нишопур маҳсуб медорад:

Дуои халқи Нишопур лашкарест туро
Ки нагсалад-ш ҳаме соате нафар зи нафар.
Яке манам, ки дуоҳои туст ишрати ман,
Чу Қулҳу ва-л-лоҳу Алҳамд кардаанд аз бар [31, с. 242].

Дар хусуси санаи валодати Амир Муиззӣ ҳамаи муаллифони тазкираҳо ва дигар сарчашмаҳои адабию асарҳои илмӣ иттилои дақиқе намедиҳанд ва аз ашъори бозмондаи худи шоир низ дар ин бора чизе ба даст намеояд. Аз ишораи Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола» дар бораи ба дарбори Маликшоҳ роҳ ёфтани Муиззӣ соли таваллуди ӯро аз рӯйи маълумотҳои таърихии қасидаҳояш охири нимаи аввали асри XI, соли 1047 тахмин мекунанд. Ин шояд дуруст бошад. Аз ҷумла, Аббос Иқбол низ дар чунин ақида аст ва мегӯяд, ки «… давраи шоирии Муиззӣ ақаллан аз соли 465 (1072 м.) таърихи ҷулуси Маликшоҳ шуруъ шуда ва агар дар ин таърих синни шоирро дар ҳудуди бисту панҷ бигӯем, таваллуди ӯ мақорини соли 440 (1047 м.) буда...» [32, с. 73]. Муҳаққиқони минбаъда, ки рӯзгор ва осори шоирро мавриди таҳлил қарор додаанд, ин ақидаро ҷонибдорӣ намудаанд.

Дар бораи даврони наврасӣ ва ҷавонии Муиззӣ маълумоти дақиқ дастрас нест ва ин давраи ҳаёти ӯ норавшан боқӣ мемонад. Вобаста ба масъалаи мавриди назар танҳо метавон чунин хулосагирӣ кард, ки падари ӯ – Бурҳонии шоир

амирушшуарои дарбори Алп Арслони Салҷуқӣ буд ва ин далолат бар он мекунад, ки Муиззӣ аз ҷавонӣ ба дарбори Салҷуқиҳо дар робитаи амиқ қарор дошт. Касбу кор ва ҳунари ӯ низ бояд мувофиқ ба камолоту завқи падараш ва дарбори мазкур буда, бешубҳа, донишҳои расмии замонашро гирифта, яъне асосҳои саводу дониш, пеш аз ҳама, адабиёт ва то дараҷае дигар навъҳои илму маърифатро аз худ карда буд. Аз ҳама бештар эҳтимол меравад, ки падараш диққати ӯро ба шеър ҷалб кардааст. Ҳамзамон, аз талмеҳоти қуръонӣ, ки дар ашъори шоир хеле фаровон ба чашм мерасад, тахмин кардан мумкин аст, ки шоир аз Қуръони карим огаҳии комил доштааст. Аз мазмуну муҳтавои ашъораш бармеояд, ки вай Қуръон, таърихи куҳан, ашъори шоирони гузаштаи форсу арабро ба хубӣ аз бар карда, дар муҳити дарбори Салҷуқиён даврони наврасии худро паси сар кардааст.

Муҳити рӯзгори ӯ омӯхтани ҳунари ҳарбу муборизаро ҳам тақозо мекард. Дар ин бора танҳо Давлатшоҳи Самарқандӣ [57, с. 57] ва Ризоқулихони Ҳидоят [77, с. 1992] ишора менамоянд, ки дар ибтидои ҳол сипоҳӣ буда, дар хидмати султон Маликшоҳ аз Хуросон ба Исфаҳон афтод ва ӯро мартабаи аморат даст дод. Ҳермон Эте бо такя ба қавли Давлатшоҳ ва Ризоқулихон дар ин бора ишора менамояд, ки «Муиззӣ дар ибтидо ба шуғли аслиҳасозӣ мепардохт ва аз он шуғл тараққӣ кард то саранҷом ба мақоми аморат расид» [280, с. 108].

2.2.2. Ҳузури шоир дар дарбор

Пайванди Амир Муиззӣ ба дарбор, пеш аз ҳама, ба номи падараш иртибот мегирад. Ба ишораи худи шоир «…Ва падари ман амирушшуаро Бурҳонӣ раҳматуллоҳи дар аввали давлати Маликшоҳ ба шаҳри Қазвин аз олами фано ба олами бақо таҳвил кард ва дар он қитъа, ки сахт маъруф аст, маро ба султон Маликшоҳ супурд, дар ин байт:

Ман рафтаму фарзанди ман омад халафуссидқ,
Ӯро ба Худову ба худованд супурдам [60, с. 91].

Муиззӣ ба доштани падари шоирпешаи худ фахр карда ва худро ҷонишин ва вориси маҳорату устодии ӯ шумурдааст:

Манам, ки пеши шаҳаншоҳ ноиби падарам,
Ба марғзори улум андарун чу шери арин.
Писар ба ҷои падар беҳтар андар ин хидмат,
Бар ин бисот зи хотир фишонда дурри самин [31, с. 591].

Ва:

Миро, манам ба хидмати ту ноиби падар,
Алҷад фӣ ал-шамоилу алҳад фӣ ал-лисон.
Гар гулситони шеър зи булбул тиҳӣ шудаст,
Бишнав навои бачаи булбул зи гулситон [31, с. 484].

Ва ё:

Ман ин хидмат бар ин даргоҳ мерос аз падар дорам
Дар ин неъмат манам шокир, дар ин миннат манам марҳун.
Писар беҳтар бад ин хидмат, ки бар ҷои падар бошад
Муиззӣ чун бувад ноиб зи Бурҳонӣ падар мадфун [31, с. 574].

Ё:

Чу дидори туро бинад Муиззӣ пури Бурҳонӣ
Зи баҳри диданат хоҳад ҳамеша дидаи бино [31, с.42].

Ё худ:

Ман он Муиззии Бурҳониям, ки нашр кунам
Ба фарри давлати ту шеърҳои берадро [31, с. 44].

Дигар:

Донӣ, ки ихтиёри падар хидмати ту буд,
Ман низ чун падар кунам ин хидмат ихтиёр [31, с. 213].

Дигар:

Меҳтаро, гар рафт Бурҳонӣ, Муиззӣ ноиб аст,
Ҳам зи булбул бачаи булбул беҳ андар бӯстон [31, с. 577].

Тақлиди Муиззӣ ба ашъори падараш ва ёд аз падари шоираш дарак аз он медиҳад, ки Бурҳонӣ шоири маъруф будааст.

Вафоти Бурҳонӣ дар шаҳри Қазвин дар аввалҳои салтанати Маликшоҳ ва зоҳиран дар ҳамон соли ба тахт нишастани ӯ, яъне дар 1072 м. иттифоқ афтодааст.

Ба қавли Аббос Иқбол дар муқаддимаи девони шоир, Муиззӣ қабл аз пайвастан ба хидмати Маликшоҳ, яъне билофосила пас аз марги падари худ дар Қазвин муддате саргардон буда ва бо гуфтани мадҳи Шарафшоҳи Ҷаъфарӣ ва аъёни дарбори ӯ таваҷҷуҳи эшонро ба худ ҷалб менамуда ва тақозои мусоидат барои баргаштан ба ватани худ мекарда, то он ки Маликшоҳ дар ҳамон айём ба Қазвин омада ва Муиззӣ бино ба тавсияи қаблии падар ва собиқаи хидмати ӯ дар дастгоҳи салтанатӣ пазируфта шуда ва унвони «шоири давлат» пайдо кардааст [33, с. зе]. Бо вуҷуди пайвастан ба хидмати шоҳ ва ёфтани мақоми падар, Муиззӣ, чунонки худ барои муаллифи «Чаҳор мақола» гуфта, як сол дар дастгоҳи салтанат ба хидмат машғул буда ва ҷуз вақте аз дур шоҳро дида натавониста ва ба ҳамин иллат маблағе қарз бор оварда, ба қавли Ҷ. Тетли, Маликшоҳ ӯро ҳамчун вориси ҳақиқии падараш қабул карда буд, маош ва ёрдампулӣ ба таври номиналӣ ба ӯ гузаронида шуда буданд, аммо султони нав, вақте ки падараш кушта шуд, ҳамагӣ ҳаждаҳ сол дошт ва дар мубориза бо даъвогарони рақиби тахти худ сахт ширкат дошт, зоҳиран аз Муиззӣ фаромӯш карда буд. Муиззӣ як сол ягон музд нагирифт, ба қарзи сахт гирифтор шуд ва ба Маликшоҳ дастрасӣ пайдо карда натавонист [323, с. 94], то оқибат ба амир Алоуддавла Алӣ ибни Фаромурзи Кокуя, домоди Чуғрибек ва аз маҳбубини дастгоҳи шоҳ мутавассил шуда ва ба ӯ гуфтааст, ки ба султон бигӯяд, ки «як сол хидмат кардам ва ҳазор динор вом баровардаму донагӣ наёфтам [33, с. зе].

Ҳумоӣ ишора менамояд, ки Амир Алоуддавла Гаршосп ибни Амир Алии Фаромурз домоди Маликшоҳ буд ва хоҳари аъёнии султон Муҳаммад ва Санҷар ибни Маликшоҳро дар аҳди издивоҷ дошт ва дар ҷанги мобайни Барқиёруқ ва Тутуш ибни Алп Арслон, иттифоқан, бо ҳамроҳии Тутуш дар соли 488 ҳ.қ. ба қатл расид [263, с. 277].

Эҳтимол меравад, ки Муиззӣ, зоҳиран, бо арзи миннатпазирӣ аз ин марҳамат дар қасидаи «Дар васфи шамшер ва мадҳи амир Алӣ ибни Фаромурз» дар мадҳи Амир Алии Фаромурз мегӯяд:

Мири аҷал, Алии Фаромурзи хусравӣ,
Рустамрусуму Маънмаонию Сомсон.
Гашт аз манокиби ду Алӣ бахти ман баланд,
Шуд бар мадоеҳи ду Алӣ табъи ман равон.
Додам лақаб Муиззию бишнид шеъри ман
Чун дид дар мадеҳ забонам гуҳарфишон.
Миро, манам ба хидмати ту ноиби падар,
Алҳамд филшамоилу Алҳамд филлисон.
Гар гулситони шеър зи булбул тиҳӣ шуда-ст,
Бишнав навои бачаи булбул зи гулситон [33, с. 523].

Аз шарҳи ҳоли нисбатан муфассале, ки Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар мақолаи дуюми китоби «Чаҳор мақола» аз Муиззӣ нақл мекунад, чигунагии роҳ ёфтани вай ба дарбори Маликшоҳ гузориш мешавад ва пайдост, ки дар ин айём Муиззӣ ному унвоне надошта ва солҳои оғозини шоирии худро мегузаронидааст. Ин сарчашма доир ба Амир Муиззӣ маълумоти қобили таваҷҷуҳ манзур месозад. Маълумоти мундариҷ дар он аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки аз забони худи Муиззӣ нақл мешавад. Бинобар ин, аз тамоми тазкираҳо, ки зикри рӯзгори Муиззӣ дар онҳо рафтааст, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ китоби муътамадтар аст ва маълумоти бештари тазкираҳои баъдина аксар аз такрори гуфтаҳои Низомии Арӯзӣ иборатанд.

Низомии Арӯзӣ таъкид менамояд, ки дар санаи 510 аз Ҳирот ба қасди интиҷоъ ба урдуи Султон Санҷар ибни Маликшоҳ, ки дар ҳаволии Тӯс мақом карда буд, пайваста ва дар он ҷо ба хидмати маликушшуаро Муиззӣ расида ва шеъри худро бар ӯ арза дошта. Муиззӣ ӯро ташвиқ намуда ва дилдорӣ дода ва шарҳе дар кайфияти аҳволи худ барои вай зикр намудааст ... [60, с. 64].

Муиззӣ дар раванди ин суҳбат бо Низомии Арӯзӣ аз фавти падараш ишора ва баъди фавти падар ба ҳоли тоқатфарсо афтиданашро чунин баён медорад:

«Пас ҷомагию аҷрои падар ба ман таҳвил афтод ва шоири Маликшоҳ шудам. Ва соле дар хидмати подшоҳ рӯзгор гузоштам, ки ҷуз вақте аз дур ӯро натавонистам дидан. Ва аз аҷрову ҷомагӣ як ману як динор наёфтам. Ва харҷи ман зиёдат шуду вом ба гардани ман даромад ва кор дар сари ман печид. Ва хоҷаи бузург Низомиддин, раҳмату-л-лоҳи дар ҳаққи шеър эътиқоде надоштӣ, аз он ки дар маърифати ӯ даст надошт. Ва аз аиммаву мутасаввифа ба ҳеҷ кас намепардохт. Рӯзе ки фардои он рӯз рамазон хост буд, ман аз ҷумлаи харҷи рамазонӣ ва идӣ донагӣ надоштам» [60, с. 65].

Дар идома таъкид менамояд, ки ба дилтангӣ ба назди Алоуддавла амир Алии Фаромурз рафтам, ки подшоҳзода буду шеърдӯст ва надими хосси султон буду домоди ӯ. Ҳурмати тамом дошт. Ва густох буд. Ва дар он давлат мансаби бузурге дошт. Ва маро тарбият кардӣ. Гуфтам: «Зиндагонии худованд дароз бод! На ҳар коре, ки падар битвонад кард, писар битвонад кард ё он чи падарро биояд, писарро биояд. Падари ман марде ҷалду шаҳм буд ва дар ин саноат марзуқ ва худованди ҷаҳон султони шаҳид Алп Арслонро дар ҳаққи ӯ эътиқоде будӣ. Он чи аз ӯ омад, аз ман ҳаменаояд. Маро ҳаёе миноъ асту нозуктабъие бо он ёр аст. Як сол хидмат кардаму ҳазор динор вом баровардам ва донагӣ наёфтам. Дастурӣ хоҳ бандаро, то ба Нишопур бозгардаду вом бигзорад ва бо он боқӣ ки бимонад, ҳамесозад ва давлати Қоҳираро дуое ҳамегӯяд» [60, с. 65-66].

Амир Алӣ гуфт: «Рост гуфтӣ, ҳама тақсир кардаем, баъд аз ин накунем. Султон намози шом ба моҳ дидан берун ояд, бояд ки он ҷо ҳозир бошӣ, то рӯзгор чи даст диҳад» [60, с. 66]. Баъд аз ин, сад динор фармуд то барги рамазон созам ва бар фавр муҳре биовардand сад динори нишопурӣ ва пеши ман ниҳоданд. Азим шодмона бозгаштам ва барги рамазон бифармудаму намози дигар ба дари саропардаи султон шудам. Қазоро Алоуддин ҳамон соат даррасид. Хидмат кардам. Гуфт: «Сара кардӣ ва ба вақт омадӣ». Пас фуруд омад ва пеши султон шуд. Офтоби зард султон аз саропарда бадар омад, камони гурӯҳие дар даст. Алоуддавла бари рост, ман бидавидам ва хидмат кардам. Амир Алӣ некуиҳо пайваст ва ба моҳ дидан машғул шуданд ва аввал касе, ки моҳ дид, султон буд. Азим шодмона шуд.

Алоуддавла маро гуфт: Писари Бурҳонӣ, дар ин моҳи нав чизе бигӯ!». Ман барфавр ин дубайтӣ бигуфтам:

Эй моҳ, чу абрувони ёрӣ, гӯӣ
Ё не, чу камони шаҳрёрӣ, гӯӣ.
Наъле зада аз зари иёрӣ, гӯӣ,
Дар гӯши сипеҳр гӯшворӣ, гӯӣ.

Чун арза кардам, амир Алӣ бисёре таҳсин кард. Султон гуфт: «Бирав, аз охур ҳар кадом асп, ки хоҳӣ, бикшой». Ва дар ин ҳолат бар канори охур бидавидам. Амир Алӣ аспе номзад кард, биовардand ва ба касони ман доданд, арзиши сесад динори нишопурӣ. Султон ба мусалло рафту ман дар хидмат, намози шом бигузоридему ба хон шудем.

Бар хон амир Алӣ гуфт: «Дар ин ташриф, ки худованди ҷаҳон фармуд, ҳеҷ нагуфтӣ. Ҳолӣ ду байте бигӯй». Ман бар пой ҷастам ва хидмат кардам ва чунонки омад, ҳолӣ ин дубайтӣ бигуфтам:

Чун оташи хотири маро шоҳ бидид,
Аз хок маро бар забари моҳ кашид.
Чун об яке тарона аз ман бишунид,
Чун бод яке маркаби хосам бахшид.

Чун ин дубайтиро адо кардам, Алоуддавла аҳсантҳо кард ва ба сабаби аҳсанти ӯ султон маро ҳазор динор фармуд. Алоуддавла гуфт: «Ҷомагӣ ва ачрош нарасидааст, фардо бар домани хоҷа хоҳам нишаст, то ҷомагиш аз хизона бифармояду ачрош бар сипоҳон нависад» [60, с. 66-67].

Дар ҳамин ҷо шоир дар бораи аз ҷониби султон бо лақаби «Муиззӣ» сазовор гаштанаш чунин мегӯяд:

Гуфт: «Магар ту кунӣ, ки дигаронро ин ҳасбат нест ва ӯро ба лақаби ман бозхонед!». Ва лақаби султон «Муизз-уд-дунё ва-д-дин» буд, амир Алӣ маро «хоҷа Муиззӣ» хонд. Султон гуфт: «Амир Муиззӣ». Он бузурги бузургзода чунон сохт, ки дигар рӯз намози пешин ҳазор динор бахшида ва ҳазору дувист динор ҷомагӣ ва барот низ, ҳазор ман ғалла ба ман расида буд. Ва чун моҳи рамазон берун шуд, маро ба маҷлис хонду бо султон надим кард ва иқболи ман

рӯй дар тараққӣ ниҳод ва баъд аз он пайваста тимори ман ҳамедошт ва имрӯз ҳар чӣ дорам, аз иноятӣ он подшоҳзода дорам. Эзид, таборак ва таъолло, хоки ӯро ба анвори раҳмат хуш гардонод» [60, с. 67-68].

Бо ҳамин суханон Низомии Арӯзӣ ҳикояро ба анҷом мерасонад.

Боиси зикр аст, ки яке аз сабабҳои асосии ба дарбор ворид гардидани Амир Муиззӣ бадеҳатан сурудани рубоӣ мебошад. Ба қавли Низомии Арӯзӣ, «дар хидмати подшоҳ ҳеҷ беҳтар аз бадеҳа гуфтан нест, ки ба бадеҳа табъи подшоҳ хуррам шаваду маҷлисҳо барафрӯзад ва шоир ба мақсуд расад» [60, с. 48].

Вохӯрии дигари Низомӣ бо Муиззӣ дар санаи 514 ба вуқуъ мепайвандад ва гӯё дар он ҷо аз Муиззӣ ҳикояте роҷеъ ба султон Маҳмуд ва Фирдавсӣ шунида бошад, ки қаблан аз ҳикояи мазкур нақл шуда буд [60, с. 80].

Тавре ба назар мерасад, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар таҳқиқи рӯзгори амир Муиззӣ аз чанд ҷиҳат нақши босазое дорад. Пеш аз ҳама, тавре Низомии Арӯзӣ ишора менамояд: «Қасидае бигуфтам ва ба наздики амирушшуаро Муиззӣ рафтам ва ифтитоҳ аз ӯ кардам ва шеъри ман бидид... Ба муроди ӯ омадам, бузургиҳо фармуд ва меҳтариҳо воҷиб дошт. Рӯзе пеши ӯ аз рӯзгор истизодате ҳаменамудаму гила ҳамекардам» [60, с. 64]. Яъне, шеърашро барои муайян кардани ҳусну қубҳи он ба амирушшуаро Амир Муиззӣ нишон медиҳад.

Гузашта аз ин, амир Муиззӣ аз вафоти падараш – Бурҳонӣ ёдовар мешавад. Ҳамзамон, даврaҳои нобасомони рӯзгори худро ба ёд оварда, аз роҳёбии худ ба дарбори Маликшоҳ батафсил нақл менамояд. Инчунин, тавассути нақли шоир мо роҷеъ ба бадоҳатан шеър эҷод намудани ӯ маълумот пайдо менамоем ва ғайра.

Дар бораи ҳозирҷавобӣ ва лутфи табъи Муиззӣ, ки дар ҳузури Султон Санҷар ба зуҳур расидааст ва ин султони Салҷуқӣ ва ҳозирони маҷлиси ӯро ба ҳайрат овардааст, ҳикоёту нақли ҷолибе маҳфуз мондаанд.

Муаллифи «Таърихи гузида» оварда, ки навбате Султон Санҷар ба гӯй тохтан машғул буд, ногоҳ асп хато карда ӯро бияндохт. Муиззӣ ин рубоӣ филфавр гуфт:

Шоҳо, адабе кун фалаки бадхӯро,

К-ӯ чашм расонид рухи некӯро.

Гар гӯй хато кард, ба чавгонаш зан

В-ар асп хато кард, ба ман бахш ӯро.

Султон Санҷар аспро ба ӯ бахшид ва Муиззӣ боз ин рубоӣ бигуфт:

Рафтам бари асп, то ба ҷурмаш бикунам,

Гуфто, ки: «Нахуст бишнав ин узри хушам.

Не гови заминам, ки ҷаҳон баргирам,

Не чархи чаҳорумам, ки хуршед кашам» [28, с. 114].

Рубоии дувум бештар ҷалби хотир мекунад, ки хеле шоирона ва зарифона бо ишора ба ривояти болои гов барқарор будани замин ва дар фалаки чорум воқеъ гардидани хонаи хуршед назм шудааст ва зимнан мамдуҳро ба ҷаҳон ва хуршед мушобеҳ донистааст.

Ба ҳамин минвол Муиззӣ ба дарбори Маликшоҳ роҳ меёбаду соҳиби мақом мегардад. Дар замони салтанати Маликшоҳ, ки давлати Салҷуқиён ба дараҷаи баландтарин қудрати худ мерасад, шоир ба дарбор ворид мешавад ва рӯзгори дарбории ӯ оғоз меёбад. Давраи беҳтарини рӯзгори Муиззӣ аз ҳамин воқеа шуруъ мешавад ва тамоми тазкираҳо бар он шаҳодат медиҳанд. Аз он ҷумла, Муҳаммад Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» мегӯяд: «… ва он чи ӯро дар давлати султон Маликшоҳ муяссар шуд, он улувви шону рафъати дараҷат ҳеҷ шоиреро муяссар нашудааст...» [2, с. 60].

Дар дастгоҳи Маликшоҳ айёми ҷавонии Муиззӣ ба назми лашкаркашӣ, ғалабаҳои султон Маликшоҳ, мадҳи ӯ ва вазирону амирони султони мазкур гузаштааст. То соли 1092, ки соли қатли Хоҷа Низомулмулк ва марги Маликшоҳ аст, Муиззӣ ҳамчунон дар дарбори Маликшоҳӣ буда ва дар сафару ҳазар бо он султон ҳамроҳ рӯз ба сар мебурдааст.

Тараққии Муиззӣ дар дастгоҳи Маликшоҳӣ то он ҷо расид, ки султон ӯро мақоми аморат дод ва ба лақаби Амирушшуаро мулақаб сохт. Зоҳиран касе, ки султонро бар сари ин илтифот оварда, Муинулмулк Абулмаҳосин Муҳаммад ибни Камолуддавла Фазлуллоҳ, ноиби девони иншо ва туғрои Маликшоҳи Салҷуқӣ аст, ки Муиззӣ дар мадҳи ӯ дар ин хусус чунин мегӯяд:

Аморати шуаро бо ҳазор хилъати хуб

Ба эҳтимоми ту дода-ст шаҳрёр маро.

Кӣ ёфтаст, магар ман ба фарри давлати ту,

Ҳазор хилъати шоҳу аморати шуаро [31, с. 31].

Аз ин таърих ба баъд аст, ки Муиззӣ худро дар ашъор амирушшуаро ва шоири давлат мехонаду мегӯяд:

Муиззӣ он ки ба мадҳу сано Муиззиддин

Азиз кардашу додаш аморати шуаро.

Ё:

Шоири давлат Муиззӣ зери бори шукри туст,

Гар зи даргаҳ ғоиб асту гар ба даргаҳ ҳозир аст [33, с. ҳо].

Тибқи иттилои Хондамир дар «Ҳабиб-ус-сияр» «султон Маликшоҳ аз Исфаҳон ба савби Бағдод дар ҳаракат омада, хоҷа Низомулмулк низ аз ақиб равон шуд ва чун ба Наҳованд расид, яке аз фидоиёни Ҳасани Саббоҳ, ки ӯро Абутоҳири Овонӣ мегуфтанд, ба ишорати Ҳасан ва истисвоби Тоҷулмулк дар моҳи рамазони санаи хамса ва самомина ва арбамиа корде ба хоҷа расонид ва рӯзи дигар он вазири олигуҳар ба равзаи ризвон хиромид. Ҷасади он ҷанобро ба Исфаҳон бурда, ба хок супурданд ва ин аввал хуне буд, ки рафиқони мулохада карданд» [73, с. 493-494]. Дар идома воқеа чунин сурат мегирад, ки «Султон Маликшоҳ баъд аз азли хоҷа Низомулмулк ва насби Тоҷулмулк Абулғаноим аз Исфаҳон ба ҷониби Бағдод наҳзат намуд ва дар бисту чаҳоруми рамазони санаи хамса ва самонина ва арбамоия ба дорулислом расида, аз он ҷо ба азми шикор савор шуд. Ва дар сеюми шаввол дар шикоргоҳ ба маризии саъб мубтало гашта, муовадат намуд ва фасад карда хуни камтар бардошт. Бинобар он мараз симат аз диёр пазируфту дар мансафи ҳамон моҳ роҳи сафари охират пеш гирифт ва ин воқеа баъд аз шаҳодати Низомулмулк ба ҳаждаҳ рӯз рӯй намуд ва Муиззии шоир ин қитъа дар ин боб назм намуда, қитъа:

Рафт дар як маҳ ба фирдавси барин дастури пир...

Шоҳи барно аз пайи ӯ рафт дар моҳи дигар.

Кард ногаҳ қаҳр Яздон аҷзи султон ошкор,

Қаҳри яздонӣ бубину аҷзи султонӣ нигар» [73, с. 494].

Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ муддати мулки султон Маликшоҳро бист сол ва муддати умрашро сию ҳашт сол медонад [28, с. 439].

Маликшоҳ дар муддати салтанати бистсолаи худ бисёр корнамоиҳо намуда, барои рушди ҳамаҷонибаи салтанати Салҷуқиён нақши босазое гузоштааст. Муиззӣ ба сифати шоири дарбор ва мадеҳасарои Маликшоҳ дар васфи Маликшоҳ зиёда аз 130 қасидаи мадҳӣ ва як марсия бахшидааст.

Ба қавли Ҷ. Тетли, дар охири тирамоҳи соли 1092 Муиззӣ ҳам аз ҷиҳати касбӣ ва ҳам аз ҷиҳати молиявӣ дар мавқеи бароҳату устувор ва бидуни рақиб ба сифати амирушшуарои Маликшоҳ қарор дошт. Ӯ дар қатори сарпарастони худ бисёре аз мансабдорони баландпояи Маликшоҳро меситуд, ки муҳимтаринашон Низомулмулк ва аҳли хонаводаи ӯ буданд. Бо вуҷуди ин, рӯзгори осудаҳолона ва хушбахтонаи Муиззӣ бо ногаҳонӣ ва поёни харобиовар, аввал бо куштори Низомулмулк дар даҳуми рамазон ва баъди ҳамагӣ бештар аз як моҳ бо марги худи Маликшоҳ ба поён мерасад ва Муиззӣ боз ба ҳоли худ гузошта мешавад [323, с. 122].

Марги комилан ғайричашмдошти Маликшоҳ дар Бағдод 16 шаввол / нимаи моҳи ноябри соли 1092, дар баробари нуқтаи гардиш дар таърихи империяи Салҷуқӣ, як нуқтаи муҳим дар ҳаёти Муиззӣ гардид. Чунки марги Маликшоҳ барои Муиззӣ як фоҷеаи шахсӣ буд. Ин воқеа ӯро аз сарпарасти асосии худ ва зиндагии орому бехатару бароҳат маҳрум кард. Ҳарчанд Муиззӣ байни мансабдорони баландпоя, бахусус оилаи Низомулмулк, сарпарастони баландмақому бонуфуз дошт, шаъну шуҳрати Муиззӣ ва мақоми амирушшуароӣ ӯро водор мекард, ки ҳар чӣ зудтар сарпарасти дигаре аз доираи оилаи салотин пайдо намояд.

Бо даргузашти султон Маликшоҳ дар давлати бузурги Салҷуқиён оғози давраи рукуд ба назар мерасад. Дар ин миён, дар давоми солҳои 1092 - 1104 омили асосии муайянкунандаи вазъи дохилии сиёсии сулола мубориза барои тахт байни писарони Маликшоҳ – Барқиёруқ ва Муҳаммад Тапар буд. Султон Маҳмуд, писари панҷсолаи Маликшоҳ, ки бо кӯмаки модараш – Туркон-хотун ба

тахт нишаста буд, камтар аз як сол дар тахт буд ва дар охири соли 1093 Маҳмуд ва Туркон-хотун фавтиданд [48, с. 138]. Сипас салтанати султон Барқиёруқ то соли 1104 идома меёбад. Барқиёруқ соли 1094 бародараш – Санҷарро ҳокими Хуросон таъин мекунад. Султон Барқиёруқ 22 декабри соли 1104 дар синни 25-солагӣ вафот мекунад [141, с. 115]. Пас аз фавти ӯ ҳокимият ба султон Муҳаммад Тапар (ваф. 1118) мегузарад, ки то соли 1118, ки замони вафоти ӯ дар натиҷаи беморист, давом мекунад. Пас аз марги ӯ салтанат ба Санҷар, ки миёни солҳои 1094-1118 ҳокими Хуросон буд, мерасад.

Аз ин таърих давраи рӯзгори Муиззӣ пас аз марги Маликшоҳ то ба тахти подшоҳӣ нишастани Санҷар шуруъ мешавад.

Ба қавли Ҷалолиддини Ҳумоӣ, баъд аз марги Маликшоҳ боз кавкаби иқболи Муиззӣ дар убол афтоду давраи парешонию саргардонии ӯ тақдид шуд. Бо вуҷуди ин, ки ба вазифаи маддоҳӣ амал мекард, аз ҷонишинони Маликшоҳ таваҷҷуҳу иқболе шоиста надид. Ин буд, ки ба суроғи харидорони дигар рафт ва ба чакомасозӣ ва мадеҳасароии Амир Исмоили Гелакӣ, соҳиби Табас ва Арслон Арғун, амуи султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ ва Абушуҷоъ Амирдод Ҳабашӣ ибни Олтунто, аз умарои бузурги Барқиёруқ пардохт, ки ду тани ахир, махсусан, аз хасмону мунозеони гаронҷони султон Муҳаммаду Санҷар буданд ва дар аҳди Санҷар барафтоданд [263, с. 254].

Аббос Иқбол ишора менамояд, ки аз замони марги Маликшоҳ то соли 490 ҳ.қ., ки аз ҷониби бародари худ Барқиёруқ Санҷар ба ҳукумати Хуросон мерасад, Муиззӣ айёме саргардон буда ва дар пайи мамдуҳи побарҷойе мегашта, то замоне аз Арслон Арғун муддаии Барқиёруқу Санҷар ва замоне аз амир Исмоили Гелакӣ ва Амир Абушуҷои Ҳабашӣ ва айёмеро низ аз Барқиёруқу Муҳаммад ва вузарои эшон мадҳ мегуфта ва дар Ҳироту Нишопуру Исфаҳон мегашта, то он ки Санҷар бар Хуросон мустақар шуда [33, с. ҳо].

Аз сайри девони Муиззӣ маълум мегардад, ки шоир ба Арслон Арғун, бародари султон Маликшоҳ 11 қасида, дар мадҳи султон Барқиёруқ 7 қасида ва 1 тағаззул, дар мадҳи султон Муҳаммад Тапар ибни Маликшоҳ 1 қасида, дар мадҳи амир Исмоил ибни Гелакӣ, амири Табас 2 қасида, дар мадҳи амир Дод

Абушуҷои Ҳабашӣ ибни Олтунтоқ 2 қасида, дар мадҳи Шаҳобиддин Абубакр Убайдуллоҳ Муайядулмулк ибни Хоҷа Низомулмулки Тусӣ 14 қасида бахшидааст. Эҳтимол меравад, ки сабаби ба Муҳаммад Тапар бахшидани танҳо як қасидаи мадҳӣ воридшавии Муиззӣ ба дарбори ҳокими Хуросон Санҷар ва таваҷҷуҳи худро равона кардан ба хидмати ӯ бошад.

Аз зиндагии ин давринаи Муиззӣ фақат ҳамин қадар маълум аст, ки як сол пеш аз ба тахт нишастани Санҷар шоир ба тири ногаҳон аз камонҷастаи султон (ки он вактҳо ӯ амири Хуросон буд) захмӣ мешавад. Аз ин замон то ҳудуди 520 Муиззӣ ҳамвора шоири махсуси Санҷар будааст, чи дар айёми аморати ӯ аз 490 ҳ.қ. то 511 ҳ.қ., ки Малик Носириддин Тоҷулмиллат ва Азидуддавла Санҷар хонда мешуда, чи дар қисмати аввали салтанати ӯ, ки ӯро султон Муизиддин Абулҳорис Санҷар мехондаанд [33, с. ҳо].

Султон Санҷари Салҷуқӣ нисбат ба Муиззӣ эҳтироми хосса доштааст. Дар баробари ин, Султон Санҷар гӯё амир Муиззиро падархонд хонда будааст. Ин ҳолат дар баъзе аз пораҳои шеърии девони амир Муиззӣ низ бараъло ба назар мерасад. Масалан, оид ба ин лаҳзаи ниҳоят муҳим ва арзишманди рӯзгори худ Муиззӣ дар як шеъраш чунин ишора ҳам кардааст:

То қиёмат фахри ман бошад, ки андар базми хеш
Дар бари тахтам нишонию падар хонӣ маро [33, с. 790].

Аз ин ишораи Муиззӣ чунин натиҷа метавон ба даст овард, ки адиб на танҳо дар маснади азизи шоҳ буда, дар тахт паҳлуи шоҳ менишастааст, балки, зиёда аз ин ҳама, Амир Муиззӣ падархонди Султон Санҷар низ будааст. Вале тазодди зиндагӣ, гардиши рӯзгор бар он меанҷомад, ки сабаби марги Муиззӣ, ҳамчунон ки баъзе аз муаллифони сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, тири аз камон ҷастаи Санҷар мегардад.

Воқеаи аз дасти Султон Санҷари Салҷуқӣ ҳадафи тир қарор гирифтани Амир Муиззӣ яке аз рӯйдодҳои муҳим ва калидии рӯзгори шоир маҳсуб ёфта, чи дар раванди зиндагӣ ва чи дар ашъораш мавқеи қобили таваҷҷуҳеро касб менамояд. Оид ба таърихи тир хӯрдани Муиззӣ ва дар бораи ба чӣ ҳолат афтодани ӯ на аз ҷониби худи шоир дар ашъораш ва на аз ҷониби муаллифони

сарчашмаҳои адабию таърихӣ, ҳамзамон, адабиёти илмӣ маълумоти саҳеҳ ва якранг дида намешавад.

Дар атрофи воқеаи мазкур тазкиранигорон, муаллифони сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиётшиносони муосир ақидаҳои мухталиф баён менамоянд. Аз ҷумла, Муҳаммад Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» чунин менависад: «Гӯянд, сабаби вафоти ӯ он буд, ки рӯзе султон Саид Санҷар дар хиргоҳ тир меандохт ва ӯ беруни хиргоҳ истода буд. Ногоҳ тире аз камони шоҳ ҷудо шуд ва аз ҷодаи ҳадаф хато шуд. Беқасд тир нишона аз ҷигари он дилбанди фузало сохт. Мурғи чаҳорпари тири ӯ аз саводи дили он саводи дидаи арбоби ҳунар дона сохт ва ҳам дарҳол бар замин афтоду ҷон ба осмон рафт. Оре, тири қасди замонаро ҷуз аз дили фузало нишона нест. Ва дар хизонаи тадбир ҷуз ҳаволати тақдир ҳеҷ баҳона не» [2, с. 447].

Муҳаммад Ровандӣ дар «Роҳат-ус-судур» [48, с. 58], Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» [51, с. 771], Амир Низомуддин Алишери Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» [39, с. 49], Хондамир дар «Ҳабиб-ус-сияр» [73, с. 517] ва Волаи Доғистонӣ дар «Риёз-уш-шуаро» [18, с. 63] ҳамақидаи Муҳаммад Авфӣ буда, бар онанд, ки Амир Муиззӣ аз тири Санҷар ба ҳалокат расид.

Тибқи иттилои Ризоқулихони Ҳидоят, «вақте дар шикоргоҳ Султон Санҷар Амир Муиззиро аз дур хаёли шикорӣ карда, тире ба вай андохта, маҷруҳ шуд. Баъзе гӯянд бад он тир даргузашт. Баъзе гӯянд, беҳбудӣ ёфт ва қавли сонӣ ақвост» [77, с. 1993].

Ғуломалихони Озод низ бо овардани намуна аз ашъори Муиззӣ [45, с. 400] ба ин муносибат ҳамраъйи андешаи Ризоқулихон мебошад.

Аз муҳаққиқони рӯзгор ва осори Муиззӣ дар Эрон Аббос Иқболи Оштиёнӣ, ки аввалин шуда, девони Амир Муиззиро соли 1939 мураттаб сохта, ба табъ расонидааст, дар муқаддимаи девони шоир ва ҳамзамон, дар китоби «Вазорат дар аҳди салотини бузурги Салҷуқӣ. Аз таърихи ташкили ин силсила то марги Султон Санҷар (432-552)» бо истинод аз ҷунге аз шеър, ки мунтахаботи шаш тан аз шоирони номбардори форсӣ: Муиззӣ, Асириддин Ахсикатӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Низомиддин Маҳмуд Қамари Исфаҳонӣ, Шамси Табасӣ ва Носири Хусравро дар бар мегирад, ишора менамояд, ки дар оғози гузидаи шеъри Муиззӣ

шарҳе аз чигунагии тир хӯрдани ӯ ривоят мешавад, ки ҳадиси сӯиқасд ба ҷони ӯро қувват мебахшад. Ин маҷмуа дар соли 714 ҳ.қ. нигошта шудааст: «Шунидам аз бузурге, ки ҷамъе аз асҳоби ағрозу ҳусод дар ҳазрати султон ғаммозӣ карданд ва ӯро муттаҳам гардониданд. Султон дар ҳолати мастӣ, ҳошалсомеин, ӯро се тир зад ва ӯ ба ҳар як тир рубоӣ бигуфт...» [33, с. те].

Абдулкарим Ҷарбазадор, ки девони шоирро бар асоси нусхаи нашрнамудаи Аббос Иқбол ба табъ расонидааст, вобаста ба масъалаи мавриди назар андешаи Аббос Иқболро бо овардани матни муқаддимаи ӯ айнан такрор мекунад [33, с. те]. Носири Ҳирӣ бо истинод аз «Ҳафт иқлим» -и Амин Аҳмади Розӣ ишора менамояд, ки рӯзе султон дар хиргоҳ тир меандохт ва Муиззӣ мутаваҷҷеҳи мулозимат буд, қазоро аз тир ҷодаи ҳадаф хато хӯрда нишона аз ҷигари он шоир неку сайр сохт [31, с. 10]. Ризо Қанбарӣ танҳо аз захмӣ шудани Муиззӣ аз тири Санҷар иттилоъ медиҳад, ки «...омоҷи тири Санҷар писари подшоҳ қарор гирифту ба сахтӣ маҷруҳ шуд ва пас аз муддатҳои ранҷурӣ миёни солҳои 519-521 ҳ.қ. даргузашт». [35, с. наваду як].

Адабиётшиносони дигари Эрон, аз қабили доктор Ризозода Шафақ [203, с. 167], Забеҳуллоҳи Сафо [212, с. 509], Абдулҳусайни Зарринкӯб [146, с. 155], Бадеуззамони Фурӯзонфар [251, с. 382], Ҳодии Қазоӣ [161, с. 108] ва дигарон, ки рӯзгор ва ашъори Амир Муиззиро мавриди таққиқ қарор додаанд, вобаста ба воқеаи мазкур ибрози назар кардаанд, ки, дарвоқеъ, шоир ҳадафи тири Султон Санҷар қарор мегирад ва аз ҷароҳати он дар ранҷ буда, бо гузашти чанд сол бар асари ин ҷароҳат ба ҳалокат мерасад.

Муҳаммади Қазвинӣ дар ёддоштҳои худ дар бораи ҳодисаи тирандозии Султон Санҷар ба Муиззӣ менависад: «Иллати фавти ӯ тире буд, ки саҳван аз шасти Султон Санҷар раҳо шуду ба ӯ хӯрд ва тақрибан ду сол ба муолиҷа пардохту беҳбудӣ ҳосил намуд…» [161, с. 111-112]. Амир Муиззӣ дар ашъораш ишора менамояд, ки дар ҳудуди як сол осори офият дар баданаш пайдо гаштааст, ки дар бахши баррасии ашъори шоир вобаста ба ин масъала ибрози назар хоҳад шуд.

Дар адабиётшиносии рус таҳқиқи рӯзгор ва хусусиятҳои ҷудогонаи ашъори Амир Муиззӣ аз ҷониби Е.Э. Бертелс нисбат ба дигарон ба таври бештар сурат гирифтааст. Ӯ дар бораи ин моҷаро чунин менависад: «Муиззӣ аз тири Султон Санҷар, ки дар хаймааш камонварӣ мекард, тасодуфан хеле сахт захмдор шуд. Дар аксар тазкираҳо хабар дода мешавад, ки Муиззӣ аз ин тир кушта шудааст. Эҳтимол меравад, ки чунин маълумот ба Саноӣ низ расида бошад. Азбаски дар девони Муиззӣ ин мусибати ба сари ӯ омада муфассал баён мешавад ва худи шоир хабар медиҳад, ки ҳарчанд муддати дароз бемор буд, сиҳат шуд ва баъд аз он солҳои зиёд ба сар бурд, метавон андеша кард, ки Саноӣ марсияи худро пас аз шунидани хабари нохуш оид ба воқеаи мазкур навиштааст» [109, с. 485].

Дар адабиётшиносии тоҷик низ муҳаққиқон дар масъалаи ҳадафи тир қарор гирифтани Амир Муиззӣ андешаҳои худро бо далелҳои мантиқӣ баён кардаанд. Аз ҷумла, Р. Ҳодизода [92, с. 57], А. Абдуллоев [89, с. 304], Х. Мирзозода [173, с. 57], А. Насриддин (185, 372), Х. Шарифзода ва М. Нарзиқул [272, с. 356], инчунин, нигорандаи ин сатрҳо масъалаи тир хурдани шоирро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода, андешаи Муҳаммад Авфиро қобили қабул нашуморидаанд ва ба хулосае омадаанд, ки Амир Муиззӣ ҳадафи тири камони шоҳ қарор гирифта бошад ҳам, дарҳол нафавтидааст, балки баъди як соли ҳодиса шифо меёбад, вале билохира аз ин ҷароҳат мефавтад.

Тавре ба назар мерасад, дар ақидаҳои тазкиранависон, муаллифони сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиётшиносони муосир дар масъалаи мазкур ихтилофи назар ба мушоҳида мерасад. Шоир пас аз ҳадафи тири султон гардидани худ чанд маротиба аз ин ҳодисаи ғайриинтизор дар сурудаҳояш ёд мекунад. Ашъори шоир чи дар қасида ва қитъаоту рубоиёт, ки ба муносибате дар ин ашъор аз рӯзгори худ ёд мекунад, шаҳодат аз он медиҳад, ки шоир баробари рӯй додани ин воқеа нафавтидааст. Илова бар ин, Муиззӣ аққалан то панҷ сол пас аз тир хӯрдан ҳанӯз рӯзгор ба сар бурда, аммо гӯё то охири умр ҷароҳати синаи ӯ марҳам наёфта, пайкон дар бадани ӯ ҷойгузин шуда буд ва худи ӯ такрор ба такрор аз ин ҳолат шикоят мекунад.

Дар ашъораш шоир роҷеъ ба тир хӯрдани худ, азобҳои ҷонкоҳ кашидан ва бо мурури замон шифо ёфтанаш ишораҳо намуда, аз Худо шукрона мекунад, ки бегунаҳ кушта нашудааст. Аз ҷумла, фарзияи сӯиқасд будани тири султонро ба ҷони худ Муиззӣ дар қасидаи «Дар шукр бар зинда мондани худ пас аз хӯрдани тир» рад карда, чунин мегӯяд:

Миннат Худойро, ки ба фазли Худойгон,
Ман-банда бегунаҳ нашудам кушта ройгон.
Миннат Худойро, ки ба ҷонам накард қасд
Тире, ки шаҳ ба қасд наандохт аз камон.
Якчанд агар зи ранҷ дилам буд дардманд,
Як сол агар зи дард танам буд нотавон,
Фарҷоми кор оқибати хешро сабаб
Фазли Худой донаму фарри Худойгон [31, с. 526].

Барои нисбатан равшан шудани ин матлаб беҳтарин далел ашъори худи Муиззӣ аст. Шоир дар мадҳи Санҷар қасидае сурудааст, замоне ки ӯ ҳанӯз ба тахти султонӣ нанишаста буд ва малик Носириддин лақаб дошт, яъне қабл аз соли 1118:

Малик Санҷар ҳумоюн Носириддин,
Худованди ҳама Эрону Тӯрон...
Манам нав ҷон ба фарри давлати шоҳ,
Нишаста сокин андар Марви шаҳҷон.
Ба дастуре ба хона рафт хоҳам,
Ки ранҷурам ҳанӯз аз ранҷи пайкон [31, с. 526].

Ҳамзамон, дар мадҳи Қавомулмулк Садриддин Муҳаммад ибни Фахрулмулк, ки аз 1107 то 1118 вазорати малик Санҷарро дошт, бо унвони «Дар мадҳи Қавомулмулк Садриддин Муҳаммади вазир ва шукр аз беҳбудӣ ёфтани захми тир» қасидае сурудааст. Дар қасидаи мазкур бо шукргузорӣ аз Яздон ишора менамояд, ки қомати аз тири шаҳрёр ҳамчун камон хамгаштаи худро чу тир рост намудам ва шоҳ бо нарм кардани оҳан чу мум дар барам Исовор ба ман

ҷон бахшид. Дар қасидаи мазкур шоир дар бораи як сол ранҷ кашидани худ аз ин ҳодиса ёд менамояд:

Шукр Яздонро, ки аз фарри вазири шаҳрёр,
Бахтам андар роҳ мунис гашт в-андар шаҳрёр.
Шукр Яздонро, ки аз иқболи ӯ кардам чу тир,
Қомате ҳамчун камон карда зи тири шаҳрёр.
Мурда будам, шоҳ Исовор ҷонам боз дод,
Нарм кард оҳан чу мум андар барам Довудвор.
Ранҷ зоил кард дасти рӯзгор аз садри ман,
Чун бибӯсидам муборак дасти садри рӯзгор.
Соҳиби одил Қавомулмулк Садриддин, ки ҳаст
Аз Қавомиддину Фахрулмулк шаҳро ёдгор.
Эй Худованде, ки раҳми ту ба пеши захми тир
Пеши умри ман сипар шуд, гирди ҷони ман ҳисор [34, с. 372].

Дар қасидаи «Дар мадҳи Шарафиддин Саъд ибни Алӣ ибни Исо ва нолидан аз воқеаи тир хӯрдани худ» таъкид менамояд, ки воқеаи тири подшоҳ пӯшида нест, ҳол он ки аз ин воқеа як сол сипарӣ гаштааст.

Пӯшида нест воқеаи тири шаҳрёр
В-он рӯзгори тира бар ман гузашт пор.
Гар пор рӯзгори ман аз тир тира буд,
Имсол равшан аст зи хуршеди рӯзгор...
Эй офтоби чархи маъолӣ агар набуд
Як сол бар муроди дилам чархро мадор,
Он сол даргузашту ба фарри ту ёфтам
Дар соли дигар он чӣ ҳаме кардам ихтиёр.
Дорам нисор дурри сухан гар ризо диҳӣ,
Бар ту ба ҷойи дурри сухан ҷон кунам нисор [31, с. 295-296].

Дар қасидаи «Дар мадҳи Садидулмулк Умар Орази Хуросон» ишора менамояд, ки бо вуҷуди пайдо гаштани осори офият дар бадан ҳанӯз ҳам пайкон

дар кунҷи сина пинҳон мебошад ва бо вуҷуди он ки бар синаи ман гуҳари қимат фаровон аст, дареғо, ки он ҷойи пайкон аст:

Баландбахто, бо ту ба як-ду байт маро
Ҳадиси ҳодисаи тири шоҳи Эрон аст.
Агарчи бар танам осори офият пайдост,
Ҳанӯз пайкон дар кунҷи сина пинҳон аст.
Хизонаи суханат аз қиёси синаи ман,
Ки андар ӯ гуҳари қиммате фаровон аст.
Ҳамебаранд ба ҳар ҷо аз ин хазина гуҳар,
Чунин хазина дареғо, ки ҷойи пайкон аст [34, с. 108].

Амир Муиззӣ дар қасидае, ки таҳти унвони «Дар тавҳид» иншо кардааст, ба худ муроҷиат карда мегӯяд, ки то кай аз барои ҷоҳу мол ба мадҳи махлуқон машғулӣ. Замони он расидааст, ки офарину шукру тавҳиди Худои зулҷалол намоӣ, зеро вақте бефармон шудӣ, Яздон ба захми тир гӯшмолат дод:

Чанд хонам мадҳи махлуқон зи баҳри ҷоҳу мол,
Чанд гӯям васфи маъшуқону неъмат, зулфу хол?!
Гоҳи он омад, ки гӯям муддате аз баҳри дин
Офарину шукру тавҳиди Худои зулҷалол.
Кирдгори ҷону тан, Парвардгори марду зан,
Кирдгори ламязал, Парвардгори лоязол.
Эй Муиззӣ, то кай аз исён биороӣ дилат?
Гоҳи он омад, ки аз тоат биёроӣ хисол.
Дил зи кажӣ чун гумон кардию бефармон шудӣ
Лоҷарам, Яздон ба захми тир додат гӯшмол.
Гар кунӣ бар хештан мадҳу ғазал гуфтан ҳаром,
Гардад аз тавҳид гуфтан шеъри ту сеҳри ҳалол.
Офарин кун шоҳу соҳибро, ки номи ҳар ду ҳаст
«Син»-у «нун»-у «ҷим»-у «ро»-ю «мим»-у «ҳо»-ву мим»-у
«дол» [31, с. 416-417].

Шоир на танҳо дар қасоиди хеш, балки дар қитъаот ва рубоиёт низ дар бораи воқеаи мазкур ишораҳо намудааст. Аз ин ашъор сареҳан маълум мешавад, ки тир хӯрдани Муиззӣ қабл аз султон шудани Санҷар ва қатли хоҷа Садриддин Муҳаммад, ки ҳар ду аз рӯйдодҳои соли 1118 мебошанд, иттифоқ афтода ва чун Муиззӣ дар ҳаёти ин хоҷа ва пас аз султон шудани Санҷар як сол ранҷу тимори худ менолад, возеҳ мегардад, ки воқеаи тир хӯрдани Муиззӣ лоақал як сол пеш аз соли 1118 ба вуқуъ пайваста ва дар ин масъала ҷои ҳеҷ шубҳа нест.

Устод Аббос Иқбол низ бо такя ба ашъори Муиззӣ ишора менамояд, ки «филҷумла, маълум шуд, ки таърихи тир хӯрдани ӯ мусалламан бар соли 511 муқаддам будааст. Зоҳиран, ин воқеа дар Марв иттифоқ афтода ва ӯро мусалламан Санҷар тир задааст, аммо чаро ва ба чӣ ваҷҳ маълум нест. Худ шоир онро ба хатои Санҷар мансуб медорад ва чун ӯ дар дастгоҳи Санҷарӣ ғайр аз ин наметавонистааст гуфт, маълум нест, ки воқеан Санҷар қасди ҷони ӯро карда будааст ва ё ба хато ӯро маҷруҳ сохта» [192, с. 242].

Дар бораи ҳаёти минбаъдаи Муиззӣ маълумоти батафсил нест, лекин аз рӯйи ашъораш дақиқ мешавад, ки баъди воқеаи тир хӯрданаш қариб як сол бемори бистарӣ буд ва дар ин муддат ӯ баъзе лутфу марҳаматҳои дарбориёнро вобаста ба иштирок дар маҳфилҳои дарборӣ ба сабаби бемориаш рад мекардааст:

Аҳд кардастам, ки даст аз ҷоми май дорам тиҳӣ,
К-аз паси тимор як сол аст, мағзам пурхисор.
Баски дар оғози кор аз умр бубридам умед,
Аҳду паймон бишканам, чун беҳ шавам анҷоми кор.
Аз ҳама чизе маро парҳез кардан воҷиб аст,
Хоса аз чизе, ки бо табъам набошад созгор.
То ки бошад дар барам пайкон маро ранҷур дон
В-аз набошад бар кафам соғар маро маъзур дор [31, с. 356].

Аз рӯйи бисёр қасидаҳояш, ки аксар вақт аз нохушии захми тир шикоят мекунад, маълум мешавад, ки Муиззӣ то охири умр пайкон ба сина ва ранҷур буда, дар охири кор аз ҳамин ҷароҳати тир вафот кардааст.

2.2.3. Фарҷоми рӯзгори шоир

Дар бораи замони фарҷоми рӯзгори Муиззӣ ба истиснои ишораҳои аҳёни шоир дар ашъораш ва баъзе сарчашмаҳои таърихию адабӣ маълумоти дақиқе дар даст нест. Ин давраи ҳаёти ӯ то имрӯз баҳснок боқӣ мемонад. Мусаллам аст, ки ҳаёти Муиззӣ дар дарбори Маликшоҳ ба хушӣ сипарӣ гаштааст. Вай дар ин давра ба мадҳи футуҳоти ин подшоҳ машғул шуда, ҳамзамон, дар тамоми сафару маҷлисҳо Маликшоҳро ҳамроҳӣ менамуд, лекин дар ҳаёти сиёсии Салҷуқиҳо як қатор дигаргунӣ ва туғёнҳо рӯй дод. Аз тарафи қотилони исмоилии Ҳасани Саббоҳ Маликшоҳ кушта шуд ва шуруъ аз соли 1092 ба муддати панҷ сол, яъне то замони ба тахт нишастани малик Санҷар Муиззӣ ба мисли пештара овони сарсонию саргардониро аз сар мегузаронидааст. Қасидаҳояш гувоҳӣ медиҳанд, ки дар талаби «мамдуҳи побарҷое мегашта, то замоне Арслон Арғун ва Муҳаммаду вузарои эшонро мадҳ мегуфта ва дар Ҳироту Нишопуру Исфаҳон мегашта, то ин ки Санҷар бар Хуросон мустақар шуда ва Арслон Арғун ва амири ҳабашӣ барафтоданд» [33, с. 6]. Аз ин таърих, яъне соли 1097 то фарҷоми рӯзгори худ, яъне тахминан соли 1127 Муиззӣ шоири Санҷар будааст.

Дар давраи ҳукмронии Султон Санҷар ибни Маликшоҳ дурахшонтарин давраи зиндагии амир Муиззӣ сипарӣ шудааст. Чунонки қаблан зикр гардида буд, Султон Санҷар нисбат ба Муиззӣ эҳтироми хосса дошта, ӯро бисёр навозиш мекарда ва мақому манзалати ӯро боло мебурдааст. Дар хусуси ҳузури шоир дар дарбор нақлҳои зиёд мавҷуданд. Аз ҷумла, ба қавли Аббос Иқбол, дар ин бора достонест, ки Хондамир дар «Ҳабиб-ус-сияр» оварда, дигарон аз вай нақл кардаанд: «…Машҳур аст, ки қуввати ҳофизаи Муиззӣ ба мартабае, ки як бор мешунавид, ёд мегирифт ва писаре дошт, ки ҳар шеъреро ду бор истимоъ менамуд, аз бар мекард ва ғуломаш чун се карат мешунавид, ҳифз менамуд. Бинобар ин, ҳар шоире, ки назди султон қасида мегузаронид, чун ашъорро ба тамом мехонд, агар матбуъ мебуд, Муиззӣ мегуфт: «Ин қасидаро ман гуфтаам ва ёд дорам». Ва аз матлаъ то мақтаъ мехонад. Он гоҳ бар забон меронад, ки «писари ман низ ёд дорад» ва ӯро ишора мекард, то қасидаро мехонд. Он гоҳ бар забон

меронд, ки ғуломи ман низ ин абётро аз бар дорад» ва ғуломро низ мегуфт, ашъорро мехонд. Бинобар ин, шуарои замон дар баҳри ҳайрат афтода намедонистанд, ки ба чӣ тариқ шеъре бар султон арз кунанд, ки ӯро бовар ояд, ки он назм натиҷаи табъи Муиззӣ нест. Анварӣ ҳиммат бар ҳалли ин уқда гумошта ва тадбире соиб карда. Ҷомае куҳна дар бар афканда ва сарпече ғариб бар сар баста, ба сурати маҷонин назди Муиззӣ рафту гуфт: «Марде шоирам ва дар мадҳи Султон Санҷар байте чанд гуфтаам. Тавқеъ он ки шеъри маро гузаронида, ҷиҳати ман силаи кароманд биситонед». Муиззӣ гуфт: «Ҳон, чӣ гуфтаӣ, бихон». Анварӣ бар забон овард:

Зиҳӣ шоҳу зиҳӣ шоҳу зиҳӣ шоҳ,

Зиҳӣ миру зиҳӣ миру зиҳӣ мир.

Муиззӣ гуфт: Агар мисраи охирро чунон хонӣ, ки зиҳӣ моҳу зиҳӣ моҳу зиҳӣ моҳ, то ин байти матлаъ шавад, беҳтар аст. Анварӣ гуфт: Зоҳиран, ту онро надонистаӣ, ки шоҳро мирӣ зарурат аст ва амсоли ин суханони ҳазломез гуфта ва Муиззӣ Анвариро масхара тасвир карду гуфт: «Фардо сабоҳ бар даргоҳи подшоҳ ҳозир шав, то ман ҳоли ту ба султон арз намуда, рухсати мулозимат ҳосил кунам». Рӯзи дигар Анварӣ ҷомаҳои нафис пӯшида ва дасторе муваққар бар сар баста, дар вақте ки Муиззӣ дар пеши султон буд, ба даргоҳи подшоҳ рафт ва ҳамон лаҳза касе берун омада, ӯро талабида, зеро ки Муиззӣ арз карда буд, ки масхарае, ки Авҳадиддин ном дорад ва абёти ғариб мегӯяд, бар остони салтанати ошён ҳозир аст ва чун Анварӣ ба маҷлиси олӣ рафт, Муиззӣ дид, ки либосу ҳайати ӯ тағйир ёфта, донист ки он чи дирӯз зоҳир карда буд, фиребу тазвир буда, аммо тадбире натавонист карду гуфт, қасидае, ки дар мадҳи султон гуфта, бихон. Анварӣ ин ду байтро хонд, ки, қасида:

Гар дилу даст баҳру кон бошад,

Дилу дасти худойгон бошад.

Шоҳ Санҷар, ки камтарин хадамаш

Дар ҷаҳон подшаҳ нишон бошад.

Он гоҳ рӯ ба ҷониби Муиззӣ карда гуфт: «Агар ин қасидаро шумо фармудаед, боқӣ абёташро бихонед, ва илло эътироф намоед, ки натиҷаи фикри

бикри ман аст, то ман бақияи ашъорро арз кунам». Муиззӣ хиҷил шуда, султон донист, ки Муиззӣ бо соири шоирон чи муомилае карда ва Анварӣ он қасидаро тамом хонда, партави илтифоти султон бар сафаҳоти аҳволаш тофт ва дар силки фузалову нудамои маҷлиси ашрафи олӣ интизом ёфт…» [73, с. 126; 118, 76-77; 190, 206-207].

Давлатшоҳи Самарқандӣ низ дар «Тазкират-уш-шуаро» бидуни ном бурдан аз Амир Муиззӣ чунин ривоят мекунад: «…Анварӣ дар мадрасаи Мансурияи Тус ба таҳсили улум машғул мебуд. Ҳамчунон ки расм аст, фалокату ифлоси маволӣ бад-ӯ оянд шуд ва ба харҷулявм фурӯ монд. Дар аснои ин ҳол мавкиби Санҷарӣ ба навоҳии Родкон нузул кард ва Анварӣ ба дари мадраса нишаста буд, дид ки марде муҳташам бо аспу ғуломи бисёру сози тамом мегузарад ва пурсид, ки ин кист? Гуфтанд: Марде шоир аст. Анварӣ гуфт: Субҳоналлоҳ, пояи илми ман бад-ин баландӣ ва ман чунин мафлук ва шеваи шоирӣ бад-ин пастӣ ва ӯ чунин муҳташам. Ба иззату ҷалоли Зулҷалол, ки ман баъдулявм ба шоирӣ, ки дуни маротиби ман аст, машғул хоҳам шуд ва дар он шаб ба номи Санҷар қасидае гуфт, ки матлааш ин аст:

Гар дилу даст баҳру кон бошад,
Дилу дасти худойгон бошад.

Ва алиассабоҳ қасди даргоҳи султон кард ва он қасидаро гузаронид. Султон бағоят суханшинос буд. Тарзи каломи ӯро донист, ки донишмандона ва матин аст, бағоят мустаҳсия дошт ва аз ӯ суол кард, ки завқи мулозимат дорӣ ё ба ҷиҳати тамаъ омадаӣ? Анварӣ замини хидмат бӯса доду гуфт:

Ҷуз остони туам дар ҷаҳон паноҳе нест,
Сари маро ба ҷуз ин дар ҳаволагоҳе нест.

Султон мушоҳараву ҷомагӣ ва идрораш фармуд ва дар он сафар то Марв мулозими даргоҳ буд…» [57, с. 83-84]. Ян Рипка, зоҳиран, бо таваҷҷуҳ ба ақидаи Соҳиби «Ал-Муъҷам» менависад: «…Ин мавзуъ, ки Анварӣ вайро ба сирқати адабӣ муттаҳам карда, бо қотеот собит нашуда, вале мусаллам он аст, ки Анварӣ худ аз ашъори Муиззӣ истифода кардааст» [205, с. 275-276].

Он чи мусаллам аст, қиссае дар бораи Муиззӣ ва Анварӣ гуфтаанд, сурати афсона дорад ва сохтаву пардохтаи қиссапардозон аст. Зеро Анварӣ, ки бешумореро аз дами теғи ҳаҷви худ гузаронида, агар чунин қиссае сиҳат медошт, Муиззиро ҳатман бенасиб намегузошт ва ҳол он ки ба шарҳе ки гузашт, вай бо эҳтироми шеъри Муиззӣ шеър гуфтааст.

Аз суханони зикршуда ва андешаҳои дигар муҳаққиқони таърихи адабиёт низ бармеояд, ки Амир Муиззӣ дар назди Санҷар соҳибэҳтиром буд. Вай агарчи аз зиндагии дарбори Салҷуқиён ком диду ном ёфт, лекин дар поён ҳадафи хаданги пайкони Султон Санҷари Салҷуқӣ қарор гирифт. Аммо соли тир хӯрдани Муиззӣ ва дар бораи ба чӣ ҳолат афтодани ӯ маълумоти саҳеҳ ва ягонае ба назар намерасад. Шоир яқинан, пас аз тир хӯрдан рӯзгор ба сар бурда, аммо то охири умр ҷароҳати синаи ӯ марҳам наёфта ва пайкон дар бадани ӯ ҷойгузин шуда буд. Худи шоир дар ашъораш такрор ба такрор аз ин ҳолат шикоят кардааст.

Дар натиҷаи захми тир фавтидани Муиззӣ масъалаи таъйидшуда аст, аммо санаи фавти ӯ ба дурустӣ маълум нест ва дар ягон сарчашма зикри он аниқ наомадааст. Дар тазкираҳои «Тазкират-уш-шуаро» [57], «Лубоб-ул-албоб» [2] ва «Ҳафт иқлим» [51] дар бораи замони фавти Муиззӣ сухан нарафтааст. Аз тазкиранависон Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» фавти Муиззиро 1147 м. меҳисобад [77, с. 1292], ки дар асоси далели сарчашмаҳои дигар онро метавон хато шуморид.

Муҳаққиқони муосир вобаста ба масъалаи мавриди назар ба таври гуногун изҳори назар кардаанд. Аббос Иқбол дар муқаддимаи зикршуда менависад, ки «соли 1149, ки Тақии Кошӣ ва дигарон барои фавти Муиззӣ муайян кардаанд, ба чандин иллат дуруст наменамояд» [33, с. лом]. Барои ин гуфтааш далел меорад ва далели якуми ӯ чунин аст: Соли 1072, ки таърихи ба тахт нишастани Маликшоҳ аст, дар ин сол Муиззӣ ҳамчун шоир ном бароварда буд ва шахси баркамол буд. Агар дар ин таърих синни шоирро бисту панҷ гӯем, таваллуди ӯ тахминан ба соли 1049 рост меояд. Агар соли 1049-ро соли вафоти Муиззӣ донем, дар ин сурат умри Муиззӣ қариб ба сад мерасад, лекин ин далел он қадар

боварибахш наменамояд, чунки «шоире, ки дар таърихи 1115 тир хӯрда ва аз захми пайкони пинҳонмондаи он менолида, бо вуҷуди калонии син, то қариби сӣ соли дигар зинда бимонад» [33, с. лом].

Аббос Иқбол аз рӯйи воқеаҳои таърихӣ ва қасидаҳои ба шахсони алоҳида бахшидаи шоир ба ҳамин хулоса меояд, ки «бидуни истисно зикри ҷамеи вузаро ва риҷоли Салҷуқӣ аз ҳудуди 1075 то 1125 боқист, абадан зикри ҳеҷ кас ё ҳеҷ воқеае, ки замони он бар соли 1149 муаххар бошад, дида намешавад» [33, с. лом]. Аз ин ҷо Аббос Иқбол соли вафоти Муиззиро дар ҳудуди 1125 ва 1126 муқаррар мекунад. Ин гуфтаи Аббос Иқбол ба ҳақиқат мувофиқ аст, чунки агар Муиззӣ аз соли 1125 то соли 1149 зинда мебуд, ин албатта, дар девони ӯ инъикос меёфт.

Тибқи иттилои Е.Э. Бертелс соли вафоти Муиззӣ аниқ маълум нест, аммо ишора менамояд, ки дар асоси тахмини Аббос Иқбол вафоти Муиззӣ то соли 1126 рух додааст. Муҳаммад Қазвинӣ дар «Бист мақола»-и худ ишора менамояд, ки «…вафоти ӯ бинобар машҳур дар санаи 1149 буд, ки ба тири хатои Султон Санҷар кушта шуд» [161, с. 59].

Носири Ҳирӣ дар муқаддимае, ки ба девони комили Амир Муиззӣ навиштааст, дар ин хусус чунин баён медорад: «...Муиззӣ бинобар ишорати худ аз захми пайкони шоҳ чанде бемор буда ва умеди хубӣ надоштааст ва баъдҳо ҳам ки беҳбудӣ ёфт, ҳамвора пайкон дар синаи ӯ ҷой дошта ва барои ӯ нороҳатӣ фароҳам мекардааст ва билохира, дар соли 1127 ҷон ба ҷонофарин таслим кард» [31,13]. Профессор Ян Рипка дар ин бора менависад: «… Ба иллале, ки моҳияти он ба дурустӣ равшан нест, омоҷи тири Санҷар, писари подшоҳ қарор гирифт – 1118 – ва ба сахтӣ маҷруҳ шуд ва пас аз муддатҳои ранҷурӣ миёни солҳои 1126-1128 ва на чунонки ба иштибоҳ ривоят мешавад, 1149 даргузашт» [205, с. 275].

Дар девони шоир воқеаҳое зикр ёфтаанд, ки то соли 1125 ба вуқуъ омадаанд. Аммо дар қасидаҳои ин солҳои шоир ҳамеша аз нохушии захми тир шикоят кардааст. Аз ин ҷо ҳукм кардан мумкин аст, ки асари захми ҳалокатовари тир дар ҷисми шоир ҳамчунон боқӣ буд ва ӯ аз таъсири ҳамин ҷароҳат дар солҳои 1126 - 1127 вафот кардааст [92, с. 57]. Забеҳуллоҳи Сафо дар ин маврид ишора менамояд, ки охирин касеро, ки Муиззӣ дар девони худ ситуда, Муиниддин

Мухтасулмулк Аҳмад – вазири Санҷар аст, ки аз соли 1124 то соли 1127 дар ин шуғл буд ва дар соли охир ба дасти ботиниён кушта шуд. Чун зикри ғолиби риҷоли давраи Маликшоҳу Санҷар дар ашъори ин шоир омада, бинобар ин, сукути ӯ дар бораи риҷоли баъд аз Мухтасулмулк далели он аст, ки вай баъд аз 1128 зинда набуд ва шояд пеш аз ин таърих ва пас аз соли 1125 даргузашта бошад. Ва ин, ки Саноӣ дар ду байти мавриди назар иллати фавти ӯро тир хӯрдан аз подшоҳ донистааст, пас то охири умр дучори ранҷи пайкон буда ва шояд аз осеби ҳамон пайкон, ки дар синаи ӯ пинҳон буд, даргузаштааст [212, с. 140].

Ҳумоӣ дар ҳошияи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ишора менамояд, ки «вафоти Муиззӣ дар соли 1149 аз ағлоти машҳура аст, ки нахустин бор аз Тақии Кошонии ношӣ шудааст ва дигарон аз вай пайравӣ кардаанд. Аммо дар осори худ Муиззӣ чизе, ки далолат кунад бар ин ки афзунӣ аз 1125-1127 зинда будааст, надорем. Зеро вақоеи таърихӣ ва мадҳи умарову вузарову аркони давлат пас аз ин таърих нақш надорад ва ба асаҳи ақвол вафоташ дар ҳудуди 1125-1127 воқеъ шудааст [139, с. 113]. Ҳодии Қазоӣ дар ин бора чунин андеша дорад: «Муиззӣ дар соли 1118 дар шикоргоҳ ба ногаҳ тире хӯрд, гӯё ин тир аз камони Санҷар нохоста даррафта буд. Бар асари ҳамин тир муддатҳо Муиззӣ аз ноҳияи сина дард мекашид ва саранҷом низ бар асари захми ҳамин тир ба соли 1127 фавт кард» [162, с. 109]. Абдулрафеъ Ҳақиқат вобаста ба масъалаи мавриди назар чунин ибрози назар менамояд: «Дар поёни зиндагӣ, ки бо Санҷар ба Исфаҳон рафта буд, дар шикоргоҳ Санҷар андохт. Он тир ба хато рафт ва ба синаи Муиззӣ фуруд омаду дар синаи ӯ монд ва муддате ба ҳамин ҳол мезист, то он ки соли 1149 даргузагшт» [257, с. 200].

Охирин таърихе, ки дар девони Муиззӣ ба назар мерасад, соли 1125 аст, ки дар он шоир вазорати Муиниддин Мухтасулмулк Абунаср Аҳмад ибни Фазл ибни Маҳмуди Коширо таҳният гуфта, Санҷар соли 1125 вазири худ – Низомиддин Муҳаммад ибни Сулаймон Қошғариро аз вазорат барканор кард ва Муиниддини Коширо аз Ироқ ба Хуросон хосту вазорат дод. Муиззӣ дар ин боб мегӯяд:

Миннат Эзидро, ки равшан шуд зи нури офтоб

Осмони давлату мулки шаҳи моликриқоб.

Аз Хуросон офтоб ояд ҳаме сӯйи Ироқ

Аз Ироқ омад кунун сӯйи Хуросон офтоб.

Офтоби ихтиёри давлати соҳибқирон,

Офтоби ифтихори миллати соҳибкитоб.

Сайди дунё Муъиниддини пайғамбар, ки ҳаст

Ҳамчу Довуди паямбар соҳиби фазлулхитоб.

Соҳиби одил, насири давлати олӣ, ки ҳаст

Ҳамду нусратро зи ному куняти ӯ иншиоб.

Давлати султон Муҳаммад, гар зи ту тартиб ёфт,

Мулки Султон Санҷар акнун аз ту ёбад ҷоҳу об [31,68].

Ва дар қасидае дигар гӯяд:

Замон чу хулди барин шуд замин чу чархи барин

Кунун, ки садри замон шуд вазири шоҳи замин.

Ба фазли хеш биафрӯхт дини Аҳмадро

Чу кард Аҳмад бин Фазлро зи халқ гузин.

Мувофиқанд ба як ҷой подшоҳу вазир

Яке Муиззидину яке Муиниддин [31, с. 517].

Дар ин таърих, ки Муиззӣ дар қасидаи худ таҳнияти вазорати Хоҷа Муиниддин Абунаср Аҳмад ибни Фазли Коширо мегуфта, бино ба тахмине, ки қабл аз ин қайд кардем, умри ӯ ба ҳаштод наздик будааст ва чун баъд аз ин вазир, ки вазорататаш то 1128 идома ёфта ва дигар аз ҳеҷ кас аз вузарои Санҷарӣ ва аз ҳеҷ воқеаи дигаре, ки замони он баъд аз 1125 бошад, зикре дида намешавад.

Аз ин метавон чунин хулоса кард, ки вафоти Муиззӣ дар аҳди вазорати ҳамин Муиниддини Кошӣ, яъне байни 1125 ва 1127 ба вуқуъ пайваста, дар ҳоле ки синни ӯ ба ҳаштод мерасидааст.

Аз шоирони ҳамзамонаш ҳаким Саноии Ғазнавӣ дар марсияи Амир Муиззӣ се қитъаи машҳур сурудааст:

То чанд муаззои Муиззӣ, ки Худояш

З-ин ҷо ба фалак бурду бақои малакӣ дод.

Чун тири фалак буд қаринаш ба раҳ овард,

Пайкони малак бурду ба тири фалакӣ дод [64, с. 1057].

Ҳамзамон дар марги Муиззӣ мегӯяд:

Гар тири фалак дод кулоҳе ба Муиззӣ,

Тозон кулаҳ ин ҷо ғаззаи ҷони малак сохт.

Ӯ низ сӯи тири фалак рафту ба подош

Пайкони малик тоҷи сари тири фалак сохт [64, с. 1051].

Саноӣ дар қитъаи дигар ситоиш аз Муиззиро пас аз марги вай ба ниҳоят мерасонад:

Шуд боз гуҳартабъи гуҳарзойи Муиззӣ,

Шуд боз фалак ақли фалаксойи Муиззӣ.

Гар Зуҳра ба чархи дуюм ояд аҷабе нест,

Дар мотами табъи тарабафзойи Муиззӣ

К-з ҳасрати дурҳои ятимаш чу ятимон

Биншаст Уторид ба муаззои Муиззӣ [64, с. 1099].

Ҳамин тавр, аз баррасиҳои анҷомшуда оид ба масъалаи фарҷоми зиндагии Амир Муиззӣ бармеояд, ки асари захми тири пайкон дар ҷисми шоир боқӣ буд ва билохир аз захми он ҷароҳат дар солҳои 1126 - 1127 вафот кардааст.

2.2.4. Ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Муиззӣ

Дар таърихи адабиёти оламшумули тоҷику форс аксари шоирону нависандагон дар эҷодиёташон ба муносибатҳои гуногун аз пешиниёни худ вобаста ба мавзуъ ва мавқеи баёни матлаб бо шеваҳои мухталиф ёд кардаанд. Дар ин раванд яке аз шаклҳои тазоҳуроти таъсир ва робитаи эҷодии байниҳамдигарии шоирон тазмин ва татаббуи ашъори ҳамдигар будааст. Дар ин робита Расул Ҳодизода таъкид менамояд, ки «тазмин ва татаббуот ҳамчун робитаи эҷодӣ ва таъсири адабӣ дар адабиёти тоҷик аз замонҳои қадим вуҷуд дошт ва дар шаклу тарзҳои гуногун зоҳир мегашт» [260, с. 48].

Тибқи мушоҳидаҳо, дар таърихи адабиёти тоҷику форс мазмун, таъсири сухан, латофат ва матонати каломи шоирон боиси он мегардад, ки ашъори онҳо мавриди таваҷҷуҳи бисёре аз шуарои пасоянд қарор гирад ва ашъори онҳоро тазмин карда ё аз мазмунҳои овардаи онҳо дар ашъори худ истифода намоянд. Аз ҷумла, гурӯҳе бо навиштани марсия пас аз вафоти пешомадагон аз онҳо ба некӣ ёд карда бошанд, гурӯҳе дигар дар ҳаққи онҳо суханони носазоро раво донистаанд.

Таърихи зиёда аз ҳазору садсолаи адабиёти классикии тоҷик, ки давоми бевоситаи адабиёти бостони он аст, бо номи асосгузори он устод Рӯдакӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Рӯдакиро муосиронаш ва суханварони баъдина бо унвонҳои ифтихории қофиласолори назми форсу тоҷик, соҳибқирони шоирӣ, устоди шоирон, султони шоирон ва одамушшуаро ё̈д мекунанд. Дар давоми ёздаҳ асри мавҷудияти адабиёти тоҷику форс ба забони порсии дарӣ анъанаҳои Рӯдакӣ ҳамеша зиндаву ҷовидон буданд ва имрӯз низ шуҳрат, манзалат ва эҳтироми устод Рӯдакӣ оламгир аст. Нақши устод дар такомули шеъри тоҷикии форсӣ сабаб шуда, ки дар қатори дигар шоирон Муиззӣ низ устодӣ ва бузургии ӯро эътироф намуда, шеваи сухани ӯро мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳад ва аз вай ба некӣ ё̈д кунад.

Дар рӯзгори Муиззӣ, ки замони рушди жанри қасида аст, татаббуоту тазмин ба ашъори гузаштагон мушоҳида мешавад. Девони шоирони ин аср шаҳодат медиҳанд, ки таъсири адабиёти гузашта, махсусан, мактаби Рӯдакӣ, қариб дар тамоми жанрҳои шеърӣ нуфузи калонро соҳиб будааст.

Амир Муиззии Нишопурӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки дар робита ба эҳтироми хосса нисбат ба шоирони бузурги пешин бо муносибате аз эшон ё̈д, ашъори онҳоро тазмин карда ва ё̈ аз нигоҳи мазмун ба ашъори онҳо монанд шеър сурудааст. Агар мо аз ин нигоҳ ба девони Муиззӣ назар афканем, ба хубӣ эҳсос мешавад, ки услуби ашъори Муиззӣ давоми сабку услуби шоирони пешин буда, ашъори ӯ аз таъсири эшон орӣ нест ва дар он анъанаҳои беҳтарини гузаштагон идома ва такомул ёфтаанд. Дар ташаккули завқу табъ ва услуби ӯ шеъри асри X, аз ҷумла, сабки устод Рӯдакӣ, шеъри нимаи аввали асри XI ва суханварони ин

давра таъсири калоне расонидаанд. Дар ин замина Муиззӣ дар ашъораш аз баъзе шоирони пешин, ба монанди Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ ва ҳамасрони худ ёд ва дар бештари маврид бо эҳтиром ва адаб, ҳунари ононро мавриди ситоиш қарор додааст.

Ин ҳолат бесабаб нест, тавре Ғуломҳусайн Юсуфӣ ишора менамояд, «касе, ки осори дигаронро мутолиа ва дар онҳо тааммулу диққат кунад, баъид нест, ки таҳти таъсири афкору маънӣ ва услубу баёни онон воқеъ шавад ва гоҳ ошкоро ба иқтибос ва ё тақлид бипардозад» [281, с. 514].

Ба назари инҷониб, ин гуна таъсиру иқтибосориро набояд тақлиди хушку холӣ маънидод кард, зеро шоирон қариб дар атрофи ҳама мавзуъҳо шеър сурудаанд ва ҳар як шоир он маънӣ ва мавзуъҳоро бо алфози наву таъбироти дигар тасвир мекунад. Ҳар як шоир соҳиби қобилият, истеъдод ва маҳорату ҷаҳонбинии хосси худ мебошад ва пайравӣ ба дигарон ва муваффақ шудан ба он низ чунин қобилиятро тақозо менамояд. Аз ашъори Муиззӣ аён мегардад, ки ӯ ба ашъори устод Рӯдакӣ таваҷҷуҳи калон доштааст. Аввалин касе, ки ба шеъри машҳури устод, ки бо мисраи «Бӯи ҷӯи Мулиён ояд ҳаме» шуруъ мешавад, табъозмоӣ кардааст, Муиззӣ будааст.

Аз гузорише, ки Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар мақолати дуюми «Чаҳор мақола» нақл мекунад, маълум мешавад, ки Муиззӣ қасоиди Рӯдакиро татаббуъ мекарда ва бар онҳо назира месохтааст: «…ва аз азбгӯёну латифтабъони Аҷам яке Амир Муиззӣ буд, ки шеъри ӯ дар тиловату тароват бағоят аст ва дар равонию узубат ба ниҳоят. Зайнулмулк Абусаъди Ҳинду ибни Муҳаммад ибни Ҳинду ал-Исфаҳонӣ аз вай дархост кард, ки «Он қасидаро ҷавоб гӯй». Гуфт: «Натавонам». Илҳоҳ кард, чанд байт бигуфт, ки як байт аз он байтҳо ин аст:

Рустам аз Мозандарон ояд ҳаме,
З-ин малик аз Исфаҳон ояд ҳаме.

Ҳама хирадмандон донанд, ки миёни ин сухан ва он сухан чӣ тафовут аст?» [60, с. 53-54].

Тавре мушоҳида мешавад, иқрори Муиззӣ дар бораи дар сатҳи лозима ҷавоб дода натавонистан ба қасидаи маъруфи Рӯдакӣ дуруст арзёбӣ мегардад.

Муҳаммад Муин бо муқоисаи қасидаи Рӯдакӣ ва Муиззӣ ба далелҳои зерин шеъри Рӯдакиро бар шеъри Муиззӣ афзал шуморидааст: «…илова бар фазилати тақаддуми Рӯдакӣ, ки ба қавли қудамо, фазл пешинрост, риҷҳони матлаи қасидаи вай бар матлаи Муиззӣ аз ҷиҳоти зер ҳувайдост:

1. Матлаи Рӯдакӣ дорои хосса мавозина аст:

Бӯйи ҷӯйи Мулиён ояд ҳаме,

Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Матлаи Муиззӣ аз ин имтиёз ғафлат карда, гуфтааст:

Рустам аз Мозандарон ояд ҳаме,

З-ин малик аз Исфаҳон ояд ҳаме.

2. Рӯдакӣ аз сохтани қасида манзур базме дорад ба разме ва ҳамосӣ. Чи мехоҳад, амир Насрро ба азимат ба сӯйи Бухоро барангезад ва дили ӯро такон диҳад. Он ҷо маҳали гурзу майдон нест. Ҷойи фароғату осоиш аст, вале Муиззӣ аз ин хосса низ ғафлат варзида, онро ба гунаи размӣ дароварда, дар натиҷа, матлаи вай Рустам, Деви сафед, Кайковус ва ҷанги Мозандаронро аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба хотир меовард.

3. ҳар як мисраи Рӯдакӣ муштамил аст бар бахше аз манзури базмии вай.

(Бӯйи дилкаши ҷӯйи Мулиён,

Бӯйи дилангези ёри меҳрубон).

Аммо ду мисраи матлаи Муиззӣ қаринуа мутародифи ҳаманд, зеро ин малик ба Рустам ташбеҳ шуда ва Исфаҳон ба Мозандарон …» [174, с. 109-110].

Мураттибони девони Рӯдакӣ ишора менамоянд, ки Муиззии Нишопурӣ дар қасидае бо ин матлаъ:

Аё шаҳрёре, ки соҳибқиронӣ,

Зи ҷадду падар ёдгори ҷаҳонӣ.

дар мадҳи яке аз писарони Маликшоҳи Салҷуқӣ (малик Санҷар – Ҳ.Ф.) дар мадеҳа як байт аз Рӯдакиро тазмин карда гуфтааст:

Яке байти нағз аст мар Рӯдакиро,

Ки андар ҷаҳон ту сазовори онӣ:

На ҷуз айб чизест, к-он ту надорӣ,

На ҷуз ғайб чизест, к-он ту надонӣ [31, с. 45].

Дар ҷойи дигар мураттибон чунин таъкид менамоянд, ки: «Муиззии Самарқандӣ дар қасидае бо ин матлаъ:

Он чанбари пурҳалқаву он ҳалқаи пурхам
Дом асту каманд аст бар он орази хуррам.

дар мадеҳа байти болоро оварда, гуфтааст:

Тазмин кунам ин байт, ки аз рӯйи ҳақиқат
Маъни-ш ҷуз ӯро ба ҷаҳон нест мусаллам:
То даргаҳи ӯ ёбӣ, магзар ба дари кас,
Зеро ки ҳаром аст таяммум ба алаби ям [31, с. 46].

Дар қасидаи «Дар таҳнияти муроҷиати Санҷар аз ҷанг» дар муқоисаи инъоми малик Санҷар, ки ба шоир дода шудааст ва Оли Сомон, ки ба Рӯдакӣ додааст, ишора менамояд:

Бар ман он - ч аз ту расид аз инъоми воло, куҷо
Сад якаш бар Рӯдакӣ аз дудаи Сомон расид [31, с. 182]

Дар қасидаи «Дар муроҷиати хоҷа Садриддин Муҳаммад ба Дорулмулк» Муиззӣ шеъри худро дар баробари ашъори устод Рӯдакӣ баҳогузорӣ менамояд:

Равон шуд шеъри ман дар Оли Асҳақ
Чу шеъри Рӯдакӣ дар Оли Сомон [31, с. 606].

Шакли дигари таъсири шеъри бузургон ба шоирони баъдина он аст, ки онҳо бо пайравӣ аз ашъори онҳо ва ё мазмунан монанд шеър месароидаанд. Аз ашъори Муиззӣ, махсусан аз тағаззулоти ӯ маълум мешавад, ки қасидаи машҳури устод Рӯдакӣ, ки бо байти

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб [31, с. 68].

шуруъ мешавад, дар бештари тағаззулоти баҳорияи Муиззӣ таъсир ва нуфузи калон доштааст. Тағаззули Муиззӣ низ ба монанди қасидаи устод Рӯдакӣ маҳсули мушоҳида ва таҷрибаи рӯзгор аст ва дар он ороишоти мураккаб ба назар намерасад. Ғайр аз ин, таъсири қасидаи Рӯдакӣ боз дар он мушоҳида мешавад, ки дар тағаззули Муиззӣ низ тасвирҳо ҷондору зинда буда, ташхису ташбеҳот

низ ба назар мерасанд. Барои муқоиса порае аз қасидаи Рӯдакӣ ва Муиззӣ меорем.

Рӯдакӣ:

…Шояд ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил ёфт шабоб аз пайи машиб.
Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш абри тираву боди сабо нақиб…
…Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каъиб.
...Борони мушкбӯй биборид нав ба нав
В-аз барф баркашид яке ҳуллаи қасиб.
…Тундар миёни дашт ҳаме бод бардамад,
Барқ аз миёни абр ҳаме баркашад қазиб.
Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур
Чун панҷаи арӯс ба ҳино шуда хазиб… [53, с. 69]

Муиззӣ:

…Ҷавонӣ аз паси пирӣ кунун хоҳад шудан мумкин,
Ки боғи пир то даҳ рӯз хоҳад шуд ҷавон аз сар.
…Сиришки абри дебобоф бофад бар замин дебо,
Насими боди анбарсӯз сӯзад дар ҳаво анбар.
Бигиряд абр ҳар соат ба сони дидаи ошиқ,
Бихандад ҳар замоне боғ ҳамчун чеҳраи дилбар.
Чунон, к-аз кӯҳаи пилон биғуррад кӯс дар ҳайҷо,
Зи абри тира ҳар соат хурӯше баркашад тундар… [31, с. 247].

Тағаззулоти Муиззӣ низ ба монанди шеъри Рӯдакӣ намунаи беҳтарини шеъри тоҷикӣ маҳсуб меёбанд. Аз ҷумла,

Рӯдакӣ:

Бихандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр дар гардун ба сони дидаи Маҷнун [53, с. 174].

Муиззӣ:

Бигиряд абр ҳар соат ба сони дидаи ошиқ,

Бихандад ҳар замоне боғ ҳамчун чеҳраи дилбар [31, с. 248].

Муоинаи қисми бештари тағаззули қасоиди Муиззӣ далолат менамояд, ки таъсири услубу равиши Рӯдакӣ бараъло аён мебошад. Масалан, ин қасида, ки бо матлаи

Он рӯй на рӯй аст, гули сурх ба бор аст,

Он зулф на зулф аст, шаби ғолиябор аст [31, с. 114]

оғоз меёбад, аз ҷиҳати ташбеҳ, тасвир ва забону тарзи баён ин шеъри Рӯдакиро ба хотир меорад:

Агар гул орад бор он рухони ӯ, на шигифт,

Ҳароина чу ҳама май хӯрад, гул орад бор [53, с. 88].

Дар баробари бо эҳтирому азамат ва некӣ ёд намудан аз Рӯдакӣ, Муиззӣ дар қасидае дар мадҳи Маликшоҳ бо ишора аз санои мамдуҳ ӯро ҳақир шуморида, ишора менамояд, ки агар Рӯдакӣ дар ин айём мебуд, аз санои султон оҷизӣ кашида, шармсор мегардид:

Замиру ваҳми Шуморо сано чи гуна кунам,

Ки баргузашт санои Шумо зи ваҳму замир.

Агар бувад, ба масал, Рӯдакӣ дар ин айём

Зи мадҳи ҳар ду шавад оҷизу хӯрад ташвир [31, с. 222].

Аз шоирони дигари асри X, ки Муиззӣ ба ӯ низ таваҷҷуҳи хосае доштааст, Дақиқӣ мебошад. Як ғазали Муиззӣ, ки дар ҷавоби шеъри машҳури Дақиқӣ навишта шудааст, далели ин қавл аст. Мавзуи ин ғазалҳо ишқ аст ва агар хонанда ба ин ғазалҳо назари дақиқ дошта бошад, маҳорати бузурги шоирии Муиззиро метавонад пайхас намояд. Зеро Муиззӣ дар шеъри худ аз доираи тақлид берун рафта, шеъри аз ҳама ҷиҳат мукаммале офаридааст. Барои равшан шудани ин нукот ба тариқи ихтисор он шеърро манзур месозем:

Дақиқӣ:

Бархезу барафрӯз, ҳало, қиблаи Зардушт,

Биншину барафкан шиками қоқумӣ бар пушт.

…Ман сард наёбам, ки маро з-оташи ҳичрон

Оташкада гаштаст дилу дида чу чархушт.

Гар даст ба дил барниҳам, аз сӯхтани дил

Ангишт шавад, бешак, дар дасти ман ангушт [125, с. 24].

Муиззӣ:

Эй рӯйи ту рахшандатар аз қиблаи Зардушт,

Бе рӯйи ту чун зулфи ту куж аст маро пушт.

Ишқи ту маро кушту ҳавои ту маро сӯхт,

Ҷаври ту маро хасту ҷафои ту маро кушт.

Ҳарчанд ҳама ҷавру ҷафои ту кашидам

Ҳаргиз накунам меҳру вафои ту фаромушт.

Бархезу биё, то зи руху зулфи ту имшаб

Пурлола кунам доману пурмушк кунам мушт [31, с. 781].

Ғайр аз ин, дар тағаззулоти шоир байт ва мисраъҳоеро метавон дарёфт, ки дар онҳо таъсиру муносибати тарзи тасвир ва ташбеҳории Дақиқӣ ба назар мерасад. Баъзан мазмуни байтҳо бе тағйирот иқтибос карда мешавад, масалан, ба ин байти Дақиқӣ таваҷҷуҳ кунем:

Макун, эй рӯйнеку, зиштӣ бо ошиқи хеш

К-аз накурӯе зиштӣ набувад фарозмо [125, с. 291].

Муиззӣ дар тағаззули як қасидааш чунин мегӯяд:

Эй рӯйи ту бо хубӣ в-эй кӯи ту бо зиштӣ,

Кирдор чунин дорӣ, рафтор чунон дорӣ [31, с. 711].

Дар баробари ин, Муиззӣ аз ашъори Дақиқӣ ба таври зайл тазмин низ кардааст:

Ду байт шунидаам Дақиқиро,

Дар мадҳи ту ҳарду кардаам тазмин:

Устод Шаҳид зинда боистӣ

В-он шоири тирачашми равшанбин.

То шоҳи маро мадеҳ гуфтандӣ

Маъни-ш дурусту лафзҳо ширин [31, с. 540].

Аз ҷумлаи шоирони бузурги пешин, ки ба ашъори Муиззӣ таъсири нисбатан бештар гузоштааст, Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ мебошад. Муиззӣ ба бархе шахсиятҳои достонии «Шоҳнома» аз ҷумлаи эронӣ, тӯронӣ, румӣ, ҳиндӣ, аз қабили подшоҳон, паҳлавонон, сипоҳиён ва дигар табақаҳои ҷомеа, ки теъдодашон, тибқи ҳисоби муҳаққиқон, ҳудуди 400 нафар мебошад, зимни ашъораш назар дошта, дар мадҳи мамдуҳ ба қаҳрамонон ва паҳлавонони бисёре аз достонҳои «Шоҳнома» ишора кардааст. Аз корбасти Муиззӣ аз паҳлавонони «Шоҳнома» бармеояд, ки вай аз тамоми қисматҳои «Шоҳнома» огаҳии комил дошта ва аз онҳо дар мавридҳои муносиб, чи бо назари мусбат ва чи бо нигоҳи манфӣ, истифода намудааст. Дар идома кӯшиш мешавад, чанде аз ишораҳои Муиззӣ, ки дар робита ба мамдуҳони худ бо нигоҳи нек ва сипосмандӣ аз қаҳрамонони «Шоҳнома» баён гаштааст, мавриди баррасӣ қарор бигирад. Муиззӣ дар пайравӣ ба дигар намояндагони доираи адабии замони Салҷуқиён, бо вуҷуди Фирдавсиситезӣ ва арабгароии замон натавонистааст бе таваҷҷуҳ аз канори ин асари безавол бигзарад.

Яке аз қаҳрамонони «Шоҳнома», шахсиятҳои маъруф ва поягузори Наврӯз, ки дар «Шоҳнома» чаҳорумин подшоҳ аст, Ҷамшед мебошад. Ба гузориши Алиакбари Деҳхудо, вай дар аввал Ҷам ном дошт ба маънии султону подшоҳи бузург ва сабаби Ҷамшед гуфтан он шуд, ки ӯ сайри олам мекард... [136, с. 7855]. Муиззӣ дар девонаш борҳо дар мавриди мадҳи мамдуҳони худ аз шоҳ Ҷамшед ном мебарад, ки ишораи ӯ ба таври гуногун баён мегардад. Аз ҷумла, дар бисёр мавридҳо мехоҳад султони Салҷуқиро подшоҳи ормоние ҳамчун Ҷамшед биномад, зеро Ҷам намунаи ормонии ҳамаи шоҳон аст, намунаест, ки ҳамаи фармонравоён ба ӯ рашк мебаранд. Масалан, дар қасидаи «Дар таҳнияти фатҳи Шом ба дасти Маликшоҳ» ҳангоми мадҳи султон Маликшоҳ дар робита ба фатҳи мулки Шом дар баробари ташбеҳи Маликшоҳ ба сифати хуршед, ҳамзамон ӯро Ҷамшедсифат хонда мегӯяд:

Хуршедвор кард сафар шоҳу бозгашт,
Ҷамшедвор даст сӯи ратлу ҷом кард [31, с. 138].

Дар қасидаи «Дар мадҳи султон Маликшоҳ» низ Маликшоҳро ба хуршеди фалакмавкиб ва Ҷамшеди зафарханҷар ташбеҳ дода, мегӯяд:

Эй ҷаҳондоре, ки хуршеди фалакмавкиб туӣ
В-эй шаҳаншоҳе, ки Ҷамшеди зафарханҷар туӣ [31, с. 631].

Дар қасидаи «Дар мадҳи Султон Санҷар» малик Санҷарро низ ба хуршед ва Ҷамшед монанд мекунад:

Хуршедвор кӯҳи гарон зери маҳд кард,
Ҷамшедвор боди сабук зери рон гирифт [31, с. 86].

Аз салотини дигари Салҷуқӣ, ки Муиззӣ дар ашъораш ҳангоми ситоиш ба Ҷамшед монанд мекунад, Арслон Арғун ибни Алп Арслон мебошад, ки пас аз бародараш Маликшоҳ миёни солҳои 1092 то 1098 малики Хуросон буд. Муиззӣ дар қасидаи «Дар мадҳи малик Арслон Арғун ибни Алп Арслон» мамдуҳи худро ҳангоми базм афрӯхтан ба хуршед ва гоҳи базм оростан ба Ҷамшед монанд мекунад:

Кист чун ӯ гоҳи базм афрӯхтан хуршедваш?
Кист чун ӯ гоҳи базм оростан Ҷамшедвор? [31, с. 214].

Аз қатори намояндагони занони ҳалқаи хонаводагии салотини Салҷуқӣ, ки дар ашъори Муиззӣ мавриди ситоиши бешумор қарор гирифтааст, завҷаи сеюми султон Маликшоҳи Салҷуқӣ – Тоҷиддин-хотун, ё худ Сафария-хотун мебошад, ки бо номи Бушалӣ низ маъруф аст. Ин зан яке аз канизони Маликшоҳ буд, ки баъдтар ҳамсари ӯ гардид ва ин ягона ҳолатест, ки салотини Салҷуқӣ ба канизак хонадор шудаанд. Тоҷиддин-хотун модари Султон Санҷар мебошад. Муиззӣ дар қасидаи «Дар мадҳи Тоҷиддин-хотун, модари Муҳаммад ва Санҷар» дар ниҳояти ситоиш Тоҷиддин-хотунро «Офтоби давлати Ҷамшеду Искандар» меҳисобад:

Давлати Ҷамшеду Искандар ба эшон дод чарх,
Офтоби давлати Ҷамшеду Искандар туӣ [31, с. 641].

Ба ин тартиб, Муиззӣ, зоҳиран, нахустин шоири форсии давраи классикӣ дониста мешавад, ки дар қасидаҳояш зан мавриди ситоиш қарор гирифтааст [94, с. 88].

Муиззӣ дар қатори салотини Салҷуқӣ амирон ва вазиронро низ ба Ҷамшед шабоҳат додааст. Аз ҷумла, дар қасидаи «Дар ситоиши Алоуддин Муҳаммад ибни Сулаймон ибни Довуд, хоқони Туркистон» ишора менамояд, ки Тӯрон бояд ифтихор кунад, ки хоқоне чун ӯ хуршедрой ва Ҷамшедфар дорад:

Фахр бояд кард Тӯронро ба хоқоне, ки ҳаст
Доваре хуршедрою хусраве Ҷамшедфар [31, с. 282].

Дар қасидаи «Дар мадҳи хоҷа Қавомулмулк Садриддин Муҳаммад ибни хоҷа Фахрулмулк» мамдуҳро дар ҷаҳондорӣ «Осафрой ва Ҷамшедфар» [31, с. 352], дар қасидаи дигар Муайядулмулк ибни Хоҷа Низомулмулкро «Ҷамшеди ҳама лашкар ва хуршеди ҳама Эрон» [31, с. 589] мешуморад.

Шахсияти дигари достонии «Шоҳнома», ки Муиззӣ дар иртибот ба ситоиши салотини Салҷуқӣ ва амирону кабирони ин сулола ба ӯ ишора кардааст, Фаридун – аз барҷастатарин чеҳраҳои асотирии Эронзамин мебошад, ки аз табори Ҷамшед буда, бо ёрии Коваи оҳангар бар Заҳҳок ғолиб меояд ва ӯро дар кӯҳи Дамованд зиндонӣ карда, худ ба подшоҳии Эрон мерасад [136, с. 17140]. Дар тавсифи мамлакатдорӣ ва раиятпарварӣ Муиззӣ дар қасоиди хеш бештар ишора ба Фаридун мекунад ва баробари ситоиши Фаридун мамдуҳони хешро бартар аз мамлакатдории ӯ мешуморад. Аз ҷумла, дар қасидаи «Дар мадҳи Султон Санҷар» Султон Санҷар мисли Сулаймон бар аспи бодпой савор ва монанди Фаридун бо гурзи говсор ситуда мешавад:

Ҳастӣ ту чун Сулаймон бар аспи бодпой,
Ҳастӣ ту чун Фаридун бо гурзи говсор [31, с. 205].

Дар қасидаи дигар малик Санҷарро Фаридунфар ном мебарад:

Он шоҳи паямбардил аз ҷуд тавон гардид
Дар разм Сикандардил, дар базм Фаридунфар [31, с. 274].

Дар қасидаи «Дар мадҳи Тоҷиддин-хотун» мамдуҳи худро дар фатҳу зафар ба Фаридун монанд мекунад:

Аз ҳусни эътиқодаш шуд шаҳрёри одил
Дар мулк чун Сикандар, дар фатҳ чун Фаридун [31, с. 512].

Аз миёни ҳокимони маҳаллӣ Саидурруасо Абулмаҳосинро бори аввал «монанди Мусову Сулаймону Фаридун муқбил» [31, с. 555] ва дар ҷойи дигар «ба ахтар чун Фаридун ва ба толеъ чун Сулаймон» [31, с. 657] меҳисобад.

Дар қасидаи «Дар мадҳи Амир Исмоил Гелакӣ, амири Табас» мамдуҳи худро ба фар(р) монанди Фаридун мегӯяд:

Аё ба фар(р) Фаридуну сон сирати Сом,

Аё ба чеҳр Манучеҳру қуввати Қоран [31, с. 604].

Яке аз азизтарин шахсиятҳои «Шоҳнома» Сиёвуш – писари Кайковус мебошад, ки дар натиҷаи туҳмати модарандараш – Судоба ба Туронзамин, дар назди Афросёб паноҳ ҷуста, ба духтари ӯ – Фарангис издивоҷ мекунад ва ниҳояти кор ба таҳрики Гарсеваз – бародари Афросёб кушта мешавад [136, с. 13868]. Муиззӣ дар ашъори худ аз Сиёвахш танҳо як маротиба ёд мекунад. Дар ашъори шоир қасидае ба чашм мерасад бо унвони «Дар васфи шамшер ва мадҳи амир Алӣ ибни Фаромурз», ки дар он мамдуҳ чунин ситоиш мешавад:

Афросёбмулку Сиёвахшрӯзгор

Исфандёри даҳру Манучеҳри дудмон [31, с. 482].

Алӣ ибни Фаромурз нафаре буд, ки барои ба дарбори Маликшоҳ ворид гардидани Муиззӣ дасти кӯмак дароз карда буд. Бино бар ишораи Ҷалолиддин Ҳумоӣ, мамдуҳи Муиззӣ дар ин қасида Амир Алоуддавла Гаршосп ибни Амир Алии Фаромурз, домоди Маликшоҳ буд ва хоҳари аъёнии султон Муҳаммад ва Санҷар ибни Маликшоҳро дар иқди издивоҷ дошт ва дар ҷанги мобайни Барқиёруқ ва Тутуш ибни Алп Арслон, иттифоқан, бо ҳамроҳии Тутуш дар соли 488 ҳ.қ. ба қатл расид [263, с. 277].

Шахсияти дигари таърихии «Шоҳнома», ки аз ҷониби Муиззӣ дар қасоидаш ба ӯ ишора шудааст, яке аз подшоҳони Юнони қадим, Искандари Мақдунӣ, маъруф ба Искандари Зулқарнайн мебошад. Ӯ дар миёни подшоҳони Мақдунӣ Искандари севум аст, зеро ду Искандари дигар қабл аз ӯ бар тахти Мақдунӣ нишаста буданд, вале муаррихини аҳди қадим ӯро ғолибан Искандари писари Филип номидаанд [136, с. 2339]. Шоир дар яке аз қасоидаш, ки «Дар мадҳи

султон Маликшоҳ» унвон дорад, Маликшоҳро дар зебоӣ ба Ҷамшед ва дар фатҳу зафаророӣ ба Сикандар монанд мекунад:

Буҳтон ҳаме нагӯяд бар Исӣ ибни Марям,
Эй дар ҷамол чун Ҷам, дар фатҳ чун Сикандар [31, с. 495].

Дар қасидаи дигар Маликшоҳро шаҳаншоҳе муборак ҳамчун Сикандар баҳо медиҳад:

Шаҳаншоҳе муборак чун Сикандар,
Ҷаҳондоре ҳумоюн чун Сулаймон [31, с. 504].

Дар қасидаи «Дар мадҳи Султон Санҷар ва фатҳи Ғазнин» таъкид менамояд, ки ҷони Искандар ба Султон Санҷар менозад, зеро султони ҷаҳон Санҷар бар Искандар ифтихор дорад:

Бинозад ҷони Искандар ба султони ҷаҳон Санҷар,
Ки султони ҷаҳон Санҷар шараф дорад бар Искандар [31, с. 197].

Дар як қасидааш Султон Санҷарро дар разм Сикандардил [12, с. 482] ва дар ҷойи дигар дили Сикандар ва давлати Сулаймон [31, с. 626] меномад. Дар қасидаи дигар Тоҷиддин-хотун – модари Султон Санҷарро дар мамлакатдорӣ ба Сикандар ва дар фатҳу зафар ба Фаридун шабоҳат медиҳад:

Аз ҳусни эътиқодаш шуд шаҳриёри одил
Дар мулк чун Сикандар, дар фатҳ чун Фаридун [31, с. 512].

Шахсияти дигари таърихӣ дар «Шоҳнома» Нушервон ва ё Нушинравон аст. Аслан, ӯ Хусрави аввал аст, ки бо лақаби Анушервони одил маъруф буда, замони ҳукмронии ӯ дурахшонтарин давраи аҳди Сосонӣ маҳсуб меёбад. Дар ривоёти шарқӣ Хусрави аввал намунаи додгустарӣ ва ҷавонмардӣ аст [136, с. 3609]. Муиззӣ дар қасоиди хеш ҳангоми муаррифии мамдуҳони худ ҳангоми зикри сифатҳои додгустарӣ ва адлгустарӣ ҳатман аз Нушервон ёд мекунад ва дар бисёр ҳолатҳо салотину амирону кабирони Салҷуқиро дар додгарию бахшандагӣ ба Анушервон, подшоҳи одилу некноми бахши таърихии «Шоҳнома» муқоиса ва бар вай бартарӣ медиҳад. Аз ҷумла, дар қасидаи «Дар мадҳи султон Маликшоҳ» ӯро шоҳе мешуморад, ки ба хотири доду деҳишаш равони Нушервон ҳамеша ба ӯ дуруд мефиристад:

Ту он шаҳӣ, ки ҳамеша туро ба доду деҳиш

Ҳаме дуруд фиристад равони Нушервон [31, с. 489].

Дар қасидаҳое, ки дар мадҳи малик Санҷар суруда шудаанд, шоир ӯро дар адлу додгустарӣ ба Нӯшинравон [31, с. 334; 643] монанд карда, илова бар ин, ишора менамояд, ки бо назардошти он ки зи адли ту меш бо гург бо ҳам об хӯранд, ҷои он аст, ки туро Нушервон хонанд [31, с. 459]. Дар қасидаи «Дар мадҳи султон Барқиёруқ» ишора менамояд, ки аз Фаридуну Нушервон ман чӣ сухан кунам, ки дар мулкдорӣ ӯ аз Фаридун ва дар адлу дод аз Нушервон гузашааст:

Зи Афридуну Нушервон чи гӯям ман, ки бигзашт ӯ

Ба мулк андар зи Афридун, ба адл андар зи Нушервон [31, с. 531].

Муиззӣ ҳангоми ситоиши мамдуҳони маҳаллӣ низ ба Нушервон ишора менамояд. Аз ҷумла, дар қасидаи «Дар мадҳи Абусаҳл Абдураҳим – раиси шаҳри Рай» мамдуҳи худро дар арҷу комгорӣ ҷонишини Исфандёр ва дар адлу номдорӣ ҷонишини Нушервон ном мебарад:

Эй ба арҷу комгорӣ ноиби Исфандёр

В-эй ба адлу номдорӣ ноиби Нушервон [31, с. 576].

Аз шахсиятҳои марказӣ ва қаҳрамонҳои асосии «Шоҳнома», ки Муиззӣ ба ӯ хеле зиёд ишора менамояд, Рустам мебошад. Рустам – номовартарин қаҳрамони «Шоҳнома», фарзанди Золу Рӯдоба, набераи Гаршоспу падари Суҳроб мебошад. Дар қасидаи «Дар мадҳи Маликшоҳ» султонро дар ҷамол чун Ҷамшеду дар фатҳ чун Искандар шуморида, дар лашкари ӯ сесад ҳазор Рустамро мебинад. Замоне, ки лашкари султонро ба зурӣ чун Рустам меҳисобад, эътирофи бузургии Рустам аст:

Эй дар ҷамол чун Ҷам, дар фатҳ чун Сикандар,

Дар лашкари ту бинам сесад ҳазор Рустам [31, с. 450].

Дар қасидаи «Дар мадҳи малик Санҷар» таъкид месозад, ки агарчи аз раҳи ҳафт хон ба ҷуз Рустам паҳлавони дигар нарафта бошад ҳам, ҳар ҳунари ту чун Рустам ва ҳар асари ту ҳафт хони дигар аст:

Агарчи нарафт аз раҳи ҳафт хон

Ба ҷуз Рустам паҳлавоне дигар,

Зи ту ҳар ҳунар Рустаме дигар аст,

Зи ту ҳар асар ҳафт хоне дигар [31, с. 335].

Дар қасидаи «Дар мадҳи амир Фахриддин Тағоир ибни Алязан» ишора менамояд, ки ба хотири далерию мардонагият равони Соми Наримону ҷони Рустами Зар ба ту дуруд мефиристанд ва туро офарин мехонанд:

Туро дуруд фиристанду офарин гӯянд

Равони Соми Наримону ҷони Рустами Зар [31, с. 208].

Дар қасидаи «Дар мадҳи хоҷа Қавомулмулк Садриддин Муҳаммад ибни хоҷа Фахрулмулк» фазлу ҳақи соҳиби одил Қавомулмулк Садриддинро бар дудмони Фахримулк ба фазли Рустам дар дудмони Золи Зар монанд мекунад:

Ҳаст фазлу ҳақи ту бар дудмони Фахримулк

Ҳамчу фазли Рустам бар дудмони Золи Зар [31, с. 352].

Фаровонии корбурди номи Рустам дар муқоиса бо дигар шахсиятҳои достонӣ аз ҷониби Муиззӣ баёнгари он аст, ки паҳлавонӣ, диловарӣ ва ҷанговариҳои ин паҳлавони номвари ҳамосаи Эрон то чӣ мизон тавонистааст, андеша ва таваҷҷуҳи як шоири модеҳи Салҷуқиро ба худ ҷалб намояд ва саъй кунад бо зеҳнияти ормонгароии худ шахсиятҳои таърихиро ба паҳлавони ормонии «Шоҳнома» монанд созад.

Таъсиру нуфузи «Шоҳнома» дар шеъри аҳди Салҷуқӣ аз чанд ҷиҳати дигар қобили баррасии муфассалтар аст. Аз ҷумла, ишороти мустақиму ғайримустақим ба Фирдавсӣ ва «Шоҳнома», ишора ба шахсиятҳои асотирӣ, ҳаммосӣ ва таърихии «Шоҳнома», ишора ба мавҷудоти асотирӣ ва эътиқодоти асотирӣ муҳимтарин нишондиҳандаи нуфузи унсурҳои «Шоҳнома» дар шеъри давраи Салҷуқӣ маҳсуб меёбанд. Аз ҷониби дигар, новобаста аз сиёсати ҳукмронҳои мутлақи он замон, ки бештар осори бадеиро барои интишори нуфузи давлати худ истифода мебурданд, ҳатто аз миёни салотини Салҷуқӣ нафароне буданд, ки ба Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ иродати беандоза доштанд. Ба гузориши Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар «Таърихи гузида» Туғрали Салҷуқӣ, дар ҷанге дар

муқобили Текеши Хоразмшоҳ, ки кушта шуд, гурзе гарон дар даст буд ва дар пеши лашкар меронд ва бар одот ин абёти «Шоҳнома»-ро мехонд:

Чу з-он лашкари кашн бархост гард,
Рухи номдорони мо гашт зард.
Ман он гурзи якзахм бардоштам,
Сипаҳро ҳам он ҷой нагзоштам.
Хурӯше хурӯшидам аз пушти зин,
Ки чун осиё шуд бар эшон замин [28, с. 469-470].

Дар ин ҷо султон Туғрал ибни Арслон ибни Туғрал ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ дар назар аст, ки миёни солҳои 1177 – 1194 ҳукмронӣ кардааст. Ба иттилои Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, ӯ подшоҳе хубсурат, некусирати соҳибшавкати латифтабъ буд. Ашъори хуб дорад. Уламо ва аҳли фазлу шуароро тарбият фармудӣ ва инъомот кардӣ [28, с. 575].

Дар куллиёти шоир ашъоре низ ба мушоҳида мерасад, ки дар он Фирдавсиро бо вуҷуди бузургиаш дар офариниши «Шоҳнома» дар баъзан ҳолатҳо мавриди накуҳиш қарор медиҳад.

Ҳамин тавр, Муиззӣ дар девони худ 2 маротиба аз Фирдавсӣ, 6 маротиба аз «Шоҳнома», 19 маротиба аз Ҷамшед, 55 маротиба аз Фаридун, 50 маротиба аз Нушервон, 97 маротиба аз Искандар, 18 маротиба аз Афросёб, 1 маротиба аз Сиёвахш, 10 маротиба аз Кайхусрав, 1 маротиба аз Суҳроб, 1 маротиба аз Катоюн – модари Исфандёр, 75 маротиба аз Рустам, 30 маротиба аз Исфандёр ва шахсиятҳои дигари достонии «Шоҳнома» ёд кардааст. Ковус, Хусрави Парвиз, Баҳроми Гӯр, Сиёмак, Баҳман, Кайқубод, Доро, Ардашер, Ардавон ва бисёр дигарон аз ҷумлаи подшоҳоне ҳастанд, ки дар ашъори шоир ба онҳо ишора шудааст. Аз корбасти Муиззӣ аз паҳлавонони «Шоҳнома» бармеояд, ки вай аз тамоми қисматҳои «Шоҳнома» огаҳии комил дошта ва аз онҳо дар мавридҳои муносиб истифода кардааст. Андешаҳои Фирдавсӣ, паҳлавонон, подшоҳони устуравӣ, ҳаммосавӣ ва таърихии «Шоҳнома» ҷойгоҳи хоссе дар зеҳну тафаккури Амир Муиззӣ доштаанд ва вай бо огаҳӣ аз фарҳангу аносири миллии Эрон, дар натиҷагириҳои худ ва тавсифи мамдуҳони худ аз онҳо баҳра бурдааст.

Ин ҷо суоле пеш меояд, ки шеъри Фирдавсӣ назди мунтақидони қадим мисоли олии балоғат будааст [60, с. 76], пас ба чӣ хотир мавриди накуҳиши Муиззӣ қарор гирифтааст? Аксари муҳаққиқоне, ки ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ карданд, чун ин муносибати шоирро нисбат ба Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ дар робита ба вазифаи дарборӣ ва пайравиаш аз шоирони дарбори Ғазнавӣ донистаанд. Аз ҷумла, Шафеи Кадканӣ Муиззиро намунаи комили як шоири муваззаф ба мадҳу ситоишгарӣ мешуморад ва гӯё тасаввуре, ки аз шеър дошта, танҳо ҳамин кор буд ва аз ин рӯй, дар девони ӯ, бавижа, дар мадоеҳ, иғроқ дар авҷ аст ва ӯ на танҳо Фирдавсиро, ки мазҳари асотири эронист, мавриди сарзаниш ва дашном қарор медиҳад, балки Рустаму Исфандёр ва ҳар як аз рамзҳои миллиятро дар пойи амирони туркнажоди мамдуҳи хеш хору забун мекунад ва рамзҳои барҷастаи дини исломро низ дар пойи мамдуҳи хеш хору зору забун мекунад [153, с. 626].

Ба қавли Қанбарӣ, Муиззӣ дар боби Фирдавсӣ инони қаламро густохтар ҷаҳонида, ӯро ба лиҳози иғроқ ва муболиға дар шеър накуҳиш кардааст. Ҳол он ки, дар арсаи муболиға ва гардунаи ғулув худи Муиззӣ дар сафи аввал ҷой дорад ва ин маъно бо як нигоҳи сатҳӣ ба девони вай фарочашм меояд ва мақоми баланду соҳати боазамати Фирдавсӣ низ ончунон нест, ки бо хӯрдагириҳои инчунин костӣ пазирад [35, с. ҳафтод].

Ба қавли Абдулҳусайни Зарринкӯб, «бо чунин аҳвол ин, ки Муиззӣ қаҳрамонони «Шоҳнома»-ро ҳам дар муқобили мамдуҳи худ ба арҷ ҷилва диҳад ва мамдуҳро дар сифоти паҳлавонӣ аз номоварони устураҳои эронӣ ҳам бартар нишон диҳад, ғаробате надорад. Дарвоқеъ, аз як суннати мидҳатгарӣ, ки собиқи он ба Унсурию Фаррухию Манучеҳрӣ мерасад, пайравӣ мекунад ва ин кор ба ҳеҷ ваҷҳ як вижагии асри ӯ нест. Ҳатто таъризе ҳам, ки дар ҳаққи Фирдавсӣ дорад ва сареҳан ҳам ӯро дар он чи дар боби қаҳрамонони Шоҳнома гуфтааст, тахта мекунад, ибдои худи ӯ нест, идомаи як суннат аст, ки дар назди шоирони дарбори Маҳмуд ва Масъуди Ғазнавӣ ҳам собиқа дорад. Муқоисае ҳам, ки байни мамдуҳи худ бо мамдуҳи Фирдавсӣ дорад, ҷуз ба қасди чоплусию худситоӣ нест ва

шоирон аз қадиму ҷадид аз васвасаи чунин худситоиҳои мавзуёна бозмондаанд [146, с. 151].

Муиззӣ ҳам монанди шоирони дарбори Ғазнавӣ ба тараннуму таҷассуми анъанаҳои қаҳрамононаи миллии форсу тоҷик назари манфӣ дорад. Ин назари манфӣ ҳам дар давраи Ғазнавиён ва ҳам дар замони Салҷуқиён фақат фикри шахсии шоир набуд. Чунин муносибат нисбат ба ин анъанаҳо ва аз ин ҷо нисбат ба достонҳои ҳамосавӣ ифодаи сиёсати ҳукмронҳои мутлақи он замон буд, ки назмро барои интишори нуфузи давлати худ истифода мебурданд [92, с. 56].

М. Муллоаҳмадов пас аз омӯзиши адабиёти нимаи аввали асри XI, махсусан, рӯзгору ашъори Фаррухӣ ба чунин хулоса омадааст, ки дар ашъори шоирони нимаи аввали асри XI таънаву таҳқири қаҳрамонони «Шоҳнома» хеле зиёд ба назар мерасад. Ашъори онҳо ривояти зерро, ки дар «Таърихи Систон» дарҷ шудааст, ба хотир меорад: «Ва ҳадиси Рустам бар он ҷумла аст, ки Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» ба шеър кард ва бар номи султон Маҳмуд кард ва чандин рӯз ҳаме бархонд. Маҳмуд гуфт: «Ҳама «Шоҳнома» худ ҳеҷ нест, магар ҳадиси Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст». Булқосим гуфт: «Зиндагонии худованд дароз бод! Надонам андар сипоҳи ту чанд мард чун Рустам бошад, аммо ин донам, ки Худой хештанро ҳеҷ банда чун Рустам дигар наёфарид». Ин бигуфт ва замин бӯса карду бирафт» [178, с. 155].

Ба қавли М. Муллоаҳмадов, ситоишҳои пурмуболиғаву беэътиноӣ ба «Шоҳнома» ва қаҳрамононаш дар қасоиди Фаррухӣ ва муосиронаш хеле фаровон аст, ки бешубҳа, аз сиёсати давлати Ғазнавиён ва муносибати шоҳони Ғазнавӣ ба «Шоҳнома» маншаъ мегирад. Тавре ки баррасиҳо нишон медиҳанд, амирони сомонӣ сиёсати динию ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро бо ҳам пайваста, баробари тарғиби дини ислом ба барангехтани эҳсоси ватандӯстии мардум низ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуданд. Барои шоҳони Ғазнавӣ на андешаҳои ватандӯстию ифтихори миллӣ, балки мадҳу ситоиши корнамоиҳо ва футуҳоташон муҳим буд. Аз ин ҷост, ки «Шоҳнома» ба ҳадафҳои онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ созгор набуд ва сабаби қадр нашудани он ҳам дар ҳамин аст [178, с. 155].

Дарвоқеъ, сайри давовини Унсурию Фаррухӣ дарак аз он медиҳад, ки ин ду шоир ва махсусан Фаррухӣ, дар баробари тавсифи мамдуҳони хеш накуҳиши Фиравдсӣ ва қаҳрамонони сурудаи ӯро дар ашъори хеш раво донистаанд. Унсурӣ дар қасидаи «Дар мадҳи султон Маҳмуди Ғазнавӣ» чунин ишора менамояд:

Ҳикояти сафари Мултон ҳаме донӣ,
В-агар надонӣ «Тоҷ-ул-футуҳ» пеш овар.
Агар зи Даҷла Фаридун гузашт бе киштӣ,
Ба «Шоҳнома» мар инро ҳикоят аст самар.
Самар дуруст бувад, нодуруст низ бувад,
Ту то дуруст надонӣ сухан макун бовар.
Ба чашми хеш басе дидаам, ки шоҳи замин
Ба некӣ рӯзу ба некӣ ҷаҳишу нек ахтар [12, с. 132].

Унсурӣ офаридаи Фирдавсиро самар, яъне афсонае мехонад, ки барои достонгӯии шабҳои хоб аст, аммо ҳеч дарунмояи ҷиддӣ надорад. Унсурӣ мегӯяд, ки шояд ҳамаи достонҳои Фирдавсӣ нодуруст бошад, аммо диловарии Маҳмудро худ бо чашм дидам. Унсурӣ ва ҷамъи шоирони дарборӣ, ки зердасташ буданд, ҳамаи ин «диловариҳо»-и салотини Ғазнавиро тараннуму ситоиш мекарданд. Вазифаи асосии онҳо ҳамоно он буд, ки касонеро, ки ангезаҳои ростини Маҳмудро медиданд, водорашон созанд, ки ба чеҳраи Маҳмуди қаҳрамон ва муборизи роҳи ҳақ ва ғозиву кинхоҳе, ки онон сохта буданд, бовар кунанд.

Дар қасидаи ба фатҳи Суманот бахшидаи Фаррухӣ ин абёт омадааст:

Фасона гашту куҳан шуд ҳадиси Искандар,
Сухан нав ор, ки навро ҳаловатест дигар.
Фасонаи куҳану корномаи бадурӯғ
Ба кор н-ояд, рав, бар дуруғ ранҷ мабар.
Ҳадиси он ки Сикандар куҷо расиду чӣ кард,
Зи бас шунидан, гаштаст халқро азбар.
Агар ҳадиси хушу дилпазир хоҳӣ кард,
Ҳадиси шоҳи ҷаҳон пеш гиру з-ин магзар [65, с. 68].

Тавре мушоҳида мешавад, Фаррухӣ ҳадиси Искандарро афсонаи куҳнашуда ва суханони худро нав шуморида, фатҳу зафари хунини султон Маҳмудро бо ҳикояҳои бостон муқобил гузоштааст.

Фаррухӣ дар ҷойи дигар роҷеъ ба «Шоҳнома» ақидаи манфии худро баён карда, «Шоҳнома»-ро рӯирост дуруғ эълон мекунад:

Гуфто: Чун ӯ дигар ба ҷаҳон ҳеҷ шаҳ бувад.

Гуфтам: Зи ман мапурс, ба “Шоҳнома” кун нигоҳ.

Гуфто, ки «Шоҳнома» дурӯғ аст сар ба сар,

Гуфтам, ки рост гиру дурӯғ аз миён бикоҳ [65, с. 349].

Фаррухӣ дар ҷойи дигар таъкид менамояд, ки қиссаи Рустамро махон, зеро ҷое мисли фарзанди Маҳмуд – Масъуд марди майдон хезад, сухан аз Рустам қадр надорад:

Махон қиссаи Рустами Зовулиро

Аз ин пас, дигар ҳадисест, мангар.

Зи ҷое, ки чун ту малик мард хезад,

Кас он ҷо сухан гӯяд аз Русатми Зар [65, с. 150].

Тавре маълум аст, дар ашъори Фаррухӣ таҳқири «Шоҳнома» ва қаҳрамонони бостон, ки дар он суруда шудаанд, бештар мушоҳида мешавад. Дар маҷмуъ, суханони Унсурӣ ва Фаррухиро метавон гувоҳи рафтори душманонаи дарбориёни он даврон бо Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ шуморид.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки шоирони дарбори Ғазнавӣ, аз ҷумла Унсурӣ ва Фаррухӣ ба чӣ хотир бар зидди Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» -и ӯ киноятӯ бадгӯиҳо карда, қаҳрамониҳои салотини ғазнавиро дар муқобили қаҳрамонони «Шоҳнома» бартарӣ додаанд.

Е.Э.Бертелс роҷеъ ба масъалаи мазкур чунин изҳори назар кардааст, ки “шоирони дарбор дарёфта буданд, ки султон Маҳмуд аз манзумаи Фирдавсӣ хушнуд набуда, ҳатто онро зиёновар ҳам мешумурдааст. Аз ин рӯ, онҳо ҳамаи кӯшиши худро ба кор мебурданд, то садду банде дар роҳи густариши он падид оранд. Онҳо наметавонистанд, сӯйи адабии ин чакомаро накуҳиш кунанд. Барои инон осонтар ин буд, ки роҳи дигар бигиранд: «Шоҳнома»-ро афсонаи миёнтиҳӣ

ва пуч ҷилва диҳанд, ки шояд «бехабарони деҳотӣ»-ро саргарм кунад, аммо дархури нигариши шахсони ҷиддӣ нест» [109, с. 350].

Аз ҷониби дигар, накуҳиши пешиниён ва дар муқоиса бо ашъори худ дар дараҷаи нисбатан паст қарор додани сурудаҳои гузаштагонро метавон нишонаи фахру ғурури шоирона арзёбӣ кард, ки дар сурати ифтихор аз салотин, вазирону кабирон ва дигар аъзои салтанат қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, ин абёт, ки аз ҷониби Муиззӣ бо назардошти мавқеи ӯ дар дарбори салтанат оварда шудааст, ҳаргиз мақому манзалати Ҳаким Фирдавсиро дар арсаи оламшумули адабиёти тоҷику форс поин намебарад.

Илова ба шоирони асри Х, дар шеъри Муиззӣ таъсири шеъри нимаи аввали асри ХІ низ мушоҳида мешавад. Муиззӣ ба Унсурӣ ва шоири дигари тавонои ин давр – Фаррухӣ таваҷҷуҳи зиёде доштааст. Дар аксари қасидаҳои ӯ таъсири услуби ин ду шоир, махсусан, Фаррухӣ бараъло эҳсос мешавад.

Агар таъсири назми асри Х дар тағаззулоти Муиззӣ танҳо дар мазмун зоҳир шавад, шеъри нимаи аввали асри ХІ дар шаклу вазни қасидаҳои шоир низ нуфуз кардааст ва ӯ дар пайравии ашъори Фаррухӣ ва Унсурӣ, махсусан, ба бисёр қасидаҳои ин ду шоир ҷавобияҳо навиштааст.

Муиззӣ дарвоқеъ сабки ононро пайравӣ кардааст ва қасоиди ӯ хоҳ аз ҳайси мавзуъ ва хоҳ аз ҳайси алфоз қасоиди Фаррухиро ба назар меоварад ва ағлаб саёҳати мобайни сабкҳо комилан зоҳир мешавад. Монанди қасидае, ки дар мадҳи Умедуддавла Ҷамшед ибни Баҳманёр, вазири Форсу Исфаҳон сохта ва он қасидаи маъруфи Фаррухиро ки бо матлаи:

Баромад нилгун абре зи рӯйи нилгун дарё,
Чу рои ошиқон гардон, чу табъи бедилон шайдо [65, с. 1]

суруда, мутазаккир месозад. Амир Муиззӣ дар қасидае, ки чанд байт аз он барои муқоиса нақл мешавад, гуфта:

Баромад соҷгун абре зи рӯи нилгун дунё,
Бухори маркази хокӣ, ниқоби қуббаи хазро.
Чу пайвандад ба ҳам гӯӣ, ки дар дашт аст симое,
Чу аз ҳам бигсалад, гӯӣ магар киштист дар дарё… [31, с. 40].

Муиззӣ дар доираи як мавзуъ ва як вазн ба Фаррухӣ ҷавобия навишта, бо пайравӣ дар услуб ва сабк назираи хеле назаррас иншо намудааст. Дар баробари ин, Муиззӣ дар тасвири абр ташбеҳот ва образҳои нав офаридааст, ки онҳо аз ҳар як мисраъ ва байт бараъло мушоҳида мешаванд.

Таъсири тағаззулоти Фаррухӣ ба тағаззулоти ишқияи Муиззӣ низ назаррас аст. Баъзан бо душворӣ пайхас мешавад, ки тағаззулоти мавриди назар дар пайравии Фаррухӣ навишта шуда бошанд. Муиззӣ пайравии моҳирона кардааст, ки кас дар тағаззули ҷавобия будани онҳо шубҳа мекунад. Дар ин боб танҳо як тағаззули Фаррухӣ ва Муиззиро ихтисоран меорем.

Фаррухӣ:

Сиёҳчашмо, меҳри ту ғамгусори ман аст,
Ба рӯзгори хазон рӯйи ту баҳори ман аст.
Дилам шикори сиёҳчашмакони тусту равост,
Аз он ки ду лаби ширини ту шикори ман аст.
Ба меҳри ту дили манн вомдори суҳбати туст
Лаби ту боз басе бӯса вомдори ман аст…
Агар ту моҳӣ, гардуни ту сарои ман аст,
Агар ту сарвӣ, бӯстони ту сарои ман аст…. [65, с. 48].

Муиззӣ:

Суманбаро, санамо, ёри ғамгусори манӣ,
Ситораи сипаҳӣ, офтоби анҷуманӣ...
Зи ошиқон манам андар ҷаҳон, ки они туам,
Зи дилбарон туӣ андар ҷаҳон, ки они манӣ.
Ба рӯй хуб шудӣ чун паямбари чоҳӣ,
Магар паямбари чоҳӣ туӣ, ки чаҳзақанӣ?! [31, с. 707].

Ғайр аз ин, дар ашъори Муиззӣ як қатор тағаззулот ба назар мерасад, ки ба рафтани моҳи рамазон ва фаро расидани ид бахшида шудаанд. Маҳз дар ҳамин тағаззулҳо таъсири пурзӯри тағаззулоти Фаррухӣ эҳсос карда мешавад. Дар ин робита Мирзо Муллоаҳмадов таъкид менамояд, ки «Фаррухӣ рафтани моҳи

рамазонро бо як истеҳзои мутоибаомез тасвир намуда, аз поён ёфтани рӯза ва фаро расидани овони шодкомӣ изҳори хурсандӣ мекунад» [177, с. 55].

Бешубҳа, дар баёни матлаб ҳунари шоирии Муиззӣ аз Фаррухӣ камӣ надорад. Фаррухӣ:

Рамазон рафту раҳе дур гирифт андар бар,
Хунук он, к-ӯ рамазонро ба сазо бурд ба сар.
Бас гиромӣ бувад ин моҳ, валекин чӣ кунам,
Рафтани рафта беҳу рӯй ниҳодан ба сафар…
Рамазон пире бас чобуку бас бохирад аст,
Кори бихрад ҳама зебо буваду андарх(в)ар.
Ӯ шунидаст, ки бисёрнишинро гӯянд:
Дер биншаст бари мову ҳамехӯрд ҷигар… [65, с. 104].

Матлаи тағаззули Муиззӣ чунин аст:

Рамазон шуд чу ғарибон ба сафар бори дигар,
Ин-т фаррух шудану ин-т ба ҳангоми сафар ...
Бар ту иди рамазон фарруху фархундаву хуш,
Меҳргон хуштару фархундатару хуррамтар [31, с. 217].

Дар баробари ин, Муиззӣ Фаррухиро ба некусуханӣ ситуда ва бархе аз абёт ва ё мисраъҳои ҷудогона аз қасоиди ӯро тазмин кардааст:

Ман дил бад-ӯ диҳам, ки хато гуфт он ки гуфт:
Ҳаргиз мабод кас, ки диҳад дил ба лашкарӣ [31, с. 651].

Дар ҷойи дигар, дар қасидаи «Дар мадҳи Муайядуддин Абулқосим Муинулмулк» гӯяд:

Байте зи шеъри Фаррухӣ андар мадеҳи ту
Тазмин ҳамекунам, ки бад-он байт дархурӣ:
Номат набишта нест, куҷо номи бад бувад
В-он ҷо, ки номи нек бувад садри дафтарӣ [31, с. 652].

Муиззӣ нисбат ба маҳорати суханварии Фаррухӣ ва Унсурӣ таваҷҷуҳи беандоза дорад ва ин боис гаштааст, ки Муиззӣ дар қаламрави лафзу маънӣ бисёр аз эшон омӯзад. Тазмини бешумори Муиззӣ аз шеъри Фаррухӣ аз шефтагии ӯ

нисбат ба шеъри Фаррухӣ шаҳодат медиҳад. Муиззӣ борҳо аз комёбӣ ва бархурдории худ дар дарбори Салҷуқиён ва ҳатто ҳавошии дарбори онон ёд кардааст, чунонки дар мадҳи саидулруасо Муинулмулк ӯро бахшандатар аз мамдуҳи Фаррухии Сиистонӣ муаррифӣ кардааст:

Шукри Бубакри Қаҳистонӣ бигӯяд чанд ҷой
Фаррухӣ дар шеърҳои хуштар аз оби зулол.
Ман нахоҳам хештанро Фаррухӣ, лекин туро
Сад чу Бубакри Қаҳистонӣ шиносам дар навол.
Хештанро з-он нахоҳам Фаррухӣ, к-аз рӯйи ақл
Дар мадеҳи ту ҳам аз ман мадҳи ман бошад муҳол.
То саворам бар маонӣ, маркаби табъи маро
Ҳаст дар майдони мадҳи ту ҳамасола маҷол [31, с. 427].

Ва:

Зи Бубакри Қаҳистонӣ ҳаме ёд оварад ҳар кас,
Ки як раҳ Фаррухиро ӯ ба неъмат дошт арзонӣ.
Зи бас симу зару ҷома, ки ту додӣ Муиззиро,
Ба хок андар фикандӣ номи Бӯбакри Қаҳистонӣ [31, с. 657].

Ва ё:

Чун Қаҳистонӣ туро чокар басе дар меҳтарӣ
Пеши ту чун Фаррухӣ дар шоирӣ чокар маро [31, с. 54].

Тавре ба назар мерасад, Муиззӣ ба шеъри Унсурӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Аз муқоисаи девони ин ду шоир маълум мешавад, ки Муиззӣ бештар ба санъатҳои шеърии қасоиди Унсурӣ пайравӣ мекардааст. Масалан, Унсурӣ қасидае дорад дар мадҳи Амир Наср ибни Носириддин Сабуктегин, ки аз оғоз то анҷом бо суолу ҷавоб навишта шудааст. Ин қасида бо байтҳои зерин шуруъ мешавад:

Ҳар суоле, к-аз он лаби сероб
Дӯш кардам, бидод ҳама ҷавоб.
Гуфтамаш ҷуз шабат нашояд дид,
Гуфт: Пайдо ба шаб бувад маҳтоб.

Гуфтам: Аз ту ки бурда дорад меҳр,

Гуфт: Аз ту кӣ бурда дорад хоб… [12, с. 7].

Муиззӣ дар зери таъсири ин шеър ду қасида офаридааст, ки бо абёти зерин шуруъ мешаванд:

Гуфтам: Маро бӯса деҳ, эй моҳи дилситон,

Гуфто, ки моҳ бӯса киро дод дар ҷаҳон?!

Гуфтам, ки мадҳгӯю санохони ӯ басест,

Гуфто: Чун ту нест саногӯю мадҳхон.

Гуфтам: Чунин қасида кас аз шоирон нагуфт

Гуфто, ки гуфт Унсурӣ – устоди шоирон.

Гуфтам, ки он қасида бадеъ асту нодир аст,

Гуфто, ки ин қасида басе беҳтар аст аз он.

Гуфтам ба ақл дӯш, ки ё аҳсан-ус-сувар,

Гуфто: Чӣ гуна ёфтӣ аз ҳусни ман хабар? [31, с. 383].

Ғайр аз ин, Унсурӣ чанд тағаззуле дорад, ки дар васфи шамшеру шароб навишта шудаанд ва Муиззӣ ба ин қасидаҳо чандин назираҳо навиштааст. Аз ин метавон хулоса кард, ки дар ташаккули завқу салиқаи шоирӣ ва эҷодиёти Муиззӣ саҳми гузаштагон хеле назаррас аст ва шеъри ӯ аз таъсири сабку услуби шеъри онон бебаҳра намондааст.

Тазмини абёт ва ё мисраъҳои ҷудогонаи Унсурӣ низ дар ашъори Муиззӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар қасидаи «Дар мадҳи султон Маликшоҳ» чунин меорад:

Унсурӣ Маҳмудро гуфтаст шеъре ҳамчунин:

То ҳаме ҷавлони зулфаш гирди лолистон бувад [31, с. 144].

Дар ҷойи дигар менависад:

Дар миёни куфру дин шамшери ту садде қавист,

Дар ту он гӯям, ки дар Маҳмуд гӯяд Унсурӣ:

Садди ту шамшери туст андар муборак дасти ту,

Ку Сикандар гӯ биё то садди мардон бингарӣ [31, с. 643].

Дар қасидаи «Дар мадҳи Амир Арслон Арғун» чунин ишора менамояд:

Ҳамчунон шеъре, ки дар Маҳмуд гӯяд Унсурӣ:

Меҳргон омад, гирифта фолаш аз некӣ мисол [31, с. 412].

Дар ҷойи дигар ашъори Унсуриро дар покизагӣ аз дурри самин бартар мешуморад:

Ба ёдам омад байте, ки Унсурӣ гӯяд,

Ба лафзу маънӣ покизатар зи дурри самин.

На ман ба тазмини мадҳаш ҳаме биороям,

Ҳаме ба мадҳи вай ороста кунам тазмин [31, с. 562].

Дар қасидаи «Дар мадҳи Шарафиддин Муҳаммади шайхулислом» дар сурудани ашъор худро аз Унсурӣ кам намедонад:

Он чи Сурӣ кард з-асрори карам бо Унсурӣ

Зикри он боқист, то боқист айёму лаёл.

Ман бад-ин давлат ба шеър аз Унсурӣ камтар наям,

Ту басе афзунӣ аз Сурӣ ба эҳсону навол [31, с. 425].

Ҳамзамон дар қасидаи «Дар мадҳи Муайядуддин Абулқосим Муинулмулк» бо таассуф ишора менамояд, ки Унсурӣ бо назардошти дарнаёфтани асри рӯзгори ту пайваста дареғ мехурад:

Аз баҳри он ки асри ту андар наёфтаст,

Пайваста бо дареғ бувад ҷони Унсурӣ [31, с. 652].

Дар як қитъаи худ, ки вобаста ба фатҳи шаҳри Ғазнин аз ҷониби Санҷар сурудааст, шоир атоҳои гирифтаи худро нисбат ба атоҳое, ки султон Маҳмуд ба шоирони дарбори худ медодааст, бартар мешуморад:

Кардам андар фатҳи Ғазнин соҳирӣ дар шоирӣ,

Кард пургавҳар даҳонам подшоҳи гавҳарӣ.

Дасти родаш дар даҳонам дурри дарёӣ ниҳод,

Чун биборид аз забонам пеши ӯ дурри дарӣ.

Подшоҳ бахшид ба шоир зару дебову қасаб,

Ӯ маро ин ҳар се бахшиду ҷавоҳир бар сарӣ.

Дар канорам дурру фирӯза-сту лаъл аз ҷуди ӯ,

Дар висоқам ҷомаи румию зарри ҷаъфарӣ.

Ҳаргиз аз Маҳмуди ғозӣ ин ато кай ёфтанд
Зайнабию Асҷадию Фаррухию Унсурӣ?!
Гар занад аз ҷуди маҳмудӣ ба гетӣ достон
Гашт ботил ҷуди маҳмудӣ зи ҷуди санҷарӣ [31, с. 711-712].

Тавре ба назар мерасад, дар ташаккули маҳорати эҷодӣ ва қареҳаи шоирии Амир Муиззӣ ашъори шоирони сабки хуросонӣ, аз ҷумла, Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ ва Унсурӣ хеле бузург аст. Барои таъйини сабки эҷодии шоир таваҷҷуҳ ба мухтассоти сабки хуросонӣ, ки шоирони мазкур дар ҳамон шева суханронӣ кардаанд, муҳим мебошад.

2.2.5. Робитаи ҳамзамонон бо Муиззӣ

Чунонки аз мабоҳиси қаблӣ маълум шуд, дар давраи Муиззӣ рушди адабиёти дарборӣ дар яке аз марказҳои адабии давлати Салҷуқиён – шаҳри Марв бештар назаррас буд. Дар ин муҳити адабӣ шоирони зиёде фаъолият доштаанд, ки Муҳаммад Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» роҷеъ ба як саду шаштои онҳо маълумот додааст. Аз ин маълумоти оморӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки дар замони Салҷуқиён аксарияти шуаро дар Хуросон ҷамъ омада буданд ва аз марказҳои адабии мавҷуда ҳавзаи адабии Хуросон муқтадиртар будааст. Дар навбати худ, дар Хуросон якчанд доираҳои адабӣ фаъолият доштанд: марокизи адабии Нишопур, Ҳирот, Марв, Балх ва ғайра. Амир Муиззӣ бо истифода аз мақом ва вазифаи ишғолнамудаи худ бисёр шоирони соҳибсуханро ба дарбор ҷалб мекард ва, идораи ҳавзаи адабии дарбор низ ба уҳдаи ӯ қарор дошт.

Мувофиқи иттилои Авфӣ, бисёр шоирони маъруфи он замон, аз қабили Адиб Собири Тирмизӣ (1078-1147), Анварии Абевардӣ (1106-1187), Футуҳии Марвазӣ (асри XII) ва дигарон дар дарбори Султон Санҷар хидмат мекарданд ва оғози фаъолияти эҷодии онҳо ба солҳои фарҷоми рӯзгори Муиззӣ рост меояд. Шоирони дигар, аз қабили Шаҳобуддин Абулҳасани Талха, Самеии Марвазӣ, Ҳаким Ғаззолии Марвазӣ, Фақеҳии Марвазӣ ва дигарон дар Марв зиндагӣ ва эҷод мекарданд ва бевосита зери таъсири Амир Муиззӣ қарор доштанд.

Симати Муиззӣ ҳамчун маликушшуарои дарбори Салҷуқӣ ба ӯ имкон фароҳам меовард, то бо шоирони муосири худ муносибати наздик дошта бошад. Як далели қавӣ он аст, ки қасидаҳои мадҳӣ дар назди султон баъди азназаргузаронии амирушшуаро Амир Муиззӣ қироат мешуданд. Низомии Арӯзии Самарқандӣ низ, чи хеле ки қаблан ёдовар шуда будем, то ба Маликшоҳ пешниҳод намудан қасидаи худашро ба Муиззӣ нишон дода, аз ӯ иҷозат гирифтааст [60, с. 65]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҳатто шоирони машҳури Мовароуннаҳр низ кӯшиш мекардаанд, ки иртиботи худро бо сардори мактаби шоирони Салҷуқиён нигоҳ дошта, аз лутфу меҳрубониҳои ӯ бархурдор бошанд.

Аз шоирони ҳамрӯзгори худ Муиззӣ Масъуди Саъди Салмонро ситуда ва ба ӯ арҷ гузоридааст:

Дар маҷлиси бузургон холӣ мабод ҳаргиз
Пирояи бузурги Масъуди Саъди Салмон.
Он шоири суханвар, к-аз назми ӯ накутар
Кас дар ҷаҳон каломе нашнид баъди Қуръон [31, с. 710].

Дар қитъаоташ низ аз Масъуди Саъд ба некӣ сухан мегӯяд:

Шариф хотири Масъуди Саъди Салмонро
Мусаххар аст сухан чун парӣ Сулаймонро.
Насиҷваҳдаҳ, ки нав ҳуллае диҳад ҳар рӯз
Зи коргоҳи сухан боргоҳи султонро.
Зи шодии адабу ақли ӯ ба дори салом
Ҳама саломату саъд аст Саъди Салмонро.
Агар далели бузургист фазл, пас на аҷаб,
Ки ӯ далели бузургист фазли Яздонро [31, с. 706].

Муиззӣ дар муносибат ба шоирони пешин ба таври мухталиф изҳори андеша менамояд. Аз ҷумла, дар баъзе ҳолатҳо аз дунболи шеваи шоирони қаблӣ рафта ва аз онҳо пайравӣ карда, мувофиқи хоҳишу дархурди завқ эшонро ошкоро ситоиш менамояд. Дар баробари ин, то андозае худро дар қиёси суханварони эътирофкардааш оҷиз вонамуд месозад. Баъзан накӯҳиши шоирони пешин низ аз ҷониби Муиззӣ ба назар расидааст. Агар аз бузургони пешин ба некӣ ёд кардан,

аз ашъори онҳо тазмин кардан нишонаи эҳтироми эшон бошад, дар баъзе мавридҳо накуҳиш намудани онҳо ва дар муқоиса бо ашъори худ дар дараҷаи нисбатан паст қарор додани сурудаҳои гузаштагон нишонаи фахру ғурури шоирона арзёбӣ мегардад.

Аз дигар шоирони ҳамасри Муиззӣ ҳаким Усмон Мухтории Ғазнавӣ мебошад, ки ба Муиззӣ иродате тамом дорад ва ӯро Хоҷаи шуарои рӯзгор меҳисобад:

Худ Муиззӣ, ки хоҷаи шуарост,
Мадҳпирои Саидурруасост [263, с. 254].

Бо вуҷуди ин дар баъзе ҳолатҳо дар табъу завқи шоирӣ худро аз Муиззӣ муаззам шуморидааст:

Дар шеър зиёдатӣ ҳамеҷӯяд
Бар табъ Муиззии Хуросонӣ.
Хусрав шарафи Муҳаммадӣ дорад
В-ин банда маҷоли табъи ҳасонӣ.
В-ин шеър гувоҳ бин дар ин маънӣ,
Аз ҳукми шариатию девонӣ [263, с. 327-328].

Ҳумоӣ дар шарҳи ин абёт чунин менависад: «Чун Амир Муиззиро дар муосирони худ меъёри барояти устодӣ дар шеъру шоирӣ медонад, бо вуҷуди бартарӣ бар ҳамасронаш боз ба тараққӣ ва пешрафти худ умедвор аст, чандон ки пояи сухандонии ӯ аз «Муиззӣ» низ болотар бирасад, яъне итстеъдоди онро дорад, ки бад-он мартабат ноил гардад, на ин ки лофи зиёдатию бартарӣ бар вай дошта бошад ва бад-ин сабаб «ҷӯяд» гуфтааст на «дорад» [263, с. 328].

Иқболи Оштиёнӣ [33, с. Зе], Носири Ҳирӣ [31, с. 14] ва Ҷарбазадор [32, с. Зе] бо овардани муқаддимаи Аббос Иқбол байти аввали қасидаи мазкурро дар муқаддимаи девони Муиззӣ ва Сафо дар «Таърихи адабиёти Эрон» [212, с. 513] оварда, онро аз Сайид Ҳасани Ғазнавӣ донистаанд. Ин иштибоҳ ба «Таърихи адабиёти форсӣ»-и Ҳермон Эте низ роҳ ёфтааст [280, с. 107]. Вале, воқеан, ин байт аз қасидаи маъруфи Мухторист, ки дар мадҳи Хоҷа Бӯалӣ Абдулло суруда

шудааст [37, с. 348-349]. Дар баробари ин, Ҷалолиддин Ҳумоӣ ишора менамояд, ки қасидаи Муиззӣ ба матлаи:

Эй тозатар аз барги гули тоза ба бар бар,
Парварда туро хозини фирдавс ба бар бар

-ро истиқбол аз қасидаи

Эй силсилаи мушк фиканда ба қамар бар
В-эй қуфли зумаррадзада бар дурҷи гуҳар бар

-и Мухторӣ медонем, зеро ҳамин қасидаро бо ҳамин мисраи аввал, чунонки гузашт, Масъуди Саъд истиқбол кардааст. Муиззӣ дар поёни қасида мегӯяд:

Шеърет фиристод бад-он гуна, ки гуфтанд:
Наврӯз фароз омаду идаш ба асар бар

нишон медиҳад, ки Муиззӣ қасидаро истиқбол карда, вале мисраи Муиззӣ дар қасидаи Мухторӣ нест. Вале баъид намедонад, ки қасидаи мавҷуд дар девони Мухторӣ ноқис бошад, чунонки Мухторӣ аз қасидаи Муиззӣ истиқбол ва шеъре аз ӯро тазмин карда ва мегӯяд:

Як байти Муиззӣ, ки маро беҳ зи ду байт аст,
Дар охири мадҳат ба дуо кардам тазмин.
Бар натъи зафар бод сари теғи ту чун кӯҳ
Шоҳони мухолифро шаҳ мот ба натъин.

Ин байт дар девони Амир Муиззӣ дида нашуд ва тасаввур меравад, марбут ба қасидае ба матлаи:

Дар зулфи ту гӯӣ, ки фиканд, эй санами Чин,
Чандон зи раҳи ҳалқаву чандон зи раҳи чин

бошад, ки дар девон ин байт соқит аст. Ва чун ин байт дар девони Муиззӣ ёфт нашуд ва бо ин ки қофия ғалат ба назар мерасад, иҷборан ба ҳамон сурати мавҷуд дар девони ҳозир сабт шудааст [263, с. чиҳилу шаш].

Аз абёти боло бармеояд, ки таваҷҷуҳи Мухторӣ ба ашъори Муиззӣ зиёд будааст ва ӯ қобилияту завқи шоирии худро бо Муиззӣ муқоиса намудааст. Ҳамзамон, аз шоирони муосираш Муиззиро қодиру тавоно медонад ва метавон гуфт, ки танҳо дар осори мавҷуди Мухторӣ фақат аз ашъори ӯ тазмин кардааст.

Ғайр аз ин, монандии вазну қофияи баъзе аз ашъори ин шоирон низ дар девони онҳо мушоҳида мешавад. Мухторӣ аз истеъмоли луғоти мушкилу дур аз зеҳн дурӣ меҷӯяд ва мекӯшад, бо забони роиҷи рӯз маонию таъбироту истиороти бикру тозае бисозаду ба кор барад. Ба ин мавзуъ ишора карда, дар баробари ин, таваҷҷуҳи зиёд доштани худро ба шеъри Муиззӣ ва як шоири дигари ин аср – Азрақии Ҳиравӣ собит месозад:

Ман порсизабонам аз он кардам эҳтироз
З-он тозие, ки ханда зананд аз мураббақӣ.
Гардам ҳаме ба гирди суханҳои дилфиреб,
Дар орзуи шеъри Муиззию Азрақӣ [37, с. 31].

Азрақии Ҳиравӣ (ваф.1133) шоири хушқариҳаву бомаҳорати касбии дарборӣ мебошад, ки дар нимаи дуюми асри XI ва ибтидои асри XII зиндагӣ ва фаъолият кардааст. Аз ашъораш ҳам пайдост, ки Азрақӣ ҳатто дар даврони зиндагиаш дар силки бузургтарин шоирони нуктапардоз ҷойу мақоми шоистаеро соҳиб будааст. Азрақии Ҳиравӣ ба сифати шоири касбии дарбори Салҷуқиён, асосан, Туғоншоҳ ибни Алпарслони Салҷуқӣ (1073-1132) – мири Хуросонро мадҳ гуфтааст.

Муҳаммад Авфӣ дар мавриди Азрақӣ ишора менамояд, ки «агарчи ӯ дар муддат бар Муиззӣ собиқ буд, аммо чун Муиззӣ дар мартабат пеш аз ӯ буд ва ҳарду ба якдигар қарибулаҳд буданд» [3, с. 88] .

Сайид Ҳасани Ғазнавӣ мулаққаб ба Ашраф Муиззиро ба некуӣ ситоиш мекунад:

Зи мадҳи ӯву фатҳи ту, ки ҳаст он булбулу ин гул,
Чамад табъи Муиззиву ниёзу ҷони Искандар [16, с. 89].

Ҳамзамон, дар қасидае, ки ба иктифои Муиззӣ дар мадҳи Хусравшоҳ суруда, хитоб ба мамдуҳ мегӯяд:

Худ ҳукм ту кун, к-ин беҳ ё шеъри Муиззӣ,
К-эй бар суман аз мушк ба амдо зада холе [16, с. 190].

Аммо Сайид Ҳасани Ғазнавӣ дар қасидае дар мадҳи Маҳмуди Буғрохон зимни ситоиш аз худ ғазалҳои Муиззиро арҷ мениҳад:

Шаҳрёро, манам он баҳр, ки дасту қаламам
Офаринишро дар гавҳару зевар гиранд.
Тозию порсӣ муъҷизам аз боғи улум
Хушкшохест, ки дар боғи гули тар гиранд.
Мадҳи Масъуду ғазалҳои Муиззиро халқ
Гарчи бо оташу бо об баробар гиранд.
Рӯй дардузданд аз шарм, агар оина
Пеши он ду санами шоҳиди дилбар гиранд… [16, с. 57-58].

Қаблан бо натиҷагирӣ аз андешаи муҳаққиқон дар хусуси муносибати Анварӣ нисбат ба Муиззӣ ибрози назар кардем. Ин ҷо ба паҳлуи дигари масъала таваҷҷуҳ мекунем. Анварии Абевардӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки ба Муиззӣ назари боэҳтиром дошта ва аз шеъри вай бо икром ёд кардааст. Масалан, дар қасидаи «Дар мадҳи Камолиддин Абу Саъд Масъуд ибни Аҳмад ал-Муставфӣ» номи ӯро ба эҳтиром бурдааст:

Бубин, ки мир Муиззӣ чӣ хуб мегӯяд
Ҳадиси ҳаёти пинуву шакли каъби ғизол [1, с. 286].

Ишораи Анварӣ ба шеърест, ки Амир Муиззӣ дар ситоиши Абусаъд ибни Ҳинду сурудааст ва дар он ин байтро овардааст:

Чу каъбулғизол аст пину, валекин
На бо таъми каъбулғизол аст пину [31, с. 619].

Анварӣ дар қасидаи «Дар мадҳи Соҳиб Маҷдудин Абулҳасан Имронӣ» ду байти Муиззиро тазмин кардааст:

Лоиқи ҳоли худ аз шеъри Муиззӣ як-ду байт
Шояд ар тазмин кунам, он ҳаст тазмине савоб:
«Андар ин мидҳат, ки будастам зи дидори ту фард,
Ҷуфт будам бо шаробу бо кабобу бо рубоб.
Буд ашкам чун шароби ноб дар зарин қадаҳ,
Нола чун зери рубобу дил бар оташ чун кабоб» [1, с. 80].

Дар қасидаи «Дар мадҳи мироби Марв Соҳиб Саид Садриддин Низомулмулк» байте дорад роҷеъ ба маҷҳул будани қадру қимати одамӣ дар ватан:

Ба шаҳри хеш - дарун бехатар бувад мардум,

Ба кони хеш-дарун бебаҳо бувад гавҳар [1, с. 202].

Дар асл ин байт бо гирифтани мазмуни яке аз абёти Муиззӣ:

Мардум ба шаҳри хеш надорад басе хатар,

Гавҳар ба кони хеш надорад басе баҳо [31, с. 36]

аз қасидаи «Дар мадҳи Шарафулмулк Абусаъд Муҳаммад ибни Мансур» ва байти

Камбаҳо бошад ба баҳри хеш дурри шоҳвор,

Камхатар бошад ба шаҳри хеш марди номвар [31, с. 350]

аз қасидаи «Дар мадҳи хоҷа Қавомулмулк Садриддин Муҳаммад ибни хоҷа Фахрулмулк» суруда шудааст, гарчанде Саъид Нафисӣ [1, с. 202] ва Шиблии Нуъмонӣ [189, с. 208] ин рафтори Анвариро сирқати шеъри Муиззӣ номидаанд.

Фозилӣ Муҳаммад ва Муҳсин Шарифӣ низ дар мақолаи «Баррасии ибтидол ва сирқоти адабӣ дар девони Муиззӣ» ишора менамоянд, ки «бо баррасии девони вай (Анварӣ – Ҳ.Ф.) маълум мешавад, ки ӯ худ аз мутатаббуони ашъори Муиззӣ будааст ва тибқи он чи дар зер меояд, ба рӯнависӣ ва сирқати мазмуну вожагони вобаста ба қофияи байте аз Муиззӣ пардохтааст. Муиззӣ ду қасидае муҷаззо дорад, ки дар мақтаи ин ду қасида, ки дар як вазну қофия суруда, ду байти зерро бо андак ихтилофе овардааст:

Ҷаҳон мусаххари ҳукми туву замона мутеъ,

Қазо ғулому қадар бандаву фалак чокар.

Ва:

Ҷаҳон мутобеи ройи туву замона мутеъ,

Қазо ғулому қадар бандаву фалак чокар.

Анварӣ аз татаббуоте, ки аз каломи Муиззӣ дошта, абёте мушобеҳ бо ду байти мазкур суруда, ки мисраи дуюми он тақрибан рӯнависии ӯ аз шеъри Муиззист:

Туро сазад, ки бувад гоҳи тоату фармон

Фалак ғулому қазо бандаву фалак чокар.

Дар намунаи дигар музоф бар мисраи дуюм, мисраи аввали байт низ мутаассир аз маъно ва вожагони шеъри Муиззист. Бо ин тафовут, ки Муиззӣ замонаро мутеи мамдуҳ хонда ва Анварӣ ҷаҳонро, Муиззӣ ҷаҳонро тобеи мамдуҳ гуфта ва Анварӣ фалакро:

Ҷаҳон мутеъу фалак тобею ситора ҳашам,

Замон ғулому қазо бандаву қадар чокар» [248, с. 141].

Аз шоирони ҳамзамони дигари Муиззӣ ҳаким Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноӣ мебошад. Чунонки аз мутолиаи ашъори Саноӣ бармеояд, вай дар иртибот ба марги Муиззӣ се марсия сурудааст, ки қаблан ёд шуда буд. Саноӣ, ҳамзамон ба истиқболи қасидаи Муиззӣ «Дар мадҳи амир Дод Абушуҷои Ҳабашӣ ибни Олтинтоқ», ки бо байти:

Эй тозатар аз барги гули тоза ба бар бар

Парварда туро дояи фирдавс ба бар бар [31, с. 228].

шурӯъ мешавад, қасидае зери унвони «Дар мадҳи Султон бани Одам моликрикоб Амам Саид Мулуки Арабу Аҷам Яминуддавла ва Аминулмалла Абулмузаффар Баҳромшоҳ ибни Масъуд Халидуллоҳ Малика ва султона» месарояд, бо матлаи:

Эй хандазанон бӯс ту бар тангшакар бар

В-эй танзкунон нӯш ту бар ранги гуҳар бар [64, с. 249],

ки бо танзими мисраи аввали қасидаи Муиззӣ анҷом меёбад:

Рӯйи ту чунон тоза, ки гӯяд хираду ҷон

«Эй тозатар аз барги шули тоза ба бар бар» [64, с. 252].

Дар баробари ин, дар ғазалҳои худ татаббуи сабки Муиззиро мекунад ва дар ин робита Мударриси Разавӣ Саноиро аз муътақидони шеъри Муиззӣ ба шумор оварда, ки бархе аз ғазалҳои ӯро назира гуфтааст [64, с. саду сиву чаҳор].

Ҳаким Шамсиддин Муҳаммад ибни Маъсуд Сӯзании Самарқандӣ, яке аз шоирони маъруфи асри XII ва аз муосирони Муиззӣ дар девони худ аз бисёр чеҳраҳои тобнок, аз ҷумлаи салотину ҳукуму шуаро, аз қабили Рӯдакӣ, Унсурӣ, Саноӣ, Низомӣ ва дигарон ёд мекунад, ки дар миёни онҳо Муиззӣ низ ҳаст. Сӯзанӣ дар девонаш чаҳор маротиба аз Муиззӣ ёд кардааст:

Ин аст ҷавоби сухани Мир Муиззӣ,

Маҳ бин, ки зи нав дар хати он хушписар омад [62, с. 88].

Ва:

Ҷавоби шеъри Муиззист он куҷо гӯяд,

Суманбаре, ки фусунгар шудаст абҳари ӯ [62, с. 137].

Ва ё:

Аз паси наҳмор то чӣ гуфт Муиззӣ

Ҳар кӣ кунад қасди тахту бахти ту наҳмор [62, с. 156].

Ё:

Ин аст муҳоботи яке шеъри Муиззӣ

Он шаб ки маро буд майи васл ба каф бар [62, с. 448].

Адиб Собир (қатлаш байни солҳои 1144 то 1149), ки ҳамрӯзгори Муиззист, аз вай ва шеъраш ё кардааст:

Кунам зикри ту чун хуршеди машҳур

Бад-ин шеъре, ки чун шеърест олӣ

Ба хотир қосир аз лафзаш Муиззӣ,

Ба маънӣ оҷиз аз назмаш Камолӣ [68, с. 258].

Адиб Собир дар қасидае дигар табъи Муиззиро бо табъи Рӯдакӣ баробар ниҳода, дар баробари ин, Амир Масъуди Саъди Салмон ва Амир Муиззиро бар хештан муқаддам донистааст:

Забони табъи Муиззию Рӯдакист писанд,

Санои давлати Салҷуқу Оли Сомонро.

Ба мадҳи ту шуароро тақдиме наниҳам,

Ба ҷуз Муиззию Масъуди Саъди Салмонро [68, с. 321].

Хоқонии Шарвонӣ аз зумраи шоиронест, ки шеъри хешро бар шеъри Муиззӣ бартар ниҳода, дар мақоми муфохира чунин сурудааст:

Бо шеъри ман ҳадиси Муиззӣ фурӯ гузор,
К-ин раҳ сӯйи камол барад, он ба сӯйи нақс.
Чун нешаи замири ман ово диҳад бурун,
Ҷони Муиззӣ он ҷо маъизе кашад ба рақс [86, с. 896].

Вай дар қасидае дигар се шоири бузурги аср: Унсурӣ, Саноӣ ва Муиззиро дар ҷанби шеъри хеш ба озмун ва имтиҳон фаро хонда, шеъри худро бар сухани онон тарҷеҳ додаст:

Унсурӣ ку ё Муиззӣ ё Саноӣ, к-ин сухан
Муъҷиз аст аз ҳар се гарди имтиҳон ангехта [86, с. 407].

Дар қасидае дигар сухани худро мояи рашку ҳасади Муиззию Саноӣ ба шумор овардааст:

Эрон ба ту шуд ҳасрати Ғазнину Хуросон,
Чун гуфтаи ман рашки Муиззию Саноӣ [86, с. 447].

Хоқонӣ шеъре дорад, ки дар он Муиззӣ ва Ҷоҳизро пешкорони худ мехонад:

Агар Муиззию Ҷоҳиз ба рӯзгори манандӣ,
Ба назму наср ҳамоно, ки пешкори манандӣ [86, с. 690].

Муҳаммад Ризо Қанбарӣ вобаста ба байти мазкур иброз менамояд, ки «ба назар мерасад, ки Муиззӣ дар байти мазкур тасҳифи Муиррӣ бошад, ки бо Ҷоҳиз таносуби бештаре дорад, ки аввалӣ ягонаи шеъри араб асту дуюмӣ намунаи дурахшони насри он. Шодравон Зиёуддин Саҷҷодӣ ҳам дар ҳошияи девони Ҳоқонӣ аз қавли Фурӯзонфар навиштааст, ки Муиррӣ саҳеҳтар аст, аммо Фурӯзонфар худ дар ақли шеъри мавсуф ҳамон Муиззиро тарҷеҳ додааст. Дар девони Хоқонии тасҳеҳи Каззозӣ, бо истишҳод ба қавли Фурӯзонфар, Муиррӣ саҳеҳ дониста шудааст. Ва ҳол он ки эшон дар китоби «Рухсори субҳ», ки дар шарҳи қасоиди Хоқонӣ аст, дар мақоми истишҳод ба ҷойи Муиррӣ Муиззӣ овардаанд [35, с. 68].

Дар ниҳоят, Хоқонӣ дар як рубоӣ марги Муиззиро сабаби андуҳу мотами хеш зикр мекунад:

Ғам бар дили Хоқонӣ тарсон бинишаст,

К-ӯ бар лаби обу оташ осон бинишаст.

То рафт Муиззию азизон аз пас,

Бархост, ба мотами Хуросон бинишаст [86, с. 901].

Нодири Вазинпур девони ашъори ин ду сухансарои тавонову номвар Муиззӣ ва Хоқониро ҳам аз нигоҳи мавзуъ, анвои шеърӣ, миқдори абёт ва дигар ҷанбаҳо мавриди муқоиса қарор дода, ин ду девонро иборат аз 1800 саҳифа ва 36323 байти шеъри нек, пухта ва устувор мешуморад [120, с. 343].

Дар мавриди тафовути ин ду девон, аз ҷумла, чунин ибрози андеша менамояд: «Нуктаи қобили таваҷҷуҳи дигар дар тафовути матолиби ду девон, муфохироту худситоиҳои муболиғаомез ва гоҳ нохушоянди Хоқонист, ки худро аз ҳамаи халқи рӯзгор ва шоирони пешину пасин бартар шумурда ва ононро резахӯри «хон»-и хеш ва бархеро дузди баёни худ хондаст, ки ин кайфият дар девони ашъори Муиззӣ, ки худ аз фусаҳо ва шоирони некусухану тавонои Хуросон будааст, дида намешавад ва ӯ ҳаргиз чунин суханони нораво дар бораи дигар шоирон нагуфтааст» [120, с. 342].

Ҳамин тавр, аз баррасии масъалаи робитаи ҳамзамононаш бо Муиззӣ маълум мешавад, ки Муиззӣ ба сифати шоири тавоно ва соҳиби мақоми амирушшуароӣ дар дарбор ҳанӯз дар ҷараёни рӯзгори худ мавриди таваҷҷуҳи шоирони муҳити адабии Салҷуқиён қарор гирифтааст. Баъд аз маргаш низ мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб қарор гирифтани шоир ба он далолат мекунад, ки ӯ ғайр аз мақоми дарборӣ ба сифати шоири тавоно ҳам шинохта мешудааст. Миёни Амир Муиззӣ ва шоироне, ки дар ин фасл аз онҳо ёд шуд, ҳам робитаи дӯстӣ ва ҳам робитаи эҷодӣ барқарор будааст. Ҳамин аст, ки ҳамзамонон бо нишони эҳтиром дар ашъорашон Муиззиро ситуда, бо таваҷҷуҳ ба муносибати эҷодӣ ва мақоми Муиззӣ, ки шоири маъруф ва амирушшуарои дарбор буд, ба истиқбол аз ӯ шеър суруда, дар иртибот ба маргаш марсияҳо бахшидаанд.

2.3. Осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ

2.3.1. Таркиби жанрии нусхаҳои чопии девони шоир

Девони шоир дар Эрон панҷ маротиба, аз ҷумла, бо кӯшиши Аббос Иқболи Оштиёнӣ (1940), бо муқаддима ва тасҳеҳи Носири Ҳирӣ (1983), бо эҳтимоми Абдулкарим Ҷарбазадор (2010) ва бо муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммад Ризо Қанбарӣ бар асоси нусхаи мусаҳҳеҳи Иқболи Оштиёнӣ дар соли 2006 ва бори дувум бидуни тағйиру иловаҳо дар соли 2014 ба табъ расидааст.

Таркиби жанрии девони таҳиянамудаи Аббос Иқбол дар маҷмуъ аз қасоид (466 адад – 461 дар қисми асосӣ ва 5 адад дар изофот), ғазал (60 адад – 59 дар қисми асосӣ ва 1 адар дар изофот), рубоӣ (175 адад), қитъа (34 адад), таркиббанд (3 адад), тарҷеъбанд (3 адад) ва мусаммат (1 адад) иборат мебошад. Мураттиб дар охири китоб боби алоҳидае ҷудо карда, ба он «Изофот» унвон гузоштааст. Вобаста ба боби мазкур Аббос Иқбол менависад: «Пас аз хатми табъи ашъори Муиззӣ, аз рӯйи нусхаҳое, ки дар даст буд, муроҷиае низ ба мунтахабе аз девони ӯ, ки қариб 4000 байт аст, ба амал омад ва ин қисмат дар ҷузъи мунтахаботи девони панҷ шоири дигар дар нусхаи бузурге, ки дар соли 1320-1321 китобат шуда, боқист ва асли он дар Китобхонаи Девони Ҳинд дар Лондон ва аксе аз он дар Китобхонаи миллии Теҳрон дар даст ҳаст. Ашъоре, ки таҳти ин унвон омада, ҳама изофотест, ки ин нусха бар се нусхаи девони Муиззӣ мавҷуд дар дасти ношир дорад, магар онҳо, ки дар зайл ба маҳали вуҷуди онҳо ишора шудааст. Дар ин боб 7 қасида, 1 ғазал, 1 қитъа ва як тағаззул оварда мешавад. Ду шеър дар ин бахш, аз ҷумла, қасидаи «Дар тағаззул ва мадҳи Малик Арслон Арғун» такрор аз саҳифаи 359 ва қасидаи «Дар таҳнияти Наврӯз ва тахаллус ба мадҳи султон» такрор аз саҳ. 674 омадааст.

Дар нусхаи девони таҳиянамудаи Аббос Иқбол абёти шоир рақамгузорӣ шуда, мувофиқи он, теъдоди умумии ашъори шоир, ки дар девони мазкур омадааст, 18623 байт нишон дода шудааст. Аксари муҳаққиқони ашъори шоир, ки дар атрофи теъдоди абёти шоир сухан рондаанд, бо такя ба асноди Аббос

Иқбол ин рақамро нишон додаанд. Аз ҷумла, доктор Аҳмад Ризо Ялмаҳо, ки яке аз муҳаққиқони дақиққори ашъори шоир мебошад, ишора менамояд, ки: «девони Амир Муиззӣ дар соли 1318 тавассути устоди фақид Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар 18623 байт шомили қасоид, ғазалиёт, таркибот, рубоиёт ва изофоти нусах аз тарафи китобфурӯшии Исломия дар Теҳрон ба табъ расида [285, с. 1]. Аммо агар теъдоди абёти ду қасидаи шоирро (ҷамъ 22 байт), ки такрор омадаанд, ба назар гирем, миқдори умумии абёти шоир дар ин девон ба 18601 байт баробар мешавад.

Ба иттилои Муҳаммад Муин, мунтахаботи бисёр муфассал ва мабсут, ки дар соли 1320-1321 китобатшуда, ки асли он дар Китобхонаи Девони Ҳинд дар Лондон ва аксе аз он дар Китобхонаи миллии Теҳрон дар даст аст, аз давовини ин шаш шоири зайл: Муиззӣ, Асириддин Ахсикатӣ, Адиб Собир, Низомиддин Маҳмуд Қамар Исфаҳонӣ, Шамси Табасӣ, Носири Хусрав ва маҷмуа **тақрибан** дорои бисту панҷ ҳазор байт шеър аст**.** тақрибан. Таърихи китобати ин нусха дар санавоти 1320-1321 аст ва нусхаест бисёр аризу тавил ва дорои панҷоҳу се маҷлиси тасвир аст аз ҷинси тасовири давраи муғул ва собиқ. Ин нусха мутааллиқ будааст ба Китобхонаи Гавҳарсултон, духтари шоҳ Исмоили аввали Сафавӣ ва муҳри ин зан дар чандин мавзеъ дар сар то сари ин нусха зада шудааст. Ва акнун мутааллиқ аст ба Китобхонаи Индиё Офис (Девони Ҳинд) дар Ландан. Қазвинӣ дар санаи 1931 се давра акс бардошта, ҳар давра дар як муҷаллад як муҷаллади онро бо иҷозати вазорати фарҳанг ба расми амонат назди худ дар Порис нигоҳ дошта ва ду даври дигари онро дар соли 1932 ба Теҳрон барои вазорати фарҳанг фиристоданд ва акнун ин ҳарду муҷаллад дар Китобхонаи миллии Теҳрон мавҷуд аст бо муқаддимаи мухтасаре дар васфи ин китоб, ки Муиззӣ алайҳ дар ибтидои ҳар як аз муҷалладоти ин нусха илҳоқ намудааст [174, с. 151].

Аҳмад Ризо Ялмаҳо низ дар мавриди «Баррасӣ ва таҳлили навъе аз тасарруфоти котибон дар нусхаҳои хаттӣ» ҳангоми барқарор сохтани матни ашъори Муиззӣ аз ин нусха босамар истифода кардааст [282, с. 139-162]. Носири Ҳирӣ (1983) ашъори шоирро бидуни тағйиру илова айнан аз нусхаи Аббос Иқбол

таҳия намуда, Абдулкарим Ҷарбазадор ва Муҳаммад Ризо Қанбарӣ, ки дар асоси девони мунташирнамудаи Аббос Иқбол девони шоирро ба табъ расонидаанд, қисмати изофотро вобаста ба анвои шеърӣ дар девони шоир ҷой намудаанд.

Абдулкарим Ҷарбазадор дар қисмати муқаддимавии девони шоир мақолаи профессори Донишгоҳи Деҳлӣ Саидамирҳусайни Обидиро зери унвони «Абёти ношинохтаи Амир Муиззӣ» овардааст. Дар ин мақола муаллиф дар баробари шарҳи мухтасари рӯзгори шоир, аз ҷумла, таъкид менамояд, ки «инҷониб чанде пеш Бутхонаи (нусхаҳои хаттии шумораи 31, 32, 59, 60 Мавлоно Озод) Сӯфии Мозандарониро (ваф.: 1625 мелодӣ) мавриди мутолиа қарор додам ва бо калом аз бузургтарин шуарои форсӣ, ки то ба ҳол ба чоп нарасидааст, бархурдам. Дар ин мақола танҳо ашъоре аз Амир Муиззӣ арза мешавад, ки дар девони табъшуда ёфт намешавад. Ин ҷо бояд тазаккур дода шавад, ки бархе аз ин ашъор дар як баёзи захими дигаре, ки дар Китобхонаи анҷумани Осиёӣ (маҷмуаи ашъор (мунтахаботи ашъори форсӣ) нусхаи хаттии шумораи 927, Ишётак Сусоятӣ) нигоҳдорӣ мешавад, вуҷуд дорад ва ба исбот мерасад, ки ин калом мутааллиқ ба «Амир Муиззӣ» мебошад. Абёте, ки дар «Бутхона»-и Сӯфии Мозандаронӣ ва дар баёз ҳам вуҷуд дорад, дар поварақе нишон дода шудааст. Ва ин ҳам лозим ба ёдоварист, ки иштибоҳот дар баёзҳо рух дода ва ашъори як шоир ба дигаре мансуб гардидааст» [35, с. бисту чаҳор].

Сипас, ашъоре, ки муаллиф ба Муиззӣ нисбат медиҳад, оварда шудааст, ки аз 25 ғазал, 10 қитъа, 7 рубоӣ ва 5 байти алоҳида иборат мебошад. Муаллиф ҳамзамон ишора менамояд, ки дар нусхаи чопии «Девони комили Амир Муиззӣ» ё «Куллиёти девони амир Муиззӣ» қитъае дар радифи қитаъот чоп ёфта, ки матлаъ надорад, дар сурате, ки ин ғазал аст ва матлаи он дар «Бутхона» ин тавр дода шудааст:

Мушк пеши суману лола сипар хоҳад шуд,

Ғолия бардаи ёқуту шакар хоҳад шуд [35, с. сию чаҳор].

Мо ин байтро ба он қитъа зам кардем ва ғазали қобили тавоҷҷуҳе ба даст омад:

Мушк пеши суману лола сипар хоҳад шуд,

Ғолия бардаи ёқуту шакар хоҳад шуд.

З-он хати ту, ки ҳаме бардамад аз орази ту,

Кас нагӯяд, ки ҷамоли ту дигар хоҳад шуд.

Орази нозуки ту бар сифати гул тоза-ст,

Зинати тозагулат сунбули тар хоҳад шуд.

Гар дилам бар рухи ту шефтаву фитна шудаст,

Бар хатат фитнатару шефтатар хоҳад шуд.

Эй писар, гар хати мушкин-т чунин хоҳад буд,

На бар онам, ки маро бо ту ба сар хоҳад шуд.

Ба сари кори ту ҳарчанд ки дар менигарам,

Дилу динам ба сару кори ту дар хоҳад шуд.

Дар баробари ин, Муҳсин Шарифӣ ва Ҳомиди Хотамипур дар мақолаи «Ашъоре навёфта дар Ҷунги хаттии 900 Маҷлис» овардаанд, ки дар ин нусхаи хаттӣ як ғазал ба номи Муиззӣ сабт шудааст, ки дар чопҳои мухталифи девони вай ба чашм намехӯрад. Ин ғазал, ки дар саҳифаи 81 ин ҷунг омадааст, ғазале навёфта аз Муиззӣ маҳсуб мешавад, ки дар девони вай мавҷуд нест:

Чун ҳаво сардӣ пазирад, ҷойи мо кошона беҳ,

Масҳафи мо соғару меҳроби мо майхона беҳ.

Булбулон аз боди дай моҳе ба хоб андар шуданд

Ҷойгоҳи мо кунун байғулаи кошона беҳ.

Бо хирад бегонаем имрӯзу бо ишқ ошно,

Ҳар кӣ бо ишқ ошно шуд, бо хирад бегона беҳ.

Ратли пурдур деҳ, ки-м он дар сар хумори ошиқист

Ратли мардон бар хумори ошиқӣ мардона беҳ.

Ошиқу мастам аз он шӯридаву девонааам,

Ошиқу маст, эй писар, шӯридаву девона беҳ.

Гар наёбад давлати мо аз хирад парвонае,

Давлати мири мушайяд дар миён парвона беҳ [215, с. 48].

Муҳаққиқон Ғуломризо Солимиён ва Суҳайлёрӣ Гулдара бо такя ба як қатор сарчашмаҳои адабию таърихӣ, дар маҷмуъ, 45 байт аз ашъори Муиззиро пайдо

кардаанд, ки дар нусхаҳои чопии девони шоир вонамехӯранд. Дар ин миён дар китоби Заҳирии Самарқандӣ зери унвони «Ағроз-ус-сиёсат фӣ аъроз-ур-риёсат» се рубоӣ ва дар «Нузҳат-ул-маҷолис»-и Ҷамолиддин Халили Шарвонӣ 6 рубоӣ омадааст [223, с. 55-72].

Мустафо Дароятӣ зимни муаррифии нусхаҳои хаттии девон ва мунтахаби ашъори Амир Муиззӣ аз як нусхаи девони Муиззӣ, ки дар Китобхона, мавзеъ ва маркази асноди Маҷлиси Шурои исломии Эрон таҳти шумораи 4938 ном бурда, дар охири нусхаи мазкур як рубоии шоирро меоварад, ки дар нусхаҳои чопии девони шоир ба назар намерасад:

Аз навраду ораз офтобе, гӯй,
Аз бӯи ду зулф мушки нобе, гӯй.
Ҷон тоза ба лутфи туст, обе, гӯй,
Маҷлис ба ту гарм аст, шаробе, гӯй [237, с. 1053].

Агар ашъори мазкурро ба мероси адабии шоир, ки дар шакли куллиёт ба табъ расидааст, зам намоем, ба 466 қасида**,** 87 ғазал, 192 рубоӣ, 43 қитъа, 3 таркиббанд, 3 тарҷеъбанд, як мусаммат ва 5 байти алоҳида ва бо назардошти иловаи абёти пайдонамудаи Муҳсин Шарифӣ ва Хотамипур Ҳомид (як ғазал иборат аз 6 байт) ва Ғуломризо Солимиён ва Суҳайлёрӣ Гулдара **(**45 байт) дар маҷмуъ ба 18654 байт баробар мешавад.

Ҷалолиддин Ҳумоӣ дар ҳошияи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» аз иттилооти тоза роҷеъ ба Муиззӣ инро мешуморад, ки дар «Маҷмаъ-ут-таворих», ки дар соли 1127 таълиф шудааст, дар зимни аҳволи Султон Санҷар менависад: «Ва зикри сайру футуҳи ӯро амирушшуаро Муиззӣ назм кардааст» [139, с. 114].

Ин ҷо ба сурате аз Муиззӣ ёд мекунад, ки гӯё ӯ зинда аст. Маълум мешавад, ки Муиззӣ манзумае аз футуҳоти Санҷар доштааст, ки «Санҷарнома»-е буда дар баҳри мутақориб ё баҳри дигар. Аммо ҳеҷ кадом аз тазкиранависон ин матлабро нанавиштаанд [139, с. 114]. Тавре Ҳумоӣ ишора менамояд, чунин манзума сурудани Муиззӣ аз ҷониби тазкиранависон ишора нашудааст ва агар эҷод карда бошад ҳам, то ба замони мо нарасидааст.

2.3.2. Мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир

Эҷодиёти Амир Муиззии Нишопурӣ аз назари мавзуъ дорои махсусиятҳое мебошад, ки агар аз назари махсусиятҳои муҳтавоӣ назар кунем, пеш аз ҳама, ба муҳити адабии замони Салҷуқиён ва вазъи дарбор иртибот дорад ва муҳтавиёти мансуб ба мадҳ, таърих ва марсия аз муҳити дарбор сарчашма мегиранд. Мавзуъҳои дигар, амсоли ишқ, тасвири табиат, тавҳид ва ғайра аз ҳиссиёти руҳии шоир маншаъ мегиранд. Кулли мавзуоти мазкур дар қолабҳои жанрии қасида, ғазал, қитъа, таркиббанду тарҷеъбанд, мусаммат ва рубоӣ ифода шудаанд.

Баъзе муҳаққиқоне, ки ба эҷодиёти Амир Муиззӣ таваҷҷуҳ кардаанд, ба бархе аз мавзуъҳои эҷодиёти шоир ишора ҳам кардаанд. Масалан, бино бар мушоҳидаи Аббос Иқбол, «амирушшуаро Муҳаммад Муиззии Нишопурӣ, ки беш аз ним қарн дар беҳтарин давраи подшоҳии Салоҷиқа (аҳди Маликшоҳ ва Санҷар) дар дастгоҳи эшон симати аморати шуаро дошт ва девони ин шоири бузургвор илова бар он ки аз беҳтарин намунаҳои фасоҳати забони мо ва латоифу нукоте дақиқу диловез аст, ба иллати ҳамроҳ будани ин шоир бо подшоҳону умарову вузарои Салҷуқӣ ва вазифаву симате, ки ӯ дар сохтани ашъоре барои табрики футуҳоту интисоботу мадеҳасароӣ аз арбоби муносиби давлатӣ ва рисои эшон пас аз марг дошта, муштамил бар як силсила вақоеи таърихии бисёр муҳим аст, ки ё забти онҳо аз қалами муаррихини Салоҷиқа фавт шуда ва ё ба василаи онҳо мешавад навиштаҳои он муаррихинро такмил ва тасҳеҳ кард, то он ҷо ки метавон девони Муиззиро мукаммили таърихи Салоҷиқа ва муосирини эшон донист» [33, с. алиф].

Яке аз махсусиятҳои девони Муиззӣ ин аст, ки вай шоҳиди ин рӯйдодҳои таърихист ва дар ин робита ҳаққе азим бар гардани муаррихон дорад. Аз шеъри равону бепирояи Муиззӣ ҳатто метавон ба порае аз ахбори марбут ба ҳавошии ҳукумати Салоҷиқа, аз қабили умарои маҳаллӣ, дарбориён, хешовандони султон ва монанди онҳо огоҳӣ ёфт [35, с. ҳаштоду ҳашт] ва гузашта аз мазиятҳое, ки шеъри Муиззӣ бад-он мумтоз аст, ишороти зиёди таърихӣ низ дар қасоиди ӯ омада ва бисёре аз вақоеи қисмате аз асри Салҷуқиро, ки байни 1072, яъне соли

ҷулуси Маликшоҳ то ҳудуди 1127 пешомад (ки гӯё марги шоир дар он мавқеъ иттифоқ афтод), аз он қасоид тавон дарёфт ва аз хавосу ахлоқу ҷангҳо ва сулҳҳои Маликшоҳу Султон Санҷар ва ахбори бастагону надимону вазирони онон, монанди Хоҷа Низомулмулку фарзандони ӯ [203, с. 173] ва модари Султон Санҷар – Тоҷиддин-хотун ва хоҳараш Шоҳ-хотун ва дигарон иттилоъ ҳосил метавон кард [31, с. 17].

Ба қавли Аббос Иқбол, «агар мадоеҳи Саноӣ ва Муиззӣ ва мадҳу ҳаҷвҳои Анварӣ аз муосирини худ набуд, чӣ қадар аз вузаро ва аъёну умарои аҳди Салоҷиқа номаълум мемонд ва то чи андоза таклифи як нафар муаррих, ки бихоҳад таърихи он даврaро бинависад, аз ҳамин ҳад ишколи ҳолия ҳам мушкилтар мешуд…» [192, с. 551].

Дар девони Муиззӣ ашъоре низ ба назар мерасад, ки шоир дар онҳо роҷеъ ба рӯзгори худ ёдовар мешавад. Масалан, дар қасидаи «Дар мадҳи Барқиёруқ» аз парастории шоҳ изҳори миннатдорӣ ва ишора ба бемории худ менамояд. Шоир дар ин гуна ашъор беш аз ҳама оид ба тир хӯрдани худ, дарди ҷонкоҳ ва бо мурури замон шифо ёфтанаш ишораҳо намуда, шукрона мекунад, ки бегунаҳ кушта нашудааст. Масъалаи тир хурдани шоир ва пайомади он қаблан баррасӣ шуда буд, бинобар ин, такрор намекунем. Фақат таъкид менамоем, ки дар қасоиди шоир ин масъала хеле зиёд ёдрас шудааст, ки қасидаҳои «Дар шукр бар зинда мондани худ пас аз хӯрдани тир», «Дар мадҳи Қавомулмулк Садриддин Муҳаммади вазир ва шукр аз беҳбудӣ ёфтани захми тир», «Дар мадҳи Шарафиддин Саъд ибни Алӣ ибни Исо ва нолидан аз воқеаи тир хӯрдани худ» ва «Дар мадҳи Садидулмулк Умар Орази Хуросон» аз ҷумлаи ин силсила ҳастанд.

Аз мавзуъҳои дигари ашъори шоир, ки мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон низ қарор гирифтааст, марсия ва ё сӯгворӣ мебошад. Марсия анвои адабие мебошад, ки баробари пайдоиши каломи мавзун дар адабиёти миллатҳои гуногун дар мафҳуми сӯг бар шахсони наздики аздастрафта ва гузаро будани умр суруда мешавад. Марсия бо назардошти он ки аз дили сӯхта ва ҷони андӯҳгин бархоста, бо баёни сода бозгӯкунандаи эҳсосоти дарунӣ ва воқеии шоир аст, дар шумори мондагортарин ашъори адабиёти тоҷику форс арзёбӣ мегардад.

Шоирони дарбор дар баробари ситоиши аҳли дарбор, дар сурати мусибате худро вазифадор меҳисобиданд, ки ба ин муносибат марсияе навишта ҳиссиёт, дарду алам, оҳу нолаи худ ва шахси азодорро тасвир намоянд. Амир Муиззии Нишопурӣ дар баробари сурудани анвои гуногуни шеърӣ вобаста ба мавзуъҳои гуногун дар таълифи марсия низ табъозмоӣ карда, марсияҳои ҷонгудоз низ сурудааст. Табиист, ки Муиззӣ шоири дарбор буд ва марсияҳои ӯ дар фавти шоҳону амирон ва фарзандону наздикони онҳо суруда шудаанд. Миқдори марсияҳои шоир ҳафт адад буда, онҳо ба фавти Маликшоҳи Салҷуқӣ ва ба вазири хирадманди ӯ Низомумулк, модари Султон Санҷари Салҷуқӣ – Тоҷиддин-хотун, Фахрулмулк, писари Муҷируддавлаи Курдистонӣ бахшида шудаанд. Қасидаҳое, ки ба мотам ва сӯгвории шахсони алоҳидаи дарбор бахшида шудаанд, аз нигоҳи мундариҷа ва ғояи худ пуразришанд.

Қасидаи «Дар марсияи Маликшоҳ ва Низомулмулк», ки дар марги Маликшоҳ ва Низомулмулк суруда шудааст, метавон онро машҳуртарин марсияи Муиззӣ ва аз ҷумлаи маъруфтарин маросӣ ба забони форсӣ шуморид. Агарчи дар зоҳир чунин ба назар намерасад, ки шеър дар марги Маликшоҳ ва Низомулмулк ҳарду бошад, аммо сухан ҷуз ишорае мухтасар ҳамагӣ дар рисои Маликшоҳ аст. Маликшоҳ пас аз марги падараш Алп Арслон бар тахти салтанат нишаст, ҳангоме ки ба салтанат расид, беш аз ҳабдаҳ сол надошт.

Амир Муиззӣ марсияи дигаре низ дорад, ки дар таассуф ба марги хоҷа Низомулмулк ихтисос дорад. Дар ин марсия Низомулмулк ҳамчун вазири доно, саховатманд ва фозил мадҳ шуда, шоир аз гардун шиква намуда, фавти ӯро натиҷаи кори дунёи бебақо медонад. Дар ин марсияҳо шоир дар иртибот ба кушта шудани ин марди донишманду сиёсатмадор бо сӯзу гудоз сухан рондааст.

Амир Муиззӣ марсияи дигарашро ба Тоҷиддин-хотун – модари Санҷар бахшидааст. Марсияи мазкур бо махсусияти хос суруда шудааст. Масалан, агар шоир ба фавти модари султон таассуф баён карда бошад, шоҳи ҷаҳон, яъне Султон Санҷарро васф намудааст. Чунин ба назар мерасад, ки марсияҳои аз тарафи шоирони дарборӣ ба фавти шоҳону амирон ва наздикони онҳо сурудашуда бештар ба қасидаҳои мадҳии тантананок шабоҳат доранд.

Қасоиди Муиззӣ ғолибан бо тағаззуле ширин ва ташбибе дилфиреб шуруъ мешаванд [183, с. 218-219] ва хидмати суханвар дар ин росто дар эҷоди муқаддимаи қасида – тағаззул қобили таваҷҷуҳ мебошад. Тағаззули қасидаҳо дар оғози кор пештар дар мавзуоте маҳдуд буд, аммо баъдан ба вусъати домана ва танаввуъ мавзуъҳои он афзуда шуд ва илова бар шукуҳ аз ҳичрон ва шукр бар висол, тавсифҳое монанди васфи зулфи маъшуқ ва табрики ид ва фароз омадани Наврӯз ё Меҳргон ва ситоиши шароб, васфи ангур чидан ва шароб андохтан ва васфи баҳору хазон ва зимистон ва чизҳое дигар монанди қаламу шамшер ва мураккаб ва низ луғзу чистон, дар садри қасидаҳо ба унвони тағаззул ҷой гирифт ва дар авохири даврони Ғазнавӣ ва даврони ҳукумати Салоҷиқа сурудани чистонҳои гуногунмазҳаб мухтори аср шуд ва дар девони шоирони маъруфи ин даврон монанди Носири Хусрав, Муиззӣ, Масъуди Саъди Салмон, Абулфараҷи Рунӣ ва дигарон ба чистонҳои мутааддид дар боби шамшеру қаламу шамъу мураккаб ва ҳатто мафоҳими зеҳнӣ, монанди замон ва дигар чизҳо бармехурем [169, с. 149].

Мавзуи ишқ маҳаки асосии тағаззулоти Муиззӣ қарор дорад ва дар тағаззулоте, ки шоир ба васфи баҳору хазон ё дигар ҳодисаҳо бахшидааст, низ рангу бори ошиқона ба назар мерасад. Аз мутолиаи девони шоир маълум мегардад, ки аксари тағаззули девони шоир дар ин мавзуъ аст. Муиззӣ дар таълифи ин гуна шеър хеле моҳир будааст. Тағаззулоти Муиззӣ дар мавзуи ишқ саршор аз мазмуну муҳтавои латиф ва каломи хушоҳанг аст, ки табиию самимӣ, тараннумгари ишқи моддию табиии инсонӣ ва васфи ҳусну ҷамоли дилбарони заминӣ мебошанд.

Шоир дар тағаззулоти худ табиати сарзамини хешро низ хеле густарда васф намудааст. Тағаззулоте, ки Муиззӣ ба васфи табиату баҳору хазон, гулу лола ва дигаргуниҳои ин олами зинда бахшидааст, дар девони ӯ хеле фаровон аст ва баъди тағаззулоти ишқия дар ҷои дуюм қарор мегиранд. Васфи табиат аз беҳтарин паҳлуҳои ҳаяҷонангези эҷодиёти Муиззӣ ба шумор меравад ва метавон гуфт, ки тағаззулҳои дар ин мавзуъ сурудаи ӯ намунаҳои беҳтарини эҷодиёти ин шоир мебошанд. Махсусан, баҳорияҳои шоирро аз ҷиҳати мазмун ва равонӣ намунаҳои беҳтарини шеъри асри XII метавон донист.

Аз сайри девони Муиззӣ айён мегардад, ки шоир ба фасли хазон низ таваҷҷуҳи зиёде доштааст. Шоир дар ингуна тағаззулҳо фасли хазонро бо рангинию тағйирот ва сифатҳои хоссааш тасвир кардааст. Дар тасвироти Муиззӣ аксар вақт манзараҳо ва тасвири воқеаҳо ба зимистон далолат мекунанд. Дар сурудани ин гуна тағаззулҳо низ содагӣ, суфтагӣ ва равшанбаёнии забону ташбеҳҳои эҷодкоронаи Муиззиро ҳис мекунем.

Бо вуҷуди рангорангии муҳтавои тағаззулоти хеш, ки Муиззӣ дар ашъораш онро ғазал мегӯяд (дарвоқеъ, дар он рӯзгор насиби ошиқонаи қасидаро ғазал меномиданд), онро ҷуфти сано мехонад ва ғазалро бо ёри нӯшинлаб ва саноро бо мири некахтар қобили қабул ҳисобида, ҳамзамон тарию хушии ғазалро аз ситоиши мамдуҳ баҳогузорӣ мекунад:

Ғазал ҷуфти сано бояд, ки ҳарду сахт хуб ояд,
Яке бо ёри нӯшинлаб, яке бар мири некахтар [31, с. 363].

Ва:

Тарию хушии ғазали ман зи васфи туст
Бар ту ғазал сазост, чу бар хоҷа офарин [31, с. 565].

Мавзуи дигаре, ки дар девони ашъори Муиззӣ мушоҳида мешавад, тавҳид ё худ ягонагӣ, ваҳдат ва эътиқод ба ягонагии Худо мебошад. Тавҳид дар луғат ба ягонагӣ ёд кардан аст ва дар истилоҳ он шеърро гӯянд, ки муштамил бар ҳамди Худованди таъоло ва зикру асмову сифоти ӯ бошад [24, с. 72]. Муиззӣ дар тавҳид чор қасида сурудааст.

Дар қасоиди шоир мавзуъҳои дигар низ ба мушоҳида мерасад, аз қабили таҳнияти иди Азҳо, ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон, луғзи қалам, луғзи шамшер. Мавзуъҳои мазкур дар тағаззулоти шоир дарҷ шуда, сипас ситоиши Маликшоҳ ва Санҷар ба қалам дода шудааст.

Қасидаҳои мукаммал ва тағаззулоти онҳо муҳимтарин қисмати осори шоир маҳсуб ёфта, симои эҷодӣ ва маҳорати суханварии Муиззиро таҷассум менамоянд. Маҳз дар қисмати тағаззулот эҳсосоту олами ботинӣ ва андешаҳои шоир васеъ аксандоз гаштаанд.

2.3.3. Анвои адабии таркиби девони шоир ва мухтассоти онҳо

2.3.3.1. Қасидаҳои Амир Муиззӣ ва масъалаи ворисият

Қасида ба сифати қадимтарин ақсоми шеъри форсӣ-тоҷикӣ аз марҳалаи оғозини адабиёти форсу тоҷик ба забони порсии дарӣ дар тӯли садсолаҳо мақоми нахустро дар миёни анвои дигари шеърӣ ишғол карда, бахши асосии девони шоирони асрҳои X-XII-ро дар бар мегирад. Дар даврони Салҷуқӣ низ қасида бартарии худро нисбат ба дигар анвои шеър ҳифз кардааст. Тамоми шоирони асри Салҷуқӣ, ки дар қарни XI мезистанд ё касоне, ки бештари даврони рӯзгору фаъолияти эҷодиашон дар қарни XII воқеъ шудааст, қасидасаро буданд. Аз ҷумлаи чунин қасидасароёни маъруф Амир Муиззӣ мебошад, ки дар таърихи адабиёти тоҷику форс ба сифати машҳуртарин шоири қасидасаро мақоми намоён дорад. Аз теъдоди умумии абёти девони шоир, ки то ин замон зиёда аз 18 654 байти он маълум аст, ҳудуди 17 000 байт, ё худ зиёда аз 91 фисади онро қасида ташкил мекунад. Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» Муиззиро аз шуарои бузурги давраи Салҷуқиён ва фанни хоссу шуҳрати ӯро дар қасидасароӣ медонад. Вай илова менамояд, ки аксар қасоиди Муиззӣ дар мадҳи подшоҳону умаро ва бузургони оли Салҷуқ, бавижа, Маликшоҳи Салҷуқӣ ва писараш Султон Санҷар аст, ки Муиззӣ аз онҳо навозишҳо дида ва шаҳди муҳаббатҳо чашидаву дар канори онҳо дар ниҳояти эҳтирому ҷалол мезиста [51, с. 775]. Қасоиди вай тақрибан махсус бар мадҳи подшоҳону умаро ва бузургони замони ӯст [73, с. 39] ва маъмулан муфассалу муҳкам аст [169, с. 171]. Тамоми қудрату маҳорataш дар қасоидаш инъикос дорад [146, с. 156]. Аз ин рӯ, Муиззиро бояд дар радифи устодони тирози аввали қасидаи мадеҳа қарор дод [205, с. 275].

Аз 466 қасидаи девони Муиззӣ қариб 268 адади онро қасидаҳои комил ва 198 ададро қасидаҳои муқтазаб ё маҳдуд ташкил мекунанд**.** Муиззӣ шоири дарбор ва сипас амирушшуарои дарбор буд, аз ин рӯ аксари ашъори девони ӯро қасидаҳои мадҳӣ ташкил медиҳанд. Муиззӣ ҳамчун шоири машҳури мадеҳасаро қасидаҳои худро дар базмҳои бошукӯҳи дарбор, дар ҳузури султон ва дигар

ашрофзодагони Салҷуқӣ қироат мекард ва бар ивази он силаҳои калону туҳфаҳои гаронарзиш мегирифт. Бо ифтихор подоши хидмати худро бо боигарии устод Рӯдакӣ, ки дар замони Сомониён ба даст оварда буд, ба таври зер муқоиса менамояд:

Бар ман он-ч аз ту расид аз инъоми воло, куҷо
Сад якаш бар Рӯдакӣ аз дудаи Сомон расид?! [31, с. 196].

Тавре ишора шуд, дар ашъори шоир ҳар ду навъи қасида, ҳам қасидаи мукаммал ва ҳам муқтазаб, ки танҳо аз мадҳ иборат аст, дида мешавад. Аз муқоисаи қасидаҳои Муиззӣ маълум мешавад, ки шоир дар қасидаҳои муқтазаб бештар дар доираи завқу табъ ва сиёсату омоли мамдуҳон мондааст, аз ин рӯ, он ширинию тароват, ки дар қисмати тағаззулоти қасидаҳои мукаммали ӯ ҳаст, дар қасидаҳои муқтазабаш камтар ба назар мерасад. Қариб тамоми қасидаҳои муқтазаби шоир ба ягон муносибат ба мамдуҳонаш, ба монанди Маликшоҳ, Султон Санҷар, Низомулмулк, Тоҷиддин Абумуҳаммад, Маҷдуддавла, Ҷамолуддавла, Ҷамшед ибни Баҳманёр ва дигарон бахшида шудаанд ва шоир ба ягон муносибат онҳоро табрику таҳният гуфтааст. Дар саргаҳи мамдуҳони шоир, пеш аз ҳама, султон Маликшоҳ қарор дорад. Ҷалолиддин Муиззи-д-дунё-ва-д-дин Абулфатҳ Маликшоҳ ибни Алп Арслон, сеюмин ва бузургтарин султони Салҷуқӣ аст, ки миёни солҳои 1072-1092 ҳукумат рондааст. Ба қавли Муҳаммад Ровандӣ, султон Маликшоҳ сурате хуб дошт ва қаде тамом, боле афрошта ва бозуе қавӣ, ба захимӣ моил буд, маҳосине гирд, ранги чеҳра сурхи сафед, як чашм андак мояи шикаста доштӣ аз одат на аз хилқат, дар саворӣ ва гӯй бохтан ниҳоят чолок буд... [48, с. 125].

Амир Муиззӣ ба султон Маликшоҳ 112 қасида бахшидааст, ки аз он шумор як қасида дар марсияи Маликшоҳ ва Низомулмулк мебошад. Дар 85 қасида Маликшоҳ мустақиман тавсиф шуда, дар як қасида, дар баробари сӯгворӣ аз марги ӯ ва Низомулмулк, ҳамзамон, аз хислатҳои неки ӯ ёдоварӣ менамояд. Дар 26 қасидаи дигар дар иртибот бо воқеаҳои таърихӣ, аз ҷумла, футуҳоти султон дар Самарқанд, Туркистон, Бағдод, Рум, Шом, Рай, Нишопур, Мовароуннаҳр, ҳамзамон, ба меҳмонӣ рафтани шоҳ назди хоҷа Низомулмулк, Шарафулмулк,

Имодуддавла Совтекин, дар таҳнияти иди Фитр, мунозираи килку теғ, таҳнияти Наврӯз, таҳнияти иди Меҳргон, таҳнияти иди Азҳо ва таҳнияти валодати фарзанди султон Муиззӣ бо тамому маҳорати худ Маликшоҳро ситоиш мекунад.

Дар маҷмуъ, дар қасоиди Муиззӣ Маликшоҳ, аслан, ба сифати Худованду соҳибқирони ҷаҳон [31, с. 636], сояи Яздон, ҷалоли давлату садри мулук, хусрави кайҳон, ҷалоли миллату фахри башар [31, с. 223], офтоби хусравон, шаҳрёри комрону подшоҳи комгор [5, с. 227], офтоби доду дин, шаҳрёри Шарқу Ғарб ва подшоҳи баҳру бар, ки дар мулки хеш чу Фаридуну Зулқарнайну Ҷам бандагон [31, с. 447], теғи кишвардор ва бозуи кишварситон дорад [31, с. 465], гавҳари Алп Арслон ва подшоҳе, ки пеши айвонаш ҳар рӯз сад ҳазорон Рустаму сесад ҳазор Исфандёр замин бӯса медиҳанд [31, с. 224], довари рӯйи замин, рукни ислому муиззи дини пайғамбар, кушояндаи дари неъматҳо [31, с. 630] ва бисёр дигар сифатҳои аз андозаву меъёр берун ёд мешавад. Метавон тавсифи Маликшоҳро бо абёти зерини Муиззӣ ҷамъбаст намуд:

Аз даврҳои гардун в-аз сунъҳои Яздон
Зеботарини олам, фаррухтарини кайҳон.
Аз нурҳост хуршед, аз табъҳост оташ,
Аз сангҳост ёқут, аз фаслҳост найсон.
Аз моҳҳост рӯза, аз рӯзҳост ҷумъа,
Аз хонаҳост Каъба в-аз номаҳост Қуръон.
Аз анбиёст Аҳмад в-аз хусравон Маликшаҳ,
З-иқлимҳост робеъ в-аз шаҳрҳо Сифоҳон [31, с. 487].

Муиззиддин Абулҳорис Аҳмад Санҷар ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ (солҳои ҳокимият: 1117-1157) шашумин султони сулолаи Салҷуқиён мебошад. Амир Муиззӣ ба Султон Санҷар 87 қасида, 2 тағаззул, 1 таркиббанд ва 1 тарҷеъбанд бахшидааст. Аз ин шумора шоир дар 56 қасида ва 2 тағаззул ба тавсифи мустақими Султон Санҷар пардохта, дар 29 қасидаи дигар дар иртибот ба воқеаҳои дигар ӯро мадҳ кардааст. Аз ҷумла, дар таҳнияти беҳбудӣ ёфтани Санҷар 2 қасида, таҳнияти иди Азҳо ва мадҳи султон 2 қасида, дар фатҳи Ғазнин ва мадҳи султон 4 қасида, дар мадҳи малик Санҷар ва Хоҷа Фахрулмулк 3 қасида,

дар таҳнияти муроҷиати Султон Санҷар аз Бағдод ба Нишопур 1 қасида, дар таҳнияти муроҷиати Санҷар аз ҷанг 1 қасида, дар мадҳи Султон Санҷар ва ҷанги Сова 1 қасида, дар васфи асп ва мадҳи малик Санҷар 2 қасида, дар васфи боғ ва мадҳи султон 1 қасида ва таҳнияти валодати фарзанди султон 1 қасида суруда, бо тамоми ҳастӣ Султон Санҷарро ситоиш мекунад. Ба қавли Абдулҳусайн Зарринкӯб, дар байни қасоиди ӯ мадоеҳи Маликшоҳ ва Санҷар чунон аст, ки гӯӣ шоир худро дар ин ситоишҳо харҷ мекунад, ихлосу хидмати фавқуллода нишон медиҳад ва рост ё дурӯғ дар шодии онҳо худро шод ва дар нохурсандии онҳо худро нохурсанд фаро менамояд [146, с. 156].

Ба ҳамин минвол, шоҳи рӯзафзун Абулҳорис малик Санҷар [31, с. 30] дар тасвири Муиззӣ, беш аз ҳама, ҳамчун худованди худовандон [31, с. 671], худованди ҳама Эрону Турон [31, с. 527], соҳибқирони Машриқу Мағриб [31, с. 87], қиблаи шоҳону тоҷи миллат [31, с. 337], сояи Яздону хуршеди ҳама Салҷуқиён, Муиззиддини расул, хусрави машриқ [31, с. 113], шоҳи мулкафрӯзи лашкардор [31, с. 136], шаҳаншоҳи ҷаҳон ва муқаддами шаҳон [31, с. 457], нигаҳбони замину замон [31, с. 459], ба мардию ҷаҳондорию шоҳӣ беш аз Таҳмурасу Ҷамшеду Фаридун. [31, с. 536], дар адл Нӯшинравоне дигар [31, с. 335], офтоби хусравӣ бар осмони кибриё [31, с. 30] ва амсоли он ба қалам дода шудааст. Тавсифи Санҷарро бо абёти зерини Муиззӣ ҷамъбаст намуд:

Чун хирад шукри ту гӯяд, ҷон кунад шукри хирад,
Чун забон мадҳи ту гӯяд, дил кунад мадҳи забон [31, с. 534].

Ва:

Забони ман чу ситоиш кунад сифоти туро,
Ҳама танам шавад андар ситоиши ту забон [31, с. 549].

Муиззӣ ба Абулмузаффар Рукниддин Барқиёруқ ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ, султони салтанати Салҷуқӣ аз соли 1094 то соли 1104 низ қасидаҳо бахшидааст. Барқиёруқ аз ҳамсари дуюми султон Маликшоҳ – Зубайда-хотун ва писари калонии Маликшоҳ мебошад. Султон Барқиёруқро Ровандӣ подшоҳе хушхӯй, хубрӯй, тозанда ва бахшанда мешуморад [48, с. 139]. Муиззӣ ба султон Барқиёруқ 7 қасида ва 1 тағаззул бахшидааст. Ин қасидаҳо ҳама ба Барқиёруқ

мустақим суруда шудаанд. Тавре аз сайри девони шоир ба назар мерасад, султон Барқиёруқ дар девон ба сифати шаҳаншаҳ Булмузаффар Барқиёруқ, сояи Яздон [31, с. 531], шаҳи рӯйи замин, нусрати миллат, носири дини худой [31, с. 166], соҳибқирон [31, с. 119], Мусии Имрон, Муиззи давлати пирӯзу рукни дини Яздон [31, с. 171], муборак ҷаҳондор, фархунда ахтар [31, с. 328], ҷавонбахт шоҳ, чу султон Маликшоҳ адлгустар [31, с. 329], рукни дини Мустафо, подшоҳи мулкбахшу хусрави гетиситон [31, с. 529] ва амсоли ин муаррифӣ гардидааст.

Султон Муҳаммади Тапар (солҳои салтанат: 1105-1117) писари султон Маликшоҳ аз ҳамсари сеюми ӯ – Тоҷиддин-хотун ё Сафария, ки бо номи Бушалӣ низ маъруф аст, мамдуҳи дигари Муиззӣ аст. Муҳаммад Тапар бародари Аҳмад Санҷар аз як модар мебошад. Ба қавли Ҳумоӣ султон Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ бо шеъру адаб ҳеҷ сару кор надошту матои ин ҳунарро ба пашизе харидор набуд ва ҳеҷ шоире дар дарбори ӯ бо кушодарӯӣ ва атобахшӣ бор намеёфт. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки дар тамоми девони Амир Муиззӣ, ҳатто, як қасида, ки ба истиқлол дар мадҳи Муҳаммад ибни Маликшоҳ бошад, вуҷуд надорад [263, с. 251]. Муиззӣ ба ин султон танҳо як қасида сурудааст. Ӯ дар қасидаи «Дар мадҳи султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ» султон Муҳаммадро ба Муҳаммади паёмбар баробар меҳисобад ва дар баробари ин, Муиззӣ дар се қасидаи дигар аз султон Муҳаммад ёд мекунад.

Таҳлили қасоиди Муиззӣ нишон медиҳанд, ки дар онҳо аз ҳисоби намояндагони хонаводаи сулолаи Салҷуқиён на танҳо мардон, балки занон низ мавриди тавсиф қарор гирифтаанд, ки аз ҷумлаи онҳо Тоҷиддин-хотун – ҳамсари сеюми Маликшоҳ ва Шоҳ-хотун Сафия – духтари Маликшоҳ ва Тоҷиддин-хотун ва хоҳари Муҳаммад Тапар ва Аҳмад Санҷар мебошанд.

Муиззӣ ба Тоҷиддин-хотун ё худ Сафария-хотун даҳ қасида бахшидааст. Аз ин шумора, 8 қасида бевосита ба мадҳи Тоҷиддинхотун равона гардида, як қасида дар робита ба фатҳи Ғазнин ва расидани мавкаби Тоҷиддинхотун ва як қасида дар марсияи Тоҷиддин-хотун мебошад. Ба Шоҳ-хотун хоҳари Санҷар як қасида бахшида шудааст.

Шоир дар тавсифи Тоҷиддин-хотун тасвирҳои занонаеро интихоб мекунад ва дар нақши чунин тасвирҳо образҳои Марям – модари пайғамбар Исо, зани аввали паёмбар Муҳаммад – Хадиҷа, ки дар олами ислом шахсияти зан ва модари идеалӣ гардидааст ва духтари хурдии ӯ Фотима мебошанд. Дар баробари ин, Тоҷиддинхотунро бо он занони афсонавӣ, аз қабили модари фарзандхондаи Мусо, ки бо эътиқоди устувораш машҳур аст ва зани халифа Ҳорун ар-Рашид – Зубайда бинти Ҷаъфар, ки бо саховатмандии худ ба ниёзмандон машҳур аст ва Катоюни Қайсар муқоиса мекунад, ки дар ҷомеа мавқеи баландро соҳиб буданд.

Агар ба қасоиди ба Тоҷиддинхотун ва Шоҳхотун бахшидаи Муиззӣ таваҷҷуҳ намоем, дар онҳо ситоиши зебоии онҳо ҳамчун зан ба назар намерасад, фақат ишора мешавад, ки занҳо “зеби мазҳабу давлат мебошанд”. Ин амал, пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат аст, ки дар ҷомеаи исломӣ бемаврид будани ситоиши зебоии модару хоҳари султон ҷой дорад.

Тоҷиддин-хотун ё Сафария-хотун яке аз канизони султон Маликшоҳ буд, ки сипас султон ӯро ба занӣ қабул кард. Вай ҳамсари сеюми Маликшоҳ мебошад ва дар таърихи сулолаи Салҷуқиён ягона ҳолатест, ки султон ба каниз хонадор шуда буд. Вай модари султонҳо Муҳаммад Тапар, Аҳмад Санҷар ва Шоҳ-хотун мебошад. Дар девони Муиззӣ аз се ҳамсари Маликшоҳ танҳо ба Тоҷиддин-хотун ва аз духтарон танҳо ба Шоҳ-хотун Сафия қасидаҳо вомехуранд.

Ба таври хулоса метавон иброз кард, ки дар образи Тоҷиддин-хотун фазилатҳои модарӣ, парҳезгорию худотарсӣ, хирад, саховатмандӣ, хоксорӣ, дурахшонӣ, покдоманӣ, адолат ва ба симои хоҳари Султон Санҷар парҳезгорӣ, покдоманӣ, хирадмандӣ ва адолат хос аст.

Дар баробари салотини Салҷуқӣ дар девони Муиззӣ султонҳои Ғазнавӣ, Қарахонӣ ва дигар султонҳо низ васф шудаанд. Муиззӣ дар мадҳи султон Баҳромшоҳи Ғазнавиро (ваф. 1157) дар 2 қасида мустақиман мадҳ намуда, илова бар ин, дар чанд қасида аз ӯ ёд кардааст.

Гурӯҳи дигари мамдуҳони Муиззӣ вазирон мебошанд. Вазирон барои пешбурд ва танзими корҳои давлатӣ масъул буда, ба султонҳои Салҷуқӣ таъсири бузурге доштанд. Вазирони ситоишшуда инҳоянд: Абуалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни

Исҳоқи Тусӣ маъруф ба Низомулмулк, муаллифи асари «Сиёсатнома», бузургтарин ва бонуфузтарин вазири сулолаи Салҷуқиён, арбоби давлатӣ ва яке аз шахсиятҳои барҷастаи Шарқи мусулмонии асримиёнагӣ. Ӯ соли 1063 вазифаи вазириро ба уҳда гирифт ва ин вазифаро дар тӯли салтанати Алп Арслон (1063-1072) ва Маликшоҳи Салҷуқӣ (1072-1092) дар ихтиёри худ нигоҳ дошт. Новобаста аз он ки «Хоҷаи бузург Низомиддин, раҳмаҳ-у-л-лоҳ дар ҳаққи шеър эътиқоде надоштӣ, аз он ки дар маърифати ӯ даст надошт» [60, с. 91], Муиззӣ ба ӯ 17 қасида бахшидааст, ки аз ин 2 адад марсия: «Дар марсияи Низомулмулк» ва «Дар таассуфи қатли хоҷа» мебошад. Дар баробари ин, марсияи дигаре дорад ба унвони «Дар марсияи Маликшоҳ ва Низомулмулк». Махсусан, марсияи «Дар марсияи Маликшоҳ ва Низомулмулк»-ро метавон дар радифи аввали ашъори сӯгвории форсӣ шумурд [203, с. 172].

Низомулмулк дувоздаҳ писар дошт [73, с. 494] ва аксари онҳо дар салтанати Салҷуқиён дар вазифаҳои пурмасъул адои вазифа кардаанд. Муиззӣ ба аксари эшон низ қасида бахшидааст.

Хоҷа Низомиддин Абулфатҳ Музаффар Фахрулмулк ибни Хоҷа Низомулмулк писари калонии Низомулмулк (ваф. 1106) пас аз ӯ яке аз вазирони бонуфузи сулолаи Салҷуқиён буд. Фахрулмулк аз соли 1095 то 1099 вазири султон Барқиёруқ (1092–1105) ва баъдан аз соли 1101 то 1106 вазири шоҳзодаи Салҷуқиён ва ҳокими Хуросон Аҳмади Санҷар буд. Муиззӣ ба Фахрулмулк 30 қасида ва як таркиббанд бахшидааст, ки аз ин шумора 2 адад марсия мебошад. Ҳамзамон, дар 3 қасидаи дигар дар баробари Султон Санҷар Фахрулмулк, ки вазири ӯ буд, низ мадҳ карда шудааст. Аз ишораҳои Муиззӣ бармеояд, ки Фахрулмулк нисбат ба Муиззӣ эҳтироми зиёд дошта ва Муиззӣ низ аз ин лутфу эҳсонҳои Фахрулмулк миннатпазир будааст. Вобаста ба теъдоди қасоиди ба ӯ бахшидаи Муиззӣ ӯ пас аз Маликшоҳ ва Санҷар дар ҷои сеюм қарор мегирад.

Хоҷа Шаҳобиддин Абубакр Убайдуллоҳ Мувайядулмулк ибни Хоҷа Низомулмулки Тусӣ аз соли 1094 то 1095 вазири султон Барқиёруқ ва баъдан аз соли 1099 то 1101 вазири Муҳаммад Тапар буд. Вай аз миёни фарзандони

Низомулмулк нерумандуи боистеъдод баҳогузорӣ мешавад. Муиззӣ ба ӯ 14 қасида бахшидааст.

Абулқосим Имодулмулк ибни Хоҷа Низомулмулк яке аз писарони Низомулмулк буд, ки Муиззӣ ба ӯ 3 қасида бахшидааст. Ҳамин тавр, шоир дар мадҳи фарзандони дигари Низомулмулк, амсоли Ҷамолулмулк ва-д-дин Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Хоҷа Низомулмулк як қасида ва дар мадҳи Хоҷа Изулмулк ибни Хоҷа Низомулмулк як қасида бахшидааст.

Мамдуҳони дигари Муиззӣ, ки ба онҳо қасида бахшидааст, инҳоянд: Хоҷа Қавомулмулк Садриддин Муҳаммад ибни Хоҷа Фахрулмулк вазири Султон Санҷар (7 қасида), Шаҳобулислом Абулмаҳосин, Абдураззоқ бародарзодаи Хоҷа Низомулмулк, ки пас аз Фахрулмулк вазири Султон Санҷар буд (8 қасида), Саидулруасо Муинулмулк Абулмаҳосин Муҳаммад ибни Камолуддавла Фазлуллоҳ, яке аз вазирони давлати Салҷуқӣ, вазири султон Маликшоҳ (13 қасида), Киё Муҷируддавла Абдулфатҳ Алӣ ибни Ҳусайни Ардистонӣ (6 қасида ва дар қасидаи «Дар таҳнияти меҳмонӣ рафтани малик Санҷар ба хонаи Муҷируддавла Ардастонӣ вазири худ» низ дар баробари Султон Санҷар ӯ мавриди васф қарор гирифтааст, Шарафиддин Абӯтоҳир Саъд (8 қасида), Абулғаноим Тоҷулмулки форсӣ, яке аз вазирони сулолаи Салҷуқиён (4 қасида), Хоҷа Муиниддин Мухтасулмулк Абунаср Аҳмад ибни Фазл ибни Маҳмуди Кошӣ, ки соли 518 ҳ.қ. ба мақоми вазирии Султон Санҷар расида буд (3 қасида), Хоҷа Абулқосим Муинулмулк Алӣ ибни Саид вазири дигари Салҷуқӣ (2қасида).

Табақаи дигаре, ки аз ҷониби Муиззӣ мавриди мадҳ қарор гирифтааст, амирон мебошанд. Муиззӣ ба амирони давр қасидаҳои мустақим бахшида, хислат ва хизматҳои онҳоро ситоиш кардааст.

Амир Алоуддавла Алӣ ибни Фаромурз, тавре аз суханони Низомии Арӯзӣ бармеояд, барои роҳ ёфтани Муиззӣ ба дарбори Маликшоҳ саҳми арзандае гузоштааст. Муиззӣ дар мадҳи ин амир 2 қасида сурудааст.

Дар баробари ин, дар мадҳи амирони дигар, аз қабили Тоҷиддин Абумуҳаммад Маҷидуддавла Манеъ ибни Масъуд 3 қасида, Ҳисомиддин Алоулмулк Абулмузаффар Шамсулмаолӣ Исмоил ибни Муҳаммади Гелакӣ,

амири Табас 3 қасида, Амир Дод Абушуҷои Ҳабашӣ ибни Олтинтоқ 2 қасида, амирзода Муинуддавла Амирдод 2 қасида, Испаҳбуд Шамсулмулк Алӣ ибни Шаҳрёр ибни Қорун 2 қасида, Алоуддин Утсизи Хоразмшоҳ (ваф. 1156), амири давлати Ҳоразмшоҳиён, ки ба дар тобеияти сулолаи Салҷуқиён буд, як қасида, амир Умар ибни Қавомиддин, домоди Шарафшоҳ подшоҳи Қазвин 2 қасида, амир Фахриддин Тағоир ибни Алязан як қасида, амир Зиёулмулк Абуяъқуб Юсуф ибни Боҷар як қасида, Муайядулмулк Масъуд ибни Мансур Умеди Нишопурӣ як қасида, амир Алӣ Нуруддавла Қутлуғбек як қасида, амир Тоҷиддин Абӯлфазл, малики Нимрӯз як қасида, амир Сайфуддавла Шамсиддин як қасида, Қутбиддин Имоддудавла Совтекин 2 қасида, дар таҳнияти атои хилъат аз тарафи Маликшоҳ ба Баҳоуддин Наҷмуддавла Усмон як қасида, дар мадҳи Садйидиддин Абубакр Муҳаммади Заҳирӣ 2 қасида, Садидулмулк Умар Орази Хуросон як қасида ва Ҷалолиддин Муҳаммади Хоразмшоҳ бо луғзи шамшер як қасида бахшидааст.

Муиззӣ бисёр шахсони дигари таърихиро низ сутудааст, ки аз он миён метавон аз Сафӣ султон Абутоҳири Исмоил (4 қасида), Зулсаодат Малик Фахрулмаонӣ Абуалӣ Шарафшоҳи Ҷаъфарӣ, малики Қазвин (3 қасида), амир Сақатулмулк Абумуслим Сарви Шайёрӣ, домоди Хоҷа Низомулмулк, раиси шаҳри Рай (як қасида) ном бурд. Гузашта аз ин, дар иртибот ба муҳтавои ашъори сурудаи худ Муиззӣ аз бисёр ашхоси таърихӣ, аз қабили Ҳурмуз, Ардашер, Анушервон, Хусрав, Наср Аҳмади Сомонӣ, қаҳрамонони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, Фаррухӣ, Абубакри Қаҳистонӣ, Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ ва бисёр дигарон ёд мекунад, ки аз таваҷҷуҳи шоир ба таърихи бостон дарак медиҳад.

Як қатор қасидаҳои Муиззӣ ба ҳодисаҳои таърихии марбут ба набардҳои ҳарбии аҳди Салҷуқӣ бахшида шудаанд. Тавре қаблан низ ишора шуд, дар миёни қасоиде, ки ба султон Маликшоҳ бахшида шудааст, 13 қасида ба сафарҳои ҷангии ӯ, аз ҷумла, марбут ба таҳнияти фатҳи Самарқанд – 3 қасида, пас аз дафъи фитнаи Хуросон – 1 қасида, таҳнияти фатҳи султон Маликшоҳ дар Туркистон – 1 қасида, муроҷиати султон Маликшоҳ аз Бағдод - 1 қасида, дар таҳнияти фатҳи

Шом – 1 қасида, дар муроҷиати Маликшоҳ аз сафари Рум ва Шом – 1 қасида, дар таҳнияти вуруди султон Маликшоҳ ба Нишопур - 3 қасида, дар муроҷиати Маликшоҳ аз Рай – 1 қасида ва фатҳи Мовароуннаҳр – 1 қасида ва аз теъдоди умумии қасоиде, ки ба Султон Санҷар бахшида шудааст, дар робита ба таҳнияти муроҷиати Султон Санҷар аз Бағдод ба Нишопур – 1 қасида, дар фатҳи Ғазнин – 4 қасида, ҷанги Сова – 1 қасида ва дар таҳнияти муроҷиати Санҷар аз ҷанг – 1 қасида бахшида шудааст.

Рӯйдодҳои дигари таърихӣ, ки Муиззӣ дар қасоидаш сурудааст, тасвири ба меҳмонӣ рафтани Маликшоҳ назди хоҷа Низомулмулк, пеши Шарафулмулк, Имодуддавла Совтекин, таҳнияти валодати фарзанди Маликшоҳ, таҳнияти беҳбудӣ ёфтани Санҷар, дар таҳнияти меҳмонӣ рафтани малик Санҷар ба хонаи Муҷируддавлаи Ардистонӣ, вазири худ, ба меҳмонӣ рафтани Санҷар назди амир Қайсар, ба меҳмонӣ рафтани Санҷар назди Фахрулмулк, дар пазироии Султон Санҷар аз бародарзодагони худ – Масъуд ва Туғрал, шарҳи маҷлиси меҳмонӣ рафтани Султон Санҷар, таҳнияти валодати фарзанди Султон Санҷар мебошанд. Дар ин қасоид Муиззӣ беш аз ҳама ба мадҳи мамдуҳони худ мепардозад ва новобаста инъикоси рӯйдодҳои таърихӣ дар омезиш бо тавсиф сурат мегирад.

Муиззӣ қасидаи машҳуре дорад таҳти унвони «Дар мадҳи Шарафиддин Абутоҳир Саъд ибни Алӣ Муставфӣ», ки дар он пас аз истилои ғузон аз нобасомониҳои шаҳри Нишопур ёд мекунад [31, с. 546].

Муаллифи «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур» бо нақли ин қасида мегӯяд, ки гӯӣ, Амир Муиззӣ пас аз мушоҳидаи торочу ғорати Нишопур пас аз истилои ғузон шеъри мазкурро гуфтааст: «…Дар шаҳре чун Нишопур он ҷо ки маҷомеи инсу мадориси илму маҳофили судур буд, мароии ағном ва макомини вуҳушу ҳавом шуд ва пиндорӣ, Амир Муиззӣ ин ҳолро мушоҳид буд, ки мегӯяд, шеър:

Он ҷо, ки буд он дилситон, бо дӯстон дар бӯстон,
Шуд кавфу каргасро макон, шуд гургу рубаҳро ватан.
Бар ҷойи ратлу ҷоми май гӯрон ниҳодастанд пай,
Бар ҷойи чангу ною най овои зоғ асту заған.
З-ин сон ки чархи нилгун кард ин сароҳоро нигун

Дайёри Кай гардад кунун гирди диёри ёри ман [48, с. 182-183].

Ин ҳамон қасидаи маъруфи Муиззист, ки Саъдӣ бар асоси тарҳи ҷойгиркунии нақшҳои пешниҳодкардаи ӯ пас аз як аср ғазали машҳури худро, ки дар байни мутахассисон бо номи «Сорбон» маъруф аст, эҷод менамояд [201, с. 183]. Муртазо Ровандӣ дар робита ба қасидаи мазкур Муиззиро устоди тасвири вайронаҳо ва масоибу мушкилоте медонад, ки аз ҳамлаи бегонагон насиби мардуми Эрон шуда [209, с. 302].

Дар маҷмуъ, Муиззии Нишопурӣ яке аз бузургтарин шоирони асри XII таърихи адабиёти тоҷику форс буда, дар сурудани жанри қасида қобилияту истеъдоди фавқулодда доштааст. Муиззӣ аз устодони салаф аз лиҳози мазомин ва шеваи баён аз мадеҳасароёни Хуросон, яъне Унсурӣ ва Фаррухӣ ва, ҳамчунин, Асҷадӣ пайравӣ мекунад ва ашъораш гоҳ лаҳни ашъори Манучеҳриро дорад. Маҳорataш дар васф, баёни саҳлу мумтанеъ ва содагии истилоҳот шеъри вайро мумтоз медорад [206, с. 275-276]. Аз лиҳози шеър, яъне аз ҷиҳати сабки калом ва ширинии забон ва фасоҳати иборату балоғати маънӣ бо таваҷҷуҳ ба муқтазиёти замон Муиззӣ яке аз устодони ҳунарманди забони форсӣ аст ва шояд дар равонии иборат ва истеҳкоми сухан дар адабиёти манзуми мо ҷуз девони Заҳириддини Форобӣ ва куллиёти шайх Саъдии Шерозӣ назире натавон бар девони ӯ ёфт, то он ҷо ки дар саросари ин девони бузург шояд сад калимаи ғариб ё таркиби мушкил мавҷуд бошанд. Гузашта аз ин, Муиззӣ ҷамъкунанда байни таровату зебоии каломи боматонат ва истеҳкоми сухан буда [261, с. 210], қасидаи ӯ аз шаҳду шакар гарав мебарад ва қанди табарзадро ба ҳеҷ мешуморад [161, с. 175].

Ҳамин тавр, аз баррасии масъалаи мавриди назар метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки Амир Муиззии Нишопуриро ба сифати шоири мадеҳасаро, ки дар ситоиши подшоҳони замони Салҷуқӣ қасидаҳои мадҳӣ сурудааст, бояд пазируфт. Ҳамаи муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва осори илмии муосир ба ин ақида иттифоқи назар доранд. Ҳақиқати ин амр дар девонаш ҳам ошкор аст. Ӯ бештар қасидаҳои худро дар пайравии шоирони қасидасарои асри X ва нимаи аввали асри XI сурудааст. Мазмуну мундариҷаи қисмати мадҳи офаридаҳои шоирро суннати мадеҳасароии Унсурию Фаррухӣ ташкил медиҳад.

Ӯ тавонистааст, ки ба ҳайси шоири касбии дарбор консепсияи мадҳро дар қасоидаш таҷассум намуда, инчунин, бо ифодаи назари адабию бадеиияш дар баробари эҷоди қасида ба ҷанбаи эстетикии он аҳаммияти махсус диҳад. Ҳамин тариқ, фаъолияти мадеҳасароии Муиззӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик, бахусус, адабиёти дарбории он саҳифаи дурахшонест, ки ба эҷодиёти шуарои баъдӣ таъсири назаррас гузоштааст.

2.3.3.2. Рубоиёт

Рубоӣ дар ашъори Амир Муиззӣ ҷойгоҳи хосса дошта, ин навъи адабӣ яке аз сабабҳои асосии қарин ва соҳиби эҳтироми хосси Маликшоҳи Салҷуқӣ шудани Муиззӣ гаштааст. Вай дар дарунмоясозии жанри мазкур шоири мухтареъ ва навовар аст, чунки аз аввалин шоироне мебошад, ки жанри рубоиро ба ҳайати шеъри тавсифии дарбор ворид намудааст. Шоир дар душвортарин лаҳзаҳои зиндагӣ тавассути бадоҳатан сурудани рубоӣ аз имтиҳони рӯзгор сарбаландона гузашта, сазовори обрӯю эътибор шудааст. Ҳам тахаллус ва ҳам унвони расмии сарварии шоирон, яъне амирушшуароии дарбори Салҷуқиёнро маҳз тавассути чунин имтиҳонот ба даст овардааст. Аз нигоҳи бадеият низ рубоиёти Амир Муиззӣ ҳунармандона суруда шудаанд, ки мавзуи таҳқиқии ҷудогонаест.

Жанри рубоӣ дар девони шоир аз нигоҳи миқдор, муҳтаво ва хусусиятҳои адабӣ дар ҷойи дувум қарор дорад, ки 176 адад буда, 6 рубоии дигари шоир, тавре ишора рафт, аз ҷониби Саидамирҳусайни Обидӣ муайян карда шуд. Ҳамзамон, Ғуломризо Солимиён ва Суҳайлёрӣ Гулдара бо такя ба як қатор сарчашмаҳои адабию таърихӣ дар маҷмуъ, 45 байт аз ашъори Муиззиро пайдо кардаанд, ки дар нусхаҳои чопии девони шоир вонамехуранд. Дар ин миён, тавре ишора шуд, дар китоби Заҳирии Самарқандӣ зери унвони «Ағроз-ус-сиёсат фӣ аъроз-ур-риёсат» 3 рубоӣ ва «Назҳат-ул-маҷолис»-и Ҷамолиддин Халили Шервонӣ 6 рубоӣ омадааст. Мустафо Дароятӣ зимни муаррифии нусхаҳои хаттии девон ва мунтахаби ашъори Амир Муиззӣ аз як нусхаи девони Муиззӣ, ки дар Китобхона, мавзеъ ва маркази асноди Маҷлиси Шурои исломии Эрон таҳти шумораи 4938

ном бурда, дар охири нусхаи мазкур як рубоии шоирро меоварад, ки дар нусхаҳои чопии девони шоир ба назар намерасад. Ҳамин тавр, теъдоди рубоиёти шоир, дар маҷмуъ, ба 192 адад баробар мешавад. Дар девони Амир Муиззӣ рубоӣ дар қиёс ба жанрҳои дигар афзалияти ҳамаҷониба дошта, мавқеи жанрҳои дигар дар чунин поя нест. Аз ин шумора 153 адад рубоии тарона мебошад, ки бо қофиябандии а,а,а,а ва танҳо 39 адад рубоии хасӣ мебошад, ки бо қофиябандии а,а,б,а суруда шудаанд.

Рубоиёти Амир Муиззӣ бо манзури резакориҳои шоирона ва маҳорати сухансанҷӣ чи аз нигоҳи санъати эҷод, чи аз ҷиҳати интихоби мавзуъ, образҳои лирикӣ, интихоб ва муносибати мантиқии вожаҳо, санъатҳои бадеӣ, васфи ҷузъиёт ва ғайра гуногунранг ва ҷолибу ҷаззоб мебошанд.

Ҷойгоҳи Муиззӣ дар ривоҷи жанри рубоӣ, қабл аз ҳама, бо он муайян мегардад, ки вай дар дигаргун кардани сохтори муҳтавоии рубоӣ саҳм гузоштааст. Ба ин тартиб, дар девони Амир Муиззӣ мавзуи марказии рубоиёт мисли шоирони дигар на ишқ, балки бештар мадеҳа – тавсифи султони замон, аҳли дарбор ва кабирони давранд. Аз ҷумла, аз теъдоди умумии 192 рубоии шоир 122 адади он фарогири мавзуи мадҳ буда, 70 адад ба мавзуъҳои дигар бахшида шудаанд.

Дар рубоиёташ ин шоири тавоно бо табъу тавони махсус ба ситоиши султони замон, мадҳи аморат, масоили фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, тарбиявӣ, андарзӣ ва ҳатто марсия низ пардохта ва ба ин васила мавзуоти рубоиёти хешро гуногунранг намудааст. Махсусан, теъдоди рубоиёти мадҳии шоир, ки ба ҳокимони давр бахшида шудааст, нисбат ба дигар мавзуот, аз ҷумла, ишқ бо тамоми ҷузиёташ хеле бештар ба назар мерасад.

Барои тасдиқи андешаи мазкур аз девони шоир ба ҳайси намуна якчанд рубоӣ, ки дар мавзуи мадҳ эҷод шудаанд, манзур мегардад:

Илми ту зи илми Хизру Осаф беш аст,
Ҳилми ту зи ҳилми Маъну Аҳнаф беш аст.
Аз соиқа шамшери туро таф беш аст
В-аз мӯрча туркони туро саф беш аст [31, с. 715].

Ва:

Эй дода ба ту Худой ҷоҳи падарат,
Хуррам ба ту мирону сипоҳи падарат.
Гар бе падарат бимонд гоҳи падарат,
Анде, ки туӣ ба ҷойгоҳи падарат [31, с. 716].

Ва ё:

Давлат, ки ҳама ҷаҳон ба Санҷар додаст,
Донад ба яқин, ки хубу дархур додаст.
Санҷар, ки вазорат ба Музаффар додаст,
Шак нест, ки ҳақ ба дасти ҳақвар додаст [31, с. 716].

Дар як қатор рубоӣ шоир аз рӯзгори худ, махсусан, аз захмӣ гаштанаш аз тири Султон Санҷар ёд мекунад:

Гар сина бихаст шоҳ Санҷар моро
Кам нест шумори ишқ дар сар моро.
Гар дил бирабуд ёри дилбар моро
Пайкон ба дил, дил аст дар бар моро [31, с. 714].

Ва:

Хастӣ дили ман ба ғамза, эй бадри мунир,
Чунонки малик синаи ман хаст ба тир.
Дар синаву дил кунун ду пайкон дорам,
Аз синаву дил ҳарду бурун омада гир [31, с. 725].

Дар ашъори шоир рубоиёте низ ба назар мерасанд, ки дар маросии аҳли дарбор суруда шудаанд. Шоир тавассути рубоӣ марги султон Маликшоҳ ва вазири ӯ Низомулмулкро бо изҳори таассуф мусибати хеле азим ва сабаби дилрешии мардум медонад:

Дастуру шаҳаншаҳ аз ҷаҳон рояти хеш
Бурданду мусибате наомад з-ин беш.
Бас дил, ки шудӣ зи марги шоҳаншаҳ реш,
Гар куштани дастур набудӣ аз пеш [31, с. 725].

Дар ҳақиқат, Муиззии Нишопурӣ аз шоирони устоду забоновар ва аз фасеҳони номбардори Хуросон будааст, ки дар сурудани рубоӣ на камтар аз жанрҳои дигар шуҳрати оламгир дорад.

2.3.3.3. Ғазалиёт

Ғазали Муиззӣ дар асл ғазалест ошиқона бо ҳамон маони латиф ва маъмулӣ, ки аз ғазал интизор меравад. Муиззӣ дар ғазалсароӣ ҳанӯз дар рӯзгори худ шуҳрат дошта, чунонки Саид Ҳасани Ғазнавӣ дар қасидае дар мадҳи Маҳмуди Буғрохон зимни ситоиш аз худ ғазалҳои Муиззиро арҷ мениҳад:

Шаҳрёро, манам он баҳр, ки дасту қаламам
Офаринишро дар гавҳару зевар гиранд.
Тозию порсӣ муъҷизам аз боғи улум,
Хушкшохест, ки дар боғи гули тар гиранд.
Мадҳи Масъуду ғазалҳои Муиззиро халқ
Гарчи бо оташу бо об баробар гиранд [16, с. 57-58].

Авфӣ дар тазкираи «Лубоб-ул-албоб» дар мавриди баёни намунаи шеъри Муиззӣ аз ӯ понздаҳ ғазал ва танҳо ду қасида зикр менамояд [2, с. 446-460].

Дар девони Муиззӣ 60 ғазал мавҷуд аст ва илова бар ин, донишманди Ҳинд Саидамирҳусайни Обидӣ 25 ғазал ва матлаи 1 ғазали дигари шоирро пайдо кардааст, ки он бидуни матлаъ дар қатори қитъаоти шоир омадааст. Ҳамин тавр, дар маҷмуъ, ғазалиёти шоир ба 87 адад баробар мешавад. Ғазалҳои шоир аз 4 то 11 байтро дар бар гирифта, қариб ҳамагӣ дар ниҳояти содагию латофат мебошанд ва мазмуни фаҳмову равонӣ аз хусусиятҳои беҳтарини онҳост.

Ишқ, сидқу вафои ошиқ, ҳаҷр, ҷабру ҷафои маъшуқа, май ва майгусорӣ ва ҳамзамон, ишқ дар омезиш бо мадҳи мамдуҳу ситоиши маъшуқа ва амсоли он аз мавзуъҳое мебошанд, ки Муиззӣ дар сурудани ғазал ба онҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардааст. Масалан, ӯ садоқати худро ба маъшуқа ин тавр тасвир мекунад:

То дил бувад, эй дилбар, то ҷон бувад, эй ҷонон,
Бо меҳри ту дорам дил, бо ишқи ту дорам ҷон.

Гар дил бибарӣ шояд, зеро ки туӣ дилбар
В-ар ҷон бибарӣ зебад, зеро ки туӣ ҷонон.
Ҳуш аз ҳама бистонӣ, чун ғамза кунӣ новак,
Гӯй аз ҳама барноӣ чун зулф кунӣ чавгон.
Ҳарчанд ки султонам, охир ба ту муҳтоҷам,
Чун ишқ падид ояд, муҳтоҷ шавад султон [31, с. 702].

Дар ҷойи дигар Муиззӣ бо муроҷиат ба маъшуқа ҷиҳати овардани бода дилгармии худро ба зиндагӣ изҳор кардааст:

Ҷоно, биёр бодаву бахтам баланд кун
В-аз ҳалқаҳои зулф диламро каманд кун.
Андеша гум кун аз дилу андеша дур дор,
Дилро ба хуррамию хушӣ баҳраманд кун.
Андӯҳро ба дасти фано деҳ, ки боз дор
В-андешаро ба дасти адам деҳ, ки банд кун.
Маҷлис хуш асту мову надимон ҳама хушем,
Оташ биёру чораи мушти сипанд кун [34, с. сиву як].

Намунаи боризи тасвири образи маъшуқаро дар қолаби ғазал дар ин шеваи Муиззӣ метавон мушоҳида кард:

Он бут, ки зи рухсораш нуқс аст ба моҳ андар,
Омад зи қазо пешам сармаст ба роҳ андар.
Бо орази чун насрин, бо ҷабҳаи чун парвин,
Насрин ба каманд андар, парвин ба кулоҳ андар.
Дидам зи руху зулфаш дар савмаа афтода,
Обид ба фасод андар, зоҳид ба гуноҳ андар.
Гуфтам, ки танат коҳ аст аз лоғарию зардӣ
В-андешаи тиморат кӯҳ аст ба коҳ андар.
Аз ҷумлаи ушшоқат дар майкада ман дорам
Сад қатра ба чашм андар, сад шуъла ба оҳ андар [34, с. бисту нуҳ].

Яке аз хусусиятҳои назарраси ғазалиёти Муиззӣ фоизи бениҳоят баланди унсурҳои тавсифӣ дар онҳо мебошад [199, с. 106]. Аз ҷумла:

Дорад он хуршедлашкар сурати фирдавсиён,

Гӯӣ аз фирдавс пеши тахти султон омадаст.

Хусрави гетӣ Маликшоҳ, он ки андар Шарқу Ғарб

Набувад ҳаргиз чу ӯ султону на ҳаргиз будаст [31, с. 694].

Ва:

Ман бандаи он моҳ, ки дар ҷону дили хеш

Ҷуз бандагии шоҳи ҷаҳондор надорад.

Султони ҷаҳонгир Маликшоҳи ҷавонбахт

Шоҳе ки ба шоҳию ҳунар ёр надорад [31, с. 695].

Ба қавли Қанбарӣ, замони Муиззӣ замони оғозини рушду шукуфоии қолаби ғазал аст. Муиззӣ дар ин кор аз пешоҳангон аст. Муҳаққиқон ғолибан фаромӯш мекунанд, ки Муиззӣ яке аз бунёдгарони ғазал дар адаби форсист, шевае, ки дар сухани Саъдӣ ва Ҳофиз ба камол мерасад. Намунае аз ғазали сода, равон ва дилкаши ӯ ин аст:

Маро гузар ба сӯйи кӯйи ёр бояд кард

Зи дида бар сари кӯяш нисор бояд кард.

Чу дарфитод ба дом он нигори симандом

Се бӯса аз ду лаби ӯ шикор бояд кард [31, с. 694].

Мисраи охири ин шеър байти зерини Ҳофизи Шерозиро ба ёд меорад:

Се бӯса, к-аз ду лабат кардаӣ ҳаволаи ман,

Агар адо накунӣ, қарздори ман бошӣ [87, с. 228]

Муиззӣ яке аз бузургтарин шоирон аст, ки шеъри ӯ дар мунтаҳои дараҷаи равонию содагию ширинист ва аз ин ҳайс бар ҳамаи шоирони қарни XII ба ҷуз Собири Тирмизӣ, бартарӣ дорад. Махсусан, дар авсофи табиат ва ғазалсароӣ маҳорати томе дошта, дар мадҳу марсия баёни муассиру каломи фасеҳ дорад» [187, с. 83].

Дар нимаи дуюми асри XII ғазали форсӣ бо зуҳури шоироне, аз қабили Анварӣ, Заҳир, Аттор ва ҳамдаврагони ин устодон бисёр роҳи такомул паймуд ва ба ҳадде омодагии камол ёфт, ки тавонист, дар асри XIII василаи бузурги устодӣ ва шуҳрати Саъдию Мавлавӣ қарор гирад. Муқаддимаи ин такомулро

бояд дар чанд нафар аз шоирони нимаи аввали қарни шашум монанди Муиззию Саноию Абулвосеъ ҷустуҷӯ кард» [80, с. бисту ду]. Ғазалиёти Муиззӣ ҳадди фосилест байни тағаззулоти устодони салаф ва ғазалиёти шуарои қарни шашум ва дар ҳақиқат марҳалаи мушаххасест, ки яке аз мароҳили таҳаввул ва сайру такомули ғазалро нишон медиҳад [183, с. 218 ва 219].

Саҳми ин мадеҳасарои барҷаста дар рушди ғазал назар ба дастовардҳои ӯ дар қасида нисбатан хоксорона намояд ҳам, ғазалҳои ӯ барои дарки тадриҷан наздикшавии ду ҷараёни шеъри лирикии эронӣ ниҳоят муҳим аст [199, с. 105].

Хусусияти хосси ғазалҳои Муиззӣ набудани тахаллус дар мақтаи он мебошад. Тахаллуси шоир танҳо дар баъзе қасидаҳои ӯ дида мешавад. Набудани тахаллус дар ғазал дар ин давра хеле як падидаи нодир аст, гарчанде баъзе шоирони дарборӣ бо пайравӣ ба анъанаҳои ҳукмфармо дар шеъри дунявӣ номи худро дар матни ғазал ворид намекарданд [201, с. 188] ва Муиззӣ бо риояи шеваи эҷоди ғазал, ки дар дарбор ташаккул ёфта буд, дар ашъори ин навъ, ки дар девонаш мавқеи калон дорад, ҳеҷ гоҳ таҳаллуси худро дар мақтаи он нишон надодааст.

2.3.3.4. Муқаттаот

Муиззӣ қитъа низ сароидааст. Тедоди қитъаҳои сурудаи шоир ба 43 адад баробар буда, хурдатарини он аз 2 байт ва бузургтаринаш аз 24 байт иборат аст. Дар маҷмуъ қитъаоти Муиззӣ дорои 154 байт мебошанд. Аммо қобили зикр аст, ки на ҳама нусхаҳо ин қитъаҳоро дороянд. Муқоисаи нусхаҳо нишон медиҳад, ки на танҳо дар теъдоди онҳо, балки дар корбурди вожа ва миқдори абёт низ ҳама нусхаҳо яксон нестанд.

Саид Аҳмад Биҳиштии Шерозӣ дар китоби «Ҳазор қитъа: гузидаи қитъаоти шеъри порсӣ аз оғоз то имрӯз», дар фасли қитъаоти машҳури шоирони форсизабон аз Амир Муиззӣ 2 қитъа, аз ҷумла, қитъаи шарҳиҳолии шоирро бо матлаи зерин меорад ва дар бахши шарҳи қитъаот як байти қитъаи Муиззиро тафсир менамояд [255, с. 339]:

Мӯйи сиёҳи ман ба ҷавонӣ чу мушк буд,

Кофур шуд ба пирӣ мушки сиёҳи ман [255, с. 34].

Қитъаоти шоир бо забони содаву фаҳмо эҷод гардида, мадҳу тавсиф, баъзе лаҳзаҳои рӯзгори шоир, инъикоси воқеаҳои давр, баъзе рӯйдодҳои таърихӣ ва дигар мавзуъҳои фарогири ин жанри шеъриро дар бар гирифтаанд. Масалан, дар қитъаи зерин дар хусуси эҳтироми Султон Санҷар нисбат ба худ, ки дар бари тахт нишонда, ӯро падар мехондааст, бо ифтихор чунин ишора менамояд:

Эй Худованде, ки чун дар базм биншонӣ маро,

Аз балову меҳнати айём бирҳонӣ маро.

То қиёмат фахри ман бошад, ки андар базми хеш

Дар бари тахтам нишонию падар хонӣ маро [31, с. 707].

Дар қитъаи дигар, ки ба муносибати фатҳи Ғазнин аз ҷониби Султон Санҷар сурудааст, ба ивази қитъаи мазкур аз ҷониби султон пургавҳар кардани даҳонашро чунин ба қалам медиҳад:

Кардам андар фатҳи Ғазнин соҳирӣ дар шоирӣ,

Кард пургавҳар даҳонам подшоҳи гавҳарӣ.

Ҳаргиз аз Маҳмуди ғозӣ ин ато кай ёфтанд

Зайнабию Аҷсадию Фаррухию Унсурӣ?!

Гар занад аз ҷуди маҳмудӣ ба гетӣ достон,

Гашт ботил ҷуди маҳмудӣ зи ҷуди санҷарӣ [31, с. 713].

Дар қитъаи дигар, тири Султон Санҷарро, ки шоир аз он захмӣ гашта, пас аз азоби тӯлонӣ шифо ёфта буд, ин тавр меситояд:

Тири шаҳро ба назм бистудам

Шукр карду ба фахр сар бифрошт.

Омаду бӯса дод синаи ман

Рафту пайкон ба сина дарбигзошт.

Ман надонам, ки ин вадиатро

Сина то кай нигоҳ хоҳад дошт [31, с. 707].

Дар баробари ин, дар қитъаҳои мадҳии Муиззӣ бештар мавриди мадеҳаҳои ӯ ҷанбаи тарбиявӣ ва ахлоқӣ касб менамоянд. Ин бахши ашъор таъсире бештар ба мамдуҳ ва алоқамандони шеър гузоштаанд. Чунончи, дар қитъаҳои зерин:

Эй рӯзгори хӯрда кам рӯзгор гир,
Байғуларо зи тири ҳаводис ҳисор гир.
Як раҳ ки дар саройи сипанҷӣ нишастай,
Андеша кун зи роҳу шуданро шумор гир.
Акнун ки корҳои ҷаҳон бо хусумат аст,
Бигрезу аз миёни хусумат канор гир.
Пешӣ маҷӯй бар касу пешӣ талаб макун,
Дар кунҷи хонае ба қиёмат қарор гир [31, с. 707-708].

Ва:

Бихӯр, эй саййидӣ ба шодиву ноз,
Ҳар куҷо неъмате ба чанг орӣ.
Чарх дар бурданаш шитоб кунад
Гар ту дар хурданаш диранг орӣ [[31, с. 710].

Аз нигоҳи содагӣ ва тасвироти равшану ташбеҳҳои ҳиссӣ ё моддӣ қитъаҳои тарҷумаиҳолии шоир дар мадди аввал меистанд. Ин қитъаҳо аз ҷиҳати баёноти равшан ва фаҳмо шеъри асри Х, махсусан услуби Рӯдакиро ба хотир меоранд ва аз ҷиҳати мазмун хеле пуртаъсир буда, зуд дар дили хонанда ҷой мегиранд.

2.3.3.5. Анвои дигари адабӣ

Дар таркиби «Девон»-и Амир Муиззӣ ғайр аз навъҳои адабии зикршуда, инчунин, жанрҳои шеърии таркиббанд, тарҷеъбанд ва мусаммат низ дучор мешаванд, ки дар ин фасл ба онҳо пардохта мешавад.

Дар девони Муиззӣ 3 таркиббанд ба назар расид, ки шомили 319 байт аст. Таркиббанд яке аз анвои шеъри суннатии адабиёти форсу тоҷик буда, он аз бахшҳои гуногун, ки ҳар як дорои чанд байт аст, мураттаб гардидааст. Аз нигоҳи

вазн ҳама бандҳои таркиббанд ҳамсонанд, аммо ҳар бахш қофияи ҷудогона дорад. Ҳарчанд байтҳои фосила кофияҳои ҷудогона доранд, аммо баъзан ҳолатҳо шоир қофияи муштаракро дар ҳамаи онҳо риоя мекунад ва аз мафҳум робитае миёни онҳо ба вуҷуд меорад.

Муҳаққиқон, аслан, таркиббандро ба сифати як навъи тарҷеъбанд баҳогузорӣ кардаанд, зеро таркиббанд ва тарҷеъбанд бо ҳам хеле монанданд. Бо он тафовут, ки байти баргардон, ки ҳадди фосили бандҳо меояд, аз назари қофия ва мазмун дар ҳар банд тағйир мекунад ва бо байти қаблӣ иртиботи маъноии хос надорад. Чунончи, Ҳусайн Воизи Кошифӣ мегӯяд: «Ҳар хонаро байти тарҷеъбанд алоҳида бошад ва қавофии бандҳо мухталиф бувад ва ин навъро мутааххирин таркиб гӯянд» [24, с. 62].

Аз нигоҳи мавзуъ таркиббандҳо гуногун мешаванд, аммо ҳама таркиббандҳои Муиззӣ ситоишист ва дар ситоиши салотину вазиру амирони сулолаи Салҷуқиҳо суруда шудаанд. Масалан, Муиззӣ таркиббандеро, ки дар мадҳи хоҷа Фахрулмулк писари Низомумулк ва вазири Султон Санҷар сурудааст, бевосита ба ситоиши мамдуҳ оғоз мебахшад ва равнақи бозори шеъри худро ба мадҳи Фахрулмулк вобаста медонад:

Гар шеърҳои ман ҳама дар мадҳи ӯстӣ,
Девони ман хизонаи дурри дуристӣ.
В-ар сад ҳазор иқд бипайвандаме ба ҳам,
Ҳар иқдро саховати ӯ муштаристӣ.
Аз мадҳи ӯст равнақи бозори шеъри ман
Ҳамтои ӯ куҷост харидори шеъри ман [31, с. 669].

Албатта, шоир дар таркиббандҳое, ки ба мадҳ ихтисос доранд, ҷо-ҷо аз ишқ, бодаву бодагусорӣ ва базму сури шоҳона сухан мегӯяд. Дар таркиббанди дуюм, ки дар мадҳи Санҷар суруда шудааст, дар се банди аввал сухан дар боби ишқ ва тавсифи маъшуқа рафта, аз банди чаҳорум тавсифи мамдуҳ шуруъ мешавад. Маъшуқа дар тасвири шоир чунин ба қалам дода шудааст:

Ба ман бигзашт ногоҳе ҷаҳонафрӯз дилхоҳе,
Қадаш тозанда чун сарве, рухаш тобанда чун моҳе.

Бад-ӯ гуфтам, нигорино, замоне магзар аз пешам,
Ки гар ту бигзарӣ монад ба дасти ошиқат оҳе.
Тани ман ҳаст чун коҳе, ғами ту ҳаст чун кӯҳе,
Куҷо пайдо шавад кӯҳе, чӣ санҷад пеши ӯ коҳе?! [31, с. 671].

Тарҷеъбанд. Муиззӣ тарҷеъбанд низ сурудааст ва дар девони ӯ 3 тарҷеъбанд ба назар расид, ки дар маҷмуъ, аз 248 байт иборатанд. Ба қавли Сируси Шамисо, «тарҷеъбанд хосси адабиёти форсист ва аз қадим дар шеъри форсӣ маълум будааст» [266, с. 307].

Тарҷеъбанд низ монанди таркиббанд яке аз қолабҳои шеъри форсии тоҷикӣ аст, ки аз бахшҳои алоҳидаи ҳар як шомили чанд байт мураттаб гардида, ҳама бахшҳо аз нигоҳи вазн бо ҳам муштараканд, аммо ҳар бахш қофияи ҷудогона дорад. Дар тарҷеъбанд бандҳо тавассути байти восила бо ҳам пайваст мешаванд. Байти восила ё худ воситае, ки бахшҳоро бо ҳам мепайвандад, байти тарҷеъ ё банди гардон номида мешавад. Дар маҷмуъ тарҷеъбандҳои Муиззӣ ҳама ситоишӣ буда, дар мадҳи ашхоси соҳибмансаб суруда шудаанд, аммо дар бандҳои ҷудогона аз ишқу ҳусну ҷамоли маъшуқа низ сухан меравад. Масалан, дар тарҷеъбанди «Дар мадҳи хоҷа Маҷдулмулк Қасамӣ» шоир мегӯяд:

Эй боди субҳдам, гузаре кун ба кӯйи ман,
Пайғоми ман бубар ба бари моҳрӯйи ман.
Ӯро бигӯй то ту зи кӯям бирафтаӣ,
Аз офтоб нур надидаст кӯйи ман.
Будам ба боғи ишқи ту чун тоза гулбуне,
Тимори ту бибурд ҳама рангу бӯйи ман.
Ҷӯй аст дидаи ману сарв аст қоматат,
Андархур аст сарви ту бар тарфи ҷӯйи ман.
Чун ман ба нола ранҷ надорам туро ҳаме,
Кам з-он ки як паём фиристӣ ба сӯйи ман.
Дил гӯй кардам аз пайи чавгони зулфи ту,
Чавгони хешро хабаре деҳ зи гӯйи ман [31, с. 675].

Тарҷеъбанди дигари Муиззӣ, ки ба малик Санҷар бахшида шудааст, бо тасвири табиат дар фасли зимистон, боридани барф, маҷлиси сур, нӯшидани бода ва амсоли он оғоз меёбад:

Фасли зимистон расиду фасли хазон шуд,
Оби разон хур, ки об рӯи разон шуд.
Рахт ба кошона бар, ки дар чамани боғ
Зоғ падид омаду тазарв ниҳон шуд.
Бод зи кӯҳсор тири барф бияндохт,
Шохи дарахтон зи тири ӯ чу камон шуд.
Мурғи ақиқин сар аз танура баровард,
Чангули ӯ лаълпошу мушкфишон шуд.
Эй санами чангзан, ба маҷлиси ишрат
Чанги сабук зан кунун, ки ҷом гарон шуд.
Буд пиёла равон ба дасти ҳарифон,
Ҷоми гарон аз пайи пиёла равон шуд.
Доруи мо ҷуз шароб нест, ки моро
Қуввати дил шуд шаробу қути равон шуд.
Хосса шаробе, ки аз фурӯғу латофат
Дархури базми худойгони ҷаҳон шуд.
Шоҳи ҷаҳонгир Санҷар ибни Маликшоҳ
Он ки ба давлат шудаст бар маликон шоҳ [31, с. 682].

Чунонки маълум мешавад, Амир Муиззӣ дар сурудани таркиббанд ва тарҷеъбанд низ табъозмоӣ кардааст. Ғайр аз мавзуи ишқ дар таркиббанд ва тарҷеъбандҳои шоир мадҳ мавқеи устуворе дорад ва аз ҷиҳати муҳтаво таркиббанд ва тарҷеъбандҳои Муиззӣ ба қасидаҳои мадҳӣ хеле монанданд.

Мусаммат. Муиззӣ дар сурудани мусаммат низ табъи худро озмудааст. Дар девони ӯ як мусаммат мавҷуд аст, ки ҳамагӣ аз 60 байт иборат аст. Мусаммат низ аз қолабҳои шеъри суннатии форсии тоҷикӣ аст. Ҳар мусаммат аз чанд бахш, ки истилоҳан ба онҳо ришта ё лахт мегӯянд, мураттаб гардидаааст. Ҳар ришта иборат аз се то ҳафт ва гоҳе зиёда аз он мисроъ аст, ки вазну қофияи яксон

доранд. Ин бахшҳоро мисрае, ки қофияи мустақилу ҷудогона дорад, аз якдигар ҷудо мекунад. Мисраъҳои ҳадди фосили риштаҳо яксон аст, аммо қафияи мисраъҳои ташкилдиҳандаи риштаҳо дар ҳар ришта тағйир меёбад. Мусамматро дар иртибот ба шумораи мисраъҳои ҳар банди шеър мусаллас (сетоӣ), мураббаъ (чортоӣ), мухаммас (панҷтоӣ), мусаддас (шаштоӣ), мусаббаъ (ҳафттоӣ) ва ғ. меноманд.

Муҳаққиқон, аз ҷумла Эте Ҳерман [280, с. 117] ва Ян Рипка [205, с. 173] Манучеҳриро ихтироъкунандаи мусаммат медонанд. Е.Э. Бертелс низ ишора менамояд, ки мусамматро бори нахуст ба забони дарӣ дар эҷодиёти ҳамин шоир вомехурем [109, с. 360]. Дарвоқеъ, Манучеҳрӣ аз нахустин шоирон аст, ки мусамматҳои гуногун сурудааст ва дар мусамматсароӣ низ шуҳрати бештар дорад.

Муҳтавои мусамматҳои шоирон гуногун аст, аз ҷумла, мусамматҳои Манучеҳрӣ бештар дар васфи табиат эҷод шудаанд. Аммо мусаммати Муиззӣ ба мадҳи Фахрулмулк вазири Султон Санҷар суруда шудааст ва дар ин мусаммат шоир тамоми барори кори худ ва эҳтиромашро назди хоссу ом аз Фахрулмулк ва худро шокири инъоми ӯ медонад:

Бор Худоё, зи туст кори Муиззӣ ба ком
В-аз ту шудаст ӯ азиз назди ҳама хосу ом.
Шоҳ ба қавли ту кард ҷоҳу қабулаш тамом,
Пеши вазир аз ту гашт ҳашмати ӯ бардавом.
Ҳукми туро чун раҳист амри туро чун ғулом,
Шокири инъоми туст гашт сухан мухтасар [31, с. 690].

Дар маҷмуъ, Муиззии Нишопурӣ дар сурудани анвои адабии зикршуда қобилияту истеъдоди фавқулодда доштааст.

Дар атрофи ашъори Амир Муиззӣ байни пажуҳишгарон, махсусан муҳаққиқони Эрон дар масъалаи таъйини пояи ҳунарии ӯ ихтилофи назар ба чашм мерасад ва онҳоро вобаста ба нуқтаи назарашон ба ашъори шоир метавон ба ду гурӯҳи мухолиф ҷудо кард. Аз ҷумла, ба андешаи Ризозода Шафақ «шеваи шеъри Муиззӣ аз он шоирони мутақаддими Хуросон фарқе маҳсус надорад ва

дарвоқеъ, сабки ононро пайравӣ намуда ва қасоиди ӯ хоҳ аз ҳайси мавзуъ ва хоҳ аз ҳайси алфоз ақоиди Фаррухию Унсуриро ба хотир меоварад ва гоҳе шабоҳат байни ин сабкҳо комилан зоҳир мешавад» [203, с. 168]. Ба қавли Фурӯзонфар, шоире зарифтабъу мутавасситулбаён аст, вале табъу фикраш пухта нест, маънии тозаву фикри нав кам дорад. Мехоҳад аз шуарои бузурги асри Ғазнавӣ Унсурӣ ва Фаррухӣ тақлид кунад, лекин ба тағаззулоти он нарасида ва ба мадоеҳи он наздик ҳам намешавад [251, с. 232]. Маҳдии Ҳамидӣ қасоидашро расмона, якнавохт, на хуб ва на бад, дар ҳадди мутавассит ва ҳатто каме болотар аз ин ҳад аз суханварӣ, аз ҷиҳати таърих ҳовии нукоти қобили таваҷҷуҳ ва аз ҷиҳати шеър орӣ аз ҳар навъ кайфият ва имтиёзе хос ва мушаххас мешуморад [258, с. 40].

Ин баҳои муҳаққиқон ба қасоид ва тарзи қасидасароии Муиззӣ чандон воқеӣ ба назар намерасад, зеро Муиззӣ, ки қариб дар ҳама анвои адабӣ шеърҳои қобили таваҷҷуҳ сурудааст, имкон надорад, ки дар қасида як муқаллиди оддӣ бошад. Сабаби ба қасоиди пешгузаштагон пайравӣ кардани вай, ба назари мо, намоиши маҳорату истеъдод ва изҳори баробарию бартарӣ бо бузургони пешин аст. Татаббуъ ва пайравӣ ба ашъори шоирони бузурги пешин, ки дар адабиёт собиқаи дерина дорад, як навъ қувваозмоии шоирон барои ба намоиш гузоштани маҳорату истеъдоди хеш дар сурудани анвои адабӣ маҳсуб меёбад. Гузашта аз ин, агар қасоиди Муиззӣ аз камолоти балоғату фасоҳат орӣ мебуд, боиси татаббуъ ва пайравии шоирони ҳамзамонаш ва баъдина қарор намегирифт.

Андешаи Зарринкӯб дуруст аст, ки шеъри Муиззӣ якдаст нест, бо он ки дар баъзе маворид содагии Фаррухӣ ё инсиҷоми Унсуриро ба хотир меоварад, дар порае маворид мисли Манучеҳрӣ ва Ломеӣ алфозу таъбироти номаънуси тозиро бидуни васвос ба кор мебарад. Дар ғазал ва рубоӣ ҳам порае намунаҳои хуб дар девонаш ҳаст. Ба иловае, мисли Манучеҳрӣ дар назми мусаммат ва мисли Фаррухӣ дар таркиббанд ҳам табъозмоӣ кардааст. Доварӣ дар боби шеъри ӯ гаҳ-гоҳ наққодонашро аз ҳадди таодул берун медорад. Ин иттиҳом ва ин, ки дар теъдоде маворид ашъори Фаррухӣ ва Унсурӣ мавриди татаббуи ӯ воқеъ будааст, мӯҷиб шудааст, то ба таври муболиғаомезе арзиши шеъри ӯ мавриди тардид қарор гирад ва ончиро мавриди шоирони дигар бо иғмозу мусомаҳа талқӣ

мекунанд, дар бораи вай қобили таҳаммул наёбанд. Таъсири Масъуд ва Булфараҷи Рунӣ, ки баъзе наққодон таъризи Анвариро дар ҳақи Муиззӣ минсариф ба девони онҳо пиндоштаанд, бо таваҷҷуҳ ба қурби замони онҳо наметавон таъид кард, ба илова, нуфузи онҳо дар каломи худи Анварӣ бештар қобили ташхис аст [146, с. 149].

Муиззӣ, ки Анварӣ аз рӯйи ҳақду кина хуни ду девонро бар гардани ӯ афкандааст, дар айни пайравӣ аз сабки Фаррухӣ ва Унсурӣ дар бархе аз қасоиди хеш устодест, ки ба суратҳои мухталиф дар майдони адаб даромада ва ҳама вақт пирӯз бозгаштааст. Сухани ӯ гоҳ ба содагию суҳулати шеъри Фаррухӣ ва гоҳ ба диққату борикандешии Унсурӣ ва гоҳ наздик ба лаҳну лаҳҷаи замони ӯ ва махлут ба луғоти мухталифи арабӣ ва ё афкори ҷадиди ирфонию фалсафист ва гӯё ин шоир дар пеш гирифтани роҳҳои ҷадид бештар дунболаи кори ду шоири муқаддам бар худ, яъне падараш Абдулмалик Бурҳонӣ ва шоири асри Туғралбек Ломеии Ҷурҷониро гирифта бошад. Аз чанд қасидаи Ломеӣ таъсири шадиди ӯ аз адаби арабӣ дар дунболаи кори Манучеҳрӣ машҳуд аст ва Бурҳонӣ ҳамчунон ки аз чанд қитъа ва байти мавҷуди ӯ бармеояд, алоқаи вофир ба истифодаҳои ҷадид аз забону адаби арабӣ ва ба кор бурани афкор ва гоҳ истилоҳоти ирфонӣ дар ашъор доштааст. Ҳамин корҳоро Муиззӣ низ дар бисёре аз қасоиди худ карда ва ба ин сабаб баъзе аз қасоиди ӯ ба куллӣ тоза ва мустақил аз нуфузи шоироне, монанди Фаррухӣ ва Унсурӣ шудааст» [212, с. 339].

Ба қавли Маҳҷуб, «…як амр, шабоҳати фаровони шеъри Амир Муиззиро ба осори аслоф ба хубӣ мерасонад ва нишон медиҳад, ки услуби вай дар суханварӣ тавре будааст, ки лоақал метавонистааст, дар мизони чунин туҳмате воқеъ шавад, гӯ ин иддаое вассоф мубтанӣ бар шабоҳати шеъри Муиззӣ бо Масъуди Саъду Абулфараҷ (Рунӣ) ва интиҳоли шеъри эшон ба куллӣ беасос менамояд ва шеъри Амир Муиззӣ кӯчактарин шабоҳате бо шеъри ин ду устод, хосса Абулфараҷи Рунӣ, надорад...» [169, с. 267].

Муиззӣ ба тамоми маънӣ шоир аст ва каломи ӯ дар ҳар бозавқие, ки ба фасоҳату балоғат дилбастагӣ дошта бошад, ба қуввати тамом таъсир дорад. Ҳол агар безавқоне бошанд, ки аз тамошои маҷмуаи гул лаззат ва таматтуе бибаранд

ва барои дарки ҳақиқат ин ояти лутфи Илоҳӣ ба пора-пора кардану гузоштани аҷзои он дар зери заррабини нақкодӣ худро муҳтоҷ бубинанд, санади безавқии худро имзо менамоянд ва ҳуснро, ки чизе ҷуз таносуби андому мавзунияти ҳама аҷзо нест, дар мутолиаи қитъаоте муҷаззо ва зеру рӯ кардани пораҳои пайкаре ҷудо аз якдигар мепиндоранд. Беинсофист, ки аз чунин шоире ғайр аз ифои вазифае, ки бар уҳда дошта, чизе хоста шавад. Ҳеҷ вақт набояд бо миқёси замони худ дар боби мардуме ки қарнҳо қабл аз мо мезиста ва дар аҳду замоне ғайр аз аҳду замони мо зиндагонӣ мекардаанд, ҳукмият намуд.

Аз лиҳози шеърияти калом, яъне аз ҷиҳати сабки калом, ширинии забон, фасоҳати иборат, балоғати маънӣ, бо таваҷҷуҳ ба муқтазиёти замон, Муиззӣ яке аз устодони ҳунарманди забони форсист ва шояд “дар равонии иборату истеҳкоми сухан дар адабиёти манзуми мо ҷуз девони Заҳириддини Форёбӣ ва куллиёти шайх Саъдии Шерозӣ назире натавон бар девони ӯ ёфт, то он ҷо ки дар саросари ин девони бузург шояд сад калимаи ғариб ё таркиби мушкил мавҷуд бошанд. Гузашта аз каломи саҳлу мумтанеъ ва таровати тағаззулҳои Муиззӣ ин шоир яке аз афифтарин ва покизазабонтарин сухангӯёни мост, чунонки дар тамоми девони ӯ на танҳо ҳаҷви аҳаде дида намешавад, балки ҳатто як бор ҳам як лафзи ракик бар лисони ӯ ҷорӣ нашудааст” [33, с. син].

Амир Муиззӣ дар сабку услуби сухан бештар пайрави Унсурӣ ва Фаррухӣ буд. Тағаззулоти ӯ каму беш тақлидест аз тағаззулоти Фаррухӣ ва аксар мушаххасоту мумайизоти онро дар бар дорад. Шояд ҳамин наздикӣ ва қаробати сабку ташобеҳи мавзуоту мазомин Анвариро ба гумон андохтаву ба таъриз ӯро дузди девони Унсурӣ ва Фаррухӣ хондааст. Лекин бо андак таваҷҷуҳе дар ғазалиёти ӯ метавон дарёфт, ки рафта-рафта тағйире дар тарзи адои эҳсосоти ошиқ ва ба таври куллӣ, дар навъи ишқу кайфияти равобити ошиқу маъшуқ пайдо шудааст. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки замони шуҳрати Муиззӣ бо замони шуҳрати асотиди салаф, монанди Унсурӣ ва Фаррухӣ қариб як қарн фосила дорад ва дар зарфи ин муддат каму беш тағйироти бузурге дар тарзи зиндагонии умумӣ ва усули ақоиди иҷтимоӣ роҳ ёфтааст [183, с. 219].

Муиззӣ яке аз бузургтарин шоирони Эрон дар қарни шашуми ҳиҷрӣ аст ва шеъри ӯ дар мунтаҳои дараҷаи равонию содагию ширинӣ аст ва аз ин ҳайс бар ҳама шоирони қарни шашум ҷуз Собири Тирмизӣ (Адиб Собир) бартарӣ дорад. Махсусан, дар авсофи табиат ва ғазалсароӣ маҳорати номӣ дошта ва дар мадҳу марсия баёни муяссар ва каломи фасеҳ дорад [257, с. 200].

Гузашта аз ин, Муиззӣ ҷамъкунанда байни таровату зебоии каломи боматонат ва истеҳкоми сухан буда [261, с. 210], қасидаи ӯ аз шаҳду шакар гарав мебарад ва қанди табарзадро ба ҳеҷ мешуморад [161, с. 175].

Ҳамин тавр, аз баррасии масоили марбут ба фаслҳои боби дуюми диссертатсия, ки шомили дараҷаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ дар доираи ахбори сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ ва маълумоти адабиёти илмии муосир, рӯзгори шоир бо фарогирии валодат, зодгоҳ, наврасӣ ва ҷавонӣ, ҳузури шоир дар дарбор ва фарҷоми рӯзгори ӯ, ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори шоир, муносибати шоир бо ҳамзамононаш, осори ӯ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ мебошад, метавон ба таври умумӣ чунин натиҷагирӣ кард:

1. Аввалин сарчашмаи адабие, ки тавассути он роҷеъ ба рӯзгору осори Амир Муиззӣ метавон иттилои муътамад ба даст овард, девони маҳфузмондаи худи шоир мебошад. Хушбахтона, девони шоир панҷ маротиба ба алифбои ниёкон дар Теҳрон чоп шудааст, ки дастрас мебошад. Ба хатти кириллии тоҷикӣ матни комили рубоӣ ва мунтахабе аз дигар жанрҳои лирикии таркиби девони шоир чоп шудааст.

2. Дар бораи рӯзгор ва ашъори Муиззӣ мо дар аксар сарчашмаҳои адабию таърихии асри XII ва баъд аз он таълифшуда ахбор ва иттилооти судманде дарҷ шудаанд. Ахбори муаллифони сарчашмаҳо аз нигоҳи арзиш яксон набуда, аксар такрори якдигаранд, ба ҳар сурат, ахбори фаровони манбаъҳои адабию таърихӣ бори дигар шаҳодат медиҳанд, ки Муиззӣ ҳамчун шоири бузурги қасидасаро дар тӯли асрҳои миёна соҳиби шуҳрат будааст.

3. Ҳанӯз замони дар қайди ҳаёт будани Муиззӣ муаллифони китобу рисолаҳои илмии адабиётшиносӣ дар асарҳои худ вобаста ба таҳлили санъатҳои бадеӣ ва соҳибони китобҳои таърихию осори бадеӣ дар иртибот ба мазмуни

воқеоту ҳодисот ва муҳтавои ҳикояҳо, барои зинати осори насрӣ ашъори шоирро мавриди истифода қарор дода, дар шарҳу тафсири санъатҳои бадеӣ дар қатори ашъори худ ва шоирони дигар аз ашъори Амир Муиззӣ низ ҳамчун шоҳиди шеърӣ намунаҳои хеле зиёд нақл кардаанд.

4. Дар дигар сарчашмаҳои адабию таърихӣ низ роҷеъ ба рӯзгору ашъори шоир ва мухтассоти онҳо маълумоти қобили таваҷҷуҳ ба назар мерасад. Аксари муаллифони тазкираҳои дар диссертатсия ёдшуда, асосан, дар бораи шуҳрати шоирии Муиззӣ ибрози назар карда, ӯро ба ибораву таркибҳои тавсифие, амсоли султони ҷаҳони баён, лашкаркаши умарои калом, шаҳсавори майдони фасоҳат, хуршеди осмони самоҳату фалаки фазл, моҳе тобон ва бар самои сано хуршеде рахшон васф кардаанд.

5. Таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ дар замони нав, пеш аз ҳама, аз ҷониби муҳаққиқони эронӣ сурат гирифтааст. Ба таври дақиқ, омӯзиши шарҳи ҳоли Муиззӣ дар Эрон тавассути Алиризо Хусравонӣ оғоз меёбад. Ин муҳаққиқ дар баробари баёни шарҳи мухтасари рӯзгори шоир оид ба тазмини баъзе аз ашъори Рӯдакию Унсурӣ ва маломати Фирдавсӣ аз ҷониби Муиззӣ сухан рондааст. Ба таври густарда баъд аз ба табъ расидани девони ашъори Амир Муиззӣ бори аввал дар Теҳрон, дар соли 1940 милодӣ, бо саъй ва кӯшиши Аббос Иқболи Оштиёнӣ, марҳалаи ҷадиди мутолиа ва таҳқиқи ашъори Муиззӣ оғоз меёбад.

6. Доктор Аҳмад Ризо аз ҷумлаи муҳаққиқонест, ки ба омӯзиши ашъори Амир Муиззӣ ба таври густарда машғул шудааст. Нақши ин муҳаққиқ дар барқарор намудани калима, ибора ва баъзан мисраъҳое, ки бо айби носихон аз матни девони шоир афтодаанд, назаррас арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, аксари муҳаққиқони Эрон Амир Муиззиро маъруфтарин шуарои номии асри Салоҷиқа ва дар дастгоҳи султон Маликшоҳи Салҷуқӣ ва Султон Санҷар ибни Маликшоҳ ва бархе дигар аз салотини Салҷуқия медонанд, ки ҳамвора дар сафи муқаддами шоирони порсигӯй қарор доштааст.

7. Шинохти Амир Муиззӣ ҳамчун шоири тавоно ва ҷустуҷӯ дар аҳволу ашъори ӯ дар адабиётшиносии муосири тоҷик бо нигоштаҳои устод Садриддин

Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» оғоз меёбад ва бо ба даст омадани Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба таҳқиқ ва омӯзиши рӯзгори Амир Муиззӣ ва паҳлуҳои ашъори ӯ бештар гаштааст.

8. Дар адабиётшиносии русии замони шӯравӣ ва Россияи имрӯза, Ғарб ва Туркия низ ба омӯзиши масъалаи мавриди назари мо аз ҷониби муҳаққиқон таваҷҷуҳ зоҳир гардида, як гурӯҳ олимони ин кишварҳо роҷеъ ба рӯзгор ва ашъори Муиззӣ мақолаҳои алоҳида ва рисолаҳо таълиф карда бошанд ҳам, аксари андешаи эшон такрори ахбори муаллифони тазкираҳо ва сарчашмаҳои адабию таърихӣ мебошанд.

9. Мувофиқи ахбори муаллифони аксар сарчашмаҳои таърихӣ, ки соҳибони рисолаҳои илмии муосир бо такя ба онҳо рӯзгору осори Амир Муиззиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, ному кунят ва лақабу нисбаи Муиззиро ба таври Амирушшуаро Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ муайян кардан мумкин аст.

10. Бо вуҷуди ихтилофи назар миёни ахбори муаллифони сарчашмаҳо ва осори илмии муосир дар мавриди зодгоҳи шоир, ки Нишопуру Нисову Самарқанд ёд мешавад, аксар бо такя ба баъзе сурудаҳояш зодгоҳи шоирро Нишопур ва ӯро Нишопурӣ меҳисобанд.

11. Пайванди Амир Муиззӣ ба дарбор, пеш аз ҳама, ба номи падараш – Бурҳонӣ, ки маликушшуарои дарбори Алп Арслони Салҷуқӣ буд, иртибот мегирад. Муиззӣ бино ба тавсияи қаблии падар ва собиқаи хидмати ӯ дар замони салтанати Маликшоҳ, ки давлати Салҷуқиён ба дараҷаи баландтарин қудрати худ мерасад, ба дарбор ворид мешавад ва рӯзгори дарбории ӯ оғоз меёбад. Давраи беҳтарини рӯзгори Муиззӣ баъд аз воқеае шуруъ мешавад, ки ба дидани моҳи нав аз ҷониби Маликшоҳ ва ба ин муносибат рубоӣ гуфтану писанди хотири шоҳ қарор гирифтани шоир иртибот дорад. Муаллифони тамоми тазкираҳо ба дурустии ин воқеа шаҳодат медиҳанд.

12. Муиззӣ агарчи аз зиндагии дарбори Салҷуқиён ком диду ном ёфт, лекин дар поёни умри худ ҳадафи тири пайкони Султон Санҷари Салҷуқӣ қарор гирифт. Асари захми тири пайкон дар ҷисми шоир чанд сол боқӣ мемонад ва

билохира Муиззӣ аз захми он ҷароҳат дар миёни солҳои 1126-1127 вафот кардааст.

13. Амир Муиззӣ дар робита ба эҳтироми хосса нисбат ба шоирони бузурги пешин бо муносибате аз эшон ёд, ашъори онҳоро тазмин карда ва ё аз нигоҳи мазмун ба ашъори онҳо монанд шеър сурудааст. Услуби ашъори Муиззӣ давоми сабку услуби шоирони пешин буда, дар он анъанаҳои беҳтарини гузаштагон идома ва такомул ёфтаанд. Дар ин замина Муиззӣ дар ашъораш аз баъзе шоирони пешин, ба монанди Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ ва ҳамасрони худ ёд ва дар бештари маврид бо эҳтиром ва адаб ҳунари ононро мавриди ситоиш қарор додааст.

14. Муиззӣ ба сифати шоири тавоно ва соҳиби мақоми амирушшуароӣ дар дарбор ҳанӯз дар ҷараёни рӯзгори худ мавриди таваҷҷуҳи шоирони муҳити адабии Салҷуқиён қарор гирифтааст. Баъд аз маргаш низ мавриди таваҷҷуҳи аҳли адаб қарор гирифтани шоир ба он далолат мекунад, ки ӯ ба сифати шоири тавоно шинохта мешудааст. Ҳамин аст, ки ҳамзамонон бо нишони эҳтиром дар ашъорашон Муиззиро ситуда, бо таваҷҷуҳ ба муносибати эҷодӣ ва мақоми Муиззӣ, ки шоири маъруф ва амирушшуарои дарбор буд, ба истиқбол аз ӯ шеър суруда, дар иртиибот ба маргаш марсияҳо бахшидаанд.

15. Эҷодиёти Амир Муиззии Нишопурӣ аз нигоҳи мавзуъ, пеш аз ҳама, ба муҳити адабии замони Салҷуқиён ва вазъи дарбор дар иртибот қарор дошта, муҳтавиёти мансуб ба мадҳ, таърих ва марсия аз муҳити дарбор сарчашма мегиранд. Мавзуъҳои дигар, амсоли ишқ, тасвири табиат, тавҳид ва ғайра аз ҳиссиёти руҳии шоир маншаъ гирифта, кулли мавзуоти мазкур дар қолабҳои жанрии қасида, ғазал, қитъа, таркиббанду тарҷеъбанд, мусаммат ва рубоӣ ифода шудаанд.

16. Амир Муиззии Нишопурӣ ба сифати амирушшуарои дарбори Салҷуқиён бештар ба мадҳи салотини Салҷуқӣ ва риҷоли машҳури дарбори онон пардохта, аз худ ашъори мадҳии қобили мулоҳизае ба мерос гузоштааст. Беҳуда нест, ки қисмати асосии девони шоирро қасида ташкил мекунад ва Муиззӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс ба сифати шоири қасидасаро мақоми намоён дорад. Фанни

хоссу шуҳрати ӯ дар қасидасарост ва аксар қасоиди ӯ дар мадҳи подшоҳону умаро ва бузургони оли Салҷуқ, бавижа Маликшоҳи Салҷуқӣ ва писараш Султон Санҷар аст, ки шоир аз онҳо навозишҳо дида ва шаҳди муҳаббатҳо чашидаву дар канори онҳо дар ниҳояти эҳтирому ҷалол мезиста.

17. Бо назардошти созгории жанри қасида аз нигоҳи муҳтаво бештари қасоиди шоир дар таҳнияти ҳокимони Салҷуқӣ, арбобони бузурги салтанат, ақрабои эшон, ғалабаҳо дар набардҳои ҳарбӣ, қаҳрамониҳои сарлашкарони ин сулола ва амсоли ин суруда шудаанд. Теъдоди мамдуҳони ӯ зиёда аз 110 нафарро ташкил медиҳад. Дар саргаҳи мамдуҳони шоир, пеш аз ҳама, султон Маликшоҳ ва Султон Санҷар қарор доранд.

18. Рубоӣ дар ашъори Амир Муиззӣ ҷойгоҳи хосса дошта, ин навъи адабӣ яке аз сабабҳои асосии қарин ва соҳиби эҳтироми хосси Маликшоҳи Салҷуқӣ шудани Муиззӣ гаштааст. Гузашта аз ин, Амир Муиззӣ аз аввалин шоироне мебошад, ки жанри рубоиро ба ҳайати шеъри тавсифии дарбор ворид намуда, дар душвортарин лаҳзаҳои зиндагӣ тавассути бадоҳатан сурудани рубоӣ аз имтиҳони рӯзгор сарбаландона гузашта, сазовори обрӯю эътибор шудааст.

БОБИ III

ТАҲҚИҚ ВА НАШРИ ДЕВОНИ АМИР МУИЗЗӢ

3.1. Девони ашъори Муиззӣ ва нусхаҳои дастнависи он дар китобхонаҳои ҷаҳон

Амир Муиззии Нишопурӣ дар давоми рӯзгори худ беш аз панҷоҳ сол ба сурудани ашъори лирикӣ пардохта, аз худ девони ашъор ба мерос гузоштааст, ки муштамил бар қасоид, ғазалиёт, муқаттаот, таркиббанд, тарҷеъот, мусаммат ва рубоӣ мебошад. Бино ба маълумоти мураттибони феҳристҳои дастнависҳои шарқии китогбхонаҳои ҷаҳон ва сарчашмаҳои дигари адабию таърихӣ, нусхаҳои комили девон ва мунтахаби ашъори Амир Муиззӣ дар Эрон, Туркия, Аврупо, Амрико, мамолики Шарқ ва ҷамоҳири давлатҳои муштаракулманофеъ мавҷуд ва маҳфуз мебошанд.

Ҷиҳати муаррифии нусхаҳои хаттии девон ва мунтахаби ашъори Амир Муиззӣ, пеш аз ҳама, мураттибони феҳристҳои дастнависҳои шарқии китобхонаҳои ҷаҳон саҳмгузоранд ва дар ин қатор заҳмати мураттиби «Феҳристгони нусхаҳои хаттии Эрон» Мустафо Дароятӣ қобили тавақҷуҳ мебошад. Мустафо Дароятӣ дар феҳристи мазкур нусхаҳои хаттии девон ва мунтахаби ашъори Амир Муиззиро қариб дар тамоми саросари Эрон тасвир ва муаррифӣ намудааст. Теъдоди нусахҳои хаттии девони ашъори Амир Муиззӣ, ки Дароятӣ дар феҳрасти мазкур муаррифӣ намудааст, ба 136 адад баробар буда, дар 35 китобхона ва анҷуману марказҳо маҳфузанд. Аз ин шумора дар Китобхона, мавзеъ ва маркази асноди Маҷлиси Шурои исломӣ (Теҳрон) – 35 нусха, Китобхонаи миллии Эрон (Теҳрон) – 19 нусха, Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон (Теҳрон) – 15 нусха, Китобхонаи марказии Остони Қудси Разавӣ (Машҳад) – 13 нусха, Китобхонаи Мулк (Теҳрон) – 6 нусха, Китобхонаи донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Теҳрон (Теҳрон) – 5 нусха нигаҳдорӣ мешавад. Теъдоди нусхаҳои девони шоир дар махзанҳои дигар ба тариқи зер аст:

Маҷмуаи Муҳаммад Ҳусайни Мифтоҳ (Теҳрон) – 4 нусха; Китобхонаи миллии Табрез (Табрез) – 3 нусха; Китобхонаи маркази Доиратулмаорифи бузурги исломӣ (Теҳрон) – 3 нусха; Китобхонаи марказии Донишгоҳи Исфаҳон (Исфаҳон) – 3 нусха; Майбудӣ (Машҳад) – 2 нусха; Китобхонаи умумии ҳазрати Оятуллоҳ ал-узмо Гулпоягонӣ (Қум) – 2 нусха; Мавзеи Остони ҳазрати Абдулазим (Теҳрон) – 1 нусха; Анҷумани осору мафохири фарҳангӣ (Теҳрон) – 1 нусха; Маҷмуаи доктор Афсар Маҳдавӣ (Теҳрон) – 1 нусха; Китобхонаи маркази Доиратулмаорифи бузурги Саломӣ (Теҳрон) – 1 нусха; Китобхонаи Мадрасаи олии Шаҳид Мутаҳҳарӣ (Сипаҳсолор) (Теҳрон) – 2 нусха; Китобхонаи Кохи Гулистон (салтанатӣ) (Теҳрон) – 1 нусха; Донишкадаи ҳуқуқи Донишгоҳи Теҳрон (Теҳрон) – 1нусха; Китобхонаи донишкадаи илоҳиёти Донишгоҳи Теҳрон (Теҳрон) – 1 нусха; Китобхонаи Нурбахш (Хонақоҳи Неъматулиллаҳи Теҳрон) (Теҳрон) – 1 нусха; Анҷумани осору мафохири фарҳангӣ (Теҳрон) – 1 нусха; Донишсарои олӣ – Китобхонаи Мирзо Абдулазимхон Қариби Гургонӣ (Теҳрон) – 1 нусха; Ҷобурии Ансорӣ (Исфаҳон) – 1 нусха; Китобхонаи донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Исфаҳон (Исфаҳон) – 1 нусха; Китобхонаи Оятулоҳ Фозили Хонсорӣ (Хонсор) – 1 нусха; Маркази эҳёи мероси исломии Қум (Қум) – 1нусха; Маҷмуаи Иброҳими Даҳгони Ароқ (Ароқ) – 1 нусха; Мадрасаи Оятуллоҳ Буруҷардӣ (Кирмоншоҳ) – 1 нусха; Тоҳирии Шаҳоб (Сорӣ) – 1 нусха; Китобхонаи Масҷиди Ҳазира (Сариязди) (Язд) – 1 нусха; Китобхонаи пажӯҳишгоҳи улум ва таҳқиқоти исломии Қум (Қум) – 1 нусха; Китобхонаи Масҷиди аъзами Қум (Қум) – 3 нусха; Китобхонаи фарҳанг ва ҳунари Машҳад (Машҳад) – 1 нусха; Эътимодуддуавла (Ҳамадон) – 1 нусха.

Дар феҳрасти мазкур Дароятӣ нусхаҳои хаттӣ ва аксии девони шоирро новобаста ба комилӣ ва ноқисӣ дар иртибот ба соли китобат ҷобаҷогузорӣ кардааст. Муаррифии нусхаҳо аз ҷониби мураттиб ба таври хеле мухтасар ба вуқуъ пайвастааст. Ба қавли мураттиб, нусхаи қадимтарини ашъори Амир Муиззӣ дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон, таҳти шумораи 170/8-ф дар феҳристи филмҳои Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад, ки таърихи китобати он 544 қ. мебошад [237, с. 1029] ва нусхаи

ҷадидтарини ашъори шоир, ки санаи китобати он сабт аст, гузидаест аз қасоиду ғазалиёт, ки ба василаи Амир Ҷавонбахт аз рӯйи нусхаи чопии «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ҳидоят соли 1349 қ. китобат шуда ва дар Китобхонаи марказии Остони Қудси Разавии Машҳад таҳти шумораи 11798 нигаҳдорӣ мешавад [237, с. 1051].

Барои намоёнидани тариқи муаррифии девони ашъори Амир Муиззӣ дар феҳристи мазкур нусхаҳои қадимтарин ва ҷадидтаринро нақл мекунем. Нусхаи қадимтарин:

“Теҳрон; Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон; шумораи нусха: 170/8 - ф. Нусхаи асл: Ҳаким Уғлу Алӣ Пошо ш 669; хат: насх, бидуни котиб, таърихи китобат: 544 қ.; 35 сатр [феҳристи филмҳои Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон, феҳраст: 1 – 421]” [237, с. 1029].

Нусхаи ҷадидтарин:

“Машҳад; Китобхонаи марказии Остони Қудси Разавӣ; шумораи нусха: 11798.

Оғоз: Дидам ба раҳ он нигори хандонро,

Он моҳрухи ситорадандонро.

Анҷом: Наъле зада аз зари иёрӣ, гӯӣ,

Дар гӯши сипеҳр гӯшворӣ, гӯӣ.

Гузидаест аз қасоиду ғазалиёт, ки ба василаи Амир Ҷавонбахт аз рӯйи нусхаи чопии «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ҳидоят истинсох шуда; хат: настаълиқ, бидуни котиб, таърихи китобат: 1349 қ.; воқиф: котиб, 1349 ш.; коғаз: шакарии фарангӣ, ҷилд: муқавоӣ, 96 барг, 13 сатр (15-6/5), андозаи саҳифа: 24/2х16/2 см [феҳраст: 9-159] [237, с. 1051].

Аз муаррифиномаи Дароятӣ маълум мешавад, ки қисми зиёди нусхаҳои девони ашъори Муиззӣ пас аз соли 1200 ҳ.қ. ба тартиби алифбоии ҳуруфи охири қавофӣ мураттаб ва аксар маврид номи котибон сабт гардидааст.

Мустафо Дароятӣ, илова бар ин, дар ҷилди аввали «Феҳристгони нусхаҳои хаттии Эрон» дар хусуси гузидае аз шарҳи аҳвол ва ашъори 28 шоир маълумот медиҳад, ки иборатанд аз: Низомии Қумӣ, Шоҳтоҳири Қумӣ, Ливоии Қумӣ,

Рафеӣ, Кошӣ, Калим Кошӣ, Моилии Кошӣ, Асириддини Ҳамадонӣ, Рашидиддин Муҳаммади Ҳамадонӣ, Мулло Абдулбоқӣ, Ҷавҳарӣ, Табрезӣ, Ҳаким Қатрон, Малҳамӣ, Табрезӣ, Сайид Зулфиқор, Фалакӣ, Канҷурӣ, Авҳадӣ, Муиззӣ, Адиб Собир, Деҳлавӣ, Ватвот, Доӣ, Рафиқ, Шуълаи Исфаҳонӣ, Муҳаммад Содиқ, Тафрашӣ, Софии Исфаҳонӣ, Туфони Мозандаронӣ, Ошиқи Исфаҳонӣ, Абдулбоқии Табиби Исфаҳонӣ, ки бо хатти насталиқи шикаста аз ҷониби Ҳасан ибни Аҳмад Ҳусайнии Кошонӣ мутахаллис ба Сурайё дар таърихи 1274 ҳ.қ. китобат шудааст ва дар Китобхонаи миллии Эрон, таҳти шумораи 6163 нигаҳдорӣ мешавад [236, с. 148].

Дар хусуси як қатор нусхаҳои девони шоир, ки дар феҳристи мазкур муаррифӣ шудаанд, аз ҷониби мураттибони феҳристҳои дигар низ маълумот дода шудаанд. Аз ҷумла, Саид Абдулло Анвор, фароҳамоварандаи «Феҳрасти нусахи хаттии Китобхонаи миллии Эрон» дар ҷилди дуюми феҳрасти мазкур нусхаҳои 572 [244, с. 68], 594 [244, с. 103], 598 [244, с. 106], 915 [244, с. 453], дар ҷилди чаҳоруми феҳраст нусхаи 1938 [246, с. 397] ва дар ҷилди панҷуми феҳраст нусхаҳои 2211 [247, с. 304] ва 2323 [247, с. 443]-ро муаррифӣ менамояд. Дар баробари ин, аз ҷониби Саид Абдулло Анвор дар ҷилди дуюми феҳрасти мазкур дар хусуси як ҷунги ашъор ва мактубот, таҳти шумораи 806/ф [244, с. 343] маълумот медиҳад, ки дар он намунаи ашъори Амир Муиззӣ низ ҷой дода шудааст. Дар ин ҷунг аз саҳифаи 1 то 3 чанд иборати мансур омада ва дар онҳо калимаи истахр ва баъзе аз амсоли араб ва калимаи Ирам баҳс шуда ва аз саҳифаи 4 то 17 чанд қасида аз Ломеӣ ва аз саҳифаи 17 то 50 чанд қасида ва як мусаммат аз Манучеҳрӣ ва аз саҳифаи 52 то 56 қасидаи маъруфи «Эй сорбон, манзил макун ҷуз дар диёри ёри ман» аз Амир Муиззӣ ва аз саҳифаи 57 то 60 чанд ғазал аз Саъдӣ ва аз саҳифаи 6 то 64 қасидае аз Шӯрида ва аз саҳифаи 67 то 121 айзан қасоид ва мухаммасоте аз Шӯридаи Шерозӣ гирд оварда шудааст.

Анвор дар ҷилди чаҳоруми феҳрасти мазкур як ҷунги шеър ва насрро муаррифӣ менамояд, ки дар он дар қатори шоирону адибони дигар намунае аз ашъори Амир Муиззӣ низ омадааст [246, с. 487].

Зиёуддин ибни Юсуфи Шерозӣ дар ҷилди сеюми «Феҳристи Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ, кутуби хаттӣ» нусхаи шумораи 13516 [240, с. 419] ва дар ҷилди 8-уми феҳрасти мазкур нусхаи шумораи 2494 [241, с. 190] Китобхона, мавзеъ ва маркази асноди Маҷлиси Шурои исломӣ ва дар ҷилди 2-юми Феҳристи Китобхонаи Мадрасаи олии Сипаҳсолор нусхаи шумораи 194 [239, с. 554] ва нусхаи шумораи 195 [239, с. 557] Китобхонаи Мадрасаи олии Сипаҳсолорро муаррифӣ намудааст.

Мирвадуд Сайид Юнусӣ дар ҷилди дуюми «Феҳристи нусхаҳои хаттии Китобхонаи миллии Табрез» дар хусуси нусхаи шумораи 2964 [242, с. 525] 525) Китобхонаи миллии Табрез маълумот медиҳад.

Саид Аҳмад Ҳусайнии Ашкварӣ дар ҷилди 1 «Феҳристи нусхаҳои хаттии Китобхонаи шахсии Майбудӣ (Кирмоншоҳ Эрон)» дар хусуси нусхаи шумораи 166 [243, с. 134] Китобхонаи шахсии Майбудӣ (Кирмоншоҳ Эрон) маълумот медиҳад. Ҳамзамон, дар сомонаи https://ketabpedia.com нусхаи шумораи нусхаи 959 т, 1069 ва 2494 Китобхона, мавзеъ ва маркази асноди Маҷлиси Шурои исломӣ муаррифӣ гардидааст.

Ғуломризо Солимиён ва Суҳайлёрӣ Гулдара дар мақолаи «Пешниҳодҳое барои тасҳеҳи бархе аз байтҳои девони Муиззӣ ва зикри шеърҳои навёфтаи вай (бар пояи тазкираҳо ва ҷунгҳои куҳан)» аз якчанд ҷунгҳои маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлис истифода бурдаанд. Аз ҷумла Ҷунги Китобхонаи Маҷлис, шумораи 23607, Ҷунги Китобхонаи Маҷлис, шумораи 753, Ҷунги Китобхонаи Маҷлис, шумораи 86642 ва Ҷунги Китобхонаи Ганҷбахши Покистон, шумораи 14456. Аз ин миён ҷунги шумораи 23607 аз ҷониби муҳаққиқи турк Гётмен Гётҳан низ мавриди истифода қарор гирифтааст, ки поёнтар дар ин бора ишора хоҳад шуд. Илова бар ин, дар бораи як қатор нусхаҳои девони Амир Муиззӣ, ки дар китобхонаҳои Эрон маҳфузанд, аз ҷониби муҳаққиқони дигар маълумот оварда шудааст, ки аз назари Мустафо Дароятӣ берун мондааст.

Аз ҷумла, муҳаққиқи турк Гётмен Гётҳан дар рисолаи «Дунёи шеъри Муиззӣ» дар баробари нусхаҳои девони Амир Муиззӣ дар Туркия ва Америка

дар бораи 14 нусхаи девон ва мунтахаби ашъори Амир Муиззӣ, ки дар Китобхонаи Маҷлиси Эрон маҳфузанд, чунин маълумот медиҳад:

1. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, №74526. Нусхаи мазкур бо чарми қирмизӣ, ки атрофаш бо ранги сиёҳ нақшунигор карда шудааст, муқовабандӣ гардидааст. Аз 203 барг иборат аст. Шумораи абёт тақрибан ба 17,500 баробар аст. Андозаи саҳифа: 14х22, 25 сатр (25 байт) дар чор сутун. Хатти настаълиқ. Сарлавҳаҳо умуман холӣ буда, чанд сарлавҳа бо ранги сурх навишта шудааст. Дар байни саҳифаҳои 1-20 дар бораи Муиззӣ, эҳтимол меравад, аз ҷониби котиб баъзе маълумот дохил карда шудааст. Навъи коғаз: пахолии дорои нишонаҳои обӣ. Санаи китобат: 1293ҳ.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Баромад соҷгун абре зи рӯи соҷгун дарё

Бухори маркази хокӣ, ниқоби қуббаи хазро.

Байти охир: Андар каф ҷому бар сар афсар дорӣ,

Маҳ бар кафу офтоб бар сар дорӣ.

2. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, №13260. Нусхаи мазкур дар бастаи чармин бо нақшаи барги сабзи торик буда, аз 426 барг иборат аст. Ин дастнавис фарогири тақрибан 15 000 байт мебошад. Андозаи он 32х41см буда, бо хатҳои зарҳалӣ оро дода шудаанд, аммо ин нигориш пас аз саҳифаи 62 ба назар намерасад. Дар ҳар саҳифа 17 сатр (17 байт) ҷойгир шуда, он бо хатти насх китобат шудааст. Ҷойи унвонҳо холӣ мондаанд, аммо саҳифаҳои аввал баъдтар бо ранги сурх навишта шудаанд. Навъи коғаз: пахолӣ. Санаи китобат вуҷуд надорад.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Баромад соҷгун абре зи рӯи соҷгун дарё

Бухори маркази хокӣ, ниқоби қуббаи хазро.

Байти охир: Ба соли тоза ба лутфи туст, обӣ, гӯӣ,

Маҷлиси ту гарм аст, шаробӣ, гӯӣ.

3. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, №76465.

Нусхаи мазкур бо чарми қирмизии моил ба сиёҳӣ муқовабандӣ гардида, аз 100 барг иборат аст. Он тақрибан 3500 байтро дарбар мегирад. Андозаи саҳифа:

20х28, бо нақшу нигори гулоби зарҳалӣ ва сабзу қирмизӣ оро дода шуда, матн дар дохили рах ҷойгир карда шудааст Дар беруни рах боз рахи сурх кашида шудааст. Дар ҳар саҳифа 17 сатр ҷой дода шуда, он бо хатти насх китобат шудааст. Барои сарлавҳаҳо ҷой ҷудо шудааст, аммо ҷойи он холӣ мебошад. Саҳифаи аввали девон фарсуда шудааст. Коғаз пахол, таърихи китоба вуҷуд надорад.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Биё, дар чашми ошиқ кун таҷаллӣ рӯйи зеборо,

Ки ҷуз Вомиқ надонад кас камоли ҳусни Узроро.

Байти охир: Ин баски кунад ёди мани номасиёҳ

Рӯзе ба дуои хайр соҳибкараме.

5. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, №62051. Нусхаи мазкур дар муқоваи чармини қаҳваранги равшан буда, аз 133 барг иборат аст. Теъдоди абёти он тақрибан 6000 аст. Андозаи саҳифа 21,5х25 бо фарогирии 23 сатр (23 байт)дар ҳар саҳифа. Дар баъзе саҳифаҳо дар ҳошияи берун аз матн байтҳо оварда шудаанд. Он бо хатти насх китобат шудааст. Барои сарлавҳаҳо ҷой ҷудо шудааст, аммо он холӣ мебошад. Коғаз пахол, таърихи китобат вуҷуд надорад.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Лашкар-ш яко-як ҳама гаштанд бар-ин сӯй,

Чӣ ҳоҷибу чӣ миру чӣ сарҳангу чӣ солор.

Байти охир: Аз аждаҳои хома хӯрам ризқ чун бувад,

Онро, ки ризқ дар дами шаъбон ниҳодаанд.

6. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, №50637. Нусхаи мазкур дар муқоваи чармини қаҳваранг муҷаллад гардида, аз 222 барг иборат аст. Теъдоди абёти он тақрибан 7600 аст. Андозаи саҳифа 22х28 см буда, дар ҳар саҳифа 17 сатр ҷой дода шудааст. Он бо хатти насх китобат шудааст. Барои сарлавҳаҳо ҷой ҷудо шудааст, аммо он холӣ мебошад. Коғаз пахол, таърихи китобат вуҷуд надорад.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Ситора саҷда барад талъати мунири туро,

Замона бӯса диҳад пояи сарири туро.

Байти охир: Шуд чашми мусулмоне аз тилъати ӯ равшан,

Шуд кори мусулмоне аз давлати ӯ корӣ.

7. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, № 48/7557. Нусхаи мазкур дар муқоваи чармини қаҳваранг муҷаллад гардида, аз 199 барг иборат аст. Дар ин нусха, тахминан 8000 байт ҷой дода шудааст. Матни абёт дар чаҳорчӯбаи зарҳалӣ ҷойгир буда, андозаи саҳифа 14х22 см мебошад. Дар як тараф 20 сатр (20 байт) ва дар тарафи дигар 16 сатр (8 байт), навъи хат насх. Барои сарлавҳа ҷойҳо ҷудо карда шудаанд, аммо матн вуҷуд надорад. Дар саҳифаи аввал матн ва сабтҳо навишта шудаанд, коғаз пахолӣ буда, таърихи китобат тахминан ба асри 16-17 рост меояд.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Ситора сачда барад тилъати мунири туро,

Замона бӯса диҳад пояи сарири туро.

Байти охир: Ба ҳар ҷашне, ки биншинӣ саодат ҳамнишин бодат,

Ба ҳар роҳе, ки бихромӣ саломат роҳбар бодат.

8. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, № 64910. Дар ин нусха маҷмуаи ашъори шоир аз саҳ. 122б то 234 ҷойгир буда, тахминан аз 8500 байт иборат аст. Муқоваи он чармини қаҳваранг ва андозаи саҳифаи он 26х31 см мебошад. Дар ҳар саҳифа 37 сатр (37 байт)-и пурра омадааст. Дар саҳифаҳо берун аз матн дар даруни чаҳорчӯбаҳо байтҳо ҷой дода шудааст. Навъи хат насх. Ҷойҳои сарлавҳа холӣ мондаанд, аммо баъдтар унвонҳо бо ранги сурх навишта шудаанд. Коғаз пахолӣ. Таърихи китобат: дувоздаҳуми шаҳри рабеуссонии 996 ҳиҷрии қамарӣ.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Шудаст рӯзи ҳама халқ фарруху маймун,

Ба рӯзгори шаҳи некбахти рӯзафзун.

Байти охир: Дар маҷлиси ту буд яке шоири азиз,

З-он шоири азиз Муиззист ёдгор.

9. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, № 61896. Он дар муқоваи чарми қаҳваранг муҷаллад гардида, аз 284 барг иборат аст. Шумораи байтҳои ин нусха тақрибан ба 8600 баробар аст. Андозаи саҳифа 22х27 см, бо эзоҳ, бе чаҳорчӯба. Дар баъзе

сахифахо дар ҳошияи матн байт ва ёддоштҳои дигар мавҷуданд. Дар ҳар саҳифа 15 сатр (15 байт) бо хатти насх китобат шудааст. Ҷойҳои уновнҳо холӣ монда, аммо баъдтар бо ранги сурх навишта шудаанд. Дар варақҳои 1б-3а аз ҷониби котиб маълумот дар бораи Муиззӣ оварда шудааст. Коғаз пахолӣ. Санаи китобат: чаҳоршанбе, бисту ҳафти сафарулмузаффари 1291 қ.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Бо нусрату фатҳу зафару давлати воло

Бингар, алами шоҳи ҷаҳон бар сари боло.

Байти охир: Офарин бод аз фалак хуршеди адлу ҷудро

Садри дунё Аҳмад ибни Фазл бин Маҳмудро.

10. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, №31664. Нусхаи мазкур дар муқоваи чармини сиёҳ муҷаллад гардида, аз 254 барг иборат аст. Дар ин нусха тақрибан 9000 байт фароҳам омадааст. Андозаи саҳифа 19х23 см буда, дар ҳар саҳифа 17 сатр (17 байт) фароҳам омадааст. Навъи хат насх. Барои унвонҳо ҷой ҷудо гардида, аммо онҳо холӣ мебошанд. Коғаз пахолӣ, таърихи китобат вуҷуд надорад.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Ситора саҷда барад талъати мунири туро,

Замона бӯса диҳад пояи сарири туро.

Байти охир: Ба ҳар ҷашне, ки биншинӣ, саодат ҳамнишин бодат,

Ба ҳар роҳе, ки бихромӣ, саломат роҳбар бодат.

11. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, №212256. Нусхаи мазкур аз 238 барг иборат буда, дар бастаи чармини сиёҳ муқовабандӣ гардидааст. Шумораи абёти он тақрибан 9000 аст. Андозаи саҳифаҳои он 20х26 см буда, чаҳорчӯбаи зарҳалӣ ва дар дохили он раҳҳои сурх дорад. Дар ҳар саҳифа 19 сатр (19 байт) бо хатти насх китобат шудааст. Когаз пахолӣ таърихи китобат вуҷуд надорад.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Ситора саҷда барад тилъати мунири туро,

Замона бӯса диҳад пояи сарири туро.

Байти охир: Вазорате, ки зи ҷаду падар расида ба ту,

Муқим бод дар ин хона то ба рӯзи талоқ.

12. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, №13351. Нусхаи мазкур дар бастаи чармини қирмизӣ муқовабандӣ шуда, аз 348 барг иборат аст. Фарогири тақрибан 11500 байт ва андозаи саҳифаҳои он 26х35 см мебошад. Бидуни чаҳорчӯба, дар ҳошияи баъзе навиштаҷоти дигар омадааст. Дар ҳар саҳифа 16 сатр (16 байт), навъи хат: насх, барои сарлавҳаҳо ҷой ҷудо гардида, аммо онҳо холӣ мебошанд.

Коғаз пахолӣ таърихи китобат сабт нашудааст.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Дидам ба раҳ он нигори хандонро,

Он моҳрухи ситорадандонро.

Байти охир: Азбаски дил шикофт, рабудаст нури дил,

Азбаски ҷон рабуд, гирифтаст лутфи ҷон.

13. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, № 23607.66. Нусхаи мазкур дар бастаи чармини қаҳваранги равшан муқовабандӣ шуда, аз 277 барг иборат аст. Шумораи абёти он тақрибан 12000 байт ва андозаи саҳифаҳои он 15х30 см мебошад. Он бо чаҳорчӯбаи зарҳалӣ оро дода шуда, дар гирди чаҳорчӯбаи мазкур раҳҳои сурх кашида шудаанд. Дар ҳар саҳифа 21 сатр (21 байт) ҷойгир буда, дар баъзе саҳифаҳо дар ҳошия ва берун аз раҳҳо як ё якчанд байт ва матн омадааст. Баъзе аз ашъори Муиззӣ, ки котиб дар байни варақҳои 1б-3а овардааст, фаҳмида мешавад, шарҳиҳолист. Ҳам муқаддима ва ҳам саҳифаи аввали девон бо услуби хос китобат шудааст. Гумон меравад, нусхаи мазкур барои ягон шахси муҳим нусхабардорӣ шудааст. Таърихи китобат номаълум аст.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р- раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Бо нусрату фатҳу зафару давлати воло,

Бингар, алами шоҳи чаҳон бар сари соло.

Байти охир: Наъле зада аз зари иёрӣ, гӯйӣ,

Дар гӯши сипеҳр гӯшворӣ, гӯйӣ.

14. Китобхонаи Маҷлиси Эрон, №74411. Нусхаи мазкур дар муқоваи чармини қаҳваранги равшан бастабандӣ шуда, аз 341 барг иборат аст. Шумораи абёти он тақрибан 14000 байтро дар бар мегирад. Андозаи саҳифаҳои он 21х31см

буда, адр ҳар саҳифа 20 сатр (20 байт) ҷой дода шудааст. Хат настаълиқ буда, сарлавҳаҳо бо ранги сурх навишта шудаанд. Дар баъзе саҳифаҳо дар ҳошияҳо матни байтҳо ва ёддоштҳо бо хатти дигар омадаанд. Дар чанд саҳифаи охир байтҳои гуногун навишта шудаанд. Коғаз пахолӣ, таърихи китобат сабт нагардидааст.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Ситора саҷда барад тилъати мунири туро,

Замона бӯса диҳад пояи сарири туро.

Байти охир: Наъле зада аз зари иёрӣ, гӯйӣ,

Дар гӯши сипеҳр гӯшворӣ, гӯй.

Тибқи иттилои Гётмен Гётҳан, дар Туркия 4 нусҳаи девони Амир Муиззӣ маҳфуз аст, ки онҳоро чунин муаррифӣ менамояд:

1. Китобхонаи Донишгоҳи Истамбул, FY 1112, Ҳалис Афандӣ №4080. Нусхаи мазкур бахше аз қисматҳои тағаззулоти қасоиди Муиззиро дар бар мегирад. Онро тағаззулоти қасоид низ мегӯянд. Ин нусха дар муқоваи сурхи нимчармӣ буда, аз 65 барг иборат аст. Андозаи саҳифаҳои он 11,4 х17,5 (6,3 х 12,3) см буда, бо раҳҳои кабуд оро дода шудаанд. Дар ҳар саҳифа 15 сатр бо хатти борик ҷой дода шудааст. Сарлавҳаҳо сурх мебошанд. Таърихи китобат сабт шудааст (65б); Истанбул, Шаби чоршанбе, 3-юми Рачаб, 1282. Ин нусха қисмҳои зеринро дар бар мегирад: варақҳои 1б-55б тағаззулот бо тартиби алифбо; 55б-64а чанд таркиббанд ва тарҷеъбанд, ғазалу қитъа; 64б-64а чанд рубоӣ.

Байти аввал: Чу ошиқ шуд дилу ҷонам руху зулфайни ҷононро,

Дилу ҷонро хатар набвад, дил инро боду ҷон онро.

Байти охир: Андар каф ҷому бар сар афсар дорӣ,

Маҳ бар кафу офтоб бар сар дорӣ.

2. Китобхонаи Донишгоҳи Истамбул, FY 335, Ризо Пошо, № 1180. Дар ин нусха ашъор аз рӯйи алифбо вобаста ба ҳуруфи охири қавофӣ ҷойгир шудаанд. Ин нусха зарҳалкорӣ гардида, дар пӯсти қаҳваранги пурзинати ороишӣ ҷойгир карда шудааст. Аз 201 барг иборат буда, фарогири тақрибан 7000 байт аст. Андозаи саҳифаҳои он 14 х 20,5 (7,3 х 14,7) см. буда, дар ҳар саҳифа 17 сатр ҷой

дода шудааст ва хатти он настаълиқ мебошад. Дар ҳошияҳои порчаҳо ва байтҳо сабт гардидаанд. Таърихи китобат вуҷуд надорад.

Байти аввал: Офтоб андар шараф шуд бар ҷаҳонфармонраво,

Кард дигаргун замину кард дигарсон ҳаво.

Байти охир: Ҳамеша сояи адли ту бодо бар сари олам,

Ки оламро ба адли хеш холӣ аз ситам дорӣ.

3. Китобхонаи Сулаймония, Бахши Лала Исмоил, № 485. Нусхаи мазкур муқова надорад. Аз 112 варақ иборат буда, фарогири тақрибан 6000 байт мебошад. Бе чаҳорчӯба, 24 сатр (24 байт), хатти настаълиқ. Барои сарлавҳаҳо ҷой ҷудо гардидааст, аммо онҳо холӣ мебошанд. Коғази пахолӣ, таърихи китобат: коғази коҳин аст, нусхаи сабт: Фи Сафар ул-Музаффар, соли 1068.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Аё шоҳе, ки оламро ҳаме зери алам дорӣ,

Ба давлат фарқи ҷабборон ҳаме зери қадам дорӣ.

Байти охир: Эй садри ҷаҳон, ҷаҳонкушое чу ту нест,

Касро зи мулук кадхудое чу ту нест.

4. Китобхонаи Сулаймония, шуъбаи Ҳакимоғлу №670. Нусхаи мазкур мунтахаби ашъори Амир Муиззӣ буда, дар саҳифаҳои 258б-262 ҷойгир аст. Муқоваи он чармини сурхи бо раҳҳои қаҳваранг буда, дар ҳар саҳифаи он 17 сатр (17 байт) ҷой дода шудааст. Навъи хат насх мебошад. Барои сарлавҳаҳо ҷой ҷудо гардидааст, аммо он холист. Дар бораи Муиззӣ дар варақи 257 а якчанд маълумот дода шудааст.

Коғаз пахолӣ буда, таърихи китобат мавҷуд нест.

Байти аввал: Он бути маҷлисфурӯз имрӯз агар бо мостӣ

Маҷлиси мо хуррам астӣ, кори мо зебостӣ.

Байти охир: Олам аз адли ту ҳамчун бӯстон ороста

Ровиёни мадҳи ту чун булбулон дар бӯстон.

Инчунин, Гётман Гётҳан, дар бораи як нусхаи девони Амир Муиззӣ дар Донишгоҳи Ҳарварди Амирико иттилоъ медиҳад, ки дар Донишгоҳи Ҳарвард, Массачусетс, Китобхонаи Ҳоултон, таҳти № 1016 нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи

мазкур маҷмуаи ашъори шоир буда, он дар саҳифаҳои 1б-60 аст. Ин нусха дар китобхона бо унвони «Китоби ашъори маликушшуаро» маҳфуз аст. Муқоваи он чарми қирмизии дорои чаҳорчӯба ва ҳар як сутун бо чаҳорчӯбаи алоҳида фарогири 16-18 сатр (16-18 байт) бо хатти настаълиқ. Сарлавҳаҳои холимонда сонитар бо миниатюраҳои ранга пур карда шуданд. Коғаз пахолӣ, таърихи китобат: дар ғуруби рӯзи шанбе, 551 ҳ.

Оғоз: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

Байти аввал: Худои мост худованди осмону замин

Муназзаҳ аз зану фарзанду аз ҳамолу қарин.

Байти охир: Гар биёбад давлати мо аз хирад парвонае,

Давлати мири мушайяд дар миён парвона беҳ [305, с. 60-68].

Ҳерман Эте дар ҷилди якуми «Феҳристи кигобхонаи Индия офис» (дар Оксфорд) ишора менамояд, ки дар китобхонаи мазкур ду нусхаи девони ашъори Амир Муиззӣ маҳфуз аст. Пеш аз муаррифии нусхаи якум Ҳерман Эте маълумоти мухтасаре роҷеъ ба рӯзгори шоир меорад, ки чунин аст: Ашъори пурраи Амир Абуабдуллоҳ Абубакр Муиззӣ шоири мадеҳагӯи султон Маликшоҳ ва писари ӯ Султон Санҷар. Номи аслиаш Муҳаммад ибни Абдулмалик, падараш Абдулмалик Бурҳонӣ шоири Алп Арслони Салҷуқӣ. Се ҷой барои шарафи шаҳри зодгоҳаш мубориза мебаранд, яъне Нишопур (ниг. «Бутхона», дар «Бодлеян», «Хизонаи омира», «Махзан-ул-ғароиб», «Сафинаи хушгӯ», «Ҳафт иқлим» ва хабари мухтасари биографии муқаддимаи нусхаи зерин), Нисо (дар «Давлатшоҳ» ва тазкирае, ки дар В. Пертч, Берлин гурба тасвир шудааст) ва Самарқанд (дар Тақии Кошӣ, А. Шпренгер ва «Оташкада», дар Бодлеян). Ӯ аз тири хаторафтаи камони Санҷар кушта шуд. Дигар нусхаҳои девони ӯ дар Рё - II, Шпренгер ва Флюгел тасвир шудаанд. Ин девон асосан аз касидаҳое иборат аст, ки бо баъзе таркиббандҳо ва чанд қитъа омехта шудаанд.

Оғоз: Зи машриқ то ҳади мағриб шиносад ҳар кӣ дин дорад,

Ки дин равнақ ба тоиди Амиралмуъминин дорад.

Силсилаи рубоиҳо аз варақи 367 шуруъ мешавад.

Оғоз: Эй ройи ту баркашиа бар айвон сар,

Гардун-т ниҳода бар хати паймон сар.

Таърихи китобати нусха ба таърихи зулҳиҷҷаи ҳиҷрии 1046 (м. 1637, 26 апрел) тааллуқ дорад.

Нусхае, ки таҳти №360 ҷойгир аст, аз 379 варақ иборат буда, дар ҳар варақ дар 2 сутун 21 байтӣ оварда шудааст. Хатти настаълиқ, қисмати аввали нусха дар натиҷаи хӯрдани кирм осеб дидааст. Дорои навиштаҳои гуногун, андоза 10 3/8 дюйм ба 6 дюйм [307, с. 570].

Нусхаи 2-юм куҳна, вале хеле кӯтоҳтар нисбат ба нусхаи якум. Ин нусха бахши аввали шаш девони бостонии форсиро ташкил медиҳад ва таърихи китобати он солҳои 713 - 714 ҳ.қ. мебошад. Дар нусхаи мазкур баргузидаи ашъори Муиззӣ ҷой дода шудааст, ки асосан қасоиду қитъа ва дар охир рубоиҳоро дар бар мегирад. Оғози ин нусха низ мисли нусхаи якум буда, дар варақи 1б маълумоти мухтасари шарҳиҳолии шоир оварда шудааст.

Нусхае, ки таҳти №132 ҷйогир аст, дар варақҳои 1-18 дар 6 сутун 40 байтӣ оварда шудааст. Хатти насх, дар варақи 1а расм дар ҷаҳорчӯба ҷойгир карда шуда, дар саросари нусха расмҳои миниатюрӣ ба назар мерасад. Андоза 15 3/4 дюйм ба 11 дюйм [307, с. 570].

Муҳаммади Муин дар «Маҷмуаи мақолот» роҷеъ ба ин нусха ишора менамояд, ки давовини шуарои сита, яъне мунтахаботе бисёр муфассал ва мабсут аз давовини ин шаш шоири зайл: Муиззӣ, Асириддин Асхикатӣ, Адиб Собир, Низомиддин Маҳмуд Қамар Исфаҳонӣ, Шамси Табасӣ, Носири Хусрав ва маҷмуа дорои бисту панҷ ҳазор байт шеър аст, тақрибан. Таърихи китобати ин нусха дар санавоти 713-714 ҳиҷрӣ аст ва нусхаест бисёр аризу тавил ва дорои панҷоҳу се маҷлиси тасвир аст аз ҷинси тасовири давраи муғул ва собиқ. Ин нусха мутааллиқ будааст ба китобхонаи Гавҳарсултон, духтари шоҳ Исмоили аввали Сафавӣ ва муҳри ин зан дар чандин мавзеъ дар сар то сари ин нусха зада шудааст. Ва акнун мутааллиқ аст ба Китобхонаи Индиё Офис (Девони Ҳинд) дар Ландан. Оқои Қазвинӣ дар санаи 1931 милодӣ се давра акс бардошта, ҳар давра дар як муҷаллад як муҷаллади онро бо иҷозати вазорати фарҳанг ба расми амонат назди худ дар Порис нигоҳ доштанд ва ду даври дигари онро дар 19 авти соли

1932 ба Теҳрон барои вазорати фарҳанг фиристоданд ва акнун ин ҳарду муҷаллад дар китобхонаи миллии Теҳрон мавҷуд аст бо муқаддимаи мухтасаре дар васфи ин китоб, ки Муиззӣ алайҳ дар ибтидои ҳар як аз муҷалладоти ин нусха илҳоқ намудааст [174, с. 150].

Чарлз Рё дар «Замимаи Феҳристи дастнависҳои осорхонаи Британиё» овардааст, ки дар осорхонаи мазкур як нусхаи девони Амир Муиззӣ маҳфуз аст. Он иборат аз 227 варақ, 8 1/2 дюйм ба 5 1/2. 19 сатр, 3 дюйм, бо хати настаълиқ эҳтимол дар асри XVII навишта шудааст.

Оғоз: Оғоз ба тавҳид кун, эй марди сухандон,

К-осуда ба тавҳид шавад марди мусулмон.

Дар баробари ин, дар хусуси рӯзгори шоир маълумоти мухтасаре иброз менамояд, ки чунин аст: «Амир Муиззӣ, номи аслиаш Муҳаммад ибни Абдулмалик. Ҷойи таваллуди ӯ мушаххас нашудааст. Давлатшоҳ Нисоро ном мебарад. «Ҳафт иқлим» – Нишопур, Тақии Кошӣ ва «Оташкада» – Самарқанд. Низомии Арӯзӣ, ки ӯро шахсан мешинохтааст, нақл мекунад, ки падараш Абдулмалик Бурҳонии Самарқандӣ шоири султон Алп Арслони Салҷуқӣ, тавассути Амир Алии Фаромурз бо Маликшоҳ ошно шуд. Подшоҳ, ки аз чанд мисраъҳои нотакрори шоир мафтун шуда буд, ба ӯ мукофоти ҷаззобӣ ва насаби Муиззӣ дод, ки аз унвони худаш Муиззиддин гирифта шудааст. Муиззӣ дар назди Санҷар боз ҳам баландтар шуд, ки ба ӯ унвон ва мақоми моликушшуаро дод. Ӯ аз тири тасодуфии Султон Санҷар соли 542 ба ҳалокат мерасад.

Ба қавли муаллифи «Ҳафт иқлим» девони ӯ иборат аз 15000 байт мебошад.

Нусхаи мазкур тақрибан аз 8000 байт иборат аст. Он, асосан, аз қасида иборат аст, ки ба тартиби алифбоӣ китобит шудаанд, якчанд ғазал ва қитъа то варақи 216а ва рубоӣ то варақи 224а -ро дар бар мегирад.

Саҳифаҳои аввал ва охири нусхаи мазкур аз ҷониби муаллифи дигар баъдтар китобат шудаанд [318, с. 552].

Тибқи иттилои М.Д. Шпренгер дар ҷилди якуми «Феҳристи дастнависҳои арабӣ, форсӣ ва ҳиндустонии китобхонаҳои шоҳии Оуд», дар китобхонаи мазкур як нусха девони Амир Муиззӣ нигаҳдорӣ мешавад. М.Д. Шпренгер низ дар

баробари муаррифии нусхаи девон оид ба рӯзгори шоир маълумоти мухтасаре медиҳад: «Амир Муиззи Самарқандӣ, номаш Абубакр Муҳаммад буд». Ба қавли Давлатшоҳ, аслаш аз Нисост ва ба гуфтаи Хушгӯ, аз Нишопур аст. Падараш Абдулмалик Бурҳонӣ шоир буд ва дар замони Алпарслон ривоҷ ёфт, аммо ба маъруфият нарасид.

Пас аз марги ӯ Муиззӣ, тавре ки ба назар мерасад, аввал ҳамчун шоир дар назди ворисони Маҳмуди Ғазнавӣ касби харбиро интихоб кард ва дар назди султон Ҷалолиддини Маликшоҳ ба фармондеҳе расид, ки ба ӯ дар дарбор мансабе дод. Як шом подшоҳ бо дарбориёнаш дар ҷустуҷӯи моҳи нав буд, ки зуҳури он барои қатъи рӯза буд. Подшоҳ онро аввал мушоҳида кард ва Муиззӣ рубоие суруд. Маликшоҳ ба ӯ унвони маликушшуароӣ дод ба чорсад шоире, ки дарбори ин подшоҳро зеб медоданд. Пас аз он ӯро ба сафорати Рум (Икония) фиристоданд ва ӯ чил уштур бори гаронбаҳо мол ба Исфаҳон овард.

«Охири рӯзгори ӯ фоҷиабор буд, – нақл мекунад Муҳаммад Авфӣ, – Рӯзе Санҷар, вориси Маликшоҳ дар бошишгоҳи худ камонварӣ мекард ва тире хато хӯрда, ба Муиззӣ мерасад. Ин воқеа дар соли 480 рӯй дод. Саноӣ дар бораи маргаш марсия навиштааст. Аммо Тақии Кошӣ гумон мекунад, ки вай то замони Хоразмшохиён умр ба сар бурда, маргашро соли 542 мешуморад [320, с. 501]. Девонаш бештар аз 15.000 байт дорад.

Мундариҷа: Қасида, бештари онҳо дар ситоиши Абулфатҳ Муҳаммади Маликшоҳ, Санҷар, Низомулмулк Абуалӣ Ҳасан ибни Исҳоқ ва писараш Фахрулмулк Муҳаммад Қавомиддин ва тақрибан 120 рубоӣ.

Оғоз: Зи Машриқ то ҳади Мағриб шиносад ҳар кӣ дин дорад,

Ки дин равнақ ба таъйиди Амиралмуъминин дорад.

Иборат аз 650 саҳ., ҳар саҳифа фарогири 19 байт, нусхаи олиҷаноб. Нусхаи хеле зебои Муиззӣ, зери рақами №1368, қасидаҳо дар 100 саҳифа,

15 байтӣ ва рубоӣ 30 саҳифа.

Ибтидо: Боз омаду овард хазон лашкари сармо,

Бишкасту ҳазимат шуд аз ӯ лашари гармо [320, с. 501].

В.Иванов дар «Феҳристи китобхонаи Бангола» аз рӯи сарчашмаҳои адабӣ ва феҳристҳои то ба замони муаллиф ба табъ расида, дар баробари муаррифии девони Муиззӣ, ки дар китобхонаи мазкур маҳфуз аст, оид ба Муиззӣ маълумоти мухтасар медиҳад, ки он ҳам бошад, Абуабдуллоҳ (ё Абубакр) Муҳаммад ибни Абдулмалик Бурҳонии Муиззӣ (соли вафот 542 / 1147-1148), шоири дарбори султон Маликшоҳ (465-485 / 1072-1092) ва Султон Санҷари Салҷуқӣ (511-552/1118-1157). Девони шоир дар ҳудуди 507 варақ, андозаи саҳифаҳои девон 235х140, 170х75, дар ҳар саҳифа 15 сатр матн ҷой дода шудааст. Коғаз дар баробари хатҳои канорӣ каме пӯсидааст. Матни ашъор дарт дохили чаҳорчӯба ҷой дода шудааст [308, с. 195].

Бино ба иттилои З.Н. Ворожейкина, дар Фонди Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Федератсияи Россия ду маҷмуаи ашъор маҳфуз аст, ки дар қатори шоирони дигар ашъори Амир Муиззӣ низ омадааст. З.Н. Ворожейкина низ дар баробари муаррифии маҷмуаҳои мазкур дар бораи рӯзгори шоир маълумоти хеле мухтасар медиҳад, аз ҷумла:

Амир Муиззӣ (ашъор) А688-5 (Nov. 139)

Муаллиф – Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абудлмалик Нишопурӣ бо тахаллуси Муиззӣ. Соли 440 / 1048-49 дар Самарқанд (ба дигар тахмин, дар Нисо) таваллуд шудааст. Соли вафоташ миёни солҳои 517/1123 ва 521/1127. Устоди барҷастаи қасидаи мукаммал. Доираи адабии дарбори Салҷуқиёнро дар Исфаҳон сарварӣ мекард. Маддоҳи султон Маликшоҳ ва Султон Санҷар буд. Соҳиби унвони амирушшуаро буд, ки ба вай аз падараш – шоири Салҷуқиён Бурҳонӣ гузашта буд.

Девони Муиззӣ дар матни интиқодӣ аз ҷониби Аббос Иқбол (Теҳрон, 1318/1339) 17481 байтро фаро мегирад. Девони мазкур аз чор қисмати анъанавӣ иборат аст: қасида, ки қисмати асосии деонро дар бар мегирад. Ғазал, қитъа ва рубоиёт. Дар замима якчанд пораҳрои мадҳии Муиззӣ, ки дар девони шоирони дигар аз ҷониби мураттиб пайдо шудааст, оварда шудаанд.

Маҷмуаи мазкур порчаҳоро аз девони Муиззӣ фаро мегирад, ки аз 136 байт иборат аст. Дар қисмҳои на чандон калон, одатан, ду-панҷ байтӣ аз 32 шеъри

Муиззӣ пешниҳод шудааст. Як қасида «Дар мадҳи Санҷар» ба шакли пурра (32 байт) оварда шудааст. Аксари параҳои шеърӣ аз қисмати оғози ашъор оварда шудааст. Маҷмуа якчанд параҳоеро дар бар мегирад, ки дар нусхаи чопӣ ба назар намерасад. Масалан, дар варақи 183а қатори 5-8 св:

Санамо, он хати мушкин, ки фароз овардӣ,
Бар гул аз ғолия гавҳар, ки тироз овардӣ.
Чун хат оранд бутон ноз фаровон накунанд
Ту аҷабтар, ки хат овардию ноз овардӣ.

Ҳамзамон, нигаред ба параҳои варақи 183 б сутуни мобайн, сатрҳои 2-1 сн, ва сутуни чап, сатрҳои 9-18 св, дар варақи 184 б, сутуни чап, сатрҳои 1-10 св.

Матни дигари порчаҳои пешниҳодшуда аслан бо нусхаи чопӣ мувофиқ аст. Тафовут танҳо дар сатрҳои алоҳида вомехурад (мисол, варақи 183 а, сутуни рост, сатри 1, нигаред ба нусхаи нашршуда, саҳ. 344, сатри 1; варақи 183 б, сутуни мобайнӣ, сатрҳои 5-6 св, нигаред ба нусхаи нашршуда, саҳ 459, сатри 2 св).

Дар қасидаи «Дар мадҳи хоҷа Низомиддин Музаффар Фахрулмулк» дар маҷмуа байти иловагӣ омадааст, ки дар нусхаи нашршуда ба назар намерасад (варақи 184 а, сутуни рост, сатрҳои 7-8 св, нигаред ба нусхаи нашршуда, саҳ. 173-174).

Оғози матн (нигаред ба нусхаи нашршуда, саҳ. 344):

Он зулфи мушкбор бар он рӯйи чун баҳор,
Гар кӯтаҳ аст, кӯтаҳӣ аз вай аҷаб мадор

Анҷоми матн (мувофиқан, нусхаи нашршуда, саҳ. 419, сатри 12 сн.):

Аз дӯстон мадор лаби хешро дареғ,
К-аз ту ҳаме дареғ надоранд ҷони хеш.

Ашъори Муиззӣ дар дохили «Сафинаи ашъор»-и Соиби Табрезӣ ҷойгир аст [122, с. 106, 107].

Нусхаи дуюм зери шумораи D10-17 (2731)

Девони Муиззӣ

Нусха мунтахаби девони Муиззиро дар маҷмуъ, иборат аз 500 байт фаро мегирад. Дар нусхаи мазкур ашъори Муиззӣ дар андозаи гуногун (аз 3 то 26 байт)

63 қасидаву ғазал ва 2 рубоӣ аз абёти аввали ашъор фароҳам оварда шудаанд. Матни пешниҳодшуда бо матни нусхаи нашршуда мувофиқ аст. Гоҳ-гоҳ тафовут дар доираи ивазшавии калимаҳо дар дохили мисраъҳо ва ивазшавии мисраъҳо дар байти дигар, шояд аз мусолиҳакории котиб (масалан, варақи 46 б, сатри 1 св, нигаред ба нусхаи нашршуда, саҳ. 666, сатри 1 св; ё варақи 47 а, сатри 3 св, нигаред ба нусхаи нашршуда, саҳ. 97, сатри 3 св.) рух додааст. Тахмин меравад, ки матни ашъор аз ду дастхат нусхабардорӣ шудааст: тартиби алифбоӣ дар ҷобаҷогузории матнҳо ду маротиба такрор меёбад (нигаред ба охири варақи 50 а). Нусха пораи алоҳида аз 5 байтро фаро мегирад, ки дар нусхаи нашршуда ба назар намерасад (варақи 46 а, сатрҳои 7-5 сн.). Оғози он:

Агар нишот кунад даҳр, воҷиб аст савоб,

Ки кард Хусрави рӯйи замин нишоти туроб.

Оғози матн (дар мувофиқа бо нусхаи нашршуда, саҳ. 16, байти аввали қасида):

Офтоб андар Шарқ шуд бар ҷаҳон фармонраво,

Кард дигаргун замину кард дигарсон ҳаво.

Анҷоми матн (дар мувофиқа бо нусхаи нашршуда, саҳ. 801, рубоиёти охир):

Гар шамъ туӣ, маро чаро бояд сӯхт

В-ар моҳ туӣ, маро чаро бояд кост?!

Ашъори Муиззӣ дар дохили маҷмуаи адабии Ҷунги ашъори шуарои мутафарриқа ҷойгир аст. Ҳамин ҷо низ дар қисмати якум боз як рубоии Муиззӣ (варақи 3б) оварда шудааст [122, с. 107-108].

Мутобиқи маълумоти «Маҷмуаи дастхатҳои шарқии АУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон» дар захираи дастхатҳои Институти шарқшиносии ба номи Берунӣ ду нусхаи маҷмуаи ашъори шоирон ашъори Амир Муиззӣ маҳфуз аст. Нусхаи якум таҳти шумораи 238 / XI пораҳои интихобиро аз девони ашъори Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззӣ (ваф.: 542/1147) бо муқаддимаи эҳтимол котиб Муҳаммад Ҳусейни Булғорӣ дар бар мегирад. Санаи китобат: 1270/1853, Ашъори шоир дар 18 варақ (109а-126б) гирд омада, андозаи саҳифаҳо ба 15,5х26,5 см. баробар аст [221, с. 230].

Нусхаи дуюм зери унвони «Маҷмаъ-ул-ғароиб» баёз аст. Маҷмуа маҷмуи ашъори шоирони гуногунро дар бар мегирад. Аз ҷумла: Иброҳими Ироқӣ, Бурҳониддин Ҷаъфарӣ, Ҳаким Саноӣ, Ҳаким Сӯзанӣ, Хоқонӣ, Разиюддини Нишопурӣ, Сарҷӣ, Саъди Куфӣ, Сайфӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Сайид Иззуддин, Шаҳоби Маҳмаза, Заҳируддин, Абдуссамад, Абдулвосеъ, Умдатулмулук, Умеди Лоиқӣ, Унсурӣ, Фахриддини Гелонӣ, Фаррухӣ, Қутбиддини Нишопурӣ, Камолиддини Кӯҳистонӣ, Гавҳарӣ, Муҷири Байлақонӣ, Муҳаммадтақӣ, Муиззӣ, Мавлоно Муғисӣ, Носири Хусрав, Низомӣ. Китобати зебо, зоҳиран кори мутахассисони Ҳинд, асри XVII. Бо хатти калони хонои настаълиқ дар қоғази абрешимини ранги зардтоб китобат шудааст. Таҳияи дастхат чанде ғайримуқаррарӣ мебошад. Матн дар ду сутун дар ҳар саҳифа дар чаҳорчӯбаи бо хатҳои кабуд ва сурх гирифта шудааст. Калимаҳои қофиявии шеър дар бисьёр маврид алоҳида ҷудо карда шудаанд. Фосилаи байни шеърҳои алоҳида (хусусан, дар охир) бо маҳорат, вале то андозае ноҳамвор пур карда шудаанд. Сарлавҳаҳо бо хати насх ва настаълиқ дар доираи махсус бо нақшу нигор навишта шудаанд. Дар аввали дастнавис ва дар варақи 147б унвонҳои хуб бо оҳангҳои кабуд мавҷуданд. Илова бар ин, пеш аз матни ашъор ду варақро феҳрист ишғол мекунад. Дар феҳристи мазкур дар шакли доираҳои ороишӣ номи муаллифоне, ки дар ашъорашон ба маҷмуа шомил гардидааст, сабт шудаанд. Маҷмуа аз 320 варақ иборат буда, андозаи он 18х28 см. мебошад [221, с. 230].

Мувофиқи маълумоти Н. Карроматуллоева, дар фонди дастнависҳои тоҷикӣ-форсии Китобхонаи давлатии РСС Тоҷкитстон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Тоҷикистон) дар баёзи №329, ки муаммо, фард, қитъа, ғазал, мухаммас, рубоӣ, мустазод, маснавӣ, байт, назм, соқинома ва чистони 58 шоир, аз ҷумла Муиззӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар ин дастнавис Амир Муиззӣ таҳти рақами 55 қарор дошта, ашъори ӯ аз саҳифаи 145а то 159 б-ро фаро мегирад [234, с. 229].

Тибқи маълумоте, ки мураттибони «Феҳрасти нусхаҳои хаттии Институти шарқшиносӣ ва осори хаттии Тоҷикистон» овардаанд, дар фонди мазкур, дар баёзи №4613 маҷмуаи мухаммасоти мустазоду мусаддасоту ғазалиёту рубоиёти

тоҷикию узбекии шоирони зайлро дар бар мегирад: 1. Амир Умархон, 2. Ҳилолӣ, 3. Маҳзун, 4. Ҳофиз, 5. Навоӣ, 6. Фузулӣ, 7. Асирӣ, 8. Шавкат, 9. Соиб, 10. Бахше аз достони «Лайлӣ ва Маҷнун» аз яке аз муаллифони номаълум, 11. Саноӣ, 12. Ҷомӣ, 13. Хокӣ, 14. Толибӣ, 15. Зокир, 16. Ҳайдар, 17. Монӣ, 18. Муиззӣ, 19. Моҳӣ, 20. Фироқӣ, 21. Саҳбо.

Настаълиқи гуногун, корхонаи гуногунранг, шояд 1318 ҳ.қ. / 1900-1901 м. (барги 48 а), 87 барг (1б-87 б), 19/8х12/5 см. Номҳои шоирон бо ҷумла навишта шудаанд. Муқоваи сабзранги муҷадвал ва дорои турунҷҳои зарби сиёҳу сурхранг, саҳофи нусха Эшонқулӣ.

Аввал ва охири нусха афтода. Матни он аз ҷилд канда шудааст [235, с. 229].

Профессори Донишгоҳи Деҳлӣ Саидамирҳусайни Обидӣ оид ба нусхаҳои девони Амир Муиззӣ чунин ишора менамояд: «Инҷониб чанде пеш «Бутхона»-и (нусхаҳои хаттии шумораи 31, 32, 59, 60 Мавлоно Озод Сӯфии Мозандарониро (ваф.: 1035 ҳ. / 1625 м.) мавриди мутолиа қарор додам ва бо каломи аз бузургтарин шуарои форсӣ, ки то ба ҳол ба чоп нарасидааст, бархурдам. Дар ин мақола танҳо ашъоре аз Амир Муиззӣ арза мешавад, ки дар девони табъшуда ёфт намешавад. Ин ҷо бояд тазаккур дода шавад, ки бархе аз ин ашъор дар як баёзи захими дигаре, ки дар Китобхонаи анҷумани Осиёӣ (маҷмуаи ашъор, мунтахаботи ашъори форсӣ, нусхаи хаттии шумораи 927, Ишётак Сусоятӣ) нигоҳдорӣ мешавад, вуҷуд дорад ва ба исбот мерасад, ки ин калом мутааллиқ ба Амир Муиззӣ мебошад [33, с. бисту чаҳор].

Дар баробари нусхаҳое, ки ишора шуд, инчунин, дар китобхонаҳои шахсии баъзе муҳаққиқони эронӣ, ки роҷеъ ба рӯзгори Муиззӣ таҳқиқот анҷом додаанд ва ҳаводорони шеъри ӯ низ нусахҳое нигаҳдорӣ мешаванд, ки дар ҳоли ҳозир теъдоди онҳо номуайян аст. Аз ҷумла Аббос Иқбол дар робита ба нашри девони Амир Муиззӣ чунин иброз менамояд: «Қадимтарин нусхае, ки мавриди истифода қарор дода шуда, нусхаест мутааллиқ ба нигоранда, ки дар аҳди Сафавия таҳрир ёфта. Комилтарин нусхае, ки дар даст буд, нусхаест мутааллиқ ба дӯсти донишманди бисёр азизам оқои Саъид Нафисӣ, ки нисбатан қадим ва мусаҳҳаҳи комил аст ва навоқиси онро ҳам эшон аз нусахи дигар ба хатти худ комил карда

ва бо камоли футуват ва саъйи садр солҳо онро барои истифода ба ихтиёри инҷониб гузоштаанд. Нусхаи дигар, ки ба кори тасҳеҳи ин табъ кумаки бисёр карда, мутааллиқ аст ба ҳазрати устоди бузургвор ва махдуми муаззам оқои Ҳоҷ Саъид Насруллоҳи Тақавӣ, ки онро ҳам аз он ҷо, ки дар хидмат ба адаб аз базли ҳеҷ гуна ҷаҳде дареғ надоранд, бо ин мухлиси худ марҳамат фармуданд ва матни ин девон бар тибқи се нусхаи мазкура ба табъ расид...» [33, с. син].

Нусхаҳои муаррифишуда теъдоди охири нусхахои девони шоир нестанд ва гумон меравад, ки то имрӯз на ҳамаи нусхаҳои девон ва маҷмуаи ашъори Амир Муиззӣ аз ҷониби муҳаққиқон пайдо ва муаррифӣ гардидаанд. Бинобар ин, ин ҷиҳати масъала пажуҳиши иловагиро талаб менамояд.

3.2. Чоп ва нашри девони Муиззӣ

Баҳс атрофи масъалаи чоп ва нашри девони Амир Муиззӣ таърихи наздики садсола дорад, вале оғози иқдоми нашри ашъори шоир андаке баҳснок боқӣ мемонад. Дар сомонаҳои интернетӣ, аз ҷумла дар сомонаи books.google.com дар хусуси нашри девони Амир Муиззӣ дар соли 1843 дар ҳудуди 154 саҳифа иттилоъ дода мешавад, аммо роҷеъ ба мусаҳҳеҳ ва макони нашр маълумоте дастрас нест. Бо дарназардошти теъдоди саҳифаҳои китоб ба назар мерасад, ки нусхаи мазкур, эҳтимол, мунтахаби ашъори шоир бошад.

Оғози ба табъ расидани девони ашъори Муиззӣ дар Теҳрон ба соли 1940 ва бо саъй ва кӯшиши Аббос Иқболи Оштиёнӣ рост меояд. Аббос Иқбол ба девони шоир муқаддимае низ навиштааст, ки дар он дар бораи рӯзгори шоир маълумоти мухтасар иброз менамояд.

Мундариҷаи матни девони таҳиянамудаи Аббос Иқбол аз қасоид (467 адад), ғазал (60 адад), рубоӣ (175 адад), қитъа (34 адад), таркиббанд (3 адад), тарҷеъбанд (3 адад) ва мусаммат (1 адад) иборат буда, тамоми абёти девон аз аввал то ба охир рақамгузорӣ шудааст. Мураттиб дар охири китоб ғ алоҳидае ҷудо карда, ба он «Изофот» унвон гузоштааст. Дар ин боб 6 қасида, 1 ғазал, 1 қитъа ва як порчаи шеърӣ бо номи тағаззул оварда мешавад. Аббос Иқбол ба

девони шоир бахши «Изофот» илова менамояд ва ин амали хешро чунин шарҳ медиҳад: «Пас аз хатми табъи ашъори Муиззӣ аз рӯи нусхаҳое, ки дар даст буд, муроҷиае низ ба нусхае аз девони ӯ, ки қариб 4000 байт аст, ба амал омад ва ин қисмат дар ҷузъи мунтахаботи девони панҷ шоири дигар дар нусхаи бузурге, ки дар 713-714 китобат шуда, боқист ва асли он дар китобхонаи девони Ҳинд дар Ландан ва аксе аз он дар Китобхонаи миллии Теҳрон дар даст ҳаст. Ашъоре, ки таҳти ин унвон омада, ҳама изофотест, ки ин нусха бар се нусхаи девони Муиззии мавҷуд дар дасти ношир дорад, магар онҳо, ки дар зайл ба маҳалли вуҷуди онҳо ишора шудааст» [33, с. 822].

Дар таҳияи девон аз ҷониби мураттиб баъзе камбудиҳо, аз қабили аз матн афтодани калима, ибора ва дар баъзан ҳолат мисраъҳои алоҳида ба назар мерасад, ки дар натиҷаи мутолиаи девон мушоҳида мешавад.

Дар таҳияи девон мураттиб ба баъзе аз махсусиятҳои матни нусхаҳои истифода кардааш ҳам ишора кардааст. Масалан, дар қасидаи «Дар васфи боғ ва мадҳи султон» байти 12- ум ба таври зер:

Ифтихори хусравон бошад ба дунёву ба дин

…… [33, с. 315]

омада ва дар поварақ Аббос Иқбол ишора кардааст, ки «дар ин ҷо як мисроъ аз ҳама нусах соқит буд. Ҳамин вазъ дар мавриди баъзе абёти дигар низ сидқ дорад.

Дар матни мавриди назар баъзе дигаргуниҳои дигар низ мушоҳида мешавад. Масалан, матни қасидаи «Дар тағаззул ва мадҳи Малик Арслон Арғун» [33, с. 359] дар саҳифаи 822 бо номи Дар мадҳи Арслон Арғун бо илова гардидани байти:

Зулфи ӯ ҳар шаб ту гӯӣ, аз лаби майгуни ӯ

Чашми ӯро медиҳад то гирадаш хобу қарор.

такрор мешавад.

Матни қасидаи «Дар мадҳи Низомулмулк», ки дар саҳ. 602-603 дар ҳудуди 27 байт омадааст, дар саҳ. 615-616 бо илова шудани 9 байти дигар такрор мешавад:

Бингар ба дасту хомаи ӯ гар надидаӣ

Баҳри гуҳарҳабокуну абри гуҳарфишон.
В-ар орзуи давлату бахт оядат ҳаме,
Осори ӯ нигаҳ куну тавқеи ӯ бихон.
Андар вафои ӯ набувад ҷисмро вафот
В-андар ҳавои ӯ набувад чархро ҳавон.
Ҳар кас, ки ҳаст чокари ӯ, баҳра ёфтаст
Аз мояи саодату аз сояи амон.
Тадбири ту нишонду сари килки ту гумошт
Дар Рум кори Дорашу дар Шом паҳлавон.
Имсол Руму Шом ба ҳарду кушода шуд,
Соли дигар кушода шавад Мисру Қайварон.
Эй даври рӯзгор ба ту суфтаи нишон
Гардад дили мухолифи ту суфтаи синон.
Тобанда бод фарри ту бар хурду бар бузург,
Поянда бод адли ту бар пиру бар ҷавон.
Фархунда бод меҳри ту ҷовиду ман раҳӣ
Ҳар сол гуфта таҳнияти ҷашни Меҳргон.

Матни қасидаи «Дар таҳнияти Наврӯз ва тахаллус ба мадҳи султон» [33, с. 674] дар саҳифаи 823-824 низ такрор мешавад.

Муаллиф пас аз анҷоми қисмати Изофот бахши ғалатнома тартиб дода, бо тартиби ҳуруф бо нишон додани тартиби рақами абёт (саҳ.830-832) дар сутунҳои алоҳида шакли ғалат ва саҳеҳи калимаҳоро овардааст. Феҳристи ашъор ба тартиби ҳуруфи охири қофия (саҳ. 833-842) бо нишон додани номи қасида ва саҳифа, феҳристи асомии ашхос (саҳ.843-859), феҳристи асомии амкана (саҳ.860-867) ва феҳристи асомии кутуб (саҳ.868) оварда шудааст.

Теъдоди абёти таҳиянамудаи Аббос Иқбол мувофиқи рақамгузории масъулини нашр, 18623 ададро ташкил медиҳад ва муҳаққиқоне, ки ашъори шоирро дар асоси девони мазкур мавриди таҳқиқ қарор додаанд, бидуни баршумории такрорӣ ин теъдодро қабул кардаанд.

Барои амиқии шумораи абёте, ки дар девони таҳиянамудаи Аббос Иқбол таъйид шудааст, теъдоди абёти он такроран мавриди ҳисоб қарор гирифт ва муайян гардид, ки бо назардошти ҳисоби ғалати теъдоди абёт (барзиёд шуморида шудани 40 байт) ва такрори ду қасидае, ки пештар ишора шуд (23 байт), теъдоди абёти девони мазкур ба 18560 байт баробар гардид.

Носири Ҳирӣ, ки бо нигориши муқаддима соли 1983 девони Муиззиро ба табъ расонидааст, ашъори ӯро дар асоси нашри Аббос Иқбол бидуни тағйир ва изофаву илова овардааст. Вай дар муқаддима ишора намудааст, ки «шумораи абёти мавҷуди девони Муиззиро ба ҳудуди қариб бист ҳазор байт тахмин задаанд ва баъзе то ҳудуди нуздаҳ ҳазор байт, вале девоне, ки устоду донишманди фақид Аббос Иқбол Оштиёнӣ ба соли 1318 ҳичрӣ-қамарӣ... дар Теҳрон ба табъ расонида, шомили 18 623 байт мебошад» [31, с. 16].

Мутаассифона, ғалатҳое, ки устод Аббос Иқбол ҳангоми таҳияи ашъори шоир дар мавриди аз матн афтодани баъзе калимаву ибора ва ҳатто мисраъҳо роҳ додааст, дар девони таҳиянамудаи Носири Ҳирӣ низ ба назар мерасад. Илова бар ин, дар девони таҳиянамудаи Носири Ҳирӣ дар қасидаи «Дар мадҳи Шарафиддин Абутоҳир Саъд ибни Алии Қумӣ, вазири Султон Санҷар» байти 14-ум чунин омадааст:

Тир ҳаргиз нашунидам, ки кунад феъл сипар
Тири ӯ халқи ҷаҳонро зи балоҳо …… аст [31, с. 114].

Ба кадом сабаб Носири Ҳирӣ як калимаро аз миёни мисраи дуюми ин байт соқит кардааст, маълум нест, зеро ин байт дар девони таҳиянамудаи Аббос Иқбол, Ҷарбазадор ва Қанбарӣ комил аст, яъне:

Тир ҳаргиз нашунидам, ки кунад феъл сипар
Тири ӯ халқи ҷаҳонро зи балоҳо сипар аст.

Дар қасидаи «Дар мадҳи Султон Санҷар ва ҷанги Сова дар 12 ҷамодиюлавлии 513» байти 45- ум ба таври зер омадааст:

Сипосу шукр худовандро, ки аз паси ҷанг
Ба сулҳу дӯстию некуӣ баромад… [31, с. 187].

Ба кадом сабаб Носири Ҳирӣ як калимаро аз охири мисраи дуюми ин байт соқит кардааст, маълум нест, зеро ин байт дар девони таҳиянамудаи Аббос Иқбол [34, с. 200], Ҷарбазадор [33, с. 200] ва Қанбарӣ [35, с. 187] комил аст, яъне:

Сипосу шукр худовандро, ки аз паси ҷанг
Ба сулҳу дӯстию некуӣ баромад кор.

Чунин манзара дар баъзе абёти дигар низ ба назар мерасад. Шояд манзур нусхаи асл бошад, вале аз ин ҷиҳат ишора нашудааст.

Носири Ҳирӣ 29 байтро аз миёни қасидаи 260-ум зери унвони «Дар луғзи қалам ва мадҳи Абулғаноим Тоҷулмулк» бо қасидаи 261-ум зери унвони «Дар васфи ҳисоре ва мадҳи подшоҳ» даромехтааст. Матни қасидаи «Дар тағаззул ва мадҳи Малик Арслон Арғун» (саҳ. 339) дар саҳифаи 731 айнан зери ҳамин унвон такрор мешавад. Матни қасидаи «Дар мадҳи Низомулмулк», ки дар саҳ. 549-550 дар ҳудуди 27 байт омадааст, дар саҳ. 559-560 бо илова шудани 9 байт такрор мешавад. Қасидаи «Дар таҳнияти Наврӯз ва тахаллус ба мадҳи султон» (саҳ. 609) низ дар саҳифаи 734 айнан зери ҳами унвон такрор мешавад.

Дар девони нашрнамудаи Носири Ҳирӣ низ пас аз қисмати “Изофот” бахши луғатнома тартиб дода (саҳ.739-767), бо тартиби ҳуруфи таҳаҷҷӣ калимаҳои душворфаҳм шарҳ дода шудаанд. Сипас феҳристи ашъор ба тартиби ҳуруфи охири қофия (саҳ. 769-791) бо нишон додани мисраи аввали анвои шеърӣ оварда шудааст.

Абдулкарим Ҷарбазадор, ноширидигари девони Амир Муиззӣ (1389/2010) дар қисмати муқаддимавии девони шоир, дар бахши «Сухани ношир» дар бораи аҳаммияти таърихию ҷуғрофии девони Муиззӣ низ сухан рондааст. Дар ин нусхаи девон муқаддимае, ки Аббос Иқбол дар девони таҳиянамудаи худ оварда буд, пеш аз матни ашъори шоир оварда мешавад. Матни ашъори шоир низ айнан аз рӯйи девони таҳиянамудаи Аббос Иқбол, аз ҷумла бо овардани шарҳи баъзе истилоҳот дар поварақ оварда, тамоми абёти девон аз аввал то ба охир рақамгузорӣ шудааст. Бинобар он ки матни ашъори шоир комилан аз рӯи девони таҳиянамудаи Аббос Иқбол нусхабардорӣ шудааст, камбудиҳое, ки ҳангоми

таҳияи ашъори шоир, аз қабили аз матн афтодани калима, ибора ва ҳатто мисраъҳои алоҳида, дар ин нашр низ роҳ ёфтаанд.

Чунонки зикр шуда буд, Муҳаммад Ризо Қанбарӣ зери унвони «Куллиёти девони Амир Муиззии Нишопурӣ» бар асоси нусхаи мусаҳҳаҳи Иқболи Оштиёнӣ бори нахуст дар соли 1385 (2006) [35] ва бори дувум бидуни тағйиру иловаҳо соли 1393 (2014) ашъори шоирро ба табъ мерасонад [36]. Қанбарӣ дар бахши «Ёддошти чопи дуюм» дар хусуси чопи дуюми «Девон»-и Муиззӣ аз ҷониби худаш сухан гуфта, бо ёдоварӣ аз нақду муаррифи Аҳмад Маҳдавии Домғонӣ ва нақди Аҳмад Ризо Ялмаҳо тасмими худро, бинобар то он замон ба миён наомадани чопи интиқодии девон, асоснок менамояд. Инчунин, Қанбарӣ муқаддимае бо фарогирии ишорае аз Бурҳонӣ – падари Муиззӣ, зодгоҳи вай, воситаи ворид гаштани ӯ ба дарбори Маликшоҳ, сабки сухани шоир, пешоҳангии ӯ дар сурудани ғазал, дар бораи таъсирпазирии Муиззӣ аз устодони салаф, доварии шоирон дар бораи шеъри Муиззӣ, нигоҳи муҳаққиқон ба сабки шеъри ӯ, омӯзаҳои ахлоқии Муиззӣ, фавоиди луғавӣ ва таърихии девони Муиззӣ, фарҷоми кори Муиззӣ ва амсоли он навиштааст, ки дар он рӯзгори шоир нисбатан муфассалтар арзёбӣ шудааст [35, с. 10 -100].

Суханони зерини Қанбарӣ чигунагии муносибати ӯро бо «Девон»-и Муиззӣ ва фосилаи замонии чопи он маълум менамояд: «Куллиёти девони Амир Муиззӣ танҳо як бор бо тасҳеҳ ва муқаддимаи кӯтоҳи Аббос Иқболи Оштиёнӣ дар соли 1318 ҳиҷрии шамсӣ аз сӯйи «Китобфурӯшии исломия» ба чоп расид ва пас аз он ҳеҷ гоҳ таҷдиди чоп нагардид. Дигар, он ҳам пас аз чиҳил сол аз рӯйи нусхаи марҳум Иқбол ба сурате комилан нозил аз ҳайси чоп ба саъйи оқои Носири Ҳирӣ дар соли 1362 интишор ёфт ва дар ин бисту чанд соли ахир ҳам чопи ҷадиде аз девони Муиззӣ сурат набаст. Аз он ҷо ки куллиёти девони Амир Муиззӣ ба эҳтимоми оқои Ҳирӣ айнан аз рӯйи нусхаи чопии марҳум Иқбол ҳуруфчинӣ шудааст.

Мушаххасоти чопии ин нашр чунин аст: «диққати лозима дар ҳуруфчинии ҷадид, то матне покиза ва ороста фароҳам гардад, риояи ҷудонависӣ дар саросари девон, шаритаи қасоидро бо фосила ва то он ҷо ки вазни шеър иҷоза медод,

калимот ҷудо навишта шҷудаанд, абёт дар ҳар сафҳа шуморгузорӣ гардида, аз қоидаи эъробгузорӣ бар рӯйи калимоту ибороти мушкил барои осонхонӣ истифода шудааст. Таълиқоте ҳам бар абёту вожагони душвор аз девон илова шудааст, ки ба қавли мусаҳҳеҳ «агар мутарассилонро балоғат наафзояд, мубтадиёне чун таълиқанависро ба кор хоҳад омад» [35, с. 100].

Муносибати Қанбарӣ ба сурати саҳеҳи баъзе абёт қобили диққат аст. Аз ҷумла, маълум мешавад, ки дар қасидаи «Дар мадҳи Хоҷа Низомиддин Абӯлфатҳ Музаффар» байти 34- ум пурра карда шудааст:

Дар дили Майманду Мочин оташ афрӯзад ба теғ,

Рӯз бар Майманд аз сиҷҷил то сиҷҷин кунад [35, с. 130].

Дар қасидаи «Дар мадҳи халифаи Бағдод» байти 4- ум пурра карда шудааст:

Ҷаҳон танг аст бар аъдо ба сони ҳалқаи хотам

Зи баҳри он ки ӯ муҳри хилофат бар нигин дорад [35, с. 158].

Дар қасидаи «Дар тағаззул ва мадҳи Малик Арслон Арғу» байти 7- ум пурра карда шудааст:

Ман зи дил гирам ба ишқ андар қиёси хештан

Ӯ зи ман гирад қиёси ин дили нобурдбор [35, с. 218].

Дар қасидаи «Дар мадҳи Муинулмулк Саидулруасо» байти 6- ум пурра карда шудааст:

Гаҳе ба сони нигоре шавад саросар барг,

Гаҳе ба сони даархте шавад ақиқаш бор [35, с. 223].

Дар қасидаи «Дар мадҳи хоҷа Фахрулмулк» байти 18- ум ба таври зер омадааст:

Баҳравар монӣ аз он маркаб, ки андар боғи мулк

Сию шаш сол аст то ҳастӣ бар он маркаб савор [35, с. 236].

Дар қасидаи дуюми «Дар мадҳи хоҷа Фахрулмулк» байти 15- ум пурра карда шудааст:

Мукаббиранд бари номи ӯ таахллусу мадҳ,

Ки мадҳ ҳамчу намоз асту номи ӯ такбир [35, с. 238].

Дар қасидаи «Дар васфи боғ ва мадҳи султон» байти 12- ум ба таври зер омадааст:

Ифтихори хусравон бошад ба дунёву ба дин,

Иззатафзои ҷаҳон бошад амири номдор [35, с. 285].

Дар қасидаи «Дар мадҳи хоҷа Қавомулмулк Садриддин Муҳаммад ибни Хоҷа Фахрулмулк» байти 25-ум ба таври зер:

Дӯстону ошиқонро аз паси ҳичрони саъб

Чархи гардон шод гардонад зи васли якдигар [35, с. 349].

Байти 34-уми қасидаи мазкур ба таври зер:

Чун чаҳи дӯзах ба торикӣ нишебашро масир,

Чун пули маҳшар зи торикӣ фарозашро мамар,

байти 57-ум ин тавр:

Ин яке афканд нохун, то кунад таъвизи хасм

В-он яке бигрифт гесу, бар мисоли Золи зар.

байти 60-уми қасидаи мазкур ба таври зер:

Ҳар кӣ ӯ Маъбудро бар арш гӯяд муставӣ,

Мазҳаби ӯро ба бурҳон сар ба сар яксар бихар.

ва байти 79 -ум чунин:

То шиносад ҳоли ҳафт иқлимро бар даргаҳат

Бо парастиш сад гурӯҳу бо ситоиш сад нафар

пурра карда шудааст [35, с. 349-351].

Дар қасидаи «Дар мадҳи амир Абуҷаъфар Зиёулмулк Мухлисиддин Алӣ» байти 46 чунин пурра карда шудааст:

Яке монад ба ҳам тавфиқу ҳам таъйиди яздонӣ,

Туро ҳамроҳу ҳамсоя, туро ҳамдӯшу ҳамбистар [35, с. 388].

Дар қасидаи «Дар мадҳи Носириддин Маҷируддавла Мукаррам ибни Алӣ, вазири Кирмон» байти 32-юм ба таври зер пурра карда шудааст.

Найзаи ӯ чӯби Мусоро ҳаме монад, к-аз ӯ

Аждаҳое дар миён орад зи чӯби хайзарон [35, с. 451].

Дар қасидаи «Дар мадҳи хоҷа Муайядулмулк ибни Низомулмулк» байти 18-ум пурра карда шудааст:

Ҳама ҷаҳон ба замоне бадал шуд, эй аҷабе

Ки кас надиду надидаст инчунин мавло [35, с. 598].

Дар чопи мавриди назар баъзе дигаргуниҳо низ ба назар мерасад. Аз ҷумла, аз қасидаи 135, ки дар девонҳои дигар зери унвони «Дар тағаззул ва мадҳи Малик Арслон Арғу» омадааст, боз зери рақами 228 бо соқити як байт

Зулфи ӯ ҳар шаб ту гӯӣ аз лаби майгуни ӯ

Чашми ӯро медиҳад то гиридаш хобу қарор

такрор меояд.

Қасидаи 377, ки дар девонҳои дигари Муиззӣ таҳти унвони «Дар таҳнияти Наврӯз ва тахаллус ба мадҳи султон» меояд, дар саҳифаи 575 зери рақами 421 такрор мешавад. Қасидаҳои «Дар мадҳи Маликшоҳ» ва дигаре низ дар мадҳи шоҳ, қасидае беунвон дар ҳудуди 11 байт, қасидаи «Дар мадҳи султон», қасидаи «Дар мадҳи Арслон Арғу» ва «Тағаззул дар мадҳи шоҳ» бо матлаи

Мӯйи чун ғолияву рӯйи чу дебост туро,

Уқда аз ғолия бар дебои зебост туро,

ки дар нусхаҳои таҳиянамудаи Аббос Иқбол, Носири Ҳирӣ ва Ҷарбазадор дар қисмати «Изофот» омадааст, дар девони таҳиянамудаи Қанбарӣ мутаносибан дар бахши қасоид, таҳти рақами 35, 36, 279, 376, 468 (саҳ. 59-61, 390, 517, 640-641) ва дар қисмати ғазалҳои шоир ҷой дода шудаанд.

Ғазал бо матлаи:

Ҷуз ту маро ёри ғамгусор нашояд,

Бе ту маро ҷовидон биҳишт напояд,

ки дар нусхаҳои таҳиянамудаи Аббос Иқбол, Носири Ҳирӣ ва Ҷарбазадор дар қисмати «Изофот» омадааст, дар ин девон ба назар намерасад.

Тавре ба назар мерасад, Қанбарӣ нисбат ба муҳаққиқони дигаре, ки девони ашъори Муиззиро ба табъ расонидаанд, заҳмати бештар кашидааст. Дар девони нашрнамудаи ӯ пас аз матни ашъор бахши «Таълиқот ва ҳавошӣ» бо шарҳу тавзеҳи истилоҳоти лоиқи тавзеҳ (саҳ. 813-1014), сипас феҳристи ашъор аз рӯи

ҳуруфи қавофӣ (саҳ. 1019-1045), феҳристи ашъор аз рӯи ҳуруфи аввали мисроъ (саҳ. 1047-1075), таркиботу ташбеҳоти адабӣ (саҳ.1079-1115) ва китобшиносии тавзеҳии муқаддима ва таълиқот оварда шудааст.

Дар ҷилди якуми «Гулшани адаб» роҷеъ ба рӯзгору осори Амир Муиззӣ маълумоти мухтасаре сабт гардида, аз ашъори ӯ ба тариқи намуна 11 ғазал, 1 тарҷеъбанд, 2 қитъа ва 8 рубоии шоир оварда шудааст [125, с. 210-218].

Рубоиёти Амир Муиззӣ бо тасҳеҳ, тавзеҳ ва пешгуфтори муаллифи ин сатрҳо бо хатти сирилик ва алифбои арабиасос таҳия ва ба табъ расидааст, ки фарогири 150 саҳифа мебошад [21 - М].

Ҳамин тавр, аз баррасии масъалаи чопҳои «Девон»-и Амир Муиззӣ мо ба чунин хулоса омадем, ки то имрӯз чопи илмӣ-интиқодии комилан саҳеҳи девони шоир ба миён наомадааст. Муаллифони нашрҳои панҷгона дар муаррифии ашъори Муиззӣ саҳми лозима гузошта бошанд ҳам, аз норасоиҳои имлоӣ, услубӣ орӣ нестанд. Аммо, хушбахтона, чопҳои мавҷуд заминаи мусоидеро барои анҷоми чопи илмӣ-интиқодӣ фароҳам овардаанд, ки анҷоми он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи илми матншиносонии муосир маҳсуб мешавад.

Аз баррасии масъалаҳои марбут ба фаслҳои боби сеюм, ки фарогири девони ашъори Муиззӣ ва нусхаҳои дастнависи он дар китобхонаҳои ҷаҳон ва чопу нашри девони Муиззӣ мебошад, метавон бачунин натиҷа расид:

1. Амир Муиззӣ дар давоми рӯзгори худ беш аз панҷоҳ сол ба сурудани ашъори лирикӣ пардохта, аз худ девони ашъор ба мерос гузоштааст. Бино ба маълумоти мураттибони феҳристҳои дастнависҳои шарқии китобхонаҳои ҷаҳон ва муаллифони сарчашмаҳои дигари адабию таърихӣ, нусхаҳои комили девон ва мунтахаби ашъори Амир Муиззӣ дар Эрон, Туркия, Аврупо, Амрико, Россия, Ӯзбекистон, Тоҷикистон мавҷуд ва маҳфуз мебошанд.

2. Ҷиҳати муаррифии нусхаҳои хаттии девон ва мунтахаби ашъори Амир Муиззӣ, пеш аз ҳама, мураттибони феҳристҳои дастнависҳои шарқии китобхонаҳои ҷаҳон саҳмгузоранд ва дар ин қатор заҳмати мураттиби «Феҳристгони нусхаҳои хаттии Эрон» Мустафо Дароятӣ қобили тавоҷҷуҳ мебошад. Мустафо Дароятӣ дар феҳристи мазкур нусхаҳои хаттии девон ва

мунтахаби ашъори Амир Муиззиро қариб дар тамоми саросари Эрон тасвир ва муаррифӣ намудааст.

3. Чопи девони ашъори шоир дар Теҳрон бори аввал дар соли 1940 бо саъй ва кӯшиши Аббос Иқболи Оштиёнӣ оғоз меёбад. Аббос Иқбол ба девони шоир муқаддимае низ навиштааст, ки дар он роҷеъ ба валодат, таърихи қаробати ӯ ба дарбор, фарҷоми рӯзгор, шуҳрат ва аҳаммияти мақоми шоир маълумоти мухтасар иброз менамояд. Доираи фарогирии матни девони таҳиянамудаи Аббос Иқбол дар диссертатсия зикр шудааст.

4. Девони ашъори шоир, ҳамзамон, чаҳор маротибаи дигар бо муқаддима ва тасҳеҳи Носири Ҳирӣ (1983), бо эҳтимоми Абдулкарим Ҷарбазадор (2010) ва бо муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммад Ризо Қанбарӣ бар асоси нусхаи мусаҳҳеҳи Иқболи Оштиёнӣ дар соли 2006 ва бори дуввум бидуни тағйиру иловаҳо дар соли 2014 ба табъ расидааст.

БОБИ IV

ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ АШЪОРИ МУИЗЗӢ

4.1. Вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён

Дар хусуси мадеҳа ва сайри таҳаввулу ташакули он Нодири Вазинпур таҳқиқи мукаммале анҷом додааст. Дар таҳқиқи худ вай мавзуи мадҳро аз оғоз то рӯзгори имрӯз дар мисоли адабиёти араб, Аврупо, рус, Осиёи Сағир ва амсоли он мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар ин робита ишора менамояд, ки барои мадҳ ғолибан аз «қасида» истифода мешуд, чунки ин навъи шеър бо шаклу ифодаи омода ва бо фахомату зебоии алфозу равиши хоссе, ки дар хондани он маъмул аст, барои баёни маноқиб ва зикри маворидиди фазилату бартарии мамдуҳ аз ҳар навъи дигар муносибтар аст. Шоирон мекӯшиданд, ки дар қасида суханро дар сатҳи олӣ ва ағлаб дур аз дарки оммаи мардум қарор диҳанд ва онро фақат дархури мутолиа ва қазовати хос ва аҳли илму адаб созанд [120, с. 310].

Дар ҳақиқат, аксари муҳаққиқони шеъри форсӣ мавзуи нахустини шеъриро, ки ба забони форсӣ суруда шудааст, мадҳ, ё худ ситоиш мешуморанд. Иллати ин амр он аст, ки шеъри форсӣ ба дарборҳо ихтисос дошт ва шоирон аз дастгоҳҳои давлатӣ ва аз умарову ричоли воломақом ротибаву вазифа мегирифтанд, то ононро сано гӯянду зикри маҳомидашонро бар рӯйи рӯзгор мухаллад созанд [212, с. 353]. Яке аз қадимитарин маъхазҳое, ки ба ин нукта ишора мекунад, китоби «Таърихи Систон» аст. Бо назардошти нақли китоби «Таърихи Систон», нахустин шеър ба забони форсӣ аз ҷониби Муҳаммад Васифи Сагзӣ дар мадҳи Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ гуфта шуда ва матлаи он ин аст:

Эй амире, ки амирони ҷаҳон хоссаву ом
Бандаву чокару мавлову сагбанду ғулом [67, с. 208-210].

Мадҳу ситоиши салотину бузургон ва арбоби замон, ки, зоҳиран, аз ин замон оғоз шуда буд, андак-андак яке аз мавзуъҳои аслӣ ва муҳимму густардаи каломи манзуми форсӣ гардид ва дар бархе замонҳо ба ниҳояти авҷи худ расид.

Гоҳ дар тӯли таърих аз равнақи он коста шуд, аммо “ин бало ҳеҷ гоҳ аз гиребони шеъру адаби форсӣ даст барнадошту қарнҳо идома ёфт ва ҳатто то рӯзгори мо расид” [120, с. 34].

Дар авоили амр, яъне дар қарнҳои чаҳоруму панҷум мадҳ ҳамроҳ бо муболиғаҳои бисёр шадид набуд, зеро мамдуҳон ғолибан аз хонадонҳои бузург ё подшоҳоне адилу некусиришт будаанд. Барои мадҳи ин гуна мардум шоир мазомини мутанаввею мухталифи табиӣ дорад [212, с. 354]. Дар ин робита Саидҷаъфар Саидӣ дар мақолаи «Татаввури мадеҳасароӣ дар адабиёти форсӣ то қарни шашум» таъкид менамояд, ки дар мадоеҳи давраи Сомонӣ хисоли мамдуҳ бе такаллуф ва ё бо андак муболиғот бо таъбире сода баён мешуд ва бо овардани байти аввали қасидаи Муҳаммад ибни Васиф илова менамояд, ки ситоянда он чиро медида, ба назм овардааст [276, с. 273-274].

Бо рӯйи кор омадани Сомониён авзои шеър, бахусус, мадеҳасароӣ ба худ ранги тозае гирифт. Рӯдакӣ ва шоирони дигари асри Х, ки амирони Сомониро мадҳу ситоиш мекарданд, илова бар он ки ин корро барои худ вазифаи шоирӣ медонистанд, аз эҳсосоти воқеӣ бархурдор буданд, зеро амирон ва мамдуҳони эшон аз миёни мардуми маҳаллӣ ва бумӣ бархоста буданд. Сомониён бо ифодаи ғуруру виқори қавми ғолиб бар бегонагон кӯшиши зиёд ба харҷ медоданд, то забони порсии дарӣ ва давлати мустақили тоҷикон рушд ёбад. Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб дар ин маврид риояи эътидол ва воқеъгароиро аз нукоти мусбати шеъри ин давра ҳисобида, дар тавзеҳи он мегӯяд: «Шоир ва маддоҳ дар сутудани мамдуҳи хеш ба роҳи муболиға намерафта ва мекӯшидааст, то сифоти некуи вайро ба шунавандагон арза дорад» [169, с. 83]. Дар ин роҳ ҳар кас ба газофагӯӣ мепардохта, дигарон даҳон ба эътироз мекушуданд.

Дарвоқеъ, агар яке аз намояндагони машҳури асри Х устод Рӯдакиро мисол биёрем, муҳимтарин хусусияти эҷоди ӯ дар боби сурудани ашъори мадҳӣ, «дурусту рост» мадҳ шудани мамдуҳ аст. Ба ин маънӣ Рӯдакӣ чунин мегӯяд:

Ман он-ч мадҳи ту гӯям, дуруст бошаду рост,
Маро ба кор наояд сирешиму кайло.

Дастури эҷодии «дурусту рост», ки Рӯдакӣ дар гуфтани ашъори мадҳӣ таъкид кардааст, пеш аз ҳама, ба нияти пок ва ихлоси шоири ватандӯст нисбат ба амирони Сомонӣ алоқа дорад [98, с. 164]. Бо омадани туркони ғазнавӣ дар Хуросон сиёсатҳои марбут ба фарҳанг ва таърихи Эрон, ки дар даврaҳои қабл бо камоли майл мавриди истиқбол қарор мегирифт, камранг шуд. Забеҳулло Сафо муътақид аст, ки «дар авоили ин аҳд, яъне нимаи дувуми қарни панҷум ва оғози қарни шашум, ҳанӯз шеъри порсӣ таҳти таъсири сабки даврaи аввали Ғазнавӣ қарор дошт ва ҳатто гоҳ шоироне мекӯшиданд, ки сабки Сомониро эҳё кунанд. Аз касоне, ки дунболаи сабки Сомониро дар ин аҳд гирифтанд, яке Носир ибни Хусрави Қубодиёнӣ буд, ки қасоиду ашъори ӯ ба тамоми маънӣ сухани шоирони авохири қарни чаҳорумро ба ёд меоварад. Дигар Қатрони Табрезӣ аст, ки бо татаббуи девонҳои устодони аҳди Сомонӣ дар тақлиду таъқиби сабки онон маҳорат ҳосил карда буд. Шоироне, аз қабили Ломеӣ низ ба таъқиби сабки шуарои даврaи аввали Ғазнавӣ назар доштанд. Масалан, Қатрон бо он ки забони аҳди Сомониро тақлид мекунад, бо ворид кардани саноеъ дар шеър мактаби хоссеро мекушояд ва Носири Хусрав, ки тафаввуқ ба каломи куҳнаи аҳди Сомонӣ аз ихтисосоти ӯст, бо омехтани фалсафа дар сухани худ ва пеш гирифтани баҳсҳо ва афкори тоза муваҷҷиди сабки хос ва тариқаи ҷадиде дар шеър мегардад. Дар авоили қарни шашум низ ҳанӯз татаббуи девони авоили қарни панҷум мутадовил буд, лекин ин амр аз овардани тариқаҳои ҷадид пешгирӣ намекард. Масалан, Саноӣ ва Муиззӣ, ки девонҳои Фаррухӣ ва Унсуриро татаббуъ мекарданд, ҳар як шеваи хос доранд, ки бо шеваи онон тафовут дорад» [212, с. 50].

Дар асл, шеъри мадҳӣ дар асри Ғазнавӣ бо қасоиди Фаррухию Унсурӣ ба камол расида буд ва шоирони асри Салҷуқӣ ночор мекӯшиданд, ки дар васфи мамдуҳ, муаррифии шоиста ва бартар шиносонидани ӯ аз пешиниён мазмунҳое биофаранд, ки шоирони пешин нагуфта бошанд. Ҳамаи ин омилҳо воҷиб гардид, ки дар нимаи аввали қарни XII таҳаввуле амиқ дар мадеҳасароӣ ба вуҷуд омада, шеъри мадҳӣ ба як бор аз мафҳуми хосси худ хориҷ шавад ва ба ғояте аз иғроқ, ҳатто ба газофагӯӣ бирасад. Дар ин робита Муътаман ишора менамояд, ки «аз

нимаи дуюми қарни панҷум, ки тақрибан шуруи давраи Салҷуқиён аст, ба тадриҷ тағйирот ва таҳаввулоти зиёде оризи шеър гардид ва сабку услуби қасидапардозӣ ва тарзи баёни мақсуд сурати дигаре ба худ гирифт. Гӯяндагони ин аср аз содагӣ ва сароҳати аввалия, ки аз ихтисосоти умдаи асри Сомонӣ ва Ғазнавист, удул карданд ва ба воситаи таъсири муҳиту сайри такомуле табиӣ ва нуфузи фикрию маънавии адабиёти араб ва духули улуму маориф дар адабиёт ва авомили дигар дучори такаллуфу лаффозӣ шуданд. Агарчи қасидасароӣ дар ин давра ба авҷи камол расид ва қасидасароёни бузурге, монанди Анварию Масъуди Саъду Амир Муиззию Хоқонӣ ва Ҷамолиддини Исфаҳонию Заҳири Форёбию Маҷируддин Байлақонию Рашидаддин Ватвоту Саноию Амъақу Мухториюа Абдулвосеи Ҷабалию Адиб Собиру Азрақӣ ва бисёре дигарон, ки аз зумраи бузургтарин қасидасароёни Эрон ба шумор мераванд, зуҳур карданд, вале тавоҷҷуҳ ба иборатпардозию лаффозӣ ва шеваи ашъори ҳаҷвияву шиквоияву фахрия ва ғалабаи таассуботи динӣ ва заволи руҳи миллияту эрондӯстӣ ва истимдод аз мавуоти илмию фалсафӣ ҷиҳати нишон додани маротиби фазлу дониш ва зуҳури таъқид ва печидагӣ дар калом ва удул аз содагӣ ва равонии табиӣ ва, ҳамчунин, фасоди ахлоқӣ ва такаддиву гадопешагии баъзе аз шоирон ва масоили дигар то ҳадди зиёде мӯҷиби коҳиш аз арзиш маънавии адабиёти ин аср гаштааст» [183, с. 138-139].

Ба қавли Нуъмонӣ: «Шуарои дарбори Маҳмуд гузашта аз таъриху ахлоқ, фанни шеъру адабро тараққӣ дода, домани онро ба андозае вусъату баст доданд, ки ҳар навъи мазмун ё мавзуеро қодир буданд ба назм кашидаву манзум баён кунанд. Вақоеънигорӣ, афсонасозӣ, ибрози тамоюлоту эҳсосот, тавсифи табиат, тасвири манозири қудрат ва, билохира, бар ҳама ақсоми сухан мусаллат буданд [190, с. 65-66]. Худи мавқеияти шоирони даргоҳ ононро муваззаф месохт, ки пеш аз ҳама барои базмҳои бузурги дарбор шеърҳои пуршукӯҳ бигӯянд. Аммо устодони даргоҳи Ғазнавиён метавон гуфт, ҳамаи имконоти ситоиш аз накукориҳои валинеъматиро ба кор бурда, ба таври некӯ ба поён расонида буданд. Тарҳи матлаби ошиқона (насиб)-ро Рӯдакии бузург дарафканда буд. Унсурӣ шиква карда буд, ки пас аз Рӯдакӣ, падид овардани ғазал номумкин аст.

Матлаъ бо нигораи гетӣ ҳам мояи душвориҳое мешуд. Медонем, ки ин нигораҳо ба он фаслҳои сол вобастагӣ доранд, ки бузургтарин ҷашнҳо, аз ҷумла, ҷашни Сада дар рӯзгори Султон Маҳмуд то андозае мамнуъ шуда буд. Меҳргон ҳам дар рӯзгори Салҷуқиён дар маҳофили дарборӣ аҳаммияташро яксара аз даст дода буд. Танҳо ҳамон як Наврӯз монда буду бас. Талош барои нигориши идҳои ноби исломӣ дар насибҳо, ба сабаби вижагии гоҳномаи навини қамарӣ, комёбӣ надошт [109, с. 506].

Шоирон аз вазъи бамиёномада роҳи баромад меҷустанд ва бо баҳрагирӣ аз нармии сохтори қасида ва набудани иртиботи дақиқи мантиқӣ миёни байтҳои ҷудогонаи он, ба даровардани нуктаҳои нав ва бикр ба он оғоз карданд, ки ҳанӯз андешаҳо ва симоҳо қолабӣ нашуда буданд. Бештарин бахши девони яке аз бузургтарин устодони қасидаи давраи Салҷуқиён Амирушшуаро Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Абдулмалики Муиззӣ ҳам ба ҳамин равиш навишта шудааст. Бо ин ки дар ашъори Муиззӣ, бахусус дар қасоиди ӯ, татаббуъ ва истиқбол аз қасидасароёни салаф мушоҳида мешавад, ин мушобиҳат, аслан, ба сохт ва тарҳи мавзуъ маҳдуд мегардад ва ҳусни таваҷҷуҳ бар услубу сабки суханпардозӣ, ҳамчунин, васоити таъйини каломи бадеӣ бар он ғолиб мегардад. Барои мисол, ба оғози чунин қасидаи баҳорияи ӯ менигарем:

Мушку шингарф аст, гӯйӣ, рехта бар кӯҳсор,
Нилу зангор аст, гӯйӣ, рехта бар ҷуйбор.
Табли аттор аст, гӯйӣ, дар миёни гулситон,
Тахти баззоз аст, гӯйӣ, дар миёни лолазор.
Аз замин, гӯйӣ, баровардand ганҷи шойгон,
Бар чаман, гӯйӣ, парокандand дурри шоҳвор [31, с. 217].

Ошкор аст, ки ин даромад аз баҳорияи пуровозаи Фаррухӣ таъсир гирифта, ки бо ин суханон оғоз мегардад: «Чун паранди нилгун бар рӯй пӯшид марғзор» ва дар он нигораи доғ кардани асбон дар баҳорон омадааст. Аммо бо сатҳитарин ҳамсанҷӣ басанда аст, ки дарёбем сабки Муиззӣ аз сабки Фаррухӣ то чӣ андоза тафовут дорад. [109, с. 506-507].

Идомаи ин раванд мӯҷиби пайдо шудани услуби нави адабии суханварӣ дар ашъори дарборӣ мегардад. Дар эҷодиёти шоирон аломатҳои дур шудан аз содагии пештара ва майл ба мураккабгӯйӣ мушоҳида мешавад. Ин услуб бар мафҳуми эстетикие, ки дар каломи Маъруфӣ ифода шудааст, асос ёфтааст: «Беҳтарин шеър дурӯғтарин шеър аст ва беҳтарин сухан он аст, ки муболиға мекунад». Ин услуби ороишӣ гоҳе ба дараҷаи найрангҳои формалистӣ расида, тасвирҳои мушаххасеро, ки дар робитаи мустақими мантиқӣ сохта шудаанд, бо абстрактӣ ва гоҳе ғайримантиқӣ иваз намуда, забонро печидатар мегардонад ва коркарди техникии ҳар як байтро ба ҳадди аксар мерасонд. Ин мафҳуми «таҳрифи бадеии воқеият» мукаммалтарин ифодаи худро дар жанри қасидаи мадҳӣ пайдо кардааст. Шоирони маҳофили Салҷуқӣ дар пайи хатти печидаи сабк қасидаро ба як навъ муаммо табдил додаанд, ки танҳо барои шумори ками донандагони рамзшиносии шоирӣ фаҳм аст. Аз ин ҷост дабдабанокӣ, гул-гулшукуфонӣ, ниҳоят, мураккабии тасвир ва душворфаҳмии забони назми дарбории асрҳои XII-XIII [116, с. 38 -39].

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки рушди адабиёти касбии дарборӣ дар ин давра, пеш аз ҳама, ба рушду нумуъ ва тавсеаи забони форсӣ-тоҷикӣ вобаста буд, зеро забони расмӣ ва коргузории дарбори Салҷуқиён форсӣ-тоҷикӣ буд. Дар баробари ин, пеш аз ҳама, вазирон, ки забони шеър барояшон забони модарӣ буд, дар нақши ҳомиёни шоирон буданд. Агар дар миёни вазирон мардоне бисёр фарҳехта, чун Низомулмулк ҳам будаанд, аммо борҳо шуда буд, ки ин мақом ба ононе супурда шавад, ки тавониста буданд аз эътимоди султонҳо бархурдор шаванд, аммо аз ҳар донише маҳруму бебаҳра буданд. Дар ин робита Нажод Дабирӣ ишора менамояд, ки «Салоҷиқа забони форсиро забони расмию дарборӣ қарор доданд ва вазирони ин давра, хусусан Имодулмулки Кандарӣ ва Хоҷа Низомулмулк, фазлдӯсту фарҳангпарвару шоирпарвар будаанд ва аз хидмату иноят нисбати фузалову удабо дареғ намекарданд ва ҳамвора хидмати шоёни таваҷҷуҳе ба тараққии улуму адабиёт кардаанд» [130, с. 663].

Амирони Салҷуқӣ зарур мешумориданд, ки дар дастгоҳи идориашон мардони донишманд ва шоирону нависандагони хушсалиқа бошанд. Онҳо чунин

корро яке аз шартҳои муҳимми давлатдорӣ медонистанд ва дар ҷалбу нигоҳдории аҳли илму адаб дар дарборҳояшон ба ҳам мусобиқаҳо мекарданд. Ҳамин гуна иқдомот худ василаи ташвиқи адибон ва зуҳури шоирону нависандагони бисёр дар аҳди Салҷуқиён гардида буд. Дар ин давра ба мушоҳида мерасад, ки забони форсии тоҷикӣ пурра ба расмият даромад ва бештар доман густурд [128, с. 571].

Омили дигари рушди шеъри дарборӣ он буд, ки амирони Салҷуқӣ вуҷуди шоирону ашъори онҳоро василаи тарғиби сиёсати давлатдориашон меҳисобиданд. Яке аз ҳамзамонон ва шогирдони Амир Муиззӣ – Низомии Арӯзии Самарқандӣ зарурати шоиронро дар дарборҳо хеле хуб дарк намуда, дар китоби «Чаҳор мақола» чунин навиштааст: «Подшоҳро аз шоири нек чора нест, ки бақои исми ӯро тартиб кунад ва зикри ӯро дар давовину дафотир мусаббат гардонад, зеро ки чун подшоҳ ба амре ки ногузир аст, маъзул шавад, аз лашкару ганҷу хазинаи ӯ осор намонад ва номи ӯ ба сабаби шеъри шоирон ҷовид бимонад» [60, с. 44]. Ҳамаи ин боис мегардад, ки дар худи қаламрави васеи Хуросон миқдори шоирон хеле зиёд шавад. Гузашта аз ин, рафтуомади шоирон аз ноҳияҳои дигари форсизабонон ба Хуросон ва аз Хуросон ба ҷойҳои дигар афзун шуд [217, с. 14-15]. Сабаби аз як дарбор ба дарбори дигар рафтани шоирони мадеҳасаро дар он аст, ки онҳо мехостанд дар ҷойҳои дигар бар ивази қасоиди мадҳии худ силаҳои дилхоҳ ба даст оранд, зеро теъдодашон хеле бисёр буд.

Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» дар бораи як саду шаш шоири аҳди Салҷуқиён маълумот дарҷ намудааст, ки қаблан дар ин бора сухан рафта буд. Дар асоси ин ахбори Авфӣ маълум мегардад, ки дар замони Салҷуқиён аксари шоирон дар ҳавзаи адабии Хуросон ҷамъ омадаанд. Дар худи Хуросон якчанд доираҳои адабӣ фаъолият доштанд. Чунончи, марокизи адабии Нишопур, Ҳирот, Марв, Балх ва ғайра.

Ҳамин тавр, ба миён омадани маҳофили адабии дарборӣ ба яке аз унсурҳои асосии давлатдорӣ табдил ёфта буд. Амирони Салҷуқӣ нақши шоиронро дар рӯзгори сиёсию иҷтимоии дарбори Ғазнавиён дар ёд доштанд, аз ин хотир, ба

ривоҷи анъанаи мазкур мусоидат мекарданд, зеро ниёз ба таърифу тавсиф ва мадҳи шоирон доштанд. Аз як тараф, мехостанд бо ин роҳ номашон дар таърих боқӣ бимонад, аз ҷониби дигар, бо мавҷудияти мадҳияҳо қаноатмандии равонӣ ҳосил мекарданд [169, с. 26].

Подшоҳону умарои Салҷуқӣ низ ҳамчун Ғазнавиён шуарои дарбориро барои мадҳу ситоиши худ ва мондагории номашон ба хидмат мегирифтаанд. Ба қавли Қанбарӣ, «рӯзгори Салҷуқиён асри ривоҷи шигифтовари шеъри ситоиш аст. Шеъри ситоиш ҳеҷ гоҳ равнақи давраи салотини Салҷуқиро таҷриба накардааст» [35, с. 26]. Ҳерман Эте низ бо ишора ба густариши шеъри мадҳӣ дар рӯзгори Салҷуқиён чунин баён мекунад: «Равнақи бозори мадеҳасароӣ дар садаи дувоздаҳуми милодӣ ва авҷи он дар замони Санҷар ва дарборҳои кӯчаки амирон, ки ба иллати рақобатҳои мутақобил ба ночор алоқаманд ба таблиғот будаанд, нишонаи назари мусоид нисбат ба шоирон аст» [280, с. 27].

Албатта, на ҳама шоирон дар бозори шеър муваффақ буданд. Шикваҳои шоирони ин аҳд аз касодии бозори шеър аз он далолат мекунад, ки дар саҳнаи шоирӣ рақобат хеле сахт буд, зеро сафи шоирон зиёд буд ва табиист, ки на ҳама муваффақ мешуданд. Шоирон мехостанд дар назди мамдуҳони худ, мисли шоирони аҳди Ғазнавӣ, қадру манзалат дошта бошанд, аммо ҳокимони Салҷуқӣ онҳоро дар сатҳи дилхоҳ қадр карда наметавонистанд. Аз ин рӯ, шоирон дар пешрафти кори худ ба надимони хушзавқу шеърдӯсти шоҳони Салҷуқӣ, ки аз ҷумлаи эронитаборон буданд, метавонистанд умед банданд. Нақли Амир Муиззӣ, ки аз тарафи муаллифи «Чаҳор мақола» оварда шудааст, метавонад далели ин гуфтаҳо бошад.

Ба қавли Саидҷаъфари Шаҳидӣ, гоҳе ҳам чунин иттифоқ меафтод, ки мамдуҳе қудрати дарки қасоиди мадҳии шоирро надошт ва агар шоир аз бахшиши вай бархурдор мешуд, ба хотири қудрати табъ ва мартабаи фазлу шеъри некуи ӯ набуд, балки иллати дигаре сабаби расидани ӯ ба силлати мамдуҳ мешуд. Табиист, ки вақте дастгоҳи муназзаме набошад, то чунин тоифаро ҳимоят кунад ва истеъдоди ононро парвариш диҳад, то ибтикору завқи онон дар роҳи саҳеҳу маъқул ба роҳ афтад, он кас ки умреро дар сурудани шеър ба кор бурда ва

нони худро аз силаи мамдуҳ хурдааст, чун мамдуҳе сазовор ва бахшандаро наёбад, рӯй ба ситоиши он кас меоварад, ки ӯро дармебубахшад ва ҷомае бипӯшонад ва аз ин таърих аст, ки расми мадеҳасароию ҳудуди саногустарӣ дигаргун мешавад ва нисбати байни мадҳу мамдуҳ ба ҳам мехурад [276, с. 289].

Аксарияти шоирони маддоҳи қасидасаро аз ҷиҳати моддию маънавӣ азият медиданд, чаро ки на ҳамеша бо кори шоирӣ маишати худро таъмин карда метавонистанд. Аз ишораи муаллифони сарчашмаҳо маълум мегардад, ки барои рушду тараққии эҷодиёти шоири дарбор ташвиқи амирон бо додани атоҳову силаҳои муносиб омили асосӣ будааст. Масалан, Амир Муиззӣ дар сурудани қасида табъи латифу забони фасеҳро кофӣ намешуморад, балки мамдуҳи молбахшро низ хеле зарур меҳисобад:

На бас бувад, ки дар ғазал ёру дар мадеҳ
Табъе бувад латифу забоне бувад фасеҳ.
Маъшуқи созгор бибояд гаҳи ғазал,
Мамдуҳи молбахш бибояд гаҳи мадеҳ [31, с. 711].

Аммо амирони Салҷуқӣ дар бахшидани силаҳо ба мисли Сомониёну Ғазнавиён ҳиммати баланд надоштанд ва ба шоирони маддоҳ кам эътибор медоданд. Гоҳо беэътиноии мамдуҳон сабаби тангии маишати шоирон ва тарки дарбор аз ҷониби эшон мегардид. Чунин ҳолати ногуворро дар рӯзгори шоирони маддоҳи ин давр, амсоли Асирии Ахсикатӣ, Заҳири Форёбӣ, Анварии Абевардӣ, Саноӣ ва бисёр дигарон мушоҳида карда метавонем. Аксари шоирон баробари ба сари қудрат омадани дигарон мамдуҳони худро дигар мекарданд. Масалан, замоне Султон Санҷар ба муқобили Баҳромшоҳи Ғазнавӣ ҷониби Ғазнин лашкар кашида, Ғазнинро гирифт (соли 1135), маддоҳони Баҳромшоҳ, аз қабили Ҳасани Ғазнавӣ (ваф.1169), Абдулвосеи Ҷабалӣ (ваф.1160) ва дигарон ба ҷониби Санҷар гузашта, ба мадҳу ситоиши ӯ шуруъ карданд.

Аз махсусиятҳои дигари назми дарбории ин давра бадеҳатан шеър гуфтани шоирон мебошад. Ривоҷи бадеҳагӯӣ ба имтиҳони шоирон дар ҳунари шоирӣ иртибот дошт. Ин раванд дар ҳаёти адабии дарбор яке аз зуҳуроти муҳим ба шумор мерафт. Маъмулан, ба касе, ки даъвои шоирӣ мекард, мавзуъе матраҳ

мекарданд, то ӯ дар он бора бадоҳатан чанд байт гӯяду қудрати табъи худро нишон диҳад. Ин мавзуъ аз тарафи Низомии Арӯзӣ чунин таъкид шудааст: «Дар хидмати подшоҳ ҳеҷ беҳтар аз бадеҳа гуфтан нест, ки аз бадеҳа гуфтан табъи подшоҳ хуррам шавад ва маҷлисҳо барафрӯзаду шоир ба мақсад расад» [60, с. 48]. Чунин имтиҳони бадеҳагӯӣ ба Амир Муиззӣ низ рух дода буд, ки ӯ мебоист дар мавриди сифати моҳи нав дар арафаи рамазон, ки Маликшоҳ дида буд ва дар сари дастархони шоҳона доир ба валинеъматии султони мазкур дар бадеҳа шеър мегуфт ва ӯ сарбаландона аз ин имтиҳон гузушта буд [60, с. 67].

Яке аз мушаххасоти ба назар намоёни назми ин давраи шоирони Хуросон пайравии баъзе шоирон аз мазмунҳои шеъри давраи ҷоҳилияи араб аст. Аз ҷумла, пайгирӣ аз мазомини васфи бодияҳо ва зиндагонии саҳрогардон дар ашъори Абдулмалики Бурҳонӣ, Амир Муиззӣ, Ломеӣ ва дигарон дида мешавад. Дар баробари ин, барои ба мартабаҳои баланд расидан шоирони дарборӣ бояд ба шарту дархост ва қоидаҳои расмии дарбор мувофиқат мекарданд. Шоир наметавонад ба истодагарӣ ва ғурур аз мамдуҳ талаби эҳтиёҷ кунад. Шамси Қайс дар ин бора менависад: «Ва аммо адаб дар суолу истеътоф он аст, ки аз мамдуҳ ба илҳоқ ва ибром чизе талабад ва хештанро ба фунуни адаб ва анвои ҳунар биситояд ва истеҳқоқи хеш ба анвои авотифу аснофи аворифро бознамояд, он гоҳ тақсир дар риояти ҳақ ва адои фазли мамдуҳ нисбат кунад… [52, с. 63].

Батадриҷ дар даврaҳои Салҷуқиён мадеҳа нисбат ба даврони Сомониён ва Ғазнавиён аз нигоҳи муболиғапардозӣ боз ҳам рангинтар мегардад. Ситоишномаҳои шоирон дар кадом шакли шеър, ки бошад, аз матлабҳое пур аз муболиға дар васфи мамдуҳоне буд, ки ағлаб бӯе аз илму адаб набурда, танҳо ба ёрии харҷу марҷи ҳоким бар ин сарзамин ба фармонравоӣ расида буданд. Аммо ин ситоишҳо, бахусус ситоиши устодони сухани форсӣ, дар асри XII дар баробари фавоиди адабӣ дорои нуктаҳои судманди таърихӣ, ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ, динӣ ва ғайра мебошанд. Дар баробари ин, шоири дарборӣ муваззаф буд, ки дар вақтҳои муайян дар васфи султон ва вобастагони вай ашъори зебо, устувор ва писандида бисарояд. Ин қасоид аз ҷониби худи шоирон ё ровиён дар ҳузури подшоҳ, вазирону меҳтарон хонда мешуд ва дар сурати ҷалби ризоияти султон

подоши муносиб ва дархӯр, ки истилоҳан «сила» ном дошт, ба шоирон ато мешуд. «Бархе ашъори суханварони дарбор дар маҷлисҳои расмӣ, аз қабили идҳо, шабҳои бошукӯҳ, маросимҳои динӣ ва рӯзҳои мотам, ҳамчунин, ба муносибати таваллуд ё марги аъзои хонадони султон, омадани сафирони дигар кишварҳо, истиллоҳо ва ғайра навишта ва суруда мешуд. Аммо ашъори завқӣ, васфӣ, ошиқона ва тарабангезу амсоли онҳо, маъмулан, бо ҳузури худи шоирон, аксаран дар маҳофили айш ё нӯши салотин иншо мегардид ва гоҳ мумкин буд бо навои мусиқӣ ҳамроҳ шавад, то бар шӯру лутфи маҷлис бияфзояд» [120, с. 40].

Аксари шоирони мулозими дарборҳо илова бар шахси султон, ки мамдуҳи аслӣ ва ҳақиқӣ буд, афроди хонадон, вобастагону атрофиёни ӯро мадҳ мекарданд ё дар таъзияти онон марсияҳо месуруданду душманонашонро ба сахтӣ ҳаҷв мекарданд. Дар мавриди матолиб, рӯйдодҳо ва ашхоси бешумори дигар, ки вобаста ба подшоҳ ва дастгоҳи салтанати ӯ буда, аз ҷониби шоирон ашъори зиёде навишта шудааст, аз қабили истилоҳо ва лашкаркашиҳо, набардҳо ва қатли омҳо, кушторҳо, забт ва хароб кардани шаҳрҳову деҳот, дастгиру муҷозоти душманон, ҳокимону марзбонони кишварҳои дигар ва ғайра. Ба таври мисол, теъдоди мамдуҳони Амир Муиззӣ зиёда аз 110 нафар буда, даҳ тан аз эшон подшоҳону амирону ҳокимони бузурги Салҷуқӣ, Ғазнавӣ ва дигарон буданд. Мамдуҳони дигари ӯ шоҳзодагон, амирони маҳаллӣ, вазирону афроди хонадони онон, ҳамчунин, раисони девони расоил, бузургони аъёни вазирони Туркистон, Балх, Рай, Кирмон, Форс, Исфаҳон, Табас ва ғайра будаанд ва на танҳо қасоид, таркиббанду тарҷеъбандҳо, мусаммат, ҳатто бештари қитъаот, ғазалиёту рубоиёти ӯ низ ба мадҳи касони мазкур ихтисос дорад.

Агар дар замони Ғазнавиён ҳақиқати ҳастӣ ва меъёри ҳамаи ашё мамдуҳ қарор гирифта бошад, дар ин давра ситоишҳое дучор меоянд, ки мамдуҳ дар баробари Худованд қарор мегирад. Ба қавли Нодири Вазинпур, «шоирони қарнҳои панҷуму шашум салотинро баробари Худо ва расули акрам [с] қарор медоданд, аз ҳамаи коинот бартар медонистанд ва чунонки гузашт, итоат аз ононро ҳамчун намоз мешумурданд. Ин гуна суханон золимонро гирифтори ҷунуни худхоҳӣ мекунаду раиятро мутанаффир месозад. Аз ин қарор, мадоеҳи

муболиғаомези суханварон василае буд барои фиребу бадномии мамдуҳи онҳо ва беэътиқодии мардумон ва, дар ниҳоят, ҷуз таҳқири худи шоирон ҳосиле надошт» [120, с. 180].

Баррасиҳои девонҳои шоирони форсии асри XII нишон медиҳад, ки дар ин замон шумораи қасидаҳои сирф мадҳӣ, бидуни муқаддима, ки «маҳдуд» ном доранд, тадриҷан зиёд мешаванд [100, с. 186]. Бо вуҷуди ин, аксари қасоиди шоирони замон қасидаҳои комил буд ва яке аз қисматҳои қасидаи мадҳӣ, ки аз ҷиҳатҳои мусбати ситоишномаҳо маҳсуб меёбанд, тағаззул мебошад. Агар мадҳи мамдуҳро, ки бештар сухани муболиғаомез аст, сарфи назар намоем, матлаи қасидаҳои мадҳӣ тасвирҳои зебое аз ишқу майгусорӣ, луғзу чистон, манзараҳои гуногуни табиат ва ё дигар мавзуот доранд, ки дорои арзишҳои бас баланди бадеӣ мебошанд.

Истифода аз тағаззул бад-ин манзур сурат мегирифт, ки шеъри мадҳӣ монанди ғазал латофат ёбад ва мамдуҳ ба шунидани он иштиёқи бештаре пайдо кунад [169, с. 148]. Аз ин рӯ, ба қавли Ҳумоӣ, «Фаррухию Заҳири Форёбию Муиззӣ лутфи табъро дар тағаззулҳои ширину дилкаш нишон медоданд» [261, с. 210]. Беҳуда Н. Вазинпур тағаззулоти аксари ин қасоидро дар авҷи ҷамолу арзиши ҳунарӣ қарор намедиҳад [120, с. 219].

Падидаи дигаре, ки дар асри XII хеле ривоҷ ёфт, ин худситоӣ ва муфохираҳои шоирона мебошад. Ривоҷи ин мавзуъ ҳам ба таъсири адабиёти араб алоқамандӣ дорад. Падидаи мазкур дар адабиёти даврaҳои Сомонию ва Ғазнавӣ ҳам мушоҳида мешуд, аммо дар асри минбаъда ҷанбаи муболиғавӣ касб кардааст. Чун даврaҳои пешин шоирони ин марҳала ҳам аз рӯйи завқ ва писанди эҷодӣ, ҳарчанд дар зимни фахр аз шоирони саромад ёдовар шудаанд, аксари вақт нисбат ба адибони гузашта ба назари нек ва эътиқоди комил муносибат намудаанд [270, с. 10].

Ба андешаи Нодири Вазинпур: «Тамоми ниёзҳои аҳли адаб, бадбахтона, танҳо дар даргоҳи салотин бароварда мешуд ва ин бузургон барои наҷоти худ аз тангноҳо ва эҳсоси ҳақоратие, ки сабаби бечизӣ ва гумномӣ гулӯяшонро мефишурд, ночор аз мулозимати даргоҳи шоҳону мадҳи онон буданд, то бо такя

бар арбоби қудрат ба молу ҷоҳ бирасанду манзалату мукнат ёбанд. Рӯзгоре гирифтори андуҳи нони рӯзона буданд, аммо акнун ҳамнишини шаҳрёрон, бузургон, вазирону амсоли инон шудаанд, ки танҳо дасти иддае бисёр қалиле метавонист ба онон бирасад» [120, с. 510].

Вазинпур дар ин робита якчанд омилеро, аз қабили ниёзи моддию маънавӣ, ниёз ба ҳомӣ, ҳусни ҷоҳталабии шоирон, кӯшиш барои бақои осор номбар мекунад, ки шоиронро водори муроҷиат ба дарборҳо месозад. Инчунин, илова менамояд, ки шоирон муҳимтарин василаи таблиғот ва ҳамдами айёми ғаму шодии подшоҳон буданд. Бархе аз онҳо бештар авқоти худро дар дарборҳо сипарӣ месохтанд ва бо шоҳону амирон мусоҳиб буданд. Онҳо дар базмҳо ва гоҳ дар маросими хонадони салтанатӣ ҳозир мешуданд ва надими шоҳ, шоҳзодагон ва афроди дарборӣ буданд [120, с. 140-169].

Мавзуи асосии ашъори Муиззӣ, аслан, ситоиши шахсияти султон ва салтанати ӯ мебошад. Аз ин рӯ, дар саргаҳи мамдуҳони шоир, пеш аз ҳама, султон Маликшоҳ қарор дорад. Амир Муиззӣ ба султон Маликшоҳ қасидаҳои зиёде бахшида ва дар ин қасоид бо истифода аз тамоми маҳорати шоирӣ ва тахайюли эҷодии худ Маликшоҳро мавриди ситоиш қарор додааст. Таваҷҷуҳи зиёд ба ин султон бесабаб нест, зеро шоир пайваста мулозими дарбори Султон Маликшоҳ ва Санҷар ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ буд. Вай танҳо ба султон Маликшоҳ 130 қасида бахшидааст, ки аз ин миён дар 85 қасида Маликшоҳ мустақиман тавсиф шуда, дар як қасида, дар баробари сӯгворӣ аз марги ӯ ва Низомулмулк, ҳамзамон аз хислатҳои неки ӯ ёдоварӣ менамояд. Дар 26 қасидаи дигар дар иртибот бо воқеаҳои таърихӣ, аз ҷумла, футуҳоти султон дар Самарқанд, Туркистон, Бағдод, Рум, Шом, Рай, Нишопур, Мовароуннаҳр, ба меҳмонӣ рафтани шоҳ назди Хоҷа Низомулмулк, Шарафулмулк, Имодуддавла Совтекин, дар таҳнияти иди Фитр, мунозираи килку теғ, таҳнияти Наврӯз, таҳнияти иди Меҳргон, таҳнияти иди Азҳо ва таҳнияти валодати фарзанди султон шоир бо тамому маҳорати худ Маликшоҳро ситоиш мекунад.

Муиззӣ ба Султон Санҷар 87 қасида, 2 тағаззул, 1 таркиббанд ва 1 тарҷеъбанд бахшидааст. Аз ин шумора Муиззӣ дар 56 қасида ва 2 тағаззул ба

тавсифи мустақими Султон Санҷар пардохта, дар 29 қасидаи дигар дар иртибот ба воқеаҳои дигар ӯро мадҳ кардааст. Аз ҷумла, дар таҳнияти беҳбуд ёфтани Санҷар 2 қасида, дар таҳнияти иди Азҳо ва мадҳи султон 2 қасида, дар фатҳи Ғазнин ва мадҳи султон 4 қасида, дар мадҳи малик Санҷар ва Хоҷа Фахрулмулк 3 қасида, дар таҳнияти муроҷиати Султон Санҷар аз Бағдод ба Нишопур 1 қасида, дар таҳнияти муроҷиати Санҷар аз ҷанг 1 қасида, дар мадҳи Султон Санҷар ва ҷанги Сова 1 қасида, дар васфи асп ва дар мадҳи малик Санҷар 2 қасида, дар васфи боғ ва мадҳи султон 1 қасида ва таҳнияти валодати фарзанди султон 1 қасида суруда, бо тамоми ҳастӣ Султон Санҷарро ситоиш мекунад. Ба қавли Абдулҳусайн Зарринкӯб, дар байни қасоиди Муиззӣ мадоеҳи Маликшоҳ ва Санҷар чунон аст, ки гӯӣ шоир худро дар ин ситоишҳо харҷ мекунад, ихлосу хидмати фавқуллода нишон медиҳад ва рост ё дурӯғ дар шодии онҳо худро шод ва дар нохурсандии онҳо худро нохурсанд фаро менамояд [146, с. 156].

Аз махсусиятҳои дигари адабиёти дарбории ин давра дар он аст, ки дар байни офаридаҳои адабии шоирони маддоҳ анвои дигари шеърӣ, аз қабили ғазал, қитъа, рубоӣ, маснавӣ ва ғайра низ зиёд ба чашм мерасад. Махсусан, ғазал дар эҷодиёти Амир Муиззӣ, Анварӣ, Адиб Собир, Заҳири Форёбӣ ва дигарон мавқеи муҳим дошт ва ин ҷиҳати масъала аз тарафи муҳаққиқон А.Мирзоев, С. Шамисо, М.Л.Рейснер ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст [171, с. 12; 269, 24; 201, 17], ки ниёз ба тавзеҳи зиёдатӣ надорад.

4.2. Васфи аносири давлат ва давлатдорӣ дар қасоиди Муиззӣ

Баъд аз он ки дарборҳои Сомониён, Зиёриён, Ғазнавиён, Салҷуқиён ҳар як ба наҳве ҳимояти шоирони порсигӯро ба уҳда гирифтанд, шеър ба сурати комилан расмӣ дар дарборҳо роҳ ёфт ва шоирон аз аъзои лозими дарборҳо шумурда шуданд. Ҳамин тавр, онон ҳамвора ҷиҳати пешбурди мақсадҳои сиёсӣ ва низоми ҳукуматии худ ҷамъе аз шоиронро дар дарбори худ гирд меовардаанд ва бо навохтану бахшидани сила ба онҳо аз завқи шоиронаи онҳо ҷиҳати таблиғи сиёсии худ баҳра мегирифтаанд. На танҳо шоҳон, балки шоҳзодагону умарои

сипоҳ, ҳатто бештари ҳокимон ҳар як иддае шоирро дар дастгоҳҳои худ нигоҳдорӣ мекарданд ва ба онон вазифа ва рутбаи хоссе медоданду зиндагии ононро таъмин мекарданд. Дар муқобил шоирон муваззаф буданд, ки дар аъёду айёми расмӣ ва лашкаркашиҳо қасоиде дар таҳнияту мадҳ ва гоҳ рисо бисозанд ва ба подош атое ба унвони сила дарёфт мекарданд. Шеъри мадҳӣ ба унвони шеъри дарборӣ дар хидмати ҳокимият қарор дошт ва бо газофу иғроқҳои шоирона ба унвони як василаи муҳимми таблиғотӣ заминаҳои машруият ва мақбулияти подшоҳону салотинро фароҳам меовард ва яке аз аҳдофи он барҷаста муаррифӣ кардани мамдуҳ ба унвони аслитарин коргузор дар дурнамои мадҳ аст.

Коргузори аслии мадҳ мамдуҳ аст ва матни шеъри мадҳӣ перомуни рафтори ӯ шакл мегирад. Барҷастасозии шахсияти мамдуҳ ва дарки ин мавзуъ барои мухотабон ҷузъи муҳимтарини хадафи мадҳ аст. Илова бар ин, дархостҳои модии шоир аз мамдуҳ низ бахши дигар аз аҳдофи сурудани мадҳ аст. Дар ин робита, қасидаҳои шоирони маддоҳ дар худ ситоишҳои баландеро гунҷонидаанд, ки онҳо дар ин кор тамоми неруи завқ ва табъи худро истифода кардаанд.

Амир Муиззӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки беш аз ним аср умри худро дар ситоиши амирону кабирони сулолаи Салҷуқӣ сипарӣ намудааст. Дар ин робита, Қанбарӣ дар муқаддимае, ки ба девони Муиззӣ нигоштааст, ишора менамояд, ки «шоир дар рӯзгори Муиззӣ дар хидмати қудрати сиёсии ҳоким аст ва муболиғаву иғроқу ғулув дар шеър намоиши қудрату истеъдоди сухансароии ӯст» [35, с. бисту чор].

Дар ашъори Муиззӣ, махсусан, дар қасоиди вай, мадҳу ситоиш ва намоиши қудрату азамати мамдуҳон, ки дар садри онҳо салотини Салҷуқӣ, аввалан, султон Маликшоҳ ва баъдан, дигар намояндагони хурду бузурги ин дудмон қарор доранд, ҷуз аз корбурди хитобаҳову ановини ифтихориву ситоишӣ, ки аксари онҳо маҳсули тахайюли шоиронаи худи Муиззӣ мебошанд, ҳамчунин, тавассути мадҳи акобир ва аркони давлатдории Салоҷиқа сурат мегирад. Метавон гуфт, ки ситоиши тахту тоҷ ё сариру авранги подшоҳӣ, сипоҳу лашкар, парчам ё рояту алам, шикору шикоргоҳ, аспи мамдуҳ, шамшер, атоё ва ҷавоизи шоҳӣ ва амсоли инҳо василаҳое мебошанд, ки шоир тавассути онҳо ба мадоеҳи салотини

Салҷуқӣ, хусусан, султон Маликшоҳ ва Султон Санҷар пардохтааст. Корбурди василаҳои мазкур дар мадҳияпардозиҳои Муиззӣ, агарчи дарёфтҳову мазмунсозиҳои худи ӯ нестанд ва қабл аз вай низ собиқаи истифода доштанд, ба лиҳози таваҷҷуҳи зиёди шоир бар онҳо ва қолабҳои сухан дар матни ашъори ӯ муҷиби зуҳури як навъ шева ё тарзу салиқа гардидаанд.

Яке аз унсурҳои асосии бартаридоштаи аломатҳои салтанат тахт аст ва намоиши қудрату салтанати султон аввалин бор бевосита тавассути бар тахт нишастан мавриди тамошо қарор мегирад. Дар ин росто, шоир дар яке аз қасоиди ба Маликшоҳ бахшидашуда чунин ишора менамояд:

Ситора саҷда барад талъати мунири туро
Замона бӯса диҳад пояи сарири туро [31, с. 19].

Шоир мӯҷибот ва лузуми саҷдаву бӯса дар баробари тоҷу тахти Маликшоҳро дар он мебинад, ки ҳарду мартабаи хуршеду парвинро доранд:

Сояи тоҷи туро мартабаи хуршед аст,
Пояи тахти туро пойгаҳи парвин аст [31, с. 89].

Муиззӣ ҳатто оромишу сукути заминро аз истиқрори тахти подшоҳии султон Маликшоҳ медонад:

Ту он шаҳӣ, ки туро бар сарири подшаҳӣ
Қарор бошад, то хокро қарор бувад [31, с. 146].

Дар ситоиши Маликшоҳ ва тахти ӯ Муиззӣ бисёр маворид бар иғроқу ғулув роҳ медиҳад ва тахти султонро Каъба унвон медиҳад:

Гар нозиши мусулмон аз Замзам асту Каъба,
Тахти ту ҳаст Каъба, дасти ту ҳаст Замзам [31, с. 449].

Дар қасоиди Муиззӣ дар бисёр маврид тоҷи султонӣ низ якҷо бо тахт мавриди муаррифӣ қарор мегирад. Масалан:

Ҳафт чиз аз хусрави олам ҳаменозад ба ҳам:
Дину мулку тоҷу тахту рояту теғу қалам [31, с. 446].

Ё худ:

Чун ту бар тахт нишинию ниҳӣ бар сар тоҷ,
Фараҳи ҷадду падар бар ту падидор бувад [31, с. 166].

Намоиши қудрату тавоноии султон Маликшоҳ ва Султон Санҷар дар робита ба ҳудуди салтанат ва теъдоди набарди сипоҳи эшон бештар дар қасоиди шоир, ки ба ҷангу набард ва кишваркушоиҳои ин салотин, аз ҷумла, марбут ба таҳнияти фатҳи Самарқанд, пас аз дафъи фитнаи Хуросон, таҳнияти фатҳи султон Маликшоҳ дар Туркистон, муроҷиати Султон Маликшоҳ аз Бағдод, дар таҳнияти фатҳи Шом, дар муроҷиати Маликшоҳ аз сафари Руму Шом, дар таҳнияти вуруди султон Маликшоҳ ба Нишопур, дар муроҷиати Маликшоҳ аз Рай, фатҳи Моваруннаҳр, таҳнияти муроҷиати Султон Санҷар аз Бағдод ба Нишопур, дар фатҳи Ғазнин, ҷанги Сова ва амсоли ин бахшида шудаанд, ба таври возеҳ баён мегардад. Масалан, дар яке аз қасоиди шоир, ки ба фатҳи Самарқанд аз ҷониби Маликшоҳ бахшида шудааст, сипоҳи ӯ чунин тавсиф мешаванд:

Зи баҳри ӯ сипаҳе бар ҳисор ҷамъ шуданд,
Ҳама сипеҳртану кӯҳсабру хораҷигар.
Ҳама камонкашу размозмову тирандоз,
Ҳама муборизу ҷавшангузору оташдар.
Ҳама зи табъ баромехта адовату шӯр
Ҳама зи мағз барангехта хусумату шар.
Ҳама фиканда тан андар мағокҳои ҳалок,
Ҳама ниҳода дил андар нишонаҳои хатар… [31, с. 270].

Дар хусуси лашкариёни Санҷар чунин мегӯяд:

Ҷаҳондоре, ки дар лашкар ҳазорон паҳлавон дорад,
Ба разм андар сикандардил, ба базм андар фаридунфар [31, с. 196].

Нишонаи дигари давлатдорӣ ва ҳукмронии сулола, ки давлатро ҳамчун рамз муаррифӣ мекунад ва аз ҷониби Муиззӣ ба қалам дода шудааст, парчам (роят, алам, ливо) мебошад, ки низ дар қасоиди ба ҷангу набардҳо бахшидаи шоир ба назар мерасад. Боиси зикр аст, ки парчам танҳо ба султонҳо хос набуд, тибқи маълумоте, ки дар девони Муиззӣ ба назар мерасад, фармондеҳону амирони лашкар низ соҳиби парчамҳои хосси худ буданд, ки зери чунин парчамҳо раҳсипори набарду муборизаҳо мешуданд. Чунончи, дар мисоли зер Муиззӣ дар ишорат ба Маликшоҳ хитоб мекунад:

Як рояти ту сесаду ҳафтод роят аст,

Як лашкари ту сесаду ҳафтод лашкар аст [31, с. 78].

Ва:

Аз башоратҳои фатҳаш дар Араб в-андар Аҷам

Роят андар роят асту лашкар андар лашкар аст [31, с. 94].

Муиззӣ дар як таркиббанди худ, ки дар ситоиши амир Исмоили Гелакӣ бахшидааст, чунин ишора менамояд:

Бифрошт ба майдони шуҷоат алами фатҳ

То мулки Қаҳистон ҳама зери алам овард [31, с. 679].

Яке аз шуғлҳои дӯстдоштаи Маликшоҳ шикор буд. Дар ин робита Ровандӣ дар «Роҳат-ус-судур» меорад: «Ва султон аз лаҳву тамошо шикор дӯст доштӣ ва ба хатти Абутоҳири Хотунӣ шикорномаи ӯ дидам, оварда буд, ки султон ба як рӯз ҳафтод оҳу ба тир бизад ва қоидаи ӯ чунон буд, ки ба ҳар шикоре, ки бизадӣ, диноре мағрибӣ ба дарвеш додӣ ва ба ҳар шикоргоҳе аз Ироқу Хуросон манорҳо фармуд аз суми оҳуву гӯр ва ба вилояти Моваруннаҳру ба бодияи Араб ба Марҷу Хузистон ва вилояти Исфаҳон ҳар ҷо ки шикор фаровон ёфтаст, осоре гузоштаст» [48, с. 132].

Муиззӣ Султон Маликшоҳро дар ҳунари шикор худованди ҷаҳон [31, с. 300] мешуморад ва ишора менамояд, ки ҳар гаҳ ки дар шикору сафар бошӣ, «оби раванда зи роҳи ту гард бишӯяд» [31, с. 613]. Илова бар ин, таъкид месозад, ки:

Ҳар кас, ки ӯ шикори ту бинад ҳаме аён,

Аз хусравони рафта напурсад ҳаме хабар.

Дар рӯзгори давлати шоҳони бутпараст

Сад гӯр буд куштаи Баҳроми хирасар.

Дар рӯзгори ту се ҳазор аст суми гӯр,

Миле, ки бар кашидӣ андар работу дар [31, с. 225].

Дар қасоиди Муиззӣ аспи мамдуҳ низ ҳамчун нишонаи қудрату тавоноии Маликшоҳ ба қалам дода шудааст. Аз ҷумла, дар қасидаи «Дар васфи асп ва мадҳи подшоҳ» меорад:

Таковаре, ки қавитар зи рахши Рустами Зол,

Ба ҳамла ҳамчу ҳижабру ба пӯя ҳамчу ғизол.

Савори ӯ малики олам асту хусрави даҳр,

Худойгони вилояткушои аъдомол [31, с. 412].

Дар ҷойи дигар сифати аспони Маликшоҳ чунин ба қалам дода шудааст:

Зери рон андар мусаххар карда дорад рӯзу шаб

Маркабоне кӯҳбар, саҳросипар, дарёгузар [31, с. 306].

Унсури муҳимми дигаре, ки дар аломатҳои салтанат ба чашм мерасад, шамшер аст. Муиззӣ дар девони худ шамшерро бо вожаҳои «теғ», «ҳисом» ва «шамшер» ифода кардааст. Дар қасоиди шоир шамшери Маликшоҳ низ ба сифати нишонаи қудрати ӯ муаррифӣ гардидааст. Аз ҷумла, шоир теғи ӯро чун зулфиқор ва ӯро ҳамчун Ҳайдар [31, с. 263], дар ҷойи дигар дасти ӯро дасти Ҳайдар ва теғи ӯро зулфиқор [31, с. 317] меҳисобад. Бузургию қудрат ва тавоноии Маликшоҳ дар саҳнаи тахайюли Муиззӣ, аз ҷумла, чунин тасвир шудааст, ки нуқтаи авҷи сифатсозӣ дар баробари симои шахси мамдуҳ аст:

Аз даврҳои гардун в-аз сунъҳои Яздон

Зеботарини олам, фаррухтарини кайҳон

Аз нурҳост хуршед, аз табъҳост оташ,

Аз сангҳост ёқут, аз фаслҳост найсон.

Аз моҳҳост рӯза, аз рӯзҳост ҷумъа,

Аз хонаҳост Каъба в-аз номаҳост Қуръон.

Аз анбиёст Аҳмад в-аз хусравон Маликшаҳ

З-иқлимҳост робеъ в-аз шаҳрҳо Сифоҳон [31, с. 487].

Он чи дар тарсимоти Муиззӣ дар мисоли фавқ қобили тавоҷҷуҳ аст, таъйини зебоиҳои коиноту замин аз бунёди офариниш то давраи шоир аст. Муиззӣ як-як зебоиҳои офаринишро дар мисоли хуршед, оташ, ёқут, найсон, рӯза, ҷумъа, Каъба, Қуръон, Аҳмад (с), робеъ (ки намояндагони зеботарин нур, табъ, санг, фасл, моҳ, рӯз, хона, паёмбар, рубъи арбаа маҳсуб мешаванд) арзёбӣ карда, аз подшоҳон Султон Маликшоҳро дар баробари зебоиҳои фавқуззикар мегузорад ва аз ин роҳ ҷойгоҳи азамату қудрати султони мазкурро нишон доданӣ мешавад.

Амир Муиззӣ ба шашумин султони сулолаи Салҷуқиён – Муиззиддин Абулҳорис Аҳмад Санҷар ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ (1117-1157) – 87 қасида, 2 тағаззул, 1 таркиббанд ва 1 тарҷеъбанд бахшида, дар ситоиши Санҷар низ тамоми маҳорати шоирии худро истифода бурдааст. Дар чунин ашъор Султон Санҷар бо унвонҳои ифтихорие, амсоли худованди худовандон, соҳибқирони Машриқу Мағриб Муиззидддин, султони Шарқу Ғарб, шаҳаншоҳи баҳру бар, сояи Яздон, хуршеди ҳама Салҷуқиён, Носириддин, хусрави Машриқ, тоҷи миллат, носири дини Худой, афсари шоҳон, сарафрози Салҷуқиён, шоҳи Машриқ ва монанди инҳо ситоиш мешавад.

Шоир пояи тахти Санҷарро рукни давлату дин, рикоби ӯро сафо мешуморад ва дар қисмати дуои яке аз қасоидаш чунин истидъо мекунад:

Ҷаҳон холӣ мабод аз шоҳ Санҷар,
Ки тахти хусравиро дурри яктост [31, с. 100].

Дар қасидаи «Дар мадҳи малик Санҷар ва Хоҷа Фахрулмулк, вазири ӯ» дунёро ба баҳр, халқро ба киштӣ, адли султонро ба лангар ташбеҳ медиҳад ва илова менамояд, ки ҳангоми шӯриши баҳр танҳо лангар киштиро сукунат медиҳад [31, с. 162].

Дар қасидаи «Дар мадҳи Султон Санҷар» атои султонро беҳамто, мояи иззу номварӣ ва тавонгарии худ ҳисобида, дар баробари тавсифи султон аз ширинсухании хеш фахр ҳам мекунад [31, с. 208]. Дар ҷойи дигар ишора менамояд, ки мадҳи туро ба тамомӣ натавон гуфтан, ба монанди он ки кӯҳи гаронсангро бо мисқол натавон суфтан:

Аз чун ту малик ҳаст тафохур ду малакро,
К-он ҳарду нависанд ҳаме номаи аъмол.
Гуфтан натавон мадҳи ту ҳаргиз ба тамомӣ,
Суфтан натавон кӯҳи гаронсанг ба мисқол [31, с. 416].

Муиззӣ дар қасидаи «Дар мадҳи малик Санҷар» қудрату тавоноии Санҷарро чунин ба қалам медиҳад:

Дидам шабе ба хоб дарахте бузургвор,
Аз илму ақлу фазл бар ӯ баргу шоху бор.

Аз Қандаҳор сояи ӯ то ба Қайравон

В-аз Қайравон шукуфаи ӯ то ба Қандаҳор.

Наздики ӯ нишаста ҷавоне кушодатабъ

Бо сурате бадеъу забоне сухангузор.

Осори тозагию нишони хуҷастагӣ

Бар сурати мубораки ӯ гашта ошкор.

Гуфтам, ки кистӣ ту чунин шоду тозарӯй,

Боз ин дарахт чист чунин сабзу обдор?

Гуфт: Ин дарахт дини Худои паямбар аст,

Ман давлатам гирифта ба наздики ӯ қарор [31, с. 329].

Дар баробари ин, шоҳи рӯзафзун Абулҳорис малик Санҷар [31, с. 30] дар тасвири Муиззӣ беш аз ҳама ҳамчун худованди ҳама Эрону Тӯрон [31, с. 527], соҳибқирони Машриқу Мағриб [31, с. 87], қиблаи шоҳону тоҷи миллат [31, с. 337], сояи Яздону хуршеди Салҷуқиён, Муиззиддини расул, хусрави Машриқ [31, с. 113], шоҳи мулкафрӯзи лашкардор [31, с. 136], шаҳаншоҳи ҷаҳон ва муқаддами шаҳон [31, с. 457], нигаҳбони замину замон [31, с. 459] ба мардию ҷаҳондорию шоҳӣ беш аз Таҳмурасу Ҷамшеду Фаридун [31, с. 536], дар адл Нушинравоне дигар [31, с. 335] ва амсоли он ба қалам дода шудааст.

Муиззӣ дар қасидаи «Дар васфи асп ва мадҳи малик Санҷар» аспи Султон Санҷарро чунин ба қалам медиҳад:

Чист он кӯҳи заминпаймову боди роҳвор?

Борае саҳронаварду маркабе дарёгузор.

Ҳайкале пӯлодсум, оҳутаге ғашғовдум,

Пайкаре покизагавҳар, роҳворе шоҳвор…

Шоҳи аспон хонам ӯро, то ба пирӯзию фатҳ

Шоҳи шоҳони ҷаҳон бар пушти ӯ бошад савор [31, с. 276].

Дар қасоиди Муиззӣ дар хусуси шамшери Санҷар низ сухан меравад. Ӯ дар як қатор қасоиди хеш аз махсусиятҳои шамшери Санҷар сухан мегӯяд. Аз ҷумла, шамшери Санҷарро дар миёни куфру дин садде қавӣ мешуморад [31, с. 644]. Дар

байти зер то чи дараҷа таваҷҷуҳ доштани шоир ба султони мазкур ва дар мадҳпардозиҳои ӯ саъйи беандоза намудани шоир аён мегардад:

Забони ман чу ситоиш кунад сифоти туро,
Ҳама танам шавад андар ситоиши ту забон [31, с. 549].

Хулоса, аз баррасии масъалаи мавриди назар метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки дар девони Муиззӣ мамдуҳони ӯ, аз ҷумла Маликшоҳ ва Султон Санҷар бо дар назар гирифтани нишонаҳои давлатдорӣ, унвон ва тахаллусҳои ифтихорӣ сутуда мешаванд. Баррасии муҳтавои қасоиди мазкур нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳи зиёди Муиззӣ ба мадҳи Султон Маликшоҳу Султон Санҷар ва фурӯравӣ дар тасвири қудрату азамати онҳо аён мегардад. Дар ин қасоид шоир маҳорату истеъдоди шоирии хешро дар мадоеҳи салотини пурқудрати Салҷуқиён то ба ҳадди ниҳоят сарф карда, аз ин тариқ кӯшидааст, ки шахси худро ҳар чӣ бештар муҳибу мутеи мамдуҳони худ қарор диҳад.

4.2.1. Муболиға, иғроқ ва ғулув

Амир Муиззӣ дар ашъори худ аз навъҳои гуногуни саноеи бадеӣ истифода намуда, суханашро ҳам аз нигоҳи шакл ва ҳам маънӣ муъҷазу муассир ва зебо намудааст. Дар осори ӯ санъатҳои маънавӣ, аз қабили ташбеҳ, талмеҳ, истиора, тавсиф, муболиға, ирсоли масал, саволу ҷавоб, шумор, тақсим, лаффу нашр, таҷоҳули ориф, луғз ва гунаи лафзӣ, аз ҷумлаи илтизом, иштиқоқ, таҷнис, акс, зуқофиятайн, ҳоҷиб (пардадор), лабрас, такрор, тарсеъ, муламмаъ ва истихроҷ хеле зиёд ба назар мерасанд, ки чигунагии истифодаи онҳо дар шеър ӯро ҳамчун суханвари моҳир ва тавоно ба ҷилва меоранд. Ӯ шоири маъниофар буда, санъатҳои бадеиро бисёр моҳирона истифода бурдааст.

Муболиға (аз забони арабӣ зиёд нишон додан) аз санъатҳои бадеии маънавист, ки ҳам дар адабиёти классикӣ ва ҳам дар адабиёти муосир бисёр истифода мешавад. Гоҳо нависанда дар тасвир ва ситоиши чизе аз ҳадди табиӣ мебарояд, онро калонтар ва ё хурдтар карда нишон медиҳад, дар таъриф ба болотарин нуқта мебардорад ва ё ин ки ба пасттарин дараҷа мефарорад, ки ин

ҳолати тасвир муболиға ном дорад. Муболаға дар адабиётшиносӣ ҳамчуин яке аз воситаҳои тасвири бадеӣ дар тавсиф ва ё мазаммати чизе ё касе зиёда аз будаш сухан рондан аст.

Муболаға се навъ мешавад:

1) муболиғаи таблиғ – тасвирот (тавсиф ва ё мазаммате), ки ба ақл ва одату зиндагӣ мувофиқ бошад. Яъне дар ин навъи муболиға гӯянда чизеро идао мекунад, ки ҳам бо ақл дармеояд ва ҳам дар зиндагии рӯзмарра ва воқеӣ метавон мисолҳое барои он ёфт. Ба иборати дигар, муболиға ё таблиғ ифрот дар васфи чизест ва тафовути хеле зиёде бо як таърифи ифротӣ надорад;

2) иғроқ – аз назари чигунагии андеша ва хаёли шоирона пас аз муболиға қарор мегирад. Дар иғроқ шоир сухане мегӯяд, ки ақл онро мепазирад, аммо вуқуи он дар зиндагии рӯзмарра номумкин ва ношуданист.

3) ғулув дар луғат ба маънии зиёдаравӣ дар коре ё дар васфи касеву чизе ва газофкорист, ва гоҳе дар адабиёт газофи ҳунарӣ низ мегӯянд. Дар санъати ғулув шоир чизеро мегӯяд, ки на бо ақл мувофиқат мекунад, на дар зиндагии оддӣ намунае доштаву дорад. Ғулув дараҷаи олии муболиға аст.

Кайковус дар мавриди баҳра ҷустан аз муболиға ва иғроқ чунин мефармояд: «Сазои ҳар кас бидон ва мадҳ, ки гӯӣ, дархури мамдуҳ гӯй. Қадри мамдуҳро бидон. Бидон ҳар касеро чӣ бояд гуфтан ва дар шеър дурӯғ аз ҳад мабар, ҳарчанд муболиғат дар шеър ҳунар аст» [22, с. 173].

Тавре пештар ишора шуд, Забеҳуллоҳи Сафо дар хусуси мадҳ ва бурун аз ҳад ворид гаштани муболиғоту иғроқ ба он чунин андешаронӣ менамояд: «Дар авоили амр, яъне дар қарни чаҳоруму қарни панҷум мадҳ ҳамроҳ бо муболиғаҳои бисёр шадид набуд, зеро мамдуҳон ғолибан аз хонандонҳои бузургу мардумии олам ё подшоҳоне адилу некусиришт будаанд. Барои мадҳи ин гуна мардум шоир мазомини мутанаввеъу мухталифи табиӣ дорад, аммо агар амр доир бар мадҳи ғуломони навхоста ё муҳоҷимони ваҳшиву мутағаллиб бар билоди муслимин бошад, бисёре аз ин мазомини табиӣ аз миён меравад ва ҷойи худро ба муболиғоти дур аз ҳақиқат медиҳад. Аз тарафи дигар, шоирони қарни чаҳоруму панҷум чизе аз мазомини табиии матбуъро дар мадҳ боқӣ нагузошта буданд ва

шоироне, ки баъд аз онон омаданд, барои бофтани мазомину маонии ҷадид дар мадҳ чорае ҷуз тавассул ба зеҳни халлоқи худ барои муболиғаҳову иғроқҳои шадид, ки бо тасаввуроти ҷадиде ҳамроҳ бошад, надоштаанд. Бо ин ҳол бояд муътариф буд, ки шоирони ин давра, хосса, касоне, аз қабили Муиззиву Анварӣ ва Заҳиру Муҷир ва Асиру Имодӣ дар мадҳ ба ғояти камол расида ва ин навъ аз шеърро, ки барои адабиёти мо арзиши фаровон дорад, ба мароҳили тозае аз аҳаммият кашонидаанд [212, с. 65].

Ҳумоӣ дар китоби «Фунуни балоғат ва санооти адабӣ» дар хусуси санъати муболиға ва иғроқ чунин мегӯяд, ки ба шеъри замони шоир мувофиқати том дорад: «Камтар иттифоқ меафтад, ки сухани адабии назму наср аз ин саноеъ холӣ бошад. Махсусан, санъати муболиға ва иғроқ ба ҷое расид, ки майдони табъозмоии шуаро ва нависандагон гардид. Чандон ки ҳар қадар шеър бо иғроқ ва муболиға бештар тавъам буд, онро арзиши бештар медоданд [265, с. 267].

Чунин ба мушоҳида мерасад, ки сегонаи муболиғаву иғроқу ғулув бештар хосси шеъри мадҳию ситоишӣ мебошанд. Шоир тамоми маҳорату истеъдоди худро дар тавсифи мамдуҳ ва мувофиқони ӯ, яъне ҳангоми тавсифи маъшуқи созгор гаҳи ғазал ва мамдуҳи молбахш гаҳи мадеҳ ва ҳамзамон, дар накуҳиши рақибони мамдуҳ ва мунофиқони ӯ бо истифода аз ин сегона истифода мебарад. Шоири ситоишгӯ худ пеш аз ҳар касе медонад, ки бисёре аз авсофе, ки барои мамдуҳ зикр мекунад, танҳо муболиғаи шоирона аст, ки барои таҳсили нону ном сохта мешавад. Аз ҷониби дигар, ба қавли Шаҳидӣ, «дар ин, ки мадеҳасароӣ ҳамеша ранге аз муболиғатро ба худ гирифтааст, тардиде нест ва ҳеҷ шунавандае – хоҳ мамдуҳ ва хоҳ ҷуз ӯ – аз шоири мадеҳасаро интизори шунидани қиёсҳои мантиқиро надорад, балки агар мазмуни ин гуна шеър ҳақиқати холис бошад, дар он лутфе нест ва шояд мисдоқи том ва фарди комил ҳамин қасидаҳои мадҳӣ бошад» [276, с. 269].

Ба қавли Абдулҳусайни Зарринкӯб, шоири ҳирфаӣ барои он ки аз дигарон ақиб бимонад, худро ночор мебинад. Ҳар рӯз паллаи тозае аз иғроқу муболиғаро зери по мегузорад ва дар ҳар навбат тамаллуқе бадеътару таҳсине муболиғаомезтарро барои ризои табъи тамаллуқписанди мамдуҳ, ки тадриҷан ба

тамаллуқҳои оддӣ унс мегирад ва онҳоро дар мавриди хеш ҳақиқати мусаллам талаққӣ менамояд, ибдоъ ё ҷустуҷӯ кунад ва пайдост, ки чунин шоир барои он ки амирушшуаро бимонад ва иноятӣ мамдуҳро дар ҳаққи худ собиту мустамар созад, бояд ҳамвора дар мадоеҳи хеш ҳар чӣ бештар дар таҳсини мамдуҳи хеш муболиға кунад ва дар тақрири рифъат ва улуми мақоми мамдуҳ ҳама чизро ҳақир, ҳама касро хор ва ҳама ҳолеро холӣ аз аҳаммият нишон диҳад [146, с. 151].

Ба қавли Қанбарӣ, шоир дар асре мезияд, ки муболиғаву иғроқу ғулув дар шеър намоиши қудрату истеъдоди сухансароии ӯст [35, с. бисту чор], зеро дар ин давра, яъне замони Салҷуқиён ашъори мадҳӣ нисбат ба давраи Сомониёну Ғазнавиён аз нигоҳи муболиға ва иғроқпардозӣ боз ҳам рангинтар мегардад. Агар дар замони Сомониёну Ғазнавиён мамдуҳ дар доираи воқеияти ҳастӣ мавриди ситоиш қарор гирифта бошад, дар ин давра ситоишҳое ба назар мерасанд, ки мамдуҳ дар баробари Худованд, сояи Худованд, дар баробари паёмбари ислом қарор мегирад. Ба қавли Нодири Вазинпур, «шоирони қарнҳои панҷуму шашум салотинро баробари Худо ва расули акрам [с] қарор медоданд, аз ҳамаи коинот бартар медонистанд ва … итоат аз ононро ҳамчун намоз мешумурданд. Ин гуна суханон золимонро гирифтори ҷунуни худхоҳӣ мекунаду раиятро мутанаффир месозад. Аз ин қарор мадоеҳи муболиғаомези суханварон василае буд барои фиребу бадномии мамдуҳи он ва беэътиқодии мардумон ва дар ниҳоят, ҷуз таҳқири худи шоирон ҳосиле надошт» [120, с. 180]. Аз ҷумла, Муиззӣ дар боби Фирдавсӣ инони қаламро густохтар ҷаҳонида ва ӯро ба лиҳози иғроқ ва муболиға дар шеър накуҳиш кардааст, ҳол он ки дар арсаи муболиға ва гардунаи ғулув худи Муиззӣ дар сафи аввал ҷой дорад [35, с. ҳафтод].

Тавре ишора шуд, «муболиға нахустин аз санъатҳои сегона аст, ки пояи онҳо бар пиндору андешаи шоирона ва чигунагии бознамуди онҳо дар сухан ниҳода шудааст ва андеша ё пиндори бознамуда дар байт ба гунае бошад, ки ҳам хирад онро биписандаду раво бишуморад ва ҳам дар зиндагии озмунҳои одамӣ битановад биғунҷад» [155, с. 150].

Амир Муиззӣ аз санъати муболиға хеле моҳирона истифода мебарад. Ин раванд ба андозаест, ки ӯ дар мақоми муболиға сахои мамдуҳро нисбат ба сухани хеш афзалтар мешуморад:

Натавон гуфт ба миқдори сахои ту сухан,

Ки сахои ту тамом асту сухан мухтасар аст [31, с. 105].

Муболиғаи навъи мазкурро, ки дар он саховати мамдуҳ бо қудрату қареҳаи шоирии муаллиф дар паллаи қиёс кашида шудааст, дар мадеҳасароии шеъри даврони Салоҷиқа метавон нав шумурд.

Дар қасидаи «Дар мадҳи Абушуҷои Ҳабашӣ» дар муроҷиат ба мамдуҳ балоғат ё худ камолоти ӯро нисбат ба ҳар муболиға фузунтар мешуморад:

Балоғати ту фузунтар зи ҳар муболиғате,

Ки ҷумлаи шуаро кардаанд дар ашъор [31, с. 231].

Корбурди санъати муболиға дар қасоиди Муизӣ бештар дар мавриди ситоиши мамдуҳ, бахусус, ҳангоми баёни сифатҳои ӯ мушоҳида мешавад. Масалан, дар яке аз қасоидаш дар мадҳи Султон Маликшоҳ мефармояд:

Кас надиду кас нахоҳад дид то маҳшар дигар

Чун Маликшоҳи Муҳаммад подшоҳи додгар.

Сояи Яздон, ҷалоли давлату садри мулук,

Хусрави кайҳон, ҷалоли миллату фахри башар [31, с. 222].

Тавре мушоҳида мешавад, дар ин абёт шоир муболиғаомез Маликшоҳро ба сифати подшоҳи додгар, сояи Яздон, ҷалоли давлату садри мулук, хусрави кайҳон, ҷалоли миллату фахри башар муаррифӣ менамояд ва ишора менамояд, ки:

Ҳафт чиз аз хусрави олам ҳаменозад ба ҳам:

Дину мулку тоҷу тахту рояту теғу қалам [31, с. 446].

Дар ҷойи дигар дар мадҳи Султон Санҷар ишора намуда, мулку неъмат ва лашкари ӯро аз Фаридуну Зулқарнайн ва Искандар фузунтар мешуморад:

Зи Афредуну Зулқарнайну Искандар фузун аст ӯ,

Ки мулку неъмату лашкар зи ҳар се бештар дорад [31, с. 193].

Дар ситоиши Тоҷиддин-хотун – модари султон Муҳаммад ва Санҷар мамдуҳро худованди ҷаҳон, тоҷи дин ва тоҷи дунё ба қалам медиҳад:

То ҷаҳон бошад, худованди ҷаҳон хотун бувад,
Давлату иқболи ӯ дар мулк рӯзафзун бувад.
То ки бошад тоҷи шоҳӣ бар сари Салҷуқиён,
Тоҷи дину тоҷи дунё дар ҷаҳон хотун бувад [31, с. 156].

Дар тасвири набард ва майдони корзор низ шоир кӯшидааст, то шаҳомати лашкари Маликшоҳро бозгӯ намояд:

Зи баҳри ӯ сипаҳе бар ҳисор ҷамъ шуданд,
Ҳама сипеҳртану кӯҳсабру хорачигар.
Ҳама камонкашу размозмову тирандоз,
Ҳама муборизу ҷавшангузору оташдар.
Ҳама фиканда тан андар мағокҳои ҳалок,
Ҳама ниҳода дил андар нишонаҳои хатар [31, с. 270].

Дар абёти болоӣ, ки ба муносибати фатҳи Самарқанд аз ҷониби Маликшоҳ суруда шудаанд, чунин ба назар мерасад, ки шоир дар баёни сифати лашкари Маликшоҳ аз сарҳади муболиға гузашта, ба сарҳади иғроқ наздик шудааст.

Иғроқ радаи дуюм аз чигунагии андеша ва пиндори шоирона аст ва иғроқ он аст, ки суханвар чизе ё касеро чунон бознамояд, ки хирад онро биписандаду бидорад, лек дар зиндагӣ ва дар озмунҳои зиндагӣ чандон нағунҷаду намунае надошта бошад [155, с. 151]. Шоир ба ёрии иғроқ маонии бузургро хурд ва маонии хурдро бузург менамояд. Зебоии иғроқ дар он аст, ки ғайримумкинро ба гунае адо кунад, ки мумкин ба назар расад.

Иғроқ аз пуркорбурдатарин сувари хаёл дар ашъори мадҳӣ аст, ки бо қавитарин тавони хаёлангезии шоир худнамоӣ мекунад ва шӯреро, ки шоир орзуманд аст, дар дили хонанда бармеангезонад, то битавонад ҳамаи боварҳои худро ба ӯ интиқол диҳад. Зеро иғроқ яке аз нерумандтарин аносири хаёл аст ва даромехтани он бо санъатҳои баёнию бадеӣ, аз ҷумла, истиора, ташбеҳ, киноя ва дигар ороишҳои шеърӣ сабаби офариниши тасвирҳои зебои шоирона мешавад. Дар умум, иғроқ нақши зиёде дар ҷовидонагии асар хоҳад дошт.

Бархе иғроқро дурӯғ пиндоштаанд [153, с. 130-138], аммо иғроқ на дурӯғу фиребкорӣ, балки арзиши афзуда бар калому шӯрангезии шоирона аст. Бояд ёдовар шуд, ки иғроқ ҳамеша ҷилодиҳандаи шеър нест, гоҳ чун зангор равнақи шеърро мепӯшонад, иғроқи нобаҷо метавонад мақоми шеърро ба пастӣ бибарад. Агар касе хаёли шоирона ва руҳи шоирона надошта бошад, бо вуруди санъатҳо ба шеъри худ иғроқҳои нодилнишин месозад. Иғроқ барои шукӯҳ бахшидан ба қаҳрамон ва иттифоқоти ҷорӣ аст ва агар хуб парварида нашавад, ба шеър осеб расонидаву ӯро бебаҳо мекунад.

Иғроқ гунае аз фарояндест, ки онро воқеиятгурезӣ мехонанд ва барҷастасозӣ мубтанӣ бар ин фароянд аст. Ин фароянд дар баёни шеър бар илзому ахбор гироиш меёбад, дар ҳоле ки дигар саноеи бадеи маънавӣ корбурди ихтиёрӣ доранд. Дар бораи ин ороияи балоғӣ ва вижагии фарққунандаи он аз ду навъи ҳамтои худ таърифҳои гуногун ироа шудаанд. Чунонки Сируси Шамисо қайд менамояд, «муболиға амрест, ки ақлану одатан мумкин бошад ва чунончи амри ақлан мумкин ва одатан ғайримумкин бошад, иғроқ номида мешавад ва он гоҳ, ки он амр ақлану одатан ғайримумкин бошанд, ғулув гӯянд [268, с. 95].

Иғроқ бо тахайюли як шоир иртиботи мустақим дошта, сабаби хуруҷи мазмун аз ҳадди як амри оддӣ ба ҳавзаи дигаре мегардад, ки он низ хушоянд аст. Албатта, он чи мизону миқдори зебоии як иғроқро таъин мекунад, зебоӣ ва таносуби тасвирист, ки ба василаи ин ороияи адабӣ ироа мегардад.

Саидҷаъфар Шаҳидӣ дар мақолаи «Татаввури мадеҳасароӣ дар адабиёти форсӣ то қарни шашум» таъкид менамояд, ки «иғроқ ва муболиға, ки дар мадҳҳои дарбории асри Салҷуқиён дида мешавад, натиҷаи ин аст, ки Салҷуқиён мардуме биёбонӣ буданд ва тарбияти чандоне надида буданд. Бинобар ин, тамоми меъёрҳои ҳоким бар одобу русум ва девонҳоро зери по гузоштанд ва ин кор сабаб шуд, ки шоирон ҳар касро ба навъе, ки хостанд, бо муболиғаҳо ва газофагӯиҳо ситуданд» [276, с. 283].

Шафеии Кадканӣ ишора менамояд, ки «ҳамин нуқтаи заъф, ки дар мавриди Салоҷиқа ба назари эшон расидааст, айнан дар мавриди Ғазнавиён низ мисдоқ дорад, чи онон низ қавме аз ҳамин мақула буданд» [153, с. 637]. Бинобар ин,

муболиғагӯиҳоро аз натоиҷи сайри такомулии адабиёти дарборӣ донист ва тобеъ аз мутағайири салиқаҳои шоирон ва мухотабони шеър. Ва дар ин равад Муиззиро намунаи комили як шоири дарборӣ ва муваззаф ба мадҳ ва ситоишгарӣ шуморида, илова менамояд, ки аз ин рӯй дар девони ӯ, бавижа дар мадоеҳи ӯ, иғроқ дар авҷ аст [153, с. 637].

Бар ту зебад, ки диҳад аҳли шариат салавот,
Маро мадеҳи ту тафсири ояти дин аст [31, с. 115].

Чунин иғроқҳои дур аз ҳунар, ки арзиши тасвирӣ надорад, дар девони Муиззӣ ба вуфур метавон ёфт. Ҳатто дар тасовире, ки дар васфи табиат ироа дода, низ ин заминаи иғроқи ғайриҳунариро ба хубӣ метавон эҳсос кард, аз қабили васфе, ки аз ҳисоре баланд додааст [153, с. 638].

Он чи Шафеии Кадканӣ дар мавриди баъзе абёти Муиззӣ, ки дар онҳо заминаи ғайриҳунарии шоир мушоҳида мешавад, гуфта, қобили таваҷҷуҳ аст. Аммо аз нигоҳи мо, ҳунари Муиззӣ дар мавриди муболиғаҳое, ки дар мадоеҳи салотини Салҷуқӣ ба кор бурда, умуман, қобили арҷгузорист.

Ин ки Муизӣ дар муболиғаҳои худ баъзан бар ифрот роҳ медиҳаду мамдуҳони хешро бо муқаддасот, ҳатто бо Зоти Худо қиёс менамояд, албатта, қобили қабул нест, чун дар ин бобат бурун аз доираи меъёру ҳадди тавсиф пой мениҳад. Аммо ин рӯйкарди Муиззӣ танҳо маҳдуд бар шоирии ӯ нест, чунки дар ашъори аксари мадеҳасароёни даврони Салҷуқӣ, ки бештар аҳли дарбор ё бастаи тааллуқоту хостаҳои риҷоли мутанаффиз буданд, аз он чораи дигаре надоштанд, ин вижагӣ мушоҳида мешавад.

Амир Муиззӣ дар ситоиши султон Маликшоҳи Салҷуқӣ мефармояд:

Сояи Яздон – Маликшоҳ, офтоби хусравон,
Шаҳрёри комрону подшоҳи комгор.
Он шаҳаншоҳе, ки ҳаст андар Араб в-андар Аҷам
Аз муборак дасти ӯ теғу қаламро ифтихор.
Андар он вақте ки Эзид шахси Одам офарид,
Ин ҷаҳон фармони адлашро ҳамекард интизор [31, с. 226].

Агар дар ду байти аввал Амир Муиззӣ даъво дорад, ки Маликшоҳ «офтоби хусравон» аст ва дар «Арабу Аҷам» ифтихори «теғу қалам» аз дасти мубораки ӯст ва бо ин муболиға карда, иғроқомез сухан гуфта бошад, дар байти сеюм газофагӯиро аз ҳад берун мебарад ва суханони ғулувомез гуфтааст.

Дар ҷойи дигар шоир ишора менамояд, ки то ҷаҳон бошад, худованди он Маликсултон, яъне Маликшоҳ ба ҳисоб меравад ва аз Маликсултон ҷаҳон мисли равзаи ризвон бошад:

То ҷаҳон бошад, худовандаш Маликсултон бувад

В-аз маликсултон ҷаҳон чун равзаи ризвон бувад [31, с. 167].

Аксари муболиғаҳои бакорбурдаи Муиззӣ, чи муболиғаи таблиғ, чи иғроқ ва чи ғулув дар омезишу имтизоҷ бо дигар анвои воситаҳои тасвири бадеӣ зинат ёфтаанд. Дар ин маврид санъати қиёс ё муқобилагузорӣ, махсусан, бештар мушоҳида шуда, чи миёни дигар васоити тазйини калом дар мадоеҳи шоир муҷиби пӯшидатар гаштани муболиғаҳои ӯ мегардад. Чунончи, дар абёти зер шоир Султон Санҷарро бо Афросёбу Исфандёр қиёс карда, ӯро аз ҳарду болотар нишон додааст:

Махон фасонаи Афросёби Тӯронӣ,

Магӯй қиссаи Исфандёри Эронӣ.

Сухан зи Хусраву султони ҳафт кишвар гӯй,

Ки хатм гашт бад-ӯ хусравию султонӣ [31, с. 625].

Дар байти мазкур шоир дар баёни караму эҳсони Худованд нисбат ба мамдуҳи худ иғроқ намудааст.

Натавон гуфт ба сад сол ба тафсилу ба шарҳ

Он чи бо шоҳ зи эҳсону карам Яздон кард.

Дар ҷойи дигар гарди мавкаб ва наъли маркаби Маликшоҳро чунин ба қалам додааст:

Зи гарди мавкаби ту рӯйи моҳ пурхок аст,

Зи наъли маркаби ту рӯйи хок пурмоҳ аст [31, с. 79].

Тавре ишора шуд, ғулув дар луғат ба маънии зиёдаравӣ дар коре ё дар васфи касе ва чизест ва дар ororяи ғулув шоир чизеро мегӯяд, ки на бо ақл дуруст меояд

на дар зиндагии оддӣ намунае доштаву дорад. Ба қавли Каззозӣ, ғулув ё «газофаи ҳунарӣ» сеюмин ва вопасин рада ва гунаи андешаву пиндори шоирона аст. Ва он гуна газофи ҳунарист, ки на хирад онро биписандаду раво бишуморад ва на дар озмуну зиндагӣ нишону намунае аз он битавон ёфт. Суханвар ба ёрии ин ороя метавонад, лагом аз тавсани пиндор баргирад ва ӯро то ҳар он ҷое, ки шоиста медонад, битозад. Газофаи шоирона ҳар чӣ шигифттар ва хирадошӯбтар бошад, ҳунаритару зеботар аст [155, с. 152].

Муиззӣ дар бисёр маврид дар мавриди мадҳи мамдуҳони худ аз санъати ғулув моҳирона истифода мебарад. Чунонки Қанбарӣ дар муқаддимаи девони шоир ишора менамояд, «Муиззӣ бо ғулуве шоирона дар ҳодисаи тир хӯрдани худ аз дасти Санҷар муболиғаро ба ниҳоят мерасонад ва дар шеъре мегӯяд, чун ман дар мадоеҳи худ тири шоҳро ситудам, тири султон барои қадрдонӣ аз сурудаҳои ман омаду бар синаи ман бӯса дод ва пайконро ба ёдгор дар синаи ман боқӣ монд:

Тири шаҳро ба назм бистудам,
Шукр карду ба фахр сар бифрошт.
Омаду бӯса дод синаи ман,
Рафту пайкон ба сина дар бигзошт [35, с. наваду шаш].

Шоир дар қасидаи «Дар ситоиши Тоҷиддин-хотун – модари Санҷар ва султон Муҳаммад» модари Султон Санҷарро соҳиб хонда, дар тавсифи ӯ суханро аз ғулув оғоз мекунад:

Эй худованде, ки тоҷи дини пайғамбар туӣ,
Шоҳи оламрову шоҳи Шарқро модар туӣ.
Нозиши Султон Муҳаммад дар Ироқ аз номи туст,
Дар Хуросон нозиши мулки Малик Санҷар туӣ.
Давлати Ҷамшеду Искандар ба эшон дод чарх,
Офтоби давлати Ҷамшеду Искандар туӣ [31, с. 640].

Дар қасидае, ки шоир дар ситоиши Султон Санҷар сурудааст, ӯро аз роҳи ғулув қобили парастиш қаламдод мекунад:

Чун банда дар парастиши ту дил чу тир дошт,
Аз захми тири ту нарасидаш ба ҷон алам.

Гар бандаро саодати ту дарнаёфтӣ,

Гаштӣ вуҷуди банда ҳам андар замон адам [31, с. 455].

Дар абёти зерин шоир бо истифода аз санъати ғулув Маликшоҳро ба сифати шоҳи дарёдил шуморида, илова менамояд, ки ӯ хусравест, ки аз ҳилмаш хок, табъаш бод, хашмаш оташ, ҷудаш оби равон падид меояд:

Шоҳи дарёдил Маликшоҳ, он ки аз табъу дилаш

Гавҳару фарҳангро дарёву кон омад падид.

Хусраве, к-аз ҳилму табъу хашму ҷудаш дар ҷаҳон

Хоку боду оташу оби равон омад падид [31, с. 149].

Шоир дар қасидае дар ситоиши Маликшоҳ ғулувомез Худойро гувоҳу замонаро огоҳи он медонад, ки азизии дини ислом тавассути Маликшоҳ буда, дар баркамолӣ баробари сад малик ва дар зебоӣ баробари сад шоҳ мебошад:

Худойи арш гувоҳу замона огоҳ аст,

Ки дин азиз ба султони дин Маликшоҳ аст.

Аё шаҳе, ки туро дар сифоти подшаҳӣ

Камоли сад малик асту ҷамоли сад шоҳ аст.

Зи хидмати ту шаҳонро саодату шараф аст,

Зи тоати ту ҷаҳонро ҷалолату ҷоҳ аст [31, с. 79].

Дар ҷойи дигар дар мадҳи Султон Санҷар мегӯяд:

Даргаҳи маймуни ту Каъба-сту дастат Замзам аст,

Пояи тахти ту рукн асту рикоби ту Сафо [31, с. 30].

Шоир на танҳо дар ситоиши мамдуҳони аслии хеш аз қабили Маликшоҳу Санҷар ба муболиға ва иғроқу ғулув даст задааст, дар мадҳи мамдуҳони дигар низ аз ин ороятҳои адабӣ ба таври васеъ истифода бурдааст. Масалан, дар яке аз қасоиди худ дар мадҳи Носириддин Маҷируддавла Мукаррам ибни Алӣ, вазири Кирмон мегӯяд:

Меҳтаро, бар пояи қадри ту натвонам расид,

Гар басе ҳила кунам в-аз ваҳм созам нардбон.

Узр дорам гар ҳунарҳо бар ту натвонам шумурд,

Қатраи борони наврӯзӣ шумурдан кай тавон?! [31, с. 471].

Як ҷиҳати муассирӣ ва ҷолибияти муболиғаҳои ғулувомези Муиззӣ дар абёти фавқуззикр дар он мушоҳида мешавад, ки онҳо бо дигар васоити тасвири бадеӣ, амсоли истиора, ташбеҳи зимнӣ ё киноӣ ва санъати тамсил омезиш ёфтаанд. Чунонки қаблан дар бобати имтизоҷи муболиғаҳои шоир бо қиёс ё муқобилагузорӣ қайд кардем, дар мавриди омезиши онҳо бо истиора, ташбеҳ, тамсил ва дигар аркони маҷоз ҳам бояд зикр кард, ки каломи иғроқомез ё ғулувомези шоир манзараи зебои тасвирро фароҳам меорад. Чунончи, дар мисоли зер дар байти якум бо истифода аз истиораии киноии «нардбони ваҳм», ки ба таври печида баён гардидааст, нотавонии худро дар баробари «пояи қадр»-и мамдуҳи худ, ки он низ тавассути истиораи мукания сохта шудааст, изҳор дошта, дар байти дувум бо истифода аз ташбеҳу тамсил боз ҳам оҷизии худро дар баробари ҳунарҳои мамдуҳ баён медорад.

Муиззӣ бо истифода аз чунин шеваи балоғӣ, ки, пеш аз ҳама, барои ситоиши мамдуҳ лозим аст, барои барҷаста ифода кардани мабдаи тасвир истифода кардааст. Аз назари мухтассоти сабкӣ ин ороями адабӣ ба сифати яке аз махсусиятҳои ҳунарӣ эътибор дорад. Дар ашъори Муиззӣ ҳар се навъи ин ороями адабӣ ба назар мерасад. Инчунин, бо омезиши анвои муболиға бо дигар навъҳои васоити тасвири бадеӣ шоир ҷанбаҳои ҳунарии каломро тақвият бахшидааст. Масъалаи чигунагии риояти ҳадди эътидол дар истифодаи муболиға ва анвои он ба хусусияти шеъри мадҳӣ бастагӣ дорад.

4.2.2. Ташбеҳ ва анвои он

Яке аз ҷилваҳои завқи ҳар шоир дар бузургию қудрати тахайюли ӯст, ки шоири ҳунарофарин бо руҳе латифу ҳассос аз падидаҳои зебои табиат мутаассир гашта, аз ин таъсир тасвирҳои хаёломез меофарад. Ба иборати дигар, «хаёли шоирона бо ёрӣ гирифтан аз унсурҳои тасвир бисёре аз умури зеҳниро дидорӣ мекунад ва тасаввуроти худро аз ин роҳ ба тамошо мегузорад» [259, с. 282]. Таҷассуми ин мавзуоти зеҳнию отифӣ тавассути шоир муҷиб мегардад, то хонанда битавонад ба василаи ҷараёнот руҳи шоирро дар бархӯрд бо ашё ва

масоили ҳастӣ дарёбад, ки ин амр табъан дар қолаби ташбеҳ, истиора, маҷоз ва киноя худнамоӣ мекунад. Ба тавре ки Абдулқоҳир Ҷурҷонӣ онҳоро ба монанди марказ ва нуқтаҳое медонад, ки тасарруф дар маонӣ дар гирди онҳо мегардад [233, с. 14]. Аз миёни ин аносир ташбеҳ ба унвони муассиртарин абзори тахайюл «ҳастаи аслӣ ва марказии хаёлҳои шоирона аст, ки неруи тахайюли шоир дар миёни ашё кашф мекунад ва дар сувари мухталиф ба баён дармеоварад» [196, с. 214].

Саъид Нафисӣ роҷеъ ба мавқеи ташбеҳ дар шеър андешаи ҷолибе баён менамояд: «Бузургтарин маҳорати ҳар шоир дар ташбеҳот аст. Шеъри беташбеҳ чун ҳусн ноороста аст. Шоир он аст, ки мушаббеҳи худро ба чизе ташбеҳ кунад, ки дар ҳама ҷо ҳар замон битвонӣ ёфт ва ҳар кас лутфу шеваи онро дарёбад» [187, с. 414].

Ташбеҳ ҳастаи марказии ағлаб хаёлҳои шоирона аст, чунки он дар хаёлангезӣ аслитарин нақшро мебозад. Дар миёни санъатҳои бадеӣ, ки муҳимтарин далели фарқкунандаи каломи адабӣ аз ғайри он аст, ташбеҳ ҷойгоҳи махсус дорад. Ин омили тасвирофарин ҳар шоир ва хонандаеро шефтаи худ мекунад ва ҳеҷ суханвареро наметавон ёфт, ки аз канори ин унсури аслии хаёл бароҳатӣ гузашта бошад, бе он ки баҳрае аз он нагирифта ва сухани худро ба зиннати он наороста бошад [163, с. 229], зеро ташбеҳ яке аз асоситарин унсурҳои созандаи дастгоҳи балоғӣ аст, ки соири аҷзои ин дастгоҳ чун истиора ва киноя бар пояи он сохта мешавад.

Муҳимтарин аркони ташбеҳ мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳист, ки бунёди ташбеҳ бар онҳо устувор аст [153, с. 56]. Аммо ҳар чӣ вуҷуҳи иштирок миёни ду рукни аслии ташбеҳ камтар бошад, он зеботар аст, зеро хонанда маҷбур мешавад, робитаи зариферо, ки шоир дар зеҳни худ миёни мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳи барқарор кардааст, биёбад ва ин кашф, ки бо заҳмат ҳамроҳ аст, барои хонанда зебост [153, с. 57].

Ташбеҳ аз нахустин абёти барҷоймонда дар адаби форсӣ то асри ҳозир пайваста аз унсурҳои зебоибахши шеъру наср маҳсуб меёбад. Ташбеҳ бунёдитарин сувари хаёли шоирона аст, ба гунае ки ҳастаи марказии тасовири

дигар, монанди истиора, киноя ва тамсил бар он устувор аст, афкори ҳар шоир ва суханвареро метавон дар лобалои ташбеҳоти ӯ ёфт, зеро зовияи дид ва биниши шоирро ба ҷаҳон ва табиат нишон медиҳад. Аз миёни шоирон ва сухансароёни адаби форсӣ Муиззӣ дар корбурди санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла, ташбеҳ, дасте тамому маҳорати бепоён дорад.

Ташбеҳ аз назари адабӣ дар шеъри Муиззӣ ба сифати санъати балоғии аслӣ ба шумор меравад. Аслан, анвои ташбеҳ дар шеъри ӯ дар хидмати тавсифу ситоиши мамдуҳ қарор мегирад [176, с. 64]. Ба қавли А. Зарринкӯб, ҳама қудрату нубуғи Амир Муиззӣ то ҳадде ки дорад, бештар дар қасоидаш ҷилва мекунад, ки ду вижагии умдаи он иборат аст аз мадҳу васф ва ташбеҳоти ӯ ин ҳарду маврид ғолибан ҷолибу аҳёнан мутазаммини асолат аст [146, с. 148] ва он чи дар шеъри ӯ қобили мулоҳиза мемонад, ташбеҳот аст, ки бештар дар тағаззул ё дар васфи табиат қобили ташхис аст [146, с. 151].

Носири Ҳирӣ Муиззиро шоире мешуморад, ки қасидаҳои вай, маъмулан, муфассалу муҳкам ва санъати ташбеҳу маҷозу истиора дар онҳо мабзул аст [31, с. 15]. Ин ҳолат бесабаб нест, чунки шоир дар асре ба сар мебурд, ки муболиғаву иғроқу ғулув дар шеър намоиши қудрату истеъдоди сухансароӣ буд ва барои ӯ нишон додани ин тавоноии ногузир аз ташбеҳоту истиорот ширину шигифтовар аст [35, с. бисту чор].

Эдуард Браун низ дар «Таърихи адабиёти Эрон» ишора менамояд, ки «…мояи шигифтӣ нахоҳад шуд агар дарёбам ҳар ташбеҳе, ки баъдан тавассути шуарои ғазалсарои Осиёи Бохтарӣ ба кор рафта ба василаи Муиззӣ низ мавриди истифода қарор гирифтааст ва ин ки бисёре аз онҳо барои нахустин бор ба дасти ӯ ибдоъ шудаву ба кор рафтааст. …». [118, с. 32].

Муҳаққиқони эронӣ аз қабили Муқаддас Дилором Машкуҳ, Ҳуҷҷат Муҳаммад, Ҳоҷизода Маҷид дар мақолаи «Вижагиҳои сабки ашъори Муиззӣ» дар ашъори шоир санъати ташбеҳро аз нигоҳи навъ ба ташбеҳи мафруқ, ташбеҳи ҷамъ, ташбеҳи малфуф, ташбеҳи тафзил, ташбеҳи машрут, ташбеҳи ҳарфӣ, ташбеҳи мураккаб, ташбеҳи тамсил, ташбеҳи изофӣ ҷудо карда, аз ашъори шоир намунаҳо овардаанд [176, с. 64-65].

Ташбеҳи малфуф ин гуна ташбеҳ аст, ки чанд мушаббаҳ ҷудогона зикр мешавад ва сипас мушаббаҳ биҳиҳои ҳар кадом зикр мегардад. Ин навъи ташбеҳ ба санъати лаффу нашр монандӣ дорад. Дар ин навъи ташбеҳ ташбеҳшавандаву ташбеҳкунандаҳо, ки аркони як санъатро ташкил медиҳанд, пас аз тавоҷуҳи амиқи хонанда ба даст меояд. Чунончи, дар ин маврид Муиззӣ сурудааст:

Аз ранги хуни душману аз ранги ханҷараш

Гӯӣ ҳаме шақоиқу нилуфар оварад [31, с. 172].

Дар байти боло ибораи «ранги хуни душман» дар мисраи аввал ба шақоиқи мисраи дуюм ва «ранги ханҷар»-и мисраи аввал ба нилуфари мисраи дуюм монанд карда шудааст.

Дар байти зерин шуои ханҷар ҳам чу барқ, тир монанди жола ва камон ба қавси қазаҳ монанд карда шудааст:

Шуои ханҷару рафтори тиру шакли камон

Чу барқу жолаву қавси қазаҳ ба вақти баҳор [31, с. 200].

Дар ин байт шоир сари бетанро ба дабба, яъне зарфи дарунхолӣ аз ҷинси филиз ё сафоли қир, яъне моддаи сиёҳранге, ки вақти полидани нафт таҳнишин шуда мемонад ва тани бесарро ба хиқ, яъне зарфи чармини калони пурқатрон, яъне шираи часпаку равғанмонанди сиёҳ ташбеҳ додааст.

Ба шакли даббаи қиру ба сони хики пурқатрон

Ҳама Зобул сари бетан, ҳама Кобул тани бесар [31, с. 198].

Ташбеҳи мафруқ навъи ташбеҳест, ки дар он ҳар ташбеҳшаванда бо ташбеҳкунандаи худ ҳамроҳ меояд, яъне дар ин навъи ташбеҳ ҳар мушаббаҳ биҳиро тобеи мушаббаҳи худ қарор медиҳанд. Шоир дар як байт бо истифода аз чанд ташбеҳи пай дар пай тасвирҳои зебои мухталиф меофарад. Маҳз ҳамин сабаби хаёлангезӣ ва кӯшиши зеҳнии бештари мухотаб мегардад. Ин навъ ташбеҳ яке аз пуркордбурдтарин ташбеҳот дар девони Амир Муиззӣ ба шумор меравад. Чунончи:

Ситам гург асту адли ӯ шубон асту ҷаҳон саҳро,

Халоиқ гӯсфандонанду ҳукми ӯ нуҳоз омад [31, с. 195].

Дар мисраи аввал ситамро ба гург, адли ӯро ба шубон, ҷаҳонро ба саҳро ва дар мисраи дуюм халоиқро ба гӯсфандон ташбеҳ мекунад.

Дар мисраи аввали байти зер ғубор андар ҳаворо ба абр ва тири парронро ба борон монанд мекунад. Дар мисраи дуюм теғ ё ханҷари дурахшонро ба барқ ва кӯс, ё худ табл ва нақораи хурӯшонро ба тундар ташбеҳ мекунад.

Ғубор андар ҳаво чун абру паррон тир чун борон,

Дурахшон теғ чун барқу хурӯшон кӯс чун тундар [31, с. 197].

Ташбеҳи тасвияро ташбеҳи баробар низ мегӯянд. Дар ин навъи ташбеҳ барои чанд мушаббаҳ як мушаббаҳ биҳи меоваранд, яъне чанд мушаббаҳро ба як мушаббаҳ биҳи ташбеҳ мекунанд. Чунончи:

Сохт аз донишу аз бахшиши куллӣ гуҳаре

В-он гуҳарро кафи роду дили покаш кон кард [31, с. 192].

Дар байти мазкур шоир калимаҳои каф ва дилро ба сифати мушаббаҳ ва конро ба сифати мушаббаҳ биҳи кор фармудааст.

Дар мисраи дуюми байти зерин ташбеҳи тасвия ба назар мерасад, кӯҳ ва дара ҳарду мушаббаҳ ва рояти мисрӣ мушаббаҳ биҳи мебошад:

Ҳаво аз абр чун роёти аббосӣ сияҳ бошад,

Бувад чун рояти мисрӣ сапед аз барф кӯҳу дара [31, с. 198].

Дар байти зерин дар баробари ташбеҳи тасвия ташбеҳи муфассал низ ба назар мерасад. Дар мисраи аввал ташбеҳи муфассал мушоҳида мешавад: ҳаво мушаббаҳ, чун адот, роёти аббосӣ (мушаббаҳ биҳи, сиёҳ будан ваҷҳи шабаҳ аст.

Дар байти зерин ташбеҳи тасвия бо бакоргирии ду мушаббаҳ: хок, ҳаҷар барои як мушаббаҳ биҳи: ҳилми мамдуҳ сурат гирифтааст:

Аз он ки хоку ҳаҷар ҳамчу ҳилми ӯст гарон,

Маҳалли зарру гуҳар шуд даҳони хоку ҳаҷар [31, с. 208].

Дар ин байт ташбеҳи маъкус ва ё мақлуб низ мушоҳида мешавад. Чунонки шоир дар ин ҷо хоку ҳаҷарро дар гаронӣ ба ҳилми мамдуҳ ташбеҳ карда. Ҳол он ки урфан бояд ҳилми мамдуҳро ба хоку ҳаҷар ташбеҳ мебоист кард.

Дар ташбеҳи ҷамъ барои як мушаббаҳ чанд мушаббаҳ биҳи истифода мешавад. Ташбеҳи ҷамъ акси ташбеҳи тасвия мебошад. Ин навъ ташбеҳ дар

шеъри Муиззӣ нисбат ба дигар анвои ташбеҳ камтар ба назар мерасад. Чунончи, дар дар байти якуми мисоли зерин барои як мушаббаҳ ҷаҳон) ду мушаббаҳ биҳи (Хуросон – сар, Марв – чашми сар) ва дар мисраи дуюм низ барои як мушаббаҳ (рӯзи ҳосидон) ду мушаббаҳ биҳи (шаб; шабе, ки рӯзи шумораш ҳамчун саҳар бошад) истифода гардидааст:

Гуфтам: Ҷаҳон тан асту Хуросон бар ӯ сар аст,

Гуфто: Сар асту Марв варо ҳамчу чашми сар.

Гуфтам: Шаб аст рӯзи ҳама ҳосидони ӯ,

Гуфто: Шабе, ки рӯзи шумораш бувад саҳар [31, с. 361].

Дар байти зерин ғулом мушаббаҳ ва Қайсару хон мушаббаҳ биҳи мебошанд:

Султони ҷаҳон хусрави гетӣ, ки ғуломаш

Аз муҳташамӣ ҳар як чун Қайсару хонанд [31, с. 179].

Дар байти зер мушаббаҳ авлоди Қавомиддин, мушаббаҳ биҳиҳо: сарвони баланд ва дарахтони барӯманд мебошанд:

Авлоди Қавомиддин дар боғи вазорат

Сарвони баланданду дарахтони барӯманд [31, с. 180].

Дар мисраи аввали байти зер мушаббаҳ сипоҳи хасм, мушаббаҳ биҳиҳо кабкон, нахчирон ва дар мисраи дуюм мушаббаҳ сипоҳи шоҳ, мушаббаҳ биҳиҳо шоҳин, шери нар мебошанд:

Чу шуд оҷиз сипоҳи хасм чун кабкону нахчирон

Чу шуд қодир сипоҳи шоҳ чун шоҳину шери нар [31, с. 197].

Дар мисраи аввали байти зерин «тан» мушаббаҳ ва «мӯю миён» мушаббаҳ биҳиҳо мебошанд. Дар мисраи дуюм низ ташбеҳи ҷамъ мавриди истифода қарор гирифтааст, аз ҷумла, «қад» мушаббаҳ ва «зулфу қамар» мушаббаҳ биҳиҳо:

Борик танам доим чун мӯю миён дорад,

Хамида қадам доим чун зулфу камар дорад [31, с. 190].

Ташбеҳи мақлуб, ё худ акс ҷобаҷо кардани мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳи ва воруна сохтани робитаи ташбеҳӣ миёни тарафайни ташбеҳ бидуни тағйир додани худи он тарафайн аст. Дар ташбеҳи мақлуб тарафайни ташбеҳ собитанд ва ҳар кадом як бор мушаббаҳ ва як бор мушаббаҳ биҳи воқеъ мешаванд. Дар ин

маврид Рашиди Ватвот мефармояд: «Дар санъати ташбеҳ некӯтару писандидатар он бошад, ки агар акс карда шавад ва мушаббаҳ ба мушаббаҳ биҳи монанд карда ояд, сухан дуруст буваду маънӣ рост» [14, с. 42]. Беҳтарин ташбеҳ он бувад, ки маъкус тавон кард [52, с. 338]. Чунончи, дар байти зер ҳамин вижагӣ мушоҳида мешавад:

Гаҳе рӯйи замин чун гунбади хазро шуд аз оҳан,
Гаҳе аз гард чун рӯйи замин шуд гунбади ахзар [31, с. 197].

Шоир дар байти мазкур нахуст мушаббаҳ (рӯйи замин)-ро ба мушаббаҳ биҳи (гунбади хазро) ташбеҳ карда, сипас ҷойи мушаббаҳ биҳи ва мушаббаҳро иваз карда, яъне мушаббаҳ биҳиро дар ҳукми мушаббаҳ (гунбади ахзар) ва мушаббаҳро дар ҳукми мушаббаҳ биҳи (рӯйи замин) гирифтааст.

Дар байти зерин дар баробари ташбеҳи маъкус ташбеҳи тасвия низ ба назар мерасад. Дар мисраи аввал ташбеҳи тасвия омадааст: мушаббаҳҳо: хок, ҳаҷар, мушабаҳбиҳӣ: ҳилми мамдуҳ. Дар баробари ин, чунонки пештар ҳам арз шуд, шоир хоку ҳаҷарро дар гаронӣ ба ҳилми мамдуҳ ташбеҳ мекунад, ҳол он ки урфан бояд ҳилми мамдуҳро ба хоку ҳаҷар ташбеҳ мебоист кард:

Аз он ки хоку ҳаҷар ҳамчу ҳилми ӯст гарон,
Маҳалли зарру гуҳар шуд даҳони хоку ҳаҷар [31, с. 208].

Ташбеҳи музмар аз зеботарин гунаҳои ташбеҳ ва шоиронатарин мақулаи сухан аст, ки истеъдод, таҷриба ва ҳунари шоирро нишон медиҳад. Шоир дар ин навъи ташбеҳ ба таври мустақим ба ташбеҳ ишора намекунад, балки маънои ташбеҳ дар ҷумла нуҳуфтааст ва ин мухотаб аст, ки бояд ба рози ин ҳамонандӣ пай барад. Яъне, «дар он шоир каломро тавре меоварад, ки гӯӣ хаёли ташбеҳ надорад ва ҳамин амр сабаб мешавад, ки зеҳни мухотаб бештар ба ҷустуҷӯ мепардозаду иртиботро бодиққат дунбол мекунад» [96, с. 111]. Ин навъи ташбеҳ аз вижагиҳои хос бархурдор аст, зеҳни хонандаро ба такопӯ вомедорад ва барангезандаи завқи дарунӣ мешавад. Зеро шоир дар ин навъи ташбеҳ кӯшиш менамояд, ки иртибот миёни мушаббаҳбаҳ ва мушаббаҳ биҳиро дуртар созад, то ташбеҳ аз ғаробату зебоии бештаре бархурдор шавад. Чунончи, дар байти зер

шоир ба таври музмар лутфу табъи мамдуҳро ба боди фарвардин ташбеҳ кардааст:

Осмон, к-аз боди фарвардин заминро зинда кард,

Лутф табъи ту магар дар боди фарвардин ниҳод [31, с. 197].

Дар бисёр ҳолатҳо дар ашъори Муиззӣ ташбеҳи музмар бо ташбеҳи тафзил якҷоя меояд:

Моҳ кунад бар фалак ситоиши он хад,

Сарв кунад дар чаман парастиши он қад [31, с. 187].

Шоир ба таври музмар гунаи маъшуқро ба моҳ ва қади ӯро ба сарв ташбеҳ карда, баъдан рӯй ва қади маъшуқаро бар моҳу сарв бартарӣ додааст.

Дар ду байти зер низ шоир ба таври музмар гунаи маъшуқро дар равшанӣ ба моҳ ва қади ӯро дар ростӣ ба сарв ташбеҳ карда, баъдан равшанию ростии моҳу сарвро сифоти ориятӣ аз маъшуқ донистааст:

Ория доранд сарву моҳ, ту гӯӣ

Ростию равшанӣ аз он қаду з-он хад [31, с. 187].

Ташбеҳоти тафзил, яъне вижагии бартарӣ гирифтани ашё ва мазомин дар ташбеҳсозиҳои Муиззӣ баъзан ба таври киноӣ сурат мегирад. Чунончи, дар байти зер ҳамин хусусият мушоҳида мешавад:

Рӯйи ту карда-ст нақши монавиён зишт,

Сеҳри ту карда-ст сеҳри бобулиён рад [31, с. 187].

Шоир дар мисоли мазкур, аввалан, ба таври музмар чеҳраи маъшуқро ба нақши монавиён ва чашми ӯро дар сеҳргарӣ ба сеҳри бобулиён ташбеҳ менамояд, баъдан, ба таври киноя чеҳраву чашмони маъшуқро дар зебоию афсункорӣ афзалтар аз нақши монавиёну сеҳри бобулиён меангорад.

Дар мисоли зер низ ташбеҳи музмар ба василаи тафзил ё бартаринигорӣ сурат пазируфтааст:

Дар ҷалолат нест пеши бахти ту кӯҳи баланд,

Дар саховат нест дарё пеши ҷуди ту ҷавод [31, с. 190].

Шоир, қаблан, ба таври музмар бахти мамдуҳро ба кӯҳи баланду саховати ӯро ба дарё ташбеҳ менамояд, сипас бахту ҷуди мамдуҳро бар кӯҳу ҷавод бартарӣ

додааст. Дар мисраи аввали байти мазкур, ҳамчунин, санъати иғроқ низ мушоҳида мешавад, чун ҷалолату шукӯҳи инсон аз кӯҳ баландтар натавонад буд.

Баъзан дар ташбеҳоти музмари Муиззӣ санъатҳои кинояву суол нақши барҷаста доранд. Чунончи, дар байти зер то чӣ дараҷа саҳм доштани кинояву суол дар ташбеҳсозии шоир мушоҳида мешавад:

Гар нури маҳу равшании шамъ турост,
Пас сӯзишу коҳиши ман аз баҳри чарост?
Гар шамъ туӣ, маро чаро бояд сӯхт
В-ар моҳ туӣ, маро чаро бояд кост? [31, с. 715].

Шоир дар ин ҷо ба таври музмар зебоии шахси мамдуҳро ба таври киноя ба нури маҳ ва равшании шамъ ташбеҳ карда, сипас суолҳои худро ҷиҳати бартарии мамдуҳ матраҳ мекунад.

Ҳамин тавр, ба сурати куллӣ метавон гуфт, ки дар ташбеҳсозиҳои Муиззӣ нақши ташбеҳи тафзил бештар қобили таваҷҷуҳ аст. Ҷойгоҳи ин навъи ташбеҳ дар матни ашъори ӯ, хусусан дар қасоидаш, баъд аз ташбеҳи музмар меистад.

Ташбеҳи тафзил навъи ташбеҳест, ки шоир мушаббаҳро аз мушаббаҳбиҳӣ афзал мешуморад, яъне нахуст мушаббаҳро ба чизе ташбеҳ кунанд ва сипас аз гуфтаи худ саркашӣ карда, мушаббаҳро бар мушаббаҳ биҳи бартарӣ диҳанд. Ин навъи ташбеҳ дар қиёс ба дигар навъҳо, «навъе аз ташбеҳоти шоирона аст, ки мухайялтар аз дигар анвоъ аст ва зеҳнро аз сӯе ба сӯйи дигар мебарад ва дар гирудори тааммулу тафаккур ба бартарии мушаббаҳ меанҷомад. Хаёли шоирона печидатару комилтар шуда, риққату содагии гузаштаро надорад ва гоҳ ба такаллуф ва тазоҳим ҳам гароидааст» [227, с. 106]. Дар ин навъи ташбеҳ гӯё шоир ба ташбеҳе, ки карда, қонеъ нест ва мехоҳад бо муболиға худро розӣ кунад [96, с. 110].

Муиззӣ, ки шоири мадеҳасаро ва ситоишгар аст, ташбеҳоти тафзил ва музмарро дар сатҳи бисёр густарда ба кор бурдааст. Дар бисёр маврид мамдуҳ, аъзо, афкор ва хусусиятҳои ӯро аз аносире, ки ба онҳо монанд шуда, бартарӣ додааст, ки мунҷар ба муболиға ва иғроқ дар ашъораш гардидааст. Чунончи, дар

байти зер мамдуҳ ба ҷиҳати гурзсанӣ бар Фаридун ва ба ҷиҳати тезҳаракатӣ бар Сулаймон бартар нишон дода шудааст:

Бо гурз чиратар, ки Фаридун кунад набард,

Бар бод хубтар, ки Сулаймон шавад савор [31, с. 204].

Дар байти зер низ санъати ташбеҳи тафзил ба таври малеҳ корбурд шудааст:

То кай зи ҷуди соҳиби аббоду ҳимматаш

Дар хидмати ту ҳаст ба ҳиммат чун ӯ ҳазор [31, с. 212].

Назокати баёни ташбеҳи тафзил дар байти фавқ дар он аст, ки шоир дар мисраи аввал дар хитоби киноӣ бар дигар бузургмард ё риҷоли мутанаффизи давронаш, ки аз он ба унвони «соҳиби аббод» ном мебарад, арз медорад, ки дигар замони таърифу ситоиши ӯ гузаштааст. Инро шоир ба он далел мегӯяд, ки дар рикоби мамдуҳаш чун он «соҳиби аббод» ҳазорон каси дигар дар хидматанд. Дар мисраи дувуми байт ваҷҳи далел, яъне бартарии мамдуҳ бар «соҳиби аббод» оварда мешавад.

Ташбеҳи машрут низ дар ашъори Муиззӣ гоҳе ба чашм мерасад. Чунонки маълум аст, дар ташбеҳи машрут шоир чизеро ба чизе ташбеҳ мекунад ва дар ин ташбеҳсозӣ бояд шарте маъъӣ ё мавҷуд бошад. Шабоҳати байни мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳи дар чунин навъи ташбеҳ дар гарави шарт сурат мепазирад. Ин навъи ташбеҳ аз ҷумлаи ташбеҳотест, ки дар он «унсури иғроқ ё даъвӣ ғалаба дорад ва ҳамин нақши даъвӣ ё иғроқ, ки худ мустақилан метавонад навъе баёни ҳунарӣ ё навъе аз суратҳои хаёли шоирона бошад, – дар сурате ки аз пояҳои завқӣ ва ҳунарӣ бархӯрдор бошад, – метавонад ҷанбаи хаёлии мавзуъро вусъати бештаре диҳад» [153, с. 71]. Ҳумоӣ ташбеҳи машрутро, ки бо навъе шарт ҳамроҳ аст, ташбеҳи ғариби оразӣ медонад [262, с. 163]. Дар байти зерини Муиззӣ хусусияти шарт гиирфтани ташбеҳ мушоҳида мешавад:

Рӯйи ӯ моҳ аст, агар бар моҳ мушкафшон бувад,

Қадди ӯ сарв аст, агар бар сарв лолистон бувад [31, с. 172].

Чунонки дида мешавад, дар ташбеҳсозии шоир дар байти фавқ бо истифода аз вожаи шартгузор – пайвандаки шартии «агар» як навъ андешаи машрут тарҳрезӣ гардидааст. Шоир имкони шабоҳати мафоҳим ё мазоминро тобеи шарте

мекунад. Яъне, ба андешаи шоир, рӯй ва қади маъшуқ он гоҳ имкони шабоҳат бар моҳ ва сарврo дорад, ки агар бар моҳ мушкафшону бар сарв лолистон бошад. Бояд зикр кард, ки чунин навъи ташбеҳ ҷиҳати тасвири зебоии маъшуқ (ё мамдуҳ) он қадар муяссар нест, чун баръакс, дар баъзе маворид дар намоидану тасвири маъшуқ халалу костагӣ ба бор меорад. Чунонки дар байти фавқ ин ҷиҳат мушоҳида мешавад, яъне рӯйи маъшуқ он гоҳ ба моҳ мемонад, ки бар моҳ мушкафшонӣ бикунад ва қади ӯ он гоҳ шабеҳи сарв мешавад, ки бар он лолистонӣ намояд.

Ташбеҳи муҷмал низ дар ашъори Муиззӣ ҷойгоҳи хосса дорад. Дар ин навъи ташбеҳ аҳаммияти як ташбеҳ ба чигунагӣ ва кайфияти ваҷҳи шабаҳи он алоқамандӣ дорад. Ваҷҳи шабаҳ робитаест, ки шоир ё нависанда ба кашфи он ноил гардида ва аҳаммияти ин кашф камтар аз кашфи як қонуни илмӣ нест. Дар ин навъи ташбеҳ ваҷҳи шабаҳ зикр намешавад. Ин навъи ташбеҳ барои кашфи пайванди ду тарафи ташбеҳ мухотабашро ба кӯшиш вомедорад ва қудрати тахайюли ӯро фаъол менамояд. Зеро ваҷҳи шабаҳ мубайини ҷаҳонбинӣ ва вусъати тахайюли шоир аст ва дар нақди шеър бар мабнои ваҷҳи шабаҳ аст, ки мутаваҷҷеҳи навоварӣ ё тақлиди ҳунарманд мешавем [267, с. 98]. Бинобар ин, ташбеҳоте, ки ваҷҳи шабаҳи онҳо зикр нашавад (муҷмал), ҳунаритар ва хаёлангезтар хоҳад буд. Чунончи, дар ташбеҳоти ин байти Муиззӣ ваҷҳи шабаҳ зикр нагаштаанд:

Дил чу гӯю пушт чун чавгон бувад ушшоқро
То занахдонаш чу гӯю зулф чун чавгон бувад [31, с. 172].

Дар мисраи якум дил ва пушти ошиқ – мушаббаҳ, чу – адот ва гӯйу чавгон мушаббаҳ биҳи мебошанд. Дар мисраи дувум занахдону зулфи маъшуқ – мушаббаҳ, чу – адот ва гӯйу чавгон мушаббаҳ биҳи мебошанд.

Асарбахшии ташбеҳи навъи мазкур бар матни байти шоир дар он аст, ки аввалан, дар ду мисраъ ба якбор дутоӣ аз ин навъи ташбеҳ истифода шудааст, сониян, дар ташбеҳи муҷмали он як навъ ташбеҳи машрут низ нуҳуфтааст, ки шоир ин шартро на тавассути вожаи «агар», балки бо «то» ифода мекунад. Яъне, то он вақте ки занахдони маъшуқ чун гӯй ва зулфаш чун чавгон ва дар латофату

хубиянд, қалбҳои ошиқон низ чун гӯй ба ҳам печидаанд ва пуштҳои онон чун чавгон аз ғам дутоанд. Чунонки дида мешавад, ҳолати ошиқон дар байт машрути ҳолати маъшуқ тасвир ёфтааст.

Ҷойгоҳи ташбеҳи муфассал низ дар ашъори Муиззӣ қобили таваҷҷуҳ аст. Ташбеҳи муфассал навъи ташбеҳест, ки дар он ваҷҳи шабаҳ зикр мешавад. Дар ин танвъи ташбеҳ бо назардошти зикри ваҷҳи шабаҳ иртибот миёни мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳи муайян аст. Дар ин навъи ташбеҳ бо зикри ваҷҳи шабаҳ гӯё таъсиргузорӣ ва ҷойгоҳи чандоне барои мухотаб ва мушорикати вай дар матн боқӣ наменонад ва ниёз ба тааммулу ҷустуҷӯи зиёде надорад. Дар ашъори Муиззӣ ин навъи ташбеҳ низ зиёд вомехӯрад. Чунончи, дар байти зери Муиззӣ ин навъи ташбеҳ корбаст шудааст:

Шеранд ба зӯру ба ҳунар гарчи ғизоланд,

Пиранд ба ақлу ба хирад гарчи ҷавонанд [31, с. 178].

Дар ин байт мушаббаҳот – шер ва пир, мушаббаҳ биҳиҳои он – ғизол ва ҷавон, вуҷуҳоти ташбеҳсозӣ зӯр ва ҳунар (нисбат ба шер ва ғизол) ва ақлу хирад (нисбат ба пир ва ҷавон) ба ҳисоб мераванд. Илова бар ин, дар сохтори ташбеҳоти мазкур ду санъати дигар низ ба кор рафтааст. Чунончи, санъати таззод: «шер» ва «ғизол» дар мисраи якум, «пир» ва «ҷавон» дар мисраи дувум. Аз инҳо «шер» ва «пир» марбут бар ҷузъи мушаббаҳ ва «ғизол»-у «ҷавон» марбут бар мушаббаҳ биҳи мебошанд; «зӯр»-у «ҳунар» ва «ақл»-у «хирад»-ро, ки сифаткунанда ва ё васоити тавсир барои аҷзои мушаббаҳ ба кор рафтаанд, метавон ифодакунандаи санъати сифат ё сифатчинӣ дар шумор гирифт.

Дар байти зер низ шоир ташбеҳи муфассалро ба кор бурдааст, чун вуҷуҳоти ташбеҳсозӣ дар он тавассути «аспи бодпой» (киноят аз аспи Сулаймон) ва «гурзи говсор» (киноят аз гурзи Фаридун) сурат пазируфтааст:

Ҳастӣ ту чун Сулаймон бар аспи бодпой,

Ҳастӣ ту чун Фаридун бо гурзи говсор [31, с. 204].

Дар мисраи аввали байти боло мамдуҳ – мушаббаҳ, чун – адот, Сулаймон мушаббаҳ биҳи ва сифати муштараки мунтазира дар ҳолати «бар аспи бодпой будан» ваҷҳи шабаҳ мебошад. Дар мисраи дувум низ мамдуҳ – мушаббаҳ, чун –

адот, Фаридун – мушаббаҳ биҳи ва сифати тавоноӣ «бо гурзи говсор» ваҷҳи шабаҳ мебошад.

Дар баъзе аз ташбеҳоти муфассали Муиззӣ шабаҳсозии маъкус ё мақлуб низ мушоҳида мешавад. Чунончи:

Сарванд, валекин ҳама чун бадри мунирand,

Моҳанд, валекин ҳама чун сарви равонанд [31, с. 1782].

Агар дар мисоли фавқ «сарв» (-и мисраи якум) ва «моҳ» – мушаббаҳ, «бадр» ва «сарв» (-и мисраи дувум) – мушаббаҳ биҳи бошанд, вуҷуҳоти ташбеҳсозии онҳо – «мунир» (-ии бадр) ва «равон» (-ии сарв) ба таври маъкус, яъне акс роҳандозӣ гардидааст; чун мунирӣ на бар сарв, балки бар моҳ ва равонию мавзунӣ на бар моҳ, балки ба сарв муносибат доранд.

Дар ашъори Муиззӣ ташбеҳи муаккад низ бисёр ба чашм мерасад. Ташбеҳи муаккад навъи ташбеҳест, ки дар он адоти ташбеҳ зикр намешавад ва аз ин шева калом табиитар буда, гӯё шоир аз абзори ташбеҳ истифода накардааст. Ташбеҳи муаккадро ташбеҳи билкиноя ё маҳзуфуладот низ мегӯянд. Бо ҳазфи адот ташбеҳ бо ибҳоми бештаре ҳамроҳ ва хонандаро ба тааммул вомедорад ва он чи возеҳ аст, «ҳазфи адот, ки андак-андак ташбеҳро ба истиора наздик мекунад, омилест барои пуртаъсиру неру бахшидан ба ташбеҳ, зеро ғарази аслӣ аз ташбеҳ айният бахшидан ба ду чизи мухталиф аст ё беҳтар бигӯем, айният бахшидан аст ба ду чиз, ки ғайрият доранд ва чун адот ҳазф шавад, айният ба сурати маҳсустар ва дақиқтар намоянда мешавад» [153, с. 56].

Намунаи чунин ташбеҳсозӣ дар байти зерини Муиззӣ мушоҳида мешавад:

Туӣ, ки Юсуфи мисрӣ ба мулки изз имрӯз,

Мухолифони ту маҳбус дар буни чоҳанд [31, с. 174].

Дар байти мазкур «ту» – мамдуҳ мушаббаҳ, Юсуфи Миср – мушаббаҳ биҳи ва ба мулки изз будан ваҷҳи шабаҳ мебошад.

Дар ташбеҳи муаккад баъзан ҷуз аз адот ҷузъи мушаббаҳ низ ҳазф мешавад, ки аз ин ҷиҳат асарнокии мазмуни байт бештар мегардад. Чунончи:

Лутфи обу ранги оташ дораду таъсири ӯ

Об сӯйи ҷону оташ сӯйи рухсор оварад [31, с. 174].

Дар мисраи аввал шароб, ки ҳазф шудааст – мушаббаҳ, обу оташ ҳар ду мушаббаҳ биҳи, нисбати лутф ба об ва нисбати ранг ва оташ ваҷҳи шабаҳ мебошанд. Дар мисраи дуюм ташбеҳи муаккад ба таври нозук адо гаштааст, ин ҷо низ ба монанди мисолҳои фавқ шоир шабаҳсозии мафҳумҳоро каме маъкус баён дошта, мушаббаҳ биҳи – «об» ва «оташ»-ро дар аввал ба мушаббаҳҳо – «ҷон» ва «рухсор»-ро дар охир овардааст.

Дар ин байт низ адоти ташбеҳ вуҷуд надорад, килки мамдуҳ ба сифати мушаббаҳ, мурғ – мушаббаҳ биҳи ва зарринпар ҳамчун ваҷҳи шабаҳ ба кор бурда шудааст.

Килки ӯ мурғест зарринпар, ки дар саҳрои сим
Аз сари минқор ҳар соат ҳаме қор оварад [31, с. 175].

Ин ҷо «аз сари минқор ҳар соат ҳаме қор овардан» илова ва такмили мушаббаҳ биҳист, ки мисли «зарринпар» вазифаи ваҷҳи шабаҳро иҷро мекунад.

Гоҳо дар ашъори Муиззӣ, махсусан, дар ташбеҳоти навъи мазкур ҷузъи мушаббаҳ биҳи дар мисраи баъдӣ омада, бо тарзи сифатчинӣ пероста гардидаанд. Чунончи:

Андар ақломи ту аз баҳри ҳалоки душманон
Қадди тиру шакли рамҳу пайкари зубин ниҳод [31, с. 175].

Дар мисраи якуми байти мазкур шоир ақломро ба сифати мушаббаҳ қарор дода ва дар мисраи дувум се мушаббаҳ биҳи – тир, рамҳ ва зубинро бо вуҷуҳоти шабаҳи онҳо – қад, шакл ва пайкар меоварад.

Дар байти зерин низ мушаббаҳ биҳи дар байти дувум омадааст:

Ҷаҳондоре, ки дар лашкар ҳазорон паҳлавон дорад,
Ба разм андар сикандардил, ба базм андар фаридунфар [31, с. 196].

Дар ин ҷо паҳлавонони лашкари Санҷар мушаббаҳ, сикандардил ва фаридунфар – ҳар ду мушаббаҳ биҳи ва разму базм вуҷуҳи шабаҳ мебошанд.

Дар ашъори Муиззӣ ташбеҳи мураккаб ҳам гоҳ-гоҳ мушоҳида мешавад. Ин навъи ташбеҳ, чунонки маълум аст, новобаста ба иштироки адоти монандкунӣ дар қиёс ба дигар анвои ташбеҳ нисбатан мураккаббаён буда, дар аксари маворид афкору матолиби шоир дар он ба таври печида ифода меёбад. Дар ташбеҳоти

мураккабаёни Муиззӣ ҳам ҷузъи мушаббаҳ ва ҳам мушаббаҳ биҳи ба таври мураккаб ифода ёфтаанд. Чунончи:

Ба Каъба-дар ҳаҷар бӯсанд диндорон, агар эдар
Биёяд остини ӯ бибӯсад ҳар кӣ дин дорад [31, с. 172].

Дар байти мазкур «бӯсидани остини мамдуҳ тавассути диндорон», ки ҷузъи мушаббаҳ ва «бӯсидани ҳаҷари Каъба тавассути диндорон», ки ҷузъи мушаббаҳ биҳи мебошад, ҳар ду ба таври мураккаб матраҳ гардидаанд.

Дар ташбеҳи байти мазкур санъати киноя низ нақш мебозад, чун ин ҷо Каъба кинояти нозук аз остини мамдуҳ аст. Дар ин сурат метавон гуфт, ки шоир остини мамдуҳро киноятан ба Каъба ташбеҳ кардааст.

Дар байти зерин ҷузъи мушаббаҳ биҳи нисбатан мураккабтару печидатар буда, қисмате аз мисраи якум ва мисраи дувумро (пурра) фаро гирифтааст:

Ман ғуломи он хати мушкин, ки гӯйӣ мӯрча
Пойи мушколуд бар барги гули насрин ниҳод [31, с. 176].

Дар ин ҷо «хати мушкин» (киноя аз хатҳои лаб) мушаббаҳи мураккаб, қарор додани мӯрча пойи мушколуди хешро бар рӯйи барги гули насрин мушаббаҳ биҳии мураккаб мебошад.

Дар ашъори Муиззӣ дар чанд ҷой ташбеҳи ҳарфӣ низ мушоҳида мешавад. Ташбеҳи ҳарфӣ навъи ташбеҳест, ки дар он мушаббаҳ биҳи аз ҳисоби ҳуруфи алифбоӣ оварда мешавад. Аввалин намунаҳои ташбеҳи ҳарфӣ дар ин нахустбайти як қитъаи устод Рӯдакӣ ба кор бурда шудааст, ки ҷузъи мушаббаҳ биҳии он ҳарфи «ҷим» мебошад, ки барои ду мушаббаҳ – «зулф» ва «хол» тарсим гардидааст:

Зулфи туро ҷим кӣ кард, он ки ӯ
Холи туро нуқтаи он ҷим кард.
В-он даҳани танги ту, гӯйӣ, касе
Донакаке нор ба ду ним кард [55, с. 77].

Дар байти зерини Муиззӣ низ ҳуруфи «алиф» ва «дол» ҳамчун воситаи ташбеҳсозӣ корбаст шуда, вазифаи мушаббаҳ биҳиро иҷро мекунанд:

Касе ки бо ту дилаш чун алиф набошад рост,

Зи ҳайбати ту шавад қоматаш хамида чу дол [31, с. 409].

Дар мисраи аввал «дил» – мушаббаҳ, «чун» – адоти ташбеҳ ва «алиф» мушаббаҳ биҳи мебошад. Дар мисраи дуюм «қомат» – мушаббаҳ, «чу» – адоти ташбеҳ ва «дол» мушаббаҳ биҳи мебошад. Вуҷуҳоти ташбеҳсозӣ «ростӣ» дар мисраи якум ва «хамидагӣ» дар мисраи дувум ба ҳисоб мераванд.

Дар байти зер низ ташбеҳи ҳарфӣ корбаст шудааст:

Танам хамида чу дол аст з-он куҷо зулфат

Ба дол монаду холат чу нуқта дар ин дол [31, с. 418].

Хусусияти назарраси ташбеҳи ҳарфӣ дар байти мазкур дар он аст, ки дар он ду мушаббаҳ ва ду мушаббаҳ биҳи оварда шуда, тарзи баёнро печидаву мураккаб намудааст. Яъне: аз ин ки зулфи ту (маъшуқ) ба долу холат ба нуқтаи ин дол монанд аст, тани ман низ ҳамчун хамида аст.

Дар мисраи аввали байти фавқ «танам» – мушаббаҳ, «чу» – адоти ташбеҳ ва «дол» мушаббаҳ биҳи; дар мисраи дуюм «хол» – мушаббаҳ, «чу» – адоти ташбеҳ ва «нуқта» мушаббаҳ биҳи мебошад. Барои ҳарду ҷузъ «хамида» ваҷҳи шабаҳ ба ҳисоб меравад.

Ташбеҳи балиғ ташбеҳест, ки дар он ваҷҳи шабаҳ ва адоти ташбеҳ зикр намешавад ва ду рукни аслии он танҳо мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳи мебошанд. Ин навъи ташбеҳ дар зеҳни хонанда ибҳоми бештаре эҷод мекунад, зеро бо ҳазфи адот ва ваҷҳи шабаҳ бар ҳамонандии тарафайни ташбеҳ бештар таъкид мешавад. Зеро вақте ваҷҳи шабаҳ ва адот зикр мегардад, муқоринату наздикӣ миёни ду сӯйи ташбеҳ маҳсустар аст. Ин навъ ташбеҳро аз он ҷиҳат балеғ мегӯянд, ки ташбеҳ аз назари иддао ҳар қадар номаълумтар бошад, муболиға ва таъкидаш бештар аст» [139, с. 161]. Аз сӯйи дигар, ташбеҳи мазкур ба далели адами ваҷҳи шабаҳ ва адоти ташбеҳ дар зеҳни хонанда хаёлангезии зиёде эҷод мекунад.

Ташбеҳи балиғ, дар навбати худ, ба ташбеҳи балиғи изофӣ ва ташбеҳи балиғи ғайриизофӣ тақсим мешавад. Дар ашъори Муиззӣ пуркорбурдтарин ташбеҳ навъи изофии ташбеҳи балиғ аст. Ба бархе аз ин ташбеҳот дар шеъри Муиззӣ ишора мешавад, ки дар муқоиса бо анвои дигари сувари хаёл дар шеъри ӯ дорои тозагӣ аст: аруси мадҳ [31, с. 102], уқоби бахт [31, с. 243], шоҳини тараб

[31, с. 284], сурфаи саҳар [31, с. 300], боғи фазл [31, с. 1325], абри шараф [31, с. 354], шаби фитна [31, с. 373], дафтари ахлоқ [31, с. 426], заҳри ранҷ, осмони вазорат [31, с. 431], сайёди аҷал [31, с. 476], ханҷари аъзам [31, с. 478], рояти ишқ [31, с. 812].

Тавре ба назар мерасад, Амир Муиззӣ чун як шоири тавоно барои бозтоби андешаҳояш аз тамоми анвои ташбеҳот бо маҳорати махсус истифода бурда, тавассути навъҳои гуногуни ин санъати бадеӣ тавонистааст, ки эҳсосоти хешро бо завқи баланд дар зеҳни хонанда ҷой диҳад.

4.2.3. Истиора

Истиора дар луғат бар маънои ба орият гирифтани чизе меояд, вале дар адабиёт як навъи маҷоз буда, ба ҷойи як калима истифода шудани калимаи дигар мебошад. Дар истиора дар асоси монандшавии ду ҳодиса калимае бар худ маънои маҷозӣ мегирад. Яъне, истиора ба ташбеҳ хеле наздик аст, дурустараш ин ки дар асоси инкишофи минбаъдаи ташбеҳи пӯшида ҳосил шудааст. Лекин фарқи истиора аз ташбеҳ он аст, ки дар истиора ташбеҳшаванда зикр намеёбад, балки танҳо ташбеҳкунанда номбар мешавад [262, с. 83].

Шафеии Кадканӣ таърифи истиораро дар китобҳои балоғати пешиниён яке аз парешонтарин таърифҳо донистааст: «Таърифҳо ва намунаҳои мухталифе, ки аз ин калима дар осори мутақаддимин омада, нишон медиҳад, ки онҳо ҳамвора дар бораи мафҳум ва ҳавзаи маонии ин калима мутазалзил будаанд. Яъне, ҳар гуна ташбеҳеро, ки адоти он ҳазф шуда бошад, истиора донистаанд» [153, с. 107].

Шамисо мегӯяд: «Истиора коромадтарин абзори тахайюл ва ба истилоҳ абзори наққошии калом аст» [266, с. 142]. Ба ҳамин хотир, метавон гуфт, истиора ҳунаритарину олитарин сурати баёни як матлаби адабӣ аст. Нақши истиора дар баррасии вижагиҳои сабкӣ ва мизони навоварии як шоир бисёр ҳоизи аҳаммият аст. Намоиши халлоқият ва навоварӣ ва эҷоди забони ҳунарии хос беш аз ҳар чизе бо офариниши истиораҳои нав анҷомпазир аст.

Ин таъриф фақат як навъи истиорaро дар забони форсӣ дар бар мегирад, ки ҳамоно истиораи мусарраҳа аст ва яке аз беҳтарин сурати навъи хаёл ба шумор меравад. Зеро хонандаро водор менамояд, то аз мушаббаҳ ҷустуҷӯй намояд. Навъи дигари истиора истиораи мукания ё тахайюлӣ аст, ки мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳиро бо ҳам бо худ лозим дорад. Бар ҳамин асос истиорaро чунин таъриф мекунанд: «Ташбеҳест, ки аз он фақат яке аз тарафайн барҷо монда бошад» [262, с. 83].

Истиора аз муҳимтарин абзори интиқоли забон аз корбурди ҳақиқӣ ба корбурди маҷозӣ ва адабии он аст ва беш аз аносири дигари шеър дар навоварӣ ва эҷоди сабки шахсӣ нақш дорад. Унсурулмаолӣ мегӯяд: «Агар хоҳӣ сухани ту олӣ намояд, бештар мустаор гӯй ва истиорот бар мумкинот гӯй» [22, с. 189].

Дар истилоҳи адабӣ, истиора корбурди вожае ба ҷойи вожаи дигар ба далели шабоҳат дар вижагӣ ё сифат муштарак аст. Ба иборати дигар, агар яке аз ду тарафи ташбеҳ: мушаббаҳ ё мушаббаҳ биҳиро баргузинем ва тарафи дигари ташбеҳро қасд кунем, истиора падид меояд. Агар мушаббаҳ биҳи танҳо мавҷуд бошад, дар ин сурат истиораи мусарраҳа мешавад ва агар мушаббаҳ биҳи ҳамроҳ бо мушаббаҳ бошад, дар ин сурат истиораи муканния мешавад.

Дар истиораи мусарраҳа, ки истиораи ошкор ҳам номида мешавад, мушаббаҳ ҳазф ва фақат мушаббаҳ биҳи боқӣ мемонад. Ба қавли Кадканӣ, агар лафзи мустаор лафзан тақдиран дар калом мазкур бошад, ин истиора мусарраҳа ва тасриҳия аст [153, с. 114]. Дар навбати худ, истиораи навъи мазкур ба чанд навъ тақсим мешавад, аз ҷумла, истиораи мусарраҳаи муҷаррада, муталлақа, мурашшаҳа ва ғайра.

Дар истиораи мукания ё билкиноя, ки бо номҳои пӯшида ё пинҳон ҳам шинохта мешавад, танҳо мушаббаҳ зикр мешавад ва мушаббаҳ биҳи ҳазф мегардад. Ба иборати дигар, дар ин навъи истиора танҳо мушаббаҳ ва сифату вижагии муштарак бо мушаббаҳ биҳи (ваҷҳи шабаҳ) боқӣ мемонад. Мисол: Дасти рӯзгор. Яъне, рӯзгор ҳамроҳ бо яке аз мулоимоти мушаббаҳ биҳи (инсон), ки даст бошад, омадааст. Ба он хотир, ки гӯянда дар замири худ рӯзгорро ба дасти инсон ташбеҳ кардааст, истиораи мукания ва ба он қисмат, ки барои рӯзгор

дастро хаёл карда, истиораи тахйилия мегӯянд. Аз ин рӯ, ин гуна истиораро истиораи мукания ва тахйилия хондаанд.

Дар истиораи муканияи тахйилия мушаббаҳ биҳи аксар вақт инсон аст ва ба истилоҳ, истиора инсонмадорона аст. Дар ашъори Муиззӣ ҳарду навъи истиора ба таври хеле васеъ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Баррасии истиора дар шеъри Муиззӣ мӯҷиби шинохти бештари ҳунарнамойии ӯ дар арсаи хаёл ва дарки жарфтари шеъри ӯ мешавад. Масалан, дар мисраи дуюми байти зер аз ҷониби шоир «боғ» истиора аз қасида ва «гул»-у «ёсамин» истиора аз суханони зебо ва хуб омадаанд:

Шукуфт аз хотиру табъаш ба Бағдод андарун боғе,

Ки он боғ аз маонӣ ҳам гулу ҳам ёсамин дорад [31, с. 170].

Дар мисраи якуми байти зер вожаҳои «лолистон» ба сифати истиораи мусарраҳаи мурашаҳҳа аз гунаҳои сурх, «сарв» ҳамчун истиораи мусарраҳаи мушарраҳа аз қадди маъшуқ ва дар мисраи дуюм калимаҳои «маҳ» ба сифати истиораи мусарраҳаи муҷаррада аз чеҳраи маъшуқ ва «мушк» ҳамчун истиораи мусарраҳаи муҷаррада аз зулф истифода шудаанд:

Гар раво бошад, ки лолистон бувад бар роҳ сарв,

Бар маҳи равшан раво бошад, ки мушкафшон бувад [31, с. 172].

Дар мисраи аввали байти зер гавҳар истиораи мусарраҳаи муҷаррада аз шароб ва кон истиораи мусарраҳаи муҷаррада аз хум мебошад.

Чист он гавҳар, ки аз кон дасти хумор оварад.

Гавҳаре, к-он гавҳари мардум падидор оварад [31, с. 174].

Истиораи мисраи аввали байти боло тавассути санъати суол матраҳ гардидааст. Дар мисраи дувум ҷуз аз истиора санъати таҷниси маҷозӣ низ мушоҳида мешавад, чун «гавҳар»-и дувум на дар маънои «шароб» (чунонки дар мисраи аввал), балки дар ду маънои дигар: ҳам дар маънои «хиради мардум», ҳам дар маънои «гавҳари чашм» корбурд шуда, аз ин лиҳоз, ибораи «гавҳари мардум»-ро метавон таҷниси маънавӣ унвон кард.

Дар мисраи дуюми байти зер «дарё» ба сифати истиораи мусарраҳаи муҷаррада аз хотир ва «дурр» ҳамчун истиораи мусарраҳаи муҷаррада аз суханони зебову хуб ба кор рафтааст:

Эътидолаш хотири гӯяндаро дарё кунад,

То зи дарё ҳар замоне дурри шаҳвор оварад [31, с. 174].

Дар байти зер «ақиқ» истиораи мусарраҳаи муҷаррада аз ашки хунин, «зар» истиораи мусарраҳаи муҷаррада аз чеҳраи зард, «санам» истиораи мусарраҳаи муҷаррада аз маъшуқ, «лаъл» истиораи мусарраҳаи мурашшаҳа аз лаб ва «луълуъ» истиораи мусарраҳаи мурашшаҳа аз дандон аст:

Ақиқ борам бар зар зи ишқи он санаме,

Ки зери лаъл дарун луълуи тамин дорад [31, с. 183].

Дар мисраи зер «заъфарон» истиораи мушарраҳаи муҷаррада аз чеҳраи зард, «кофур» истиораи мусарраҳаи муҷаррада аз қатароти ашк, «бунафша» истиораи мусарраҳаи мурашшшаҳа аз зулф, «ёсамин» истиораи мусарраҳаи мурашшаҳа аз чеҳраи маъшуқ мебошад:

Ба заъфарон-бар кофур дорам ар, ғам аз он-к

Бунафша руста бар атрофи ёсамин дорад [31, с. 183].

Дар байти зер истиораи муканияи тахйилия мушоҳида мешавад, зеро шоир дар замири худ фалакро киноятан ба инсоне ташбеҳ карда, ки қобилияти орзу кардан дорад:

Орзу омад фалакро, то бисанҷад ақли ту

Кирдигор андар кафи ӯ каффаи шоҳин ниҳод [31, с. 177].

Ҳамчунин, дар мисраи дувуми байти мазкур «каффаи шоҳин» киноят аз қаҳри Худост.

Дар байти зер моҳро ба инсоне ташбеҳ карда, он гоҳ аз мулоимоти мушаббаҳ биҳи дидан ва бӯса заданро зикр кардааст:

Зулфи дарозу холи сиёҳаш бидид моҳ,

Омад зи чарху бӯса бар он зулфу хол дод [31, с. 669].

Дар байти зер гул киноятан ба инсоне ташбеҳ шуда, ки қобилияти шунидан, сухан гуфтан ва посух доданро дорад:

Чу бишнид гул гуфтаи ёсамин

Фиристод посух бад-ӯ бомдод [31, с. 179].

Дар байти зер давлат истиораи макнияи тахйилияаст. Шоир дар замири худ давлатро ба инсоне ташбеҳ карда, он гоҳ аз мулоимоти мушаббаҳ биҳи сарро зикр кардааст:

Аё фаррухқадам шоҳе, ки давлат барнагирад сар,

Зи хатти ҳукми он сарвар, ки бар ҳукми ту сар дорад [31, с. 1940].

Дар истиороти макнияи тахйилия ду ҷанба нақши барҷаста дорад: киноя ва хаёлпардозӣ ё тахайюлоти шоирона. Шоир ҷиҳати муассиртар гардидани мазомини хеш мафҳумҳоро хаёлан ба мафҳуми дигаре шабеҳ месозад, аммо ин шабоҳатро ба таври киноӣ маръӣ месозад. Аз ин ҷиҳат аст, ки ин навъи истиораро бештар макния, яъне киноӣ меноманд. Чунончи, дар мисолҳои шоҳиди зер истиораҳои матраҳшуда ҳамагӣ макнияанд, яъне аз тариқи киноя матраҳ гардидаанд.

«Давлат» – ташбеҳи киноӣ аз инсон ва «гуфтан» – ваҷҳу муомилоти мушаббаҳ биҳи:

Ба ду чизаш ҳаме имсол давлат таҳният гӯяд,

Ки ҳар ду дар сифат ҳастанд зеботар зи якдигар [31, с. 196].

«Дил» – ташбеҳи киноӣ аз инсон ва «гувоҳ додан» – муомилоти мушаббаҳ биҳи:

Дил гувоҳӣ дод гуфтӣ ҳар замон андар барат

К-андар он соат ту хоҳӣ ёфт бар душман зафар [31, с. 196].

«Тақдир» ва «гардун» – ташбеҳи киноӣ аз инсон ва «гуфтан» - муомилоти мушаббаҳ биҳи:

Ҳар замон тақдири Яздон гӯяд онро ал-амон

Ҳар нафас гардуни гардон гӯяд инро ал-ҳазар [31, с. 206].

«Ҳусом» – ташбеҳи киноӣ аз инсони хашмгин, «рӯй шустан ба хун» – муомилоти мушаббаҳ биҳи:

Куҷо ҳусоми кабуди ту рӯй шуст ба хун,

Бируст лола, ту гуфтӣ, зи барги нилуфар [31, с. 208].

Ҳамчунин, дар мисраи дувуми байти фавқ «лола» – киноя аз хун, «барги нилуфар» – киноя аз ҳисоми кабуд, «рустан» – вуҷуҳоти ин монандкунӣ.

«Боғ» ва «гулзор» – ташбеҳи киноӣ аз инсони бемору заифу пир, «зардрӯйӣ» ва «бар сар кофур ниҳодани кӯҳсор» – муомилоти мушаббаҳ биҳи:

То боғ зардрӯй шуд аз гашти рӯзгор,

Бар сар ниҳод муждаи кофур кӯҳсор [31, с. 211].

Дар ашъори Муиззӣ истиораи аслия низ нақши барҷаста дорад. Дар ин навъи истиора лафзи мустаор исм мебошад, яъне истиора танҳо тавассути ном матраҳ мегардад. Чунончи, дар байти зерин «ситора»-и дувум, ки дар мисраи баъдӣ корбурд шудааст, истиораи аслия мебошад:

Он сангдил ситораи хубони лашкар аст,

Фарёд аз он ситора, ки чун маҳ мусофир аст [31, с. 121].

Дар ин байт «ситора»-и якум ташбеҳи музмар ё пӯшида аст. Дар навбати худ, истиораи аслия («ситора»-и дувум) ба «моҳи мусофир» монанд карда шудааст (аз тариқи ташбеҳи сареҳ ё равшан).

«Чарх» дар байти зер истиораи аслия мебошад:

Чархро бо баҳои давлати ӯ

То ҷаҳон аст, аҳду савганд аст [31, с. 115].

Дар ашъори Муиззӣ истиораи табаъия низ бисёр мушоҳида мешавад. Истиораи табаъия истиорае бошад, ки лафзи мустаораш феъл ё сифат бошад. Чунончи, дар байти зер «пургуҳар» ва «пуршакар» ташбеҳи киноӣ аз силаву ҷоиза ва молу ҳашам мебошанд:

Пургуҳар кардӣ даҳонашро ба дасти хештан,

Чун ба мадҳи хештан дидӣ даҳонаш пуршакар [31, с. 207].

«Ҷома пӯшидани дарахт» – истиораи табаъия ва киноят аз барг овардани дарахт мебошад:

Ҳар рӯз бар дарахт бипӯшанд ҷомае,

К-аш зари пухта пуд бувад сими хоми тор [31, с. 211].

Дар мисоли зер низ истиораи табаъия корбурд шудааст:

Якчанд навбаҳор биёрост рӯйи хеш,

Омад хазону кард ниҳон рӯйи навбаҳор [31, с. 211].

«Биорост рӯйи хеш» истиораи табаъия дар маънои гулу гиёҳ даровардан, «Ниҳон кардани рӯйи навбаҳор» истиораи табаъия дар маънои пажмурда шудани гулҳо аст.

Истиораи табаъия аз он ҷиҳат, ки лафзи мустаори он тавассути феълу сифоте, ки махсуси одамист, матраҳ мегардад, санъати ташхис низ ба ҳисоб меравад, чунки дар он вижагии мардумнамоӣ бештар мушоҳида мешавад.

Тавре ба мушоҳида расид, шоир дар девони худ аз ин ороияи адабӣ, ки муҳаққиқон нақши онро дар баррасии вижагиҳои сабкӣ ва мизони навоварии шоир дорои аҳаммият мешуморанд, бисёр истифода бурда, аз ин роҳ навоварӣ ва эҷоди ҳунарии худро ба маърази тамошо гузоштааст.

Ҳамин тавр, аз баррасиҳои масъалаҳои мавриди назар дар ин фасл метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки барои таъйини масъалаи дараҷаи ҳунари шоирии Муиззӣ дар корбурди санъатҳои бадеӣ, қабл аз ҳама, таваҷҷуҳ ба шеваи ҳунарии ӯ муҳим аст. Амир Муиззӣ бо истифода аз саноеи бадеӣ, ки намунаҳои он ироа гардид, дар ашъораш ҷанбаҳои ҳунарии каломро тақвият бахшида, барои баёни мазмунҳои баланди шеърӣ аз воситаҳои гуногуни баёнию балоғӣ ба таври фаровон истифода карда ва дар ин ҷода, дар муқоиса бо дигар шоирон, мақому манзалати хосса дорад. Шоир барои таъсирбахшии андешаи хеш бо корбурди санъатҳои мазкур зебоӣ ва хушоҳангии каломашро низ таъмин кардааст.

Аз таҳлили масъалаҳои марбут ба фаслҳои боби чаҳорум, ки шомили вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён, шеваҳои намоиши қудрат ва истеъдоди шоири мадеҳасаро бо фарогирии санъатҳои бадеӣ аз қабили муболиға, иғроқ ва ғулӯ, ташбеҳ ва истиора мебошад, метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Ба қавли аксари муҳаққиқони шеъри форсӣ мавзуи нахустини шеърӣ, ки ба забони форсӣ суруда шудааст, мадҳ, ё худ ситоиш аст. Сабаби ин амр он аст, ки шеъри форсӣ ба дарборҳо ихтисос дошт ва шоирон аз дастгоҳҳои давлатӣ ва аз умарову риҷоли воломақом ротибаву вазифа мегирифтанд, то ононро сано гӯянду зикри маҳомидашонро бар рӯйи рӯзгор абадӣ созанд. Ҳамин тавр, мадҳу

ситоиши салотину бузургон ва арбоби замон яке аз мавзуъҳои аслӣ ва муҳимму густардаи каломи манзуми форсӣ гардид ва дар бархе замонҳо ба ниҳояти авҷи худ расид.

2. Аз нимаи дуюми асри XI, ки тақрибан шуруи давраи Салҷуқиён аст, ба тадриҷ тағйирот ва таҳаввулоти зиёде вориди шеър гардид ва сабку услуби қасидапардозӣ ва тарзи баёни мақсади шоир сурати дигар касб кард. Гӯяндагони ин аср аз содагӣ ва сароҳати аввалия, ки аз ихтисосоти умдаи асри Сомонӣ ва Ғазнавист, гузаштанд ва ба воситаи таъсири муҳиту сайри такомули табиӣ ва нуфузи фикрию маънавии адабиёти араб ва омилҳои дигар дучори такаллуфу лаффозӣ шуданд.

3. Ба миён омадани маҳфилҳои адабии дарборӣ ба яке аз унсурҳои асосии давлатдорӣ табдил ёфта буд. Амирони Салҷуқӣ, ки нақши шоиронро дар рӯзгори сиёсию иҷтимоии дарбори Ғазнавиён дар ёд доштанд, ба ривоҷи анъанаи мазкур мусоидат мекарданд, чунки ба таърифу тавсиф ва мадҳи шоирон ниёз доштанд ва бо ин роҳ мехостанд номашон дар таърих боқӣ бимонад ва ҳамзамон, тавассути мадҳияҳо қаноатмандии равонӣ ҳосил мекарданд.

4. Аз вижагиҳои хосси назми дарборӣ ин замон бадеҳатан шеър гуфтани шоирон буд. Ривоҷи бадеҳагӯӣ ба имтиҳони шоирон дар ҳунари шоирӣ иртибот дошт ва ин раванд дар ҳаёти адабии дарбор яке аз зуҳуроти муҳим ба шумор мерафт. Маъмулан, ба касе, ки даъвои шоирӣ мекард, мавзуе матраҳ мекарданд, то ӯ дар он бора бадоҳатан чанд байт гӯяду қудрати табъи худро нишон диҳад.

5. Шеъри мадҳӣ ба унвони шеъри дарборӣ дар хидмати ҳокимият қарор дошт ва бо муболиғаву иғроқҳои шоирона ба унвони як василаи муҳимми таблиғотӣ заминаҳои машруият ва мақбулияти подшоҳону салотинро фароҳам меовард ва яке аз ҳадафҳои он барҷаста муаррифӣ кардани мамдуҳ ба унвони аслитарин коргузор дар дурнамои мадҳ аст.

6. Дар девони Муиззӣ мамдуҳони ӯ аз нигоҳи нишонаҳои давлатдорӣ бо баёни унвон ва тахаллусҳои ифтихорӣ сутуда мешаванд. Ситоиши тахту тоҷ ё сариру авранги подшоҳӣ, сипоҳу лашкар, парчам ё рояту алам, шикору шикоргоҳ, аспи мамдуҳ, шамшер, атоё ва ҷавоизи шоҳӣ ва амсоли инҳо

василаҳое мебошанд, ки шоир тавассути онҳо ба мадоеҳи салотини Салҷуқӣ, хусусан, султон Маликшоҳ ва Султон Санҷар пардохтааст.

7. Амир Муиззӣ дар ашъори худ бо истифода аз навъҳои гуногуни саноеи бадеӣ суханашро ҳам аз нигоҳи шакл ва ҳам маънӣ муъҷазу муассир ва зебо намудааст. Дар осори ӯ санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ хеле зиёд ба назар мерасанд.

8. Амир Муиззӣ бо истифода аз саноеи бадеӣ ҷанбаҳои ҳунарии каломи адабиашро пурқувват карда, дар навбати худ, аз воситаҳои гуногуни баёнию балоғӣ ҷиҳати ифодаи муҳтаво ба хубӣ истифода кардааст.

ХУЛОСА

Аз мутолиа ва таҳқиқ дар масъалаи муҳити адабии замони Салҷуқиён, ки бо таваҷҷуҳ ба вазъи умумии сиёсию иҷтимоӣ, адабию фарҳангии охири асри XI ва нимаи аввали асри XII ва бо фарогирии омӯзишу баррасии рӯзгор ва ашъори Амир Муиззӣ сурат гирифтааст, метавон чунин хулосагирӣ кард:

1. Тасаллуту қудратмандии сулолаи Салҷуқиён ва оқибатҳои ҷангу ҷидоли хонаводагӣ миёни аҳли ин хонавода ба рушди илму фарҳанг ва адаб монеаҳо эҷод намуда бошад ҳам, бунёди онро натавонист заиф созад. Дар нимаи дуюми асри XI ва авоили асри XII адабиёти форсӣ дар қаламрави паҳновари Салҷуқиён, аз ҷумла ҳавзаи адабии Хуросон, Ироқу Моварои Қафқоз, Мовароуннаҳр, Ғазнин ва ғарби Ҳиндустон рӯ ба ривоҷу равнақ мениҳад ва дар ҳамин даврон, ки дар рӯзгори иҷтимоию фарҳангӣ радду бадалҳо ва коҳишу афзоишоти бештаре роиҷ будааст, шахсиятҳои барҷастаи адабӣ зуҳур карда, барои рушди адабиёти форсӣ саҳми босазое гузоштаанд [15-М].

2. Замони рӯзгори Амир Муиззӣ аз назари теъдоди адибон, ташкили доираҳо ва мактабҳои бонуфузи адабӣ, рушди адабиёт ва густариши қаламрави он, инкишофи жанрҳои адабӣ, таҳаввули муҳтавои адабиёт яке аз даврaҳои муҳимми таърихи адабиёти форсу тоҷик маҳсуб мешавад. Дар улуми адабӣ осори муҳимме аз ҷониби донишмандони рӯзгор, таълифоти қобили мулоҳизае дар соҳаҳои гуногуни илму адаб рӯйи кор омаданд. Донишмандони тавоное, ба монанди Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, Абубакр Аҳмади Байҳақӣ, Абулфатҳ Муҳаммади Шаҳристонӣ, Имом Фахри Розӣ, Абулқосим Муҳаммади Замахшарӣ, Абулфатҳ Умар Хайёмии Нишопурӣ, Шаҳобиддини Суҳравардӣ, Абуҳотами Исфихорӣ, Саид Исмоили Ҷурҷонӣ, Заҳируддини Нишопурӣ, Абулҳасани Байҳақӣ маъруф ба Ибни Фундуқ, Заҳирии Самарқандӣ, Абутоҳири Хотунӣ, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, Рашидаддини Ватвот ва дигарон ба камол расиданд [1-М; 7-М].

3. Давраи Салоҷиқаро метавон аз даврони бисёр дурахшони рушди забон ва адаби форсӣ ба шумор овард. Дар ин давра фарҳангу адаби форсии тоҷикӣ ба

авҷи тараққию пешрафти худ расид ва таваҷҷуҳу иноятe, ки хонадони ин силсила, яъне Оли Салҷуқ дар ҳаққи шуаро, нависандагон, муаррихин ва фузало доштанд, муҷиб гардид, ки осори мансуру манзуми фаровоне аз ин давра боқӣ бимонад. Дар асри Салоҷиқа забону адаб ва фарҳанги форсӣ пешрафту тавсеаи хосе ёфт. Хонадони ин силсила ва ҳукуматҳои кӯчаки дигар дар дарборҳои худ шуаро ва нависандагони бузургро ба тарбият фаро гирифтанд ва ба ташвиқу тарғиби онон дар баробари Эрон дар Ироқ ва Озарбойҷон гӯяндагони бузурге ба зуҳур расида, дар ривоҷу густариши қаламрави забону фарҳанги форсӣ афзуданд [1-М; 8-М].

4. Тазкиранигори қарни XIII Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб»-и худ роҷеъ ба як саду шаш шоири аҳди Салҷуқиён маълумот дарҷ намудааст. Ӯ шуарои қаламрави паҳновари Салҷуқиёнро ба чор ҳавза тақсим намудааст: 1) ҳавзаи адабии Хуросон, 2) ҳавзаи адабии Ироқу Моварои Қафқоз, 3) ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр, 4) ҳавзаи адабии Ғазнин ва ғарби Ҳиндустон. Авфӣ то давраи ба фаъолияти адабӣ шуруъ намудани Амир Муиззӣ миқдори шоирони дар Хуросон бударо бисту ду адад муайян кардааст. Мутаносибан дар Мовароуннаҳр – ҳафт, дар Ироқ – даҳ, дар Ғазна – сездаҳ шоирро баршумурдааст. Баъд аз марги Муиззӣ миқдори шоирон дар Хуросон – бисту се, дар Мовароуннаҳр шонздаҳ, дар Ироқ – шаш ва дар Ғазнин – нуҳ адад будаанд [1-М; 8-М].

5. Махсусияти рӯзгори адабии замони шоир бештар рушди адабиёти дарборист, зеро дар он давра ҳузури шоирон дар дарборҳо як рукни муҳимми сиёсату давлатдорӣ ба шумор мерафт ва бештари шоирон дар муҳити адабии дарбор ҷамъ меомаданд. Аз ин рӯ, дар ин аҳд бузургтарин қасидасароёни замон зуҳур намуда, ҳар яке бо тарзу шеваи гуфтори хеш дар рушди адабиёт саҳми худро гузоштаанд. Аз ин миён метавон Амир Муиззӣ, Азрақии Ҳиравӣ, Анварии Абевардӣ, Ҳасани Ғазнавӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ ва чандин шахсиятҳои нотакрори дигарро ном бурд, ки бо эҷоди бадеҳа ва қасоиди ғарро ба дарборҳо роҳ ёфта, бо ба даст овардани подоше бар ивази ашъори мадҳии хеш бештар аз ҳама ба рушди жанри қасида боис гаштанд [1-М; 13-М].

6. Дар давраи мавриди назар дар баробари осори манзум як қатор адибон ба таълифи асарҳои мансур даст мезананд ва дар шумори осори насрии ин давра аз «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тӯсӣ, «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ, «Кимиёи саодат»-и Имом Ғаззолӣ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ, «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммад Ибни Мунаввар, «Табақот-ус-сӯфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ, «Муноҷотнома»-ву «Канз-ус-соликин»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ ва китобҳои дигар метавон ном бурд [15-М].

7. Амир Муиззии Нишопурӣ дар миёни шоирони рӯзгори хеш ба сифати яке аз шоирони хушзавқу соҳибтабъ шинохта мешавад. Аз нигоҳи сабки калому ширинии забон ва фасоҳату балоғат Муиззӣ яке аз устодони ҳунарманди забони форсӣ ва яке аз афифтарину покизазабонтарин сухангӯён аст. Рӯзгори шоир ба дарбори сулолаи Салҷуқиён дар иртибот қарор дорад. Вай, махсусан дар эҷоди қасидаи мадҳӣ маҳорати фавқулода зоҳир намуда, дар ин самт сабку услуби хоссеро соҳиб будааст [4-М; 7-М].

8. Ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт будани Муиззӣ муаллифони сарчашмаҳои илмии адабиётшиносӣ вобаста ба таҳлили санъатҳои бадеӣ ва соҳибони китобҳои таърихию осори бадеӣ дар иртибот ба мазмуни воқеоту ҳодисот ва муҳтавои ҳикояҳо, инчунин, барои зинати осори насрӣ ашъори шоирро мавриди истифода қарор додаанд. Аз ҷумла, Рашидиддини Ватвот, ки яке аз муосирони шоир аст, ҳудуди сӣ сол пас аз марги шоир дар китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» дар мавриди шарҳу тафсири санъатҳои бадеӣ дар қатори ашъори худ ва шоирони дигар аз Амир Муиззӣ низ мисолҳои хеле зиёд меорад. Сухансанҷони дигари асримиёнагӣ низ, аз қабили Шамси Қайси Розӣ, Абулмаолии Насруллоҳ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон дар рисолаҳои ба илми бадеъ бахшидаи худ аз ашъори Амир Муиззӣ байтҳо оварда, кӯшидаанд, дар асоси меъёрҳои ҳунарии замони худ ҳусну қубҳи онҳоро муайян кунанд [8-М].

9. Сарчашмаҳои адабию таърихӣ Муиззиро дар эҷоди қасидаи мадҳӣ ситоиш карда, соҳиби табъи баланд буданашро ситудаанд. Муиззӣ ба сифати яке аз афифтарину покизазабонтарин сухангӯёни замон шинохта шудааст. Дар тамоми девони ӯ на танҳо ҳачви аҳаде дида намешавад, балки ҳатто як бор ҳам як лафзи ракик бар лисони ӯ ҷорӣ нашудааст. Дар баробари ин, нақши Амир Муиззӣ дар таҳаввули сабки шеъри асримиёнагӣ то андозаест, ки омӯзиш ва таҳқиқи сабки ашъори ӯ ҷиҳати муайян намудани раванди таҳаввул ва ташаккули сабки шеъри классикӣ метавонад заминаи мусоид фароҳам орад [8-М].

10. Мусташриқону адабшиносон шуруъ аз оғози асри XX дар асоси маъхазҳои хаттии мавҷуд ва қабл аз ҳама, девони шоир ва «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ дар мавриди таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ мақолаҳо ва асарҳои илмӣ таълиф намуда, ҷараёни рӯзгори ӯро нисбатан ба танзим дароварда ва баъзе хусусиятҳои ашъорашро муайян карда бошанд ҳам, ағлаб оид ба рӯзгори шоир ва ашъори ӯ бештар аз пешиниён иқтибос оварда ва мулоҳиза баён карда, аз худ назари тозае кам илова кардаанд. Дар бештари сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва ҳамчунин, дар таҳқиқоти имрӯза низ ҳамоно такрори баъзе унсурҳое, ки дар гуфтаву навиштаҳо будаанд, ба назар мерасад [8-М; 10-М; 12-М; 14-М].

11. Аз Амир Муиззӣ то ба замони мо як девони ашъор боқӣ мондааст, ки аз рӯйи маълумоти то имрӯз ба даст овардаи мо дар ҳудуди зиёда аз 18600 байт қарор дошта, аз 466 қасида**,** 87 ғазал, 192 рубоӣ, 43 қитъа, 3 таркиббанд, 3 тарҷеъбанд, 1 мусаммат ва 5 байти алоҳида иборат мебошад [3-М; 4-М; 6-М; 7-М].

12. Девони Амир Муиззӣ дар Теҳрон бори аввал соли 1939 (1318 ҳ.ш.) бо саъй ва кӯшиши Аббос Иқболи Оштиёнӣ ва сипас аз ҷониби муҳаққиқони дигари Эрон чаҳор бори дигар дар асоси ин нашр, аз ҷумла бо муқаддима ва тасҳеҳи Носири Ҳирӣ дар соли 1983 (1362 ҳ.ш.) бар асоси нусхаи тасҳеҳкардаи Аббос Иқболи Оштиёнӣ, муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммад Ризо Қанбарӣ дар соли 2006 (1385 ҳ.ш.) бо тасҳеҳ ва таҳшияи Аббос Иқболи Оштиёнӣ, бо эҳтимоми Абдулкарим Ҷарбазадор дар соли 2010 (1389 ҳ.ш.) ва бори дигар ҳамон нашри Аббос Иқбол бидуни тағйиру иловаҳо дар соли 2014 (1393 ҳ.ш.) ба табъ

расидааст. Ҳар кадоме аз мураттибон муқаддимае ба девони шоир афзудаанд. Дар ин миён ёддошти Аббос Иқболи Оштиёнӣ, ки зимни таълифи муқаддимаи девони шоир анҷом додааст, бо вуҷуди ғалатҳое, ки ҳангоми таҳияи ашъори шоир дар мавриди аз матн афтодани баъзе калимаву ибора ва ҳатто мисраъҳо роҳ додааст, арзишманд буда, заҳматҳои ӯ дар таҳияи девони шоир қобили ситоиш ва дархури таваҷҷуҳ мебошад [10-М].

13. Аз нигоҳи муҳтаво бештари қасоиди шоир дар таҳнияти ҳокимони Салҷуқӣ, арбобони бузурги салтанат, ақрабои эшон, ғалабаҳо дар набардҳои ҳарбӣ, қаҳрамониҳои сарлашкарони ин сулола ва амсоли ин суруда шудаанд. Теъдоди мамдуҳони шоир зиёда аз 110 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин шумора метавон, пеш аз ҳама, аз салотини бузурги Салҷуқӣ, ки дар девон ситоиш мешаванд, аз қабили Салчуқбек, Туғралбек, Чағрибек, султон Алп Арслон, султон Маликшоҳ, султон Санҷар, султон Барқиёруқ ном бурд. Муиззӣ, азбаски шоири замони Чағрибек, Туғралбек, Салҷуқбек ва султон Алп Арслон набуд, дар девони худ ба эшон қасидаҳои мустақим насуруда, танҳо бо сабабҳои гуногун дар бисёр абёти девони худ аз онҳо ёдовар шудааст [4-М; 7-М].

14. Муиззӣ қариб дар тамоми анвои адабӣ табъозмоӣ карда бошад ҳам, ӯро асосан ҳамчун шоири мадеҳасаро мешиносем. Вай аксар ашъори худро дар ситоиши салотини Салҷуқӣ ва амиру вазирони аҳд сурудааст. Ӯ доманаи мадҳро ба дараҷае густариш додааст, ки ҳатто дар қолаби дигар анвои адабӣ низ, ба монанди ғазал ва рубоӣ васфи мамдуҳони худро кардааст [6-М; 7-М; 13-М].

15. Дар ашъори Амир Муиззӣ дар баробари мардон занон – намояндагони ҳалқаи хонаводагии сулолаи Салҷуқиён – модараш Тоҷидин-хотун ва хоҳараш Шоҳ-хотун Сафия мавриди ситоиш қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, Муиззӣ ба Тоҷиддин-хотун даҳ қасида бахшидааст. Аз ин шумора, 8 қасида бевосита ба мадҳи Тоҷиддин-хотун равона гардида, 1 қасида дар робита ба фатҳи Ғазнин ва расидани мавкаби Тоҷиддин-хотун ва 1 қасида дар марсияи Тоҷиддин-хотун мебошад. Ба Шоҳ-хотун хоҳари Санҷар 1 қасида бахшида шудааст [13-М; 18-М].

16. Аз мавзуъҳои дигари ашъори шоир, ки ба мадҳ пайванди мустақим дорад, марсия ва ё сӯгворӣ мебошад. Амир Муиззӣ дар баробари сурудани анвои

гуногуни шеърӣ вобаста ба мавзуъҳои гуногун дар таълифи марсия низ табъозмоӣ карда, марсияҳои ҷонгудоз низ сурудааст. Муиззӣ, ки шоири дарбор буд, марсияҳои ӯ дар фавти шоҳону амирон ва фарзандону наздикони онҳо суруда шудаанд. Миқдори марсияҳои шоир 7 адад буда, ба фавти Маликшоҳи Салҷуқӣ ва ба вазири хирадманд Низомумулк, модари султон Санҷари Салҷуқӣ – Тоҷиддин-хотун, Фахрулмулк, писари Муҷируддавлаи Курдистонӣ бахшида шудаанд. Қасидаҳое, ки шоир ба мотам ва сӯгвории шахсони алоҳидаи дарбор бахшидааст, аз нигоҳи мундариҷа ва ғояи худ пуразишанд [3-М].

17. Дар шеъри Муиззӣ фақат ба мадҳу ғазал бознамехӯрем, балки гоҳ аз вазъу андарзу тавҳид ва ҳикмат ҳам асаре меёбем. Муиззӣ дар иртибот ба мавзуи мавриди назар аз мадҳи махлуқон ба хотири ҷоҳу мол изҳори пушаймонӣ мекунад ва ишора менамояд, ки замони офарини шукру тавҳиди Худои зулҷалол фаро расидааст ва ба тавсифи Худованд мепардозад [4-М; 5-М; 7-М].

18. Амир Муиззӣ, ки беш аз ним аср дар беҳтарин давраи подшоҳии султон Маликшоҳ ва султон Санҷар дар дастгоҳи эшон ба сифати маликушшуаро бо иззати тамом рӯзгор ба сар бурда, муваззаф ба анҷоми маъмурияти худ дар ин симат дар баробари мадҳу ситоиши мустақими салотину амирони Салҷуқӣ ҷангу набардҳои онҳоро низ дар қолаби мадҳ тавсиф мекунад. Аз ин лиҳоз, як қатор муҳаққиқон девони шоирро таърихи Салҷуқиён ва муосирони эшон шуморида, онро аз нигоҳи таърихӣ қобили аҳаммият медонанд [18-М].

19. Муиззӣ тавонистааст, лутфи табъро дар эҷоди тағаззулҳои ширин ва дилкаш нишон диҳад. Бештари тағаззулоти қасоиди мадҳии шоир дар тасвири ишқ манзараҳои гуногуни табиат, майу майгусорӣ ва амсоли ин суруда шудаанд [17-М].

20. Амир Муиззӣ дар сурудани рубоӣ маҳорати махсус дорад. Маҳз ба шарофати бадоҳатан сурудани рубоӣ шоир ба дарбори султон Маликшоҳ шарафёб мегардад. Аз теъдоди умумии 192 рубоиёт 123 адади он фарогири мавзуи мадҳ буда, 69 адад ба мавзуъҳои дигар бахшида шудаанд [6-М].

21. Мазомини аслии ғазал, ки аз тавсифу ситоиши ҷамолу зебоии маъшуқ, карашмаҳои нозу ғамза, баёни ҳар як аз аъзо бо ташбеҳоти мутааллиқа ба он,

розу ниёзи ошиқу маъшуқ, исрору инкор, суолу ҷавоб, аҳзу ғурур ва ғайра иборат аст, дар девони Муиззӣ ба пуррагӣ мушоҳида мешавад. Ғазали Муиззӣ ғазалест ошиқона бо ҳамон маонии латифу маъмулӣ, ки аз ғазал интизор меравад. Муиззӣ дар ғазалсароӣ ҳанӯз дар рӯзгори худ шуҳрат дошта, чунонки Сайид Ҳасани Ғазнавӣ дар қасидае дар мадҳи Маҳмуд Буғрохон зимни ситоиш аз худ ғазалҳои Муиззиро арҷ мениҳад [4-М; 7-М].

22. Амир Муиззии Нишопурӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки дар робита ба эҳтироми хоссааш нисбат ба шоирони бузурги пешин бо муносибате, аз эшон ёд, ашъори онҳоро тазмин карда ва ё аз нигоҳи мазмун ба ашъори онҳо монанд шеър сурудааст. Услуби ашъори Муиззӣ давоми сабку услуби шоирони пешин буда, ашъори ӯ аз таъсири эшон орӣ нест ва дар он анъанаҳои беҳтарини гузаштагон идома ва такомул ёфтаанд. Дар ташаккули завқу табъ ва услуби ӯ шеъри асри Х, аз ҷумла, ашъори устод Рӯдакӣ, шеъри нимаи аввали асри XI ва суханварони ин давра таъсири калоне расонидаанд. Дар ин замина Муиззӣ дар ашъораш аз баъзе шоирони пешин, ба монанди Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ ва бархе ҳамасрони худ ёд ва дар бештари маврид бо эҳтирому адаб, ҳунари ононро мавриди ситоиш қарор додааст [11-М].

23. Ашъори Амир Муиззӣ ҳам бо суханварони пеш аз худ, ҳам бо муосирон ва ҳам шоирони баъд аз ӯ пайванд мегирад. Мақому мартаба ва фазилати эҷодии ӯро ҳанӯз дар замони зиндагияш Мухтории Ғазнавӣ, Саид Ҳасани Ғазнавӣ, Азрақии Ҳиравӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Анварии Абевардӣ ва дигарон ситуда ва аз шахсияташ ба некӣ ёд кардаанд. Саноии Ғазнавӣ дар марги ӯ се марсия иншо кардааст. Нақш ва таъсири Муиззиро метавон дар осори аксарияти шоирони баъди ӯ, аз қабили Хоқонӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва дигарон мушоҳида кард [1-М; 5-М].

24. Муиззӣ бо истифода аз ороятҳои адабӣ, аз ҷумла, санъатҳои бадеии муболиғаву анвои он, ташбеҳ ва истиора ба каломи шоиронаи худ шеваи махсуси баён бахшидааст. Воситаҳои баёнию балоғии мазкур дар шеъри Амир Муиззӣ моҳиятан ҳамчун вижагии сабксоз эътибор доранд. Шоир дар девони худ аз ороятҳои адабии мазкур, ки нақши онҳо дар баррасии вижагиҳои сабкӣ ва мизони

навоварии шоир бисёр муҳим аст, ба сифати вофир истифода бурда, ба ин равиш навоварӣ ва эҷоди ҳунарии худро ба маърази тамошо гузоштааст [4-М; 13-М].

25. Муиззӣ ба ҳайси як шоири қасидасаро дар доираи адабии асри XII нақши босазое гузоштааст. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи ашъори ӯ содагӣ, равонӣ, хушоҳангӣ ва дар баробари он тозагии забони он ба шумор рафта, беҳтарин намунаҳои фасоҳати забон ва латоифу нукоте дақиқу диловез аст. Шоир бо содагии хоси баён мавриди писанди аксари муҳаққиқон қарор гирифтааст.

Масъалаҳои услуб ва хусусиятҳои бадеии ашъори Амир Муиззӣ, мавқеи ӯ дар назми асрҳои XI-XII, нақши ӯ дар таърихи қасидасароӣ, такомули сабки маснуи назм дар доираи ин диссертатсия имкони ғунҷоиш надошт. Бинобар ин, мо масъалаҳои мазкур ва омода сохтани нашри интиқодии девони ӯро яке аз вазифаҳои муҳимми адабиётшиносии муосир меҳисобем. Дар оянда боз ба баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқи паҳлуҳои омӯхтанашудаи ашъори Амир Муиззӣ хоҳем пардохт [10-М; 12-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Дар заминаи баррасӣ ва таҳқиқи рӯзгори Амир Муиззӣ дар иртибот бо муҳити адабии замони Салҷуқиён масъалаҳои зерин ба миён омаданд, ки таҳқиқи онҳо дар оянда барои ба таври зарурӣ муаррифӣ гардидани рӯзгор ва осори адабии ин шоири соҳибсухан созгор хоҳад буд:

– пеш аз ҳама, равиши илмие, ки дар баррасии масъалаҳои матраҳ дар диссертатсия интихоб шудааст, имкон фароҳам меорад, то масъалаҳои ҳамгун дар мисоли рӯзгор ва осори дигар шоирони асримиёнагӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шаванд;

– Амир Муиззии Нишопурӣ ба сифати яке аз бузургтарин шоирон дар таърихи адабиёти нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII форсу тоҷик мақоми сазовореро касб менамояд. Бо вуҷуди анҷоми баъзе мақолаҳои илмӣ осори ӯ то ба ҳол дар адабиётшиносии тоҷик мавриди баррасию таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Аз ин ҷост, ки перомуни паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ӯ таҳқиқоти зиёд метавон анҷом дод;

– Муиззӣ яке аз покизазабонтарин сухангӯёни мост, чунонки дар тамоми девони ӯ на танҳо ҳаҷви аҳаде дида намешавад, балки ҳатто як бор ҳам як лафзи зишту дағал бар забони ӯ ҷорӣ нашудааст. Нақши Амир Муиззӣ дар таҳаввули сабки шеъри асримиёнагӣ то андозаест, ки омӯзиш ва таҳқиқи сабки ашъори Амир Муиззӣ ҷиҳати муайян намудани раванди таҳаввул ва ташаккули сабки шеъри классикӣ метавонад заминаи мусоид фароҳам орад;

– бо назардошти нуқсону норасоиҳое, ки дар таҳия ва нашри девони шоир аз ҷониби адабиётшиносони эронӣ, аз қабили аз матн афтодани калима, ибора ва дар баъзан ҳолат мисраъҳои алоҳида ба миён омадааст, инчунин, барои дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ кардани мероси адабии ӯ, пеш аз ҳама, девони ашъори ӯ ба таҳия ва тасҳеҳу шарҳи луғоти тоза ниёз дорад;

– муҳаққиқони осори Амир Муиззиро лозим меояд, ки дар оянда ба кашфи асрори каломи ҳунарии ӯ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, ба лафзу маънӣ,

луғот, иборот, услуби баён, ороякҳои бадеӣ, ки дар осори ӯ истифода шудаанд, эътибори зарурӣ дода, дар ин замина таҳқиқоти алоҳида анҷом диҳанд. Махсусан, санъатҳои бадеии муболиға, иғроқ, ташбеҳ ва истиора, ки дар ашъори шоир корбурди хеле васеъ доранд, ҳар кадом таҳқиқоти фарогири алоҳидаро тақозо менамоянд;

– масъалаи мухтассоти сабкии ашъори Амир Муиззӣ, махсусан вижагиҳои забони эҷоди шоир, ки бештари муҳаққиқон онро дар мунтаҳои дараҷаи равонӣ, содагӣ, ширинӣ ва фазилати суханварии ӯ мешуморанд, таҳқиқи муфассалу ҷудогонаро тақозо мекунад;

– ашъори Муиззӣ ҳамчун ифодагари бисёре аз воқеаҳои таърихии аҳди Салҷуқиён аз аҳаммияти махсусе бархурдор аст. Шоир бо сабаби ҳамроҳ будан бо подшоҳону умаро, вузарои Салҷуқӣ ва вазифаи ишғолнамудааш дар иртибот ба як силсила вақоеи таърихӣ ашъори зиёде сурудааст, ки гузашта аз арзиши адабию ҳунарӣ дорои аҳаммияти бузурги таърихӣ низ мебошанд. Ашъори мазкурро ба сифати таърихи манзуми он давра дар сатҳи васеътар метавон мавриди таҳқиқ қарор дод;

– дар оянда ҷанбаҳои дигари эҷодиёти шоирро метавон ба таври густарда мавриди таҳқиқ қарор дод, аз ҷумла: хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори шоир, корбасти баҳрҳо ва авзони Арӯзӣ, масъалаҳои мухталифи сабкшиносӣ ва ғ.;

– нақши Амир Муиззӣ дар таҳаввули ғазал низ қобили таваҷҷуҳ аст, зеро аксари муҳаққиқон ӯро яке аз пешгомони ғазал шумурдаанд. Дар ин робита таҳқиқи ғазалиёти шоир аз нигоҳи муҳтаво ва корбурди саноеи бадеӣ пажӯҳиши алоҳидаи илмиро талаб дорад;

– истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори Амир Муиззӣ ба таври хеле густарда ба таҳқиқ ниёз дорад, онро дар сатҳи васеътар метавон мавриди таҳқиқ қарор дод. Васоити баён ва тасвири бадеӣ дар эҷодиёти адиб мақоми хосса дошта, мавриди истифодаи муносиб қарор гирифтаанд;

– шеъри Муиззӣ аз назари забон ва тарзи баён сода ва дорои лутфи махсус аст, чунонки дар тамоми девони ӯ на танҳо ҳаҷви нафаре дида намешавад, балки

ҳатто як бор ҳам як лафзи ракик бар лисони ӯ ҷорӣ нашудааст. Нақши Муиззӣ дар таҳаввули сабки шеъри асримиёнагӣ то андозаест, ки омӯзиш ва таҳқиқи сабки ашъори Амир Муиззӣ ҷиҳати муайян намудани раванди таҳаввул ва ташаккули сабки шеъри классикӣ метавонад заминаи мусоид фароҳам орад;

– натиҷагириҳо ва нукоти назариеро, ки дар диссертатсия дар иртибот ба хусусиятҳои жанрию мавзуии осори бадеии Амир Муиззӣ ба даст омадаанд, метавон ба таври васеъ дар таҳқиқоти минбаъдаи адабиётшиносӣ, аз ҷумла, навиштани мақола ва дигар осори илмӣ, монанди китобу монографияҳо ва таҳқиқоти диссертатсионӣ истифода кард;

– мавод ва дастовардҳои илмии диссертатсияро метавон барои навиштани китобу дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи адабиёти форсу тоҷик, махсусан таърихи адабиёти асрҳои XI ва XII истифода бурд;

– аз хулосаҳои илмии диссертатсия, инчунин, метавон ҳангоми тадриси фанҳои таълимии соҳаи филология, курс ва семинарҳои махсус, таҳия ва мураттаб сохтани барномаҳои корию дарсӣ, навиштани корҳои илмии дараҷаҳои гуногун, аз ҷумла, мақолаҳову тезис, реферат, корҳои курсӣ, дипломӣ ё хатм ва дигар навъҳои корҳои илмӣ истифода кард.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

I. Сарчашмаҳо:

1. Абевардӣ, Анварӣ. Девон [Матн] / Анварии Абевардӣ. Бо муқаддимаи Саъид Нафисӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1376. – 746 с.
2. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Ҷ.1 [Матн] / Муҳаммад Авфӣ. Бо саъй ва эҳтимоми Эдуард Браун ва таълиқоти Муҳаммади Қазвинӣ. – Лондон, 1906. – 433 с.
3. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Ҷ.2 [Матн] / Муҳаммад Авфӣ. Бо саъй ва эҳтимоми Эдуард Браун ва таълиқоти Муҳаммади Қазвинӣ. – Лондон, 1903. – 572 с.
4. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ [Матн]. – Сталинобод, Нашрдавтоҷик., 1958. – 407 с.
5. Байҳақӣ, Абулфазл. Таърихи Байҳақӣ [Матн] / Абулфазли Байҳақӣ. Таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо С. Муллоҷон. – Душанбе, 2014. – 756 с.
6. Байҳақӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Зайд маъруф ба Ибни Фундуқ. Таърихи Байҳақ [Матн] / Абулҳасани Байҳақӣ. Бо тасҳеҳи Аҳмад Баҳманёр. – Теҳрон: Чопхонаи Конун, 1317. – 386 с.
7. Балиёнӣ, Тақиуддин Муҳаммад Авҳадӣ Ҳусайнии Дақоқӣ. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин. Ҷилди 1 [Матн] / Тақиуддин Муҳаммад Авҳадӣ Ҳусайнии Дақоқии Балиёнӣ. Ба тасҳеҳи Забеҳулло Соҳибкорӣ ва Омна Фахр Аҳмад. – Теҳрон, 1389. – 6500 с.
8. Балиёнӣ, Тақиуддин Муҳаммад Авҳадӣ Ҳусайнии Дақоқӣ. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин. Ҷилди 2 [Матн] / Тақиуддин Муҳаммад Авҳадӣ Ҳусайнии Дақоқии Балиёнӣ. Ба тасҳеҳи Забеҳулло Соҳибкорӣ ва Омна Фахр Аҳмад. – Теҳрон, 1389. – 6500 с.
9. Балиёнӣ, Тақиуддин Муҳаммад Авҳадӣ Ҳусайнии Дақоқӣ. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин. Ҷилди 3 [Матн] / Тақиуддин Муҳаммад

Авҳадӣ Ҳусайнии Дақоқии Балиёнӣ. Ба тасҳеҳи Забеҳулло Соҳибкорӣ ва Омна Фахр Аҳмад. – Теҳрон, 1389. – 6500 с.

10. Балиёнӣ, Тақиуддин Муҳаммад Авҳадӣ Ҳусайнии Дақоқӣ. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин. Ҷилди 6 [Матн] / Тақиуддин Муҳаммад Авҳадӣ Ҳусайнии Дақоқӣ Балиёнӣ. Ба тасҳеҳи Забеҳулло Соҳибкорӣ ва Омна Фахр Аҳмад. – Теҳрон, 1389. – 6500 с.
11. Балиёнӣ, Тақиуддин Муҳаммад Авҳадӣ Ҳусайнии Дақоқӣ. Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин. Ҷилди 7 [Матн] / Тақиуддин Муҳаммад Авҳадӣ Ҳусайнии Дақоқӣ Балиёнӣ. Ба тасҳеҳи Забеҳулло Соҳибкорӣ ва Омна Фахр Аҳмад. – Теҳрон, 1389. – 6500 с.
12. Балхӣ, Унсурӣ. Девон [Матн] / Унсурии Балхӣ. Ба кӯшиши Саид Муҳаммад Дабир Сиёқӣ. – Теҳрон, 1343. – 514 с.
13. Бегдилӣ, Лутфалибеки Озар. Оташкадаи Озар (нимаи дуюм) [Матн] / Озар Лутфалибек. Ба тасҳеҳи Мирҳошим Муҳаддас. – Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1378. –1153 с.
14. Ватват, Рашид ад–дин. Сады волшебства в тонкостях поэзии [Текст] / Рашид ад–дин Ватват: Перевод с персидского, исследование и коментарий Н.Ю. Чалисовой. – М.: Издательства «Наука», 1985. – 327 с.
15. Ватвот, Рашидиддин. Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър [Матн] / Рашидиддини Ватвот. Бо тасҳеҳи Аббос Иқболи Оштиёнӣ. – Теҳрон: Интишороти Саноӣ, 1362 ҳ.қ. – 210 с.
16. Ғазнавӣ, Саид Ҳасан. Девон [Матн] / Ба тасҳеҳи устод Саид Муҳаммад Тақӣ Мударриси Разавӣ. – Теҳрон: Интишороти Асотир, 1328. – 471 с.
17. Деҳлавӣ, Шамсиддин Фақир. Ҳадоиқ-ул-балоғат дар улум ва фунуни балоғӣ ва арӯз ва қофия ва муаммо [Матн] / Шамсиддин Фақир Деҳлавӣ. Ба тасҳеҳи Ризоии Ардонӣ. – Язд: Донишгоҳи озоди исломии Язд, 1398. – 434 с.
18. Доғистонӣ, Вола. Риёзушшуаро. Ҷилди IV [Матн] / Волаи Доғистонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ, муаллифи пешгуфтор ва шарҳи луғоту

тавзеҳот Мисбоҳиддини Нарзиқул ва Бобоева Озода. – Душанбе: Паёми ошно, 2019. – 752 с.

19. Исфаҳонӣ, Муҳаммад Алӣ ибни Қанбар Алӣ Суруш. Девон. Ҷилди 1 [Матн] / Муҳаммад Алӣ Суруши Исфаҳонӣ. Ба муқаддимаи Ҷалолиддин Ҳумоӣ. – Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1340. – 1410 с.
20. Исфаҳонӣ Фарид. Девон [Матн] / Фарид Исфаҳонӣ. Бо эҳтимом ва тасҳеҳи Муҳсин Каёнӣ. – Теҳрон, 1381. – 523 с.
21. Кайковус, Унсуралмаолӣ. Қобуснома [Матн] / Унсуралмаолии Кайковус. Бо тасҳеҳ ва муқаддима ва ҳавошии Амин Абдулмаҷид Бадавӣ. – Теҳрон, Нашриёти Ибни Сино, 1335. – 272 с.
22. Кайковус, Унсуралмаолӣ. Қобуснома [Матн] / Унсуралмаолии Кайковус. Таҳия ва пешгуфтори М. Шарифова, М. Муллоаҳмад. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 199 с.
23. Козарунӣ, Абулқосим ибни Абиҳомид. Салам-ул-самовот [Матн] / Абулқосим ибни Абиҳомид Козарунӣ. Мусаҳҳеҳ: Абдулло Нуронӣ. – Теҳрон, 1386. – 490 с.
24. Кошифӣ, Камолиддин Ҳусайн Воиз. Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор [Матн] / Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Урватулло Тоиров ва Азиз Ҳафизов. – Душанбе: Ҳумо, 2006. – 232 с.
25. Кошонӣ, Нуриддин Муҳаммадшариф. Таърихи кишикхонаи Ҳумоюн [Матн] / Нуриддин Муҳаммадшарифи Кошонӣ. Таҳрир ва пажӯҳиш: Асғари Додбеҳ ва Маҳдии Садрӣ. – Теҳрон: Маркази пажӯҳиши мероси хаттӣ, 1394. – 588 с.
26. Қазвинӣ, Зикриё ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд. Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод [Матн] / Зикриё Қазвинӣ. Тарҷума бо изофот аз Ҷаҳонгир Мирзо Қоҷор. Ба тасҳеҳ ва такмили Мирҳошим Муҳаддас. – Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1373. – 785 с.

27. Қазвинӣ, Абдулнабӣ Фахруззамон. Тазкираи Майхона [Матн] / Абдулнабӣ Фахруззамонии Қазвинӣ. Бо эҳтимоми Аҳмад Гулчини Маъонӣ. – Теҳрон: Ширкати насбии Ҳоҷ Муҳаммад Ҳусайн Иқбол ва шурако, 1340. – 993 с.
28. Қазвинӣ, Ҳамдуллоҳ. Таърихи гузида [Матн] / Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ. Бо эҳтимоми Абдулҳусайн Навонӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1387.– 818 с.
29. Қубодиёнӣ, Носири Хисрав. Девон. Ҷилди аввал [Матн] / Носири Хусрав. Бо эҳтимоми Муҷтабо Менуӣ ва Маҳдӣ Муҳаққиқ. – Теҳрон, 1357. – 802 с.
30. Қубодиёнӣ, Носири Хусрав. Сафарнома [Матн] / Носири Хусрав. Ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Саёқӣ. – Теҳрон: Интишороти Завор, 1335. – 152 с.
31. Муиззӣ, Амир. Девони комил [Матн] / Амир Муиззӣ. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Носири Ҳирӣ. – Теҳрон, 1362 ҳ.қ . – 791 с.
32. Муиззӣ, Амир. Девон [Матн] / Амир Муиззӣ. Тасҳеҳ ва таҳшияи Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Бо эҳтимоми Абдулкарим Ҷарбазадор. – Теҳрон: Интишороти Асотир, 1389 ҳ.қ. – 868 с.
33. Муиззӣ, Амир. Девон [Матн] / Амир Муиззӣ. Ба саъй ва эҳтимоми Аббос Иқболи Оштиёнӣ. – Теҳрон: Китобфурӯшии Исломия, 1318 ш. – 728 с.
34. Муиззӣ, Амир. Куллиёти девон [Матн] / Амир Муиззӣ. Бар асоси нусхаи мусаҳҳеҳи Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммад Ризо Қанбарӣ. – Теҳрон: Интишороти Завор, 1385 ҳ. қ. – 1132 с.
35. Муиззӣ, Амир. Девон [Матн] / Амир Муиззӣ. Бар асоси нусхаи мусаҳҳеҳи Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммад Ризо Қанбарӣ. – Теҳрон: Интишороти Завор, 1393 ҳ.қ. – 1132 с.
36. Муншӣ, Насрулло Абдулмаолӣ. Калила ва Димна [Матн] / Насрулло Абдулмаолӣ Муншӣ. Тасҳеҳ ва тавзеҳи Муҷтабо Минавии Теҳронӣ. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1362. – 477 с.
37. Мухторӣ, Усмон. Девон [Матн] / Усмон Мухторӣ. Ба кӯшиши Рукниддин Ҳумоюн Фаррух. – Теҳрон, 1336. – 486 с.

38. Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас [Матн] / Тасҳеҳи Акбар Наҳвӣ. – Теҳрон: Интишороти Сухан, 1400. – 907 с.
39. Навоӣ, Низомуддин Алишер. Маҷолис-ун-нафоис [Матн] / Низомуддин Алишери Навоӣ. Тарҷумаи Фахрии Ҳиротӣ ва Ҳакимшоҳ Муҳаммади Қазвинӣ. Бо саъю эҳтимоми Алӣ Асғари Ҳикмат. Таҳия, тасҳеҳ, таҳқиқ ва муқаддимаву тавзеҳоти Урватулло Тоиров ва Муҳриддин Низомов. – Душанбе: «Нашри мубориз», 2018. – 528 с.
40. Нахҷувонӣ, Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳ. Саҳоҳ-ал-фурс (фарҳанги луғоти форсӣ аз қарни ҳаштуми ҳичрӣ) [Матн] / Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳ Нахҷувонӣ. Бо эҳтимоми Абдулалӣ Тоатӣ. – Теҳрон, 2535. – 371 с.
41. Нахҷувонӣ, Ҳиндушоҳ ибни Санҷар ибни Абдулло Соҳибӣ. Таҷориб-ус-салаф дар таворихи хулафо ва вузарои эшон [Матн] / Ҳиндушоҳ Нахҷувонӣ. Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми Аббос Иқбол. – Теҳрон: Интишороти Китобхонаи Таҳурӣ, 1357 хуршедӣ. – 480 с.
42. Низомулмулк, Ҳасан ибни Алӣ. Сиёсатнома [Матн] / Ҳасан ибни Алӣ Низомулмулк. Тасҳеҳи Аббос Иқболи Оштиёнӣ. – Теҳрон, 1396. – 320 с.
43. Нишопурӣ, Заҳириддин. Салҷуқнома / Заҳириддин Нишопурӣ. Ба кӯшиши Муҳаммад Рамазонӣ. – Теҳрон, 1332. – 100 с.
44. Нурӣ, Муҳаммад Тақӣ ибни Муҳаммад Маҳдӣ. Ашраф-ул-таворих: вақоеи марбута ба давраи ҳукумати Муҳаммадвалӣ Мирзо дар Хуросон (солҳои 1218–1331 шамсӣ). Ҷилди аввал [Матн] / Муҳаммад Тақӣ ибни Муҳаммад Маҳдии Нурӣ. Тасҳеҳи Савс ан Асилӣ. – Теҳрон: Маркази нашри Мероси мактуб, 1387. – 570 с.
45. Озод, Ғуломалихон. Хизонаи омира. Ҷилди 2 [Матн] / Ғуломалихони Озод. – Китобхонаи Донишгоҳи Кобул, нусхаи 32597. – 459 с.
46. Орзу, Сироҷиддин Алихон Тазкираи Маҷмаъ-ун-нафоис. ҷилди 3 [Матн] / Сироҷиддин Алихон Орзу. Ба кӯшиши Муҳаммад Сарафрози Зафар. – Исломобод: Интишороти Маркази таҳқиқотии форсии Эрону Покистон, 1385 ҳичрии шамсӣ. – 1891 с.

47. Осори Фатҳуллохон Шайбонӣ. Зубдат-ул-осор, Мақолоти Шайбонӣ, Баёнот, Фавокаҳ-ус-сеҳр, Ҷилди дуюм [Матн] / Ба кӯшиши Алӣ Ризо Шонзарӣ. – Теҳрон: Интишороти Мероси мактуб, 1393. – 1331 с.
48. Ровандӣ, Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон. Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур. Дар таърихи Оли Салҷуқ [Матн] / Муҳаммад ибни Алӣ ибни Сулаймон Ровандӣ. Бо сайъ ва тасҳеҳи Иқбол ал-Ибод ва Муҳаммад Иқбол. – Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1364. – 575 с.
49. Родуёнӣ, Муҳаммад ибни Умар, Ватвот, Рашиддин. Мунтахаби «Тарҷумон-ул-балоға» ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» [Матн] / М.У. Родуёнӣ, Р. Ватвот. Таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳоти Х. Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 144 с.
50. Родуёнӣ, Муҳаммад Умар. Тарҷумон-ул-балоға [Матн] / Муҳаммад Умари Родуёнӣ. Бо эҳтимоми Аҳмади Оташ. – Теҳрон: Асотир, 1362 ҳ. ш. – 263 с.
51. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим. Ҷилди дуюм [Матн] / Амин Аҳмади Розӣ. Тасҳеҳ, таълиқот ва ҳавошии Саид Муҳаммад Ризо Тоҳирӣ (Ҳасрат). – Теҳрон: Суруш, 1389. – 1443 с.
52. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-Муъҷам фӣ маойир-ил-ашъор-ил-Аҷам [Матн] / Шамсиддин Муҳаммад Қайси Розӣ. Бо тасҳеҳи Муҳаммад Қазвинӣ. – Теҳрон: Қудси Разавӣ, 1374. – 561 с.
53. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-Муъҷам фӣ маойир-ил-ашъор-ил-Аҷам [Матн] / Шамсиддин Муҳаммад Қайси Розӣ. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
54. Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар. Девон [Матн] / Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар Рӯдакии Самарқандӣ. Таҳия, тасҳеҳ, пешгуфтор ва ҳавошии Қодир Рустам. – Теҳрон: Муассисаи фарҳангии Аку, 1391.– 192 с.
55. Рӯдакии Самарқандӣ. Девон [Матн] / Рӯдакии Самарқандӣ. Бар асоси нусхаи Саъид Нафисӣ, Э. Брагинский: – Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1373. – 209 с.

56. Сабо, Муҳаммад Музаффар Ҳусайн. Рӯзи равшан [Матн] / Муҳаммад Музаффар Ҳусайн Сабо. Ба тасҳеҳ ва ташияи Муҳаммад Ҳусайн Рукнзода Одамият. – Теҳрон: Интишороти Китобхонаи Розӣ, 1343. – 989 с.
57. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Давлатшоҳи Самарқандӣ. Бо эҳтимом ва тасҳеҳи Эдуард Браун. – Теҳрон: Интишороти Соҳир, 1382. – 632 с.
58. Самарқандӣ, Муҳаммад ибни Алии Заҳирӣ. Ағроз-ус-сиёсат фӣ аъроз-ур-риёсат [Матн] / Заҳирии Самарқандӣ. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Ҷаъфар Шиор. – Теҳрон: Нашриёти Донишгоҳи Теҳрон, 1349. – 453 с.
59. Самарқандӣ, Муҳаммад ибни Алии Заҳирӣ. Синбоднома [Матн] / Заҳирии Самарқандӣ. Бо эҳтимом ва тасҳеҳу ҳавошии Аҳмад Оташ. – Истанбул, 1948. – 549 с.
60. Самарқандӣ, Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола [Матн] / Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Муҳаммад Қазвинӣ, ба кӯшиши Муҳаммад Муин. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1388. – 159 с.
61. Самарқандӣ, Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола [Матн] / Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Мураттиб, муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 160 с.
62. Самарқандӣ, Сӯзанӣ. Девон [Матн] / Сӯзании Самарқандӣ: Тасҳеҳу муқаддима ва шарҳи аҳволу феҳрасти луғот ва таркибот ва ҷойҳо бо маъонӣ ва тафосир аз доктор Носириддин Шоҳҳусайнӣ. – Теҳрон: Амири кабир, 1338. – 576 с.
63. Саноӣ, Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам. Девон [Матн] / Абулмаҷд Маҷдуд Саноӣ. Ба кӯшиши Мазоҳири Мусаффо. – Теҳрон: Саноӣ, 1336. – 880 с.
64. Саноӣ, Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам. Девон [Матн] / Абулмаҷд Маҷдуд Саноӣ. Бо саъй ва эҳтимоми Мударриси Разавӣ. – Теҳрон: Саноӣ, 1362. – 1224 с.
65. Систонӣ, Фаррухӣ. Девон [Матн] / Фаррухии Систонӣ. Бо муқаддимаю ҳавошӣ ва таълиқоту феҳристи аълом ва луғоту муқобилаи нусахи муътабар

ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Саёқӣ. –Теҳрон: Интишороти Завор, 1391. – 524 с.

66. Табрезӣ, Мударрис Муҳаммад Алӣ. Райҳонат-ул-адаб. Ҷилди панҷум [Матн] / Мударриси Табрезӣ. – Теҳрон: Интишороти Хайём, 1374. – 800 с.
67. Таърихи Систон [Матн] / Ба тасҳеҳи Муҳаммадтақии Баҳор (Малик-уш-шуаро). – Теҳрон, 1381. – 436 с.
68. Тирмизӣ, Адиб Собир. Девон [Матн] / Адиб Собири Тирмизӣ. Муаллифи дебоча ва таҳияи матн Аҳмад Абдуллоев. – Теҳрон: Интишороти байналмилалии Алҳудо, 1380. – 394 с.
69. Тирмизӣ, Адиб Собир. Девон [Матн] / Адиб Собири Тирмизӣ. Бо муқаддима, ҳавошӣ, таълиқот ва тароҷими аҳвол бо хати шевои Алӣ Қавим. – Теҳрон, 1331. – 322 с.
70. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 1 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
71. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 6 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 480 с.
72. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 9 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 480 с.
73. Хондамир, Ғиёсиддин ибни Ҳимомиддин Алҳусайнӣ. Ҳабиб-ус-сияр фӣ ахбори афкори башар. Ҷилди 2 [Матн] / Ғиёсиддин Хондамир. Зери назари Муҳаммад Саёқӣ. –Теҳрон: Интишороти Хайём, 1353. – 831 с.
74. Хусейни, Садриддин. Ахбор-ад-давлат ас-селджукия (Зубдат-ут-таварих) [Матн] / Садриддин Хусейни. – М.: ГРВЛ, 1980. – 274 с.
75. Ҳамадонӣ, Айнулқузот. Номаҳо. Ҷилди дувум [Матн] / Айнулқузоти Ҳамадонӣ. Ба эҳтимоми Алинақии Мунзавӣ. –Теҳрон: Завор, 1362. – 502 с.
76. Ҳамадонӣ, Рашидаддин Фазлуллоҳ. Ҷомеъ-ут-таворих (Таърихи Оли Салҷуқ) [Матн] / Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммад Равшан. – Теҳрон. – 349 с.

77. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. Ҷилди аввал, бахши сеюм [Матн] / Ризоқулихон Ҳидоят. Ба кӯшиши Мазоҳири Мусаффо. – Теҳрон: Амири кабир, 1340. – 2263 с.
78. Ҳиравӣ, Азрақӣ. Девон [Матн] / Азрақии Ҳиравӣ: Бо тасҳеҳ ва муқобала ва муқаддимаи Саъид Нафисӣ. – Теҳрон: Завор, 1336. – 129 с.
79. Ҳусайнӣ, Атоулло Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] / Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Муаллифи сарсухан ва ҳозиркунандаи чоп Раҳим Мусулмонқулов. – Душанбе, 1974. – 212 с.
80. Ҷабалӣ, Абдулвосеъ ибни Абдулҷомеъ. Девон [Матн] / Абдулвосеи Ҷабалӣ. Бо эҳтимом ва тасҳеҳ ва таълиқи Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон: Амири кабир, 1361. – 728 с.
81. Ҷомӣ, Нуруддин Абдурраҳмон ибни Аҳмад. Баҳористон ва расоили Ҷомӣ (муштамил бар рисолаҳои: мусиқӣ, арӯз, қофия, ҷиҳил ҳадиси ноиса, лавомеҳи шарҳи тосия, лавомеҳ ва сарриштa) [Матн]. Муқаддима ва тасҳеҳи Аълохон Афсаҳзод, Муҳаммадҷон Умаров, Абубакр Зуҳуриддин. – Теҳрон: Маркази нашри Мероси мактуб, 1379. – 513 с.
82. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осор. Ҷилди сеюм. Силсилат-уз-заҳаб, Саломон ва Абсол, Туҳфат-ул-Аҳрор [Матн] / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 288 с.
83. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осор. Ҷилди ҳафтум. Хотимат-ул-ҳаёт, Баҳористон [Матн] / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 544 с.
84. Ҷоҷармӣ, Муҳаммад ибни Бадр. Мунис-ул-аҳрор фӣ дақоиқ-ул-ашъор [Матн] / Муҳаммад ибни Бадри Ҷоҷармӣ. Бо муқаддимаи Муҳаммад Қазвинӣ. Бо эҳтимоми Мирсолеҳ Табибӣ. – Теҳрон, 1337. – 504 с.
85. Шарвонӣ, Афзалиддин Хоқонӣ. Девон [Матн] / Афзалиддин Хоқонии Шарвонӣ ; ба тасҳеҳ ва таҳшия ва таълиқоти Алӣ Абдурасулӣ. – Теҳрон: Интишороти Марвӣ, 1316. – 995 с.
86. Шарвонӣ, Афзалиддин Хоқонӣ. Девон [Матн] / Афзалиддин Хоқонии Шарвонӣ ; ба кӯшиши Зиёвуддин Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Интишороти Завор, 1357. – 1162 с.

87. Шерозӣ, Шамсуддин Муҳаммад. Девон [Матн] / Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Абдурраҳими Халхолӣ. – Теҳрон: Ҳофиз, 1369 ҳ. – 440 с.

II. Адабиёти илмӣ

А) ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ:

88. Абдуллоев, Аҳмад. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи асри XI (доираи адабии Ғазнин) [Матн] / Аҳмад Абдуллоев. – Душанбе: Нашриёти Дониш, 1979. – 283 с.
89. Абдуллоев, Аҳмад. Муиззӣ [Матн] / А. Абдуллоев // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷилди 2. – Душанбе, 1989. – С. 304.
90. Абдуллоев, А., Саъдиев, С. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI ва нимаи аввали асри XII [Матн] / А. Абдуллое, С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1986. – 262 с.
91. Агаджанов С.Г. Государство Сельджукидов и Средняя Азия в XI–XII вв. [Текст] /С.Г. Агаджанов. – М., 1991. – 303 с.
92. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV, қисми якум [Матн]. – Душанбе: Нашриёти Дониш, 1976. – 346 с.
93. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / Садриддин Айнӣ. – М.: Нашриёти марказии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – 636 с.
94. Акимушкина, Е.О. Жанровое своеобразие панегириков Амира Муиззи [Текст] / Е. Акимушкина. – Ученые записки Орловского государственного университета, 2019 г., №4 (85). – С. 88-91.
95. Акимушкина, Е.О. Образ «восхваляемой» в персоязычной панегирической поэзии классического периода (к проблеме изучения жанра мадх) [Текст] / Е. Акимушкина. – Вестник Московского университета. Серия 13. Востоковедение. – 2020. – №1. – январ-март. – С. 25-38.

96. Алавӣ, Муҳаммад Муқаддам, Ашрафзода, Ризо. Маонӣ ва баён [Матн] / Муҳаммад Алавӣ, Ризо Ашрафзода. – Теҳрон: Созмони мутолиа ва тадвини кутуби улуми инсонӣ, 1376. – 148 с.
97. Алиев Г. Персоязычная литература Индии (краткий очерк) [Текст] / Ю. Алиев. – М.: Глав. ред. вост. Лит., 1968. – 261 с.
98. Амирқулов, Субҳон. Консепсияи мадҳи Рӯдакӣ [Матн]/ С. Амирқулов. – Садои Шарқ, 1977. – №9. – С. 132-137.
99. Арбери, Артур Ҷон. Адабиёти клоссики форсӣ [Матн] / Артур Ҷон Арбери ; тарҷумаи Асадуллоҳи Озод. – Машҳад: Остони Қудси Разавӣ, Муовинати фарҳангӣ, 1371. – 480 с.
100. Ардашникова Н. История литературы Ирана в средние века (1Х–XVII вв.) [Текст] / Н. Ардашникова, М. Рейснер. – М.: ИСАА МГУ, ИД «Ключ–С», 2010. – 500 с.
101. Афсаҳзод, Аълохон. Накд ва баррасии осор ва шарҳи аҳволи Ҷомӣ [Матн] / Аълохон Афсаҳзод. – Теҳрон: Интишороти Мероси мактуб, 1378. – 723 с.
102. Аҳмадӣ, Мухаммад. Фантазии шоҳи қаҳрамони миллӣ, қаҳрамони динӣ: Шеваҳое барои барқарории иртиботи дарбор дар шеъри мадеҳасароёни қарни панҷум ва шашум [Матн] / Муҳаммад Аҳмадӣ. – Куҳанномаи адаби форсӣ, Пажӯҳишгоҳи улуми инсон ва мутолиоти фарҳангӣ, ду фаслномаи илмӣ, соли даҳум, шумораи дуюм, поиз ва зимистон, 1398. – С. 1- 28.
103. Бақоев, М. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ [Матн] / М. Бақоев. – Душанбе: Дониш, 1975. – 280 с.
104. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Девон / Муҳаммадтақӣ Баҳор. Ҷилди 1. – Теҳрон, 1354. – 888 с.
105. Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ [Матн] / М. Баҳор. Талхиси Саъид Абӯтолиб Миръобинӣ. Баргардон Ш. Исрофилниё, Н. Саркоров. – Душанбе: Бухоро, 2011. – 569 с.
106. Баҳор, Муҳаммадтақӣ (Малик-уш-шуаро). Сабкшиносӣ. Ҷилди 3 [Матн] / Муҳаммадтақии Баҳор. – Теҳрон: Амири кабир, 1349. – 439 с.

107. Бертельс, Е.Э. Очерк истории персидской литературы [Текст] / Е.Э. Бертельс. – Ленинград: Ленинградский восточ. ин–т, 1928. – 204 с.
108. Бертельс А. Е. Насир-и Хосров и исмаилизм [Текст]/ Е.Э. Бертельс. –М.: Издательство восточной литературы, 1959. – 289 с.
109. Бертельс, Е.Э. История персидско-таджикской литературы [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Вост. лит., 1960. – 556 с.
110. Бертельс, Е.Э. Навои и Джами [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Восточн. ин–т., 1965. – 498 с.
111. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Наука, 1985. – 524 с.
112. Бертельс, Е.Э. История литературы и культуры Ирана [Текст] / Е.Э. Бертельс. Избранные труды. – М.: Наука, 1988. – 563 с.
113. Бомдод, Маҳдӣ. Осори таърихии Калот ва Сарахс [Матн] / Маҳдии Бомдод. – Теҳрон: Интишороти Тобон, 1344. – 49 с.
114. Босворт К., Дурон Д. ва диг. Салҷуқиён. [Матн] / К. Босворд ва дигарон. Тарҷума ва тадвини Я. Ожанд. – Теҳрон, 1380. – 245 с.
115. Брагинский, И.С., Комисаров, Д.С. Персидская литература. Краткий очерк [Текст] / И.С. Брагинский, Д.С. Комисаров. – М.: Вост. лит., 1963. – 213 с.
116. Брагинский И.С. Из истории персидской и таджикской литератур. Избранные работы [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Главная редакция восточной литературы. Изд. Наука, 1972. – 524 с.
117. Браун, Эдуард. Таърихи адабиёти Эрон. Аз Фирдавсӣ то Саъдӣ [Матн] / Э. Браун. Тарҷумаи Фатҳулло Муҷтабоӣ. – Теҳрон: Интишороти Марворид, 1367. – 485 с.
118. Браун, Эдуард. Таърихи адабиёти Эрон. Аз Фирдавсӣ то Саъдӣ – нимаи дуюм [Матн] / Э. Браун. Тарҷумаи Ғуломҳусайн Садрии Афшор. – Теҳрон: Интишороти Марворид, 1366. – 336 с.
119. Буллиет Р. В. Релегиозно-политическая история Нишапура в XI веке [Текст] / Р.В. Буллиет. Перевод с англ. В.В. Наумкина. – М.: Мусульманский мир, 1981. – 950-1150.

120. Вазинпур, Ваҳид. Мадҳ доғи нанг бар симои адабӣ [Матн] / Нодир Вазинпур. – Теҳрон: Интишроти Муин, 1374. – 575 с.
121. Висто, Сархуш Картис. Бар омадани ислом [Матн] / Сархуш Висто ; мутарҷим. Козим Фирузманд. – Теҳрон, 1398. – 152 с.
122. Ворожейкина, З.Н. Описание персидских и таджикских рукописей института востоковедения. Выпуск 7. Персоязычная художественная литература (X-начало XIII в.) [Текст] / З.Н. Ворожейкина. – М.: Издательство Наука, 1980. – 161 с.
123. Гароилӣ, Фаридун. Нишопур шаҳри фирӯза [Матн] / Фаридун Гароилӣ. – Теҳрон: Интишороти Ховарон, 1415 ҳ. қ. – 808 с.
124. Грусе Р. Империотурии саҳронавардон [Матн] / Р. Грусе. Тарҷумаи Абдулҳусайни Майкада. – Теҳрон, 1365. – 1062 с.
125. Гулшани адаб (Намунаи назм иборат аз панҷ ҷилд) [Матн] / Тартибдиҳандагон: Камол Айнӣ, Баҳром Сирус, Аълохон Афсаҳзод, Ҷобул Додалишоев. Ҷ. I. Намунаҳои назми форсу тоҷик. Асрҳои IX-XIII – Душанбе: Ирфон, 1975. – 431 с.
126. Ғанӣ, Қосим. Таърихи суфия дар ислом. Ҷилди 2 [Матн] / Қосим Ғанӣ. – Теҳрон, 1399. – 488 с.
127. Ғаффоров, Ш. Азраҟии Ҳиравӣ ва хусусиятҳои бадеию эстетикии қасоиди ӯ (рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология) [Матн] / Ш. Ғаффоров. – Душанбе, 2011. – 182 с.
128. Ғафуров, Бобоҷон. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Бобоҷон Ғафуров. – Душанбе, 2008. – 812 с.
129. Ғуломризоӣ, Муҳаммад. Сабкшиносии шеъри порсӣ. Аз Рӯдакӣ то Шомлу [Матн] / Муҳаммад Ғуломризоӣ. – Теҳрон: Ҷомӣ, 1381. – 296 с.
130. Дабиринажод, Бадеуллоҳ. Салоҷиқа ва густариши адаби форсӣ [Матн] / Бадеаллоҳ Дабиринажод // Маҷаллаи Ваҳид. – №6, давраи 10. С. – 660-667.
131. Дастҷурдӣ, Тоҳира Хушҳол «Тоҷ-ул-маосир» ва кашфи абёте фаромӯшшуда аз чанд девон [Матн] / Тоҳира Дастҷурдӣ, , Валдонӣ Шарифӣ, Ғуломҳусайн, Фомурӣ Маҳдӣ, Шодором Алиризо // «Пажӯҳиши

забон ва адабиёти форсӣ». – Шумораи понздаҳум, зимистони 1388. – С. 75-93.

132. Даҳмарда, Ризо, Даҳмарда Абулфазл. Ганҷинаи ишқ: Баррасии мабоҳиси Қуръонӣ дар девони Амир Муиззии Нишопурӣ [Матн] / Ризо Даҳмарда. – Теҳрон, 1398. – 262 с.
133. Даҳмарда, Ризо. Таъсири Оёти Қуръони Карим дар куллиёти девони Амир Муиззии Нишопурӣ [Матн] / Ризо Даҳмарда. – Теҳрон, 1393. – 252 с.
134. Даҳмарда, Ризо, Даҳмарда Абулфазл. Ишороту талмеҳот дар девони Амир Муиззии Нишопурӣ [Матн] / Ризо Даҳмарда. – Панҷумин ҳамоиши миллии забон ва адабиёт ва гуфтумони салаҳ. 1397.
135. Даҳмарда, Ризо, Даҳмарда Нидо. Оёти қуръонӣ дар ашъори Амир Муиззии Нишопурӣ [Матн] / Ризо Даҳмарда. – Дуюмин ҳамоиши миллии бозшиносии машоҳир ва мафохири Хуросон дар адаби форсӣ, 1396.
136. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. Иборат аз 15 ҷилд [Матн] / Алиакбари Деҳхудо. – Теҳрон: Муассисаи Интишороту чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377. – 23911 с.
137. Ёддоштҳои Қазвинӣ. Ҷилди 7 [Матн] / Бо кӯшиши Эраҷ Афшор. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1388. – 1500 с.
138. Ёддоштҳои устод аллома Ҷалолиддин Ҳумоӣ дар бораи маъонӣ ва баён [Матн] / Гирдоваранда Ҳумоӣ Моҳдӯхт Бону. – Теҳрон: Муассисаи Нашри Ҳумо, 1373. – 248 с.
139. Ёддоштҳои устод аллома Ҳумоӣ дар ҳошияи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ҳидоят [Матн] / Ба кӯшиши Носириддиншоҳ Ҳусайнӣ. – Теҳрон, 1385. – 275 с.
140. Ёршотир, Эҳсон. Эҳсон Ёршотир дар гуфтугӯ бо Мондоно Зандиён [Матн] / Эҳсон Ёршотир. – Теҳрон, 1395. – 404 с.
141. Запорожец, В.М. Сельджуки [Текст] / В.М. Запорожец. – М.: Воениздат, 2011. – 209 с.

142. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз кӯчаи риндон: дар бораи зиндагӣ ва андешаи Ҳофиз [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Интишороти Амири кабир, 1371.– 280 с.
143. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз гузаштаи адаби Эрон. Муруре бар насри форсӣ, сайре дар шеъри форсӣ бо назаре бар адабиёти муосир [Матн] / Абдулҳусайн Зарринкӯб. – Теҳрон: Интишороти байналмилалии Алҳудо, 1375. – 576 с.
144. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Нақди адабӣ – ҷустуҷӯ дар усул ва равишҳо ва мабоҳати наққодӣ бо баррасӣ дар таърихи нақд ва наққодон [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб: – Теҳрон: Интишороти Амири кабир, 1382. – 980 с.
145. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. На шарқӣ, на ғарбӣ, инсонӣ: маҷмуаи мақолот, таҳқиқот, нақдҳо ва намоишвораҳо [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Интишороти Амири кабир, 1384. – 656 с.
146. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулла [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб. Маҷмӯаи нақди адабӣ. – Теҳрон: Интишороти илмӣ, чопи шонздаҳум, 1389. – 475 с.
147. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сайре дар шеъри форсӣ. Баҳсе интиқодӣ дар шеъри форсӣ ва таҳаввули он бо намунаҳое аз шеъри шоирон ва ҷустуҷӯе дар ақволи удабо ва тазкиранависон [Матн] / Абдулҳусайн Зарринкӯб. – Теҳрон: Интишороти Сухан, 1392. – 600 с.
148. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.
149. Икромов, И. Мақоми Анварӣ дар таърих ва инкишофи жанри қасида [Матн] / И. Икромов. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 224 с.
150. Имомӣ, Насруллоҳ. Марсиясароӣ дар адабиёти форсӣ (то поёни қарни ҳаштум) [Матн] / Насруллоҳ Имомӣ. – Теҳрон, Интишороти дафтари марказии ҷиҳоди донишгоҳӣ, 1369. – 488 с.

151. Исрофилниё, Шарифмурод. Мероси Носири Бухоро ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV [Матн] / Шарифмурод Исрофилниё. – Душанбе, 2012. – 350 с.
152. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеъ. Муфлиси кимиёфурӯш: нақд ва таҳлили шеъри Анварӣ [Матн] / Муҳаммадризо Шафеи Кадканӣ. – Теҳрон: Интишороти Сухан, 1372. – 355 с.
153. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеъ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / Муҳаммадризо Шафеи Кадканӣ. – Теҳрон: Муассисаи Интишороти Огоҳ, 1375. – 747 с.
154. Казакова, У. Таҳаввули қасида дар аҳди муғул (Асрҳои XIII–XIV) [Матн] / У. Казакова. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 184 с.
155. Каззозӣ, Мирҷалолиддин. Зебошиносии сухани порсӣ. Ҷилди 3. Бадеъ [Матн] / Мирҷалолиддини Каззозӣ. – Теҳрон, 1374. – 214 с.
156. Комёр, Тақӣ Ваҳидиён. Баррасии маншаи шеъри форсӣ [Матн] / Тақӣ Ваҳидиён Комёр. – Теҳрон: Интишороти Остони Қудси Разавӣ, 1390. – 160 с.
157. Комёр, Тақӣ Ваҳидиён. Ҳарфҳои тоза дар адаби форсӣ [Матн] / Тақӣ Ваҳидиён Комёр. – Теҳрон: Ҷиҳоди донишгоҳии Аҳвоз, 1370. – 307 с.
158. Конпурӣ, Абдулраззоқ. Зиндагонии Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тусӣ ё Хоҷа Низомулмулк [Матн] / Абдулраззоқи Конпурӣ. Тарҷума ва нигориши Мустафо Таботабоӣ. – Теҳрон: Интишороти Маҷаллаи Моҳонаи Нур, 1351 х. – 371 с.
159. Котибӣ, Ҳусайнқулӣ. Адаб ва адабиёт / Ҳусайнқулии Котибӣ. – Теҳрон: Интишороти Обон, 2536. – 468 с.
160. Крымский А.Е. История Персии ее литературы и дервишской теософии Т. 1 [Текст] / А.Е. Крымский. – М.: Типография А.Я. Нироенберга, 1914. – 569 с.
161. Қазвинӣ, Муҳаммад. Давраи комили бист мақола [Матн] / Муҳаммад Қазвинӣ. Ба кӯшиши Аббос Иқболи Оштиёнӣ ва Пури Довуд. – Теҳрон: Интишороти Ибни Сино ва китобфурӯшии Адаб, 1363. – 572 с.

162. Қазоӣ, Ҳодӣ. Зиндагиномаи нависандагон ва шоирон аз Рӯдакӣ то Давлатободӣ [Матн] / Ҳодӣ Қазоӣ. – Теҳрон: Интишороти Беҳзод, 1386. – 691 с.
163. Қарадоғӣ, Фиребо Каруллоҳ, Хусравӣ Ҳусайн. Баррасии ташбеҳ дар ашъори Анварӣ [Матн] / Фиребо Каруллоҳи Қарадоғӣ. Сабкшиносии назму насри форсӣ (баҳори адаб), соли даҳум, шумораи якум, баҳори 1396, шумораи паёпайи 35. – С. 229-247.
164. Макдиси Д. Суннитское возрождение [Текст] // Д. Макдиси. Мусульманский мир, 1981. – С. 174-188.
165. Мақсудов, Б. Амир Муъиззи и придворная литература Сельджукидов в Хорасане [Матн] / Б. Мақсудов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2012. – №4/1. – С. 118–122.
166. Мандельштам А.М. О некоторых вопросах сложения таджикской народности в Среднеазиатском Междуречье [Текст] // А.М. Мандельштам. Советская археология. Выпуск XX. – М., 1954. – С.58.
167. Материалы международной научной конференции, посвященной памяти великого мыслителя востока Абу Сахыта Абул Хайра Текст]. – Ашгабат, 1999, С. 35–36.
168. Маҳдӣ, Фаршод. Таърихи илм дар Эрон, ҷилди аввал [Матн] / Фаршод Маҳдӣ. – Теҳрон: Интишороти Амири кабир, 1365. – 487 с.
169. Маҳҷуб, Муҳаммад Ҷаъфар. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ. Баррасии мухтассоти сабкии шеъри форсӣ аз оғози зуҳур то поёни қарни панҷуми хиҷрӣ [Матн] / Муҳаммад Ҷаъфар Маҳҷуб. – Теҳрон: Интишороти Донишсаройи олӣ, 1350. – 802 с.
170. Мерисон, Ҷорҷ ва дигарон. Адабиёти Эрон. Аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ҷорҷ Мерисон ва дигарон. Тарҷумаи Яқуб Ожанд. – Теҳрон: Интишороти Густурд, 1380. – 421 с.
171. Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X–XV [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти давлатӣ, 1957. – 76 с.

172. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола [Матн]: Аз таърихи адабиёти асрҳои X–XV форсу тоҷик / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 288 с.
173. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз давраи қадим то асри XIII). Китоби I (II) [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. – 420 с.
174. Муин, Муҳаммад. Маҷмуаи мақолот. Ҷилди 1 [Матн] / Ба кӯшиши Маҳдӯхт Муин. – Теҳрон: Муассисаи Интишороти Муин, 1364. – 548 с.
175. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ дар 6 ҷилд [Матн] / Муҳаммади Муин. – Теҳрон: Сигул, 1382. – 5462 с.
176. Муқаддас, Дилором Машкуҳ. Вижагиҳои сабки ашъори Амир Муиззӣ [Матн] / Дилором Машкуҳ Муқаддас, Муҳаммад Ҳуҷҷат, Ҳоҷизода Маҷид. Сабкшиносии назму насри форсӣ (баҳори адаб), соли 1400, шумораи 11. – С. 53-70.
177. Муллоаҳмадов, М. Фаррухии Систонӣ [Матн] / М. Муллоаҳмадов. – Душанбе, 1978. – 144 с.
178. Муллоаҳмадов, М. Равзанаи хирад [Матн] / М. Муллоаҳмадов. – Душанбе, 2016. – 759 с.
179. Муллоҷон С. «Таърихи Масъудӣ»–и Абулфазли Байҳақӣ (мурури пиромуни сохтори идорию русумоти дарбори Ғазнавиён) [Матн] / С. Муллоҷон. – Душанбе, 2013. – 312 с.
180. Мусаффо, Мазоҳир. Посдорони сухан. Чакомасароён [Матн] / Мазоҳири Мусаффо. – Теҳрон: Сино, 1335. – 483 с.
181. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
182. Муътаман. Зайнуллобиддин Шеър ва адаби форсӣ [Матн] / Зайнуллобиддин Муътаман. – Теҳрон: Чопхонаи Тобиш, 1332. – 244 с.
183. Муътаман, Зайнуллобиддин. Таҳаввули шеъри форсӣ [Матн]/ Зайнуллобиддин Муътаман. – Теҳрон: Чопи Шарқ, 1339 ҳ. – 416 с.
184. Найсорӣ, Салим. Таърихи адабиёти Эрон (барои солҳои чахорум ва панҷуми дабиристонҳо) Ҷилди аввал [Матн] / Салими Найсорӣ. –Теҳрон: Интишороти Иқбол, 1334. – 230 с.

185. Насриддин, Абдулманнон. Куллиёти осор. Ҷилди аввал [Матн] / Абдулманнони Насриддин. – Хуҷанд: Хуросон, 2013. – 602 с.
186. Насриддин, А. Куллиёти осор. Ҷилди шашум [Матн] / А. Насриддин. – Хуҷанд: Хуросон, 2013. – 756 с.
187. Нафисӣ Саъид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ [Матн] / Саъид Нафисӣ. – Теҳрон, 1337. – 669 с.
188. Неъматзода, Т. Муиззӣ [Матн] / Т. Неъматзода // Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷилди 4. – Душанбе, 1983. – С. 536.
189. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон Ҷилди аввал ва дуюм [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2015. – 500 с.
190. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Ҷилдҳои аввал ва дувум [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ. Тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақӣ Фахири Доии Гелонӣ.– Теҳрон: Дунёи китоб, 1368. – 564 с.
191. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон Ҷилдҳои сеюм, чаҳорум ва панҷум [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ. Тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1363.– 719 с.
192. Оштиёнӣ, Аббос Иқбол. Маҷмуаи мақолот. Ҷилди аввал [Матн] / Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Гирдоваранда ва тадвини доктор Сайид Муҳаммад Дабири Саёқӣ. – Теҳрон: Равзана, 1378. – 668 с.
193. Оштиёнӣ, Аббос Иқбол. Вазорат дар аҳди салотини бузурги Салҷуқӣ [Матн] / Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Ба кӯшиши Муҳаммад Тақӣ Донишпажуҳ ва Яҳё Зако. – Теҳрон, 1338. – 376 с.
194. Оштиёнӣ, Аббос Иқбол. Таърихи мухтасари адабиёти Эрон: Аз қадимтарин давраҳои таърихӣ то зуҳури Ғазнавиён [Матн] / Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Ба кӯшиши Мирҳошими Муҳаддас. – Теҳрон: Ҳумо, 1376. – 210 с.
195. Парвиз, Аббос. Таърихи Салоҷиқа ва Хоразмшоҳиён [Матн] / Аббос Парвиз. – Теҳрон, 1351. – 744 с.

196. Пурномдориён, Тақӣ. Сафар дар маҳ: Тааммуле дар шеъри Шомлу [Матн] / Тақии Пурномдориён. – Теҳрон, 1381. – 536 с.
197. Размҷӯ, Доктор Ҳусейн. Анвои адабӣ ва осори он дар забони форсӣ [Матн] / Доктор Ҳусейн Размҷӯ. – Теҳрон: Остони Қудси Разавӣ, 1370. – 350 с.,
198. Раҳмонов М. Қасидаи ҳикматию ахлоқӣ дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои X–XV) [Матн] / М. Раҳмонов. – Душанбе, 2002. – 212 с.
199. Рейснер, М.Л. Эволюция классической газели на фарси (X-XIV века) [Текст] / М.Л. Рейснер. – М.: Наука,1989. – 224 с.
200. Рейснер, М.Л. Персидская религиозно-мистическая поэзия XI-XV вв. [Текст] / М.Л. Рейснер. – Казан, 2015. – 222 с.
201. Рейснер, М.Л., Ардашникова А.Н.. Персидская литература IX-XVIII веков. Том 1. Персидская литература домонгольского времени (IX- начало XIII в.) [Текст] / М. Рейснер, А. Адрашникова. – М., 2019. – 392 с.
202. Риёҳӣ, Муҳаммад Амин. Сарчашмаҳои Фирдавсишиносӣ [Матн] / Муҳаммад Амин Риёҳӣ. – Теҳрон: Муассисаи иттилоот ва таҳқиқоти Фирдавсӣ, 1372. – 512 с.
203. Ризозода, Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон барои дабиристонҳо [Матн] / Шафақ Ризозода. – Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1341. – 446 с.
204. Ризоӣ, Муртазо. Баррасии анвои иҳом, таззод ва таносуб дар девони Амир Муиззии Нишопурӣ [Матн] / Муртазо Ризоӣ. – Маҷаллаи нухбагон ва муҳандисӣ, ҷилди 7, шумораи 2, соли 1401, С. 1-20.
205. Рипка, Ян. Адабиёти Эрон дар замони Салҷуқиён ва муғулон [Матн] / Ян Рипка. Тарҷумаи Яъқуб Ожанд. – Теҳрон: Интишороти Субҳи имрӯз, 1364 шамсӣ. – 183 с.
206. Рипка, Ян. История персидской и таджикской литературы [Текст] / Ян Рипка. Пер. с. чешск. – М.: Прогресс, 1970. – 440 с.
207. Рипка, Ян, Климо Утокор, Бичко Иржи. Таърихи адабиёти Эрон (пажӯҳише дар бораи дигаргунии таърихии забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз замони бостон то оғози садаи 20 м.) [Матн] / Ян Рипка. Тарҷумаи Кайхусрав Кишоварзӣ. – Теҳрон, 1370. – 671 с.

208. Рипка, Ян. Таърихи адабиёти Эрон аз даврони бостон то Қоҷория [Матн] / Ян Рипка. Тарҷумаи Исӣ Шаҳобӣ. – Теҳрон: Интишороти Илмию фарҳангӣ, 1381. – 501 с.
209. Ровандӣ, Муртазо. Таърихи иҷтимоии Эрон. Ҷилди 8 [Матн] / Муртазо Ровандӣ. – Исфаҳон, Ношири чопӣ: Нигоҳ, Ношири диҷитолӣ: Маркази таҳқиқоти роёнаи Қойимаи Исфаҳон, бидуни соли нашр. – 1006 с.
210. Салҷуқ, Афон. Таърихи Салҷуқиён ва шуарои он замон [Матн]/ Афони Салҷуқ // Маҷаллаи Ваҳид, № 10, давраи 11, С. 1040 –1049.
211. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави форсӣ [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1369. – 1150 с.
212. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. Аз миёнаи қарни панҷум то оғози ҳафтуми ҳиҷрӣ Ҷ. 2 [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1373. – 1128 с.
213. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави форсӣ [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо. Таҳия ва тавзеҳоти Саъдоншо Имронов, Бадриддин Мақсудов. – Душанбе, 2011. – 281 с.
214. Сафо, Забеҳулло. Таърихи улум ва адабиёти Эрон / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон: Интишороти Ибни Сино, 1347. – 228 с.
215. Саҳӣ, Муҳсин Шарифӣ, Хотамипур Ҳомид. Ашъоре навёфта дар Ҷунги хаттии 900 Маҷлис [Матн] / Муҳсин Шарифии Саҳӣ, Ҳомиди Хотамипур. Матншиносии адаби форсӣ. – Донишгоҳи Исфаҳон, соли чиҳилу нуҳум, давраи ҷадид, соли панҷум, шумораи 1 (паёпай 17), баҳори 1392. – С. 45–60.
216. Саҷҷодӣ, Зиёуддин. Сайри як қасида дар нуҳ қарн. Мундариҷ дар номаи менуӣ–маҷмуаи сиву ҳафт гуфтор дар адаб ва фарҳанги эронӣ [Матн] / Зиёуддин Саҷҷодӣ. – Теҳрон: Интишороти Ҷовидон, 1350. – 658 с. – С. 563-588.
217. Саъдиев С. Сӯзанӣ ва муҳити адабии Самарқанди асри XII [Матн] / С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1974. – 163 с.

218. Сиддиқӣ, Носир. Тавфиқӣ, Ноҳид. Баррасии омории вазъият ва заминаҳои фаъолияти уламои улуми динӣ дар Эрони асри Салҷуқӣ [Матн]/ Носир Сиддиқӣ, Ноҳид Тавфиқӣ. – Пажӯҳишҳои Эроншиносӣ, соли 7, шумораи 1, баҳору тобистони 1396. – С. 49-65.
219. Сирус, Б. Арӯзи тоҷикӣ [Матн]: таҳқиқи интиқодӣ / Б. Сирус. – Душанбе: Нашриёти давлати Тоҷикистон, 1963. – 288 с.
220. Собиров Ҳамза. Мақоми Абдулвосеи Ҷабалӣ дар адабиёти асри XII форсу тоҷик [Матн] / Ҳ. Собиров. – Душанбе, 2022. – 166 с.
221. Собрания восточных рукописей Академии наук Узбекской ССР. Том II. [Текст]. – Ташкент, Уз. ССР фанлар академиясининг нашриёти, 1954. – 549 с.
222. Солеҳов, М. Арӯз ва омӯзиши он [Матн] / М. Солеҳов. – Душанбе: ЭР–граф, 2016. – 272 с.
223. Солимиён, Ғуломризо, Гулдара, Суҳайлёрӣ. Пешниҳодҳое барои тасҳеҳи бархе аз байтҳои девони Муиззӣ ва зикри шеърҳои навёфтаи вай (бар пояи тазкираҳо ва ҷунгҳои куҳан) [Матн] / Ғуломризо Солимиён, Суҳайлёрӣ Гулдара. – Куҳанномаи адаби форсӣ, пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ, соли панҷум, шумораи чаҳорум, зимистони 1393. – С. 55-72.
224. Тамимдари, Ахмад. История персидской литературы [Текст]/ Ахмад Тамимдари. – Санкт-Петербург, 2007. – 235 с.
225. Тоиров, У. Қасида дар адабиёти классикии форс-тоҷик (асри IX-нимаи аввали асри XI) [Матн]/ У. Тоиров. Рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ. – Душанбе, 1990. – 194 с.
226. Тоиров, У. Қасида [Матн]/ У. Тоиров // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷ.3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии миллии тоҷик, 2004. – 524 с.
227. Толибиён, Яҳё. Сувари хаёл дар шеъри шоирони сабки хуросонӣ [Матн] / Яҳё Толибиён. – Кирмон, Муассисаи фарҳангӣ ва интишоротии Умоди Кирмон, 1379. – 465 с.

228. Файзӣ, Карим. Шафеии Кадканӣ ва ҳазорон соли инсон [Матн] / Карим Файзӣ. – Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1388. – 1056 с.
229. Фард, Мирбоқирӣ Саидалӣ, Баротӣ, Маҳмуд, Оқоҳусайнӣ, Ҳусайн. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷилди 2: Аз оғози Салҷуқиён то ҳамлаи муғул [Матн] / Мирбоқирӣ Саидалӣ Фард, Маҳмуд Баротӣ, Ҳусайн Оқоҳусайнӣ. – Теҳрон: Интишороти Самт, 1394. – 304 с.
230. Фаривар, Ҳусайн. Таърихи адабиёти Эрон ва таърихи шуаро [Матн]/ Ҳусайн Фаривар. – Теҳрон: Интишороти Иттилоот, 1341. – 351 с.
231. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Ҷ. 1 [Матн] / Муҳаррирон: М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.
232. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Ҷ. 2 [Матн] / Муҳаррирон: М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 948 с.
233. Фасоӣ, Растагор Мансур, Тасвирофаринӣ дар Шоҳномаи Фирдавсӣ [Матн] / Растагор Мансур Фасоӣ. – Шероз: Интишороти Донишгоҳ, 1369. – 530 с.
234. Феҳрасти дастнависҳои тоҷикӣ-форсии Китобхонаи давлатии РСС Тоҷкитстон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, ҷилди II [Матн] / Гирдоваранда: Н. Карокатуллоева. – Душанбе, 1978. – 207 с.
235. Феҳрасти нусхаҳои хаттии Институти шарқшиносӣ ва осори хаттии Тоҷикистон. Ҷилди сеюм [Матн] / Зери наазри Алӣ Баҳромиён, Сайдалӣ Мавҷонӣ. Ба кӯшиши Амрияздон Мардон, Юнус Кароматӣ, Қудрат Элчибек, Башир Ёқмурӣ. – Теҳрон, 1379. – 336 с.
236. Феҳристгони нусхаҳои хаттии Эрон. Ҷилди якум [Матн] / Ба кӯшиши Мустафо Дароятӣ. – Исфаҳон: Маркази таҳқиқоти роёнаи Қоимияи Исфаҳон, 1365. – 966 с.
237. Феҳристгони нусхаҳои хаттии Эрон. Ҷилди чаҳордаҳум. [Матн] / Ба кӯшиши Мустафо Дароятӣ. – Теҳрон: Созмони аснод ва Китобхонаи миллии Ҷумҳурии исломии Эрон, 1391. – 1059 с.

238. Феҳристи нусхаҳои хаттии Институти шарқшиносӣ ва осори хаттии Тоҷикистон. Ҷилди сеюм [Матн] / Зери наазри Алӣ Баҳромиён, Сайдалӣ Мавҷонӣ. Ба кӯшиши Амрияздон Мардон, Юнус Кароматӣ, Қудрат Элчибек, Башир Ёқмурӣ. – Теҳрон, 1379. – 336 с.
239. Феҳристи Китобхонаи Мадрасаи олии Сипаҳсолор. Ҷилди 2 [Матн] / Ибни Юсуфи Шерозӣ. – Теҳрон: Чопхонаи Маҷлис, 1318. – 795 с.
240. Феҳристи Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои миллӣ, кутуби хаттӣ. Ҷилди 3 [Матн] / Зиёуддин ибни Юсуфи Шерозӣ. – Теҳрон: Нашрияи Маҷлиси Шӯрои миллӣ, 1312. – 795 с.
241. Феҳристи Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои миллӣ, кутуби хаттӣ. Ҷилди 8 [Матн] / Зиёуддин инби Юсуфи Шерозӣ. – Теҳрон: Нашрияи Маҷлиси Шӯрои миллӣ, 1312. – 621 с.
242. Феҳристи нусхаҳои хаттии Китобхонаи миллии Табрез. Ҷилди 2 [Матн]/ Мирвадуд Саид Юнусӣ. – Табрез, 1393.– 798 с.
243. Феҳристи нусхаҳои хаттии Китобхонаи шахсии Майбудӣ. (Кирмоншоҳ Эрон) Ҷилди 1 [Матн] / Саид Аҳмад Ҳусайнии Ашкварии Шерозӣ. – Теҳрон: Нашрияи Маҷлиси Шӯрои миллӣ, 1312. – Қум: Интишороти Маҷмуаи Захоири исломӣ, 1384. – 223 с.
244. Феҳристи нусахи хаттии Китобхонаи миллӣ. Ҷилди дуюм [Матн] / Фароҳамоваранда Саид Абдулло Анвор. – Теҳрон, 1347 шамсӣ. – 494 с.
245. Феҳристи нусахи хаттии Китобхонаи миллӣ. Ҷилди сеюм [Матн] / Фароҳамоваранда Саид Абдулло Анвор. –Теҳрон, 1351 шамсӣ. – 587 с.
246. Феҳристи нусахи хаттии Китобхонаи миллӣ. Ҷилди чаҳорум [Матн] / Фароҳамоваранда Саид Абдулло Анвор. – Теҳрон, 1352 шамсӣ. – 548 с.
247. Феҳристи нусахи хаттии Китобхонаи миллӣ [Матн] / ҷилди панҷум, Фароҳамоваранда Саид Абдулло Анвор. – Теҳрон, 1365 шамсӣ. – 720 с.
248. Фозилӣ, Муҳаммад ва Саҳӣ, Муҳсин Шарифӣ. Баррасии ибтидол ва сирқоти адабӣ дар девони Муиззӣ [Матн] / Муҳаммад Фозилӣ, Муҳсин Шарифии Саҳӣ. – Пажуҳишҳои дастурӣ ва балоғӣ, соли 11, шумораи 19, баҳор ва тобистони 1400. - С. 121– 153.

249. Фрай, Р.Н. Таърихи Эрон – аз ислом то Салоҷиқа. Ҷилди чаҳорум [Матн] / Р. Фрай. Мутарҷим Ҳасан Ануша. – Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1363. – 694 с.
250. Фурӯзофар, Бадеъуззамон. Мабоҳисе дар таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Бадеъуззамони Фурӯзонфар. Бо муқаддима, тавзеҳот ва таълиқоти Иноятуллоҳи Маҷидӣ. – Теҳрон: Ширкати Афсет, 1354. – 412 с.
251. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Сухан ва суханварон [Матн]/ Бадеуззамони Фурӯзонфар. – Теҳрон: Ширкати саҳҳомии Интишороти Хоразмӣ, 1380 ҳ.қ. – 713 с.
252. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Таърихи адабиёти Эрон (баъд аз ислом то поёни Темуриён) [Матн] / Бадеуззамони Фурӯзонфар. Бо гуфторе аз Абдулҳусайни Зарринкӯб. Бо муқаддима, тавзеҳот ва ба кӯшиши Иноятулло Маҷидӣ. – Теҳрон, 1383. – 640 с.
253. Хусравонӣ, Алӣ Ризо. Шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ [Матн] / Алӣ Ризо Хусравонӣ // Маҷаллаи Армуғон, соли чаҳорум, шумораи 11-12, 1302 ҳ.қ. – С. 535-549.
254. Хусравонӣ, Алӣ Ризо. Шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ [Матн] / Алӣ Ризо Хусравонӣ // Маҷаллаи Арғувон, соли панҷум, шумораи 1, 1303 ҳ.қ. – С. 15-30.
255. Ҳазор қитъа: гузидаи қитъаоти шеъри порсӣ аз оғоз то имрӯз [Матн] / Ба эҳтимоми Саид Аҳмад Биҳиштии Шерозӣ. –Теҳрон: Интишороти Равзана, 1374.– 564 с.
256. Ҳаким Мухтории Ғазнавӣ: гӯяндаи номдори қарни панҷуми ҳичрӣ [Матн]/ Ба кӯшиши Рукниддин ҳумоюн Фаррух. – Теҳрон, 1336. – 374 с.
257. Ҳақиқат, Абдулрафеъ. Шоирони бузурги Эрон аз Рӯдакӣ то Баҳор [Матн] / Абдулрафеи Ҳақиқат. – Теҳрон: Интишороти Кумиш, 1381.
258. Ҳамидӣ, Маҳдӣ. Биҳишти сухан. Шомили гузидаи осор ва нақди ашъор ва шарҳи аҳволи шуарои қарни шашум 500-600 ҳичрии қамарӣ. Ҷилди дуюм [Матн] / Маҳдии Ҳамидӣ. – Теҳрон, 1338.– 440 с.

259. Ҳасан Лӣ, Ковус. Гунаҳои навоварӣ дар шеъри муосири Эрон [Матн] / Ковус Ҳасан Лӣ. – Теҳрон: Солис, 1383. – 512 с.
260. Ҳодизода, Р. Аз гузашта ва ҳозираи адабиёти тоҷик [Матн]/ Р. Ҳодизода. – Душанбе, 1974. –143 с.
261. Ҳумоӣ, Ҷалолиддин. Маҳрам-ул-асрор – Маҷмуи мақолот [Матн] / Ҷамолиддини Ҳумоӣ. Бо эҳтимоми Носириддин Шоҳҳусайнӣ. – Теҳрон: Интишороти Марворид, 1379. – 260 с.
262. Ҳумоӣ, Ҷалолиддин. Маъонӣ ва баён [Матн]/ Ҷамолиддини Ҳумоӣ. – Теҳрон: Ҳумо, 1375. – 248 с.
263. Ҳумоӣ, Ҷалолиддин. Мухторинома / Ҷалолиддини Ҳумоӣ. – Теҳрон: Маркази интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1361. – 423 с.
264. Ҳумоӣ, Ҷалолиддин. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Бо кӯшиши Моҳдӯхт Бону Ҳумоӣ. – Қум: Чопхонаи Ситора, 1375. – 342 с.
265. Ҳумоӣ, Ҷалолиддин. Фунуни балоғат ва саноати адабӣ [Матн] / Ҷалолиддини Ҳумоӣ. – Теҳрон: Ҳумо, 1367. – 448 с.
266. Шамисо, Сирус. Анвои адабӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Боғи оина, 1370. – 399 с.
267. Шамисо, Сирус. Баён ва маонӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1373. – 252 с.
268. Шамисо, Сирус. Сабкшиносии шеър [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Нашри Митро, 1383. – 430 с.
269. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ (Аз оғоз то имрӯз) [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Ромин, 1376. – 313 с.
270. Шарипов Б.Б. Афкори адабӣ ва танқидии Хоқонӣ / Б. Шарипов. Рисола барои дарёфти унвони илмии н.и.ф. – Душанбе, 1995.
271. Шарифзода Б.Б. Хоқонӣ ва таҳаввули қасида дар адабиёти форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XIII) [Матн] / Б. Шарифзода. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология. – Душанбе, 2023. – 458 с.

272. Шарифзода, Худоӣ, Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII) [Матн]/ Худоӣ Шарифзода ва Мисбоҳиддини Нарзиқул. – Душанбе: ТоРус, 2017. – 416 с.
273. Шарифов, Х. Каломи бадеъ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.
274. Шарифов, Х. Функсияи маърифатии қасида [Матн] / Х. Шарифов // Ёдбуди Рӯдакӣ (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Дониш, 1978, №1. – С. 103-111.
275. Шарифов, Х. Шоир ва шеър. Маҷмуаи мақолаҳо [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 218 с.
276. Шаҳидӣ, Саидҷаъфар. Татаввури мадеҳасароӣ дар адабиёти форсӣ то қарни шашум. Мундариҷ дар номаи менуӣ-маҷмуаи сиву ҳафт гуфтор дар адаб ва фарҳанги эронӣ [Матн]/ Зери назари Ҳабиб Яғмоӣ, Эраҷи афшор бо ҳамкории Муҳаммад Равшан. – Теҳрон: Интишороти Ҷовидон, 1350. – 658 с., С. 266–298.
277. Шаъбонӣ, Эмомалӣ. Бостонгароӣ дар андеша ва шеъри Амир Муиззӣ [Матн] / Эмомалӣ Шаъбонӣ // Фаслномаи мутолиоти таърихи Эрони исломӣ, соли аввал-шумораи дуввум, тобистони 1391. – С.57-77.
278. Шиблӣ, Аҳмад. Таърихи омӯзиш дар ислом [Матн] / Аҳмад Шиблӣ. Тарҷумаи Муҳаммад Ҳусайн Сокит. – Теҳрон: Интишороти фарҳанги исломӣ, 1361. – 423 с.
279. Шикебо, Парвин. Шеъри форсӣ аз оғоз то имрӯз (Таърихи ҳазорсолаи шеъри форсӣ [Матн] / Парвин Шикебо. – Теҳрон: Ҳерманд, 1373. – 462 с.
280. Эте, Ҳерман. Таърихи адабиёти форсӣ [Матн] / Ҳерман Эте. Бо тарҷума ва ҳавошии Ризозода Шафақ. – Теҳрон: Интишороти Бунгоҳ, 1337. – 386 с.
281. Юсуфӣ, Ғуломҳусайн. Фаррухии Систонӣ (бахше дар шарҳи аҳвол ва рӯзгору шеъри ӯ)[Матн] / Ғуломҳусайн Юсуфӣ. – Теҳрон, 1399. – 681 с.
282. Ялмаҳо, Аҳмад Ризо. Баррасӣ ва таҳлили навъе аз тасрифоти котибон дар нусхаҳои хаттӣ [Матн]/ Аҳмад Ризо Ялмаҳо // Пажуҳишномаи забон ва адабиёти форсӣ, соли сеюм, шумораи нуҳум, баҳори 1390. – С. 139-161.

283. Ялмаҳо, Аҳмад Ризо. Баррасии татбиқии мазомини ашъори Амир Муиззӣ ва Ибн Муиззи Аббос [Матн] / Аҳмад Ризо Ялмаҳо // Нашрияи Лисони Мубин, соли сеюм, шумораи шашум, зимистони 1390. – С. 241-258.
284. Ялмаҳо, Аҳмад Ризо. Баррасии татбиқи мамдуҳ ва маъшуқ дар девони Амир Муиззӣ ва бархе аз шоирони араб [Матн] / Аҳмад Ризо Ялмаҳо // Нашрияи Лисони Мубин, давраи 2, шумораи 3, баҳори 1390. – С. 45-59.
285. Ялмаҳо, Аҳмад Ризо. Девони Амир Муиззӣ ва лузуми таҷдиди тасҳеҳ [Матн] / Аҳмад Ризо Ялмаҳо // Фаслномаи илмӣ–пажуҳишии улуми инсонии Донишгоҳи Ал Заҳро, соли ҳабдаҳум ва ҳаждаҳум, шумораи 47 ва 48, зимистони 1386 ва баҳори 1387. – С. 237-258.
286. Ялмаҳо, Аҳмад Ризо. Тааммуле бар девони нофарҷоми Амир Муиззӣ [Матн] / Аҳмад Ризо Ялмаҳо // Нашрияи донишгоҳи адабиёт ва улуми инсонӣ, Донишгоҳи шаҳид бо ҳунари Кирмон. Давраи ҷадид, шумораи 24 (паёпаи 21), зимистони 1387. – С. 289-303.
287. Ялмаҳо, Аҳмад Ризо. Тасҳеҳи ҷадид аз девони Амир Муиззӣ [Матн]/ Аҳмад Ризо Ялмаҳо // http://ensoni.ir.
288. Ялмаҳо, Аҳмад Ризо. Тасҳеҳи як қасидаи машҳур [Матн] / Аҳмад Ризо Ялмаҳо // Пажуҳишҳои забон ва адабиёти форсӣ, Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Исфаҳон, шумораи 52, тобистони 1387. – С. 69-80.
289. Ялмаҳо, Аҳмад Ризо. Шеъре аз Амир Муиззӣ дар девони Ҳофиз [Матн] / Аҳмад Ризо Ялмаҳо // Ҳофиз, 1386, шумораи 42. – С. 32-43.
290. Ялмаҳо, Аҳмад Ризо. Ҷойгоҳи Рӯдакӣ дар шеъри Амир Муиззӣ ва дигар шоирон [Матн] / Аҳмад Ризо Ялмаҳо // Пажуҳишҳои забон ва адабиёти форсӣ, Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Исфаҳон, давраи ҷадид, шумораи 20, тобистони 1388. – С. 89-98.

Б) бо забонҳои англисӣ ва туркӣ:

291. Arberry A. J. Classical persian literature [Text] / A. J. Arberry. – London, George Alien and Umvin Ltd, 1958. – 456 p.

292. Ateş, Ahmed Istanbul kütüphanelerinde farsça manzum eserler. Volume 1 [Text] / Ahmed Ateş. – İstanbul: Milli Eğitim Basımevi, 1968. – 748 s.
293. Browne, Edward. A catalogue of the Persian manuscripts in the library of the University of Cambridge [Text] / E. Browne. – Cambridge, 1896. – 471 p.
294. Browne, Edward. A Literary History of Persia. From the 'Earliest Times until Firdawsi [Text] / E. Browne. – London and Leipsic. T. Fisher Unwin. 1909. – 548 p.
295. Browne, Edward. A supplementary Hand–list of the Muhammadan manuscripts preserved in the libraries of the university and colleges of Cambridge [Text] / E. Browne. – Cambridge, 1922. – 348 p.
296. Gökmen, Gökhan. Mu‘izzî dîvâni’nda bir Selçuklu hâtunu: Tâceddîn hâtun [Metin] / Gökhan Gökmen // Nüsha Şarkiyat Araştırmaları Dergisi Journal of Oriental Studies Ocak-Haziran (January-June), 2020 (50). – S. 25-46. (Гётман, Гёкҳан. Як бонуи Салҷуқӣ Тоҷиддин-хотун дар девони Муиззӣ [Матн] / Гёкҳан Гёкман // Нуша, маҷаллаи шарқшиносӣ, январғиюни соли 2020 (50). – С. 25-46).
297. Gökmen, Gökhan. Büyük Selçuklu devleti saray şairi Emîr Mu‘Izzî’nin dîvâni’nda Selçuklu Hâtunu Mâh Melek Hâtun [Metin] / Gökhan Gökmen // Nüsha Şarkiyat Araştırmaları DergisiJournal of Oriental Studies Haziran-Aralık, 2018; (47). – S.1-14. (Гётман, Гётҳан. Бонуи дарбори Салҷуқиён Маҳмалик-хотун дар девони амирушшуарои сулолаи Салҷуқӣ Амир Муиззӣ [Матн] / Гёкҳан Гёкман // Нуша, маҷаллаи шарқшиносӣ, июн-декабри 2018 (47). – С.1-14).
298. Gökmen, Gökhan. Emîr Mu‘izzî Dîvânı’nda Sultan Melikşâh, Nizâmülmülk, Fahrülmülk, TerkenHâtun ve Mucîrüddevle İçin Yazılan Mersiyeler [Metin] / Gökhan Gökmen // Çanakkale araştirmalari türk yilliği. Yıl 17: Bahar, 2019, Sayı 26. – S.131-148. (Гёкман, Гёкҳан. Марсияҳои ба султон Меликшоҳ, Низомулмулк, Фахрулмулк, Туркон Хотун ва Муҷируддавла навиштаи Амир Муиззӣ [Матн] / Гёкҳан Гёкман // Солномаи туркии тадкикоти Чанаккале. Соли 17: Баҳори соли 2019, нашри 26. – С.131-148).

299. Gökmen, Gökhan Büyük Selçuklu devleti tarihinde saray şairi Emîr Mu‘izzî’nin önemi [Metin] / Gökhan Gökmen // KARINCA. Türk Kooperatifçilik Kurumu Basın, Yayın, Araştırma Danışmanlık ve Eğitim Hizmetleri İşletmesi Adına, 2018. –S. 44 - 49. (Гёкман, Гёкҳан. Мақоми шоири дарбор Амир Муиззӣ дар таърихи давлати Салҷуқиён [Матн] / Гёкҳан Гёкман // Каринка, Ташкилоти кооперативии матбуот, нашр, тадқиқот, машварат ва хидматрасонии таълимӣ, 2018. –С. 44 – 49).
300. Gökmen, Gökhan. Emîrüşşü’arâ Mu’izzî dîvâni’nda Nizâmülmülk methiyeleri [Metin] / Gökhan Gökmen // Bilge vezir Nizâmülmülk**.** **–** Konya, 2019. – 637 s., S. 421–442. (Гёкман, Гёкҳан. Ситоиши Низомулмулк дар девони амирушшуаро Муиззӣ [Матн] / Гёкҳан Гёкман // Вазири доно Низомулмулк. – Куния, 2019. – 637 с., С. 421-442).
301. Gökmen, Gökhan. Emîr Mu‘izzî dîvâninda Terken Hâtun [Metin] / Gökhan Gökmen // Doğu araştirmalari. – 2018, sayi 18. – S. 17– 44. (Гёкман, Гёкҳан. Туркон-хотун дар девони амир Муиззӣ [Матн] / Гёкҳан Гёкман // Шарқшиносӣ. 2018, шумораи 18. – С. 17-44).
302. Gökhan Gökmen. Emîrüşşü‘arâ Mu‘izzî dîvâninda farsça şiir söyleyen şairlerin yeri [Metin] / Gökhan Gökmen // Nüsha Şarkiyat Araştırmaları Dergisi.– 2018, (46). – S.107–122. (Гёкман, Гёкҳан. Мақоми шоирони форсигӯй дар девони амирушшуаро Муиззӣ [Матн] / Гёкҳан Гёкман // Нуша, маҷаллаи улуми шарқшиносӣ.– 2018, (46). – С.107–122).
303. Gökmen, Gökhan. Emîr Mu‘izzî Dîvânı’nda Firdevsî ve Şehnâme’nin Eleştirilmesi ve Hakir Görülmesi [Metin] / Gökhan Gökmen // Doğu Araştirmalari, Doğu Dil, Edebiyat, Tarih, Sanat ve Kültür Araştırmaları Dergisi, A Journal of Oriental Studies,Sayı/Issue. – İstanbul, 2021. – S. 42–64. (Гёкман, Гёкҳан. Интиқод ва ҳақир шуморидани Фирдавсӣ ва “Шоҳнома” дар девони Амир Муиззӣ [Матн] / Гёкҳан Гёкман // Маҷаллаи таҳқиқоти забон, адабиёт, таърих, санъат ва фарҳанги шарқ, Шумораи 23, Истанбул-2021. – С. 42-64).
304. Gökmen, Gökhan. Türkler ve Diğerleri [Metin] / Gökhan Gökmen // Çanakkale araştirmalari türk yilliği. Yıl 18. Bahar 2020, Sayı 28. – S.83-89. (Гёкман,

Гёкҳан. Туркҳо ва дигарон [Матн] / Гёкҳан Гёкман // Солномаи туркии тадкикоти Чанаккале, баҳори соли 2020, Шумораи 28. – С. 83-59).

305. Gökmen, Gökhan. Mu‘izzî’nin şiir dünyasi [Metin] / Gökhan Gökmen. Kirikkale üniversitesi–Ankara üniversitesi sosyal bilimler enstitüleri fars dili ve edebiyati ana bilim dali, 2018. – 546 s. (Гёкман, Гёкҳан. Дунёи шеъри Муиззӣ [Матн] / Гёкҳан Гёкман // Донишгоҳи Кириккале – Донишгоҳи Анқара, Институти илмҳои ҷомеашиносӣ, шуъбаи забон ва адабиёти форсӣ, 2018. – 546 с.).
306. Gökmen, Gökhan**.** Mu’izzî: 11. Yüzyıl Farsça Gazelin Öncüsü [Metin] / Gökhan Gökmen **//** Erdem, İnsan ve Toplum Bilimleri Dergisi, Sayi 76, Haziran 2019, 269 s. – S. 117–138. (Гёкман, Гёкҳан. Муиззӣ пешгоми ғазали форсии асри XI [Матн] / Гёкҳан Гёкман // Эрдем, маҷаллаи илмҳои инсонӣ ва иҷтимоӣ, шумораи 76, июни соли 2019. – 269 с. – С. 117-138).
307. Ethe, Herman. Catalogue of persian manusceipts in the Library of the India office. V. I [Text] / Herman Ethe. Oxford for the India office, 1903. – 1610 p.
308. Ivanov V. Concise descriptive catalogue of the persian manusceipts in the collection of the Asiatic society of Btngal [Text] / V. Ivanov. Printed at the Baptist missijn press. Published by the Asiatic society of Bengal. – Calcutta, 1924. – 978 p.
309. Karaismailoğlu, Adnan. Klasik Dönem Türk Şiiri İncelemeleri [Metin] / Adnan Karaismailoğlu. Akçağ Yayınları. – Ankara, 2001. – 259 s. (Караисмаилоғлу, Аднан. Баррасии назми туркии давраи классикӣ [Матн] / Қараисмаилоғлу, Аднан // Нашрияи Аксак, Анқара, 2001. – 259 с.).
310. Karaismailoğlu, Adnan. Mu‘izzî [Metin] / Adnan Karaismailoğlu. İslâm Ansiklopedisi. Türkiye Diyanet Vakfı Yayınları, 2006. – S. 98–99. (Караисмаилоғлу, Аднан. Муиззӣ [Матн] / Қ. Аднан // Энсиклопедияи ислом, Нашрияҳои Бунёди динии Туркия, 2006. – С. 98-99).
311. Karaismailoğlu, Adnan. Nizâmülmülk döneminde kültür ve edebiyat. Bilge vezir Nizâmülmülk [Metin] / Adnan Karaismailoğlu.– Konya, 2019. – 637 s. – S. 411-420. (Қараисмоилоғлу, Аднан. Фарҳанг ва адабиёт дар замони

Низомулмулк [Матн] / Қараисмаилоғлу, Аднан // Кулия, 2019. – 637 с. – С. 411-420.).

312. Karaismailoğlu, Adnan. Selçuklu devri şiiri ve şair Mu'izzî [Metin] / Adnan Karaismailoğlu // II. Uluslararası Selçuklu Kültür ve Medeniyeti Sempozyumu. Selçuklularda bilim ve düşünce Bildiriler / Proceedings. – Konya, 2013. – S. 71-78. (Қараисмаилоғлу, Аднан. Шеъри замони Салҷуқиён ва шоир Муиззӣ [Матн] / Қараисмаилоғлу, Аднан // II. Симпозиуми байналмилалии фарҳанг ва тамаддуни Салҷуқиён. Илм ва фарҳанг дар замони Салҷуқиён, Кулия, 2013. – С. 71-78).
313. Karaismailoğlu, Adnan. Selçuklu Sarayında Şiir ve Şair [Metin] / Adnan Karaismailoğlu // V. Milli Selçuklu Kültür ve Medeniyeti Semineri. Bildirileri, 25–26 Nisan 1995. – s. 133-139. (Караисмаилоғлу, Аднан. Шеър ва шоир дар дарбори Салҷуқиён [Матн] / Қараисмаилоғлу, Аднан // Маводи 5-умин Семинари фарҳанг ва тамаддуни миллии Салҷуқӣ, 25-26 апрели 1995. – С. 133-139.).
314. Özgüdenli**,** Osman G. Büyük selçuklu sultanlarina ait farsça şiirler [Metin] / Osman G. Özgüdenli // Marmara Türkiyat Araştırmaları Dergisi. Cilt 1, Sayı 2, Sonbahar 2014. – S. 39–67. (Юзгуденли, Осман. Ашъори форсии ба султонҳои Салҷуқӣ бахшидашуда [Матн] / Осман Юзгуденли // Маҷаллаи туркшиносии Мармара, Ҷилди 1, шумораи 2, тирамоҳи 2014. – С. 39-67).
315. Yaman, Hakan. Mu'izzî'nin divaninda vezin türleri. Prosody Species in Muizzi's Diwan. [Metin] / Hakan Yaman. Atatürk Üniversitesi Edebiyat Fakültesi Sosyal Bilimler Dergisi Journal of Social Sciences Sayı, Number 54, Haziran / June 2015. – S. 43-48. (Яман, Ҳакан. Анвои вазн дар девони Муиззӣ [Матн] / Ҳакан Яман // Факултети адабиёти Донишгоҳи Отатурк. Маҷаллаи илмҳои иҷтимоӣ. рақами 54, июни соли 2015. – С. 43-48).
316. Yeşildurak, Efe. Sultan Sencer devri (1098–1157) Selçuklular'da ilmî ve fikrî hayat (yüksek lisans tezi) [Metin] / Efe Yeşildurak. – Kasim, 2022. – 328 s. (Йешилдурак, Ефе. Ҳаёти илмию фарҳангӣ дар замони ҳукмронии султон

Санҷар (рисолаи магистрӣ), [Матн] / Йешилдурак, Ефе // Қосим, 2022. – 328 с.).

317. Najib Ullah. Islamic literature an introduktori history with selections [Metin] / Najib Ullah: – Washington Press Inc New York, 1963. – 441 p.
318. Rieu, Charlies. Supplement of the catalogue of the persion Manscripts in the British Museum. Volume II [Text]. – London, 1881. – 465 p.
319. Rypka, Jan. History of Iranian Literature [Text] / Jan Rypka. Reidel Publishing Company, 1968. – 875 p.
320. Sprenger, M. D. A Catalogue of the arabic, persian and Hindu'stany manusceipts, of the Libraries of the king of Oudh, Compiled under the oedees of the goveenment of India. Vol. I [Text] / M. D. Sprenger. Containing persian and hindu'stany imt a'i poetry. Calcutta: Printed by j. thomas, at the baptist mission press, 1854. – 663 p.
321. Şuurî, Hasan Efendi. Ferheng-i Şuurî, Neval ül-fudalâ ve lisan ül-acem. Cilt 1 [Metin] / Hasan Efendi Şuurî. – İstanbul. Cemal Efendi Matbaası, 1896. – 480 s. (Сурӣ, Ҳасан Афандӣ. Фарҳанги Сурӣ, Невал ул-фудала ва лисон ул-асем. Ҷилди 1 [Матн] / Сурӣ, Ҳасан Афандӣ // Истанбул: Матбааи Камол Афандӣ, 1896. – 480 с.).
322. Temizel, Ali. Nizâmülmülk döneminde şair ve şiir [Metin] / Ali Temizel. Bilge vezir Nizâmülmülk, Konya, 2019. – 637 s. – ss. 450-465. (Алӣ Темизел. Шоир ва шеър дар замони Низомулмулк [Матн] / Алӣ Темизел // Вазири доно Низомулмулк, Кония, 2019. – 637 с. – саҳ. 450-465).
323. Tetley G.E. The Ghaznavid and Seljuk Turks. Poetry as a source for Iranian History [Text] / G.E. Tetley. – London and New York: Routledge Taylor&Francis Group, 2009. – 211 p.
324. VIII.–XIII. yüzyillar türk edebiyati [Metin]. – Eskişehir, Ağustos 2018. – 199 s. (Адабиёти турк дар асрҳои VIII-XIII [Матн]. – Эскишеҳир, Август, 2018. – 199 с.).
325. https://ketabpedia.com.

Б) РЎЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Мақсудов, Б., Ҳайдаров, Ф.Н. Амир Муиззӣ ва рушди адабиёти дарбории Салҷуқиён дар Хуросон / Б. Мақсудов, Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе, 2015. – №4/4 (171). – С. 234-238.

[2-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Нигоҳи мухтасар ба таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/5 (209). – С. 227-232.

[3-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Марсия ва мақоми он дар ашъори Амир Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2017. – №4 (53). – С. 98-106.

[4-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Осори шоир – бозгӯи рӯзгори шоир / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №7. – С. 227-235.

[5-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Фарҷоми рӯзгори Амир Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2019. – №1/4 (68). – С. 9-13.

[6-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Мавқеи рубоӣ дар эҷодиёти Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2020. – №4 (65). – С. 156-161.

[7-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Ашъори Муиззӣ аз нигоҳи анвои адабӣ ва муҳтаво / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитари ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2021. – №1/1 (83). – С. 15-22.

[8-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Баррасии рӯзгор ва осори Муиззӣ дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №2 (42). – С. 134-140.

[9-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Қиссаи тир хӯрдани Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 100-108.

[10-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Таҳқиқи рӯзгор ва осори Муиззӣ дар Эрон / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №5 (100). – С. 252-260.

[11-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Ҷойгоҳи бузургони пешин дар ашъори Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 194-204.

[12-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ аз назари муҳаққиқони тоҷик / Ф.Н. Ҳайдаров // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2024. – № 1 (78). – С. 217-223.

[13-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салҷуқиён / Ф.Н. Ҳайдаров // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2024. – №2 (79). – С. 204-213.

[14-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ аз нигоҳи муҳаққиқони турк / Ф.Н. Ҳайдаров // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2024. – №4 (101). – С. 59-68.

[15-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросон дар замони Амир Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С. 248-257.

II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[16-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Нақши «Чаҳор мақола» дар таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззии Нишопурӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Дурдонаи Шарқ. Маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон. – Самарқанд, 2022. – №3. – С. 84-92.

[17-М]. Ҳайдаров, Ф.Н.Н. Тараннуми ишқ дар тағаззулоти Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик» бахшида ба бузургдошти ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Икромов Искандар (Бохтар, 21-уми декабри соли 2023). – Бохтар, 2023. – С. 116-127.

[18-М]. Ҳайдаров, Ф.Н.Н. Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар девони Муиззӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва равобити адабӣ» бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хуҷанд, 26-27-уми апрели соли 2024). – Хуҷанд, 2024. – С. 443-452.

[19-М]. Ҳайдаров, Ф.Н.Н. Истиқболи Муиззӣ аз шоирони замони Ғазнавӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Ҷойгоҳи профессор Абдушукур Абдусатторов дар таҳқиқу нақди адабиёти тоҷик» (Душанбе, 14-уми майи соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 158-69.

[20-М]. Ҳайдаров, Ф.Н.Н. Муиззӣ ва Фирдавсӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Маҷмуаи мақолоти конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Нақши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар таҳкиму густариши забону адабиёт ва илму фарҳанги тоҷик» (Хуҷанд, 14-15-уми майи соли 2024). – Хуҷанд, 2024. – С. 346-365.

[21-М]. Ҳайдаров, Ф.Н. Назари модеҳонаи Муиззӣ ба шахсиятҳои достонии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Ф.Н. Ҳайдаров // Маҷмуаи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Нақши «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва ҳуввияти миллӣ» бахшида ба ҷашнвораи 1090-солагии Ҳаким Абулқосим Фирдавсии Тӯсӣ (Душанбе, 27-28-уми ноябри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 270-279.